В статье рассматривается вопрос о политическом положении Ферганы в период средневековья (IX – XVII вв.). Фергана в IX-X вв. находилась в составе государства Саманидов и являлась одним из важных экономических и культурных центров. В этот период там существовали уделы, владетели чеканили монеты от своего имени и от имени саманидского эмира. В конце X в. Фергана была завоевана Караханидами. С их приходом Фергана становится центром политических событий, и там усиливается феодальная междоусобица. В период монгольского нашествия Фергана была разрушена и ограблена захватчиками и лишь начиная с конца XIII в. наблюдается подъем в экономике и культуре Ферганы. При Тимуридах в Фергане, как и в других регионах их владений, продолжалась раздача уделов царевичам, что привело к окончательному сложению мелких феодальных государств, зависимых от центрального государства. Царевичи, сидевшие в городах, являвшихся столицами удельных владений, обустраивали свои дворы, как настоящие государи. За Ферганский престол между царевичами началась борьба, и власть перешла в руки Бабура, однако после долгих и ожесточённых боев при поддержке Шейбанихана правителем Ферганы стал Тенбел, который не хотел быть зависимым от Шейбанихана. В итоге между ними возникла сильная вражда и Шейбанихан окончательно покорил Фергану. После падения династии Шейбанидов власть над Ферганой перешла к местным ходжам. В 1709 г. Шахрухбий уничтожил власть этих ходжей и основал в Фергане независимое государство со столицей в Коканде.



**Ключевые слова:** Фергана, правитель, наместник, область, власть, столица, эмир, поход, удел, падение, город, война,


## THE POLITICAL POSITION OF FERGHANA IN THE IX - XVII CENTURIES


The article deals with the issue of the political position of Fergana in the Middle Ages (IX - XVII centuries). Ferghana in the IX-X centuries was part of the Samanid state and was one of the important economic and cultural centers. During this period there existed possessions, the rulers minted coins in their own name and on behalf of the Samanid Emir. At the end of the X century. Ferghana was conquered by the Karakhanids. With their arrival, Fergana becomes the center of political events, and feudal internecine strife intensifies there. During the Mongol invasion, Fergana was destroyed and robbed by invaders and only since the end of the 13th century, the economy and culture of Ferghana has been developing. Under the Timurids in Fergana, as in other regions of their possessions, the distribution of the princes to the princes continued, which led to the final formation of small feudal states dependent on the central state. The princes, who sat in the cities that were the capitals of the individual estates, arranged their yards as real princes. For Ferghana throne between the princes began a struggle, and power passed into the hands of Babur, but after long and fierce battles with the support of Sheibanikhan, the ruler of Ferghana was Tenbel, who did not want to be dependent on Sheibanikhan. As a result, strong hostility arose between them and Sheibanikhan finally conquered Fergana. After the fall of the Sheibanid dynasty, power over Fergana passed to local Khojas. In 1709, Shakhruhbiy destroyed the power of these Khojas and founded an independent state in Fergana with the capital in Kokand.



**Key words:** Fergana, ruler, governor, region, power, capital, emir, trek, destiny, fall, city, war.

**Сведения об авторе:** ***Саидов Абдукахор*** – Институт истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша АН РТ, доктор исторических наук, главный научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. ак. Раджабовых, 7. E-mail: Saidov.45@mail.ru Телефон: (+992) 919 134184.

**About the author:** ***Saidov Abdukahor*** - Institute of History, Archaeology and Ethnography of the Academy of Sciences named after A. Donish, Republic of Tajikistan, Doctor of historical sciences, Senior researcher in the Department of ancient, medieval and modern history. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, ak. Radjabov street, 7. E-mail: **Saidov.45@mail.ru** Телефон: **(+992) 919 134184.**

УДК:930.85 (575.3)

# СИККАЗАНИИ ТАНГАҲОИ ХАТЛОН ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

*Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ*
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Дар таҳқиқи мавзӯи мазкур Ганҷинаи Кӯлоб, ки айни замон дуюмин дафинаи калонтарини дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна мебошад ва дар фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад, сарчашмаи муҳимми илмӣ мебошад [1, с.167-172].

Ин ганҷина дар якҷоягӣ бо дигар сиккаҳои сомонии дар ин вилоят ёфтшуда ва дирҳамҳои зарби Хуттал аз ганҷинаҳои Аврупои Шаркӣ ва Шимолӣ имконият медиҳад, ки бисёр паҳлуҳои ин мавзӯъ кушода шаванд. Ин мавзӯъ танҳо аз ҷониби сиккашиноси тоҷик Д.Довудӣ дар асари ӯ, ки муомилоти пулиро дар Хатлон аз давраҳои қадим то аввали асри XX баррасӣ мекунад, таҳқиқ шудааст. Аммо аз замони нашри китоби ин донишманд (соли 2006) то имрӯз доир ба ин мавзӯъ маводҳои наве пайдо шудаанд, ки таҳқиқи васеътар ва пурратари ин мавзӯъро таъмин мекунанд. Дар байни ин мавод Ганҷинаи Кӯлоб, ки 1404 дирҳамро дар бар мегирад дар ҷойи аввал меистад.

Сарчашмаи асосӣ барои омӯзиши ин мавзӯъ сиккаҳои сомонии дар ҳудуди вилояти Хатлон даршудамебошанд. Дуюмин сарчашмаи муҳим Феҳристи дирҳамҳои сомонии Хуттал аз бозёфтҳои Шветсия мебошад, ки онро сиккашиноси маъруф Г. Рисплинг тартиб дода, дастнависи он дар китоби Д.Довудӣ оварда шудааст [2, с. 154].

То имрӯз дар ҳудуди Хатлон 6 ганҷинаи нисбатан хурд ва 1 ганҷинаи бузурги дирҳамҳои сомонӣ-Ганҷинаи Кӯлоб ёфт шудааст. Аз онҳо 6 ганҷинаашро Д.Довудӣ таҳқиқ ва нашр карда [2, 202], Ганҷинаи Кӯлоб, мавриди омӯзиши мо қарор гирифтааст. Тавсифи мухтасари ин ҳафт ганҷина чунин аст:

1. Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмад. Шош, с.300 ҳ. Шумора: 1 дирҳами пурра ва 8 пора. Ҷойи бозёфт дар яке аз ноҳияҳои назди соҳили дарёи Панҷ дар ҷануби Тоҷикистон. Нукра. Соли бозёфт – 1990. Ҷойи нигаҳдорӣ – ОМБТ, ш.Душанбе, Инв. № Н589.
2. Наср ибни Аҳмад. Андароба (9 дона), Самарқанд (8 дона), Маъдин (4 дона). Солҳо – 300/912-13; 306/918-19; 308/920-21; 315/927-28; 318/930; 320/932; 325/936-37. Шумораи умумии ганҷина маълум нест, 22 донаашро Д.Довудӣ ташхис кардааст, 10 донааш дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, тақдири сиккаҳои боқимонда дақиқ маълум нест – ё онҳо дар дасти мардум ва сиккаҷамъоварон мебошанд, ё заргарон аз онҳо зевар сохтаанд.
3. Дирҳамҳои калони сомонӣ (2 пурра ва 12 пора) ва дирҳамҳои муқаррарии ғазнавӣ (4 пурра ва 2 пора). Нӯҳ ибни Наср. Андичароғ? султон Маҳмуд 396/1005-06. Нукра. Ҷойи бозёфт – бостоншаҳри Қайнар, деҳи Навобод, ноҳияи Восеъ. Бозёфти тасодуфӣ. Соли бозёфт – 1987. Ҷойи нигаҳдорӣ – ОМБТ, ш.Душанбе, Инв. № Н541.
4. Дирҳами калони сомонӣ, чор пораи як дирҳам ва ду пораи дирҳамҳои ғазнавӣ. Нукра. Ҷойи бозёфт – бостоншаҳри Золи Зар, деҳи Лағмон, ноҳияи Колхозобод (ҳозира Ҷ.Румӣ). Бозёфти тасодуфӣ. Соли бозёфт – 1997. Ҷойи нигаҳдорӣ – ОМБТ, ш.Душанбе, Инв. № Н338.
5. Сомониён, дирҳамҳои калон (19 пурра ва 5 пора) ва дирҳамҳои муқаррарии ғазнавӣ (12 дона). Дар дирҳамҳои калон - ал-Музаффар Абдулмалик (1 дона), Ал-Музаффар ибни Абдулмалик (1 дона), дар дирҳамҳои боқимонда навиштаҷот суда шудааст. Сол – 410/1019-20 (дар 1 дона). Маҳмуд, 394/1003-04; 421/1030. Дар 1 дирҳам Валвалиҷ (Қундуз).
6. Сомониён, дирҳам. 5 донаашонро Д.Довудӣ ташхис кардааст, аммо тавсифи мушаххаси онҳоро наовардааст. Ба гуфти шахси сиккаҳоро барои ташхис оварда, дар ин ганҷина зиёда аз 100 сикка будааст. Нукра. Ҷойи бозёфт –ноҳияи Фархор. Бозёфти тасодуфӣ. Соли бозёфт – 1992. Ҷойи нигаҳдорӣ – ?
7. Ганҷинаи Кӯлоб. Сомониён, Уммавиён, Аббосиён, Сафориён. 1404 дона дирҳам ва 104 дирҳампора. Исмоил ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Исмоил, Наср ибни Аҳмад. Ҷойи

бозёфт – 2 км дуртар аз деҳи Бодомтуи ноҳияи Ш. Шоҳин. Бозёфти тасодуфӣ ба истисной се дирҳампора. Се дирҳампораро соли 2018 экспедитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз ҷойи бозёфти Ганҷинаи Кӯлоб кашф кард. Соли бозёфт – 2015. Ҷойи нигаҳдорӣ – Осорхонаи миллии Тоҷикистон, КВ-15409, ш. Душанбе.

Аз ин 7 ганҷина 2-тояш, ки нисбатан калон буда, даҳҳо дирҳамро дар бар мегирифтанд, пурра омӯхта нашуданд ва боқӣ намондаанд. Дар ганҷинаҳо асосан дирҳамҳои се амири Сомонӣ – Исмоил ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмад мавҷуданд. Бозёфти ин ганҷинаҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дирҳамҳои сомонӣ дар ҳудуди Хатлон ба дараҷаи кофӣ паҳн гашта, воситаи асосии муомилоти пулӣ буданд.

Дар баробари дирҳамҳо дар муомилоти пулӣ фалсҳои сомонӣ низ истифода мешуданд. Дар ин бора бозёфти ду фулуси сомонӣ дар Ҳулбук ва як фалс дар наздикии шаҳри Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа) шаҳодат медиҳанд [2, с.198]. Ҷолиб он аст, ки фулуси сомонӣ дар зарробхонаи Хуттал зада шудаанд. Дар бораи онҳо мо поёнтар боз хоҳем навишт.

Д.Довудӣ муомилоти пулии Хуттали замони Сомониёнро ба се давра тақсимбандӣ кардааст:

1. Солҳои 270-284/883-897.
2. Солҳои 284-322/897-934.
3. Баъди соли 322/933-934 [2, с.199].

Мо ба далелу истидлоли зиёди сарчашмаҳои таърихӣ ва сиккаҳо такя намуда, ин даврабандиро мантиқӣ ва қобили қабул шуморида, муомилоти пулии Хутталро баррасӣ менамоем.

1. **Давраи якуми муомилоти пулӣ дар Хуттал.** Қадимтарин сиккаи дар Хуттал дар замони Сомониён задашуда ба соли 270/883-84 тааллуқ дорад. Он дирҳам буда, дар Феҳристи Г.Рисплинг оварда шудааст [3, с. 216-224].

Дар ин дирҳам номи ҳокими Хуттал Асад, номи халифа ал-Муътамид ва номи шахсе ба тарзи - Ҳамид ё Ҳумайд навишта шудааст. Дар ин сикка номи падари Асад навишта нашудааст, аммо аз сарчашмаҳои хаттӣ маълум аст, ки падари ӯ ҳокими ноҳияи Рустак (ё Русток) шахсе бо номи Бик будааст. Тавре ки дар боло гуфтем, ин ноҳия дар соҳили чапи дарёи Панҷ ҷойгир буда, ба ҳайати Хуттал дохил мешуд. Ин ягона дирҳами ин ҳокими Хуттал аст, ки то кунун дастрас гардидааст. Солҳои минбаъд ӯ сикка набаровардааст, дар ҳар сурат чунин сиккаҳо ёфт нашудаанд.

2. **Давраи дуюми муомилоти пулӣ дар Хуттал (солҳои 284/897-322/934).** Нисбатан мунтазам сикка задан дар Хуттал дар давраи ҳукмронии ал-Ҳорис ибни Асад сар мешавад. Аз номаш маълум аст, ки ӯ писари Асад будааст. Дар ин бора шубҳае вуҷуд дошта наметавонад, чунки ҳардуи ин шахс дар Хуттал ва пас аз якдигар ҳукмронӣ кардаанд. Қадимтарин сиккаи дар Хуттал задаи ал-Ҳорис ибни Асад ба соли 284/897 мансуб аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки ӯ маҳз дар ҳамин сол ба сари ҳокимият омадааст. Усулан ӯ метавонист аз ин сол пештар ҳам ба сари ҳокимият ояд, чунки зарби сикка дар он солҳо дар Хуттал мунтазам набуд. Мутобиқи Феҳристи Г. Рисплинг ин ҳоким дар Хуттал дар солҳои 285/898, 289/901-902, 292/904-905, 293/905-906, 294/906-907, 296/908-909 дирҳам баровардааст. Ӯ ҳамчунин дар шаҳри Андиҷароғи Хуттал низ дар солҳои 292/904-905 ва 293/905-906 дирҳам задааст [3, с.216-224].

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 10 дирҳами ал-Ҳорис ибни Асад мавҷуд аст. Дар ҳамаи онҳо номи амири Сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад навишта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар давраи ҳукмронии ал-Ҳорис ибни Асад Хуттал тобеи давлати Сомониён будааст. Ҷолиб он аст, ки дар 5 дирҳам, ки соли 293/905-906 зада шудаанд, дар баробари номи ал-Ҳорис ибни Асад, номи Ҷаъфар ибни Аҳмад низ навишта шудааст. Ин шахс, тавре ки дар боло ёдовар шудем, ҳокими Хуттал низ буда, баъди ал-Ҳорис ибни Асад ҳукмронӣ кардааст. Аз рӯйи сиккаҳо ҳукмронии ӯ дар Хуттал аз соли 306/918-919 сар мешавад. Дар Феҳристи Г.Рисплинг 5 сикка бо номи Ҷаъфар ибни Аҳмад ва Наср ибни Аҳмад ҳаст, ки соли 302/914-915 зада шудаанд. Ба фикри олими номбаршуда дар ин сиккаҳо дар навишти сол иштибоҳ рух додааст ва шумораи даҳӣ, яъне ашара афтидааст ва дар асл ин сиккаҳо дар соли 312/924-25 бароварда шудаанд, аммо маълум нест, ки дар кадом асос ӯ ба чунин хулоса омадааст ва чаро ин сиккаҳо наметавонанд ба соли 302/915-16 мансуб бошанд? Дар бораи дар соли 293/905-06 ҳокими Хуттал будани ин шахс ҳамроҳи ал-Ҳорис ибни Асад мо дар боло ишора кардем. Дар он сиккаҳои муштарак номи Ҷаъфар ибни Аҳмад дар пушти сикка баъди номи амири Сомонӣ омадааст ва ин маънои онро дорад, ки ӯ нисбат ба ал-Ҳорис ибни Асад мақоми баландтар доштааст. Чӣ қадар давом кардани ҳукмронии якҷояи ин ду нафар дар Хуттал маълум нест, чунки дар дирҳамҳои солҳои 294/906-907 ва 296/908-909 задаи ал-Ҳорис ибни Асад номи Ҷаъфар ибни Аҳмад навишта нашудааст. Шояд бо ягон сабаб ӯ аз мақомаш барканор карда мешавад ва ҳокимият дар Хуттал боз пурра ба дасти ал-Ҳорис ибни Асад мегузарад. Тавре ки мебинем, сикка задан дар давраи ҳукмронии ин ҳоким дар Хуттал то ҷое мунтазам будааст.

Ҷаъфар ибни Аҳмад сеюмин ҳокими Хуттал буд, ки аз номи худ сикка баровардааст. Дар Феҳристи Г.Рисплинг 18 дирҳами ин ҳокими Хуттал оварда шудааст, ки дар солҳои 306/918-919, 310 -313 /922-926 зада шудаанд. Дар Ганҷинаи Кӯлоб 220 дирҳами ин ҳокими Хуттал мавҷуд аст. Онҳо низ дар солҳои номбаршуда ба истисноии соли 306/918-919 зада шудаанд. Аммо дар Ганҷинаи Кӯлоб ду дирҳам бо номи ин ҳоким аст, ки яке аз онҳо дар соли 315/927-928 ва дуюминаш соли 316/928-929 бароварда шудаанд. Дар дирҳами соли 315 ба сабаби дузарба буданаш, номи Ҷаъфар ибни Аҳмад равшан намоён нест ва бинобар ин мансубияти он ба ин ҳоким саволбарангез аст.

Аммо дар дирҳами соли 316/928-929 номи ӯ хуб хонда мешавад. Ин намуд дирҳамҳо дар Феҳристи Г.Рисплинг нестанд ва дар бораи сикказании ин ҳокими Кӯлоб маълумоти нав мебошанд.Аз рӯйи ганҷинаи Кӯлоб Ҷаъфар ибни Аҳмад аз ҳама бештар дар солҳои 312-313/925-926 дирҳам баровардааст. Дар ҳамаи сиккаҳои ӯ номи амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад низ навишта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки ин ҳокими Хуттал тобеи Сомониён буд ва Хуттал дар замони ҳукмронии ӯ, монанди замони ҳукмронии ал-Ҳорис ибни Асад ба ҳайати давлати Сомониён дохил мешуд. Ин нуктаро сарчашмаҳои хаттӣ низ таъкид кардаанд. Аз ҷумла, Ибни Асир дар бораи писари ин ҳоким Ҷаъфар ибни Абӯ Ҷаъфар гуфтааст, ки ӯ дар Хуттал ба намояндагӣ аз Сомониён ҳукмронӣ мекард [4, с.126].

Нуктаи дигари сазовори ёдоварӣ он аст, ки дар як миқдор дирҳамҳои дар як сол, масалан солҳои 310-313/923-926 баровардашуда номи ҳокими Хуттал Ҷаъфар ибни Аҳмад зикр шудааст, аммо қисми дигараш танҳо аз номи амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад зада шудаанд. Таносуби миқдории ин дирҳамҳо гуногун аст, дар аксар маврид дирҳамҳои танҳо аз номи амири Сомонӣ зарбшуда бештаранд ва дар баъзе маврид дирҳамҳои аз номи ҳокими Хуттал ва амири Сомонӣ задашуда бештаранд. Дирҳамҳои соли 314/927 Хуттал пурра аз номи амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад зарб шудаанд. Агар дар маҷмӯъ ҳисоб кунем, аз 556 дирҳами Ганҷинаи Кӯлоб, ки дар давраи ҳукмронии Ҷаъфар ибни Аҳмад дар Хуттал дар солҳои 302-315/915-928 зада шудаанд, 220 донааш ё 39,5 % аз номи Наср ибни Аҳмад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад ва 336 донааш ё 60,4 % танҳо аз номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад зарб шудаанд. Дар мавриди Ҷаъфар ибни Аҳмад бояд ёдовар шавем, ки мутобиқи маълумоти сиккаҳо ӯ на танҳо ҳокими Хуттал, балки ҳамзамон ҳокими Вахш, Балх ва Маъдин низ будааст. Дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои дар ин шаҳрҳо аз номи ӯ задашуда мавҷуданд.

То кай давом кардани ҳукмронии Ҷаъфар ибни Аҳмад дар Хуттал дақиқ маълум нест. Агар аз рӯйи таърихи аксари дирҳамҳо гирем, ҳукмронии ӯ то соли 313/925-926 идома ёфтааст. Дар Феҳристи Г.Рисплинг дирҳамҳои баъди ин сол аз номи Ҷаъфар ибни Аҳмад задашуда нестанд. Аммо дар Ганҷинаи Кӯлоб як дирҳаме ҳаст, ки дар соли 315/927-928 дар Хуттал зада шудааст ва дар он номи ҳоким дузарба ва нохоно мебошад. Мо ин дирҳамро тахминан ба Ҷаъфар ибни Аҳмад нисбат додем ва бо боварӣ гуфта наметавонем, ки ҳукмронии ӯ то соли 315/927-928 давом кардааст. Дар як дирҳами дигари Ганҷинаи Кӯлоб бо номи ин ҳоким соли 316 ҳ. хонда шуд, аммо ин хониш чандон боварибахш нест, дурустии соли сикказании онҳоро зери шубҳа мегузорад. Хулоса, дар мавриди то соли 316/928-929 давом ёфтани ҳукмронии Ҷаъфар ибни Аҳмад, то ёфт шудани дирҳамҳои хуби соли 315-316/928-929 чизи дақиқе гуфтан мушкил аст.

Аз рӯйи Феҳристи Г. Рисплинг, дар Хуттал дар солҳои 320/ 932 ва 322/933-34 низ сикка баровардаанд, аммо дар онҳо номи ҳокимони Хуттал мавҷуд нестанд. Шояд баъди соли 313/926-27 ё баъди соли 316/929-30 бо сабаби аз итоати ҳукумати марказӣ сарпечӣ кардан, ҳокимони Хуттал аз ҳуқуқи дар дирҳамҳо зикр кардани номи худ маҳрум шуда бошанд. Ин фарзия аз ҳақиқат чандон дур нест, чунки мувофиқи ахбори Ибни Асир соли 318/930 ҳокими Хуттал Ҷаъфар ибни Абӯ Ҷаъфар ибни Довуд* бар зидди Сомониён исён бардошт, аммо шикаст хӯрда, асир афтод. Соли 947 низ ҳокими Хуттал исёни зидди Сомониёнро тарафдорӣ карда буд. Ба назар чунин мерасад, ки маҳз барои ҳамин гуна амалҳояшон ҳокимони Хуттал аз ҳуқуқи дар дирҳамҳо навиштани номи худ маҳрум шуданд.

Ҳамин тавр, дар давраи дуюми муомилоти пулии Хуттал, ки солҳои 284-322/ 897-933-ро дар бар мегирад, дар зарробхонаи ин вилоят мунтазам ва ба миқдори зиёд аз номи амирони Сомонӣ ва шоҳони маҳаллӣ дирҳам зарб шудааст. Ганҷинаи Кӯлоб, ки дуюмин ва калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои Сомонӣ дар Осиёи Миёна мебошад, якҷоя бо дирҳамҳои сомонии аз дигар мавзеъҳои Хатлон ёфтшуда дар бораи ба дараҷаи кофӣ инкишоф ёфтани сикказанӣ, муомилоти пулӣ ва тиҷорат дар ин вилоят дар давраи Сомониён гувоҳӣ медиҳад. Воситаи асосии муомилот дар ин давра дирҳамҳои сомонии зарби Хуттал ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросони Шарқӣ буданд. Дирҳамҳои сомонии иёри баланддоштаро дар сарчашмаҳои хаттӣ “исмоилӣ” меномиданд [5, с.111].

---

* Ба фикри А.М.Белиницкий дар сарчашма хато шуда, ба ҷойи Аҳмад номи падари ӯ ва бобои Абӯҷаъфар Абу Довуд навишта шудааст.

Чунин ном гирифтани дирҳамҳои сомонӣ аз он сабаб буд, ки зарби нисбатан мунтазам ва васеи онҳо дар давраи ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад оғоз меёбад. Пеш аз ин дар давраи Насри ибни Аҳмад низ Сомониён дирҳам мебаровარданд, аммо хеле кам.

**3.Давраи сеюми муомилоти пулӣ дар Хуттал.** Давраи сеюм аз соли 323/934-935 сар шуда, то охири ҳукмронии Сомониён, яъне то соли 999 идома меёбад. Барои ин давра мо маводи хеле кам дар даст дорем. Ин як дирҳам ва се фалс мебошад. Дирҳам дар Хуттал дар соли 356/966-967 аз номи амири Сомонӣ Мансур ибни Нӯҳ зада шудааст [6, с.73-74]. Дар он номи ҳокими Хуттал навишта нашудааст. Дар ин асос хулоса баровардан мумкин аст, ки шояд ҳокимони Хуттал барои чандин бор исён бардоштан бар зидди Сомониён аз соли 313/925-926 ва баъди он аз ҳуқуқи дар дирҳамҳо зикр кардани номи худ ва дигар имтиёзҳо маҳрум шудаанд.

Ба давраи сеюм се фалс, ки дар Хуттал дар соли 366/976-977 аз номи амири Сомонӣ Нӯҳ ибни Мансур ва ҳокими маҳаллӣ Ҷаббор ибни Муҳаммад зада шудаанд, тааллуқ доранд. Аз ин се фалс ду донааш дар Ҳулбук дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ ва як донааш дар совхози Кирови назди шаҳри Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа) ёфт шудаанд. Ин сиккаҳоро Д.Довудӣ таҳқиқ ва нашр намудааст [2, с.165]. Номи ҳокими Хуттал дар ин фулус аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо ҳуқуқи дар сиккаҳои мисӣ зикр кардани номи худро доштаанд.

Кам будани сиккаҳои марбут ба давраи сеюм аз пастравии сикказанӣ ва сустшавии муомилоти пулию тиҷорати Хатлон дар ин давра гувоҳӣ медиҳад. Марказгурезии хонадони Баниҷуриён ва Муҳтоҷиён метавонад яке аз сабабҳои нузули сикказании дар Хатлон бошад. Зеро ин марказгурезиҳо дар аксар вақт ба ноамнӣ ва задухӯрдҳои харобиовар сабаб мегардиданд.

**АДАБИЁТ**


1. Шарифзода А.К. Новый монетный двор Саманидов / А.К. Шарифзода // Сообщения Национального музея Таджикистана. – Душанбе, 2017. -№2. -С. 167-172.
2. Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - Душанбе, 2006. -С. 149-202.
3. Rispling G. Katalog samanidischen dirhams in schwedischen Funden und diversen Samlungen.Unvero Aentlicht, 2001. -C.216-224.
4. Беленицкий А.М. Историко географический очерк Хутталя с древнейших времён до X в. / А.М. Беленицкий // МИА. - М., - Л., 1950. – № 15. -С. 109-127.
5. Давидович Е.А. Денежное обращение в Мавераннахре при Саманидах / Е.А. Давидович // Нумизматика и эпиграфика,VI. - М., 1966. -С.103-134.
6. Довутов Д. Медный чекан Хутталя при Саманидах / Д. Довутов // Известия АН Тадж.ССР, серия: востоковедение, история, филология.– Душанбе, 1989. -№ 4 (16). -. 73-74.


**СИККАЗАНИИ ТАНГАҲОИ ХАТЛОН ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН**


Муаллиф дар асоси таҳқиқи адабиёти илмӣ ва муҳимтарин сарчашмаи нави бадастомада - Ганҷинаи Кӯлоб доир ба сикказании замони Сомониён дар Хатлон маълумот додааст. То имрӯз дирҳами соли 284/897 дар Хуттал аз номи Исмоил ибни Аҳмад ва ал-Ҳорис ибни Асад зарбшуда, қадимтарин сиккаи дар зарробхонаи Сомониён зарбшуда ба ҳисоб меравад. Дар замони Сомониён дар Хатлон хонадони тоҷиктабори Баниҷуриён (шакли тағйирёфтаи Банигуриён) менамуданд. Муаллифи мақолаи мазкур бори нахуст аз байни 1404 дирҳами Ганҷинаи Кӯлоб 10 дирҳами ал-Ҳорис ибни Асади Баниҷурӣ ва 220 дирҳами Ҷаъфар ибни Аҳмади Баниҷуриро таҳқиқ ва муайян кардааст. Муаллиф ба се давра ҷудо шудани сикказании тангаҳои Хатлон дар даврони Сомониёнро таъкид ва дуруст шуморидааст. Дар дирҳамҳои ал-Ҳорис ибни Асад номи Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ ва дар дирҳамҳои Ҷаъфар ибни Аҳмад номи Наср ибни Аҳмад зикр ёфтаанд. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи сиккаҳои даврони Сомонӣ ба ин натиҷа омадааст, ки зикри номи амирони Сомонӣ дар дирҳамҳои ҳокимони Хатлон далели ба давлати Сомониён тобеъ будани Хатлон ва хонадони Баниҷуриён мебошад. Дар натиҷаи сиёсати мутамарказкунонии Сомониён, махсусан дар давраи ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад ва набераащ Наср ибни Аҳмад дар Хатлон низ барои рушди иқтисодиёт, аз ҷумла барои инкишофи сикказанӣ ва муомилоти пулӣ шароит муҳайё мегардад. Бо сустшавии иқтидори сиёсии Сомониён сикказанӣ дар Хатлон то давраи ба давлати Ғазнавиён тобеъ шуданаш рӯ ба таназзул мениҳад.



**Калидвожаҳо:** сикказанӣ, Ганҷинаи Кӯлоб, се давраи муомилоти пулӣ, марказгурезӣ, феҳристи Г. Рисплинг, Хатлон, Балх, Маъдин, Хуттал, Сомониён, Ганҷинаи Кӯлоб, дирҳам, Баниҷуриён (Банигуриён), даврабандӣ, Исмоил ибни Аҳмад, Наср ибни Аҳмад, Ҳорис ибни Асад, Ҷаъфар инби Аҳмад


**ЧЕКАНКА МОНЕТ ХУТТАЛЯ В ПЕРИОД САМАНИДОВ (IX-X ВВ.)**


Автор на основе исследования научной литературы и важнейшего нового источника - Кулябского клада даёт информацию о чеканке монет Хутталя в период Саманидов. В настоящее время дирхам, чеканенный в Хуттале от имени Исмоил ибн Ахмада и ал-Харис ибн Асада в 284/897 году считается самой древней монетой Саманидского периода. В период правления Саманидов в Хуттале правила династия таджикского происхождения Баниджуридов. Автор настоящей статьи впервые исследовал и определил из 1404 дирхам Кулябского клада 10 дирхамов ал-Хорис ибни Асада Баниджурида и 220 дирхамов Джафара ибн Ахмада Баниджурида. Автор считает правильным разделение денежного обращения Хутталя Саманидской эпохи на три периода чеканки Хутталя в период правления Саманидов. На дирхамах ал-Хорис ибни Асада было упомянуто имя Исмоила ибни Ахмада Сомони, а на дирхамах Джафара ибни Ахмада - имя Наср ибни Аҳмада. В результате исследований Саманидских дирхамов

автор выявил то, что отчеканенные имена Саманидских амиров на дирхамах правителей Хутталя доказывают, что Хатлон и династия Баниджуридов подчинялись государству Саманидов. В результате проведения Саманидами политики централизации, обсобенно при правлении Исмоила ибни Ахмада и его внука Наср ибни Ахмада в Хатлоне получила развитие экономика, в том числе чеканка монет и денежное обращение. С ослаблением мощи Саманидов ослабляется и чеканка монет в Хуттале до его вхождения в состав государства Газнавидов.

**Ключевые слова:** чеканка монет,Кулябский клад, три периода денежного обращения, децентрализация, каталог Г. Рисплинга, Хатлон, Балх, Маъдин, Хуттал, Саманиды, дирхам, Баниджуриен (Банигуриён), Исмоил ибн Ахмад, Наср ибн Ахмад, Харис ибн Асад, Джафар ибн Ахмад

**COINAGE OF KHATLON DURING THE SAMANID'S PERIOD (IX-X CE.)**

Author based on the research of scientific literature and the most important new source - Kulob treasure, gives information about the minting of Khuttal coins during the Samanids period. Currently, a dirham minted in Khuttal on behalf of Ismoil ibn Ahmad and al-Haris ibn Asad in 284/897 is considered the most ancient coin of the Samanids' period. During the rule of the Samanids in Khuttal ruled the dynasty of the Tajik origin Banjurids. The author of this article for the first time researched and identified from 1404 dirham of the Kulob treasure 10 dirhams of al-Khoris ibn Asad Banijurid and 220 dirhams of Jafar ibn Ahmad Banjurid. The author considers the division of the currency of the Khuttal of the Samanids era into three periods of Khuttal's minting during the rule of the Samanids as correct. The name of Ismoil ibn Ahmad Somoni was mentioned on the dirhams of al-Horis ibn Asad, and on the dirhams of Jafar ibn Ahmad - the name of Nasr ibn Amad. As a result of the research of the Samanids dirhams, the author revealed that the minted names of the Samanids emirs on the dirhams of the Khuttal rulers prove that Khatlon and the Banjurid dynasty were being obeyed to the Samanids state. As a result of the policy of centralization by the Samanids, under the rule of Ismoil ibn Ahmad and his grandson Nasr ibn Ahmad, the economy developed in Khatlon, including coinage and money circulation. With the weakening of the power of the Samanids, the minting of coins in Khuttal is weakened until its entry into the new centralized state – Ghaznavids.

**Keywords:** coinage, Kulob treasure, three periods of money turnover, decentralization, G. Rispling catalog, Khatlon, Balkh, Ma'din, Khuttal, Samanids, dirham, Banjurids (Banigurion), Ismoil ibn Ahmad, Nasr ibn Ahmad, Haris ibn Asad, Jafar ibn Ahmad

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Абдували Курбонали***-Институт истории, археологии и этнографии АН РТ, соискатель, Директор Национального музея Таджикистана. **Адрес:** 734001, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. И. Сомони, 11, E-mail: abduvali05@mail.ru
**About the author**: ***Sharifzoda Abduvali Qurbonali*** - Institute of History, Archeology and Ethnography of the Academy of Science of the Republic of Tajikistan, director of the National museum of Tajikistan. **Address:** 734001, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Somoni- 11 Ave., E-mail: abduvali05@mail.ru

**УДК: [39+745+33](575,3)**

# ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ГУСТАРИШИ МУНОСИБАТҲОИ ТИҶОРАТИИ ТОҶИКОН

***Ёров А. Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳунарҳои мардумӣ таърихи хеле ҳам қадима дошта, марҳилаҳои гуногуни инкишофро аз сар гузаронидаанд. Аввалан, ҳунарҳои мардумӣ, тибқи ишораҳои муҳаққиқин, дар давраи ҷамоати ибтидоӣ тарҳи худро гирифта, бо пайдоиши аввалин шаҳрҳо мазмун ва мундариҷаи нав меёбанд. Агар дар марҳилаҳои аввал онҳо барои қонеъ гардонидани талаботи як оила, як авлод ва як қабила равона шуда бошанд, баъдан бо низоми нав гирифтани ҷомеа барои баровардани эҳтиёҷоти як халқият ва дар натиҷаи ба соҳаҳои алоҳида тақсим шудан ва ба доираи муносибатҳои тиҷорати ҷаҳонӣ кашида шудани он ба нафъи умумиинсонӣ равона карда мешаванд. Бинобар ин, метавон марҳилаҳои мазкурро дар таърихи ин муносибатҳо марҳилаҳои эволютсионӣ ё ҷаҳишҳои бузурги ташаккулёбӣ ном бурд. Ба муносибатҳои тиҷоратӣ роҳ ёфтани соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ на танҳо дар шаклу мундариҷаи навро гирифтани он мусоидат намуд, балки дар пешрафти соҳаи мазкур заминаи муҳим низ гузошт. Азбаски мақсад аз иншои ин гуфтаҳо ҳамоно нишон додани саҳми ҳунарҳои мардумӣ дар муносибатҳои тиҷоратии тоҷикон мебошад, мо инак бевосита рӯ меоварем ба масоили мазкур.

Ковишҳои бостоншиносӣ далолат бар он менамоянд, ки дар муносибатҳои тиҷоратии ориёиҳо содирот ва воридоти маснуоти ҳунармандӣ ҷойгоҳи хоссаи худро дошт. Он махсусан дар замони ҳукмронии Ҳахоманишиҳо (асрҳои VI – IV-и пеш аз милод) ҳарчи бештар ривоҷу равнақ меёбад. Ба хотири ҳарчи бештар ба масоили мазкур ошноӣ пайдо намудан, мо ба бозёфтҳои аз қаъри асрҳо бадастомада муроҷиат менамоем. Тавре ки бостоншинос Балахвантсев А. С. қайд менамояд, дар замони номбурда байни давлати

Ҳахоманишиҳо, бавижа сатрапияи Осиёи Марказӣ ва қисмати ҷанубии Урал муносибатҳои зичи тиҷоратӣ ба роҳ монда шуда буданд.Аз ин ҷо ба Урали Русия намад, қолин, маснуоти заргарӣ ва ғайраҳо бурда мешуд, ки маҳсули дастранҷи аҷдодони мо буданд. Ба ақидаи бештари бостоншиносони Русия – А. А. Иссен, К. Ф. Смирнов, Ю. М. Десятчиков, М. А. Дамдамаев ва Г. М. Мошкова, дарёфт гардидани ин маснуот аз наздикии шаҳри Орск хусусияти воридшуда - тиҷоратиро доранд [5, с.116]. Дар давраҳои баъдина – асрҳои III – II-и пеш аз милод аз Осиёи Марказӣ ба Ҳиндустон бештар маврид маснуоти нафис, зарфи махсус барои гирифтани шароб, оинаи нуқрагин бурда мешуд. Аз он ҷониб бошад, оинаи мисин, табақи бо расми зани ҳинду зебдодашуда ва ғайраҳо оварда мешуд [1, с.90].

Махсусан бозёфти аз гӯрхонаи мавзеи Ноин – Ула (шимоли Муғулистон) дарёфтгардида қимати баланди илмиро молик мебошад. Он матои аз пашм тайёршуда буда, бо расми рустаниҳо, ҳайвонот ва хазандагон (аз қабили оҳу, моҳӣ, сангпушт) ва ғайраҳо нақшдӯзӣ шудааст. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқ Елихина Ю., И. он матои бохтарӣ буда, мансуб ба асри I-и пеш аз милод – I-и милодӣ мебошад. Муаллиф инчунин таъкид менамояд, ки сад порчаи чунин матоъҳо дар осорхонаи Эрмитажи Русия то имрӯз нигоҳдорӣ шуда [7, с.153], манбаи муҳим дар омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, махсусан бофандагӣ ва санъати ороишот маҳсуб меёбанд.

Тибқи овардаи муҳаққиқи таърихи тиҷорати байналхалқӣ Уилям Ҷ. Берстайн, «Баъди аз байн рафтани Рим пораҳои империяи куҳан, аз нуқтаи назари тиҷорати ҷаҳонӣ торик ва дурдаст ҳисобида мешуд. Ин замон бошад, инқилоби бисёр ҳам пурқуввати тиҷоратӣ ва технологӣ аз ҷониби Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон махсусан Хитой мегузашт» [6, с. 51]. Ҳарчанд аз бунёд ёфтани Роҳи бузурги абрешим дар асри II пеш аз милод чандин садсола гузашта бошад ҳам, бароиривоҷи ҳарчи бештари ин муносибатҳо махсусан аз ҷониби сулолаҳои Хитой – Суй (581-618), Тан (618-907) дилгармии зиёд зоҳир карда мешуд. Масалан, дар замони ҳукмронии Ян Ди (604-618) барои устувор намудани ин муносибатҳо бо давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Осиёи Марказӣ сафирон – Пай Сзю, Вей Сзе ва Дин Синман фиристода шуда буданд [3,с.67]. Аз ин фурсати фароҳамомадаи таърихӣ истифода намуда, тоҷирони суғдӣ муносибатҳои тиҷоратиро бо кишварҳои Осиё ва Аврупо ба роҳ мемонанд. Чиниён сардори корвони суғдиёнро «Сабао» ё «Сафу» [14, с.119] меномиданд, ки шояд маънои «Сорбон»-ро дошта бошад. Моли муҳим ва афзалиятдоштаи тиҷоратиро дар ин муносибатҳо маҳсули ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла матоъҳои аз нахи абрешим ва бо нақшу нигорҳои гуногун тайёршуда ташкил менамуд. Яке аз донишмандони таърихи ин давра Пигулевская Н. В. дар пешрафти ин муносибатҳо саҳми сафирони суғдӣ Маниах ва писари ӯ Тагма аз як ҷониб, сафири византиягӣ Зимархро аз ҷониби дигар махсус қайд намудаанд [12, с.110]. Ҳамаи ин боиси он гардида буд, ки муносибатҳои тиҷоратӣ бо давлатҳои абарқудрати ҳамонвақта Форс (Сосониҳо), Византия, Чин ва собиқ ҳудуди империяи Рим – дар маҷмуъ Аврупо ба роҳ монда шавад.

Қад-қади Роҳи бузурги абрешим тоҷирони суғдӣ касабаҳои худро бунёд карда, зимоми салоҳияти онро то омадани арабҳо дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Ин бошад, дар мавридҳои баъдина шарики тиҷоратии суғдиҳо Сосониҳоро бетараф намонд. Ба хотири дар бозори давлати Византия ҷиҳати фурӯши абрешим мавқеи бештареро соҳиб шудани Форс, тавассути баланд бардоштани боҷи роҳ хост пеши ворид гардидани колои абрешими суғдиҳоро ба Византия бигирад, вале барои рафъи қазияи мазкур тоҷирони суғдӣ роҳи навро, ки тавассути қисмати шимолии баҳри Арал, ба воситаи баҳри Каспий, минтақаи Қафқоз ва баҳри Сиёҳ ба Византия мепайваст, кор карда баромаданд [12, с.110].

Бо шохаи дигари ин роҳ – Русия, Львов (Украина) тоҷирон ба Аврупои Ғарбӣ мерафтанд. Аз ҳунарҳои мардумӣ ба ин қисмати дунё, пеш аз ҳама, матои шоҳӣ бурда мешуд, ки пораи матои аз шаҳри Юи кишвари Белгия дарёфтгардида аз ин гувоҳӣ медиҳад. Андозаи матоъ баробар ба 122х190 см буда, мутааллиқи асри VI-и милодист. Дар матоъ расми ду оҳу тасвир ёфтааст. Коршиносон бар он назаранд, ки тасвири ин навъ ҳайвони хушсимо танҳо дар ҳунарҳои мардумии тоҷикон воҳӯрда, мазмуни пурраи он дар қиссаву ривоятҳо шарҳи худро ёфтааст. Тавре маълум мегардад, он матоъ аз тарафи яке аз

ҳунармандони моҳири рустои Зандан, ки дар наздикии Бухоро буд, тайёр гардидааст [2, с.13]. Деҳаи Зандан он замон чун маркази муҳимми ҳунарҳои мардумӣ дар минтақа шинохта шуда, матоъҳои аз он мебаромада ва ба тиҷорат мепайвастаро аз номи худи деҳа «занданеҷӣ» ном мебурданд.

Дар асрҳои VIII-IX бо ташкил гардидани гушаҳои муҳимми ҳунармандӣ – Зандан, Ведар, Варахша ва ғайра маркази калони тиҷоратӣ чун Пайканд ба вуҷуд меояд, ки арабҳо онро «Мадинат-ут-туҷҷор» [4, с.62], ё худ шаҳри тоҷирон ном мебурданд. Матоъҳои занданеҷиро дар ин давра бештар маврид ба Форс ва Ҳиндустон содирот менамуданд. Дар ин давра – замони ҳукмронии Сомониён, Бухоро ба маркази бузурги ҳунармандӣ ва тиҷоратӣ табдил меёбад. Ба пешрафти кори бозор ва тиҷорат девони махсус «мухтасиб» назорат менамуд. Тибқи маълумоти сарчашмаи муътамад «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакри Наршахӣ гардиши тиҷоратии якрӯзаи бозори Моҳрӯз даҳ ҳазор дирҳамро ташкил медодааст [10, с.51], ки дар даврони мазкур он нуқтаи ниҳоӣ ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ҳамин давра шаҳри дигар – Самарқанд ба маркази тиҷоратии Мовароуннаҳр табдил меёбад.

Дар нисбати ҳунарҳои мардумӣ месазад қайд намуд, ки дар шаҳрҳои Шарқи Миёна нишонаҳои муттаҳидшавии касбҳои алоҳидаи ҳунармандӣ дар ин давра ба вуҷуд омада, пешаҳои бофандагӣ, чармгарӣ, қоғазсозӣ, оҳангарӣ, кӯлолгарӣ, шишагарӣ ва ғайраҳо бештар ривоҷ меёбанд.

Аз Бухоро ба кишварҳои Осиёву Аврупо молҳои ҳунармандӣ, аз қабили: «ҳарирот, шол, қолин, ҷойнамоз, фонусҳои мисӣ, зертангҳои асп, аз Дабусия ва Ведар матоъҳои якранги ведарӣ, аз Самарқанд зарбофт, матоҳои симгин, кимхоб, синизӣ, абрешим ва матоъҳои абрешимӣ, хайма, ќоғаз, шиша, дегҳои калони мисӣ, ҷомҳои нафис бурда мешуданд» [11, с.93].Дар давраҳои баъдина соҳаҳои ҳунармандӣ ва тиҷорат ҳарчанд дар натиҷаи кашмакашиҳои сиёсӣ зарари ҷиддӣ дида бошанд ҳам, вале аз байн нарафтанд. Муносибатҳои тиҷоратии минтақа дар асрҳои XIV – XV ҳарҷӣ бештар бо кишварҳои Аврупо, асрҳои XVI – XVIII махсусан бо Аврупои Шарқӣ – Русия рушд менамояд. Дар ин муносибатҳо мо бештар молҳои ҳунармандиеро дучор мешавем, ки дар асрҳои пешин афзалиятнок ба ҳисоб мерафтанд, аз ҷумла матоъҳои пашмин, абрешимин ва пахтагӣ [9, с.28].Дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX Аморати Бухоро чун вассали Русия шинохта шуда, аз ворид гардидани молҳои саноатии русу англис бахусус пешаи ҳунармандии маҳаллӣ зарари ҷиддӣ мебинад.

Аз ҷониби дигар, ҳамаи ин бардоштҳо соҳаи ҳунарҳои мардумиро такон дода, сифат ва самараи онҳоро такмил медиҳад. Дар марҳилаи мазкур пешаи ҳунармандӣ ба 100 соҳаҳои алоҳида тақсим шуда, 10 – 15 ҳазор нафар ҳунармандонро дар худ муттаҳид менамуд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, дар шаҳри Бухоро ва навоҳии атрофи он аз 10 то 12 ҳазор дастгоҳи бофандагӣ мавҷуд будааст.

Дар як деҳаи Қаратоғи бекигарии Ҳисор дар давраи мазкур 200 ҳамин гуна дастгоҳ мавҷуд буд, ки он бори дигар аз пешрафти соҳаи мазкур дар минтақа дарак медиҳад [8, с.29].Дар Аморати Бухоро фақат як матои «Алоча» ба 6 навъ ҷудо мегардид, ки ин ҳам бошад: байроқ-алоча, домхоба-алоча, адрас, шоҳӣ, чесунга ва нимпашмин-алоча буд [13, с.65].

Чармгарӣ бештар дар шаҳрҳои Бухоро, Душанбе, Янгибозор, Кӯлоб, Қӯғонтеппа, заргарӣ ва кулолгарӣ дар бекигариҳои – Ҳисор, Кӯлоб, Қубодиён, оҳангарӣ дар бекигарихои Ҳисор ва Қаротегин бештар ривоҷу равнақ пайдо карда буданд [8, с.30].

Маҳсулоти тайёрнамудаи ҳунармандон асосан ба бозорҳои дохилии Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамсоя бароварда мешуданд.

Ҳамин тавр, маҳсули ҳунарҳои мардумӣ тӯли таърихи беш аз 2600 -солаи худ дар густариши муносибатҳои тиҷоратии тоҷикон бо мардумони Осиёву Аврупо нақши муассире мегузошт.Бо истиқлолияти давлатиро соҳиб гардидани Тоҷикистони азиз ҳунарҳои мардумӣ сол аз сол эҳё гардида, рушд менамоянд. Имрӯз вақти он расидааст, ки мо маҳсули дастони пурэҷози ҳунармандони худро на танҳо тариқи тиҷорати дохилӣ ба сайёҳон муаррифӣ намоем, балки дар натиҷаи ҳарчи бештар такмил додан ва ба таъбу

завқи мизоҷони хориҷӣ – алалхусус кишварҳои пешрафта мусово намудан, метавон онро чун моли муҳимми тиҷоратии кишвар ба фурӯш гузорем.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоев А. О двух типах сосудов из Тамошотеппы/ А. О. Абдуллоев// Материальная культура Таджикистана. -Душанбе, 1987. - Вып.12. – С.89-90.
2. Акрамов З. И. Суғдиёни бостон ва шоҳроҳи абрешим / З. И. Акрамов, Р. Ҷумъаев. – Душанбе, 2011. – 43с.
3. Асозода С. Тахористон. – Душанбе, 2012. – 196с.
4. Балазури Д. Завоевание Хорасана /Д. Балазурӣ (комментарий и указатели кандидата исторических наук Г.Гоибова). – Душанбе, 1987. - 120с.
5. Балахванцев А. С. К вопросу о времени и обстоятельствах появления ахеменидских импортов на южном Урале /А. С. Балахванцев // Древние культуры Евразии. – СПб, 2010. – 326с.
6. Берстайн У.Дж. Великолепный обмен: История мировой торговли / У.Дж Берстайн. – М., 2014. - 512с.
7. Елихина Ю. И. Бактрийские ткани из коллекции государственного Эрмитажа/ Ю. И. Елихина // Древние культуры Евразии. – СПб., 2010. – С.153-156.
8. Ёров А. Ш. Бухарский эмират на мировом рынке (вторая половина 19 начало 20 столетия). Монография /А. Ш. Ёров. – Душанбе, 2017, 158с
9. Зияев Х. З. Экономические связи Средней Азии с Сибирью в XVI – XIX вв./Х. З. Зияев. – Ташкент,1983. – 150с.
10. Наршахӣ А. Таърихи Бухоро. Мураттибон Г.Гоибов, К. Олимов, Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе, 2012. - 546с.
11. Неъматов Н.Н. Давлати Сомониён/ Н. Н. Неъматов. – Душанбе, 1989. - 304с.
12. Пигулевская Н. В. Византия на путях в Индию. Из истории торговли Византии с востоком в IV–VI вв./Н. В. Пигулевская. – М-Л.,1951. – 285с.
13. Ремез А. Внешняя торговля Бухары до мировой войны /А. Ремез– Ташкент,1922. – 118с.
14. Сия Жань. Согдийцы в Китае в средние века / Сия Жань // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2018. - № 8. - С. 118–124.


## ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ГУСТАРИШИ МУНОСИБАТҲОИ ТИҶОРАТИИ ТОҶИКОН


Дар мақола асосан сухан оиди таърихи тӯлониро доро будани ҳунарҳои мардумӣ ва нақши он дар муносибатҳои тиҷоратии тоҷикон рафта, давра ба давра хусусиятҳои хосси онҳо дар асоси далелҳои муътамад бозкушоӣ мешаванд. Муаллиф ба сифати мабдаи заминавӣ давраи ҳукмронии Ҳахоманишиҳо - асрҳои VI – IV пеш аз милодро интихоб намуда, аввалин бозёфтҳои ҳунармандиро, ки аз Осиёи Марказӣ ба минтақаи Русия бурда шуда буданд, пеш меоварад. Дар давраҳои баъдина –асрҳои VI – VII милодӣ, маҳсули дастони ҳунармандони минтақаро ҳам дар кишварҳои Осиё ва ҳам Аврупо дидан мумкин буд, ки ба ин матоъҳои нақшдӯзӣ шудаи абрешимӣ ва аз пашм тайёршуда мисол шуда метавонад. Дар ин қисмат махсус мақоми тоҷирони суғдӣ қайд карда мешавад. Замони Сомониён чун давраи эҳё ва ташаккули ҳунарҳои мардумӣ муаррифӣ гардида, дар муносибатҳои тиҷоратии кишвар бевосита саҳм гузоштани он қайд карда мешавад. Мувофиқи овардаҳои муҳаққиқ дар асрҳои минбаъда ҳунарҳои мардумӣ ба таназзул моил шуда бошанд ҳам, лекин аз байн намераванд. Дар садаҳои XVII- XVIII ҳамоно дар муносибатҳои тиҷоратии минтақа мақоми матоъҳои абрешимӣ ва пахтагӣ назаррас буд. Аз ҳама бештар ин намуди мол ба минтақаи Сибири Русия бурда мешуд. Дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX бо вассали Русия табдил ёфтани Аморати Бухоро, дар натиҷаи рақобат карда натавонистан бо молҳои хориҷӣ ин соҳа дар мавридҳои аввал ба буҳрон дучор мешавад. Баъдтар дар натиҷаи рақобат соҳаҳои муҳимми ҳунармандӣ аз нав эҳё ва рушд меёбанд.



**Калидвожаҳо**: ҳунар, тиҷорат, соҳа, маснуот, матоъ, абрешим, пашм, тоҷирон, суғдиҳо, Осиё, Аврупо, марказ, ҳунармандӣ, мутамарказ, касб, буҳрон, эҳё, рушд.


## НАРОДНОЕ ТВОРЧЕСТВО И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ ТОРГОВЫХ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКОВ


Статья в основном посвящена истории народных ремесел, их роли в таджикских торговых отношениях. Автор описывает в качестве основного источника период правления Ахеменидов в VI - IV веках до нашей эры, и приводит примеры находок народного творчества, которые были вывезены в Россию из Центральной Азии. В последующие VI–VII века нашей эры изделия рук этих мастеров можно было увидеть на рынках Азии и Европы, примерами которых можно назвать материалы из щелка и шерсти. В этой части особо отмечается статус согдийских торговцев. Период правления Саманидов (IX-X вв.) признан периодом становления и формирования народных ремесел, и отмечается их роль в торговых отношениях страны. Согласно данным исследователя, хотя народное творчество имело тенденцию к застою в следующие века, но оно не исчезло. В XVII-XVIII веках в торговых отношениях региона шелковые ткани и хлопок заняли особое место. Большинство этих видов товаров поставлялось в Сибирский регион России. Во второй половине XIX - начале XX вв., в результате импорта иностранных товаров и неконкурентоспособности местных товаров, отрасль оказалась в кризисном положении. Позже, в результате конкуренции, отдельные сферы народного творчества были возрождены и развивались.



**Ключевые слова**: ремесло, торговля, отрасль, изделия, ткань, шелк, шерсть, купцы, согдийцы, Азия, Европа, центр, ремесленное производство, централизованный, профессия, кризис, возрождение, развитие.


## FOLK ART AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF TAJIK BUSINESS RELATIONS


The article is mainly devoted to the history of folk crafts and their role in Tajik business relations, and their character will be based on positive arguments. The author describes, as the main source, the period of the rule of the Achaemenids in the VI-IV centuries, and will cite examples of folk art that were taken to Russia from Central Asia. In the next VI–VII centuries, the handicrafts of these masters could be seen in the markets of Asia and Europe, examples of which include materials from lye and wool. This part highlights the status of sogdian traders. The Samanid period (IX-X centuries) is

recognized as the period of formation and development of folk crafts, and its role in the country's trade relations is noted. According to the researcher, although folk art tended to stagnate in the following centuries, but it did not disappear. In the XVII-XIII centuries silk fabrics and cotton occupied a special place in the trade relations of the region. Most of these types of goods were supplied to the Siberian region of Russia. In the second half of the XIX century - the beginning of the XX century, as a result of the import of foreign goods and the lack of competitiveness of local goods, the industry was in a crisis situation. Later, as a result of competition, key areas of folk art were revived and developed.

**Key words**: craft, trade, industry, products, fabrics, silk, wool, merchants, sogdian, Asia, Europe, center, handicraft, centralized, profession, crisis, revival, development.

**Сведения об авторе:** ***Ёров А. Ш.*** **–** *Т*аджикский национальный университет, кандидат исторических наук, докторант кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: ***(+992) 918 65 60 41***

**Information about the author:** ***Yorov A. SH.*** - Tajik National University, candidate of historical sciences, Doctoral candidate of Department of Foreign area studies of faculty of International Relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17, Phone: **(+992) 918 65 60 41.**

**УДК:930.85(575.3)**

# ИНЪИКОСИ АНЪАНАҲОИ ФАРҲАНГИЮ МАРДУМИИ АҲДИ ҲАХОМАНИШИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

***Асоев К.М.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Хосатан, омӯзиш ва эҳё намудани анъанаҳои фарҳангии ба халқи хеш марбутбуда, яке аз падидаҳои арҷ гузоштан ба таърихи гузашта ва мустаҳкам намудани мақоми миллат дар замони муосир мебошад. Олами муосирро як унсури хоссае фаро гирифтааст, ки дар илм онро бо мафҳуми ҷаҳонишавӣ ифода намудаанд. Ҷаҳонишавӣ бо тамоми ҳастиаш оламро фаро гирифта, метавонад натиҷаҳои мусбию манфии хешро ба ин ё он давлат ва миллат расонад. Он дар қатори қувваи пешбарандаи ҷомеа буданаш, омилҳоеро доро мебошад, ки боиси талаф ёфтани баъзе аз хусусиятҳои хосси ин ё он миллат мегардад. Бо таъсири ҷаҳонишавӣ рӯз то рӯз мақом ва мавқеи давлатҳои миллӣ, ки ягона субъекти муаррифгари ин ё он миллат ба шумор меравindependent, коста гардида, ҷойи онҳоро ташкилотҳо ва созмонҳои байналхалқӣ дар тамоми бахшҳо ишғол намуда истодаанд. Махсусан сукут ёфтани арзишҳои фарҳангӣ, ки нишонгари хусусиятҳои хосси баъзе аз миллатҳо мебошад, дар ду даҳсолаи асри навин ба таври назаррас ба мушоҳида мерасад. Дар зери таъсири фарҳанги ба мардуми маҳаллӣ бегона фарҳанги миллию таърихӣ дар баъзе аз минтақаҳо рӯ ба таназзул оварда истодааст.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки яке аз роҳҳои асосии пешгирӣ намудани фаноёбии фарҳанги миллӣ арҷ гузоштан ва эҳё гардонидани анъанаҳои мардумӣ дар марҳилаи муосир ба шумор меравад. Нақши хоссаи анъанаҳои мардумиро, ки васлгари миллат ба саҳифаҳои пурарзиши таърихи хеш мебошад, ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуд, ки фоли некест, дар густариши ин соҳаи афзалиятнок.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун эҳёгари таъриху тамаддуни бузурги халқи тоҷик дар осори таърихии хеш вобаста ба фарҳанги миллӣ, махсусан анъанаҳои мардумӣ ва раванди ташаккулёбии он дар асоси мадракҳои муътамади таърихӣ маълумотҳои пурарзишеро пешниҳоди хонанда намудааст. Ӯ зарурияти омӯзиши таърихи фарҳанги миллиро бо хусусиятҳои хосаш нишон дода, қайд менамояд: “Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳар як халқу миллат бо офаридаҳои моддию маънавиаш саҳми арзандаи худро мегузорад. Аз ин рӯ, омӯзиши тамаддуни ҳар як халқ, аз як тараф, ба бою ғанӣ гардидани тамаддуни башарӣ, ки аз маҷмӯи тамаддунҳои халқҳои ҷаҳон иборат аст, мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, ташаккулу инкишофи маданияти ин ё он халқро дар масири таърих муайян карда, саҳифаҳои дар зери ғубори фаромӯшӣ мондаи онро таҷдид менамояд ва аз бархӯрди маданиятҳо наслҳои баъдиро огоҳ менамояд ва дар маҷмӯъ сатҳи худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ва умумибашариро вусъат мебахшад” [11, с. 22]. Дар асоси гуфтаҳои

Пешвои миллат ҳаминро қайд намудан меарзад, ки миллати тоҷик аз ҷумлаи он халқиятҳоест, ки ба монанди мисриҳо, бобулиҳо, чиниҳо ва ҳиндуҳо бо доро будани таърихи тамаддуни бояш, махсусан анъанаҳои рангоранги пурмуҳтавои хеш дар тӯли таърих аз ҷониби халқиятҳои ҳамҷавори худ баҳои баландро соҳиб гардида буд. Анъанаҳои миллӣ яке аз унсурҳои махсуси тамаддуни халқ ба шумор рафта, мустақилияти фарҳанги моддию маънавии онро дар тамоми давраҳои таърихӣ ва дар айни ҳол низ инъикос менамояд. Аз ин рӯ, эҳёи анъанаҳои мардумиро дар шакли олиаш метавон танҳо бо роҳи омӯзиши таърихи миллат, махсусан маданияти моддию маънавии он амалӣ намуд. Ҳақ бар ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар китоби хеш "Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ" чунин қайд намудааст: "Тадқиқи таърихи тамаддуни ҳар халқу миллат ҳеҷ гоҳ барои эҳсоси ғурур ва ифтихори ноҷо аз гузаштаи худ набуда, он бояд барои нишон додани роҳи тӯлонӣ ва пурпечутоби тайкардаи ниёгони худ, шинохти заминаҳои аслию унсурҳои асосӣ ва муайян намудани хусусияту тамоюлҳои тамаддуни аҳди қадим равона гардад ва такони таъсирбахше барои рушду инкишофи тамаддуни муосираш бошад" [11, с. 22].

Чи тавре ки дар урфият мегӯянд, ҳар як шахс бояд аз ҳафт пушти худ огоҳ бошад, то дар ҳамаи соҳаҳои зиндагиву фаъолияти худ огоҳона амал намуда, зиндагии созандаи худро пеш барад. Ин суханҳоест, ки Эмомалӣ Раҳмон дар рафти омӯзиши таърихи анъанаҳои мардумии тоҷикон онро сармашқи кори хеш донистааст. Аз ин сабаб ӯ андарзи мазкурро ба зиндагиву рӯзгори миллати хеш татбиқ намуда, онро каме таъғйир дода, зарурияти шиносоии ҳар як халқу миллатро аз ҳаёти моддию маънавии гузашта бо таври мавҷудааш қайд намуда, таъкид менамояд, ки "Бе маърифати таърихи халқи худ, бе такя ба маънавиёти пурғановати гузашта, бе истифода аз анъанаву суннатҳои дар тӯли ҳазорсолаҳо ташаккулёфта, ки дар паси пардаи онҳо ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавии ҳар халқу миллат ниҳон аст, ба муваффақият ноил гардидан амри муҳол аст" [11, с. 22]. Дар ҳақиқат, анъанаҳои миллӣ на танҳо инъикоскунандаи фарҳанг, балки хусусиятҳои хосси ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҳар як халқияту миллат ба шумор меравад. Агар ба осори вобаста ба таърихи миллат навиштаи Эмомалӣ Раҳмон назар афканем, ӯ дар асоси хронологияи таърихӣ давраҳои инкишоф ва ташаккулёбии анъанаҳои мардумӣ, махсусан аҳди бостонро мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор додааст. Дар асоси осори ӯ ҳаминро мебояд қайд намуд, ки аввалин эҳёгарон ва ташаккулдиҳандагони суннатҳои мардумӣ, алалхусус аҷдодони тоҷикон, сулолаи Ҳахоманишӣ ба шумор мерафтанд. Аз санъати шаҳрсозӣ сар карда то маросимҳои мухталифи фарҳангӣ ва санъати идоракунии ҷомеаро Ҳахоманишиҳо рушду нумӯ бахшида, ба наслҳои оянда фарҳанги моддию маънавии асилеро боқӣ гузоштанд, ки дар оянда муаррифгари ин халқи куҳанбунёд гардид. Шаҳрсозӣ бо биноҳои тарҳи ороишашон махсусбуда, аз ҷумлаи амалҳои наҷиби аҷдодони тоҷикон ба шумор меравад. Тибқи навиштаи Эмомалӣ Раҳмон, аҷдодони мо ҳанӯз дар аҳди Ҳахоманишиҳо шаҳрҳои бузургро асос гузоштанд, ки маркази муҳимми маданӣ ба шумор мерафтанд. Онҳо дорои даҳҳо шаҳрҳои калон, ба монанди Посоргод, Тахти Ҷамшед, Шуш, Бохтар, Марв, Самарқанд, Киропол (Истаравшан), Хуҷанд ва ғайра буданд. Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар шаҳр қасрҳои боҳашамат, хазинаи марказии шоҳӣ, толор барои занҳо ва биноҳои дигари истиқоматию хоҷагӣ воқеъ гардида буданд. Девори биноҳо аз хишти хом ва ҷойи дару тирезаҳо аз санг сохта шудаанд. Сохтмони чунин қасру кӯшкҳои бузургу боҳашамат, бешубҳа, дониши амиқи санъати меъморӣ ва таҷрибаи калони сохтмониро тақозо мекард. Аҷдодони тоҷикон аз қадим санъати меъмориро як ҷузъи асосии санъати ҳунармандии хеш қарор дода, бо ин ҳунари волояшон дар байни ҷаҳониён то ҳол маълуму машҳуранд. Таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки як қатор шаҳрҳои имрӯзаи Тоҷикистон, ба монанди Хуҷанд, Кӯлоб ва Истаравшан (Киропол) ҳанӯз дар замони Ҳахоманишиҳо ҳамчун марказҳои калони аҳолинишин пайдо шудаанд.

Дар ин радиф, ӯ пешрафти ҳунармандиро дар давраи мазкур таъкид намуда, қайд менамояд, ки зарфҳои сафолӣ ва дигар ашёву асбобҳои ёдшуда дар маҳалҳои мухталифи Бохтар, Суғд, Марғиён ва Хоразм бо услубҳои хосе сохта шудаанд, ки якрангии онҳоро

нишон медиҳад. Санъати зарфсозӣ аз тилло ва нуқра хеле тараққӣ намуда буд, ки дар ин бора ҳафриётҳои бостоншиносони тоҷик далолат медиҳанд. Хусусан ҷомҳои тиллоӣ ва нуқрагини ҳахоманишӣ, ки дар Эрмитаж, Осорхонаи Метрополитени ИМА, ва Музейи Британия маҳфузанд, то имрӯз диққати ҳазорон бинандаро ба худ ҷалб менамоянд. Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши фарҳанг ва анъанаҳои хоссаи мардумӣ вобаста ба замони Ҳахоманишиҳо бештаран ба ёдгориҳои хазинаи Амударё такя намудааст. Тибқи таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муҳаққиқони соҳа дар хазинаи Амударё 200 ашёи тиллоӣ ва нуқрагин мавҷуд аст. Диққати Эмомалӣ Раҳмонро дар байни ин ёдгориҳои маъмул бештар нусхаи хурди гурдунаи тиллоии дучархаи чораспа, ки дар болояш ду нафар ашроф гардунсавор нишастааст, ҷалб намудааст. Ҳамчунин, дар хазинаи Амударё ашёҳои гуногун, аз ҷумла ҳайкалчаҳои одамон, ҳайвонҳои муқаддас, табақу косаҳои мунаққашу мусаввар, тугмачаҳои мусаввар, бо тасвири Аҳурамаздо, варақаҳои тиллоӣ бо тасвири мубадони зардуштӣ, муҳрангуштаринҳои мусаввар, дастмонаҳои нугашон сари мор, шер ва дигар ҳайвонҳо мавҷуданд. Дар асоси ин нишондод ва далелҳои инъикоснамудаи Эмомалӣ Раҳмон метавон аз санъати хоссаву волои ҳунарии аҳди ҳахоманишиҳо, ки як саҳифаи тиллоии таърихи аҷдодони тоҷикон маҳсуб меёбанд, ҳарф зад. Тамоми он ёдгориҳои бадастомада осори санъати тасвирии амалии Ҳахоманишӣ буда, бо маҳорати баланд сохта шудаанд ва дар хусуси ин риштаи санъат ва умуман дар бораи таърих, фарҳанг, маънавиёти ориёиҳо маълумоти ҷолиб ва гуногун медиҳанд. Эмомалӣ Раҳмон низ ба монанди аксарият хотирнишин намудааст, ки хазинаи Амударё соли 1877 дар Қубодиён ёфт шуда буд ва ба воситаи тоҷирони Бухоро ба Ҳиндустон ва аз он ҷо ба воситаи маъмурони англис ба Лондон интиқол дода шуд ва ҳоло дар Музейи Британия маҳфуз аст.

Бояд қайд намуд, ки Эмомалӣ Раҳмон бештар ба унсури хоссаи фарҳанги мардуми ориёӣ дар замони Ҳахоманишиҳо, ки имрӯз низ чун анаъана дар миёни тоҷикон маъмул аст – санъати тасвирӣ диққати хосса зоҳир намудааст. Ӯ дар ин самт аз нигораҳои рӯйи деворҳои гӯрхонаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ, ки саҳнаҳои пирӯзии онҳо дар ҷангҳо ва маросимҳои мухталифи дарборӣ бо иштироки хоссаи шоҳ тасвир ёфтаанд, ёдовар шудааст. Дар ҳақиқат, ин аксҳо аксарияти бинадаро ба ҳайрат мегузоранд. Суратҳо тасвири матни катибаҳое мебошанд, ки дар паҳлуи онҳо воқеанд. Дар ин ҷо метавон ақидаи олими рус М.А. Дандамаевро овард, ки мувофиқи он баландии яке аз мусавварахои катибаи Дорои I се метр буда, одамон дар он дар ҳаҷми табииашон тасвир шудаанд. Таҳлили гуфтаи ӯ нишон медиҳад, ки дар ин акс тамоми ҳаёти ҷомеаи ҳахоманишӣ бо расму ойин ва хусусиятҳои хосаш инъикос ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси санъати хоссаи тасвирии ин ёдгорӣ чунин қайд менамояд: “Пайкари одамон, сару либос ва дигар нишонаҳои хосси онҳо чунон дақиқ тасвир шудаанд, ки муҳаққиқон шахсияти ду ашрофи дар пушти Доро истодаро муайян кардаанд. Яке аз онҳо найзабардор Гобрий ва дигараш камонвар Аспатин мебошад, ки сардори ин қисмҳои лашкари шоҳӣ буданд”.

Ёдгории дигаре, ки санъати Ҳахоманишиҳоро бо сабку услубҳои хосаш инъикос менамояд ва дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба таври хуб нишон дода шудааст, ин Тахти Ҷамшед ба шумор меравад. Бояд тазаккур дод, ки дар Тахти Ҷамшед сабки шоҳии санъати боҳашамати тасвирии Ҳахоманишиён ташаккул ёфта, ба меъёри умумӣ барои тамоми империя табдил ёфта, он дар тамоми гӯшаву канори империяи паҳновар мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар офаридани ин сабку услуб форсҳо аз таҷрибаи пешиниёнашон - модҳо ва дигар халқҳои ҳамсоя, ба мисли Бобулу Ошур ба таври фаровон ва эҷодкорона истифода бурдаанд. Дар натиҷа, ба онҳо муяссар шудааст, ки як санъати тасвирии боҳашамати навро, яъне ҳахоманиширо ба вуҷуд оранд ва он ҳамто надошт. Мувофиқи маълумоти Дандамаев М.А., ин сабк то дараҷае дар байни ориёиҳо ва дигар халқҳои ҳамҷавор интишор ёфтааст, ки намунаҳои он дар гӯрхонаи Пазирики ориёиҳои Олтой низ ёфт шудаанд. Бояд зикр намуд, ки ин тасвирҳо, пеш аз ҳама, бо миқдору ҳаҷму ҳашамат, услуби хосу такрорнашаванда ва дақиқии инъикоси воқеият бинандаро ба ҳайрат мегузоранд. Дар онҳо асосан саҳнаҳои туҳфасупорӣ ба шоҳ, ҷанги шоҳ бо шер ва

дигар ҳайвонҳои воқеиву асотирӣ, ҷанговарони форсу мод, гардунаҳои дучархаи ҷангӣ, маросимҳои гуногуни дарборӣ бо иштироки шоҳ ва ашрофону мансабдорон, ташрифи намояндагони халқҳои тобеъ ба дарбор ва мисли инҳо тасвир шудаанд. Дар ин тасвирҳо тамоми рукну унсурҳои хоссаи анъанаҳои мардумӣ инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, Эмомалӣ Раҳмон дар асоси мадракҳои таърихии тадқиқшуда ва омӯзиши асарҳои муаррихони барҷаста саҳми бузурги Ҳахоманишиҳоро дар эҳёи ҳунарҳои волои мардумӣ чунин қайд намудааст: "Ҳахоманишинҳо бо истинод ба фарҳангу маданияти қадимаи ориёии худ ва истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи тамаддунҳои ҳамсоя санъату маданияти сифатан наверо ба вуҷуд оварданд, ки зиёда аз 200 сол дар қисми калони қитъаи Осиё ҳамчун дастоварди муҳим роиҷ буд ва ин тамаддуни худро ворисони худ ба мерос гузоштанд" [11, с. 22]. Дар замони муосир мо миллати тоҷикро мебояд, ки дар пайравӣ бо фарҳанги волои аҷдодони гузаштаи хеш ва дастгирии сиёсати фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба анъанаҳои пурғановати гузаштаи хеш арҷ гузошта, ба хотири мустаҳкам намудани фарҳанги ягонаи миллати хеш аз парастиши фарҳанги ба мо бегона ва зарароввар даст кашида, эҳёгари анъанаҳои таърихии куҳанбунёдамон бошем, то наслҳои оянда низ пайравони содиқи арзишҳои миллӣ бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Гамкралидзе Т.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы. Монография/ Т.В. Гамкралидзе, В.В. Иванов. -Тбилиси, 1989. -346 с.
2. Грантовский Э.А. Ранняя история иранских племён Передней Азии. Монография/ Э.А. Грантовский. -М., 1970. -314 с.
3. Дюмезиль Ж. Верховные боги индоевропейцев. Монография /Ж. Дюмезиль. - М., 1986. -284 с.
4. Неъматов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби якум. Воситаи таълимӣ/ Н. Неъматов, Ф. Носирова, С. Бобомуллоев, Д. Довутов, М. Исоматов. -Душанбе: Сарпараст, 2003. -368 с.
5. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. Монография/ И.М Оранский. -М., 1960. –250 с.
6. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён /Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 1999. -534 с.
7. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ /Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 2006. -374 с.
8. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ /Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 2006. -367 с.
9. Раҳмонов Эмомалӣ. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 1 /Э. Раҳмонов. -Душанбе: "Андалеб-Р", 2015. -490 с.
10. Ставиский Б.Я. Искусство и культура древних иранцев. Монографя/Б.Я. Ставиский, С.А.Яценко. - М., 2002. –276 с.


## ИНЪИКОСИ АНЪАНАҲОИ ФАРҲАНГИЮ МАРДУМИИ АҲДИ ҲАХОМАНИШИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН


Дар мақолаи мазкур осори таърихию фарҳангии Эмомалӣ Раҳмон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Анъанаҳои мардумӣ яке аз унсурҳои хосса ва ҷудонопазири ҳаёти моддию маънавии таърихи ҳар як миллат, инъикоскунандаи маданияти он дар ҳар як марҳилаи таърихӣ маҳсуб меёбанд. Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи он фарзандони фарзонаи халқи тоҷик ба шумор меравад, ки дар қатори чеҳраҳои дигари мондагори таърих имрӯз рӯ ба осори таърихӣ оварда, таърихи тамаддуни аҷдодони тоҷиконро тавассути навиштани асарҳои пурмуҳтаво инъикос менамояд. Э. Раҳмон ба хотири омӯзиши анъанаҳои фарҳангию мардумӣ ва инъикоси он, таърихи аҳди Ҳахоманишиёнро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои хосси фарҳанги аҷдодони тоҷиконро дар осори хеш инъикос намудааст. Таҳлили осори ӯ нишон медиҳад, ки замони давлатдории Ҳахоманишиҳо даврони эҳё, ташаккулёбӣ ва инкишофи анъанаҳои ориёиҳо ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки осори ба таърих бахшидаи Эмомалӣ Раҳмон дар қатори он чораҳои амалии андешидааш, дар эҳёи анъанаҳои мардумӣ ва мустаҳкамшавии фарҳанги моддию маънавии миллати тоҷик дар замони муосир восита шуда метавонад. Он насли наврас махсусан ҷавононро аз таърихи волои гузашта ва фарҳанги нотакрори хеш огоҳ намуда, дар мустаҳкам намудани худогоҳӣ ва худшиносии эшон мусоидат менамояд. Танҳо бо роҳи омӯзиши таърихи фарҳанги хеш мо метавонем анъанаҳои пурғановати гузаштагони хешро эҳё намуда, ба ин васила хешро ҳамчун халқи тамаддунофар муаррифӣ намоем.



**Калидвожаҳо:** таҳқиқ, осор, таҳлил, фарҳанг, қавм, саҳм, назария.


## ОСВЕЩЕНИЕ ИСТОРИИ ТРАДИЦИОННОЙ КУЛЬТУРЫ НАРОДОВ АХЕМЕНИДСКОЙ ЭПОХИ В ТРУДАХ ЭМОМАЛИ РАХМОНА


В этой статье внимание было уделено культурной значимости исторического труда Эмомали Рахмона. Народные традиции являются одним из самых важных и уникальных элементов материальной и духовной жизни истории каждой нации, отражающей ее культуру на каждой исторической сцене. Эмомали Рахмон - один из сыновей таджикского народа, представляющий исторические корни древней истории, отражающие историю цивилизации таджиков через авторитетные произведения. Он особенно размышлял об истории народных традиций, которые отражают характеристики предков таджиков в их истории народные традиции и их отражение. Его

литературный анализ показывает, что время Ахеменидской эпохи - это период возрождения и развития арифметических традиций. Можно сказать, что труды Эмомали Рахмона посвященные истории, предприняты в возрождении традиционной и укреплении материальной и духовной культуры таджикской нации в настоящее время. Особенно необходимо, чтобы молодые люди знали о прошлой истории и непревзойденной культуре, что будет способствовать их самосознанию и самопознанию. Только изучая нашу историю, мы можем возродить славные моменты истории наших предков и, таким образом, представить себя как цивилизованный народ.

**Ключевые слова:** исследование, описательный, анализ, культура, люди, вклад, теория.

**LIGHTING OF THE HISTORY OF THE TRADITIONAL CULTURE OF PEOPLES OF THE ACHEMENIDIAN EPOCH IN THE WORKS OF EMOMALI RAHMON**

It should be noted that in this article attention was paid to the cultural significance of the historical work of Emomali Rahmon. Folk traditions are one of the most important and unique elements of the material and spiritual life of the history of each nation, reflecting its culture in each historical scene. Emomali Rakhmon is one of the sons of the Tajik people, representing the historical roots of ancient history, reflecting the history of the civilization of the Tajiks through authoritative works. He especially thought about the history of people's traditions, which reflects the characteristics of the ancestors of the Tajiks in their history, in order to study the folk traditions and their reflection. His literary analysis shows that the time of the Achaemenid era is a period of revival, development and development of arithmetic traditions. It can be said that Emomali Rahmon's works of dedicated history take place within the framework of practical steps taken in reviving traditional traditions and strengthening the material and spiritual culture of the Tajik nation at the present time.It is particularly aware that young people are aware of past history and their unrivaled culture and contribute to the will of self-awareness and self-will. Only by studying our history can we revive the glorious moments of our ancestors and, thus, present ourselves as civilized people.

**Key words:** information, analysis, culture, lecture, theory, theoretical.

**Сведения об авторе:** ***Асоев Комрон Мирзоевич*** -Таджикский технический университет имени М С. Осими, ассистент кафедры общественных наук,. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Раджабовых. E-mail: **Komron_htt.r@mail.ru**. Телефон. **981094040**

**Information about the authors:** ***Asoev Komron Mirzoevich*** - Assistant of the Department of Social Sciences, Tajik Technical University. ac name M S. Osimi. Address: Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rachabovњ Avenue E-mail: **Komron_htt.r@mail.ru.** Phone. **981094040**

УДК: 94 (575)

## ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ ГУМРУКӢ ДАР АҲДИ ДАВЛАТДОРИИ СОМОНИЁН

***Қараев Ф., Қодирзода Х.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фаъолияти низоми гумрукӣ ба мисли дигар сохторҳои давлатӣ таърихи хело қадима дорад. Сохтори мақомоти гумрук аз рӯзҳои аввали пайдоиши худ вазифаи таъмини амнияти шаҳрвандонро бар уҳда дошт. Пас аз таъсис ёфтани давлати Сомониён сохтори мақомоти гумрук боз ҳам мукаммал гардид. Яке аз омилҳои асосии рушд ёфтани сохтори мақомоти гумрук, пеш аз ҳама, дар инкишоф ёфтани савдои дохили кишвар ба ҳисоб мерафт. Дар замони мавҷудияти давлати Сомониён савдои байналхалқии давлати Сомониён инкишоф ёфт. Яке аз омилҳои асосии густариш ёфтани савдои дохилӣ ва хориҷии кишвар боиси паст намудани боҷ ва хироҷҳои гумрукӣ ба ҳисоб мерафт. Паст кардани боҷи гумрукӣ боиси он гардид, ки тоҷирони давлати Сомониён имконият пайдо намуданд, ки берун аз ҳудудҳои кишвари худ фурӯши молу маҳсулоти худро ба роҳ монанд. Тоҷирони кишвари Осиёи Миёна молҳои истеҳсолкардаи худро ба бозорҳои Ҳинду Чин бурда, аз он ҷо молҳои ба аҳолиҳои худ ниёзмандро меоварданд. Савдогарони Осиёи Миёна ба кишварҳои Чину Ҳинд шоҳӣ, тилло, нуқра, маҳсулотҳои ҳунармандӣ, ба монанди гӯшвору дастпона ва аз он кишварҳо молҳои ниёзи аҳолии худ инчунин чой, маҳсулоти чинӣ, абрешим ва молҳои зебу зинати занона меоварданд. Сарварони давлати Сомониён аз замони таъсис ёфтани давлати хеш ба соҳаи савдо ва инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ аҳаммияти зиёд зоҳир менамуданд.

Муҳаққиқи варзида Абӯбакри Наршахӣ дар асари безаволи худ «Таърихи Бухоро» аз боби таъсиси нахуст заробахонаҳои Бухор Худот маълумот дода, қайд намудааст, ки дар шаҳри Бухоро тангаҳои сомонӣ ба муомилот бароварда мешуд. Ба муомилот баровардани тангаҳои сомонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин ҷо муносибатҳои хуби тиҷоратӣ ва савдоӣ ба роҳ монда шуда буданд [1].

Муаррихи варзида Абӯбакри Наршахӣ аз инкишоф ёфтани муносибатҳои молию пулӣ дар аҳди Сомониён сухан ронда, қайд менамояд, ки Ғитрид бини Ато -амири Хуросон, соли 801 аввалин шуда тангаҳоро ба номи хеш ба муомилот баровада буд, ки дар замони мавҷудияти давлати Сомониён низ қурби худро гум накарда буд. Равнақ ёфтани давлати Сомониён дарба замони ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад (892-907) рост меояд. Дар ин давра дар тамоми ҳудудҳои давлати Сомониён барои инкишофи муносибатҳои молию пулӣ дар шаклҳои гуногун давлат заробхона сохта, дар муомилоти

давлати худ пули хешро ба роҳ монданд, ки қурби тангаҳои Сомониён хело баланд буд ва он аз ҷониби тоҷирони хориҷӣ хело хуб харидориӣ карда мешуд. Аз ибтидои асри 10 сар карда дар муомилоти пулии давлати Сомониён тангаҳои тиллоӣ бо номи "Исмоилӣ" ба муомилот баровfarданд ва он муомилоти молию пулиро дар дохили давлати Сомониён ва хориҷи он хело тезонд ва боиси боло рафтани иқтисодиёти мамлакат гардид. Боло гардидани қурби асъори миллии давлати Сомониён боиси рушди давлат гардид. Яке аз бартариятҳои сиёсати давлатдории Исмоили Сомонӣ дар он буд, ки ӯ ба пешрафти соҳаи хоҷагии қишлоқ аҳаммияти махсус медод ва кормандони соҳаи кишоварзонро аз андоз озод намуд, ки ин омил боиси рушду равнақ ёфтани давлати Оли Сомон шуда буд. Талаботи бозори хориҷи кишвар нисбат ба пахтаи истеҳсолшудаи давлати Сомониён зиёд гардида буд, аз ин хотир Оли Сомон бештар ба ин соҳаи хоҷагии қишлоқи давлати хеш аҳаммият медоданд. Инчунин гандуми Мовароуннаҳру Хуросон низ дар бозори ҷаҳонӣ бо нархҳои гарон харидори карда мешуд. Рушди соҳаи хоҷагии қишлокро муаллифони зиёде ёдрас шудаанд [2].

Муаллифи китоби "Ҳудуд-ул-олам" қайд мекунад, ки ғалла дар Мовароуннаҳр хело зиёд истеҳсол карда мешуд. Намудҳои гуногуни гандум дар ҳудудҳои Фарғона, Хатлон, Истаравшан, Систон, Самарқанд, Панҷакент хело зиёд истеҳсол карда мешуд.

Дуруст ба роҳ мондани фаъолияти сохторҳои гумрукӣ боиси рушди соҳаи савдо ва муомилоти молию пулӣ дар қаламрави давлати Сомониён гардида буд. Аз ҳисоби гардиши тиҷорати дохилию хориҷӣ ба фоидаи давлат боҷу хироҷ рӯёнида мешуд, ки ба ин васила иқтидори иқтисодӣ ва сиёсии давлати Сомониён дар арсаи байналхалқӣ хело боло рафт. Бо мақсади мукаммал гардонидани сохтори давлати хеш Сомониён идораҳои давлатиро ҷорӣ намуданд, ки он аз 10 девон иборат буд, ки ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиву сиёсати он замон роҳбарӣ карда, ҷиҳати такмили хоҷагиҳои дар ихтиёрдоштаашон чораҳо меандешиданд. Вазифаи мақомоти идораҳои гумрукӣ дар ин замон ҷамъ овардани боҷу хироҷ назорати даромаду хароҷоти хазинаи давлати Сомониён бар зиммаи девони "Муҳтасиб" ва қисман ба девони "Муставфӣ" гузошта шуда буд. Доир ба ин сохтори давлатдории Сомониён номзади илмҳои таърих дотсент Қараев Ф.Б дар тадқиқоти баанҷомрасонидаи худ "Фаъолияти низомҳои гумрукӣ дар аҳди давлати Сомониён" чунин қайд менамояд: "Дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ девони Муҳтасиб асоси даромад ва воридоти давлатро назорат мекард ва ҳар тоҷироне, ки тариқи пулҳои гумрукӣ ба дохили давлати Сомониён медаромаданд, ба миқдори муқарарӣ боҷ супорида, пас вориди давлат мешуданд. Ин омил боиси рушд ёфтани савдои дохилии давлати Сомониён гардид. Дар қаламрави шаҳрҳои калонтарини давлати Сомониён мақомоти гумрукӣ анборҳо, корвонсарою марказҳои фурӯши молҳои воридшавандаро дар сарҳадоти давлат ба роҳ монда буданд, ки ин омил боиси рушд ёфтани савдо дар дохили давлат гардида буд. Аз тарафи дигар, яке аз омилҳои инкишоф ёфтани савдо амнияти бехатарии тоҷирон ва молҳои воридшаванда дар дохили давлат гардида буд". Мувофиқи ахбороти бадастомада барои таъмин намудани амнияти бехатарии тоҷирон дар сарҳадоти давлати Сомониён сипоҳиёни махсус меистоданд, то ки амнияти савдогарони ба дохили давлат воридшавандаро таъмин намоянд [3].

Сохтори фаъолияти низомҳои гумрукиро профессор Мухторов А. дар асари безаволи худ "Сомониён замон ва макон" чунин қайд менамояд: "Дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ давлати Сомониён хело тараққикарда, пешрафта буд ва девони "Муҳтасиб" (Ҳисобдорӣ назорати иқтисоди дохилӣ ва берунӣ) тибқи қавонини девони олӣ пули содироту воридотро назорат менамуд. Ҳайати кормандони девони нозирон дар ҳар дарвозаҳои шаҳр ҷойгир шуда буданд. Вазифаи нозирони ин девон, пеш аз ҳама, назорат кардани мулкҳои воридшаванда ва иҷозат додани он буд. Ҳайати кормандони ин девон ҳар шом ба Исмоили Сомонӣ маълумот пешниҳод менамуданд. Бо мақсади бехатарии тоҷирон роҳбарони воломақоми давлати Сомониён дар саросари давлати хеш постҳои махсус гузоштанд, ки онҳо амнияту бехатарии корвонҳои аз дохили давлати онҳо мегузаштаро таъмин менамоянд. Ин тадбирҳои андешидаи давлатдории Сомониён боиси он гардид, ки тоҷирони мамлакатҳои Шарқу Ғарб ва Ҷанубу Шимол корвонҳои худро аз қаламрави давлати Сомониён мегузарониданд, ки ин роҳ дар таърих бо номи "Роҳи Абрешим" ёдовар мешавад".

Дар замони мавҷудияти худ давлати Сомониён дар тамоми сарҳадоти давлатӣ идораҳои молиявию гумрукиро таъсис дода буд. Танҳо кормандони ин сохтори давлатӣ ҳаққи ситонидани боҷ ва пардохтҳои гумрукиро доштанд. Доир ба ин масъала низ Ф. Қараев дар мақолаи навбатии худ "Таърихи ташаккул ва инкишофи сохторҳои гумрукӣ дар аҳди давлати Сомониён" чунин менависад: "Бо мақсади ғанӣ гардонидани бозори дохилии давлати хеш роҳбарони давлати Сомониён боҷи гумрукиро аз тоҷирони дохилии давлати хеш ба миқдори 2,5% ва аз тоҷирони давлатҳои ҳамсоя ба миқдори 5% мегирифтанд, ки ин омил боиси ғанӣ гардонидани мол ва паст гардидани нарх дар дохили кишвар гардид". Доктори илми таърих Неъматов Н. дар асари хеш "Давлати Сомониён"

доир ба воридоти мол ба бозорҳои давлати Сомониён чунин ибрози назар намудааст: “Дар сарҳадоти давлати Сомониён постҳои гумрукӣ ва дар даромадгоҳҳои шаҳру бандарҳо калонтарин фаъолият мекарданд, ки дар маҳалли ворид гардидани молу воситаҳои нақлиёт аз онҳо боҷ меситониданд”. Муҳаққиқи варзида яке аз омилҳои ғанӣ гардидани буҷети давлати Сомониёнро дар пардохтҳои боҷи гумрукӣ дида, қайд менамояд, ки тоҷироне, ки аз бандарҳои Аму ба дохили давлат ворид мешуданд, ҳар як саворӣ якдирҳамӣ боҷ месупориданд. Постҳои гумрукие, ки дар қаламрави Вахон воқеъ буданд, пеш аз ҳама, взифадор буданд, ки амнияту бехатарии савдогаронро дар роҳҳои давлат таъмин намуда, аз савдогарон тибқи нақшаи муқарраргардида боҷи гумрукӣ гиранд [4].

Ин омили оқилонаи сарварони давлати Сомониён боиси афзун гардидани мол дар дохили кишварашон гардида буд. Доктори илми таърих, профессор Қушматов А. доири инкишоф ёфтани савдои дохилии давлати Сомониён чунин андеша дорад, ки дар тамоми қаламрави давлати Сомониён идораҳои молиявию гумрукӣ таъсис ёфта буданд. Танҳо кормандони ин идораҳои давлатӣ ба ситонидани боҷу хироҷи гумрукӣ ва андозҳо ҳуқуқ доштанд. Ҳамаи тадбирҳое, ки аз ҷониби роҳбарони давлати Сомониён ҷорӣ шуда буданд, боиси он гардиданд, ки нархи молу маҳсулот дар бозори давлат паст ва сатҳи зиндагии шаҳрвандон то ҷое беҳтар шуд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки фаъолияти низомҳои гумрукӣ дар аҳди Сомониён решаҳои амиқ дошта, дар асоси сиёсати боҷситонии сулолаҳои пештараи тоҷикон ба роҳ монда шуда буд [5].

## АДАБИЁТ


1. Абӯбакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. - Теҳрон: Ҳумо, 1985. - С 114.
2. Қараев Ф. Фаъолияти низомҳои гумрукӣ дар аҳди давлати Сомониён/ Ф. Қараев. - Душанбе: Сино, 1999. - С 17.
3. Мухторов А. Сомониён замон ва макон. Монография / А. Мухторов, Душанбе, 1999. - С 176.
4. Қараев Ф. Таърихи ташаккул ва инкишофи сохторҳои гумрукӣ дар аҳди давлати Сомониён / Ф. Қараев. - Душанбе: Ирфон, 1999.
5. Неъматов Н. Давлати Сомониён / Н. Неъматов. –Душанбе, 1989. - С 185.
6. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Б.Ғ. Ғафуров. –Душанбе: Ирфон, 1972. -723 с.
7. Оймаҳмадов М. Асосҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / М. Оймаҳмадов. - Душанбе: Дониш, 1998. – 420
8. Қушматов А. Вақф. Намудҳои заминдории вақф дар Шимоли Тоҷикистон.- Душанбе: Ирфон, 1990.-192 с.


## ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМҲОИ ГУМРУКӢ ДАР АҲДИ ДАВЛАТДОРИИ СОМОНИЁН


Сохторҳои мақомоти гумрукӣ ба мисли дигар сохторҳои давлатӣ таърихи хело қадима доранд. Ин сохтори бонуфузи давлатӣ аз рӯзҳои аввали таъсисёбии худ дар пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва давлатдорӣ нақши созандае гузошта истодааст. Фаъолияти низомҳои гумрукӣ дар аввал ба шакли сода ва баъдан дар аҳди Сомониён ба яке аз сохторҳои бонуфузтарини замони хеш рафта расид. Вазифаи асосии ин сохтори воломақоми давлатӣ дар аҳди Сомониён, пеш аз ҳама, ғанигардонии бозори дохилӣ аз молҳои ниёзи аҳолӣ иборат буд. Тавре ба мо маълум аст, барои иҷрои ин нақша Сомониён як қатор чораҳо андешиданд. Савдогарони кишвари Осиёи Миёна ба хориҷи кишвар биринҷ, меваи хушк ва матоъҳои пахтагин, пашмин ва абрешим содир намуда, аз кишварҳои ҳамсоя мӯина, асал, пӯст ва ғайра ворид мекарданд. Бо мақсади нигоҳ доштани нарх дар дохили кишвар нозирони махсусе мегаштанд, ки онҳо аз болои тоҷирон ва фурӯши молҳои онҳо назорат мебурданд. Фаъолияти ин сохтори воломақом таърихи хеле қадима дорад.



**Калидвожаҳо:** таърихи ташаккулёбӣ, низом, гумрук, институт, системаи гумрук, кишвар, нахустин тадқиқот, олимон, ҷумҳурӣ, омӯзиши мукаммал.


## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ В ГОСУДАРСТВЕ СОМОНИЁН


Что касается таможенных органов, таких как другие государственные структуры, имеют долгую историю. Эта авторитетная структура государства с первых дней ее создания сыграет конструктивную роль в развитии общественной, политической жизни и государства. Деятельность таможенных органов была изначально упрощена и одновременно и приобрела сложную форму в государстве Саманидов и стала одним из самых влиятельных учреждений в своей истории. Основной задачей этого государственного учреждения в государстве Саманидов было развитие внутреннего рынка из малообеспеченного населения. Как нам известно, у Саманидов в этом плане был предпринят ряд мер. Торговцы из стран Центральной Азии импортировали рис, сухофрукты и хлопчатобумажные ткани, груши и шелк в соседние страны, импортировали из соседних стран мед, птицу и.т.д. С целью поддержания цен внутри страны, специальные инспекторы, которые были вовлечены в покупку товаров и их продукции контролировались. Деятельность этой коалиции имеет свою историю.



**Ключевые слова:** история образования, система, институт, таможенная система, страна, первые исследования, ученые, республика, комплексное исследование.


## THE ACTIVITY OF CUSTOMS AUTHORITIES IN THE STATE OF SOMONIYON


Regarding customs authorities, such as other state structures has a long history. This authoritative structure of the state since the early days of its establishment is creating a constructive role in the development of public, political and statehood. The activity of customs authorities was initially simplified and simultaneously in the Samanid state of the country and became a complicated form and became one of the most influential institutions in its history. The main task of this government institution in the state of Somoniyon was to develop the internal market from the needy population. As is

known to us, the Somonian plan has taken a number of measures. Traders of the Central Asian countries have imported rice, dried fruits and cotton fabrics, pears and silk to neighboring countries, imported from neighboring countries, honey, poultry, and so forth. For the purpose of maintaining prices within the country, special inspectors, who have been involved in the purchase of goods and their products control. The activity of this coalition has its own history.

**Key words:** history of education, institution, customs system, country, first studies, scientists, republic, comprehensive research.

**Сведения об авторах:** ***Караев Фарход*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **93-313-10-41**

***Кадирзаде Хушбахти Сафар*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории таджикского народа исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **907-64-84-64**

**Information about the author:** ***Karavev Farhod*** - Tajik National University, candidate of historical ksiences, associate professor of the history of the Tajik people of the Fakulty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Telephone: **93-313-10-41**

***Kadirzade Hushbakht Safar*** - Tajik National University graduate student of the department of the history of the Tajik people of the Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Telephone: **907-64-84-64**

**УДК: 94 (100)**

# САДРИДДИН АЙНӢ ВА ФАРМОНИ 7- АПРЕЛИ СОЛИ 1917 АМИР ОЛИМХОН ОИД БА ИСЛОҲОТ

***Амиршоҳ Ёрмуҳаммадов, Баҳорзода Сироҷиддин***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар саромади тамаддуни ҳар як халқ ва қавм шахсони заковатманде меистанд, ки инкишофи фарҳангашон бо номи онҳо зич алоқаманд аст. Садриддин Айнӣ (15.04.1878-15.07.1954) яке аз чунин арбобони барҷастаи халқамон мебошад. С. Айнӣ дар асоси ҳаматарафа ва дақиқ омӯхтани анъанаҳои пешқадами фарҳанги мардумамон, инчунин таҷрибаи дигар халқҳои ҷаҳон ба адабиёт, маориф ва умуман фарҳанги тоҷик мазмун ва мундариҷаи нав даровард. Он, пеш аз ҳама, дар фаъолият ва эҷодиёти бойи С. Айнӣ мукаммал инъикос ёфтааст.

Бо Истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани ватанамон Тоҷикистони азиз аҳаммияти эҷодиёти С. Айнӣ хело боло рафт. Асарҳои сершумор ва гуногунжанри С. Айнӣ дар мустаҳкам кардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳуриямон, ваҳдати миллии мардумамон ва худшиносии халқамон хизмати арзанда карда метавонад. Мо меросбарони С. Айнӣ минбаъд эҷодиёти ин шахсияти маъруфро бояд вобаста ба вазифаҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тадқиқ кунем. Дар ташаккулёбии ақидаи сиёсӣ ва фарҳангии С. Айнӣ ҷараёни маорифпарварӣ ва минбаъд ҷадидӣ таъсири бевосита расониданд. Яке аз пайравон ва шогирдони содиқи Аҳмад Махдуми Дониш мураббии маънавии С. Айнӣ Шарифҷон Махдуми Садри Зиё ба таври махфӣ асари «Наводир-ул-воқеъ»-ро ба даст меорад. Барои рӯбардор ва китобат кардан ба С. Айнӣ ва А. Мунзим месупорад. Мутолиаи асари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-воқеъ» дар ақидаи сиёси ва ҷамъиятии С. Айнӣ инқилобро ба вуҷуд овард.Ҳаракати маорифпарварӣ минбаъд ташаккул ёфта, ҷанбаи бештар сиёсӣ мегирад. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар кишвари Туркистон -Аморати Бухоро ва хонигарии Хева дар заминаи маорифпарварӣ ҳаракати «ҷадидия» (навоварӣ) паҳн мегардад. Дар ташвиқу тарғиби ақидаи ҷадидӣ дар кишвари мо саҳми маорифпарвари маъруфи тотор Исмоили Ғаспарӣ (1851-1914) хело калон аст. Рӯзномаҳои таъсисдодаи вай «Тарҷумон», «Миллат», «Олами нисвон» дар Осиёи Миёна хело зиёд паҳн мешуданд ва хонандагони худро доштанд. Исмоили Ғаспарӣ як зумра мактабҳои усули навро дар Қрим таъсис дод, ки онҳо хело самаранок фаъолият мекарданд. Соли 1890 вай чунин мактабро дар Самарқанд низ таъсис дод. Барои мактабҳояш китобҳои таълимии «Хоҷаи Сибиён» (Муаллими кӯдакон)» ва «Роҳбари муаллим» (Роҳнамои муаллим)-ро таълиф намуд. Ҳаракати ҷадидҳо дар муҳити Бухорои амирӣ ягона қувваи мухолиф буд ба муқобили системаи зулму истибдоди амирони манғит. Ҷадидҳои Бухоро қариб чор ҳазор нафарро ташкил медоданд. Ҷадидони Бухоро ҳеҷ гоҳ худро ҷадид ном намебурданд. Онҳо худро расман ҷавонбухориён мегуфтанд. Аз сабаби он ки онҳо мактабҳои усули навро таъсис медоданд, онҳоро мардум ҷадид мегуфтанд.

Ҷадидони Бухоро соли 1910 бо номи «Тарбияи атфол» ҷамъияти махфӣ таъсис доданд. «Тарбияи атфол» маркази идоракунии ҷадидони Аморати Бухоро ба ҳисоб мерафт. Аз эҳтиёт гӯё ҷамъият ба тарбияи кӯдакон машғул буд. Дар амал фаъолияти сиёсӣ мебурд. Пешвоёни ҷадидҳои Бухоро А. Фитрат, Мирзо Сироҷ, Домулло Икром, Садри

Зиё, М. Мансуров, Ф. Хоҷаев, А. Мунзим, С. Айнӣ ва дигарон буданд. Пайдоиш ва ташаккулёбии ҷадидия дар Осиёи Миёна ба хусусиятҳои хосси инкишофи таърихии ин минтақа дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX вобаста буд. Ҳаракати мазкур бо мурури вақт ба як ақидаи пешқадами зиёиёни минтақа мубаддал гашт. Ҷадидон хело фаъолона ба азнавсозӣ ва ислоҳоти мактаб дар кишварамон сар карданд. Аввалин мактаби усули нав дар Бухоро моҳи октябри соли 1908 бо ташаббуси С. Айнӣ дар ҳавлии А. Мунзим ба фаъолият оғоз намуд. Фарзандони шахсони доро маблағ месупориданд, камбизоатон ройгон таҳсил мекарданд. Фаъолияти мактаб бо мушкилӣ пеш мерафт. Омӯзгорони ботаҷриба, васоити таълимӣ намерасид. Дар муддати кӯтоҳ барои мактаби мазкур С. Айнӣ китобҳои дарсии «Таҳзиб-ус-сибиён», «Заруриёти динӣ», «Тартил-ул-қуръон», «Баҳори дониш», «Холида»-ро таълиф намуд, ки барои фаъолияти самараноки мактаб мусоидат кард. Ҷадидон дар ибтидои асри XX кӯшиш мекарданд, ки мактабу маорифро дигаргун ва замонавӣ кунанд. Ҳаракати ҷадидон моҳиятан мазмуни маорифпарварӣ дошт. Онҳо мақсади дигар кардани системаи сиёсиро надоштанд.

Ғайричашмдошт барои мардуми мо дар Россия Инқилоби февралӣ ғалаба кард. 27-феврали соли 1917 дар Русия мутлақият сарнагун карда шуд. Амири Бухоро аз ҳомии худ - императори Русия Николайи II маҳрум гашт. Ҳукумати Бухоро кӯшиш кард, ки сарнагун гаштани мутлақиятро аз мардум пинҳон дорад, аммо ин бенатиҷа анҷом ёфт. Ҳаракатҳои сиёсӣ дар Бухоро хело ҷоннок шуданд. Инро мо аз асари С. Айнӣ «Мухтасари тарҷумаи холи худам» хело дақиқ мушоҳида мекунем.

Ба гуфти С. Айнӣ, вақте ки ҳукумати мутлақи Русия сарнагун шуд, дар Когон ва назди дарвозаи Бухоро намоишҳо ва митингҳо шудан гирифтанд. Дар байни аҳолии Бухоро ҳам як навъ ҳаракат сар шуд. Талаботи ин ҳаракат хело маҳдуд буд. Ин ислоҳоти дарбори амир, ба низом даровардани фаъолияти ҳукумат, ислоҳи мактабҳо, ислоҳи мадрасаҳо, ислоҳи андозҳо ва ғайра ба шумор мерафт. Ин талабҳо нав набуданд, пештар ҳам борҳо пешниҳод гашта буданд.

Ба қавли С. Айнӣ, баъди Инқилоби феврали соли 1917 роҳбари ҳаракати ислосҳотталабиро дар Бухоро ҷадидони маъруф А. Фитрат ва П. Усмонхоҷа ба даст гирифтанд. Онҳо дар Туркияи усмонӣ хонда, ташвиқоти пантуркистӣ мекарданд. Байни худ бо забони туркии усмонӣ гап мезаданд. Онҳо барои гузарондани ислоҳот ягон барнома надоштанд. Як миқдор мардумро дар атрофи худ ҷамъ карда, онро «ҷамъияти махфӣ » номида буданд [4]. Ҷадидони, ислоҳотталаб ба Ҳукумати муваққатии Россия ба Петроград ариза фиристода, хоҳиш карданд, ки амири Бухороро фармояд, то ин ки ислоҳот гузаронад. Як нусхаи аризаро ба генерал-губернатори Туркистон низ ирсол мекунанд. Буду шуди фаъолияти ҷадидон ислоҳотталаб бо ҳамин хотима меёбад. Аммо ҷамъияти махфии мо чӣ кор кард? Мегӯяд С. Айнӣ (вай дар назар дорад ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол»-ро Ё. А., Б. С) С. Айнӣ бо афсӯс қайд мекунад, ки ӯ ҳам ҳеҷ кор накард [4].

Аз рӯйи гуфти С. Айнӣ, ҷамъияти махфии онҳо баъд аз ғалабаи Инқилоби феврал ва сарнагун шудани саризм се бор ҷамъ мешаванд. Дар ҳамаи ҷамъомадҳо байни аъзоён нофаҳмӣ ва ҷанҷолҳо сар мезананд. Аз ҷиҳати сиёсӣ дар ин ҷамъ омадҳо С. Айнӣ дар мавқеи дуруст меистод. Вай таклиф кард, ки ҷамъият дар ҳолати махфӣ нигоҳ дошта шавад, вобаста ба талаботи сиёсии марҳила барнома сохта шавад. Аъзоёни ҷамъият дар ҳаракатҳои сиёсӣ рӯирост ё пинҳонӣ фаъолона ширкат кунанд. Ба ҳамаи фаъолияти онҳо ҷамъияти махфӣ роҳбарӣ ва назорат кунад. Қисми зиёди ҷамъияти махфӣ пешниҳоди С. Айниро қабул накарда, даъво мекарданд, ки модоме дар Россия револютсия шуд, ҷамъияти махфӣ ҳеҷ даркорӣ надорад. Онҳо таклиф мекарданд, ки ҷамъияти махфӣ пароканда карда шавад. Мавқеи сиёсии С. Айниро фақат се кас -додараш Сироҷиддин, Ҳомидхӯҷаи Меҳрӣ, Мирзо Нарзулло дастгирӣ мекунанд. Дигар ҳамаи аъзоёни ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» аз паси А. Фитрат ва ҳаммаслакони вай мераванд. Ҳамин тавр, баъд аз серӯза ҷанҷол С. Айнӣ маҷбур мешавад, ки таклифи худро дигар кунад. «Ҷамъият баста нашавад, фақат муваққатан аз кор бозистад» аъзоёни ҷамъият аз пушти ҳар касе раванд, ихтиёр доранд, валекин ҳар гоҳ, ки ба ҳаракати рӯирост ё нимрӯирост роҳ намонд, ҷамъият ба ҳайати кӯҳнааш ба кор медарояд [4, с.73].Ҷадидони Бухоро бо сарварии А. Фитрат ба хулосаи қатъӣ омаданд, ки Ҳукумати муваққатии Россияро водор кунанд, то амири Бухороро маҷбур кунад, ки ислоҳот гузаронад. Ислоҳот, ки ба фоидаи мардум бошад, минбаъд онро ҳама дастгирӣ мекунанд. С. Айнӣ таъкид мекунад, ки «дар ин вазъияти мураккаби сиёсӣ, худам маълумоти сиёсӣ надоштам. Аз ягон шахси инқилобӣ тарбия нагирифта будам. Бинобар ин чӣ кор карданамро надониста, як дараҷа ҳайрон ва саргардон будам» [4,с.74].

Аризаи ба Ҳукумати муваққатии Россия фиристодаи ҷадидон бенатиҷа намонд. Рӯзе аз Ҳукумати муваққатии Россия ба номи агенти сиёсӣ Миллер ва амири Бухоро Олимхон телеграмма меояд. Ба ақидаи С. Айнӣ, мазмуни телеграмма тақрибан ин тавр буд:

«Аҳолии Бухоро ислоҳот талаб мекардаанд. Талабашон дар доираи ризоии «ҷаноби олӣ» қаноат кунонда шавад» (ман мазмуни ин телеграммаро аз касе, ки ҳам бо қушбегӣ ва ҳам бо консулхона алоқа дошт, шунида будам) [4,с.74].Баъд аз омадани телеграммаи Ҳукумати муваққатӣ дар бораи гузаронидани ислоҳот дар Бухоро байни мардум овоза паҳн шуд, ки амир Олимхон ислоҳот мекардааст. Агенти сиёсии давлатии Россия дар Бухоро, қушбегӣ, умуман ягон шахси расмӣ оиди ислоҳот чизе намегуфтанд. Танҳо як бор раиси агенти сиёсии Россия Миллер роҳбарони ислоҳотталабонро ба ҳузури худ даъват мекунад (С. Айнӣ дар байни онҳо набуд). Аз онҳо талабҳояшонро мепурсад, онҳо аз ислоҳоти мактаб ва мадраса сар карда то ислоҳоти дигар ягон-ягон гуфта медиҳанд. Миллер дар ҷавоб арз мекунад, ки барои ислоҳоти мактаб ва мадраса ҳанӯз барвақт аст, муллоҳои калон муқобиланд. Дигар талабҳо бошанд, бо марҳамати ҷаноби олӣ хуб хоҳад шуд. Дар паси ҳамин воҳӯрӣ Миллер расман ба мухбирони матбуот хабар медиҳад: «Ҷаноби оли амири Бухоро ислоҳоти васеъ мекунад» [4, с. 75]. Лоиҳаи фармони ислоҳот аз тарафи агенти сиёсии Россия дар Бухоро тайёр карда мешуд. Мардум умедвори ислоҳот буданд. Қозикалон ва раиси шаҳри Бухоро, ки ба ислоҳот зид буданд, аз мансабҳояшон сабукдӯш карда шуданд. Шарифҷон махдум қозикалон ва Абдусамадхӯҷаро раис таъйин мекунанд. Инҳо ба ислоҳот як дараҷа тарафдор буданд. С. Айнӣ хуб мефаҳмид, ки ислоҳоти амир мазмунан ва моҳиятан моҷароҷӯёна аст. Инро борҳо ба ислоҳотталабон ва роҳбарони асосии ҷадидон хабар медиҳад. Онҳо маслиҳати С. Айниро ҳатто шунидан намехостанд.

Ҳамин тавр, рӯзи эълони ислоҳот расид. Рӯзи 6-апрели соли 1917 одамони қушбегӣ, қозикалон, раиси Бухоро бо саркардаҳои калон, муллоҳои калон ва чил нафар бойҳои калон хабар медиҳанд, ки рӯзи ҷумъа 7-апрел соати даҳ ба қароргоҳи амир, ба Арк ҳозир шаванд. Таклиф шифоҳӣ буд, сабаби даъват маълум набуд. Аммо мардум мегуфтанд, ки «фармони ислоҳот эълон карда мешавад» [4, с.76].

Даъватшудагон дар соати муайян дар Арки амир ҷамъ шуданд. Амир низ он ҷо ҳузур дошт. Бо ишорати қушбегӣ қозикалон фармонро хонд. Дигар ҳеҷ гапе ё нутқе нашуд. Бо ҳамин маросими эълони фармон ба итмом мерасад. Одамони амир чанд нусхаи онро ба майдони назди Арк-Регистон баровarда дар байни мардум ҳаво медиҳанд.

Ба гуфти С. Айнӣ, «мурда кирои гиристан намекард» [4, с.76]. Фармон бо ҳуруфи арабӣ бо забони тоҷикӣ дар матбааи сангин дастӣ чоп карда шуда буд. Мазмуни онро С. Айнӣ дар асараш «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» шарҳ додааст. Амир дарбори худро ислоҳ мекунад, барои коркунони ҳукумат моҳона таъйин мекунад. Ҳукуматдорон ҳаракати худсарона намекунанд. Закот, хироҷ ва дигар андозҳо ба тартиби муайян пардохт мешаванд. Инъом, эҳсон ва пешкашҳои дарборӣ барҳам дода мешавад. Дар Бухоро як матбаа кушода мешаванд. Аз мардуми доно ва соҳибдониши Бухоро (ҷадидон дар назар дошта шуда буд. Ё. А, Б.С), дар пеши ҳукумат як маҷлиси машваратӣ таъйин карда мешавад. Хазинаи ҳукуматӣ муайян карда, харҷу дахл ба ҳисоб гирифта мешавад. Вассалом [4, с. 77]. Ин мазмуни фармон дар як саҳифаи калон бо ибораҳои душворфаҳм навишта шуда буд. Дар чанд ҷойи фармон махсус, такрор ба такрор таъкид карда мешавад… Ислоҳот ва табаддулоти идораҳои ҳукуматии мо бар вафқи шаръи шариф шуда …. Ба ақидаи С. Айнӣ, худи ҳамин қайд нишон медод, ки ҳеҷ кор нахоҳад шуд ва ҳар талаберо, ки ислоҳотхоҳон ба майдон андозанд, ба баҳонаи ин кор «мувофиқи шаръи шариф нест рад хоҳад шуд» [4, с. 77].

Аммо амалан ислоҳотхоҳон, ба гуфти С. Айнӣ, ин нуқтаро намефаҳмиданд. Роҳбарони онҳо ҷадидони ин бахшиши амирро хело хуш қабул карда, дар рӯзи нашри он 7-апрели соли 1917 дар кӯчаҳои Бухоро ҳамоишҳои шукрона ташкил карданд. Фармонро шарҳи мукаммал дода, ба амир изҳори ташаккур мекарданд. Ҷадидон бо ин ҳам қаноат накарда, рӯзи шанбе 8-апрел намоиши шодиёна ва шукрона ташкил карданӣ мешаванд. Барои он ҳама дар як ҳавлӣ ҷамъ мешаванд. Дар он маҷлис С. Айнӣ низ иштирок дошт. С. Айнӣ зидди намоиши шодиёна ва шукронаи ҷадидҳо буд. Зеро, ба фикри вай, фармон ба намоиши шукрона арзанда набуд. Ғайр аз ин, намоишро баҳона карда, ҳукумат аксулҳаракат мехезонад. Аз рӯйи адлу инсоф бояд қайд кунем, ки амир Олимхон низ ҷадидонро дар ин бора огоҳ карда буд. Ин пешниҳоди С. Айниро ҷадидон рад мекунанд. Тарафдорони С. Айнӣ 2-3 нафар буданду халос.

Роҳбарони ҷадидон қарор доданд, ки ба агенти сиёсии Ҳукумати муваққатӣ Миллер вакил фиристода, барои намоиш аз ӯ рухсат гиранд ва ҳам ба миёнаравии вай аз ҳукумати амир дастаи мусиқачиёни ҳарбиро талабида, намоиши шодиёна ва шукронаро боз хам боҳашамат кунанд. Шаби 8-апрел соли 1917 С. Айнӣ ба воситаи чанд дӯсташ ба роҳбарони ҷадидон мактуб мефиристад, ки намоиши шукронаро манъ кунанд. Ин кӯшишҳои вай бенатиҷа мемонад. С. Айнӣ саҳарии барвақт ба ҷойи ҷамъшавии доимии ҷадидон -Лаби ҳавзи Девонбегӣ меравад. Мардуми бисёр ҷамъ шуда, ҳама ба шавқу завқ ба намоиши шукрона тайёрӣ медиданд. Барои намоиш байрақҳои бахмал тайёр карда ва дар онҳо бо риштаҳои тиллоӣ «Зинда бод амири Ҳурриятпарвар-амир Олимхон» ва ба

ҳамин монанд шиорҳои гуногун буданд. Ҳамаи шиорҳо мазмуни шукрона ва шодиёна доштанд. С.Айнӣ, ки пеши намоиши шукронаи ҷадидонро гирифта наметавонад, ноумед шуда, ба ҳуҷрааш бармегардад. Аз ҳуҷрааш боз якчанд қосид мефиристад, ки онҳо ҳам ғайб мезананд. Соате чанд дар Бухоро аксулинқилоб авҷ мегирад, муллоҳо бо калтак ва теша ба ҳар сӯ медавиданд. Одамони ҳукумат асп медавонданд. Муллоҳо «во шариато» гӯён фарёд мекарданд. Баъди як соати дигар фиристодаи С. Айнӣ аз тарафи кӯча тирезаро кӯфта хабар дод, ки намоиш сар шудааст, аксулҳаракат ба ҳуҷум гузаштааст. Одамони амир иштироккунандагони намоишро дастгир карда, ҳабс карда истодаанд. Роҳбарони ҷадидон гурехтанд. Аз онҳо касе ба даст наафтодааст.

Барои С. Айнӣ роҳи гурез баста буд, агар аз ҳуҷра мебаромад, вайро муллоҳои мутаассиб ба ҳалокат мерасонданд. Вай шабро маҷбур дар ҳуҷрааш рӯз мекунад. Ҳанӯз офтоб набаромада, навкарони амир тирезаи ҳуҷраро шикаста, С. Айниро ба кӯча ҳаво медиҳанд. Боз лату кӯб карда, ба фойтун бор мекунанд.Тамоми роҳ одамони қушбегӣ вайро лату кӯб менамуданд. Бо супориши қушбегӣ С. Айниро ба ҳабсхонаи Арк мебаранд. Сипас, С. Айниро ба ҳамроҳии дӯсташ Мирзо Назрулло бурда, 75 чӯб мезананд. Бояд махсус таъкид кунем, ки фармони 75 чӯб заданро дар Бухоро фақат амир ҳақ дошт эълон кунад, зеро ин ба ҳукми қатл баробар буд. Аксари 75 чӯб задашуда ҳалок мегаштанд. Аз ҷумла дӯст ва ҳаммаслаки С. Айнӣ Мирзо Назрулло баъди 75 чӯб хурдан ҳалок шуда буд.

Акнун каме таваққуф мекунем ба фармони амир Олимхон аз 7-апрел соли 1917 доир ба ҷорӣ карданиислоҳот дар Бухоро бо талаби ҷадидон. Дар китобҳои дарсӣ ва илмии мо ин фармон то андозае яктарафа шарҳу эзоҳ ёфтааст. Ба ҳамааш амир Олимхонро гунаҳгор мекунанд. Бояд як чизро махсус қайд кунем, ки амир мехост махсусан баъди Ғалабаи Инқилоби февралӣ ва сарнагун шудани ҳукумати подшоҳӣ дар Россия бо ҷадидон ҳамкорӣ кунад. Ҳамкории амир Олимхон бо ҷадидон бо шикасти ҳарду тараф анҷом ёфт. Зеро муллоёни мутаассиб дар Бухоро ҳукумати бемаҳдуд доштанд. Амирро маҷбур карданд, ки фармонашро бекор кунад ва ҷадидонро ҳамчун ташаббускори он ҷазо диҳад. Амири сустирода фармони худро аз 7-апрели соли 1917 оиди ислоҳот дар Бухоро бекор карда, ҷадидонро ҷазо дод. Ҳарчанд дар ин ҳаракати ислоҳотхоҳона С. Айнӣ фаъол набуд, вай низ дар қатори дигарон ҷазои сахт гирифт.

Аммо ин барои С. Айнӣ бенатиҷа ба анҷом нарасид, вай мавқеи сиёсиашро аз ислоҳотчӣ ба инқилобчӣ иваз кард. Ба мавқеи интернатсионалистӣ гузашт. Ин имкон дод, ки С. Айнӣ ташаббускори фарҳанг, таърих, адабиёт ва маънавиёти муосири мо гардад. Муборизаҳои сиёсӣ С. Айниро обутоб доданд. Ҳарчанд дар ин мубориза вай ду бародарашро аз даст дода буд. С. Айнӣ ба мардумаш хизмати арзандае кард. Ҳамин ҷиҳати эҷодиёт ва фаъолияти С. Айниро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори аввалинҳо унвони олӣ -Қаҳрамони Тоҷикистонро ба С. Айнӣ сазовор донист. Инчунин, бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахустин муассисаи олии Тоҷикистон -Донишгоҳи омӯзгорӣ ба номи вай гузошта шуд.

**АДАБИЁТ**


1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. –Душанбе: Адиб, 1987.
2. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Куллёт. – Душанбе, 1958. -Ҷ.14.
3. Айнӣ С. Осори баргузида дар ду ҷилд.-Душанбе: Ирфон, 1977.
4. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам// Осори баргузида дар ду ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 1977.
5. Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст. Осори баргузида дар ду ҷилд. –Душанбе: Ирфон, 1977.
6. Айнӣ С. Ёддоштҳо. –Душанбе, 2009. Сарредаксияи илмии энсклопедияи миллии тоҷик. -680с.
7. Гафуров Н.У. Роль и место джадидизма в развитии просвещения и духовной культуры народов Средней Азии конца XIX –начала XX.вв. / Н.У. Гафуров. –Душанбе: Ирфон, 2013.


**САДРИДДИН АЙНӢ ВА ФАРМОНИ 7- АПРЕЛИ СОЛИ 1917 АМИР ОЛИМХОН ОИД БА ИСЛОҲОТ**


Дар саромади тамаддуни ҳар як халқ ва қавм шахсони заковатманде меистанд, ки инкишофи фарҳангашон бо номи онҳо зич алоқаманд аст. С. Айнӣ дар асоси ҳаматарафа ва дақиқ омӯхтани анъанаҳои пешқадами фарҳанги мардумамон, инчунин таҷрибаи дигар халқҳои ҷаҳон ба адабиёт, маориф ва умуман фарҳанги тоҷик мазмун ва мундариҷаи нав даровард. Он, пеш аз ҳама, дар фаъолият ва эҷодиёти С. Айнӣ мукаммал инъикос ёфтааст. Дар ташаккулёбии ақидаи сиёсӣ ва фарҳангии С. Айнӣ ҷараёни маорифпарварӣ ва минбаъд ҷадидӣ таъсири бевосита расониданд. Ҳаракати маорифпарварӣ минбаъд ташаккул ёфта, ҷанбаи бештар сиёсӣ мегирад. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар кишвари Туркистон -Амороти Бухоро ва хонигарии Хева дар заминаи маорифпарварӣ ҳаракати «ҷадидия» (навоварӣ) паҳн мегардад. Муборизаҳои сиёсӣ С. Айниро обутоб доданд. Ҳарчанд дар ин мубориза вай ду бародарашро аз даст дода буд. С. Айнӣ ба мардумаш хизмати арзандае кард. Ҳамин ҷиҳати эҷодиёт ва фаъолияти С. Айниро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар қатори аввалинҳо унвони олӣ -Қаҳрамони Тоҷикистонро ба С. Айнӣ сазовор донист.



**Калидвожаҳо:** ваҳдат, миллат, инқилоб, ҷадид, фармон, Регистон, устод, саҳм, муаррифӣ, таърих, тоҷикон, мубориза, қаҳрамонӣ, озодӣ.


**САДРИДДИН АЙНИ И МАНИФЕСТ ОТ 7- ГО АПРЕЛЯ 1917 ГОДА АМИРА АЛИМХАНА О РЕФОРМЕ**


На основании цивилизации каждого народа и народности стоят великие личности, развитие культуры которых связано с их именами. Он был одним из первых исследователей истории и культуры своего народа.

Садриддин Айни на основе всестороннего и тщательного изучения передовых традиций культуры своего народа, также практики других народов мира, внес в литературу, образование и в целом в культуру таджикского народа новый смысль и содержание. Это, прежде всего, отражается в деятельности и творчестве Садриддина Айни. На формирование политического и культурного взгляда Садриддина Айни оказало непосредственное влияние просветительское, а затем джадидское движение. Просветительское движение впредь формируясь, получило политическую окраску. В конце XIX и начале XX веков в Туркестане – Бухарском Эмирате и Хивинском ханстве, на почве просветительства получает распространение движение «джадидизм» (обновленчество). Политическая борьба закалила Садриддина Айни. Немотря на то что в этой борьбе Садриддин Айни потерял двух своих братьев, он оказал своему народу великую заслугу. Принимая во внимание вклад и заслуги Садриддина Айни как народного писателя, общественного деятеля, основоположника современной таджикской литературы, Основатель мира и национального согласия, Лидер Нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон одному из первых присвоил ему почетное звание «Герой Таджикистана».

**Ключевые слова:** ваһдат, нация, революция, джадид, манифест, Регистан, наставник, вклад, представление, история, таджики, борьба, героизм, свобода.

**SADRIDDIN AINI AND THE MANIFESTO FROM APRIL 7, 1917, BY AMIR ALIMKHAN ABOUT REFORM**

On the basis of the civilization of each nation and nationality are great personalities whose cultural development is associated with their names. He was one of the first researchers in the history and culture of his people. Sadriddin Aini, on the basis of a comprehensive and thorough study of the advanced traditions of the culture of his people, as well as the practice of other peoples of the world, introduced a new meaning and content to the literature, education and the culture of the Tajik people as a whole. This is primarily reflected in the activities and work of Sadriddin Aini. The formation of the political and cultural view of Sadriddin Aini was directly influenced by the educational and then the Jadid movement. The educational movement, being formed in the future, received a political coloring. At the end of the XIX and the beginning of the XX centuries in Turkestan - the Bukhara Emirate and the Khiva Khanate, on the basis of enlightenment, the movement "Jadidism" (renovationism) became widespread. The political struggle tempered Sadriddin Aini. Despite the fact that Sadriddin Aini lost his two brothers in this struggle, he rendered great merit to his people. Taking into account the contribution and merits of Sadriddin Aini as a national writer, public figure, founder of modern Tajik literature, Founder of Peace and National Accord, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, was one of the first to award him the honorary title “Hero of Tajikistan”.

**Keywords:** vadad, nation, revolution, jadid, manifesto, Registan, mentor, contribution, performance, history, Tajiks, struggle, heroism, freedom.

**Сведения об авторах:** ***Амиршох Ёрмухаммадов*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент, отличник образования и науки Таджикистана. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Бахорзода Сироджиддин*** -Таджикский национальный университет, аспирант кафедры историографии и архивоведения . **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон: **934-77-80-77**

**Information about the authors:** ***Yormuhammadov Amirshokh*** - Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor, excellent student of education and science of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.
***Bahorzoda Sirojiddin*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Historiography and Archival Studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **934-77-80-77**

**УДК: 72.036 (575.3)**

# ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ТРАДИЦИЙ В ЗОДЧЕСТВЕ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И ИНДИИ В ДРЕВНОСТИ И СРЕДНЕВЕКОВЬЕ

***Мукимова С.Р., Каримов Махмадрахим, Шерматов М.У.***
**Таджикский технический университет им. М.С.Осими,**
**Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша АН РТ**

Эпоха Наджмитдина Гавхари Кавкаби (1468-1532 гг.), выдающегося таджикского поэта и теоретика музыки, 550-летний юбилей которого в 2018 году торжественно отмечает мировая общественность, знаменательна многими событиями. В частности, в XVI-XVII века происходит активное взаимообогащение музыкальных культур таджикских центров культуры – Самарканда, Бухары, Мерва и Дели. Таджикский исследователь, профессор Аскарали Раджабов, исследовавший эту тему, приводит имена крупных поэтов, музыкантов, теоретиков музыки, участвовавших в этом плодотворном процессе. Среди них: Наджмитдин Кавкабийи Бухорои, Иноятхон Росих, Мавлоно Тугро, Мавлоно Косим Кухийи Сугдийи Самарканди, Факирулло Сайфхона, Мухаммад Равшанзамир, Мулло Исхок, Шайх Хизр, Шайх Баджу, Мирзо Окил, Хасанхон Тани, Миан Суратсин, Шайх Шурмухаммад, Шайх Акбар, Шайх Муиниддин и многие другие, которые внесли немалый вклад в культурное взаимодействие двух народов [11, с. 35]. В эту эпоху также ярко проявляется влияние зодчества таджиков на индийскую архитектуру. Особую популярность приобретает самаркандская школа живописи, которая оказывала влияние на монументальные памятники в Индии.

Солҳои 1949-1950 Н.Н.Неъматов дар умури иктишофии бостоншиносии ёдгориҳои Истаравшан ширкат намуда, бо маводи дар он замона ягона ёдгории ҳафршудаи Уструшана –Мунҷактеппа ошноӣ пайдо мекунад. Соли 1957 пажӯҳиши ӯ зери унвони «Уструшана дар аҳди бостон ва аввали асрҳои миёна» ба чоп мерасад, ки дар ин асар ба уфуқҳои норавшани баъзе масоили мубрами таърихи Уструшана равшанӣ меандозад. Ин асар шарҳи мухтасари таърихӣ-ҷуғрофиёии Уструшанаро аз аҳди бостон то садаи X дар бар гирифта, аз шарҳи сарчашмаҳо пиромуни роҳҳои қуруни вустоӣ муҳаққиқ харитаи ин вилоятро бо мушаххас сохтани роҳҳои Уструшана, работҳо ва манотиқи аҳолинишини он кашида ва дар харитаи муосир макони ҷойгузинии шаҳрҳо ва рустоҳои қуруни вустои Уструшанаро мушаххас сохт. Дар ин асар Н.Н.Неъматов ба таърихи сиёсии кишвар тавзеҳоти бештаре дода, бо такя ба маводи сарчашмаҳои дастрасбуда ҷадвали шаҷараи намояндагони хонадони ҳокими ин ҷойро муайян сохтааст. Бо дарки мубрамияти пажӯҳиши ҳамаҷонибаи таърихи бостонии Истаравшан академик Н.Н.Неъматов ба таҳқиқи густурдаи бостоншиносии тамоми марзи Истаравшан пардохт, ки муаррихро кашфиётҳои муҳимми бостоншиносӣ дастрас гардиданд. Барои муаррифии фарҳанги ғании Истаравшан зарурати нашри тамоми мадорики дар натиҷаи ҳафриёт бадастомада пеш омад. Дар ин замина Н.Н.Неъматов мубтакири нашри нахустсилсилаи корҳое бо номи «Мадорики фарҳанги Уструшана» гашт, ки яке аз силсилакитобҳо «Шаҳристон дар асрҳои миёна» ном дорад. Масоили тамаддуни шаҳрӣ касб намудани Истаравшан қисмати бузурги ҷустуҷӯҳои илмии Н.Н.Неъматовро фаро гирифта ва бори нахуст ин масъала дар нахустпажӯҳишҳои ӯ матраҳ гардиданд. Дар солҳои 60-уми садаи гузашта ҳафриётҳои анҷомдодаи гурӯҳи олимон зери назари Н.Н.Неъматов ба тасвиб расонидаанд, ки дар қаламрави Уструшана шаҳрҳои бузургу кӯчак, рустоҳо, дижҳо баёнгари тамаддуни пешрафта маҳсуб мешаванд. Истаравшан соҳиби тамаддуни мутараққии оламшумули кишоварзӣ, ҳунармандӣ, меъморӣ ва санъаткорӣ буд. Ҳафриётҳое, ки Н.Н.Неъматов дар димнаи Қалъаи Қаҳқаҳа, Чилҳуҷра, Ӯртақӯрғон бурдааст, сохт таркиб ва истеҳкомҳои шаҳру деҳот ва кӯшкҳо, нақшаҳои биноҳои истиқоматӣ, қасрҳо, маъбаду масҷид, дахмаю мақбара, усулҳои гуногуни меъморию санъати ородиҳии онҳо аз дараҷаи баланди инкишофи маданияти моддӣ ва тамаддун шаҳодат медиҳанд. Бунҷикат пойтахти асримиёнагии Уструшана мувофиқи маъхазҳои хаттии асрҳои IX-X дар мавзеи хушобу ҳаво ҷой гирифта, аҳолии сершуморе дошт. Дар деворҳои биноҳои Бунҷикат осори барҷастаи кандакорӣ ва тасвироти рангоранг аз мавзӯъҳои ривоятӣ боқӣ мондааст. Дар байни ёдгориҳои санъати тасвирии уструшаниҳо асарҳои барҷаста бисёранд: инъикоси ривояти модагург, ки ду кӯдаки инсонро шир медиҳад, тасвироти худою олиҳа, муҳорибаву размҳои девҳову фариштаҳо, ҷанговарони болдор, уднавоз, лавҳаи кандакорӣ дар мавзӯи мубоbooризаи қувваҳои неку бад ва амсоли инҳо дида мешавад. Бунҷикат шаҳри мутараққӣ, дорои дараҷаи маданияти моддӣ ва маънавии хеле баланд буд [2, с.10-18].

Ба Н.Н.Неъматов кашфи асрори Истаравшани бостонӣ - вилояти дорои тамадуни хеле ғанӣ ва қадима дар доманакӯҳҳои водиҳои Фарғона ва Хуҷанди кадима (Александрияи Эсхата) ва як зумра бозёфтхои дигари нодир тааллуқ доранд, ки дар натиҷаи фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва ҳафриётҳои Дастаи комплексии археологии шимолии Тоҷикистон тайи солҳои 60-70-уми асри XX таҳти сарварии ӯ ба даст омадаанд [9].

Академик Нуъмон Неъматов бо шогирдонаш даҳҳо ёдгориҳои археологиро дар ҳудуди вилояти ҳозираи Суғд кашф, осори сершумори тамаддун ва таърихӣ-меъморӣ, ороишоти наққошию ҳаккокӣ ва бозёфтҳои моддии нодир ва пурарзишро таҳқиқу таҳлил намуда, онҳоро ба нашр расонид ва дастраси аҳли илм намуд. Н.Н.Неъматов аввалин муҳаққиқи давлати бостонии Уструшана буда, таҳти роҳбарии ӯ ҳафриёти димнаи пойтахти ин давлат- шаҳри Бунҷикат (димнаи Қалъаи Қаҳқаҳа I-III дар Шаҳристони имрӯза), ёдгориҳои атрофи он (Чилҳуҷра, Чоршохатеппа, Тоштемиртеппа, Ӯртақӯрғон,

Тирмизактеппа ва ғ.), харобаҳои дигар шаҳру деҳкадаҳо, дафнгоҳҳои Уструшана (Муғтеппа, Нуртеппа, Ширин, Хоняйлов), Илоқ (Тиркаштеппа, Капатеппа, Чуғхона), Фарғонаи Ғарбӣ (Қалъаи Афросиёб, Тӯдаи Калон, Тӯдаи Хурд) ва ғайра ошкор карда шуданд. Дар ёдгориҳои ин мавзеъҳо осори санъати меъморӣ, наққошӣ, ҳаккокӣ, аз ҷумла шоҳкориҳои маданияти оламшумул кашф шудаанд [7,с.8].

Саҳм ва хидмати академик Нуъмон Неъматов дар омӯзиши археологии Хуҷанди бостонӣ хеле бузург ва беҳамто аст. Солҳои 1954-1986 бо роҳи кофтукоби доманадору тадқиқоти статсионарӣ ва стратиграфӣ бо сарварии академик Н.Н.Неъматов кашфиёти илмии осори моддӣ-таърихӣ, замони бунёдшавӣ ва стратиграфияи муттасилу пайиҳами 2500-солагии шаҳри Хуҷанд имконпазир шуд. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ ва маълумоти бостоншиносӣ муаррихи барҷаста Н.Н.Неъматов бисёр масъалаҳои таърихи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Хуҷанду Уструшанро ҳаллу фасл намудааст. Академик Н.Н.Неъматов муҳаққиқи варзидаи таъриху маданияти давлати Сомониён, масъалаҳои этногенези халқи тоҷик мебошад.Таҳти сарварии академик Н.Н.Неъматов аз соли 1954 то соли 1991 кулли ноҳияҳо ва шаҳрҳои маъруфи шимоли Тоҷикистон ба тадқиқи бостоншиносӣ фаро гирифта шуданд ва дар онҳо осори маданияти кишоварзӣ, иншоотҳои обёрӣ, шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ ва санъат дигар ошкор гардиданд.

Академик Н.Н.Неъматов дар илми тамаддуншиносии ватанӣ корҳои арзандаеро анҷом додааст. Ба шарофати комёбиҳои илмии худ академик Н.Н.Неъматов на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он таърихи пурғановати тоҷиконро муаррифӣ кардааст.

## АДАБИЁТ


1. Воднев В.В. На перекрёстках истории (к 80- летию академика Н.Н.Негматова) / В.В. Воднев // Центрально- азиатские гуманитарные исследования. - Худжанд, 2008. -№7.- С.17.
2. История, архитектура и искусство Уструшаны. Составитель Р. Мукимов. Отв. ред. А.Раджабов. (Памяти Нумана Негматовича Негматова). -Душанбе: Контраст, 2013. -588 с.
3. Массон В.М. Нуман Негматович Негматов / В.М. Массон, С.А. Абдуллаев /Отв.ред. Мукимов Р.С. (Материалы с биобиблиогр.учен.Таджикистана;Вып. 72). -Душанбе: Мерос, 1998. -274 с.
4. Негматов Н.Н. Раскопки в Северном Таджикистане / Н.Н.Негматов // Археологические открытия 1972 г. / АН СССР. Ин.-т археологии. -М.,1973. -С489-491.
5. Негматов Н.Н. Древняя и раннесредневековая Уструшана / Н.Н.Негматов// Археологи рассказывают. - Сталинабад, 1959. -С.114-134.
6. Негматов Н.Н. Уструшанский замок в Шахристане / Н.Н.Негматов, Т.И. Зеймал // Сов.археология.-1959.-№2.-С.205-217.
7. Негматов Н.Н. Средневековый Шахристан / Н.Н.Негматов, С.Г. Хмельницкий.- Душанбе, 1966. -С.145.
8. Негматов Н.Н Исследования СТАКЭ в 1983 г./ Н.Н.Негматов // Археологические работы в Таджикистане. -Душанбе,1991.-Вып.23 (1983 г.). –С.9-14.
9. Негматов Н.Н. Уструшана в древнем и раннем средневековье./ Н.Н.Негматов / Отв.ред. Литвинский Б.А.- Сталинабад: Изд-во АН Тадж. ССР, 1957.-160 с., 1 л. Карт.-(Тр./АН Тадж ССР. Ин-т. Истории, археологии и этнографии; Т.55).
10. Негматов Н.Н. Страницы из прошлого Ленинабада.1:Александрия Крайняя //Н. Н. Негматов // Ленинабадская правда.- 1956.-6, янв.-С-9.
11. Работы Ходжентско - Уструшанского отряда в 1958 г.// Тр.Ин-та истории им. А.Дониша АН Тадж.ССР.- 1961. -Т.27: Археологические работы в Таджикистане в 1958 году, вып.6.-С.113-120.


## КУШОЯНДАИ ТАЪРИХИ КУҲАН


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи фаъолияти илмии донишманди тоҷик Нуъмон Неъматович Неъматов маълумот додааст. Академик Нуъмон Неъматов яке аз бузургтарин олимони тоҷик буда, тамоми умри худро ба илми таърих бахшидааст. Академик Н.Н. Неъматов бунёдгузори мактаби нави илмӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Саҳми Нуъмон Неъматов дар кашфи шаҳри бостонии Хуҷанд хеле назаррас аст. Академик Нуъмон Неъматов яке аз бостоншиносони бузурги тоҷик мебошад, ки дар кашфи шаҳри қадимаи Искандарияи Ақсо саҳм гузоштааст. Академик Нуъмон Неъматов, кушояндаи шаҳри қадимии Истаравшан мебошад. Асарҳои илмии ӯ ба фонди тиллоии илмии тоҷик дохил карда шудаанд. Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.Неъматов дар омӯзиши таърихи қадима ва фарҳанги халқи тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Дар ташаккул, равнақу ривоҷ, шуҳрати оламгир пайдо намудани илми бостоншиносии тоҷик саҳму хидматҳои донишманди мумтози таърих ва фарҳанги тоҷикон, бостоншиноси маъруф, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуъмон Неъматов беандоза ва шоистаи таҳсин аст. Номи Н.Н.Неъматов дар саргаҳи илми бостоншиносии тоҷик қарор дошта, ӯ воқеан пешоҳанг, қофиласолор, поягузори илми бостоншиносии миллӣ маҳсуб меёбад. Академик Н.Н. Неъматов дар рушди илми таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст. Н.Н. Неъматов таърихи бостон ва қуруни вустои халқи тоҷик, равандҳои фарҳангӣ ва этникии Тоҷикистони муосирро муаррифӣ намуда, ҷой ва нақши аҷдодони халқи тоҷикро дар таърихи тамаддуни минтақавӣ ва ҷаҳонӣ муайян намуд.



**Калидвожаҳо:** Неъматов Н.Н., археология, экспедитсия, таърихи халқи тоҷик, этногенез, Сомониён, Мовароуннаҳр, Хуросон, Хуҷанд, Истаравшан.

**ОТКРЫВАТЕЛЬ ДРЕВНЕЙ ИСТОРИИ**

В данной статье речь идёт о научной деятельности крупнейшего современного историка, оригинального мыслителя, достойного представителя таджикской интеллигенции, выдающегося медиевиста академика Нумона Негматовича Негматова. Академик Нумон Негматов, один из крупнейших таджикских ученых, который посвятил всю свою жизнь исторической науке. Академик Н.Н.Негматов является создателем и организатором в республике новой научной школы. В статье освещается о вкладе Нумона Негматова в открытие древнего города Худжанда. Академик Нумон Негматов, один из выдающихся таджикских археологов, который внес огромный вклад в открытие древнего города Александрии Эсхаты. Академик Нумон Негматов, первооткрыватель древнего города Уструшана, представил перед изумленным миром жемчужину Центральной Азии цивилизации древний Уструшана. Его крупные научные труды вошли в золотой фонд таджикской науки. Выдающийся ученый-историк и археолог, академик АН РТ Н.Н.Негматов внес весомый вклад в изучение древней и средневековой истории и культуры таджикского народа. Академик Н.Н.Негматов внес весомый вклад в развитие исторической науки в Республике Таджикистан. Академик Н.Н.Негматов беспристрастно и объективно исследовал древнейшую, древнюю и средневековую историю таджикского народа, культурные и этнические процессы современного Таджикистана, определял место и роль предков таджикского народа в истории региональной и мировой цивилизации.

**Ключевые слова:** Негматов Н.Н., археология, экспедиция, история таджикского народа, этногенез, Саманиды, Мавераннахр, Хорасан, Ходжент, Уструшана.

**DISCOVERER OF ANCIENT HISTORY**

In this article we are talking about the scientific activity of the largest modern historian, original thinker, a worthy representative of the Tajik intelligentsia, an outstanding medieval scholar of academician Numon Negmatovich Negmatov. Academician Numon Negmatov is one of the largest Tajik scientists who devoted his entire life to the history of science. Academician N.N. Negmatov is the creator and organizer of a new scientific school in the republic. The article highlights the contribution of Numon Negmatov to the discovery of the ancient city of Khujand. Academician Numon Negmatov is one of the outstanding Tajik archaeologists who made a great contribution to the discovery of the ancient city of Alexandria Eskhata. Academician Numon Negmatov, the discoverer of the ancient city of Ustrushana, presented to the astonished world the pearl of Central Asia of the civilization of ancient Ustrushana. His major scientific works entered the gold fund of Tajik science. An outstanding historian and archaeologist, academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan N.Negmatov made a significant contribution to the study of the ancient and medieval history and culture of the Tajik people. Academician N.Negmatov made a significant contribution to the development of historical science in the Republic of Tajikistan. Academician N.N. Negmatov impartially and objectively explored the ancient, ancient and medieval history of the Tajik people, the cultural and ethnic processes of modern Tajikistan, determined the place and role of the ancestors of the Tajik people in the history of regional and world civilization.

**Key words:** Negmatov N.N., archeology, expedition, history of the Tajik people, ethnogenesis, Samanids, Maverannahr, Khorasan, Khujand, Ustrushana.

**Сведения об авторе:** ***Ходжаев Мехровар Пардалиевич***–кандидат исторических наук, заведующий кафедрой истории древнего мира, средних веков и археологии ТНУ. Тел: **+ (992)918-47-11-67.** E-mail: **Mehrovar_kh@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khojaev Mehrovar Pardalievich*** - candidate of historical sciences, Head of the Department of the History of the Ancient World, Middle Ages and Archeology of TNU. Tel: **+ (992)918-47-11-67**. E-mail: **Mehrovar_kh@mail.ru**

**УДК:930.25 (575.3)**

# САҲМИ ПРОФЕССОР А.Ҷ.БОБОЕВ ДАР ОМӮЗИШИ ЁДГОРИҲОИ АРХЕОЛОГИИ ПОМИРИ ҒАРБӢ

***Шоинбеков Ф.Н.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таърихи аҳди қадим ва асрҳои миёнаи Помир дар натиҷаи кашфиётҳои бостоншиносӣ маълум гардидааст. Бори аввал дар Помир ковишҳои бостоншиносӣ аз тарафи олими машҳур А.Н.Бернштам дар соли 1946 гузаронида шуданд. Бернштам А.Н. аввалин шуда, исбот намуд, ки Помир биёбони холӣ набуда, дар он ҷо ёдгориҳое маҳфузанд, ки на танҳо барои омӯзиши таърихи Помир, балки барои пажӯҳиши баъзе масъалаҳои калидии таърихи Осиёи Миёна аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамин тавр А.Н.Бернштам ҳамчун асосгузори бостоншиносии Помир ва бостоншиносон Б.А.Литвинский, В.А.Ранов, А.Ҷ.Бобоев, М.А.Бубнова, В.А.Жуков, Ю.Якубов ва дигарон давомдиҳандаи кори ӯ мебошанд. Ҳар як аз ин олимон дар омӯзиши давраҳои мухталифи таърихи Помир тадқиқот гузаронида, мақола ва асарҳои ҷолиб нашр намудаанд.

Яке аз олимон, ки маҳз ба омӯзиш ва таҳқиқи ёдгориҳои бостонии Помири Ғарбӣ машғул шуд, профессор Актам Ҷӯраевич Бобоев мебошад. Профессор А.Ҷ.Бобоев 25 ноябри соли 1932 дар шаҳри Сталинобод таваллуд шуда, хатмкардаи факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии ба номи Ленин мебошад. Соли 1958 баъди хатми Донишгоҳ фаъолияти кории Бобоев А. Ҷ. аз лаборанти калони шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши

АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ мегардад. Солҳои 1958-1961 Бобоев А.Ҷ. дар шуъбаи аспирантураи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ таҳсил намуда, дар баробари ин ба омӯзиши таърих ва археологияи Помир машғул гардидааст. Бобоев А.Ҷ. ҳанӯз аз давраи аспирантӣ дар гурӯҳи бостоншиносони Б.А.Литвинский, дар ковиши кӯрғонҳои Помири Шарқӣ ширкат мекард. Баъдан ӯ роҳбарии гурӯҳи бостоншиносии Помири Ғарбиро ба ухда гирифта, аз соли 1958 ба омӯзиши ёдгориҳои Помири Ғарбӣ машғул мешавад.

Ҳамин тавр А.Ҷ.Бобоев соли 1960 дар қалъаҳои Қаҳқаҳа, Ямчун, Рин, Даршай, Абрешимқалъа, Ратм дар водии Вахон, қалъаҳои Роштқалъа I, Рошткалъа, Шошбувад ва Ҷавшангоз дар водии Шоҳдара ва дар соли 1962 бошад, дар ёдгории Кокуйлбел тадқиқот гузаронида, дар гӯристонҳои Калтатур 12 қӯрғонро ҳафриёт мекунад. Дар соли 1963 бошад, Бобоев А.Ҷ. дар гӯристонҳои Змудк ва Чилхонаи водии Вахон, соли 1964 дар кӯрғонҳои деҳаи Птуп ва Шихшах ва соли 1965 дар гӯристонҳои Канкор ҳафриёт гузарондааст. Соли 1966 Бобоев А.Ҷ. тадқиқоти худро дар ёдгориҳои Вахон бо ҳафриёти гӯристонҳои Ямчун, Навобод ва Тӯпхонаи Касвир ба анҷом мерасонад. Соли 1967 тадқиқотҳои Бобоев А.Ҷ. аз Помири Шарқӣ тавассути Харгушӣ то деҳаи Лангари Ишкошим гузаронда шуда, гӯристонҳои Ричив, Юлмазор ва Юлмазор I кашф карда мешаванд. Аз соли 1969 то соли 1970 А.Ҷ.Бобоев дар гӯристонҳои дараи Абхарв, Рин ва Доҳипоён ва солҳои 1972 то 1975 бошад, дар гӯристонҳои Юрхбуқи водии Шоҳдара ҳафриёт гузарондааст [3, с.32]. Ҳамин тавр А.Ҷ.Бобоев дар 15 мавсими бостоншиносӣ дар водии баландкӯҳи Помир ҳафриёт гузаронида, даҳҳо ёдгории пуразиши таърихиро кашф намудааст.

Профессор А.Ҷ.Бобоев дар натиҷаи чанд соли фаъолияти худ дар Помири Ғарбӣ аз ёдгориҳои давраи биринҷӣ сар карда, то ёдгориҳои давраи ибтидои асрҳои миёнаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Аз тарафи бостоншинос А.Ҷ.Бобоев бори аввал дар Помири Ғарбӣ гӯристонҳои давраи биринҷии Калтатур, Баландкиик, Юрхбуқ, Юрхбуқ II, Юрхбуқ III кашф гардида, ҳамагӣ 47- қӯрғон дар ин гӯристонҳо ҳафриёт гардидаанд. Аз онҳо 12-қурғон аз гӯристони Калтатур, 5-қӯрғон аз гӯристони Баляндкиик, 15-қӯрғон ва 2-қутии сангӣ аз гӯристони Юрхбуқ, 10-қӯрғон аз Юрхбуқ II ва 5-қӯрғон аз Юрхбуқ III кофтуков шудаанд. Мавриди зикр аст, ки ковиши гӯристонҳои давраи биринҷи Помири Ғарбӣ то имрӯз ҳам ба охир нарасидааст. Одатҳои гӯронидан дар гӯристони Калтатур хеле ҷолиб буда, баъзе аз онҳо то имрӯз ҳам дар байни мардуми Помир бо шаклҳои дигар боқӣ мондаанд [1, с.12].Ба ғайр аз ин, дар натиҷаи ҳафриёти гӯристонҳои Внутк ва Зулбанд дар соли 2016 аз тарафи гурӯҳи бостоншиносӣ бо роҳбарии Ю.Яқубов дар Вахон маълум намудан мумкин аст, ки дар ин қисматҳо нишонаҳои замони давраи асри биринҷӣ то имрӯз ҳам боқӣ мондаанд.

Яке аз кашфиётҳои муҳимми Бобоев А.Ҷ. дар Помири Ғарбӣ ин кашфи гӯристонҳои давраи сакоӣ мебошад. Ӯ дар Помири Ғарбӣ гӯристонҳои Чилхона, Ямчун, Ричив ва Юлмазорро кашф намуда, дар онҳо ҳамагӣ 44- қӯрғонро кофтуков намуда, ашёҳои ҷолиби хосси қабилаҳои сакоиро ба даст овардааст. Тадқиқот дар ин самт маълум намуд, ки гӯристонҳои давраи сакоӣ дар Помири Ғарбӣ мансуби асрҳои IV-II пм мебошанд [1, с.12]. Аз рӯйи тарзи гӯронидан, ашёҳои дохили қабр ва шакли антропологии ҷасадҳо, гӯристонҳои сакоии Помири Ғарбӣ ба гӯристонҳои сакоии Помири Шарқӣ (Акбейт ва Тамди) монанд мебошанд [6, с.398]. Аз гӯристонҳои давраи сакоии ҳам Помири Шарқӣ ва ҳам Помири Ғарбӣ шумораи зиёди ашёҳо, аз қабили лавозимоти меҳнатӣ, яроқ, асбобҳои ороишӣ, сафол ва дигар намуди олоту асбобҳои рӯзгор ба даст омадаанд. Ин мавод имкон медиҳанд, ки шакли хоҷагидорӣ ва аз ҷумла эътиқоди қабилаҳои сакоӣ омӯхта шаванд.

Бештари ёдгориҳои давраи сакоӣ дар Помири Ғарбӣ дар водии Вахони ноҳияи Ишкошим пайдо гардидаанд. Бобоев А.Ҷ. дар деҳаи Змудки Вахон гӯристонҳои Чилхонаро кашф намуда, дар он 9-қӯрғонро пурра кофтуков намудааст. Қӯрғонҳои Чилхона шакли мудаввар дошта, бо сангҳо иҳота карда шудаанд. Дар баъзе аз ин қӯрғонҳо ҷасадҳо дар ҳолати қатъшуда бо ашёҳо гӯронида шудаанд. Аз рӯйи маводи гӯристонҳои Чилхона маълум мегардад, ки дар соҳили чапи дарёи Панҷ гурӯҳи калони сакоиҳо, ки бо сакоиҳои Помири Шарқӣ қаробати хешутаборӣ доштаанд, зиндагӣ намудаанд [4, с.194].

Гӯристони дигари сакоиҳо дар Вахон гӯристони Ямчун мебошад. Ин гӯристон дар соҳили чапи дарёчаи Ямчун воқеъ буда, Бобоев А.Ҷ. дар ин гӯристон 7-қӯрғонро пурра ҳафриёт намудааст. Бештари қӯрғонҳо мудавваршакл буда, бо тахтасангҳои калон иҳота шудаанд. Қӯрғонҳои гӯристонҳои Ричив ва Юлмазор низ чунин шакл ва сохтор дошта, дар Ричив ҳамагӣ 3-қӯрғон ва дар гӯристони Юлмазор бошад, 25-қӯрғон пурра ҳафриёт шудаанд [3, с.31-32].Бозёфтҳои аз қӯрғонҳои сакоиҳо пайдогардида дар тадқиқоти Бобоев А.Ҷ. хеле хуб таҳлил шуда, бо бозёфтҳо аз гӯристонҳои сакоӣ ва скифии дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна ва Сибир муқоиса гардиданд. Дар баробари дигар ашёҳои аз гӯристонҳои

сакоии Помири Ғарбӣ пайдогардида, оинаи биринҷӣ, корд, ярокҳои гуногун, лавозимоти ороишӣ ва ғайраҳо ҷолиби диққат буда, арзиши баланди таърихиро доро мебошанд.

Кашфи ёдгориҳои давраи сакоӣ дар Помири Ғарбӣ дар таърихи халқи тоҷик саҳифаи навро кушод. Маълум аст, ки сакоиҳо дар барҳам додани давлати Юнону Бохтар саҳм гузошта, дар пайдоиши халқиятҳои Помир нақш доранд [4, с.193-194]. Мардумшинос Моногарова Л.Ф. дар масъалаи этногенези мардуми Помири Ғарбӣ, қайд намудааст, ки халқиятҳои Помир маҳз аз қабилаҳои сакоӣ пайдо шудаанд [5, с.24]. Дар Помир пеш аз омадани қабилаҳои чорводори сакоӣ қабилаҳои кишоварзи бохтарӣ, ки мардуми бумии Помири Ғарбӣ буданд, зиндагӣ намудаанд. Ҳар ду ин қабила, ки ориёитабор буданд, аз якдигар бетаъсир намонданд ва бо ҳам омезиш ёфтанд. Пас бо баъзе далелҳо, аз ҷумла тадқиқотҳо дар соҳаи забоншиносӣ, этнографӣ метавон гуфт, ки мардуми кишоварзи бумии Помири Ғарбӣ бо сакоиҳои чорводор робитаи зич доштанд ва як қисми сакоиҳо аз чорводорӣ ба зироаткорӣ ва ҳаёти муқимӣ гузаштанд.

Ҳамин тавр, кашфи ёдгориҳои давраи сакоӣ дар Помири Ғарбӣ аз тарафи А.Ҷ.Бобоев қадами нахустин дар омӯзиши масъалаҳои зикргардида буда, бо кашфи ёдгориҳои нави давраи сакоӣ масъалаҳои марбут ба таърихи сакоиҳои Помир ҳалли пурраи худро пайдо хоҳанд кард.

Яке аз давраҳои муҳим дар таърихи ориёиҳо давлатдории империяи бузурги Кушониён буда, он дар ташаккули тамаддуни ориёиҳо нақши бузург дорад. Империяи Кушониён аз Хутан то Ҳиндустонро дар бар гирифта, дар ҷаҳон дар баробари Рум ва Чин нуфуз дошт. Империяи Кушониён зиёда аз 400 сол умр дидааст ва ба масъалаи мудофиавӣ, аз ҷумла ба сарҳад диққати ҷиддӣ медод. Дар замони Кушониён шаҳрҳои бузург бунёд ёфта, бо деворҳои мудофиавӣ ва истеҳкомҳои устувор ҳимоя мешуданд. Хушбахтона, қисман харобаҳои шаҳру деҳа ва истеҳкомҳои мудофиавии замони кӯшонӣ то замони мо омада расидаанд. Дар баробари дигар ноҳияҳои Осиёи Марказӣ дар водии баландкӯҳи Помир низ ёдгориҳои давраи кушонӣ маҳфуз мондаанд. Қалъаҳои бузурги Вахон Ямчун ва Қаҳқаҳа, ки пеш аз давраи Кушониён низ мавҷуд буданд, ба қалъаҳои дорои аҳаммияти мудофиавии сатҳи давлатӣ маҳз дар давраи Кушониён табдил дода шудаанд. Бостоншиносон, аз ҷумла А.Н.Бернштам ва А.Ҷ.Бобоев сохтмони пурраи қалъаҳои Ямчун ва Қаҳқаҳаро ба замони Кушониён мансуб донистаанд [2, с.130-131].

Тавре маълум аст, аз қалъаҳои Ямчун ва Қаҳқаҳа чандин олимон ва сайёҳон дидан намуда, ҳатто баъзе аз онҳо ба сохтмон ва мавқеи ҷойиршавии онҳо баҳои баланд додаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки тадқиқоти пурраи қалъаҳои Вахон ба фаъолияти бостоншиноси давраи Шуравӣ А.Ҷ.Бобоев вобастагӣ дорад. Профессор А.Ҷ. Бобоев тадқиқоти худро ба омӯзиши ёдгориҳои бостонии Помир бахшидааст. Маҳз дар асоси омӯзиши қалъаҳои Вахон А.Ҷ.Бобоев соли 1965 рисолаи номзадии худро бо номи «Крепости древнего Вахана» ҳимоя намуда, соли 1973 монографияи худро бо номи «Крепости древнего Вахана» дар зери таҳрири академик Б.А.Литвинский ба нашр мерасонад. Ин аввалин асари илмӣ дар бораи қалъаҳо ва таърихи қадимаи Помири Ғарбӣ мебошад, ки дар асоси тадқиқоти чандинсолаи Бобоев А.Ҷ. навишта шудааст. Бобоев А.Ҷ. саҳми олимон ва сайёҳон, аз ҷумла А.Н.Бернштам, А.А.Бобринский, О.Олуфсен, П.Лукнитский, А. Стейн, Зеленский ва дигаронро дар омӯзиши қалъаҳои Вахон хеле бузург шуморида, аз нақшаҳои топографӣ ва маводи ҷамъовардаи онҳо васеъ истифода намудааст.

Бобоев А.Ҷ. дар чанд мавсим дар қалъаҳои Вахон тадқиқот гузаронида, сохтор, мавқеи ҷойгиршавӣ, хусусияти меъморӣ ва аҳаммияти мудофавии қалъаҳоро пурра омӯхта, ба хулосае меояд, ки аз Вахон аз давраҳои қадим роҳи корвонгузар мегузашт ва дар давраи Кушониён, ки ба сарҳади давлат аҳаммияти махсус дода мешуд, қалъаҳои Помири Ғарбӣ маҳз дар ин давра ба таври васеъ бунёд ёфтаанд [2, с.130].

Агарчи қалъаҳои Вахон, аз ҷумла Ямчун, Қаҳқаҳа, Зулхумор ва Ратм то имрӯз ҳам қисман боқӣ мондаанд, баъди тадқиқоти А.Ҷ.Бобоев аз солҳои 60 асри XX то имрӯз дар онҳо (ба ғайри Ямчун, ки соли 2016 аз тарафи Ю.Якубов каму беш ҳафриёт гардид) дигар ҳафриёт гузаронида нашудааст.

Аз гӯристонҳои хосси замони Кушониён дар Помири Ғарбӣ аз ҷониби А.Ҷ.Бобоев танҳо як гӯристон бо номи Касвир, ки дар масофаи 2 км дуртар аз қалъаи Ратми Вахон воқеъ аст, кашф гардидааст. Ин гӯристон дар омӯзиши давраи Кушониёни Помири Ғарбӣ аҳаммияти зиёд дорад. Пайдо гардидани ду тангаи кушонӣ ва бутакҳо аз гӯристони Касвир далели он аст, ки А.Ҷ.Бобоев гӯристони Касвирро хосси замони Кушониён баршуморад [1,с.86]. Дар баробари ёдгориҳои биринҷӣ, сакоӣ ва кушонӣ Бобоев А.Ҷ. дар Помири Ғарбӣ ёдгориҳои хосси давраи ибтидои асрҳои миёнаро низ кашф намудааст. Маводи мансуб ба давраи ибтидои асрҳои миёна асосан аз гӯристонҳои Помири Ғарбӣ дар мавсимҳои 1962-1965 ба даст омадаанд. Гӯристонҳои ин давра низ бештар дар водии Вахон воқеъ буда, яке аз онҳо гӯристони Змудк мебошад, ки дар он А.Ҷ.Бобоев 12-

қӯрғонро хафриёт намудааст. Бештари қӯрғонҳои Змудк аз ҷиҳати шакл чоркунҷа буда, ҷасад бо ашёҳо дар чукурии аз 10 то 50 см гӯронида шудааст [1, с.12-144]. Аз қӯрғонҳои Змудк шумораи зиёди сафолҳо, ашёҳои биринҷӣ, оҳанӣ, олотҳои чӯбӣ, аз ҷумла барои даргиронидани оташ, муҳраҳо, лавозимоти устухонӣ, ашёҳои оришии биринҷӣ, сафолҳои нақшунигоршуда ва ғайраҳо пайдо гардидаанд. Бобоев А.Ҷ. чунин бозёфтҳоро аз қӯрғонҳои гӯристони Змудк I, Мизидилгар, Канкор, Птуп ва Навобод низ пайдо намуда, бо дигар бозёфтҳои аз ёдгориҳои давраи асримиёнагии Осиёи Миёна бадастомада муқоиса намудааст. Профессор Бобоев А.Ҷ. то охири умр ба омӯзиши таърихи водии баландкӯҳи Помир машғул буда, даҳҳо мақолаи марбут ба бостоншиносии водии баланкӯҳи Помирро дар маҷаллаҳои бонуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон ва Италия нашр намуда, масъалаҳои калидии таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла Помирро мавриди омӯзиш қарор додааст. Соли 2001 профессор, муҳаққиқи таърихи Помири Ғарбӣ А.Ҷ. Бобоев дар синни 69-солагӣ вафот мекунад ва соли 2011 бо маблағгузории ҳукумати вилояти Суғд охирин асари Бобоев А.Ҷ. бо номи «Древние земледельцы Крыши мира» дар шаҳри Хуҷанд нашр мешавад. Дар ин асар А.Ҷ.Бобоев дар бораи ёдгориҳои давраи биринҷ, сакоиҳо, давраи Кушониён, ёдгориҳои асримиёнагӣ, ки бевосита аз тарафи ӯ кашф шудаанд, маълумот додааст. Ба ғайр аз ин дар асар, дар бораи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳунармандӣ, савдо, масъалаҳои этникӣ, симошиносӣ ва забоншиносӣ дар асоси маводи аз ёдгориҳои Помири Ғарбӣ бадастомада маълумот дода шудааст.

Хулоса, профессор Бобоев А.Ҷ. тавонист таърихи яке аз водиҳои баландкӯҳи Осиёи Миёнаро дар асоси ҳафриётҳои бостоншиносӣ рӯйи қоғаз орад. Маҳз А.Ҷ.Бобоев аввалин шуда ёдгориҳои давраи биринҷ ва сакоиҳоро дар Помири Ғарбӣ кашф намуд. Ӯ исбот намуд, ки сакоиҳо на танҳо дар Помири Шарқӣ, балки дар Помири Ғарбӣ низ зиндагӣ кардаанд. Дар муқоиса бо маводи аз гӯристонҳои давраи биринҷ, давраи сакоиҳо, кушонӣ ва давраи ибтидои асрҳои миёна бадастомада қаробат, робита ва муносибатҳои қабилаҳои Помири Ғарбӣ бо дигар қабилаҳои Осиёи Марказӣ муайян карда шуд. Кашфиётҳои бостоншиносии Бобоев А.Ҷ. дар Помири Ғарбӣ замина шуданд, ки дар оянда боз ҳам ковишҳои бостоншиносӣ дар ин ҷо ривоҷ дода шаванд ва масъалаҳои норавшани таърихи Помири Ғарбӣ ҳалли пурраи худро пайдо намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Бабаев А.Д. Древние земледельцы «Крыши мира» / А.Д.Бабаев. - Худжанд: Ношир, 2006. -400 с.
2. Бабаев А.Д. Крепости древнего Вахана / А.Д. Бабаев. -Душанбе: Дониш, 1973. -163 с.
3. История Горно-Бадахшанской автономной области // История Горно-Бадахшанской автономной области Том I. С древнейших времен до новейшего периода. -Душанбе , 2005. -493 с.
4. Литвинский Б.А. Древние кочевники «Крыши мира» / Б.А. Литвинский. – Москва: Наука, 1972. -267 с.
5. Моногарова Л.Ф. Современные этнические процесс на Западном Памире / Л.Ф. Моногарова // Советская этнография. -1965. -№6. -С.24.
6. Ранов В.А. Археологическое изучение Памира (1946-1984) / В.А. Ранов // Очерки по истории Советского Бадахшана. -Душанбе: Дониш, 1985. – 504 с.


## САҲМИ ПРОФЕССОР А.Ҷ.БОБОЕВ ДАР ОМӮЗИШИ ЁДГОРИҲОИ АРХЕОЛОГИИ ПОМИРИ ҒАРБӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи саҳми профессор А.Ҷ.Бобоев дар омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии Помири Ғарбӣ маълумот додааст. Бобоев А.Ҷ. дар омӯзиши ёдгориҳои давраи биринҷ, қабилаҳои сакоӣ, давраи Кушониён ва ёдгориҳои ибтидои асрҳои миёнаи қисмати Ғарбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ бори аввал ҷойгоҳи таърихии Помири Ғарбиро дар Осиёи Миёна дар асоси ёдгориҳои археологӣ муайян намудааст.



**Калидвожаҳо:** Бобоев А.Ҷ., Помири Ғарбӣ, Помири Шарқӣ, қалъа, гӯристон, қӯрғон, Вахон, Ямчун, сакоиҳо, хафриёт, экспедитсия, археология.


## ВКЛАД ПРОФЕССОР А.Д.БАБАЕВА В ИЗУЧЕНИЕ АРХЕОЛОГИЧЕСКИХ ПАМЯТНИКОВ ЗАПАДНОГО ПАМИРА


В статье автор попытался показать вклад профессора А.Д.Бабаева в изучение истории и археологии Западного Памира. Бабаев А.Д. внес большой вклад в изучение материальной культуры эпохи бронзы, арийских племен – саков, кушанидов и раннего средневековья на территории Западной части Горно-Бадахшанской автономной области Таджикистана. Он впервые в археологии Таджикистана определяет место Западного Памира в историческом процессе, происходящем на территории Средней Азии, детально освещает археологические памятники Западного Памира.



**Ключевые слова:** Бабаев А.Д., Западный Памир, Восточный Памир, крепость, могильник, курган, Вахан, Ямчун, Саки, раскопка, экспедиция, археология.


## CONTRIBUTION OF PROFESSOR A.D. BABAEV TO THE STUDY OF ARCHAEOLOGICAL MONUMENTS WESTERN PAMIR


In the article, the author tried to show the contribution of Professor A. Babayev to the study of the history and archeology of the Western Pamirs. Babaev A.D. The Bronze Age, the Aryan tribes — Saks, Kushans, and Early Medieval in the Western part of the Gorno-Badakhshan Autonomous Region of Tajikistan — contributed greatly to the study of material culture. He is the first in the archeology of Tajikistan to determine the place of the Western Pamirs in the historical

process that takes place on the territory of Central Asia, in detail covers the archaeological monuments of the Western Pamirs.

**Key words:** Babaev AD, Western Pamir, Eastern Pamir, fortress, burial ground, burial mound, Vakhan, Yamchun, Saki, excavation, expedition, archeology.

**Сведения об авторе:** ***Шоинбеков Фируз*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры древней, средневековой истории и археологии факультета истории.Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **501149991**; E-mail: **Shoinbek85@mail. ru**

**Information about the author:** ***Shoinbekov Firuz*** - Tajik National University, assistant of the Department of Ancient, Medieval History and Archeology of the Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **501149991**; E-mail: **Shoinbek85@mail. ru**

**УКД: 930(575.3) (55)**

## РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН (с. 1992-2003)

***Турсунов Т.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон равобити устувор ва қадимаву дӯстона доранд. Ду кишварро алоқаҳои мустаҳками сиёсиву фарҳангӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ба ҳам мепайвандад. Пайванди ду кишвар таърихи дуру дароз дошта, дар асоси урфу одат, анъанаҳо ва муқаддасоти муштарак асос ёфтааст. Дарёфти истиқлолияти Тоҷикистон боиси барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар таърихи 6 июни соли 1992 гардид. Ҷумҳурии Исломии Покистон аз он кишварҳое буд, ки истиқлолияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, муносиботи дипломатӣ барқарор намуд ва 6 июни соли 1992 намояндагии дипломатии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз кард [2, с. 22].

Дурнамои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар муносибат бо Покистон дар банди 3.1.-и Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон чунин ишора шудааст: "Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими муносибатҳои сиёсӣ ва густариши ҳамкориҳои судманди гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Исломии Покистон, бо дарназардошти имкониятҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва мавқеи геостратегии он, аҳаммияти хосса дорад" [6].

Аз ин ҷост, ки ҳанӯз соли 1991 раиси Шӯрои вазирони Тоҷикистон Ҳаёев И.Х. барои густариши ҳамкориҳои судманди байни ду кишвар ба Покистон сафар намуда буд ва заминаи ҳамкориҳо бо Покистон асос гузошта шуд. Баъди соҳибистиқлол гаридани Тоҷикистон, тобистони соли 1992 ташрифи расмии собиқ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Н. Набиев ба Покистон сурат гирифт [9], ки дар натиҷа дар ҳамон сол сафоратхонаи Покистон дар Тоҷикистон кушода шуд ва фаъолияти пурраи худро аз соли 1994 оғоз кард. Барои вусъат додани ҳамкориҳо дар самтҳои мухталифи ҳаёт сафирони дипломатии Покистон дар Тоҷикистон Мудассир Нур, Ҳасан Ҷовид, Ҷовид Ҳафиз, Холид Амир Хон, Абдулмаҷид Хон, Раб Навоз Хон, Муҳаммад Амҷат Аббасӣ ва Икрамулло Месуд хизматҳои арзанда кардаанд.

Воқеан, густариши равобити сиёсӣ ба рушди равобити иқтисодӣ- тиҷоратӣ, илмӣ-фарҳангӣ мусоидат мекунад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани равобити сиёсӣ, ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ назаррас рушд мееёбанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори шарикии босубот бо кулли кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла олами ислом, пеш аз ҳама Покистон ва хоҳони ҳамкориҳои васеву воқеӣ бо онҳо дар ҳама самтҳои зикргардида мебошад. Зимни ирсоли Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар соли 2012 чунин зикр намуда буданд: "Сиёсати хориҷии созанда ва ба ҳамкории густурдаву васеъ равонгардидаи мо дар маҷмӯъ бояд вазифаи анъанавии худ-мусоидати ҳамаҷониба ба рушди устувори кишвар, таъмини амнияту оромии мамлакат ва сатҳи шоистаи зиндагии мардуми онро ба тариқи беҳтарин иҷро намуда, фардои ободи Тоҷикистонро таъмин намояд" [3]. Табиист, ки ин нуқта меҳвари муносиботи Тоҷикистон бо кулли кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Покистонро ташкил медиҳад. Ҷумҳурии Исломии Покистон аз зумраи он кишварҳоест, ки дар гуфтушуниди сулҳи тоҷикон ҳамчун кишвари кафил баромад карда, дар раванди дастёбӣ ба сулҳ дар Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштааст.

Соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минбари байналмилалии иқтисодӣ гуфта буданд: «Муносибатҳои неку созандаи тоҷикону покистониён аз гузаштаи дури таърих маншаъ мегирад. Дар асрҳои миёна мардумони моро робитаҳои гуногунарса, бахусус фарҳанги муштарак ва адабиёти муштарак бо якдигар пайванд медоданд. Решаҳои муштараки фарҳангию таърихӣ ва наздикии забонҳои форсию урду барои

мардумони мо имкон медиҳанд, ки аз арзишҳои фарҳангии якдигар баҳраманд бошанд. Дар олами имрӯз Ҷумҳурии Исломии Покистон аз ҷумлаи аввалин кишварҳое, буд ки истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, робитаҳои дипломатиро бо кишвари мо барқарор ва намояндагии дипломатии худро дар Душанбе ифтитоҳ намуд» [1]. Воқеан, муносибатҳои неку созандаи тоҷикону покистониён аз гузаштаи дури таърих сарчашма гирифта, дар асрҳои миёна халқҳои моро робитаҳои гуногунарса, бахусус фарҳанг ва адабиёти муштарак бо ҳам мепайваст. Заминаҳои муштараки фарҳангию таърихӣ ва наздикии забонҳои форсию урду имкон медиҳанд, ки аз арзишҳои фарҳангии якдигар ва комёбиҳои назаррас дар соҳаҳои мухталиф баҳраманд бошем.

Пас аз барқарор гардидани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон аз соли 1993 оғоз карда рафтуомади ҳайати намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон амалӣ шуда, ҳуҷҷатҳои муҳим дар хусуси ҳамкориҳо дар соҳаҳои мухталиф ба имзо расиданд. 9 апрели соли 1993 намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии вазири корҳои хориҷӣ Рашид Олимов барои ширкат дар ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ ба Покистон сафар карданд [2, с.23]. Дар ҷаласа масъалаҳои марбут ба равобити ҳамаҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ, пеш аз ҳама бо Покистон, мавриди таваҷҷуҳи вазирони корҳои хориҷӣ қарор гирифт.

Ҳамин тариқ, рушди ҳамкориҳо ба фазои нав ворид гардида, аз 29 март то 1 апрели соли 1994 намояндагони давлатии Тоҷикистон бо сарварии раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Покистон сафар карданд [2, с.15]. Дар мулоқоти роҳбарияти ҳарду кишвар бисёр масъалаҳои вобаста ба дурнамои алоқаҳои ҳамаҷониба миёни Тоҷикистон ва Покистон, ҳамзамон вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ ва Осиёси Ҷанубу Ғарбӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

20 феврали соли 1997 бошад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Муҳаммад Навоз Шарифро ба муносибати сарвазири Ҷумҳурии Покистон таъйин шуданаш паём фиристода, табрик намуданд [15, с.88]. Ба манфиати халқҳои ду кишвар ва сулҳу амнияти минтақа будани муносибатҳои дӯстона ва равобити ҳасанаи Тоҷикистон бо Покистон дар нома дарҷ гардида буд.

Дар таърихи 22 марти соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар вохӯрии сарони кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ ба шаҳри Исломобод сафар ва бо муншии умумии Созмони Конфронси Исломӣ Изуддин ал Ироқӣ мулоқот намуданд [15, с.95]. 23 марти соли 1997 Эмомалӣ Раҳмон андешаҳояшонро оиди фаъолияти муштарак дар мубориза алайҳи терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва мусоидат дар роҳи ҳалли қазияи дохилии Афғонистон дар иҷлосия баён карданд. Пешниҳоду таклифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро иштирокчиёни иҷлосия бо қаноатмандӣ ва самимият қабул намуданд.

Дар доираи сафар ба Исломобод Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Сардор Форук Аҳмадхони Лағорӣ мулоқот ва роҳбари Покистонро бо раванди ҷараёни сулҳу оштии миллӣ, пас аз имзои созишномаҳо бо мухолифин шинос намуда, аз аҳаммияти онҳо сухан намуданд [15, с.96]. Дар шахсияти Сардор Форук Аҳмадхони Лағорӣ Эмомалӣ Раҳмон тамоми мардуми Покистонро ба муносибати панҷоҳумин солгарди истиқлолияти давлатӣ табрик намуда, ба онҳо оромию шукуфоӣ таманно намуданд.

20 июни соли 1997 бошад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Гавҳар Аюбхон мулоқот [15, с.134] ва доир ба дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Покистон, ҳамзамон вазъи сиёсии минтақа гуфтушунид намуданд [11, с.36]. Қабл аз ҳама, масъалаҳои марбут ба муносибатҳои дуҷониба муҳокима гардида, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки ҷараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон вусъат меёбад. Қайд шуд, ки ба эътидол овардани вазъи Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба вазъияти минтақа, бахусус воқеаҳои Афғонистон вобаста мебошад. Сардори давлат таъкид карданд, ки рӯйдодҳои Афғонистон кори дохилии ин мамлакат аст, вале тӯл кашидани ҳалли проблемаҳои Афғонистон моро ба ташвиш овардааст. Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки шарти аввалини эътидоли вазъияти Афғонистон қатъ кардани ҷанг дар тамоми давраи гуфтушунидҳо ба шумор меравад.

Ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Покистон идома ёфта, моҳи ноябри соли 1997 сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон Холид Амирхон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифторхономаи боварибахш дода, баъдан бо Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Яҳё Азимов ва дигар аъзоёни ҳукумат вохӯрӣ намуд.

4 майи соли 2001 бошад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Абдул Саттор мулоқот намуда,

проблемаҳои дуҷониба, махсусан муносибатҳои байни Покистон ва Афғонистон ва барқарор гардидани робитаҳои манфиатбахши дуҷонибаи ин кишварҳоро мусоидатгари ҳарчи тезтари сулҳу оромӣ дар ин кишвари ҷангзада донистанд [7].

Дар доираи равобити ҳасана Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Покистон Навоз Шариф дар таърихи 9 декабри соли 1997 дар шаҳри Теҳрон ҷиҳатҳои алоҳидаи татбиқи созишномаҳои ҳамкории Тоҷикистону Покистонро баррасӣ намуданд ва дар ин мулоқот низ ҳарду ҷониб зарурати ривоҷи кӯшишҳои муштаракро барои ҳалли проблемаҳои Афғонистон таъкид карданд [15, с.171].

Дар асоси принсипҳои созанда, 6 январи соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Муҳаммад Рафиқи Таррор ба муносибати Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон интихоб шуданаш барқияи шодбош фиристоданд. Дар барқия изҳори умед намуданд, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои ҳарду кишвар минбаъд ҳам густариш хоҳанд ёфт [15, с.177].

Муҳиммияти рушди робитаҳо бо кишварҳои Осиёи Ҷанубиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маърӯзаи худ бахшида ба Иди 10-солагии истиқлолияти Тоҷикистон дар таърихи 8 сентябри соли 2001 чунин арзёбӣ карданд: «Тоҷикистон бо кишварҳои имчаҷираи Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон муносибатҳои ҳамвор ва дӯстона дорад. Пешравиҳо дар рушду густариши муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Покистон ва дигар кишварҳои ин минтақа назаррасанд» [13].

Дар доираи ҳамкориҳои судбахш 12 апрели соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Покистон Абдул Сатторро ба ҳузур пазируфтанд [7]. Зимни мулоқот маҷмӯи муносибатҳои дуҷониба ва доираи васеи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн муҳокима карда шуданд. Ҷонибҳо оид ба вазъи минтақа ва махсусан Афғонистон мубодилаи афкор намуда, изҳор доштанд, ки манфиатҳои таҳкими раванди сулҳ дар ин кишвар тавсеаи ваколати қувваҳои сулҳофариро талаб мекунанд.

Дар таърихи 22 апрели соли 2002 дар Паёми солона ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сиёсати хориҷии Тоҷикистонро баррасӣ карда, аз ҷумла қайд намуданд: «Самти дигари муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистон ин таҳкими муносибатҳо бо кишварҳои Осиё мебошад. Гумон мекунам, ки тағйироти дар амалияи сиёсии бисёр кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Исломии Покистон зоҳиргашта имконияти ҳамкории моро бо онҳо васеъ мегардонанд. Ман изҳори боварӣ менамоям, ки имкониятҳои дар ин самт вуҷуддошта бештар ва фаъолтар истифода хоҳанд шуд» [8].

Дар рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон сафари аввалини расмии Президенти Ҷумҳурии Покистон Парвиз Мушарраф ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 2 июни соли 2002 заминаҳои амиқи қарордодию ҳуқуқӣ гузошт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари расмии Парвиз Мушарраф ба Тоҷикистон бо ӯ мулоқот намуда [11, с.310], дар ҷараёни мулоқот муҳокимаи муфассали масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайнро доир намуданд. Аз ҷумла, мусоҳибон ба мавзӯи ҳамкории дуҷониба ва проблемаҳои Афғонистон ва минтақаи Осиёи Ҷанубӣ диққати махсус доданд. Зарурати пурзӯр намудани фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии муштаракро оид ба ҳамкории дуҷониба таъкид ва баъдан Эъломияи муштараки Тоҷикистону Покистонро имзо карданд [16].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ҳамеша ҷонибдори сулҳу субот дар ҷомеаи ҷаҳон мебошанд ва аз вазъи мураккаби минтақа ва ҷаҳон бетараф нестанд. Ин аст, ки 17 июни соли 2002 дар шаҳри Душанбе ҳангоми суханронӣ дар Конфронси байналхалқӣ бахшида ба панҷумин солгарди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон қайд намуданд, ки «вазъияти дигари муҳиме, ки ба ҷараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон таъсир расонд, ҳамин буд, ки Ҷумҳурии Исломии Покистон ва як қатор кишварҳои дигар имкон доданд, ки дар қаламрави онҳо давраҳои навбатии гуфтушуниди тарафҳои ба ҳам муқобили тоҷик гузаронида шаванд, зеро бо сабабҳои гуногун дар худи Тоҷикистон гузаронидани чунин гуфтушунидҳо имкон надошт. Ҳамчунин қайд кардан лозим аст, ки дар қисмати ҷанубии қитъаи мо муносибатҳои ду мамлакати бузурги дорои аслиҳаи ядроӣ тарафт муташанниҷтар мегардад ва хавфи сар задани ҷанг дар байни онҳо торафт бештар мешавад. Мо набояд ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҷанги Ҳиндустон ва Покистон роҳ надиҳем» [14].

Ҳамзамон, дар суханронии худ ба муносибати панҷсолагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи 26 июни соли 2002 қайд намуданд, ки «мо ҳамчунин аз идома ёфтани низоъ дар Шарқи Наздик, ки ба тӯлонитарин низои минтақавӣ табдил ёфтааст, афзоиши хатари ҷанг миёни Ҳиндустон ва Покистон изҳори нигаронӣ мекунем ва аз ташкилоту созмонҳои бонуфузи олам, давлатҳои манфиатдор ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват мекунем, ки дар бобати ҳалли осоишта ва ҳарчи зудтари ин проблемаҳо тадбирҳои муассир андешанд» [12].

Аз имконоти мавҷуда истифода намуда, дар таърихи 14 октябри соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Истамбул, дар мулоқоти ҳафтуми сарони давлатҳои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, дар ҷараёни мулоқотҳои алоҳида бо роҳбарияти Покистон дар доираи дуҷониба ва бисёрҷониба масъалаҳои ҳамкориро муҳокима намуданд [4].

25 ноябри соли 2002 бошад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эътимодномаи Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Тоҷикистон Раб Навоз Хонро қабул ва баъдан ҷонибҳо дурнамои ба роҳ мондани ҳамкории дуҷонибаро баррасӣ намуданд [5]. Ҳамзамон, ба вазъи минтақа ва Афғонистон диққат дода шуд.

Дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар таърихи 17 октябри соли 2003 бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Парвиз Мушарраф дар Малайзия доир гардид, масъалаи дурнамои равобити Покистону Тоҷикистон ва чун дафъаи қаблӣ масъалаи Афғонистон баррасӣ гардид [10, с.303]. Зеро ба эътидол омадани вазъи Афғонистон ба густариши равобит миёни Тоҷикистон ва Покистон дар ҳама самтҳо мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, аз марҳилаи соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон то соли 2004 заминаҳои ҳамкориҳои судманд миёни Тоҷикистон ва Покистон муҳайё гардиданд, ки дар ин ҷода саҳми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон басо калон мебошад. Равобити дипломатии ду кишвар имрӯз низ дар асоси созишномаҳои дуҷониба ба роҳ монда шуда, дар таҳкими суботи минтақа ва дар маҷмӯъ ҷаҳон нақши сазовор дорад.

## АДАБИЁТ


1. «Коридор». Даҳлези Вахон-дарвозаи иқтисоди Тоҷикистону Покистон // Имрӯз News. -2017. 17 март.
2. Дипломатия Таджикистана (к 50-летию создания Министерства иностранных дел Республики Таджикистан). -Душанбе, 1994. -28 с.
3. Зубайдов З. Эҳёи дӯстии куҳан. //Садои мардум. -2012. -8 июн. -№ 70-71 (2897-2898).
4. Иштирок дар мулоқоти ҳафтуми сарони давлатҳои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО). [Манбаи электронӣ]. *URL:* http://www.prezident.tj. (санаи истифодабарӣ: 1.03.2019).
5. Қабули эътимоднома аз Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Тоҷикистон Раб Навоз Хон. [Манбаи электронӣ]. *URL:* http://www.prezident.tj. (санаи истифодабарӣ: 2.03.2019).
6. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. *URL:* http://mfa.tj/?l=tj&art=1072. (санаи истифодабарӣ: 12.04.2019).
7. Мулоқот бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Покистон Абдул Саттор. [манбаи электронӣ]. *URL:* http://www.prezident.tj. (санаи истифодабарӣ: 4.04.2019).
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. *URL:* http://www.prezident.tj. (санаи истифодабарӣ: 5.03.2019).
9. Раҷабов Ҳ. Назаре ба Покистон / Ҳ. Раҷабов // Ҷумҳурият. -2014. -19 июн. - №116 (22 421).
10. Саидзода З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004 гг.) / З.Ш. Саидзода. -Душанбе, 2010. -446 с.
11. Саидов З.С. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков / З.С. Саидов. -Душанбе, 2011.
12. Суханронӣ ба муносибати 5-солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ. [Манбаи электронӣ]. *URL:* http://www.prezident.tj. (санаи истифодабарӣ: 3.03.2019).
13. Суханронӣ бахшида ба 10-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. *URL:* http://www.prezident.tj. (санаи истифодабарӣ: 7.07.2018).
14. Суханронӣ дар Конфронси байналхалқӣ бахшида ба панҷумин солгарди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва намунаи ибрати он барои Афғонистон. [Манбаи электронӣ]. *URL:* http://www.prezident.tj. (санаи истифодабарӣ: 7.03.2019).
15. Шарипов А. Эмомалӣ Раҳмон –поягузори Сулҳ ва Ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996-1999) / А.Шарипов, С. Фаттоев. -Душанбе, 2006.
16. Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Покистон // Бойгонии ВКХ Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Раёсати шартномавӣ-ҳуқуқӣ.** Папка -№35. -Л. 25.


## РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН (с. 1992-2003)


Дар мақолаи мазкур барқароршавӣ ва густариши равобити дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон аз марҳилаи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2004 қаламдод шудааст. Азбаски дар як мақолаи илмӣ ҳамаи паҳлуҳои равобити дипломатии Тоҷикистон ва Покистонро таҳлил кардан имкон надорад, аз ин рӯ хронологияи он аз соли 1991 то соли 2004-ро фаро мегирад. Аз рӯзҳои аввалини мустақилияти Тоҷикистон Ҷумҳурии Исломии Покистон бо мақсадҳои ба худ мувофиқ барои барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ ҳавасмандии худро иброз намуд. Ҷумҳурии Исломии Покистон дар раванди сулҳи тоҷикон чун кишвари кафил баромад карда, дар баҳамоии тарафҳои даргир саҳми назаррас гузошта буд. Дурнамои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар муносибат бо Покистон дар консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 27 январи соли 2015 тасдиқ гардидааст, чунин муайян карда шудааст: “Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими муносибатҳои сиёсӣ ва густариши ҳамкориҳои судманди гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Исломии Покистон, бо дарназардошти имкониятҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва мавқеи геостратегии он, аҳаммияти хосса дорад”. Дар шароити кунунӣ, ки хатарҳои глобалӣ ҷаҳонро таҳдид менамояд баҳамоии Тоҷикистон ва Покистон барои минтақа аҳамияти муҳим дорад. Хуллас, ду кишвар дар таҳким ва густариши минбаъдаи равобити дипломатӣ миёни ҳам ҳавасманд ҳастанд ва мехоҳанд дар танзими вазъи сиёсии минтақа саҳми сазовор дошта бошанд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Покистон, дипломатия, сиёсӣ, равобит, ҳамкорӣ.

**ТАДЖИКСКО-ПАКИСТАНСКИЕ ДИПЛОМАТИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ (1992-2003 гг.)**

В этой статье прослеживаются установление и развитие дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Пакистан с периода независимости Республики Таджикистан до 2004 года. Поскольку в одной научной статье нет возможности всесторонне проанализировать таджикско-пакистанские дипломатические отношения, поэтому её хронология охватывает время с 1992 года до 2004 год. С первых дней независимости Таджикистана Исламская Республика Пакистан выразила заинтересованность в установлении дипломатических отношений с Республикой Таджикистан. Исламская Республика Пакистан принимала участие в процессе установления мира в Таджикистане как страна-гарант и внесла значительный вклад в сближение противоборствующих сторон. Перспективы внешней политики Таджикистана в отношении Пакистана в концепции внешней политики Таджикистана, утвержденной указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, выглядят следующим образом: «Для Республики Таджикистан укрепление политических отношений и расширение взаимовыгодного сотрудничества с Исламской Республикой Пакистан, учитывая торгово-экономические возможности и ее геостратегическое положение, имеет особое значение». Следует отметить, что обе страны заинтересованы в дальнейшем упрочении и укреплении дипломатических отношений и политической ситуации в регионе.

**Ключевые слова**: Таджикистан, Пакистан, дипломатия, политика, отношения, сотрудничество.

**TAJIK-PAKISTAN DIPLOMATIC RELATIONS (1992-2003)**

После образования Таджикской ССР в политической и культурной жизни таджикского народа произошли заметные изменения. Объём государственных средств, направляемых на развитие культурных учреждений, издание книг, газет и журналов значительно увеличился. Сеть библиотек расширилась, были созданы необходимые условия для открытия библиотек в районах Кулябского региона: в середине 1932 г. была учреждена городская библиотека в г. Кулябе на базе библиотеки гарнизона Красной Армия, насчитывающая 12 тыс. книг на русском языке [4, с.210]. Учреждение библиотеки в г. Кулябе, имевшее большое значение в деле развития культуры и ликвидации неграмотности, являлось важным событием в культурно-политической жизни региона в начале 30-х годов XX века, в период строительства основ социализма.

Следует отметить, что за годы Советской власти союзное и республиканское правительства принимали меры для развития сети и улучшения работы массовых культурных учреждений, среди которых большое внимание уделялось городским и сельским библиотекам. В этом плане, в развитии библиотечного дела в Таджикистане большую роль сыграло Постановление Совнаркома СССР от 27 марта 1934 г. «О работе библиотек в СССР» [8, с.45]. Согласно постановлению руководство библиотек было возложено на органы народного образования, которым было поручено увеличивать число библиотек и их книжного фонда. К середине 1930-х годов только в Кулябском районе, одном из ведущих хлопководческих районов, работали 35 передвижных библиотек [4,с.212 ].

14 июня 1934 г. было принято решение Компартии Таджикистана «О расширении сети библиотек и улучшении работы библиотек Таджикистана» [4, с.424]. В решении была поставлена задача о необходимости пополнения и расширения резервного фонда библиотечных учреждений литературой на таджикском языке, укрепления материально-технической базы и подготовки местных кадров, имеющих базовое высшее и средне-специальное библиотечное образование.

После принятия в 1959 году совместного постановления партии и правительства Таджикистана «О состоянии и мерах по улучшению работы библиотек в стране» деятельность городских и сельских библиотек активизировалась, их запасной фонд был пополнен новой литературой на таджикском языке, а также укреплялась их материально-техническая база. В свете постановления, начиная с 1960 года, к работе библиотек были привлечены кадры, имевшие специальное библиотечное образование. Местная власть придавала должное значение развитию культурно-просветительных учреждений. Наряду с этим увеличился объем финансирования библиотек для покупки новых книг, различных оборудований, в том числе книжных полок.

Благодаря поддержке правительства Таджикистана в советский период расширилась сфера обслуживания читателей, запасной фонд библиотек был обеспечен книгами и новой

литературой. В результате посещение библиотек стало лучше, а пополнение запасного фонда библиотек соответствовало требованиям времени.

Областная библиотека в Кулябе была основана в 1932 году на базе городской библиотеки [4, с.210]. В 30-40-х годах библиотеки Кулябской области принимали активное участие в мероприятиях культурной революции, составной части плана построения нового общества в стране. В годы Великой Отечественной войны библиотеки участвовали в работе по мобилизации сил и средств тыла на борьбу против врага, наряду с другими органами власти воспитывали молодежь в духе патриотизма и любви к Родине. В годы послевоенного восстановления Кулябская областная библиотека участвовала в социалистических соревнованиях 1946 года и по итогам деятельности среди библиотек республики заняла почётное место [4, с.215].

В 1974 году, после образования Кулябской области, областная библиотека была названа именем Садриддина Айни и общий фонд книг, по имеющимся статистическим данным, составлял 50 тыс. книг. В период после провозглашения независимости, особенно в период празднования 2700-летия г. Куляба при поддержке и содействии Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в 2005 году было построено новое современное здание областной библиотеки, в котором были созданы все необходимые условия для обслуживания читателей. При помощи Международного фонда «Сорос» в книжный фонд библиотеки поступило 2200 экземпляров научно-популярных и других отраслевых книг.

В настоящее время Государственное учреждение Хатлонская областная библиотека имени Садриддина Айни в г. Кулябе располагает 76384 учётными единицами книг: 10695 экз. на таджикском языке, 64075 экз. на русском, 1614 экз. на других языках. Художественная литература составляет 42668 экз., 31300 экз. отраслевые книги и 298 экз. детская литература [10, л.243].

Областная библиотека ежемесячно подписывается на 30-40 наименований журналов и газет. Библиотека имеет отделения: читальный зал на 40 посадочных мест и 17157 экз. книг, журналов и других подписных изданий; Абонементный зал, имеющий 32800 экз. книг; конференц-зал, имеющий 45 посадочных мест; запасной отдел, имеющий в резерве - 22500 экз. книг; методический и библиографический кабинеты, имеющие 1300 экз. методических пособий и другой литературы; кабинет обработки и регистрации книг; кабинет обслуживания интернета, имеющий 7 компьютеров; отдел технической и сельскохозяйственной литературы; отдел периодических изданий и справочно-библиографический отдел.

В областной библиотеке в течение своей работы функционировали универсальный фонд, книгохранилище на таджикском, русском, узбекском, английском, немецком, арабском языках, древние рукописи, а также запас литературы на электронных носителях и электронные доски.

Областная библиотека в своём распоряжении имела литературу по общественно-политическим наукам, физико-математическим, химии и биологии, техническим, языковедческим, литературоведческим дисциплинам, учебные пособия, справочники и другие издания. Ежегодно фонд библиотеки укомплектовывался через книготорговые организации или типографии, библиотечный коллектор, общество книголюбов, объединившее учителей, учащихся и другие категории читателей. Одним из популярных среди читателей фондов библиотеки является фонд периодических изданий, где сохранены журналы и газеты на таджикском и русском языках.

К периодическим краеведческим изданиям по Кулябской области относятся «Кулябская правда», «Пажвок», «Навиди Кулоб». Кроме того, в информационном и справочно-библиографическом фонде библиотеки сохранены различные издания, отдел библиографии, отраслевые библиографические отделы, словари, энциклопедии, статистические сборники, законодательные справочники и другие материалы.

В настоящее время библиотека оборудована новейшими техническими средствами, в распоряжении читателей предоставлены 12 современных компьютеров, камеры для съёмок книг и периодических изданий, а также зал с подключением к сети Интернет, 10 тыс. экз. электронных версий книг, осуществлены электронные записи.

Деятельность методического и библиографического отделов библиотеки в годы независимости республики заметно активизировалась. При активном участии читателей, ученых и преподавателей Кулябского госуниверситета и других вузов города были отмечены знаменательные даты:1100-летие государства Саманидов; 100-летие академика Б. Гафурова; 2700-летие города Куляба; 140-летие со дня рождения поэта-основоположника современной таджикской литературы С. Айни; ежегодно отмечаются дни независимости Таджикистана и другие знаменательные события в культурной и политической жизни нашего народа.

**Показатели работы Хатлонской областной библиотеки имени Садриддина Айни в г. Кулябе в 2006-2018 гг.**

| Показатели | 2006 | 2010 | 2015 | 2018 |
|---|---|---|---|---|
| Читатели (чел.) | 2503 | 4088. | 7469 | 8443 |
| Посещаемость (чел.) | 7068 | 11807 | 26 805 | 37237 |
| Книговыдача (экз.) | 14529 | 22445 | 58644 | 71898 |
| Книжный фонд (экз.) | 74745 | 75679 | 74354 | 76384 |

**Источник: Текущий архив Хатлонской областной библиотеки имени Садриддина Айни в г. Кулябе. Папка: Отчеты за 2005-2018 гг.**

Как показывают данные, за эти годы число читателей библиотеки возросло в более чем 3 раза, посещаемость в 5 раз, и заметно улучшилась работа по другим направлениям и показателям обслуживания читателей. В настоящее время в Хатлонской областной библиотеке имени Садриддина Айни в г. Кулябе работает 32 специалиста, из которых 20 имеют высшее и средне-специальное библиотечное образование, некоторые из которых учатся на заочном отделении факультета библиотековедения Таджикского института искусства и культуры им. М.Турсунзаде: 1 работник награждён Почетной Грамотой Президента Республики Таджикистан, 1 работник награждён Почётным званием «Заслуженный работник Республики Таджикистан», 3 работника удостоены почётным званием «Отличник культуры Таджикистана», 2 специалиста награждены Грамотой Министерства культуры Таджикистана и.т.д.[10, л. 195].

Работники библиотеки в рамках двухстороннего договора с Государственным учреждением Центр патента и информации принимают участие во всех проводимых мероприятиях по изучению передового опыта, в частности принимали участие и выступили с докладами на республиканской научно-теоретической конференции на тему «Проблемы глобализации информационной технологии в деятельности республиканских библиотек». Работники библиотеки принимали активное участие в общереспубликанском конкурсе «Библиотекарь», «Библиотекарь года», «День книги», и в 2014 году заняли 3-е место, были удостоены Грамотой Министерства экономики и торговли РТ и Грамотой Национального центра патента и информации. Заместитель директора библиотеки Абдуллаева Саодат, как участник конкурса «Китобдори сол» («Библиотекарь года») была поощрена Грамотой Министерства просвещения и науки Республики Таджикистан. Одним из новых начинаний в сфере повышения квалификации работников библиотеки было проведение семинар-тренинга на тему «Аттестация и деятельность библиотекарей» с участием ведущих специалистов-библиотековедов и методистов Национальной библиотеки Таджикистана. В семинаре участвовали работники библиотек со всех сельсоветов, учителя и учащиеся школ Кулябского региона.

Кроме того, по инициативе работников библиотеки 9 апреля 2015 г. в Пархарском районе был проведен семинар на тему «Интеллигенция - передовой авангард просвещения», в котором осуществлялось изучение и обмен опытом между коллективами библиотек региона, 26 сентября 2014 г. в честь 20-летия принятия Конституции Таджикистана была проведена конференция с участием новаторов библиотечных учреждений.

Книжный Фонд Хатлонской областной библиотеки имени Садриддина Айни в г. Кулябе наряду с современными изданиями и литературой по различным отраслям науки содержит и ряд редких книг, к числу которых можно отнести рукопись поэмы «Лайли ва Маджнун» XIV в., фундаментальное издание западноевропейской истории «История XIX века» Э.Лависса и А.Ромбо, изданного в Москве в 1906 г., отчёт о Таджикско-памирской экспедиции, вышедший в Москве в 1937 г. и т.д. Уникальными по своему характеру являются коллекции периодических газет и журналов советской эпохи: газет «Правда» (1951-1989 гг.), «Известия» (1952-1984 гг.), «Коммунист Таджикистана» (1952-1991 гг.), «Тоджикистони Совети» (1965-1990), «Маориф ва маданият» (1966-1978 гг.) и местной газеты «Рохи Ленини» (1976-1982 гг.). По материалам, хранящихмся в фондах библиотеки периодической печати, ученые, исследователи, студенты и аспиранты имеют возможность изучать историю страны и региона, использовать их материалы в преподавательской работе и в проведении массовых культурных мероприятий среди жителей городов и сёл.

Библиотека проводит большую работу по военно-патриотическому воспитанию молодёжи, организовывала встречу молодежи с участником Великой Отечественной войны М. Бегматовым, воинами-интернационалистами, участвовавшими в войне в Афганистане, директором Кулябского телевизионного комитета Бозорзода Сафарали, представителем Кулябского городского военного комиссариата, лейтенантом Бахтиёром Курбоналиевым и капитаном Маъруфом Саидовым. Встречи и проводимые мероприятия военно-патриотического направления проходят под девизом «Национальная армия-это гордость и защитник Родины».

Кроме того, по инициативе местной власти и работников отдела культуры и специалистов библиотек с участием учащихся и учителей школ города и районов Кулябского региона были организованы и проведены ряд научно-теоретических конференций на тему: «Книга и искусство - основа эстетического и патриотического воспитания», «Роль книги и искусства в формировании любви к Родине», «Место и роль праздника Навруз в поэме А. Фирдоуси «Шахнаме», книга Основателя мира и национального согласия, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «Таджики в зеркале истории», «Защита языка – защита Родины», «Всемирный день языка», «Конституция – основа и фундамент нации и государства», «Наркомания – коварный враг общества», «60-летие Министерства культуры Таджикистана», 140-ая годовщина Героя Нации, основоположника таджикской современной литературы С. Айни, «Историческая роль С. Айни в развитии и формировании школы и просвещения», «1 Мая – день солидарности народов мира», «105-летие Национального героя М. Турсунзаде», «Здоровая семья – здоровое поколение», «Закон Республики Таджикистан об ответственности родителей в обучении и воспитании детей», «Терроризм и экстремизм – коварный враг общества», «Родина – наша гордость и процветание», «Государственные символы – герб, знамя и национальный гимн РТ», «Служба в рядах Национальной Армии – честь и гордость», «Школа жизни и мужества» и другие. Конкурсы и конференции, празднование знаменательных дат в городских и районных библиотечных учреждениях были проведены в свете «Программы развития сферы культуры РТ в период на 2008-2015 гг.», принятой Постановлением Правительства Республики Таджикистана от 3 июля 2007 г. № 85, «Программа совершенствования деятельности библиотек в Республике Таджикистан на 2006-2015гг.», утвержденной Постановлением Правительства РТ от 2 июля 2005 №238, способствовали росту общего фонда библиотечных учреждений: в частности, в 2015г. поступило 113 экз. книг, в 2006-2015гг. всего 202 экз. книг по различным отраслям наук. Следует отметить, что библиотека принимает во внимание потребности различных категорий населения в литературе по современным отраслям науки и знаний. В этой связи с потребностями учащихся и других категорий читателей к таким предметам и наукам, как «Право и государство», «Введение в языкознание», «История языкознания», «История таджиков мира», «Основы растениеводства» и других наук в фонд областной библиотеки поступило около 50-60 экз. книг.

**Показатели работы Хатлонской областной библиотеки имени Садриддина Айни в г. Кулябе в 2016-2018 гг.**

| Показатели | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|
| Читатели (чел.) | 7904 | 8159 | 8443 |
| Посетители (чел.) | 31113 | 34047 | 37237 |
| Выдача книг ( экз.) | 61445 | 66853 | 71898 |
| Книгооборот | 0,8 | 0,9 | 0,95 |
| Среднее чтение | 7,8 | 8,2 | 8,5 |
| Мероприятия | 76 | 78 | 102 |
| Книжный фонд (экз.) | 74325 | 75805 | 76384 |
| Поступление (экз.) | 346 | 500 | 579 |

Источник: Текущий архив Хатлонской областной библиотеки имени Садриддина Айни в г. Кулябе. Папка: Отчеты за 2005-2018 гг.

В целом, Хатлонская областная библиотека имени Садриддина Айни в г. Кулябе проводит большую работу по пропаганде достижений науки и культуры в годы независимости, в условиях ускоренного развития современных информационных технологий обеспечивает доступ широких слоев населения города Куляба и районов Кулябской зоны Хатлонской области к информационным ресурсам страны и мира, ведет активную работу среди учащихся общеобразовательных школ и студентов высших и средне-специальных учреждений по пропаганде книги, возрождению национальных традиций, богатого культурного и литературного наследия таджикского народа.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Закон Республики Таджикистан «О культуре»//Ахбори Мачлиси Оли. -1997. - №23-24. - С.321.(Ст.352).
2. Закон Республики Таджикистан «О библиотечной деятельности»//Ахбори Мачлиси Оли. - 2003. - №7.
3. Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941 гг. В двух томах. Том 1. / Под ред. академика АН Тадж. ССР З.Ш. Раджабова. – Душанбе: Ирфон, 1966. - 414 с.
4. Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1917-1977 гг. Том 1. Под ред. К.П. Марсакова. – Душанбе: Дониш, 1979. -283 с.
5. История культурного строительства в Таджикистане в 1917-1977 гг. / Т.2. Отв. ред. К. П. Марсаков. - Душанбе: Дониш, 1984. - 472 с.

6. Конституция Республики Таджикистан//Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронный ресурс]: URL:http://mmk.tj (дата обращения: 01.04. 2019 г.).
7. Куляб. Энциклопедия / Под ред. Курбанова А.К. – Душанбе: Главная научная редакция Таджикской национальной энциклопедии, 2006. -640 с.
8. Сафаралиев Б. Становление и развитие системы культурно-просветительной работы в Таджикистане (1924-1941): автореф. дис... канд. пед. наук / Б. Сафаралиев. – М. 1991.
9. Текущий архив Хатлонской областной библиотеки имени Садриддина Айни в г. Кулябе. Папка: Отчеты за 2005-2018 гг.
10. Шевченко З.М. Из истории библиотечного дела в Таджикистане / З.М. Шевченко. - Душанбе: Дониш, 1968.

## ВАЗЪ ВА РУШДИ КИТОБХОНАҲО ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Муаллиф бар он ақида аст, ки китобхонаҳои муосир дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои вилоят дар солҳои 20-ум, пас аз барқарор гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ ташаккул ёфта, ба унсури муҳимми татбиқи ҳадафҳо ва ба амал баровардани сиёсати давлат дар байни аҳолӣ табдил ёфтанд. Омӯзиш ва таҳлили фаъолияти китобхонаҳои шаҳрӣ ва деҳотии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки китобхонаҳо ба сифати унсурҳои асосии ҳаёти фарҳангӣ то ҳанӯз барои гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ-фарҳангӣ имконоти васеъ дошта, дар амри таблиғи дастовардҳои даврони истиқлолият мақоми хос доранд. Муаллиф таъкид менамояд, ки имрӯз бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар кардани фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, эҳёи анъанаҳои миллӣ ва таблиғи дастовардҳои мероси гаронмояи фарҳангӣ ва адабии халқи тоҷик корҳои бузург амалӣ мегарданд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки китобҳо ва маводи нашргардида дар давоми давраи якасраи мавҷудияти китобхонаҳои муосир сарчашмаи бузурги боло бурдани сатҳи дониш ва фарҳанги табақаҳои васеи аҳолӣ ва вусъат бахшидани тарбияи ватандӯстии ҷавонон, эҳёи арзишу анъанаҳои миллӣ ва таблиғи дастовардҳои бисёрасраи таърихӣ, адабӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёбанд.

**Калидвожаҳо:** китобхона, китоб, муассисаҳои фарҳангӣ-оммавӣ, арзиш ва анъанаҳои миллӣ, таърих, адабиёт, фарҳанг.

## СОСТОЯНИЕ И РАЗВИТИЕ БИБЛИОТЕЧНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В КУЛЯБСКОЙ ЗОНЕ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Автор статьи исходит из того, что современные библиотеки в городе Кулябе и районах области были созданы в 20-е годы XX века, после установления Советской власти, они превратились в эффективный инструмент достижения целей и осуществления государственной политики среди населения. Изучение и анализ деятельности городских и сельских библиотек в Кулябской зоне Хатлонской области показывает, что библиотеки как важнейший элемент культурной жизни современного государства обладают все еще большим потенциалом проведения культурно-массовых мероприятий и занимают важное место в деле пропаганды достижений страны за годы независимости. Автор отмечает, что сегодня при поддержке Правительства Республики Таджикистан последовательно осуществляется курс на кардинальное улучшение деятельности учреждений культуры, возрождение национальных традиций, пропаганду богатого культурного и литературного наследия таджикского народа. Автор приходит к выводу, что собранные за почти вековой период существования современных библиотек книги и издания представляют собой неиссякаемый источник повышения образовательного и культурного уровня широких слоев населения, улучшения военно-патриотического воспитания молодежи, возрождения национальных традиций и пропаганды достижений многовековой истории, литературы и культуры таджикского народа.

**Ключевые слова:** библиотека, книга, культурно-просветительские учреждения, национальные ценности и традиции, история, литература, культура.

## STATE AND DEVELOPMENT OF LIBRARY INSTITUTIONS IN THE KULYAB ZONE OF THE KHATLON REGION

The author of the article proceeds from the fact that modern libraries in the city of Kulyab and the districts of the region were created in the 1920s, after the establishment of Soviet power, they turned into an effective tool for achieving goals and implementing public policy among the population. A study and analysis of the activities of urban and rural libraries in the Kulyab zone of the Khatlon region shows that libraries, as the most important element of the cultural life of the modern state, still have great potential for cultural events and occupy an important place in promoting the country's achievements over the years of independence. The author notes that today, with the support of the Government of the Republic of Tajikistan, a course is being consistently pursued to radically improve the activities of cultural institutions, revive national traditions, promote the rich cultural and literary heritage of the Tajik people. The author comes to the conclusion that the books and publications collected over the nearly century-old period of the existence of modern libraries are an inexhaustible source of raising the educational and cultural level of the general population, improving the military-patriotic education of youth, reviving national traditions and propagating the achievements of centuries-old history, literature and culture of Tajik of the people.

**Keywords:** library, book, cultural and educational institutions, national values and traditions, history, literature, culture.

**Сведения об авторе:** ***Иззатова Матлуба Кудратовна*** **–** Таджикский национальный университет, аспирант исторического факультета. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Телефон: **904-46-70-75.**

**Information about the author:** ***Izzatova Matluba Kudratovna*** - Tajik National University, graduate student of the Faculty of History. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Phone: **904-46-70-75.**

УДК:93/94 (575.3)

# ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ САНОАТ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Муллоҷонов Асадулло, Тиллоев А.А.*

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Агар ба таърихи гузаштаи саноати Тоҷикистон мурур намоем, ба истиснои якчанд корхонаҳои хурди косибӣ дар минтақа саноат мавҷуд набуд. Пас аз ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дар ин минтақа муносибатҳои капиталистӣ рӯ ба инкишоф ниҳода бошанд ҳам, на ин ки боиси тавлиди саноати вазнин нагардиданд, балки ҳатто саноати бофандагӣ барин соҳаҳои нави саноат ба вуҷуд наомаданд [1, с.648]. Ба ҳар ҳол, бо сар даровардани Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна дар Тоҷикистон зина ба зина заминаҳои саноат гузошта шуда, заводу фабрикаҳо, ба монанди пахтатозакунӣ, равғанкашӣ (ҷувозхонаҳо), чармгарӣ, маъдантозакунӣ, заргарӣ, шаробкашӣ, оҳангарӣ, осиёбҳо, обҷувозҳо, конҳои тилло, ангишт, истеҳсоли матоъҳои пашмину абрешимӣ бунёд карда шуданд. Аммо аксарияти ин корхонаҳо дар ноҳияҳои шимолӣ, аз ҷумла, дар Хуҷанд, Истаравшан (Ӯротеппа), Исфара, Конибодом, Спитамен (Нов), Ғӯлакандоз, Панҷакент мавҷуд буданд. Ин ноҳияҳои шимолӣ ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон шомил гардида буданд.

Бо барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ ва барҳамхӯрии Ҳукумати подшоҳии Русия масъалаи бунёд ва рушди саноат дар Тоҷикистон ба миён гузошта шуда, идеяи саноатикунонӣ дар нақшаҳои панҷсола ворид гардида буд. Солҳои 1929-1941, масъалаи саноатикунонӣ яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳимми на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт.

Саноатикунонии давраи нави дигаргунсозиҳо, чун давраи аввала тамоми сарзамини Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро низ фаро гирифта буд. Вале аз ҳамон вақт мақсад гузошта буданд, ки дар ҳудуди Тоҷикистон, бо сабаби ҳанӯз омӯхта нашудани иқтидори саноатии он, аз ҷумла иқтидори энергетикиаш, маҳз ҳамон соҳаҳои саноат бунёд гарданд ва инкишоф ёбад, ки онҳо минъбад манбаи ашёи хом ва хӯроквории Иттиҳоди Шӯравиро васеъ намоянд. Яъне, Тоҷикистон бояд яке аз маконҳои асосии ашёи хоми саноатии Иттиҳод мегардид. Ҳамин ҳолат дар нақшаи панҷсолаи якум (солҳои 1928/29 – 1932/33), дуюм (солҳои 1933 - 1938) ва сеюми (солҳои 1938-1942) рушди хоҷагии халқи Иттиҳоди Шӯравӣ акси худро ёфтааст.

Заминаи рушди саноат дар кишвар аз саноати сабук оғоз гашта, дар аввал заводҳои пахтатозакунӣ, равғанкашӣ ва консервабарорӣ сохта ба истифода дода шуданд. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ суръати сохтмони заводҳои пахтатозакунӣ тезонида шуд. Танҳо дар давоми солҳои 1926-1928 дар ҷумҳурӣ ҳафт заводи пахтатозакунӣ сохта ба истифода дода шуда, соли 1929 калонтарин заводи механикии пахтатозакунӣ ва корхонаҳои начандон калони равғанкашӣ, собунпазӣ ва осиёби механикӣ дар шаҳри Душанбе сохта ба истифода дода шуданд.Инчунин, солҳои 1926-1928 дар шаҳри Хуҷанд заводи пахтатозакунӣ ва соли 1928 дар Конибодом заводи истеҳсоли консерваи мевагӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Чунин заводҳо соли 1930 дар Кӯлоб, соли 1932 дар Сарой Камар (Панҷ), солҳои 1930-1932 заводҳои амалкунандаи пахтатозакунии Сталинобод, Хуҷанд, Фархор, Ҷиликӯл, Қӯрғонтеппа ва ғайраҳо қисман аз нав таҷҳизонида, васеъ карда шуданд. Умуман, охири солҳои 30-уми асри XX дар ҳудуди Тоҷикистон 11 адад заводҳои пахтатозакунӣ фаъолият мекарданд.

Дар миёни солҳои 30–ум дар ҷумҳурӣ соҳаҳои нави саноати сабук-дӯзандагӣ ва чарм-пояфзолбарорӣ таъсис дода шуд [2, с.490]. Дар солҳои панҷсолаи дуюм дар ҷумҳуриҳои Пасиқафқоз ва Осиёи Миёна сохтмони 17 фабрикаи дӯзандагӣ дар назар дошта шуда буд. Фабрикаи дӯзандагии Сталинобод аз зумраи он ба ҳисоб мерафт. Фабрикаи дӯзандагии №1 ба саноати бофандагии ҷумҳурӣ асос гузошт [2, с.490].

Барои пешрафти саноат ашёи хом ҳам зарур буда, ба ин масъала низ диққат дода мешуд, ки аз он ҷумла дар ҳамин давра конҳои ангишти Киштут ва Ёқсу ба кор андохта шуда, кони ангишти Шӯроб ва нефти Санто такмил карда шуданд, ки ин низ барои рушди саноат заминаи устувор мегузошт.

Шурӯъ аз соли 1929 дар давраи панҷсолаи аввал (1929-1933) таваҷҷуҳ ба сохтмони сотсиализм боз ҳам бештар гашта, се ҳадафи муҳимми он: коллективонии хоҷагии қишлоқ, саноатикунонӣ (индустриякунонӣ) ва инқилоби фарҳангӣ (маданӣ) дар Тоҷикистон бо ҷӯшу хурӯш пеш мерафт, ки дар натиҷа 518 миллион сӯм барои иҷроиши нақшаи панҷсола

равон гардида буд, ки танҳо 20%-и он барои саноат равона гашта, 50% барои хоҷагии қишлоқ ва обёрӣ ворид гардида буд.

Инкишофи сохтмони корхонаҳои саноатӣ ва шаҳрсозӣ зарурияти саноати масолеҳи сохтмонро ба миён гузошт. Аввалин корхонаи саноатии ин соҳа заводи хиштпазии Сталинобод ба ҳисоб меравад, ки соли 1929 ба сохтмонаш оғоз намуда, соли 1930 онро аллакай ба истифода доданд. Дар ин сол заводҳои хиштпазии Драгомиров (ҳоло ноҳияи Ҷаббор Расулов), соли 1932 дар Шаҳринав, соли 1936 дар Хуҷанд (Ленинобод), Исфара, Панҷакент, Кӯктош (Сомониён) ва Шаҳритус сохта шуданд. Аллакай дар солҳои сиюм саноати сабук рушд намуда, аз ҷумла истеҳсоли коркарди нахи пахта аз 4,5 ҳазор тонна ба 11,6 ҳазор расонида шуд. Сарзамини Тоҷикистон, дар баробари истеҳсоли пахта, барои инкишофи кирмакпарварӣ ҳам қулай буд. Дар натиҷа, дар Тоҷикистон аввали солҳои 30-уми асри XX саноати бофандагиро аз саноати абрешим оғоз намуданд. Соли 1930 дар шаҳри Хуҷанд, фабрикаи абрешими «Бофандаи сурх» бунёд гардид. Комбинати шоҳибофии шаҳри Хуҷанд дар як муддати кӯтоҳ (1930-1932) ба фаъолият шурӯъ намуда, маҳсулот дод [10, с.124].

Ноябри соли 1932 фабрикаи пиллакашии Сталинобод низ ба кор даромад, ки хело дертар (соли 1949) он ҳам ба комбинати шоҳибофӣ табдил дода шуд. Дар давраи аввал масолеҳи ин фабрика, ҳамчун ашёи хом, ба шаҳрҳои Москва, Оренбург, Рига, Киев ва ғайра фиристода мешуд. Аз ҷумла дар соҳаи саноати хӯрокворӣ соли 1931 заводи шаробкашии Конибодом, соли 1932 заводи консервабарории Хуҷанд, миёнаи солҳои 30-юм заводҳои консервабарорӣ дар Чкаловск (Қистакӯз) ва Исфара ба кор даромаданд [2, с. 492].Рушди соҳаи ангурпарварӣ сабабгори афзудани теъдоди заводҳои шаробпазӣ гардид. Чунончӣ, соли 1930 дар Истаравшан (Ӯротеппа), соли 1931 дар Панҷакент ва Хуҷанд, соли 1932 дар Исписор чунин заводҳо ба истифода дода шуданд. Соли 1932 дар Қӯрғонтеппа ва соли 1933 дар Кӯлоб заводҳои равғанбарорӣ ба фаъолият шурӯъ карданд. Дар солҳои 30-юм комбинати ордбарорӣ дар Янги Бозор (Ваҳдат) ва Қӯрғонтеппа сохта ба истифода дода шуданд [2, с.492-493]. Умуман, дар давраи панҷсолаи якум як қатор корхонаҳо ба истифода дода шуданд, ки ҳазорҳо нафар одамон ба кор таъмин гардида, ба ин васила ҳам ба ҷойи кор таъмин намудани мардум ва ҳам иҷроиши нақшаи панҷсола анҷом дода шуд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми панҷсолаи якум дар баробари рушд додани саноати сабук, инчунин рушди саноати вазнин ба ҳисоб мерафт ки ба он рушди истеҳсоли ангишт, нефт ва бунёди неругоҳи обию барқӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт ҳам қадамҳои устувор гузошта шуданд. Аз ҷумла, истеҳсоли ангишт, ки соли 1929 13 ҳазорро ташкил менамуд, соли 1932 ба понздаҳ ҳазор расонида шуда, истеҳсоли нафт ҳам афзун карда шуд.

Дар самти бунёди НБО низ кӯшишҳо ба харҷ дода шуда, иқтидори НБО Варзоб, ки 7,5 ҳазор киловаттро ташкил медод, шурӯъ ва дар баробари он сохтмони чунин неругоҳҳо дар Панҷакенту Шӯроб оғоз гардиданд.Барои рушди саноат ва хоҷагии қишлоқ масъалаи муҳимми дигар сохтмони роҳи автомобилгард, роҳи оҳан ва ҳавоӣ муҳим буда, дар ин самт низ корҳои зиёд анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, 1-сентябри соли 1929 сохтмони роҳи оҳани Термиз – Душанбе ба охир расонида шуда, поезди аввалин бо роҳи 225 км ба Душанбе омад, ки яке аз қадамҳои устувор дар роҳи таъмини алоқаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, инчунин рушди иқтисодиётро таъмин менамуд. Ба ғайр аз ин сохтмони роҳи оҳани Душанбе – Янгибозор, Мелниково – Шӯроб ва роҳи оҳани камбари Панҷи поён то сарбанди канали Вахш ба масофаи 125 километр анҷом дода шуданд.

Дар баробари роҳи оҳан сохтмони роҳи мошингард низ омили муҳимми рушди саноат ба ҳисоб мерафт. Дар ҳамин давра умуман роҳҳо вуҷуд надоштанд. Соли 1928 роҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа сохта ба истифода дода шуд, ки он ҳам заминаи бунёди саноат дар Тоҷикистони Марказию Ҷанубӣ мегардид.Пас аз сохта ба истифода додани роҳи оҳани Тирмиз-Душанбе роҳҳои мошингард Душанберо ба Хуҷанд, Кӯлоб, Сарой Камар, Ғарм, Хоруғ пайвастанд. Умуман, дар солҳои сиюм 4000 км роҳҳои мумфарши автомобилгард сохта ба истифода дода шуданд [9,с.193].Ҳарчанд ки дар сарзамини Тоҷикистон масъалаи роҳи обӣ қариб ки вуҷуд надошта бошад ҳам, дар ҳамин давра роҳи «обии Саройкамар – Термиз бунёд гардида, киштии «Тоҷикистони сурх» дар он ба ҳаракат дароварда шуд.

Инчунин, дар ин давра роҳҳои зиёди мошингард, ба монанди Душанбе – Қӯрғонтеппа – Ҷиликул, Душанбе – Обигарм, Уш – Хоруғ сохта ба истифода дода шуда, роҳи ҳавоии Душанбе – Хоруғ низ кушода шуд. Чунин иқдомҳо дар тамоми ҷанбаҳои саноат дар давраи панҷсолаи аввал ба хубӣ анҷом дода шуда, шумораи коргарон, ки 1749 нафарро ташкил медод, ба 5653 расонида шуд. Дар маҷмӯъ, нақшаи панҷсолаи аввал бомуваффақият анҷом дода шуда, дар соҳаи саноат муваффақиятҳои назаррасе ба даст оварда шуданд. Дар натиҷа кишвари аграрӣ ба кишвари аграрӣ – саноатӣ табдил дода шуд.

Дар давраи панҷсолаи дувум, ки солҳои 1933-1937-умро дар бар мегирифт, ҳамоно нақшаҳо дар се самт идома дошта, дар соҳаи саноат боз ҳам нақшаҳои нав дар пайи амалӣ шудан буданд. Дар панҷсолаи дувум 25% маблағгузории умумӣ ба соҳаи саноат рост омад, ки нисбат ба панҷсолаи аввал 5% зиёдтар буда, дар маҷмӯъ 62,9 миллион сӯмро ташкил мекард. Дар соҳаи саноати сабук дар давраи панҷсолаи дувум заводҳои пахта, фабрикаҳои шоҳибофӣ, дузандагӣ, пойафзол ва ғайраҳо сохта ба истифода дода шуданд, ки дар маҷмӯъ дар соли 1937 дар 8 заводи ҷумҳурӣ 31,4 ҳазор тонна маҳсулот истеҳсол карда шуд. Инчунин, якчанд заводу корхонаҳои дигари саноати сабук сохта ба истифода дода шуданд. Соли 1936 дар Сталинобод ба сохтмони комбинати бофандагӣ шурӯъ карданд ва 14 марти соли 1942 навбати аввали он ба кор даромад. Ҳарчанд ин корхона ҳамон вақт асосан калоба ва матои дурушт истеҳсол мекард, вале он ибтидои коркади пахта дар ҷумҳурӣ буд. Танҳо дар шаҳри Сталинобод соли 1938 заводи нави механиконидашудаи нонпазӣ, соли 1940 комбинати гӯшт, бо сеххои ҳасиб ва консервабарорӣ ба фаъолият шурӯъ карданд. Дар ҷумҳурӣ аввалин нашриёт ҳанӯз соли 1924, дар Душанбе ба таъсис дода шуда буд. Соли 1934 дар ин ҷо комбинати полиграфӣ ба фаъолият шурӯъ кард [2, с.493-494].

Дар солҳои 30-юм дар соҳаи истеҳсоли барқ ҳам дар ҷумҳурӣ аввалин қадамҳо гузошта шуданд. Аз ҷумла, соли 1931 ба сохтмони неругоҳи барқи обии Варзоб шурӯъ карданд. Иқтидори неругоҳ 7500 квт/соат ба нақша гирифта шуда буд. Декабри соли 1937 сохтмони он ба итмом расид ва ин неругоҳ ба пойтахти ҷумҳурӣ барқ дод. 12 сентябри соли 1933 истгоҳи дизелии барқии Сталинобод низ ба кор шурӯъ кард [2,с. 493-495].

Дар Кӯҳистони Бадахшон дар панҷсолаи 2-юм дар дарёи Ғунт сохтмони неругоҳи барқи обӣ оғоз ёфт ва дар панҷсолаи 3-юм он ба кор даромад. Соли 1934 маркази гармидиҳии барқии Шӯроб ба истифода дода шуд, ки он неругоҳ Исфарaро низ қисман бо барқ таъмин мекард. [2, с.495].Бояд қайд намуд, ки дар тамоми ноҳияҳо, шаҳрҳо ва колхозҳо истгоҳҳои барқӣ сохта шуданд ва ин нишондод нисбат ба панҷ соли пеш 32 маротиба зиёд гардид, вале ҳанӯз талаботи саноати кишварро бароварда наметавонист. Умуман, соли 1940 дар ҷумҳурӣ шумораи истгоҳҳо ва зеристгоҳҳои барқӣ ба 40 адад расида буд. Дар самти истеҳсоли ангишт ва нефт низ дастовардҳои муҳиме ба даст омада, истеҳсоли ангишт аз 15 ҳазор тоннаи соли 1932 ба 18 ҳазор тонна ва истеҳсоли нафт аз 17 ҳазор тонна ба 26,6 ҳазор тонна расонида шуда, инчунин кони полиметалии Консой, Заводи механикӣ ба номи Орҷоникидзе, заводи таъмири автомобил, устохонаи таъмини тарозуҳо дар Душанбе ва Заводи таъмири механикии Қӯрғонтеппа ба кор дароварда шуданд.Мувофиқи нақшаи панҷсолаи сеюм (солҳои 1938-1942), танҳо барои инкишофи саноати сабук 95380 ҳаз. рубл ҷудо гардида буд. Ин маблағҳо бояд барои сохтмони текстилкомбинат, барои баитмомрасонии сохтмони заводҳои пахтатозакунӣ дар Регар, Мелников, азнавсозӣ ва сохтмони Комбинати абрешими Хуҷанд, фабрикаи дӯзандагӣ, фарохгардонии фабрикаи пояфзолбарорӣ дар шаҳри Душанбе ва дигар корхонаҳо истифода мешуданд [2, с.485]. Тибқи нақшаи панҷсолаи сеюм (моҳи феврали соли 1939 дар анҷумани V ҲК (б) Тоҷикистон қабул карда буд) дар соҳаи саноат корҳои зерин пешбинӣ гардида буданд: васеъ кардани саноати маъдани кӯҳии шимоли Тоҷикистон (металлҳои рангаи комплекси Қарамазор); ба истифода додани комбинати саноати кӯҳии Такоб, зиёд кардани истеҳсоли нафт ва ангишт, сохтмони ГЭС-и Варзоби Поён ва Харангон, сохтмони якчанд корхонаҳои нав ва азнавсозии корхонаҳои вуҷуддоштаи саноати сабук, васеъ намудани базаи истеҳсолии саноати пахтатозакунӣ дар заминаи саноати умумииттифоқӣ дар назар дошта шуда буд.Дар баробари ин, дар ҷумҳурӣ бояд саноати маҳаллӣ ва кооператсияҳои истеҳсолӣ инкишоф меёфтанд, ки вазифаи онҳо таъмин намудани аҳолӣ бо моли ниёзи мардум буд.

Дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бошад, вазифа гузошта шуда буд, ки базаи истеҳсолӣ-техникии хоҷагии зироаткорӣ ва ҳосилнокии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ баланд бардошта шавад, шабакаҳои обёрӣ васеъ ва азхудкунии заминҳои нав дар водии Вахш давом дода шавад. Синфи коргари тоҷик аз ибтидои соли 1939 бо рӯҳбаландии стахановӣ ба иҷро намудани нақшаҳои панҷсола сар кард. Аввалин шуда коркунони ГЭС-и Варзоб ба тамоми коргарони ҷумҳурӣ муроҷиатнома қабул намуда, онҳоро ба меҳнати зарбдорона дар иҷрои нақшаи панҷсола даъват карданд. Ин ташаббус унвони мусобиқаи сотсиалистӣ ба шарафи панҷсолаи сеюмро гирифт. Кӯҳканони Шӯроб, нефтчиёни Исфара, бофандагони Хуҷанду Душанбе, шарбатистеҳсолкунандагони Конибодом, коргарони заводҳои пахтатозакунӣ мунтазам нақшаҳои истеҳсолии худро 1,5-2 баробар иҷро мекарданд. «Бисёр дастгоҳ идоракунӣ» ва «ихтисоси омехта» доштан ба як шакли ҳаракати нави мусобиқа дохил шуда буд.

Дар солҳои 1940-1941 саноати ҷумҳурӣ ба истифодаи захираҳою масолеҳи маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти саноатии талаботи умумии мардум нигаронида шуда буд. Ба нақша гирифта шуда буд, ки дар ин соҳа дар ҷумҳурӣ 27 корхонаи гуногуни истеҳсоли моли

сермасрафи ниёзи мардум ба воситаи кооперативҳои истеҳсолӣ сохта шаванд ва моли истеҳсолкардаи ин соҳа 3,1 баробар зиёд карда шавад.

Дар солҳои 1938-1941 дар ҷумҳурӣ корхонаҳои зерин: Комбинати маъдани кӯҳии Такоб, кони нави ангишт дар Шӯроб, ГЭС-и Хоруғ, сехи нав дар Комбинати гӯшти Душанбе, заводҳои пахтаи Регар ва Мелникова ба кор даровarda шуданд. Фабрикаи пойафзол, заводҳои сафолакҳои бомпӯшии Душанбе ва Исфара, пивопазӣ ва сементи Душанбе пурра ба кор даровarda шуданд. Ҳамчунин, дар Конибодом заводи битумбарорӣ, дар Сталинобод заводҳои алебастрбарорӣ ва истеҳсоли сафолакҳои бомпӯш ба кор даромаданд. Дар Помири Шарқӣ бошад, заводи оҳак ба фаъолият шурӯъ кард.

Корхонаи нефтистеҳсолкунии «КИМ» аз нав таҷҳизонида шуда, заводи озокеритӣ дар Селроҳ сохта шуд. Ба ғайр аз ин ба коркарди якчанд маконҳои ангишт дар Тоҷикистон - дар Равот, Ташкутан, Киштут Заврон ва ғ. оғоз карда шуд [2, с.495-496]. Дар натиҷа, истеҳсоли ангишт аз 18 ба 204ҳ.т., нефт аз 26,6 ба 29,8ҳ.т., истеҳсоли шоҳӣ аз 200 ба 254 тонна, пойафзоли чармин аз 139 ба 455ҳ. ҷуфт, истеҳсоли матои пахта аз 01 ба 0,2 млн. метр, истеҳсоли равған аз 2,47ҳ.т. ба 3,54 ҳ.т., истеҳсоли қувваи барқ аз 37,3 ба 62,1 млн.квт расонида шуда буд. Шумораи синфи коргар ба 139 ҳ. расида буд. Барои таъмини хуби соҳа бо қувваи корӣ соли 1940 дар Тоҷикистон Комитети давлатии захираҳои меҳнатӣ бо 5 таълимгоҳаш - 4 касбӣ ва 1 роҳиоҳанчиёнаш таъсис ёфта буд. Вале ҳанӯз ҳам дар корхонаҳои саноатӣ асоси синфи коргари миллӣ ақаллият буд. Коргарони тоҷик дар сохтмонҳои иншоотҳои саноатӣ, бинокорӣ, роҳсозӣ, совхозҳо ва бофандагӣ бартарӣ доштанд. Ҷумҳурӣ ба ҷумҳурии саноатӣ-аграрӣ табдил ёфта буд. Вале саршавии Ҷанги дуюми ҷаҳон (1 августи соли 1939) ба инкишофи бемайлони саноати ҷумҳурӣ бетаъсир намонд. Солҳои 1938-1941 нақшаҳои давлатии саноатикунонии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии саноати ИҶШС тағйир ёфтанд. Ҳамин тавр, то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ заминаи мусоид барои рушди саноат дар Тоҷикистон фароҳам оварда шуда, дар ин самт қадамҳои устувор гузошта шуданд.

## АДАБИЁТ


1. Ғафуров Б. Тоҷикон. таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Монография / Б. Ғафуров. -Душанбе, 2008. - 834 с.
2. История таджикского народа Т.5 новейшая история(1917-1941 гг.) /Под редакцией академика Академии наук Республики Таджикистан Р.М.Масова. -Душанбе, 2004. - 752 с.
3. История Таджикской ССР. (Учебник). - Душанбе, 1965, 1983.
4. Из истории индустриализации Таджикской ССР. -Душанбе, 1972.
5. Мухторов А. Таърихи халқи тоҷик / А. Мухторов, А. Раҳматуллоев. -Москва, 2002. -Ҷилди 1.
6. Набиева Р.А. Таърихи халқи тоҷик дар асри XX ва ибтидои асри XXI/ Р.А. Набиева, Ф.Б. Зикриёев, М.Ф. Зикриёева. -Душанбе, 2009.
7. Раҳматуллоев А. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ (Китоби дарсӣ) / А.Раҳматуллоев, А. Мухторов. -Душанбе, 1989.
8. Раҳматуллоев А.Таърихи халқи тоҷик / А. Раҳматуллоев Х. Сатторов, Н. Тоҷов. -Душанбе, 2009. -Ҷ. 2.
9. Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Русия то истиқлол. Монография. -Душанбе, 1997. - 193 с.
10. Хайдаров Г.Х. История таджикского народа XX века. -Душанбе, 2001.


## ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ САНОАТ ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масъалаи пайдоиш ва рушди саноат дар Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Маълум аст, ки то сар даровардани Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ба истиснои якчанд корхонаҳои хурди косибӣ дар минтақа саноат мавҷуд набуд. Муаллиф заминаҳои саноатро дар Тоҷикистон ба сар даровардани Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна вобаста медонад. Аммо бунёди ин корхонаҳо дар минтақаҳои Тоҷикистон нобаробар буда, аксарияти ин корхонаҳо дар ноҳияҳои шимолӣ бунёд гашта буданд. Гуфта мешавад, ки бо барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ ва барҳамхӯрии Ҳукумати подшоҳии Русия масъалаи бунёд ва рушди саноат дар Тоҷикистон боз ҳам мубрам гардид. Дар мақола зикр мегардад, ки заминаи рушди саноат дар кишвар аз саноати сабук оғоз гашта дар аввал заводҳои пахтатозакунӣ, равғанкашӣ ва консервабарорӣ сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамчунин, дар мақола омилҳои рушдиҳандаи саноат дар Тоҷикистон (то соли 1945) таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла қайд мегардад, ки сохта ба истифода дода шудани заводи пахтатозакунӣ, корхонаҳои равғанкашӣ, собунпазӣ, ба кор оғоз кардани кони ангишти Шӯроб ва нефти Санто, конҳои ангишти Киштут ва Ёқсу, ба кор андохта шудани НБО Варзоб (соли 1937), дар тамоми ноҳияҳо, шаҳрҳо ва колхозҳо сохта ба истифода дода шудани истгоҳҳои барқӣ, роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва ҳавоӣ омилҳои рушди саноат маҳсуб меёбанд.



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Осиёи Миёна, саноат, истеҳсолот, иқтисодиёт, корхона, завод, истгоҳҳои барқӣ, роҳи автомобилгард, роҳи оҳан.


## ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ


В данной статье рассматривается вопрос появления и развития промышленности в Таджикистане. Очевидно, что до завоевания Средней Азии Россией, за исключением нескольких малых кустарных предприятий, в регионе не существовало промышленности. Автор связывает основы промышленности в Таджикистане с завоеванием Средней Азии Россией. Но создание (сооружение) этих предприятий в регионах Таджикистана не было одинаковым. Большинство предприятий сооружались в северных районах. Подчёркивается, что с установлением

Советской власти и развалом Царской России процесс создания и развития промышленности в Таджикистане ускорился. В статье отмечается, что развитие промышленности в стране начиналось с лёгкой промышленности, вначале строились заводы по очищению хлопка, маслобойни и по производству консервов. Также в статье рассматриваются факторы развития промышленности в Таджикистане(до 1945 года). В том числе отмечается, что одним из факторов развития промышленности в Таджикистане являлось строительство заводов по очищению хлопка, предприятий по производству масла и мыла. Шуроб и Санто нефть, рудники Киштут и Ёксу, ГЭС Варзоб в1937 в каждом районе, городе и колхозе велось строительство электростанций, автомобильных дорог, железных и автодорог.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Средняя Азия, промышленность, экономика, предприятия, завод, электростанция, автомобильная трасса, железная дорога.

**BASES FOR THE INDUSTRY AND DEVELOPMENT OF INDUSTRY IN TAJIKISTAN**

This article discusses the emergence and development of industry in Tajikistan. It is obvious that before the conquest of Central Asia by Russia, with the exception of a few small handicraft enterprises, there was no industry in the region. The author connects the foundations of industry in Tajikistan with the conquest of Central Asia by Russia. But the creation (construction) of these enterprises in the regions of Tajikistan was not the same. Most of the enterprises were built in the northern regions. It is emphasized that with the establishment of Soviet power and the collapse of Tsarist Russia, the process of creating and developing industry in Tajikistan doubled. The article notes that the basis of industry in the country began with light industry; in the beginning, plants were built for the purification of cotton, oil mills and the production of canned food. The article also discusses the factors of industrial development in Tajikistan (until 1945). Among other things, it is noted that one of the factors for the development of industry in Tajikistan was the construction of cotton purification plants, oil and soap manufacturing enterprises, Shurob and Santo neft, the Kishtut and Yoksu mines, and the Varzob hydropower plant (1937, in each districts, cities and collective farms) , highways, railways and air routes.

**Keywords:** Tajikistan, Central Asia, industry, economy, enterprises, plant, power plant, automobile highway, railway.

**Сведения об авторе:** ***Муллоджонов Асадулло Кучакович*** - кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово - экономического университета. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 3-й корпус. Телефон: **93 412 60 00** E-mail: **asadullo1976 @mail.ru**
***Тиллоев Анваршо Абдулхакович*** - Дангаринский государственный университет, соискатель. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. Телефон: **908-88-87-82**

**Information about the author:** ***Mullojonov Asadullo Kuchakovich*** - Candidate of Sciences Associate Professor of the Department of Humanitarian Disciplines of TGFEU. Address: Tajikistan, Dushanbe, ul. Nakhimova 64/14, 3rd building Phone: **93 412 60 00** E-mail: **asadullo1976 @mail.ru**
**Tilloev Anvarsho Abdulhakovich** - Dangara State University, applicant. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova street, 3. Phone: **908-88-87-82**

**УДК:930.85 (575.31)**

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ АЛОҚАИ РАДИО ДАР ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Нурматова М.Р***
**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино**

Радио яке аз воситаҳои муҳимми алоқа буда, дар қатори фаъолияти тарғиботиаш вазифаҳои маърифатноккунӣ, маълумотдиҳӣ, тарбиянамоӣ, ташкилию фароғатиро низ иҷро менамояд. Дар аввали соли 1920 яке аз роҳбарони радиолабораторияи Нижгород сохтмони радиопередатчикро ба анҷом расонида, 11-уми январи ҳамон сол барномаи нахустини радиотелефониро мавриди санҷиш қарор дода буд.

В. И. Ленин бошад радиоро «газетаи беқоғазу бемасофа» номида, фаъолияти онро дар пешрафти давлатдорӣ муҳим арзёбӣ намудааст [1, с.130]. Радио аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънояш «нур афкандан» мебошад. Мафҳуми «радио»-ро аввалин бор олими англис, физик-химик У. Крукс соли 1873 (бо мақсади фаҳмондани натиҷаи таҷрибаи кимиёвӣ) қариб 20 сол пеш аз ихтирои радио истифода намуд. Худи Крукс доир ба техникаи қабули мавҷҳои электромагнитӣ ягон тадқиқот набурдааст. Ба ҷойи радио то соли 1910 олимону ихтирокорон низ мафҳуми «алоқаи бесим»-ро истифода мебурданд, бар хилофи системаи дигари алоқа, яъне телефон, дар радио сим умуман ба кор намерафт ва ин сабаби пешравии ин соҳа дар байни мардум ва кишварҳои мухталиф гардид [2]. Маҳз аз ҳамин сабаб радио дар ибтидои пайдоиши худ аввал ҳатто «алоқаи бесим» номида мешуд, зеро мавҷҳои электромагнитӣ аз офтоб ба замин мерасанд ва бори нахуст олим Хеймс Максвелл дар соли 1864 мавҷудияти ин мавҷҳоро кашф карда буд. Дарозии ин мавҷҳои радио гуногун буда, баъзе аз онҳоро бо сурати нур мебинем ва бархеро бо сурати гармо эҳсос мекунем, аммо аз будани қисме аз он мавҷҳои дигар ҳатто огоҳ ҳам намешавем [3, с.21].

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ихтироъкунандаи радио А.С. Попов, ки дар шаҳри Петербург ҳанӯз 7-уми майи соли 1895 дар ҷаласаи Ҷамъияти русии физикию кимёвӣ

кашфиёташро доир ба усули бесим бо ёрии мавҷҳо аз як ҷой ба ҷойи дигар фиристодани ахбор муаррифӣ карда буд, маҳсуб меёбад. Аз соли 1945 дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ 7 май ҳамчун «Рӯзи радио» ҷашн гирифта мешуд. Аз руйи маълумоти таърихшиноси Русия С. И. Лейтес, фаъолияти мунтазами радио аз 12 октябри соли 1924 оғоз мегардад. С.И. Лейтес дар тадқиқоташ бо истифода аз маълумоти газетаи «Правда» (12 октябри соли 1927) ёдовар шуда, фикрашро исбот менамояд, ва чунин менависад: «Имрӯз ҷашни сесолагии радиошунавонӣ аст. 12 октябри соли 1924 қабули баромаду маърӯзаҳо аз радиостансияи Соколний- ҳозира ба номи Попов мунтазам оғоз гардида буд. Бахшида ба Иди Радио маърӯзаи муфассал роҷеъ ба дастовардҳои соҳаи радио дар давоми се сол тариқи радиошунавонӣ пешниҳод мегардад». Соли 1925 барномаи радиоии аввалин дар Майдони Сурхи Москва бахшида ба тантанаҳои октябрӣ баргузор гардид. Соли 1931 Комитети Умумииттифоқии радиошунавонӣ, солҳои 1932 кумитаҳои радиои маҳаллӣ дар ҷумҳуриҳову вилоятҳо таъсис ёфтанд. Дар солҳои 30-юм радиошунавонӣ дар тарғиби методҳои пешсафонаи меҳнатӣ (ҳаракати стахановчигӣ ва ғ.), дар ташкили мусобиқаҳои меҳнати сотсиалистӣ, дар тарбияи ватандӯстии аҳолӣ нақши муҳим мебозид. Соли 1932 пахши мунтазами бахши «Хабарҳои охирин» шурӯъ гардид [4,с. 29]. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ радиошунавонӣ дар мубориза бар зидди фашизм нақши фаъолро бозидааст.

Оиди пайдоиши радио дар Тоҷикистон метавон гуфт, ки рӯзи 10-апрели соли 1930 дар таърихи радиошунавонии Тоҷикистон бо ҳарфҳои заррин сабт гардида буд, зеро нахустин маротиба дар ҳамин рӯз садои радио бо ибораи «Диққат, диққат, диққат, ин ҷо Сталинобод!» (ҳоло ш.Душанбе) аз собиқ хонаи як деҳқон -макони имрӯзаи театри ба номи В.В. Маяковский дар фазои пойтахт танин андохта буд [5, с.23 ].

Аз рӯйи тадқиқоти Кабиров Х. маълум аст, ки солҳои 1929-1930 дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Исфара аввалин узелҳои радиошунавонӣ ба кор даромадаанд, ки иқтидори онҳо 10 ваттро ташкил намуда, дар шабакаҳои онҳо тақрибан 50 нуқтаи радио кор мекард. Шумораи нуқтаҳои радио, ки ба онҳо узелҳои радиошунавонӣ хизмат мерасониданд, агар то охири соли 1933 се ҳазорро ташкил кунад, пас то охири соли 1940 ба 17ҳазор расид [6, с.29]. Ҳатто дар давраи солҳои 1941-1945 сарфи назар аз душвориҳои ҷанг 23 радиоузел сохта шуд, ки иқтидори умумии онҳо 1058 ваттро ташкил менамуд.

Аз соли 1945 то соли 1954-ум 7 радиоузел сохта ва 73 радиоузел аз нав ҷиҳозонида шуда буд [7, с.30].

Инчунин, радиошунавонӣ дар миқёси ҷумҳурӣ тариқи гузоштани радиоприёмник низ ҷараён мегирифт, ки шумораи онҳо аз 23 адади соли 1929 ба 36000 адад дар соли 1965 расонида шуд [8,с.31].Дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон бошад, созмону ба фаъолият оғозкунии алоқаи радио ба солҳои 30-юми асри XX рост меояд. Маълумотҳои бойгонии вилоятӣ шаҳодат медиҳанд, ки санаи 30-юми марти соли 1931 маҷлиси хурди Президиуми Хуҷанд масъалаи ташкили радиошунавониро муҳокима карда, барои амалӣ намудани он қарор қабул намуд. Мувофиқи қарори мазкур хоҷагии маҳаллии шаҳр вазифадор карда мешуд, ки барои радиоузел бинои мувофиқ ҷудо намояд ва ба қишлоқҳои наздиктарин ноқил кашида шуда, нуқтаҳои радио шинонда шаванд» [6, с.17-18]. Ҷиҳати татбиқи қарори мазкур рӯзноманигор Аҳмадхон Муҳамадхонов ба ҳайси ташкилотчӣ пешбарӣ шуда буд. Дар назди баромади боғи маданият ҳатто хонаи махсусе барои нуқтаи радиошунавонӣ ҷудо карда шуд.

Аҳмадхон Муҳамадхонов тамоми неруву кӯшишҳояшро ба харҷ дод, то ин ки ҳарчи зудтар радиои вилоятӣ ба кор шурӯъ намояд. Ҳамсари ӯ Тухтанисо Исҳоқова ба муаллифи ин сатрҳо маълумоти шифоҳӣ дода, ёдоварӣ намуданд, ки Аҳмадхон Муҳаммадхонов ҷиҳати таъсиси нуқтаи радио якчанд маротиба ба шаҳрҳои Душанбеву Тошканд ва Маскав сафар намуда, барои пешбурди кори соҳа таҷрибаи иловагӣ омӯхта буданд.

Бояд тазаккур сохт, ки пас аз кӯшишҳои зиёд дар таърихи 25 августи соли 1931 радиои вилоят ба кор оғоз кард, ки ин санаи таърихӣ ҳамасола дар қаламрави вилояти Суғд ҳамчун рӯзи таъсиси радиои вилоятӣ ҷашн гирифта мешавад. Дар ин рӯзи хотирмон аз баландгӯякҳо овози муассири ровӣ, муҳаррир, мухбири нахустини минтақаи шимолии Тоҷикистон Аҳмадхон Муҳаммадхонов «Диққат! Диққат! Инҷо Хуҷанд» садо дод. Он замон ин ҳодиса барои мардум ҳамчун муъҷиза маҳсуб мееёфт. Ҷиҳати тақвияти кори радио ва таъмини он бо кадрҳои болаёқат мавсуф мухбирони боистеъдод Юнус Ҳусайн, Акрам Фозил, ки забони русиро низ хуб аз худ карда буданд, инчунин қаламкашони соҳибтаҷриба Абдулло Мирбобоев, Саидкарим Ализода, Урунбой Дадобоев, Пӯлод Бобоев, Муртазо Бобохоҷаев, Ғаффор Розиқро ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб карда буд. Баҳри такмилу мукаммал сохтани дастгоҳи мавҷпаҳнкунӣ хизмати Рашид Зикрин, Владимир Соколов, Муқимхон Аҳроров, Абдувалӣ Халилов ва Исохӯҷа Исохӯҷаев низ беандоза мебошад. Дар оғоз бо сабаби камшумор будан, нуқтаҳои радио дар ҷойҳои серодам -чойхонаву клубҳо, кӯчаҳои марказӣ созмон дода мешуданд. Тибқи маълумотҳо,

сараввал дар тамоми шаҳру ноҳияҳои минтақаи шимолӣ 22 ҳазор нуқтаи радиошунавонӣ фаъолият намуда, аввалҳои солҳои 80-ум шумораи он ба 82 ҳазор расонида шуд [6].

То оғози соли 90-ум бошад, 135 ҳазор адад нуқтаҳои радиошунавонӣ дар қаламрави имрӯза вилояти Суғд таъсис дода шуда, фаъолият менамуданд. Радио дар ҳаёти мардум нақши муҳимми маърифатию фароғатиро мебозид. Тавассути баландгӯякҳо ба мардум паёми рафоқату ваҳдат расонида мешуд [7,с.86].

Ба воситаи радио баромадҳои шахсони касбу кори гуногундошта роҷеъ ба масъалаҳои маориф, илму маърифат, хоҷагидориву сохтмон, фарҳангу сиёсат ташкил карда мешуданд.

Моҳи марти соли 1972 қарори ҳукумати ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ дар бораи таъсиси Кумитаи садо ва симои вилояти Ленинобод (хозира Суғд) ба тасвиб расид. Нахустин раиси Кумитаи телевизион ва радиои вилоят (дар солҳои 1972-1989) Неъмат Шариф таъйин гардид. Дар хотироти ӯ аз он рӯзҳои мушкили соҳаи алоқа чунин маълумоти дақиқ дастрас аст, ки менависад: «Соли таъсисёбии Кумитаи садо ва симои вилоят раиси Кумитаи телевизиони онвақтаи ҷумҳурӣ Аминҷон Шукуҳӣ ба Ленинобод (ҳозира Хуҷанд) омада, маро ба ин вазифа пешбарӣ ва тасдиқ намуданд. Фаъолияти кории ман аз ҷустуҷӯйи бино оғоз гардид. Бинои мувофиқ набуд. Маҷбур будем, ки чанде дар бинои харобу фарсудаи радиои шаҳрие, ки дар паси масҷиди «Шайх Муслиҳиддин» воқеъ буд, кор кунем. Аз 1-уми апрели соли 1972 ба қабули кормандон шурӯъ намудем. Дар рӯйхати кори радио ва телевизион 19 нафар коргарони эҷодӣ ва техникиву маъмурӣ номнавис буданд. Рӯзи 15-уми апрели соли 1972 рӯзи фаромӯшнашавандае буд. Дар ин рӯз дар тамоми вилоят шанбегии коммунистӣ ҷараён дошт, мо бори нахуст бо иштироки раиси Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ шоир Аминхон Шукӯҳӣ аз ҳашаргоҳҳо гузоришҳо омода намудем ва ба аҳли диёр пешкаш намудем» [8,с. 34-35] .

Кормандони радиои вилоятӣ дар солҳои мазкур сармуҳаррир Олимхон Умаров, муҳаррирон Абдурауф Шарифов, Тамара Чеботарева, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Анвар Тавобов, Абдуваҳҳоб Алиназаров, Юсуф Насруллоев, Муҳсин Аминзода, Мая Сайфиддинова, коргардон Мирзоэргаш Урунов, ровиён-Мунаввара Мирзоумарова, Абдушариф Абдурахимов, муназзими овоз Мукаррама Сатторова барои пешбурди кори радиои вилоятӣ саҳми беандоза гузоштанд. Соли 1973 кумитаи иҷроияи вилоят барои идораи кумитаи радио ва телевизиони вилоят бинои дигар пешниҳод намуданд ва соли 1980 студияи радиои вилоятӣ низ ба бинои кумита кӯчонида шуд.

Барномаҳо аз рӯзи аввал бо мавҷи ултракӯтоҳ ва бо ноқил шунавонида мешуданд. Ҳаҷми гуфторҳо ҳар рӯз якуним соат буд ва дар ду бахш-нисфирӯзӣ дар доираи ним соат-аз соати 13.00 то 13.30 дақиқа ва бегоҳӣ 1 соат-аз соати 17.00 то 18.00 садо медоданд. Барномаҳо бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ шунавонида мешуданд. Тавассути барномаҳои мазкур аҳолии вилоят бо тамоми навигариҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, маърифатию фарҳангӣ бархӯрдор мегардиданд. Дар саривақт расониданӣ ахбори дақиқ аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ба кумита мухбирони ҷамоатӣ ва маҳаллӣ М.Зулфиқоров, Б. Азизбеков, Х. Юлдошев, Н. Ҷамол, Ғ. Нуъмон, А. Ҳамроев, Э. Соҳибназаров, М. Аҳмадов, М. Холматов ва дигарон хизмати шоён намудаанд. Имрӯз ҳам бархе аз ин нафарон фаъолияти хешро дар ин самт идома дода истодаанд [7,с.86].

Раисони Кумитаи телевизион ва радиоии вилоят дар солҳои минбаъда, аз ҷумла Мирсаидова Муҳаббат (солҳои 1989-1993), Илҳом Ҷамолов ( солҳои 1993-1994), Юсуф Насруллоев (1994-1996), Каримова Саодат (1996-1998), Абдуали Халилов (1998-2000), Нарзулло Дадобоев (2000-2001) ва Набиҷон Ҳомидов барои ташаккули радиои вилояти Суғд бо меҳнати софдилонаашон саҳмгузорӣ намудаанд [7,с.34-35].

Имрӯзҳо маҳз бо сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ зери роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон барои густариши фаъолияти радио ва телевизион шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Айни замон аҳли кормандони идораи телевизион ва радиои вилояти Суғд зери роҳбарии Мунира Раҳимзода, Ҷовид Ниёзӣ (сармуҳаррири телевизион) ва Икром Бобоев (сармуҳаррири радио) баҳри тақвияти ин соҳаи муҳим кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Бояд қайд кард, ки дар даврони истиқлолияти давлатӣ падидаи муҳиму хотирмон дар таърихи радиои вилояти Суғд ин шурӯъ аз 04.11.2011 тариқи шабакаи 101,1 ФМ гузариш ба пахши гуфторҳои 8-соата, аз 20.08.2012 ба пахши гуфторҳои даҳсоата ва аз 1.08.2013 дар ҳаҷми 16 соат барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ, маърифатию илмӣ, сиёсию иқтисодӣ-иҷтимоӣ шунавонида мешавад. Алҳол ба ғайр аз барномаҳои иттиллоотии «Ахбор», «Ҳафта», «Новости», «Неделя» инчунин зиёда аз 35 барномаҳои гуногун таҳти унвони «Имрӯз дар таърих», «Суғдиёна», «Навоҳанг», «Савту паёми дилангез», «Сабзмеҳан», «Инсон ва қонун», «Ҳамадон», «Гулрези сухан», «Амвоҷи зиндагӣ», «Дар кӯи некномӣ», «Шифо», «Полезный час», «Стол заказов» ва ғайра бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ тавассути радиои вилояти Суғд пахш карда мешаванд. Дар омода намудану шунавониданӣ барномаҳои мазкур муҳаррирон ва барандагон И.Бобоев, Узоқова М., Почоев М., Ахмедова У, Мирзоумарова М., Раҷабова

У, Нуруллоева М., Аминзода М. ва дигарон саҳми назарраси хешро мегузоранд [9]. Мавзӯъро бо далелҳои дар боло овардашуда ҷамъбаст намуда, ба хулосаи зерин омадан мумкин аст:

1. Радио олоти идеявии давлат буда, дар пешбурди ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мардум нақши муҳим бозидааст.

2. Вилояти Суғд яке аз вилоятҳои пешрафтаи ҷумҳурӣ буда, дар самти рушди соҳаи алоқа низ ба комёбиву пешравиҳои назаррас ноил гардидааст.

3. Дар пешрафт ва инкишофи алоқаи радиои вилоятӣ саҳми собиқ Ҳукумати Шуравӣ калон аст.

4.Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам рушд кардани соҳаи алоқаи вилоят заминаи мусоид фароҳам овард.

5. Радио ҷиҳати тақвияти ҳисси инсондӯстиву меҳанпарастии шунавандагон низ мусоидат менамояд.


АДАБИЁТ

1. Ленин В.И. Бонч-Бруевичу. Полн.собр. соч. / В.И. Ленин. -Т.51.-130.
2. Шапкин В. И. Радио: открытие и изобретение / В. И. Шапкин. - Москва: ДМК ПРЕСС, 2005. — 190 с., 98 ил. [электронный ресурс]. https. // commons. ru.wikipedia. org.//.
3. Хоҷазод С. Таърихи радиои Тоҷикистон / С. Хохазод. - Душанбе, 2006. -С.5.
4. Лейтес Л.С. «К истории отечественного радиовещания» Статья https [электронный ресурс]. // wikipedia. org.//.
5. Абдураҳмонов З. В. История формирования и развития системы связи в Горно-Бадахшанской автономной области Республики Таджикистан (20-е годы XX – начало XXI вв.): диссертация на соискание учёной степени канд.ист.наук / З. В. Абдураҳмонов. –Душанбе, 2013. -С.23.
6. Кабиров. Тараққиёти воситаҳои алоқа дар РСС Тоҷикистон //Радиогузаронӣ ва радиошунавонӣ. – Сталинобод, 1959. -С.29, 30, 31.
7. Улмаси Хол. Мавҷи гӯё. -Хуҷанд,2001. -С.17-18, 86, 34-35.
8. Газетаи «Ҳақиқати Ленинобод» (20.09.1981, №18)
9. Ҳисоботи солонаи Кумитаи телевизион ва радиои вилояти Суғд оид ба фаъолияти радиои Суғд дар соли 2018.


## ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ АЛОҚАИ РАДИО ДАР ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Муаллиф дар мақола оид ба таърихи пайдоиши радио дар минтақаи шимолии Тоҷикистон маълумот дода, саҳми ин намуди алоқаро дар пешрафти ҳаёти иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар мақола аз таърихи пайдоиши радиои ҷаҳонӣ сухан рафта, оиди инкишофи минбаъдаи он дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маълумот дода шудааст. Дар Тоҷикистони Шуравӣ, ки қисми таркибии Иттиҳоди Шӯравӣ буд, низ соҳаи алоқа ба маротиб пеш мерафт ва муаллиф тавонистааст, ки таърихи рушди онро дар қисмати шимолии мамлакат дар мисоли радиои вилоятӣ пешкаши хонанда намояд.



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Суғд, вилоят, радио, радиошунавонӣ, алоқа.


## ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ РАДИОСВЯЗИ В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В статье автор, приводя сведение об истории возникновения радио в Северном регионе Таджикистана, исследовал роль данной связи в развитии социально-культурной и экономической жизни Согдийской области. В статье вначале речь идёт об истории возникновения радио в мире и даются сведения о дальнейшем его развитии в бывшем Советском Союзе. Надо отметить, что в Советском Таджикистане, который был составной частью бывшего Советского Союза тоже бурно развивалась, система связи и автор смог показать историю его развития в северных районах Таджикистана на примере областного радио.



**Ключевые слова:** Таджикистан, Согд, область, радио, радиовещание, связь.


## HISTORY AND OPERATION OF RADIO SPECIALISTS IN SUGHD REGION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The author gives an overview of the history and origin of radio in the northern region of Tajikistan, and draws on this link to the social and economic life of Sughd province. The article tells the story of the origin of world radio and discusses its further development on the former Soviet Union. In the Soviet Union, which was a part of the Soviet Union, the communications industry has grown considerably, and the author has been able to read history and development of it in the Northern part of the country as an example of regional radio.



**Keywords:** Tajikistan, Sughd, region, radio, transmitter, communication.



**Сведения об авторе:** ***Нурматова Малика Рустамовна*** – Таджикский государственный медицинский университет имени А.Сина, преподаватель кафедры «Общественных дисциплин». Телефон: **918-91-24-91**

***Nurmatova M. R*** - Tajik State Pedagogical University named after Abuali Ibn Sina, Lecturer in the Department of Social Sciences,

УДК: 93/94 (575.3)

# ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ ХОҶАГИҲОИ ПИСТАПАРВАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Турахонов Р.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар шароити Тоҷикистон барои рушди хоҷагиҳои пистапарварӣ тамоми шароитҳо мавҷуданд. Дар бешазори Тоҷикистон зиёда аз аз 200 намуди дарахту бутта рӯида, дар байни онҳо растаниҳои мевадор (чормағз, писта, бодом, себ, нок, олуча) ва гиёҳҳои шифобахш хеле бисёранд. Арча, писта, бодом ва чормағз дарахтони хосси Тоҷикистонанд. Арчазорҳо 50 фоизи ҷангалзори ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Онҳо дар қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Ҳисор бисёранд. Чӯби арча пурбаҳост, он дар истеҳсоли мебел ва қалам истифода мешавад.

Пистазорҳо дар Тоҷикистони Ҷанубӣ нисбатан бисёранд. Масоҳати умумии онҳо зиёда аз 100 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Равғаннокии писта зиёда аз 60 фисадро ташкил медиҳад ва хӯроки пурбаҳост [3, с. 8-13].

Яке аз омилҳои сердаромад намудани соҳаи пистапарварӣ, таъсис додани хоҷагиҳои пистапарварӣ ва ба фурӯш баровардани пистаи хушсифат берун аз марзи ҷумҳурӣ мебошад. Дар хоҷагиҳои ҷангали ноҳияҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ пистаҳои навъи “Орзу”, “Данғара”, “Албина”, “Чёрная жемчужина” “Октябрская”, “СИ-5 (Зорка)”, “А-56 (Урожайная)”, “А-55 (Отрада)”, “А - 85 (Озарбойҷон)” мерӯянд [1, с,490].

Интихоби дурусти навъу шаклҳои пурарзиш бо истифодабарии роҳҳои вегетативӣ (пайвандкунӣ) ва кишт намудани тухмӣ метавонад ба ҳосилнокии баланди писта мусоидат намояд. Бо мақсади парвариши навъу шаклҳои ояндадор, мутахассисони пажӯҳишгоҳ мақсад гузоштаанд, ки ҳамкориҳои самарабахшро бо роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ба роҳ монанд. Мутахассисони пажӯҳишгоҳ дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон дар хоҷагиҳои деҳқонии «Муҳаммад Эҳсон» ва «Пистаи Рафсанҷонӣ» усули парвариши тухмиҳо дар халтачаҳои полиэтиленӣ (бо истифода аз таҷрибаи мутахассисони эронӣ)-ро ба роҳ монданд. Дар ин хоҷагиҳо тухмии навъҳои пистаи эронӣ шинонда, хуб нашъунамо ёфтанд. Ба хоҷагиҳои пистапарварӣ тавсия дода мешавад, ки аз ҳамин навъҳои дар боло зикршударо истифода бурда, самаранокии соҳаро боз ҳам афзун намоянд [6,с.2].

**Ҷадвали 1.**

| **Ном ва намуди писта** | **Дар чандсолагӣ ба ҳосил медарояд** | **Ҳар як хуша чанд дона писта мебандад** | **Дар кадом моҳҳо гул мекунад** | **Дар кадом моҳ пухта мерасад** | **Равғаннокии маҳсулоти писта чанд %-ро ташкил медиҳад** | **Аз ҳар гектар, чӣ қадар сентнер гирифтан мумкин** | **Бештар дар кадом давлатҳо мерӯянд** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Албина | 10-12 солагӣ | 25-30 дона | Миёнаҳои моҳи май | 8- то 25 август | 59 % | 8-сентнер | Ҷанубии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон |
| Орзу | 10-12 солагӣ | 15-18 дона | Саршавии моҳи май | 10- то 25 август | 59 % | 10 сентнер | Ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон |
| Чёрная жемчужина | 10-15 солагӣ | 12-14 дона | Саршавии моҳи май | 20-август то 10-сентябр | 57 % | 8-сентнер | Ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон |
| Октябрская | 12-15 солагӣ | 12-15 дона | Саршавии моҳи май | 10-20 август | 59 % | 10 сентнер | Ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон |
| Дангаринка | 12-15 солагӣ | 12-15 дона | Саршавии моҳи май | 20 июл то 10 август | 59 % | 10 сентнер | Ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| СИ-5 (Зорка) | 8-10 солагӣ | 12-15 дона | Саршавии моҳи май | Саршавии моҳи сентябр | 58 % | 10 сентнер | Ҷануби Тоҷикистон ва Ўзбекистон |
| А-56 (Урожайная) | 8-10 солагӣ | 13-17 дона | Саршавии моҳи май | Саршавии моҳи октябр | 61 % | 15 сентнер | Ҷануби Тоҷикистон ва Ўзбекистон |
| А-55 (Отрада) | 8-10 солагӣ | 12-15 дона | 30 апрел | 20-сентябр | 61 % | 8-10 сентнер | Ҷануби Тоҷикистон ва Ўзбекистон |
| А - 85 (Озарбойҷон) | 8-10 солагӣ | 10-13 дона | Саршавии моҳи май | Саршавии моҳи октябр | 60 % | 10 сентнер | Ҷануби Тоҷикистон ва Ўзбекистон |

Ба ғайр аз ин, дар хоҷагии деҳқонии «Пистаи Рафсанҷонӣ» 4 гектар майдони пистазори куҳнаро аз сари нав пайванд карданд. Ҳамчунин, дар 2 гектар майдони хоҷагии ҷангали ноҳияи Хуросон, дар назди Пойгоҳи илмӣ тадқиқотии «Телевишка» навъи ояндадори “Хуросон С – 68” – ро низ пайванд намуданд. Онҳо боз ният доранд, ки дар назди хоҷагии деҳқонии «Муҳаммад Эҳсон» як ниҳолистон (питомник) бунёд созанд, ки дигар хоҷагидоронро бо ниҳоли пайванкунанда таъмин кунанд.

Шароити табиии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки талаботи дохилӣ бо навъу шаклҳои тухмии пурарзиши писта таъмин ва тухмӣ он барои фурӯши берун аз ҷумҳурӣ низ бароварда шавад, чунки писта берун аз ҷумҳурӣ харидорони зиёд дорад. Мо агар соҳибкорони хориҷиро ба хоҷагиҳои пистапарварӣ ҷалб карда тавонем, ҳам иқтисодиёти давлат ва ҳам ба хоҷагидорон фоидаи зиёде ба даст меоранд [6, с.3].

Пистаро бештар аз тухмӣ парвариш мекарданд, ки дар натиҷаи тағйирёбӣ як қатор хусусиятҳои қиматноки биологию хоҷагии худро гум мекард. Ҳамин тариқ, шаклҳои гуногуни пистаҳои сифати молиашон паст ба вуҷуд омаданд.

Тухми пистаро бо ду роҳ мекоранд: дар тирамоҳ тухми хушк ва дар баҳорон бошад, тухмии дар қум хобонидашударо мекоранд. Барои тухмӣ меваи на зиёда аз як сол нигоҳдошташударо истифода мебаранд. Барои зери қумхобонӣ ба 1 қисми тухмӣ 2 қисм реги шушташудаи дарёро гирифта, бо ҳам омехта мекунанд.

Намнокии қум бояд чунин бошад: ҳангоми дар даст гирифта, фишурдан аз он об ҷудо нашавад ва вақти панҷаро кушодан қум пош нахӯрад.

Пас, дар қуттиҳои тагаш сӯроххҳои 0,5-1 см дошта, ё ин ки чуқурии дар замин кофта, вобаста аз миқдори тухмӣ, аввало бо ғавсии 1-5 см қум тунук намуда, баъд тухмии бо қум омехташударо мегузоранд. Аз болои қабати тухмии гузоштašуда бо ғафсии 5-6 см қум пӯушонда, ҳамвор мекунанд. Баъди ҳар як моҳ тухмиро кофта, рӯйгардон кардан лозим аст. Намнокӣ ҳам бояд назорат карда шавад [4, с.1]. Муҳлати зери қумхобонии тухмӣ вобаста ба намуди дарахтон мебошад нигаред ба ҷадвали 2.

**Ҷадвали 2. Тайёркунии тухмии дарахтон барои сабзиш ва муҳлати нигоҳдории онҳо дар зери қум**[4, с.2]

| Тухмии намуди дарахтон | Муҳлати нигоҳдории тухмӣ дар зери қум (рӯз) |
|---|---|
| Себи биҳӣ | 70-90 |
| Себи Сиверс (ёбоӣ) | 90-110 |
| Нок (хирсак) турунҷ | 80-100 |
| Олуи дарвоз (ёбоӣ) | 100-120 |
| Олуча | 120-150 |
| Дулона | 50-60 |
| Зардолу | 90-120 |
| Шафтолу | 210-240 |
| Бодом | 120-150 |
| Чормағз | 120-130 |
| Писта | 110-120 |
| Хурмо | 90-100 |

| | |
|---|---|
| **Униб (чида,челон)** | **110-120** |
| **Балар (рябина)** | **150-180** |
| **Хуч, зирк** | **80-90** |

Ҳарорати ҷойи зери қумхобонии тухмӣ набояд аз 3-5 $^{o}$C дараҷа баланд бошад. Як ё ду рӯз пеш аз оғози кишти тухмӣ заминро тайёр намуда, дар масофаи 70-80 см ҷӯякҳо кашидан лозим аст. Пас тухмиро якто-якто дар масофаи 20-25 см аз якдигар дур гузошта, болояшро ба ғафсии 8-10 см хок мепӯшонанд. Дар давраи нашъунамо 3-4 маротиба бехи ниҳолҳоро нарм намудан лозим аст, зеро бехи ниҳол аз алафҳои бегона тоза шавад. Вобаста ба ғизонокии хок ба он 2-3 маротиба нуриҳои азотӣ ва органикӣ медиҳанд, агар нуриҳои азотӣ ва органикӣ бештар диҳанд, ниҳоли писта аз сабзидан бозмемонад, чунки ниҳоли писта нуриҳои азоти ва органикиро дӯст намедорад. Барои намнокии муътадили хокро таъмин кардан, дар як моҳ 8-10 маротиба об додан ба мақсад мувофиқ аст. Вобаста ба шароити маҳал ва инкишофи ниҳолҳо онҳоро дар соли 1-ум ё 2-юм пайванд мекунанд. Дар ин ҳолат қаламчаи писта нағз инкишоф ёфта, аз бемориҳо тоза бошад. Пайванд кардани писта нисбати дигар дарахтони мевадиҳанда мушкилтар буда, хусусиятҳои хосси худро дорад [4, с.3].

Якчанд намуди пайвандкунӣ маълум аст. Аммо бештар барои писта тарзи пайванди Т-шакл мувофиқтар аст. Барои писта давраи пайвандкунӣ (асосан растаниҳое, ки дар заминҳои лалмӣ месабзанд ) хело муҳим аст. Аслан пайванди пистаро аввали моҳҳои май ва июн, ё ин ки миёнанаҳои моҳҳои май ва июн, дар баъзе хоҷагиҳо охири моҳи май мегузаронанд. Давомнокии муҳлати пайвандкунии писта як ё ду ҳафтаро дар бар мегирад. Гузаронидани пайванди писта субҳидам то соатҳои 10 – 11, бо дарназардошти хуб ҷудошавии шира ҳангоми буриши такпайванд ё ҷойи пайвандшаванда, натиҷаи хуб медиҳад [4, с. 4].

Ҳангоми пайвандкунӣ аввало аз қаламчаи пайванддӯст муғчаро бурида, ҷудо карда мегиранд. Пас, дар баландии 5-10 см аз сатҳи хок бо андозаи 2-3 мм пӯсти такпайвандро Т-шакл аз тан ҷудо мекунанд. Сипас, муғчаи пайванддӯстро ба он ҷо мегузоранд ва ҳарчи тезтар бо тасмаи полиэтиленӣ печонида, мебанданд. Пайванди пистаро бояд ду нафар ба анҷом расонанд. Шахси якум пайванд мекунад, шахси дуюм бошад, бо тасмаи полиэтиленӣ ҷойи пайвандро мебандад. Баъди 15-20 рӯз часпидани пайвандҳоро аз назар мегузаронанд, ки аз рӯйи намуди муғча муайян карда мешавад.

Баъзе пайвандҳо соли аввали пайванд ба андозаи 8-10 см қад мекашанд ва аксарияташон соли оянда сабзиш мекунанд. Аввали баҳори соли оянда тагпайвандҳоро одатан 2-3 мм болотар аз пайванд мебуранд. Агар шароити маҳал шершамол бошад, барои аз таъсири шамол нашикастан ва бо зарурати бастани пайвандҳо, тагпайвандҳоро 8-10 см болотар аз пайванд мебуранд. Дар мавриди зарурӣ ниҳолчаҳоро бо чӯбчаҳо мебанданд. Баъди 15-20см қадкашии пайванд навдачаҳои аз тагпайванд рӯйидаро канда мепартоянд. Нигоҳубини ниҳолҳои пайванди писта, ба монанди соли якум аз нарм кардани бехи ниҳолҳо 2-3 маротиба, нест кардани алафҳои бегона аз гирду атрофи ниҳоли писта, додани нуриҳои минералӣ дар мавриди мутобиқ, обмонӣ ва ҳифзи онҳо аз касалию ҳашарот иборат аст. Ҳангоми нигоҳбинии хуб то охири давраи нашъунамо ниҳолҳо 60-70 см қад кашида, қутри ғафсии танаашон 1,5-2 см мешавад, ки ин ба стандарт ҷавобгӯ мебошад [4, с. 5-6].

Яке аз омилҳои пешрафт ва самараноки ҳосили хуб пайвандкунии ниҳоли писта ба шумор меравад.Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки баъди пайвандкунии муҳлати ба ҳосил даромадани ниҳоли писта аз 15 сол то ба 7-8 сол расида ҳосилнокии он чанд маротиба зиёд мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Умари Шерхон. Данғара. –Душанбе: Шарқи озод, 2005. –С. 736.
2. Михаэл Зуков. Тавсияҳо оид ба шинонидани пистаи хандон дар кӯҳистонҳои Узбекистон / Михаэл Зуков. –Тошканд, 2014. –С. 60.
3. Попов К. П. Фисташка в Среднеи Азии. –Ашхабад: Ылым, 1979. - 160 с.
4. http://sadoimardum.tj/minta-a-o/pista-va-parvarishi-on/ [манбаи электронӣ] (санаи муроҷиат 10.06.2019), с.6.
5. http://kitobam.com/crp/Nabotot_crp/ [манбаи электронӣ] (санаи муроҷиат 10.06.2019),с.9.
6. https://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=27015 [манбаи электронӣ] (санаи муроҷиат 17.06.2019),с.4.

## ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ ХОҶАГИҲОИ ПИСТАПАРВАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур дар бораи омилҳои асосии рушди хоҷагиҳои пистапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифз ва нигоҳдории соҳаи ҷангал Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод. Бояд қайд намуд, ки соҳаи ҷангали мамлакати мо тайи даҳ соли охир дар ҳайати мақомоти ҳифзи муҳити зист фаъолият дошт. Бунёду барқароркунии ҷангал яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Агентӣ махсуб мешавад. Тайи даҳ соли охир ҳамасола мувофиқи нақша аз 1900 то 2000 гектар ҷангалҳои нав бунёд ва барқарор карда шуданд, ки аз ин миқдор наздик ба 900 гектарашро дарахтони мевадиҳандаи писта, чормағз, себ, олуча ва хуч ташкил медиҳанд. Писта маҳсулоти ниҳоят серхаридор буда, ҳар сол ба хоҷагиҳои ҷангали ҷумҳурӣ даромади чашмрас меорад. Дар баробари серғизо буданаш, хусусиятҳои зиёди шифобахшӣ ҳам дорад. Писта аз дона месабзад, ба монанди дигар дарахтони сояафкану мевадиҳанда онро аз қаламча намесабзонанд. Яке аз омилҳои сердаромад намудани соҳаи пистапарварӣ, таъсис додани хоҷагиҳои ҷангали пистапарварӣ ва ба фурӯш баровардани пистаи хушсифат ба берун аз марзи ҷумҳурӣ мебошад. Интихоби дурусти навъу шаклҳои пурарзиш бо истифодабарии роҳҳои вегетативӣ (пайвандкунӣ) ва кишт намудани тухмӣ метавонад ба ҳосилнокии баланди писта мусоидат намояд.

**Калидвожаҳо:** писта, пайвандкунии ниҳоли писта, хоҷагиҳои пистапарварӣ, минтақаи ҷангалпарварии таҷрибавӣ, тадқиқотӣ, тухмипарварӣ, мутахассисони соҳибтаҷриба оид ба пайвандкунӣ.

## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ФИСТАШКОВЫХ ЛЕСНЫХ ХОЗЯЙСТВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье исследуетсия основные факторы развития фисташковых лесных хозяйств в Республике Таджикистан и приведятся данные на основе достоверных источников. Правительство Республики Таджикистан с целью защиты и сохранения лесов создало Агентство лесного хозяйства при Правительства Республики Таджикистан. Надо отметить, что лесное хозяйство нашей страны в течение десяти последних лет функционировало в составе комитета по охране окружающей среды. Создание и восстановление лесов считается одной из первоочередных задач этого Агенства. В течение последнего десятилетия согласно плана ежегодно создавались от 1900 до 2000 гектаров и востановливаются новые лесные хозяйства, такие деревья как фисташка, орех, яблоко, вишня и шиповник. Фисташка пользуется большим спросом у покупателей и каждый год приносит большую пользу лесным хозяйствам республики. Наряду с питательностью, она также имеет много лечебных свойств. Фисташка растёт от зерна, как и другие фруктовые и декоративные деревья, ее не выращивают от череков. Одним из прибыльных факторов фисташковых лесных хозяйств является создание фисташковых лесных хозяйств и экспорт качественной фисташки за предел республики. Правильный выбор ценных сортов и видов с использованием разных способов прививок, а также посев зерен способствуют развитию самого лесного хозяйства, а внедрение прививок фисташковых саженцев увеличитает их производительность.

**Ключевые слова:** фисташка, прививка фисташковых саженцев, фисташковые лесные хозяйства, экспериментальная зона по лесоразведению, исследовательский, семеноводство, опытные специалисты по окулированию.

## THE MAIN FACTORS FOR DEVELOPMENT OF PISTACHIO FORESTRIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article researches the main factors for development of pistachio forestries in the Republic of Tajikistan, where presented data on the base of authentic sources. The government of the Republic of Tajikistan with the vien of protection and conservation of the forests has established Agency of forestry in the government of the Republic of Tajikistan. One should note, that the forestry of our country during last ten years had functioned on the committee on environmental protection. The formation and restoration of forests is considered one of the high-priority tasks of this Agency. During last decade due to annualy formed from 1900 to 2000 hectares and restores new forestries, from which about 900 hectares from fruit trees, such as pistashio, nut, apple, cherry and eglantine. Pistachio has a great demand by the customers and every year largely benefits to forestries of the country. Together with food value, it also has many medical properties. Pistashio grows from corn as other fruit and decorative trees, it does not grow from from grafts. One of the profitable factors of pistachio forestries, is first of all forming of pistachio forestries and export gvality pistachio outside the country. The correct choice of valuable kinds and types with use of grafting ways and also corn sowing promote high harvest of the pistachio. Aitogether pistachio forestries of southern districts of Tajikistan help to develop the forestry itself, and grafting plantation of the pistachio saplings increase its productivity.

**Key words:** pistachio, grafting, pistachio saplings, pistachio forestries, experimental zone on foresting, research, seed raising, experienced specialists on inoculation.

**Сведения об авторе:** ***Турахонов Рамазон Хурсандович*** **–** Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, ассистент кафедры общей истории. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67.Телефон: **987 37 37 13.**

**Information about the author:** ***Turakhonov Ramazon Khursandovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Assistant of the Department of General History. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini street 67. Phone: **987 37 37 13.**

УДК:930.85 (575.3)

# ТЕАТРИ ЗОДАИ ИСТИҚЛОЛ

*Шарифов Ш.Ҷ., Амроев Умедҷон*
**Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Театр муассисаи фарҳангиест, ки дар он ба воситаи ҳунарнамоии актёрон ҳаёт ва ҳодисаҳои зиндагӣ ба таври бадеӣ ифода карда мешаванд. Театр воситаи пуриқтидортарини таъсиррасонӣ ба тафаккури инсон аст, зеро рӯйдодҳои зиндагиро дар саҳна дида, тамошобин худро хаёлан ба қаҳрамонони мусбат монанд мекунад ва бо ҳамин роҳ олами ботинии хешро мустақилона комил мегардонад.

Театр моҳиятан ваҳдати ҳиссиёти маънавии саҳна ва тамошогарон, робитаи байни офарандагони намоиш ва оммаро тақозо дошта, барои тарбияи маънавӣ, сиёсӣ ва ахлоқии инсон мавқеи асосӣ дорад.

Театр аз қадимтарин намуди санъат ба ҳисоб меравад. Аввалин театр дар Юнон тавлид шуда, ба ин маънӣ истилоҳи театр дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: Театр — аз калимаи юнонии theatron гирифта шуда, маънои тамошо ва тамошогоҳро дорад. Театр мисли дигар намуди санъатҳо инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Аммо ҳаёти иҷтимоӣ дар театр на ба таври муҷаррад ва ё хушку холӣ, балки тавассути образҳои бадеӣ инъикос мегардад. Ба ин маънӣ, театр ҳамчун шуури ҷамъиятӣ бо ҳаёт, таърих ва фарҳанги миллии ҳар як халқ алоқаманд мебошад [1].

Давраи дигари рушди театр ба Рим иртибот мегирад. Дар театрҳои Рим бо шарофати драматургон Плавт, Трентский, Сенека таҳияи намоишномаҳо ва техникаи театр такомул ёфта, жанри пантомима ба вуҷуд омад. Пантомима калимаи юнонӣ буда, маънои тақлидро дорад. Дар ин жанр — намоишномаи театрӣ фикру эҳсосот бо имову ишора ифода меёбад.

Театрро санъаткорони бузурги олам ба таври худ шинохтаву маънидод кардаанд. Ба шинохти В.Г.Белинский, «театр воситаи беҳтарини ҳалли мушкилоти даврони мост» ва ё «театр як қитъаи афсонавист, ки зиндагиро бо тарзи нозук нишон медиҳад». Ба назари А.П.Чехов, «аз театр боло дар дунё дигар чизе нест». Дар таърифи В.Гюго, «театр кишварест, ки дар он мо қасрҳои латагин, дарахтони коғазин, нуқраву тиллоҳои шишагин ва офтоби аз замин баромадаро мебинем. Театр дунёи ҳақиқиест, ки нақшбозон, тамошобинон ва дар паси парда будагон ҳама дили инсонӣ доранд». Барои К. Станиславский, «театр макони орзуву хурсандӣ, роҳбару мураббия ва тарбиятгар» мебошад. Дар пиндошти А.Абдураҳмонов ва Ш.Абулқайсов, «театр рабояндаи нафси бад асту атокунандаи сабру тавозӯъ, нафрат аз худнамоӣ дораду қаноат аз хоксорӣ». Ба таъбири А.Маҳмадов, «инсон бо таъсири театр метавонад дар худ ҷӯшида, аз ғубор, аз худӣ ва худнигарӣ орӣ гардад. Театр, дарки маънии он, тавлиди инсони нав дар қолаби пешин аст…».

Оид ба таърихи ташаккул ва инкишофи театр дар Тоҷикистон муҳаққиқ Низом Нурҷонов андешаронӣ намуда, онро ба 6 давра ҷудо кардааст:

1. Пайдоиши театри шӯравии тоҷик (1919-1929).
2. Ташаккули театри касбӣ; (1924-1929).
3. Рафъи мушкилот ва инкишофи баъдина (1934-1936).
4. Бо роҳи реализми сотсиалистӣ (1937-1941).
5. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945).
6. Солҳои баъд аз ҷанг [2].

Ҳамин тавр, ташаккулёбии театри касбии тоҷик ба солҳои 1924-1929 рост меояд. Аввалин дастаи театрии миллӣ дар назди маъмурияти «Хонаи деҳқонон» соли 1927 бо ташаббус ва роҳбарии Ҳаким Карим таъсис ёфта, кружоки мусиқӣ-драммавӣ ном дошт. Дар заминаи он моҳи ноябри соли 1929 аввалин театри касбии тоҷик таъсис ёфта буд, ки ҳоло Театри академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ ном дорад [3].

Дар Тоҷикистон дар солҳои 1930-юм ҳамагӣ 3 театри касбӣ ва Театри опера ва балет фаъолият доштанд. Маҳз дар ҳамин_давра дар ноҳияҳои Хоруғ, Ғарм (Рашт), Кӯлоб, Панҷакент, Қӯрғонтеппа (Бохтар), Ӯротеппа (Истаравшан), Исфара, Ҳисор ҷамъ 12 театри халқӣ таъсис ёфта буданд [4].

Албатта, санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои минбаъда ҳам рушд ёфт. Бинобар ин метавон се марҳилаи дигар – солҳои бунёдкорӣ (1960-1980), давраи бозсозӣ (1985-1991) ва замони соҳибистиқлолиро ба ин тақсимот дохил намуд.

Таъсисёбии аввалин театрҳои касбӣ дар вилояти Хатлон ба солҳои 30 – юми асри XX рост меояд, ки дар заминаи дастаи ҳаваскорони санъат ба вуҷуд омада, дар солҳои аввали ташаккулёбиашон ҳамчун театрҳои халқӣ фаъолият менамуданд.

Фаъолияти пурсамари театрҳои касбии вилоят ба солҳои 60 - 80 - уми қарни XX рост меояд. Дар ин давра бо азму талош ва заҳматҳои шабонарӯзии ҳайати эҷодӣ ва

ҳунармандони театрҳои касбӣ асарҳои драматургони тоҷик ва классикаи ҷаҳонӣ ба саҳнаи театр бештар роҳ меёбанд. Инчунин, иштироки театрҳои касбӣ вилоят дар фестивал – озмунҳои байналхалқӣ ва озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту», ки ҳамасола баргузор мегардид, гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ фазои Тоҷикистони тозаистиқлолро буҳрони сиёсию иқтисодӣ фаро гирифта буд, ки ин ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Ҷанги шаҳрвандӣ, ки аввали солҳои 90 – уми асри XX минтақаҳои Тоҷикистони Марказию Ҷанубиро фаро гирифта буд, дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ низ таъсири манфӣ расонид [5]. Мутаассифона, аз соли 1992 сар карда, муддате театрҳои касбии вилоят бо душвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Раванди ҷанги шаҳрвандӣ, муқовиматҳои мусаллаҳона дар ҷумҳурии тозаистиқлол, маблағгузорӣ нашудани театрҳои касбӣ ва рафтани мутахассисон аз саҳнаи театр, ба он оварда расонид, ки театрҳои вилоят як муддати муайян аз фаъолият бозмонданд. Махсусан, театрҳои касбӣ ва халқии минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон, ки ба майдони муҳорибаҳои мусаллаҳона табдил ёфта буданд.

Ҷанги шаҳрвандӣ, вазъияти носолими ҷумҳурӣ, беқадрии адабу ҳунар, нотинҷиҳои даврон ва паст гардидани сатҳи зиндагии мардум ба он оварда мерасонад, ки девори мустаҳками коллективҳои эҷодии театрҳои касбӣ ва халқии вилоят оҳиста-оҳиста заиф гарданд [6].

Дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ дар вилояти Хатлон 2 театри касбӣ ва 6 театри халқӣ фаъолият менамуданд, ки дар натиҷаи маблағгузорӣ нагардидани ин муассисаҳо базаи моддӣ–техникии онҳо хароб гардида буданд. Умуман, дар даҳсолаи аввали истиқлолият, ки давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб меравад, ба фаъолияти театрҳои касбӣ диққати ҷиддӣ дода намешуд, ки дар натиҷа сифати фаъолияти ин муассисаҳо паст гардида буд.

Оғози даҳсолаи дуюми соҳибистиқлолӣ барои театри касбии тоҷик на танҳо имконоти нави эҷодиро фароҳам овард, балки имтиҳони ҷиддие низ дар роҳи нигоҳ доштани ин санъати воло ва боло бурдани сатҳи малакаву маҳорати касбӣ низ гашт. Яке аз тадбирҳои муҳимми дастгирии давлатӣ оиди рушду нумӯи театрҳои касбӣ, ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» (аз 2 декабри соли 2002, тахти № 80), [7] мебошад, ки он асосҳои эҳё ва инкишофи навъҳои гуногуни театрҳоро ба низоми муайян медарорад. Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни офаридан ва ба тарзи мустақим пешниҳод намудани намоишномаҳои театрӣ ба миён меоянд, ба танзим даровarда, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти театрӣ, ҳамчунин шаклҳои дастгирии давлатии онро муайян мекунад.

Дар ин давра бо вуҷуди камбудиву норасоиҳои ҷойдошта Хонаи фарҳанги ноҳияи Данғара ба марҳалаи дигаре аз фаъолиятҳо оғоз намуд. Соли 1996 гурӯҳи ҳунарии Хонаи фарҳанги мазкур дар Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии «Андалеб» ширкат варзида, ҳам дар сатҳи вилоят ва ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ба касби ҷойи 1 - ум муваффақ гардид. Инчунин, дастоварди дигари Хонаи фарҳанг ин иштироки ансамбли ҳунарии созиву овозии «Ганҷинаи умед» дар соли 1998 дар фестивали байналмилалие, ки дар Ҷумҳурии Ироқ баргузор гардида буд, ба ҳисоб меравад.

Моҳи октябри соли 2003 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ» дар маркази ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба тасвиб расид, ки ин сеюмин театри касбии вилоят ба ҳисоб меравад. Дар оғози фаъолияти театр, муҳимтарин масъала, ки бо мушкилоти фаровон ҳамроҳ буд, ҷалби мутахассисони касбӣ ва таъмини театр бо кадрҳои муносиб буд. Ба ин мақсад, дар марҳалаи нахуст тавассути радио ва рӯзномаи маҳаллӣ озмун эълон гардид. Дар озмун 10 нафар ширкат намуда, 2 нафар аз онҳо барои кор дар театр пазируфта шуданд. Коллективи театр дар солҳои аввали фаъолияти худ қадамҳои устувор ниҳода, сарфи назар аз душвориҳо ва мушкилоти моддиву иқтисодӣ, чӣ аз ҷиҳати норасоии мутахассис ва чи аз ҷиҳати маблағгузорӣ ва репертуар, ба комёбиҳои беназир ноил мегашт.

Худи ҳамин сол бо мақсади омӯзишу тарбияи ҳунармандон ва таъмини театри навтаъсис бо мутахассис, аз миёни ҷавонони соҳиблаёқати ноҳия 40 нафар довталаб дар шуъбаҳои гуногуни Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба таҳсил фаро гирифта шуд. Аз гурӯҳи мазкур 23 нафар ба шуъбаи актёрии донишкада дохил шуданд ва роҳбарии ин курсро дар тамоми муддати таҳсил (2003-2007) Ҳунарпешаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саодат Азизова ба уҳда дошт. Ба гуфтаи ӯ: «Аксарияти донишҷӯёни ин курс шавқ ва муҳаббати фаровоне ба ҳунари актёрӣ доштанд, батадриҷ аз моҳияти ин ҳунар пай мебурданд ва дар муддати омӯзиш кӯшишҳои онҳо шоистаи таваҷҷуҳ буд». Ҳамин тариқ, нахустин қадами муҳим дар амри роҳандозӣ ва фаъол намудани Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ ва драмаи ноҳияи Данғара» бардошта шуд.

Фаъолияти эҷодии театр аз соли 2004 оғоз гардид. Бо вуҷуди ниёзи шадид ба мутахассисон ва такмили гурӯҳи корӣ, ҳайати эҷодии театр нахустин спектакли драмавии «То қиёмат»-ро аз рӯйи намоишномаи драманависи тоҷик - Сафармуҳаммад Аюбӣ ба саҳна гузошт. Намоишномаи мазкур дар навъи театри як актёр офарида шуд ва нақши қаҳрамони онро ҳунарманди театр Маҳмадсаид Махсумов иҷро намуд. Инчунин, моҳи декабр спектакли «Бобои барфӣ куҷост?» аз рӯйи асари Раҳмоналӣ Одинаев барои кӯдакон таҳия ва манзури тамошобин гардид [8].

Мувофиқи Қарори мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2004, тахти № 1/66 Озмуни театрҳои касбӣ «Парасту-2005» дар сатҳи ҷумҳурӣ баргузор гардид. Ба далели надоштани ҳунармандони касбӣ, номи театри ҷумҳуриявии мусиқӣ ва драмаи ноҳияи Данғара дар феҳристи ширкаткунандагони озмуни мазкур набуд ва пас аз дархости маъмурияти театр, гурӯҳи эҷодӣ барои иштирок дар озмун иҷозатнома гирифт. Сарфи назар аз таҷриба ва имконоти андак, ҳайати эҷодии театр ба натиҷаҳои нахустин муваффақ гардида, намоишномаи «Баъди кӯрдуд» -ро, ки ба мавзӯи доғи рӯз - нашъамандӣ бахшида шуда буд, рӯйи саҳна овард. Намоиши мазкур, ки аз рӯйи асари Султоншо Муқаддамов дар таҳияи коргардон Раҳмоналӣ Одинаев дар Фестивал-озмуни «Парасту-2005» манзури тамошобин гардид, аз рӯйи номинатсияи интихоби мавзӯъ бо Ифтихорномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шуд. Ин қадами гурӯҳи эҷодӣ нахустин қоре буд, ки онро ба унвони театри касбии драма муаррифӣ намуд.

Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 501 аз 30 декабри соли 2005 тасдиқ карда шуда, [9] самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоию фарҳангиро дар бар мегирад. Мақсади қабули Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани рушди фарҳанг ба дараҷаи сифатан нав, таъмин намудани натиҷаи фаъолияти муассисаҳо ва соҳаҳои фарҳанг, инчунин барқарорнамоии соҳаҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ ва самаранок истифода намудани мероси фарҳангӣ мебошад.

Қабул гардидани «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро метавон яке аз дастовардҳои муҳимми истиқлолият арзёбӣ намуд. Дар консепсия гуфта шудааст: «Такмил ва инкишофи санъати театрии кишвар аз бисёр ҷиҳат бо ташкили мунтазами сафарҳи гурӯҳҳои театрӣ ба дохили кишвар ва берун аз он, маблағгузорӣ ва такмили ихтисоси ҳунарпешагон дар театрҳои давлатҳои хориҷӣ ва таҳсили ҷавонони соҳибистеъдоди тоҷик дар мактабҳои олии театрии кишвар ва хориҷ вобаста аст». Дар ин кор густариши таҷрибаи мақсадноки давлатӣ дар соҳаи таълифи асарҳои драмавӣ ва намоишномаҳои театрӣ, аз ҷумла барои кӯдакон, бунёди Фондҳои дастгирии лоиҳаҳои театрӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳо ва жанрҳо аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ ва ғайридавлатӣ низ ба мақсад мувофиқ аст [10].

Дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ тибқи нақшаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг аз 2 то 15 августи соли 2006 дар Қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб фестивали театрҳои касбии ҷумҳурӣ баргузор гардид. Дар ин фестивал 3 театри касбии вилояти Хатлон низ иштирок намуда, беҳтарин намоишномаҳои худро пешкаши дӯстдорони театр гардониданд. Аз ҷумла, ҳунармандони театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб намоишномаи «Бозори нафс»-и Ҷ. Қуддус, театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар намоишномаи «Зангирӣ ё дамгирӣ»-и С.Сафаров ва театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара намоишномаи «Рустам ва Сӯҳроб»-ро аз рӯйи асари Ғ. Абдулло дар таҳияи С. Азизова пешкаши тамошобинон гардониданд [11].

Мувофиқи Қарори мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 то 30 юми марти соли 2007 дар шаҳри Душанбе Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту-2007» баргузор гардид. Театри ҷумҳуриявии драма ва мусиқии ноҳияи Данғара дар ин фестивал намоишномаи «Дод аз дасти Афандӣ!»-ро аз рӯйи асари Ғаюр Ашӯров дар таҳияи Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлат Убайдуллоев пешкаши тамошобинон гардонид. Спектакли мазкур муваффақ ба дарёфти ҷойи дувум ва Дипломи дараҷаи дувуми Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида, барои ширкат дар Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ «Наврӯз-2007» роҳхат гирифт.

Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ «Наврӯз - 2007» бо иштироки театрҳои касбии ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аз 6 то 9 – уми апрели соли 2007 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ ва драмаи ноҳияи Данғара бо иҷрои ҳунармандонаи мазҳакаи «Дод аз дасти Афандӣ!» сазовори Дипломи ин фестивал ва ҷашнвораи ҳунари театрӣ гардид, ки албатта, боиси ифтихори ҳунармандони театр гардид. Соли 2010 бо мусоидати Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ ва роҳбарии саркоргардони театр Абдулҳафиз Қодиров дар назди театр Студияи актёрӣ ба фаъолият оғоз намуд. Театр-студия аз ҳисоби хонандагони синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия бо тариқи озмун таъсис дода шуд. Ҳунаромӯзони театр-студия, ки дар назди Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ ва драмаи ноҳияи

Данғара дар муддати 2 сол омӯзишididанд, рӯзи 16–уми июли соли 2012 корҳои дипломии худро аз рӯйи намоишномаҳои А. Қодиров «Вахшиёни ҳамдил» ва «Одамон, одам бошед» пешкаши комиссияи имтиҳонӣ бо сардории Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Шералӣ Абдулқайсов гардониданд. Баъди бомуваффақият супоридани имтиҳони ҳунарӣ дастпарварони навраси театр-студия дар театр ба кори доимӣ қабул гардида, барои сайқал додани ҳунари худ ба шуъбаи ғоибонаи ДДФСТ ба номи М. Турсунзода ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

Дар ин давра иштироки дастаи ҳунарии театр аз 13 то 15 апрели соли 2012 дар Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ «Давраи эҳё ва санъати театрӣ», ки дар пойтахти Туркманистон - шаҳри Ашқобод бо ҳузури 19 театр аз 11 кишвари ҷаҳон баргузор гардид, ширкат намуда, намоишномаи мазҳакавии «Фолбинии Афандӣ»-ро аз рӯйи асари Абдумалик Баҳорӣ манзури меҳмонону ҳайати доварони он фестивал гардонид. Театри мазкур дар муддати кӯтоҳ дар таҳияи асарҳои кӯдакона мавқеи асосиро касб намудааст. Дар ин давра намоишномаҳои «Хурӯспочо, халтаро биёр» аз рӯйи асари Шодӣ Солеҳов ва Зулфия Содиқова, «Бойи золиму хурӯси ҷабрдида» аз рӯйи асари Шодӣ Солеҳов, «Оби мусаффо» аз рӯйи асари Ҳ. Салимов ва И.Сафаров дар таҳияи коргардон Раҳмоналӣ Одинаев ва намоишномаҳои «Афсона меХоҳам!» аз рӯи асари Ҷумъа Қуддус, «Соли нав дар Яхобод» аз рӯйи асари И. Сафаров ва Х. Салимов, «Фолбинии Афандӣ» аз рӯйи асари Абдумалик Баҳорӣ дар таҳияи коргардон - Арбоби шоистаи санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулҳафиз Қодирӣ рӯйи саҳна оварда шуданд. Намоишномаҳои мазкур ба таври нав бозгӯ гардида, зина ба зина санъати дастаи ҳунариро сайқал медоданд.

Бо талаби замон фаъолияти театр ба мавзӯъҳои масоили таърихӣ, бедор намудани ифтихори миллӣ, эҳёи суннатҳои мардумии театрӣ ва масоили доғи рӯз рӯ оварда, ба комёбиҳои назарраси эҷодӣ ноил гаштааст. Намоишномаҳои «Экстрасенс» аз рӯйи асари Султоншо Муқаддамов, «Савдои ишқ» аз рӯйи асари Муродалӣ Набиев, «Рӯдакӣ» аз рӯйи асари Ҷумъа Қуддус ва Маҳмадраҳим Каримов, «Макри зан - ҷуволи арзан» аз рӯйи асари Ғаюр Ашӯров, «Сӯҳони қазо» аз рӯйи асари Абдуғаффори Абдуҷаббор, композитсияи адабӣ – мусиқӣ ба муносибати зодрӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, «Сухани вопасини модар» аз рӯйи асари Ш. Ҳусаинов, «Бо як гул ҳам баҳор мешавад» аз рӯйи асари И. Усмонов ва А. Қодиров, «Гар зан ба шӯр ояд» аз рӯйи асари С. Сафаров, «Диёри қалбҳои хаста» аз рӯйи асари Т. Мамадризоев, «Ишқи дев» аз рӯйи асари А. Қодиров ва И. Усмонов, композитсияи бадеӣ-мусиқии «Дурахши истиқлол», «Субҳи козиб» аз рӯйи асари Ғаюр Ашӯров, мазҳакаи «Лаҳади Абдулаҳад» аз рӯи асари Сафармуҳаммад Аюбӣ, ки бар асоси фолклори бою ғании миллати тоҷик рӯйи саҳна омадаанд, дар омезиш бо дастовардҳои навини санъати театрӣ мароқангез мебошанд. Новобаста аз ин, дар ҳаёти Театри ҷумҳуриявии драма ва мусиқии ноҳияи Данғара як қатор муваффақиятҳо ба назар мерасанд, лекин дар фаъолияти ин театри навтаъсис камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ҳалли оҷилии онҳо ба сифати зарурати аввалия пеш омадааст:

- драматургия яке аз самтҳои афзалиятноки адабиёт ва театр ба шумор рафта асоси театрро ташкил медиҳад. Новобаста аз он ки дар тӯли шонздаҳ соли охир ба драматургия неруҳои нави эҷодӣ босуръат ворид шуданд, аммо сифати асарҳои офаридаи онҳо ҷавобгӯи талаботи замон ва театрҳо нест. Дар ҳалли ин масъала таълифи асарҳои драмавӣ ва намоишномаҳои театрӣ, аз ҷумла барои кӯдакон, бунёди Фондҳои дастгирии лоиҳаҳои театрӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳо ва жанрҳо аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ ва ғайридавлатӣ низ ба мақсад мувофиқ мебошад;

- такмил ва инкишофи санъати театрӣ бо ташкили мунтазами сафарҳои гурӯҳҳои театрӣ ба дохили кишвар ва берун аз он, маблағгузорӣ ва такмили ихтисоси ҳунарпешагон дар театрҳои давлатҳои хориҷӣ ва таҳсили ҷавонони соҳибистеъдод дар мактабҳои олии театрии кишвар ва хориҷ;

- сатҳи таҳияи асарҳо барои бачагон боз ҳам беҳбудиро талаб мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таҳияи асарҳои бачагона хусусият ва психологияи синнусолии онҳо тамоман ба эътибор гирифта намешаванд. Аксаран чунин асарҳо дорои арзишҳои волои ҳунариву маънавӣ набуда, танҳо барои саргарм намудани бачагон намоиш дода мешаванд;

- айни ҳол театри навбунёд аз норасоии актёрон танқисӣ мекашад Мо имкони ба таҳсил фиристодани гурӯҳҳои алоҳидаи актёрон ва режиссёронро ба кишварҳои дуру наздик надорем. Бинобар ин зарур мешуморем, ки аз ҳисоби ҷавонони лаёқатманд дар назди Донишкадаи фарҳанг ва санъати ба номи М. Турсунзода гурӯҳи махсус ташкил карда шавад;

- новобаста аз он ки театр ҳунари дастаҷамъӣ мебошад, дар он таҳиягарон нақши муҳимро мебозанд. Бе таҳиягари мавқеи худро дар ҳунар муайяннамуда ба по хезонидани театр амри маҳол аст. Албатта, зарурати тайёр намудани гурӯҳи калони таҳиягарон дар театри мазкур ба манфиати кор мебошад.

Ин рӯзҳо театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара рӯ ба муваффақиятҳои зиед ноил гаштааст. Дар айни ҳол, дар театри мазкур 116 воҳиди корӣ фаъолият мекунанд, ки аз ин миқдор 74 нафарро кормандони эҷодӣ ташкил медиҳанд. Дар пешрафт ва рушду нумӯи театр, пеш аз ҳама, пуштибонӣ ва ёрии амалии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад [12].

АДАБИЁТ


1. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. - Душанбе, 2004. -Ҷ.III. – С. 188.
2. Нурджанов Н.Х. История Таджикского советского театра / Н.Х. Нурджанов. – Душанбе: Дониш, 1967. – С. 80-87.
3. Нурджанов Н. Х. Вопросы истории таджикской советской драматургии и театра / Н. Х. Нурджанов, Л. А. Демидчик. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. – С. 80.
4. Шарифов Ш. Театр ва асолати он / Ш. Шарифов //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, (маҷаллаи илмӣ). – Кӯлоб, 2012. - № 1-2 (6-7). - С 53-56.
5. Хотамов Н.Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006 гг.) / Н.Б. Хотамов. – Душанбе, 2008. – С.9.
6. Шарифов Ш. Саҳифаҳо аз таърихи театри ба номи С. Ализодаи шаҳри Кӯлоб / Ш. Шарифов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2017. -№ 3/1. – С 86-91.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ аз 2 декабри соли 2002, таҳти № 80 // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=92.
8. Кабутов З. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара / З. Кабутов, М. Махсумов. – Душанбе, 2013. – 63 с.
9. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, таҳти № 501. – Душанбе: Матбуот, 2006. – С 32.
10. Табаров М. Абдураҳмонов А. Вазъият ва дурнамои театри тоҷик дар партави «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» / М. Табаров, А.Абдураҳмонов. - Душанбе, 2007. – С. 86-92.
11. Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он. - 2006.
12. Ҳисоботи театри ҷумҳуриявии мусиқӣ ва драмаи ноҳияи Данғара. - 2016.


## ТЕАТРИ ЗОДАИ ИСТИҚЛОЛ


Театр муассисаи фарҳангиест, ки дар он ба воситаи ҳунарнамоии актёрон ҳаёт ва ҳодисаҳои зиндагӣ ба таври бадеӣ ифода карда мешаванд. Театр воситаи пуриқтидортарини таъсиррасонӣ ба тафаккури инсон аст, зеро рӯйдодҳои зиндагиро дар саҳна дида, тамошобин худро хаёлан ба қаҳрамонони мусбат монанд мекунад ва бо ҳамин роҳ олами ботинии хешро мустақилона комил мегардонад.Театр аз қадимтарин намуди санъат ба ҳисоб меравад. Дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ дар вилояти Хатлон 2 театри касбӣ ва 6 театри халқӣ фаъолият менамуданд, ки дар натиҷаи маблағгузорӣ нагардидани ин муассисаҳо базаи моддӣ–техникии онҳо хароб гардида буданд.Моҳи октябри соли 2003 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ» дар маркази ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба тасвиб расид, ки ин сеюмин театри касбии вилоят ба ҳисоб меравад. Дар оғози фаъолияти театр, муҳимтарин масъала, ки бо мушкилоти фаровон ҳамроҳ буд, ҷалби мутахассисони касбӣ ва таъмини театр бо кадрҳои муносиб буд. Мақолаи мазкур ба таъсис ва фаъолияти «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ» дар маркази ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бахшида шудааст.



**Калидвожаҳо:** «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ» дар маркази ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, таъсис ва фаъолияти театр, театри касбӣ ва халқӣ, истиқлолият, дастовард, таъсиррасонӣ ба тафаккури инсон.


## ТЕАТР РОЖДЕННЫЙ НЕЗАВИСМОСТЬЮ


Театр является культурным учреждением, в котором посредством выступления актёров жизнь и жизненные ситуации людей выражаются художественным образом. Театр является мощным средством влияния на мышление людей, так как увидев жизненные события на сцене, человек сопоставляет себя с положительными образами героев и тем самым самостоятельно совершенствует свой внутренний мир. Театр является самым древним видом искусства. В первые десятилетия независимости в Хатлонской области Республики Таджикистан действовали 2 профессиональных театра и 6 народных театров, но в результате недофинансирования этих учреждений ухудшилась их материально-техническая база. В октябре 2003 года Решением Правительства Республики Таджикистан «Об организации Республиканского музыкально-драматического театра» в центре Дангаринского района был образован данный театр, который является третьим по счету профессиональным театром в области. В начале своей деятельности театр важной проблемой для театра было привлечение профессиональных специалистов и обеспечение театра соответствующими кадрами. Данная статья рассматривает историю создания и деятельности Республиканского музыкально-драматического театра в центре Дангаринского района Хатлонской области Республики Таджикистан.



**Ключевые слова:** «Республиканский –музыкально-драматический театр» в центре Дангаринского района Хатлонской области, образование и деятельность театра, профессиональный и народный театр, независимость, достижения, влияние на человеческое мышление.


## THEATER BORN INDEPENDENCE


The theater is a cultural institution in which, through the performance of actors, the lives and life situations of people are expressed in an artistic way. The theater is a powerful means of influencing the thinking of people, since after seeing life events on the stage, a person compares himself with positive images of heroes and thereby independently improves his inner world. The theater is the oldest form of art. In the first decades of independence, 2 professional theaters and 6 national theaters operated in the Khatlon region of the Republic of Tajikistan, but as a result of underfunding of these institutions, their material and technical base deteriorated. In October 2003, by the Decision of the Government of the Republic of Tajikistan “On the Organization of the Republican Music and Drama Theater”, this theater was established in the center of

the Dangarinsky District, which is the third professional theater in the region. At the beginning of its activity, the theater an important problem for the theater was the involvement of professional specialists and providing the theater with appropriate personnel. This article discusses the history of the creation and activities of the Republican Music and Drama Theater in the center of the Dangarinsky district of the Khatlon region of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** "Republican –musical-drama theater" in the center of the Dangarinsky district of the Khatlon region, theater education and activities, professional and folk theater, independence, achievements, influence on human thinking.

**Сведения об авторах:** ***Шарифов Шухратджон Джумъаевич*** – Педагогический колледж Кулябского государственного университета им.А.Рудаки, заведующий отделом науки. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. E-mail: **Shuhrat-kulob@mail.ru** Телефон: **918 – 30 – 90 – 04**
***Амроев Умедджон*** – Педагогический колледж Кулябского государственного университета им.А.Рудаки, преподаватель кафедры общественных наук. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан,г.Куляб, ул.С.Сафарова-16.

**Information about the authors:** ***Sharifov Shukhratjon Dzhumaevich*** - Pedagogical College of Kulyab State University named after A. Rudaki, Head of the Department of Science. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov-16 St. E-mail: **Shuhrat-kulob@mail.ru** Phone: **918 - 30 - 90 - 04**
***Amroev Umeddzhon*** - Pedagogical College of Kulyab State University named after A. Rudaki, teacher of the Department of Social Sciences. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov-16 St.

**УДК:93/94 (575.32)**

# ФАЪОЛИЯТИ СУДҲОИ ҶАМОАТӢ ДАР ҲУДУДИ ВМКБ

***Алиназарова Кифоят***
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев**

Таърихи суди ВМКБ-ро дар солҳои 20-30 уми асри XX таҳлил карда, фаъолияти судҳои рафиқона ва судҳои ҷамоатиро низ мавриди омӯзиш қарор бояд дод. Маълумот оид ба ин судҳо дар мақолаҳо ва корҳои илмӣ хеле кам оварда шудааст ва аз ҳамин лиҳоз мо дар ин таҳқиқ бештар аз маводҳои Бойгонии ВМКБ истифода намудем. Қисматҳои алоҳидаи кори ин судҳо, аз он ҷумла судҳои мусулмонӣ дар китобҳои муаллифони давраи тоинқилобӣ, ба мисли Семенов А.А.,[1] Кисляков Н.А.,[2] Зарубин И.И.,[3] Андреев М.С.,[4] Громбчевский Б.Л.,[5] Логофет Д.Н.,[6] оварда шудаанд.

Яке аз вазифаҳое, ки дар назди судҳои ҷамоатӣ ва судҳои рафиқона меистод, ин алоқаи онҳо бо омма буд. Бо таъсиси ин судҳо Ҳукумати РШС Тоҷикистон ба хулосае омад, ки аҳолии маҳаллиро ба кори суд ҷалб намояд ва «масъалаи тоҷиккунонӣ ва қирғизкунонии ҳайати кормандони сохторҳои давлатӣ ба роҳ монда шавад» [7].

Дар соли 1930 аллакай кормандони суд вазифадор шуданд, ки мунтазам ба воситаи рӯзнома, радио ва тавассути вохӯриҳо моҳияти суд ва қонуншиканиҳои сатҳи маиширо ба мардум фаҳмонанд. Ба ғайр аз ин, аз тарафи Суди Олии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқии сайёр таъсис дода шуд. Дар нақшаи солонаи Комитети иҷроияи вилояти Бадахшон барои соли 1930 омадааст, ки сатҳи ҷинояткорӣ вобаста ба криминализатсиякунонии баъзе амалҳои шаҳрвандон афзоиш ёфт.

Дар баробари ин, кори судҳои волостӣ бо дарёфт кардани кадрҳои маҳаллӣ ба роҳ монда шуд. Дар ҳисоботи Суди ВМКБ аз соли 1929 таҳти раёсати раиси суди ВМКБ судяи ботаҷриба Моисеенко, аз ҷумла кори сусти судҳо дар Помири Шарқӣ гуфта мешуд. Дар баробари ин гуфта шуд, ки ба судҳои волостӣ намояндагони вилоят фиристонда шаванд, то ки кори судро дар ноҳияҳо ба роҳ монанд. Аз ҳамин сабаб Қирғизбек Қонунов моҳи майи соли 1929 ба волости Ванҷ фиристонда шуд [8].

Солҳои 30-юми асри XX «бо мақсади ба омма наздик кардани судҳо ва паст кардани сарбории парвандаҳои судӣ, қисми вазифаҳои суд дар асоси қарори Президиуми КИМ Иттиҳоди Шӯравӣ аз 22 октябри соли 1930 таҳти №51 ва аз 4 марти соли 1931, КИМ қарор қабул кард, ки Судҳои ҷамоатӣ дар Тоҷикистон таъсис дода шаванд [9]. Мувофиқи ин қарор ҳайати судҳои ҷамоатӣ аз судя ва машваратчиён иборат буда, аз тарафи шахсони обрӯманди ҷамоат таъсис мешаванд. Баъди интихоб шудани ҳайати суди ҷамоатӣ, ин руйхатро (аъзоёни суди ҷамоатӣ) Комитети иҷроияи ноҳия тасдиқ мекунад. Мувофиқи қарори КИМ, вазифаи судяҳои ҷамоатӣ ифтихорӣ буда, барои он музд дода намешуд, аммо дар давраи мурофиаи судӣ аъзоёни судҳои ҷамоатӣ аз ҷои кори асосӣ бо нигоҳдошти музди кор озод буданд. Ваколатҳои судҳои ҷамоатиро муайян карда, КИМ ба онҳо дида баромадани парвандаҳо оид ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, авбошӣ, таҳқир, тухмат, қонуншиканиҳое ки маблағи зарари онҳо аз 50 рубл камтар ва дигар қонуншиканиҳои на он қадар вазнинро иҷозат медиҳад. Инчунин, ба судҳои ҷамоатӣ парвандаҳое супорида мешуданд, ки маблағи зарар дар онҳо то 25 рублро ташкил медод. Тартиби кори суди ҷамоатӣ ба судҳои умумӣ мувофиқат карда, муҳлати дида баромадани аризаҳо дар давоми даҳ рӯз муайян гардид. Тамоми роҳбарӣ аз болои судҳои ҷамоатӣ ба суди халқии ноҳия супорида шуд. Дар баробари таъсис додани судҳои ҷамоатӣ бо қарори

КИМ инчунин судҳои рафиқона таъсис дода шуданд. Моҳи декабри соли 1931 қарори муштараки КИМ ва СКХ ҶШС Тоҷикистон баромад, ки дар он аз ҷумла чунин омадааст: «Бо мақсади ба мубориза бо ҷинояткорӣ ҷалб кардани оммаи мардум КИМ ва СКХ ЧШС Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Дар корхонаҳо ва муассисаҳое, ки дар онҳо бештар аз 100 нафар корманд кор мекунанд, судҳои истеҳсолӣ-рафиқона таъсис дода шаванд.
2. Ба судҳои истеҳсолӣ-рафиқона вазифаҳои зерин супурда мешавад:

а. мубориза бар зидди вайронкунандагони тартиботи истеҳсолӣ дар корхонаву муассисаҳо;

б. мубориза бар зидди майзадагӣ, бетартибӣ, авбошӣ;

в. ҳайати судҳои рафиқона дар шумораи на камтар аз 10 нафар аз тарафи коллективи корхона ба муҳлати 1 сол интихоб мешавад.

Сохтор ва тартиби кори судҳои рафиқона ва судҳои ҷамоатӣ ба ҳам монанд буда, ин судҳо ба судҳои халқии давлатӣ итоат мекарданд [10].

Моҳи декабри соли 1934 дастурамали муштараки ВССПС ва Суди Олии ИЧШС оиди тартиби кори судҳои рафиқона баромад. Аммо ин дастурамал такрори нуқтаҳои асосии қарори муштараки КИМ ва СКХ ҶШС Тоҷикистон буда, танҳо шаклҳои алоҳидаи таъсиррасонии ҳуқуқи меҳнатӣ, ба монанди «маҳрум кардан аз унвони «зарбдор» ба муҳлати муайян» ворид карда шуд. Аммо таҷрибаи фаъолияти кори корхонаҳои ВМКБ нишон дод, ки дар ҳудуди вилоят корхонаҳо бо шумораи 100 нафар корманд қариб ки набуданд. Аз ҳамин сабаб, судҳои рафикона ва судҳои ҷамоатӣ дар шакли муштарак аз тарафи якчанд корхона таъсис дода мешуданд. Чунончи, дар Хоруғ дар корхонаҳои Шуъбаи замин, «Обл Сохтмонторг», «Промсоюз», «ДЭУ-961» ва «Облоно-1» суди рафиқона амал мекард. Дар ноҳияҳои Вахон, Ишкошим, Рушон ва Бартанг тамоман судҳои рафиқона амал намекарданд. Дар ин ноҳияҳо суди рафиқонаро судҳои ҷамоатӣ иваз мекарданд [11]. Аз рӯйи иттилооти Суди вилоятии ВМКБ аз 9 сентябри соли 1935 судҳои ҷамоатӣ дар совхозҳои Хоруғ, Поршинев, Мурғоб, Шитхарв, Нуд, Кала Намадгут ва Сипондж ташкил гардиданд [12].

Як масъала таъсиси судҳои рафиқона ва масъалаи дигар, фаъолияти онҳо буд. Дар соли аввали таъсисёбии ин судҳо, яъне дар соли 1935 кори онҳо намоён набуд. Чунончи, дар яке аз ҳисоботҳои идораи Суди вилоят таҳти имзои раиси Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қадамов Муминшо омадааст: «Дар давоми соли 1935 дар баъзе корхонаҳо ба мисли Бонки Давлатӣ ягон парванда дида нашуд ва ин аз муносибати хунукназаронаи роҳбарияти корхона шаҳодат медиҳад» [13]. Сабаби асосии инро мо дар нарасидани кадрҳои саводнок мебинем, зеро баъди якчанд ислоҳоти хат шумораи кадрҳо хеле коҳиш ёфт. Соли 1935 раёсати Кумитаи иҷроияи марказии ИҶШС натиҷаи фаъолияти Кумитаи марказии Умумииттифоқии ҳуруфи навро (яъне лотиниро) муҳокима намуда, ба хулосае омад, ки тадбири бо умеди инқилоби пай дар пайи ҷаҳонӣ, гузаштан ба ҳуруфи лотиниасос хато будааст. Бинобар ин, 7 марти соли 1937 халқҳои ғайрируси қисмҳои шимоли Русияро, ки ба ҳуруфи лотинӣ гузаронида буданд, аз сари нав ба ҳуруфи криллӣ шомил намуданд. Зеро, онҳо пеш аз гузаштан ба лотинӣ ҳуруфи криллиро қабул карда буданд.

Вазъияти баамаломада, дар пеши судҳо вазифа гузошт, ки судҳои ҷамоатӣ ва рафиқона муҳофизати моликияти давлатӣ, кооперативӣ ва колхозиро ҳар чи тезтар ба роҳ монанд, то ки он аз тарафи гурӯҳҳои зиёди аҳолӣ дуздида нашавад [14]. Дар маркази волостҳо ҳабсхонаҳо сохта шуданд, ки дар он дастгиршудагонро нигоҳ медоштанд. Аз рӯйи ҳисоботи тафтишотчии судӣ Семенов, дар ноҳияи Ишкошим ва Вахон барои 28 қишлоқ дар қишлоқи Зунг барои ду волост бо шумораи умумии аҳолӣ 3824 нафар, таҳти роҳбарии Мирамадай Саидшоев (1925, ӯзбек) камераи муваққатӣ сохта шуд [15]. Душвории дигари фаъолияти судҳо дар ВМКБ ин пароканда будани деҳаҳои вилоят ва дурии масофаи байни онҳо буд. Зеро кадрҳои соҳаро бо дарназардошти аҳолӣ мефиристонданд ва масофаи байни деҳаҳоро ба назар намегирифтанд. Ҳамин тавр, дар масофаи 48000 кв. верст ҳамагӣ ду судя як муфаттиш ва як сессияи суд амал мекард, ки аз уҳдаи иҷрои пурраи вазифа намебаромаданд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, дар марказ – шаҳри Хоруғ барои баланд бардоштани дониши ҳуқуқии кормандон кружоки ҳуқуқ ташкил гардид.

**Дар хулосаи макола ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки** вазифаҳое, ки дар назди судҳои ҷамоатӣ ва судҳои рафиқона гузошта шуда буданд, ҳаллу фасл гардиданд. Илова бар ин, аз тарафи Суди Олии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқии сайёр таъсис дода шуд, ки он дар баланд бардоштани сатҳи дониши кормандони суд нақши муассир дошт.

Судҳои ҷамоатӣ ва рафиқона дар роҳи муҳофизати моликияти давлатӣ, кооперативӣ ва колхозӣ саҳми босазо гузошта, таҷрибаи кори онҳо сазовори тадқиқоти минбаъда маҳсуб мёебад. Таҳлили мавзӯи мазкур имкон медиҳад, ки пешрафт ва камбудиҳои кори судҳои рафиқона ва ҷамоатӣ баррасӣ шуда, хулосаҳои зарурӣ бароварда шаванд.

## АДАБИЁТ

1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф / М.С. Андреев. - Душанбе, 1953.
2. Семенов А.А. История Шугнана / А.А. Семенов. – Ташкент, 1917.
3. Кисляков Следы первобытного коммунизма у горных таджиков Вахиёи Боло. -М..,1917
4. Зарубин И.И. Материалы по этнографии горных таджиков Памира / И.И. Зарубин. –СПб,. 1918.
5. Громбчевский Б.Л. Современное политическое положение припамирских ханств и пограничной линии с Кашгаром / Б.Л. Громбчевский. - Маргелан, 1891.
6. Логофет Д.Н. Бухарское ханства под Российским протекторатом / Д.Н. Логофет. - СБп., 1911.
7. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№16.-фонд 53.-опись 2 хр.15.-С.91.
8. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№20.-фонд 53.-опись 2 хр.34.-С.44.
9. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№16.-фонд 53.-опись 2 хр.29.-С.1.
10. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№16.-фонд 53.-опись 2 хр.29.-С.3.
11. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№16.-фонд 53.-опись 2 хр.29.-С.14.
12. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№16.-фонд 53.-опись 2 хр.29.-С.30.
13. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№16.-фонд 53.-опись 2 хр.29.-С.36.
14. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№20.-фонд 53.-опись 2 хр.34.-С.44.
15. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№7.-фонд 53.-опись 2 хр.11.-С.2.
16. Бойгонии вилоятии ВМКБ.- парв.№16.-фонд 53.-опись 2 хр.15.-С.91.


## ФАЪОЛИЯТИ СУДҲОИ ҶАМОАТӢ ДАР ҲУДУДИ ВМКБ


Дар мақолаи мазкур муаллиф оиди кори судҳои волостӣ ва аз ҷумла кори сусти судҳо дар Помири Шаркӣ маълумот дода, дар баробари ин кори судҳои ҷамоатӣ ва машваратчиёнро дар солҳои 30-юм мавриди муҳокима қарор додааст. Дар мақола қайд шудааст, ки вазифаи судяҳои ҷамоатӣ ифтихорӣ буда, барои он музд дода намешуд, аммо дар давраи мурофиаи судӣ аъзоёни судҳои ҷамоатӣ аз ҷойи кори асосӣ бо нигоҳдошти музди кор озод буданд. Ваколатҳои судҳои ҷамоатиро муайян карда, КИМ ба онҳо дида баромадани парвандаҳо оид ба вайрон кардани тартиботи ҷаъиятӣ, авбошӣ, таҳқир, туҳмат, қонуншиканиҳое, ки маблағи зарари онҳо аз 50 рубл камтар ва дигар қонуншиканиҳои на он қадар вазнинро иҷозат медод. Инчунин, муаллиф парвандаҳои судиро таҳлил карда, ваколатхои суди ҷамоатиро ёдрас мешавад. Аз он ҷумла қайд шудааст, ки ба судҳои ҷамоатӣ парвандаҳое супорида мешуданд, ки маблағи зарар дар онҳо то 25 рублро ташкил медод. Тартиби кори суди ҷамоатӣ ба судҳои умумӣ мувофиқат карда, муҳлати дида баромадани аризаҳо дар давоми даҳ рӯз муайян гашта буд. Роҳбарӣ аз болои судҳои ҷамоатӣ ба суди халқии ноҳия супорида шуда буд. Дар мақола инчунин оиди фаъолияти судҳои рафиқона маълумот дода шудааст ва нақши онҳо дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон нишон дода шудааст. Илова бар ин, қайд гардидааст, ки судҳои рафиқона ва судҳои ҷамоатӣ қисми муҳимми системаи судии Вилояти Кӯҳистони Бадахшонро ташкил мекарданд.



**Калидвожаҳо**: Помир, ҷамоат, судҳо, ҷиноят, рафиқона, бетартибӣ, зарар, ҷамъомад, вилоят, Бадахшон.


## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ДЖАМААТСКИХ СУДОВ НА ТЕРРИТОРИИ ВМКБ


В данной статье автор отмечает работу волостных судов, в частности отмечает слабую работу судебных органов на Восточном Памире. Автор отмечает работу джамаатских и товарищеских судов на Памире в 30-е годы. В статье отмечается, что суды выполняют свою работу на добровольных началах, и за эту работу они не получали заработную плату. Но во время судебных заседаний они были освобождены от основной работы. Указывая на роль джамоатских судов, ЦИК поручает этим судам рассмотрение дел относительно таких преступлений, как хулиганство, нарушение общественного порядка, оскорбление, клевета и других преступлений, сумма штрафа которых не превышает 50 рублей. Автор, в частности, отмечает, что в джамоатские суды сдавались дела с нанесенным ущербом до 25 рублей. Порядок рассмотрения дел в джамоатских судов сходен с делами судов общей юрисдикции, и срок рассмотрения дел определен десятью днями. Руководства джамоатским судом осуществляет районный народный суд. В данной статье также автором упоминаются работы товарищеских судов и их роли в правовом воспитании населения. Также автор отмечает, что товарищеские и джамаатские суды явились важной частью судебной системы Горно-Бадахшанской автономной области, указывая на их роль в предотвращении преступлений.



**Ключевые слова:** Памир, Джамоат, суды, преступление, товарищеский, область, ущерб, хулиганство, заседание, Бадахшан.


## THE ACTIVITY JAMAAT COURT IN GBAO


In this article author note about district courts in main the week in work of courts Eastern Pamir. In this article author note the Jamaat courts during 30-s years XX century. Author note the job in Jamaat courts was an voluntaries and there was no salaries. But during the courts plenary they had exceed from their main job. To main the role Jamaat courts CIK noted that Jamaat courts work with the criminal files with society disorder, hooliganism and other crimes there penalty no more than 50 ruble. In this article author also note that Jamaat courts work with no more 25 ruble damage crimes The order of Jamaat courts work resemble with people jurisdiction court s and there was one deadline for all of them in ten days. Jamaat courts work was ruled by people jurisdiction court of district. In this article author also note about comrades courts and they role in legal aid and assistance in society. Also author note that comrades Jamaat courts had an active position in upbringing process among population as important part court system in Gorno-Badakhshan autonomous oblast.



**Key words**: Pamir, Jamaat, courts, crimes, comrade, rgion, hooligans, disorder, penalty, plenary, Badakhshan.



**Сведение об авторе:** ***Алиназарова Кифоят*** -Хорогский государственный университет им. Моеншо Назаршоева, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа. Телефон:**93-540-53-49**,
E-mail:**Lady.kifoyat@mail.ru**

**Information about the author:** ***Alinazarova Kifoyat*** –Khorog State university named after M.Nazarshoev, Senior teacher of the Chair of History of Tajik people History Faculty,Pone: **93-540-53-49,** E-mail: **Lady.kifoyat@mail.ru**

УДК: 1/14

# ОЛИМОНИ ВАТАНПАРВАР ВА АДИБОНИ МИЛЛАТДӮСТИ ШУУБӢ

*Беков Комилҷон*
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ**

Дар авоили қарни IX дар ҳавзаи ислом се нафар ба луғатдонӣ ва шеъру улуми араб машҳур буданд ва бештари осоре, ки феълан дар даст аст, аз онҳо ривоят шудааст. Илова бар ин, осори онҳо манбаи иттилоот ва сарчашмаи ривоёти адабӣ ва таърихии он аср ба шумор мерафтанд. Бино ба навиштаи «ал-Музҳар» ин се тан иборат буданд аз Абӯубайда Муаммар ибни Мусанно (Абӯубайдаи Ровия), Асмаъӣ ва Абӯзайди Ансорӣ. Абузайд бештар ба ҳифзи наводири луғот ва алфози мушкил ва таҳқиқ дар илми наҳв шуҳрат дошт ва камтар дар маъракаи кашмакаш миёни шуубия ва араб дохил мешуд. Вале Абӯубайда ва Асмаъӣ бо якдигар мухолифати сахти маслакӣ доштанд ва дар шуҳрат ва тафаввуқи илмӣ бо ҳам рақобат мекарданд. Абӯубайда бузургтарин намунаи шуубӣ ва Асмаъӣ болотарин мазҳари ҳизби арабӣ буд. Абӯубайда аз маволии эронинажод ва аслан яҳудӣ буд [2,с.405]. Ӯ ба соли 110 ё 114 ҳиҷрӣ дар Басра ба дунё омад ва назди уламои маъруфи он замон чун Абӯамр ибн -ул-Ало ва Юнус ибни Ҳабиб шогирдӣ кард. Фазл ибни Рабиъ ӯро аз Басра ба Бағдод хост. Аз ин пас, рӯз ба рӯз бар шуҳрат ва эътибори Абӯубайда афзуда шуд. Касоне, ки мехостанд афкори Абӯубайда ва ақоиди шуубияро ривоҷ диҳанд, ба ҳар васила ки метавонистанд, аз ӯ тарафдорӣ ва ҳимоят мекарданд ва Асмаъиро, ки рафиқи Абӯубайда ва аз тарафдорони мутаассиби араб буд, таҳқир мекарданд. Исҳоқ ибни Иброҳими Мавсилӣ, мусиқидони машҳури эронинажоди асри аббосӣ ба Фазл ибни Рабиъ чунин гуфт: «Хираду дониш махсусан назди Абӯубайда аст ва ту агар илму дониш мехоҳӣ, ӯро бар Асмаъӣ афзалтар шумор ва бузина зодаи бузинаро (мақсуд Асмаъӣ аст) тарк гӯй». Абулфараҷи Исфаҳонӣ навиштааст: «Исҳоқи Мавсилӣ айбҳои Асмаъиро барои Ҳорун баён кард ва ӯро пасту хор ва бахилу бадхӯ хонд ва гуфт: Ӯ қадри эҳсони халифаро намедонад. Он гоҳ Абӯубайдаро ба фузунии илму сидқи ривоят ва ростӣ ва караму сахо ва гузашт васф кард. Ҳамчунин, назди Фазл ибни Рабиъ барои дур кардани Асмаъӣ ва наздик намудани Абӯубайда кӯшид ва чунон гуфт, то он ки Асмаъиро аз эътибор ва эҳтиром андохт ва ӯро аз мартабаи худ соқит кард» [6, с.107].

Қаблан мутазаккир шудем, ки Абу Нувос низ барои таҷлил аз Абӯубайда ҷониби ӯро мегирифт ва бар Асмаъӣ муқаддамаш медошт ва мегуфт: «Абӯубайдаро агар озод бигзоранд, ахбори аввалину охиринро ривоят мекунад, дар ҳоле ки Асмаъӣ фақат булбуле хушилҳон аст». Мақсудаш ин буд, ки илму дониш дар шаъни Асмаъӣ нест, балки ӯро дар шумори хонандагони хушлаҳҷа бояд маҳсуб кард. Абӯубайда дар фунуни адаб ва таърих муддатҳо ранҷ бурда ва дониши комиле ба даст оварда буд ва ҳар чӣ мегуфт, аз рӯйи таҳқиқ ва баррасии комил буд. Аз ин рӯ мардум бештар дар нақлу ривоёти адабӣ ва таърихӣ ва одобу русуми гузаштагон, эътимод ба ақволу ривоёти ӯ доштанд. Эдвард Браун менависад: «Голдсиер шарҳи муфассале дар бораи яке аз бузургтарин донишмандони эрондӯст маъруф ба Абӯубайда Муаммар ибн -ул-Мусанно ихтисос додааст. Ин шахс, ки донотарини уламои забоншиносӣ ва фиқҳи луғат ба шумор мерафт ва аз номдорони шуубия буд, ҳамеша ба тазаккури ин маънӣ шавқу рағбате дошт, ки ҳатто он чиро араб бештар махсуси қавми худ ва аз ибтикороти хосси худ медонист ва бад-он ҷиҳат азиз ва гиромӣ мешумурд, дар воқеъ ҳамон низ то чи ҳад вобастаи қавмҳо ва соири миллатҳо будааст. Ин шахс, масалан, нишон додааст, то чӣ андоза шеъри арабу илми маънӣ ва баёни араб, ба тақлиди форсӣ аст ва маълум кардааст, кадом достони арабӣ аз манобеи форсӣ гирифта шуда ва ҳоказо…» [2,с.390].

Мутолиа ва баррасӣ дар таърих ва тамаддуни миллатҳои қадим, махсусан эрониён ин ақидаро дар Абӯубайда эҷод карда буд, ки на танҳо араб бар соири ақвом бартарӣ ва фазилат надорад, балки аз ҳамаи миллатҳо ва тавоифи башар пасттар ва фурӯмоятар аст! Дар натиҷа ҳар ҷо аз масолиб (нуқсонҳо) ва матоини (айбҳои) араб мавзӯе ба даст меовард, мунташир мекард ва гоҳе ҳам бино ва таассуби маслакӣ шоху баргҳое ба он меафзуд ва дар баъзе мавқеъҳо оёти Қуръонро мутобиқи ақида ва назорати хеш тафсир мекард. Аз ин ҷиҳат Асмаъӣ нисбат ба баъзе аз ақвол ва ривоёташ интиқод мекард ва мехост гуфтаҳои ӯро аз эътибор бияндозад, лекин нуфузи мусаллами илмии Абӯубайда, маҷоле барои пешрафти суханони Асмаъӣ намегузошт. Асмаъӣ гарчи ҳофизаи қавӣ, баёне ширин ва лаҳҷаи хуш дошт, вале дар заминаи улум ва адабиёт, хосса таърих ва ривоят, ба пойи Абуубайда намерасид, чунон ки Ҷоҳиз менависад: «Дар рӯйи замин ҳеҷ кас хоҳ аз хориҷӣ ва хоҳ аз иҷмоӣ (ду фирқа аз мусулмонон) дар ҷамъу иҳота ба улум, монанди Абӯубайда

нест» [5,с.155]. Ибни Халликон менависад: «Абӯубайда арабҳоро хуш намедошт ва аз ин ҷинс мутанаффир буд ва китобҳо дар масолибу нуқсонҳои онон навишт» [5,с.155].

Баъзе аз удабо ва наққодон дар мақоми муқоисаи Абӯубайда ва муосиронаш гуфтаанд: «Абӯубайда аҷмаъ (ҷомеътар) ва Асмаъӣ аҳфаз (пурҳофизатар) ва Абӯзайд авсақ (боварбахштар) будааст» [7,с.156]. Абузайди Ансорӣ чун дар саҳнаи сиёсат ва таассуб дохил набуд ва назари рақобат ва ҳамчашмӣ надошт, камтар гирди ҷаъли ривоёт (ривоятбофӣ) ва ихтилоқи ҳикоёт (ҳикоятбофӣ) мегардид ва аз ин ҷиҳат вайро бештар мавриди эътимод ва вусуқ (боварӣ) қарор доданд. Аз осори Абӯубайда китоби «Фазоил - ул-фурс» ва китоби «Ахбор-ул-фурс» дар бораи подшоҳони бостонии Эрон баҳс мекунад ва аз одобу русум, ободиҳо, пулҳо, шаҳрҳо, кохҳо ва соири навгониҳои қадими Эрон сухан мегӯяд. Ва таърихи ҳар кадом аз силсилаҳои бостонии Эрон, марзбонон ва шаҳриёронро бо имтиёзот ва ситоиши фаровон нақл мекунад. Дигар китоби «Лусус -ул-араб» («Дуздони араб») ва китоби «Адъиё -ул-араб» («Ҳаромзодагони араб») аст, ки дар он ду китоб аз зиштиҳо ва бадиҳои тозиён сухан мегӯяд ва ё тавассути нақлу ривоёт ва ҳикоёту ҳадис арабҳоро фурӯмоя ва паст муаррифӣ мекунад [8,с.156].

Ибни Надим муаллафоти Абӯубайдаро болиғ бар як саду чаҳор китоб медонад, ки муҳимтарини онҳо дар навоқис ва зиштиҳои арабҳо буда, чунинанд: «Ғариб бутун -ул-араб» («Расвоиҳои қабилаҳои араб»), «Фазоил-ул-фурс» (Фазилатҳои форсҳо), «ал-Ҳумс мин Қурайш» («Бахилони қабилаи Қурайш»), «Лусус-ул-араб» («Дуздони араб»), «Адъиё ал-араб» («Ҳаромзодагони араб»), «ал-Масолиб» («Зиштиҳои араб»), «Китоб-ул-маволӣ» («Бандагони ғайриараб»).

Мутаассифона, ҳеҷ як аз китобҳои мазкур дар даст нест. Ба таври хулоса Абӯубайда аз пешвоёни бузурги илмӣ ва адабии шуубия дар авоили қарни савуми ҳиҷрӣ буд ва нашри афкор ва ақоиди ӯ ва соири муаллафоти шуубия муҷиби он шуд, ки тарафдорони шуубия монанди қибтҳо ва набатиҳо, туркон ва махсусан эрониён гирди ҳам оянд ва муборизоти доманадоре бар зидди араб ва ҳокимияти хулафои араб ба вуҷуд оваранд. То ҷое ки дар авоили асри IX мелодӣ сафороии арабу аҷам падидор шуд ва ҳизби шуубӣ дар баробари ҳизби арабӣ қарор гирифт. Ва ин худ таъсири иҷтимоии муҳиме илова бар асароти сиёсӣ ба вуҷуд овард ва тафрика, парокандагӣ ва нобасомонии аҷибе миёни сокинони мамолики исломӣ ба зуҳур расид, ки дар ҷойи худ аз он баҳс хоҳем кард. Маъруф аст, ки Абӯубайда ба дасти яке аз арабҳо ба василаи хурмое, ки заҳролуд шуда буд ва ӯ хӯрд, аз миён бирафт. Абӯубайда ҳарчанд ки зидди араб ва нисбат ба Эрон ва эрониён муттаасиб ва фидокор буд, бо вуҷуди ин имону алоқаи шадиде ба дини ислом дошт ва масъалаи дини исломро аз араб ҷудо карда буд, чунон ки китоби «Эъҷоз -ул-Қуръон»-ро илова бар муаллафоте, ки зикр кардем, таълиф кард. Ӯ бад-ин васила дилбастагии худро ба дин собиту ошкор сохт. Яке аз шогирдони мактаби ӯ шоири маъруф Абу Нувос будааст. Гӯянд, ки чун реҳлат кард, ҷанозаи ӯро ягон кас пайравӣ накард, зеро мавриди буғзу кинаи арабҳо буд. Ё ба ин далел, ки камтар инсони муҳтараму шарифе аз бадзабонии ӯ солим монда буд. Вале бояд гуфт, ки дурустии ин матлаб ҷойи шубҳа аст, зеро агарчи Абӯубайда душманони зиёде миёни араб дошт, вале аз он тараф эрониён, умуман ва шуубиён хусусан, нисбат бад-ӯ эҳтироми зиёде мекарданд ва касе, ки аз назари донишу камол ва таассуби миллӣ тарафдори зиёде дошта, наметавон бовар кард, ки дар дафну ҷанозаи ӯ касе ширкат накарда бошад, магар гуфта шавад, ки дар маросими ҷанозаи ӯ касе аз араб ширкат накарда буд.

Ҳайсам ибни Адий аз уламои машҳури ривояту ҳадис аст, ки дар асри аввали аббосӣ зиндагӣ мекард ва бо чанд нафар аз он хулафо (Абу Ҷаъфари Мансур, Маҳдӣ, Ҳодӣ ва Ҳорун) мусоҳиб ва муошир буд. Ӯ чанд китоб дар матоини (танқиди) араб таълиф кард, ки аз ҷумла: «Китоб-ул-масолиб ас-сағир ва масолиб-ул-кабир», «Масолиб-ур-Рабиа», «Асмо бағоё Қурайши ал-ҷоҳилия» («Номҳои фоҳишаҳои қабилаи Қурайш дар давраи пеш аз ислом ва номи фарзандони онҳо») ва китоби «Ғуломоне, ки ба занҳои араб издивоҷ карданд» машҳур аст, аз ҷумлаи онҳост [4,с.99-100].

Абӯусмон Саид ибни Ҳамиди Бахтагон аз нуҷабо ва ашрофзодагони эронӣ ва аз тарафдорони бузурги шуубия буд. Ӯ нависандаи тавоно ва шоире забардаст буда, ки эҳсосот ва таассуби шадиди зиддиарабӣ дошт. Аз осори муҳимми ӯ китоби «Фазл-ул-Аҷам ала-л-Араб» («Бартарии Аҷамиён бар Арабҳо») ва китоби «Интисоф -ул-Аҷам мин-ал-Араб» («Интиқоми Аҷамиён аз Арабҳо») аст [1,с.69]. Дигар аз бузургони арҷманди уламои шуубия Саҳл ибни Ҳоруни Дашти Мишонӣ аст, ки муосири Маъмуни Аббосӣ ва мутаваллии «Байт-ул-ҳикма» будааст. Хулафои Аббосӣ дар даврае, ки ба тарҷума ва нақли улум пардохтанд, табъан ба таъсиси китобхонаи умумӣ ҳиммат гумоштанд ва нахустин китобхонаро дар Бағдод дар маркази илмии Ибни Маъмун, «Байт-ул-ҳикма» таъсис намуданд.

Тарҷумаҳои арабии кутуби тиббӣ ва илмӣ ва таълифоти исломиро Саҳл ибни Ҳорун дар он ҷо ҷамъ кард ва Яҳё ибни Холиди Бармакӣ аз Ҳинд китобҳое оварда, ба он афзуд. Баъди тасарруфи Ҳорун Анқара ва дигар шаҳрҳои Осиёи Сағир миқдори зиёди китоб аз нуқоти мухталифи ин навоҳӣ ба «Байт-ул-ҳикма» фиристода шуд. Дар замони Маъмун, ки

«дор-ут-тарҷимаҳои» зиёд доир шуд, китобҳои юнонӣ, сурёнӣ, форсӣ, ҳиндӣ, қибтӣ бар китобҳои арабии «Байт-ул-ҳикма» афзуда шуданд. Мардум алоқаи Маъмунро ба китоб дониста, китобҳои рангоранг ва мухталиф ба «Байт-ул-ҳикма» тақдим доштанд, агарчи порае аз ин китобҳо арзиши илмӣ надошт. Дар «Байт-ул-ҳикма» шуъбаи махсусе барои тарҷума, нусхабардории китоб ва таълиф вуҷуд дошт ва иддае дар гӯшае менишастанд ва барои худ ё барои дигарон китоб нусхабардорӣ мекарданд. Дастаи дигар машғули мутолиа ё тарҷума мешуданд. Аллони Шуубӣ ва Муҳаммад ибни Мӯсои Хоразмӣ, ҳамроҳи дигар олимони табиатшинос, ба мисли Яҳё ибни Абӯмансури Мавсилӣ ва ибни Мускавейҳ ва Бани Шокир дар «Байт-ул-ҳикма» тадқиқоти илмӣ мебурданд. «Байт-ул-ҳикма» маркази бузурги илмие буд, ки бо ташаббуси Ҳорун-ар-Рашид ва Ибни Маъмун ташкил карда шуд ва аввалин сарвари он Ҷирҷисро халифа Маъмун аз маркази илмии «Ҷунди Шопур»-и Эрон оварда буд. Аксари дигар олимони ин марказ низ эрониуласл буданд ва он аксаран ба василаи эрониён идора мешуд. «Байт-ул-ҳикма»-и Бағдод аз назари бисёрии кутуб дар дунёи он рӯз машҳури офоқ буда ва болиғ бар 4 000000 (чаҳор миллион) китоб доштааст.

Ибни Надим дар бораи Саҳл ибни Ҳорун менависад: «Ӯ ҳаким, балиғ, шоири эронинажод ва шуубимаслак ва сахт зиддиараб буд. Дар мазаммат ва айбҳои арабҳо чандин китоб таълиф кард» [3,с.120]. Саҳл ибни Ҳорун рисолае дар бораи бухлу бахилон ба номи «ал-Бухало» навиштааст. Ва эҳтимол меравад, ки мақсуди ӯ аз таърифи бухл таассуб ба нафъи шуубия буда, зеро арабҳо карам ва сахоро мояи ифтихор ва мадҳи худ дониста ва бузургтарин фазилати худ мешумурданд, таҳқиқ ва баррасии ин мавзӯъ будааст. Дигар аз осори ӯ китобе бо номи «Саъла ва Афроъ» аст, ки ба сабки китоби «Калила ва Димна» нигориш ёфтааст. Соҳиби «Зуҳр-ул-одоб» абёти зайлро аз Саҳл ибни Ҳорун нақл мекунад, ки миёни хонаҳои меҳани худ дар Мишон ва хонаҳои арабӣ муқоисае ба миён оварда ва ба эронӣ будани худ тафохур кардааст: «Аҷъалта байтан фавқа…» (Чаҳор мисраъ ба арабӣ), ки чунин мазмун дорад: «Оё кохе баландмартабаро, ки сар ба ахтарон кашид ва монанди ситора аст, бо чодараке пашмин, ки дар миёни биёбони хушк қарор гирифта ва дар миёнааш ҳашарот ва ҳайвонот вуҷуд доранд, яке ва баробар қарор медиҳӣ?» [9,с.263].

Саҳл ибни Ҳорун, монанди бузургони шуубия ба хонадони Бармак эҳтиром мекард. Ӯ дар васфи Яҳё ибни Холид ва писараш Ҷаъфар гӯяд: «Агар сухан дурру гавҳар буд, ё агар мумкин буда аз сухан лаълу гавҳар сохт, каломи он ду бузургворро метавон дурру гавҳар хонд». Ва сабаб он буд, ки Яҳё ибни Холид барои ятимон мактабхона таъсис карда буд ва ҳамеша худро ба мардум наздик мекард ва ба фарзандони худ чунин панде дода буд: «Шумо муҳтоҷи нависанда, омил, пешкор, муовин ва ёр хоҳед буд. То метавонед ёрони худро аз табақаи наҷибон ва ашроф ихтиёр кунед ва аз фурӯмоягон ва разилон дурӣ гузинед, зеро эҳсон назди наҷибзодагон ва ашхоси шариф ва муҳтарам дар ҳукми дайн (қарз) аст, онҳо дайнро некӣ медонанд ва нисбат ба некукор сипосгузоранд». Ва дар байте гуфта ба арабӣ: «Ин бахшишҳо ва атоҳои Фазл ибни Яҳё аст, ки ҳамаи мардумро шоир кардааст» [1,с.202].

Ҷоҳиз ӯро аз назари ҳикмату дониш ва балоғат меситояд ва муаллафоти ӯро ном мебарад. Дигар аз осори Саҳл ибни Ҳорун, мутобиқи гуфтаи Ибни Надим, китобҳои «Девон-ур-расоил», «ан-Нимр ва-с-саълаб», «Вомиқ ва Узро», «Надуд», «Вадуд», «Ладуд», «Тадбир-ул-мулк ва-с-сиёса» ва чанд китоби дигар аст.

Аллони Шуубӣ аз донишмандони эронинажоди зидди араб буд, ки дар масолибу айбҳои тозиён китоби «ал-Майдон фи-л-масолиб»-ро («Майдони айбу нуқсон») таълиф кард. Аллон як ба як қабоили арабро шумурда, масолиб ва бадиҳои ҳар якеро зикр кардааст. Мавзӯъҳои китоби ӯ иборатанд аз «Масолиби Қурайш» ва «Масолиби Таим ибни Мурра» ва «Матоини бани Асад ва бани Махзум» ва ғайра. Ибни Надим менависад, ки «Аллони Шуубӣ аз мардуми Эрон ва аз ансоб ва масолиби араб огоҳ буд. Дар «Байт-ул-ҳикма» барои Ҳорун ар-Рашид, Маъмун ва Бармакиён ба истинсохи кутуб мепардохт ва дар китоби «ал-Майдон фи-л-масолиб» нисбат ба арабҳо пардадарӣ кард ва бадиҳои онҳоро ошкор сохт» [3,с. 105].

Овардаанд, ки Тоҳир ибни Ҳусайн (муассиси силсилаи Тоҳириён) дар баробари ин таълиф, сӣ ҳазор сикка ба ӯ ҷоиза дод. Гузашта аз китоби мазкур Ибни Надим панҷ китоби дигар аз Аллон ном мебарад, ки онҳо китоби «Фазоили Канона», «Насаб ан-Нимр ибн Қосит», Китоби «Насабу-т-Тағлиб ибн Воил», китоби «Фазоили Рабиъа», «Китоб ал-мунофара» мебошанд. Аллони шуубӣ чун дигар шуубиён фахр ба ансоби худ мекунад ва чунин мегӯяд: «Аҷдодони мо сароғози худро аз хонадони Кисроҳо гирифтаанд» [10].

## АДАБИЁТ


1. Амин Аҳмад. Зуҳо-ул-ислом. -Қоҳира, 1956. -Ҷ.1.
2. Браун Эдуард. Таърихи адабии Эрон. -Теҳрон, 1335ҳ.ш. Ҷ.1.
3. Ибни Надим. Ал-Феҳрист. -Миср, 1348 ҳ.қ.

4. Ибни Надим. Китоб -ул-Феҳраст. -Миср, 1348 ҳ.қ.
5. Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён. -Қоҳира, 1367ҳ.қ. -Ҷ.2.
6. Исфаҳонӣ Абулфараҷ. Ал-Агонӣ. -Миср, 1285 ҳ.қ. -Ҷ.5.
7. Маҷаллаи «Меҳр» соли сеюм. – Теҳрон, 1937 мелодӣ.
8. Масъудӣ. Муруҷ-уз-заҳаб. -Миср, 1304 ҳ.қ. -Ҷ.1.
9. Мумтаҳан, Ҳусайналӣ. Наҳзати шуубия. -Теҳрон, 1992.
10. Ҳамавӣ Ёқут. Муъҷам-ул-удабо. -Миср, 1355-1357 ҳ.қ.

## ОЛИМОНИ ВАТАНПАРВАР ВА АДИБОНИ МИЛЛАТДӮСТИ ШУУБӢ

Шуубия ҷунбиши ватандӯстона ва миллатпарастонаи қавмҳои ғайриараб дар асрҳои миёнаи исломӣ буд. Аз ҷумла олимон ва адибон низ дар ин ҳаракат иштирок мекарданд. Сарчашмаҳои исломӣ номи се олими машҳурро зикр кардаанд: Абӯубайда, Асмаъӣ ва Абӯзайди Ансорӣ. Абӯзайд дар мухолифатҳои шуубигарӣ бетараф буд. Абӯубайда шуубии холис ва зидди араб буда, Асмаъӣ тарафдори арабҳо буд. Тарафдорони ин се нафар олими машҳур, баҳсу мунозираро дар замони худ ба роҳ меандохтанд. Оқибат тарафдорони Абӯубайдаи Ровия ғолиб омаданд. Чун аксарият бо ӯ буд. Адибони машҳури ин замон: Ҳалиди Бахтагон, Саҳл ибни Ҳорун ва Аллони Шуубӣ буданд, ки асосан дар осори худ дину нажоду фарҳанги пешазисломӣ ва давраи исломии миллати арабро мавриди накӯҳиш ва танқид қарор медоданд. Аллони Шуубӣ, ки эронинажод буд, барои китоби “Майдони айбу нуқсони арабҳо” аз тарафи муассиси силсилаи Тоҳириён-Тоҳир ибни Ҳусайн 30 ҳазор сикка ҷоиза гирифта буд.

**Калидвожаҳо:** олимони шуубӣ, адибони шуубӣ, шуубиёни эронпараст, Абу Нувос, Абӯубайда, Асмаъӣ, Абӯзайди Ансорӣ, Ибни Надим, Масъудӣ, Ҳайсам ибни Адий, Абӯусмон Саид ибни Ҳамиди Бахтагон, Аҳмад Амин, Саҳл ибни Ҳоруни Дашти Мишонӣ, хонадони Бармакиён, Ҷоҳиз, Аллони Шуубӣ, “Байт-ул-ҳикма”, Ёқути Ҳамавӣ.

## ШУУБИТСКИЕ УЧЕНЫЕ-ПАТРИОТЫ И ПИСАТЕЛИ - НАЦИОНАЛИСТЫ

Шуубия было патриотическим и националистическим движением народов неарабского происхождения в средневековом исламе. К этому движению также присоединились ученые и писатели. Исламские источники упоминают имена трех известных личностей: Абуубайда, Асма' и Абузайд Ансари. Абузайд не присоединился к шуубитским восстаниям. Они занимали нейтральную позицию к шуубитским противостояниям. Абуубайда был абсолютным шуубитом и настроен против арабов. Асма'и был сторонником арабов. Сторонники этих трех известных ученых в свое время вели споры и диспуты. В конце победили сторонники Абуубайда Ровия, так как большинство людей были на его стороне. Известные шуубтские писатели этого времени были Халиди Бахтагон, Сахл ибн Хорун и Аллан, которые в своих произведениях в основном критиковали религию, расу и доисламскую и исламскую культуру арабской нации. Аллан Шууби был писателем иранского происхождения и за свою книгу “Площадь стыда и изъянов арабов” был вознагражден 30 тысячами монетами от основоположника династии Тахиридов -Тахир ибн Хусайна.

**Ключевые слова:** ученые шуубиты, писатели шуубиты, шуубиты почитатели Ирана, Абу Нувос, Абуубайда, Асма'и Абузайд Ансори, Ибн Надим, Мас'уди, Хайсам ибн Адий, Абуусмон Саид ибн Хамиди Бахтагон, Ахмад Амин, Сахл ибн Хорун, Дашти Мишони, семейства Бармакидов, Джахиз, Аллан Шууби, “Байт-ул-ҳикма” (Дом мудрости), Якут Хамави.

## SHUUBI PATRIOTIC SCIENTISTS AND NATIONALIST WRITERS

Shuubiya was the patriotic and nationalistic movement of non –Arab people in the medieval of Islam. Scientists and writers also participated in this movement. Islamic sources underline the names of three famous scientists: Abubayda, Asma and Abuzaid Ansor. Abuzaid was neutral to the Shuubi movement. Abuubayda was absolute shuubi and anti-Arab and Asma was a supporter of the Arabs. There were always disputes among the supporters of these three scientists. At the end, supporters of Abuubayda Roviya won because most people were on his side. Famous writers of that period were Khalid Bakhtagon, Sahl ibn Horun and Allon who in their writings mainly criticized the religion, race and culture of pre-Islamic and Islamic era of Arab nation. Allon Shuubi who was of Iranian origin and for his book “The area of shame and faults of Arabs”, was gifted 30 thousand coins from the founder of Takhirid dynasty-Takhir ibn Hussain.

**Key words:** Shuuibi scholars, shuubi writers, shuubies who honored Iran, Abu Nuvos, Abuubayda, Asmai, Abuzaidi Ansori, Ibn Nadim, Masud, Haysam ibn Adiy, Abuusmon Saeed ibn Hamidi Bakhtagon, Ahmad Amin, Sahl ibn Horun Dashti Mishoni, Barmaki family, Jahiz, Allon Shuubi, “Bayt-ul-hikma”(House of wisdom), Yoquti Hamavi.

**Сведения об авторе:** ***Беков Комилджон*** **-** кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник Института по изучению проблем стран Азии и Европы, Академия наук Республики Таджикистан. Телефон: **917-26-03-83**. Email: **didavar@inbox.ru**

**Information about the author:** ***Bekov Komiljon*** **-** Institute of Asian and European Studies, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, **c**andidate of Philosophical Sciences, Leading Researcher. Tel: **917-26-03-83**. Email: **didavar@inbox.ru**

УДК 159.922

# ФАРИДУДДИН АТТАР И ЕГО ВЗГЛЯДЫ НА ПОНЯТИЯ «НРАВСТВЕННЫЕ ОСНОВЫ», «ТОЛЕРАНТНОСТЬ» И «ОБРАЗ ЖИЗНИ»

*Умедов М.Х.*

**Таджикский национальный университет**

В период глобализации проблема толерантности нашла своё отражение во многих процессах и явлениях мирового, межнационального и национального масштаба. В их числе особую актуальность обретает духовно-нравственное воспитание молодёжи в контексте толерантности, что обусловлено рядом процессов, которые вызывают острую тревогу общественности всего мира. Прежде всего, это рост различного рода проявлений экстремизма, агрессивности, расширение зон конфликтов и конфликтных ситуаций. Эти социальные явления особенно опасны для молодёжи в силу её некоторых демографических и социально-возрастных особенностей. Изучение проблемы толерантности важно не только как фактор духовно-нравственного развития молодёжи, но тем что она выступает своеобразным фактором, интегрирующим общечеловеческие, национальные, социальные и другие аспекты глобализационного процесса.

Наша культура способствует толерантному поведению людей, преодолению конфронтации. Она связана с системой общечеловеческих, национальных, социально-нравственных ценностей и принципов, работающих как механизм преодоления нетерпимости к чужим мнениям, верованиям, культуре, поведению. Поэтому изучение ценностей, связанных с толерантным содержанием, отвечает историческому пути и образу жизни народа, а именно: сугубо локальных, региональных и общечеловеческих, адекватных духовным потребностям и ориентациям современного общества.

Идея терпимости в нашем культурном наследии выражается в человеческом стремлении достичь взаимного понимания и согласования самых разных мотивов установок, ориентаций, не прибегая к насилию, подавлению человеческого достоинства, а используя гуманитарные возможности — диалог, разъяснение, сотрудничество. Одним из важнейших методологических аспектов той или иной исследовательской проблемы выступает степень её историко-генетической обусловленности, наличие духовно-исторических корней. Важно отметить, что идея толерантности восходит к истории философской мысли. Многие великие философские умы Востока и Запада критически относились к любым проявлениям нетерпимости.

Интерпретация проблемы в разных концепциях в зависимости от культурных ценностей и традиций представляется и изучается не совсем однозначно. Такой взгляд на общество, при котором определённая группа считается центральной, а все остальные группы соизмеряются и соотносятся с ней, называется этноцентризмом» [11], так и на Аттара влияли те ценности, которые сохранились в его обществе.

Фаридуддин Аттар, является одним из выдающихся мыслителей таджикского народа второй половины XII и начала XIII века. Его имя Фаридуддин Абухомид Мухаммад ибни Абубакр Иброхим Аттар. Аттар родился в 1148-51 г. в селе Кадкане вблизи города Нишопура, а умер в период нашествия монголов в Среднею Азию и Иран, во время массових убийств в Нишапуре, которые происходили в 1219-1221гг. [12, с.7]. Он представител суфизма. О суфизме очень много написано и исследовано. Это течение является одним из влиятельных религиозно-философских направлений, корнями уходящий в ислам, греческую философию, христианство и буддизм. На примере Аттара также можно увидеть влияние буддизма на суфизм, особенно идея ненасилия.

Конечно, суфизм сформировался главным образом на основе религии ислама, однако наряду с другими идейными источниками на его формирование также повлияли индуизм, буддизм. Суфизм синтезировал в себе по своему все ценное, что соответствовало духу индийской культуры на основе ислама. Терпимость к чужой мысли было характерно индийскому мировоззрению. Еще в глубокой древности индус чувствовал, что истина многогранна и что различные воззрения представляют собой лишь различные стороны Истины, которая не может быть выражена полностью. Он не страшился усваивать даже крамольные учения, если они были логически обоснованы. Если это было в его силах, индус не позволял погибнуть самой незначительной из традиций, пытался их всех примирить между собой [10, с.484]. Известно, что нравственная концепция в суфизме построена на основе любви к Аллаху. Здесь уместно привести точку зрения профессора Мухаммадали Музаффара о синкретической особенности суфизма на примере Бедиля: «если с именем Шанкары создателя Адвайта - веданты (абсолютного монизма) - связывается завершение творческого периода и классической Веды - брахманической философии», то «творчеством Бедиля подытоживается таджикско-персидская метафизическая философия. Традиционно в дополнении к проблеме взаимовлияния

философских систем эта философия называется «суфийской философией». Исходя из философской системы Бедиля, ее условно можно назвать «Ведантично-суфийской интегральной философией» [2, с.26]. В суфизме отразилось возмущение человека лишениями и страданиями, которые были во всех социальных доктринах. Мировоззренческие установки и житейские настроения последователей выражались прежде всего в морально-этических вопросах. В этом можно убедиться, в частности в трех рассказах, приводимых в произведениях суфийских мыслителей, где речь идет об Ибрахиме Адхаме. В произведениях Абдуллаха Ансори, Абдурахмана Джами, Хаджвири и других часто приводится рассказ об Ибрагиме Адхаме, жизнь которого очень сходна с Буддой. Это свидетельствует о том, что буддийские идеи не были чужды суфийским мыслителям Центральной Азии.

Согласно известному ученому Ирана Саиду Нафиси, при влиянии буддизма на суфизм необходимо учитывать, что «поэтическая привлекательность и нежность, чрезвычайно гностическое, миролюбивое учение, покорность, довольствование малым, гордость бедностью, любовь к прекрасному, содержащиеся в этой религии миролюбивые идеи, очень понравились людям, которым запретили экстремистские, воинствующие идеи и которые искали умеренных неагрессивных учений. И можно с уверенностью сказать, что буддизм был единственной религией, которая распространилась без войны, кровопролития, не была навязана людям силой меча. В период ислама эти миролюбивые взгляды получили большое одобрение среди суфиев восточного Ирана» [8, с.20]. Таким образом, идеей ненасилия как нормативным императивом, как нравственной основой глубоко пронизана в суфийское мировоззрение.

Мы думаем на основе метода логико-смыслового анализа, позволяющей вскрыть содержание анализируемых строк из творчества Аттара, и метода историко-философской реконструкции его взглядов мы постараемся рассмотреть соотношение понятий «нравственные основы», «толерантность» и «образ жизни» в творчестве Аттара.

Как известно, понятие толерантности опережает период жизни исследуемого нами мыслителя (Аттар-У.М.), история проблемы своими корнями уходит к истокам цивилизации. Уже мыслители античности признавали роль терпимости в эффективном взаимодействии: Сократ, Платон «терпение» связывают с интеллектуальным аскетизмом и определяют как предпосылку духовного и социального сплочения людей [6, с.75]. Средневековая философия с ее концепцией равенства всех перед богом только развила эту тенденцию.

Толерантность тесно связана и является производной от других ценностей, таких как гуманизм, свобода, уважение, справедливость, целостность и межличностное признание и принятие, но не сводима к ним, поскольку обладает рядом назначений, вытекающих из ее автономии и уникальности. А противоположные понятия как безразличие, жестокость, ненависть являются протива толерантным определением.

Аттар, как и все наши мыслители, в своем творчестве особое внимание уделял и вопросам толерантности. Одной из центральных проблем в своих социальных, общественно-политических учениях он считал всестороннее совершенствование человека и гуманизм. Большое значение в формировании человека им придавалось духовно-нравственному воспитанию, особенно в духе толерантности. Аттар призывает быть дружелюбным, пользуясь мистическими метафорами, он говорит, что открой свои глаза для друга, пожертвуй собой ради друга, дружелюбие всегда воздастся. Аттар под влиянием перипатетизма размышлял о формировании интеллектуальных и нравственных качеств. Он допускает мысль, что формирование нравственных качеств может быть осуществлено путём воспитания и образования. Аттар с осуждением относился к любой форме интолерантности, нетерпимости. Большое внимание им было уделено проблемам нравственности, в частности, таким, как честь и достоинство, добро и зло, справедливость и совесть и др.

От справедливости государей и их справедливого управления зависит благополучие страны. Гнев, как ветер, сметает всё, остаётся только пыль. Там, где есть разумное правление и справедливость, есть счастье, а если, наоборот, то все превращается в развалины. Аттар, как и все представители суфизма, считает большим социальным злом притеснение и насилие.

Самым главным в суфизме, если можно сказать главной заповедью в суфизме, считается любовь к Аллаху, а к нему путь лежит через любовь к ближнему.

В данной статье мы рассматриваем «нравственные основы» в творчестве Аттара. Рассматривая бога, в неразрывной связи со сотворенным им миром вещей, Аттар приходит к пантеизму, поскольку он растворяет творца в его творениях, иными словами, он отождествляет бога с природой, считая, что везде в мире можно увидеть бога. Он отрицает идеи о потусторонности, трансцендентности бога и утверждает, что природа, мир - не что иное, как воплощение божества. Фаридуддин Аттар - виднейший мыслитель эпохи безраздельного господства религиозного мировоззрения - не сомневался в существовании единого творца мира. Согласно его учению, бог -это чистое абсолютное бытие, находящееся за пределами ощущения и человеческого мышления. Его сущность невозможно воспринимать при помощи

человеческих органов чувств или разума, а также невозможно доказать его бытие при помощи научной аргументации. Чистое абсолютное бытие уподобляется Аттаром свету, который составлял основу всеобщей души. Кроме абсолютного бытия, все существующие в этом мире вещи представляют собой лишь явление, в абсолюте заложены сущность и субстанции всех вещей. Сущность есть море, а видимое (таайюнот)- его волны, волна не может существовать без моря, а море (бытие) проявляется через волны. Абсолютное бытие по своей сущности является единым. Характерная особенность этого единства в том, что оно не имеет себе подобного в численном смысле, так как оно едино и не допускает множества. Множественность можно допустить относительно его сияния, от которого происходят все вещи этого мира. Те вещи, которые происходят благодаря сиянию абсолютного бытия, в противовес последнему, которое не знает ни изменения, ни развития, ни расчленения, ни множественности, находятся всегда в бесконечном изменении.

Это можно видеть на примере развития растения. Так, растение возникает от одного единого семени и в результате сияния солнца проявляется в качестве ствола, листьев, цветка, и этот процесс продолжается до исходной точки [3,с.336]. В итоге вновь начинается этот процесс, и так до бесконечности. Несмотря на то, что в дереве имеется вода, которая подвержена изменению, сущность его остается той же. Так и действительное бытие (бог) разлит во всех вещах этого мира. По Аттару, бог существует везде, куда бы ни обратил свой взор человек и в какую сторону бы он ни смотрел, всюду он видит божественный лик.

*О ты, кроме тебя нет другой стороны,*
*Кроме твоего лица, нет другого лица в мире,*
*Откуда бы я ни посмотрел, в обоих мирах*
*Увижу тебя, но нет тебя нигде [1,с. 486].*

На основе любви и строится философия Аттара. Любовь к творцу -важная часть этической концепции в суфизме в общем, а у Аттара в частности. Любовь имела особенные стадии, а в обществе она играла важную роль. «Проблема любви в творчестве Аттара занимает особое место. Следует отметить, что в его доктрине о любви много мистических элементов. Но наряду с мистическими мотивами, в нем сильна и тенденция воспевания земной человеческой любви. В таких случаях он воспевает красоту возлюбленной, выражает горе, вызванное разлукой, желает воссоединения с нею. Подобные изображения отличаются исключительно своей конкретностью от мистических изображений. Иногда он конкретизирует своего возлюбленного до такой степени, что от божественной, сверхъестественной любви не остается даже малейших следов» [4, с.225]. Вот этот момент для нас важен, так как любовь к человеку у него не мистическая, и естественно, такая любовь обязывает человека. Мы считаем, что нравственная основа строится на любви к человеку. И любовь, как главное понятие социальной жизни требует особых качеств.

Некой ступенью в этой трактовке является понятие терпимости. Терпимость и толерантность тождественны, и являются жизненноважным личностным свойством. Принцип терпимости, или толерантности, ярко выражен в нормальном обществе и является главным в полноценно функционирующих личности и обществе. Помогать друг другу, любить ближнего выражается в участии и в решении его проблем. В этом стремлении нужно видеть стремление человека к свободе, к положительным изменениям. Значит, толерантность -это часть нравственности. Одно из качеств человека в описании личности как толерантной включает тот факт, что толерантная личность нисколько не чрезмерна в оценках, не склонна к предрассудкам, излишне не моралистична. Решающим компонентом в характеристике толерантности должны стать мотивы личности проявлять сдержанность. Это должно быть тенденцией личности к самоактуализации, самореализации, совершенствовании, снятию противоречия между «реальным Я» и «духовным Я», и вследствие более терпимого человечного отношения к себе и к окружающим людям. Такое терпимое и человечное отношение олицетворяют дружбу.

Большое значение Аттар придавал дружественным отношениям между людьми. Именно в дружбе между людьми он видел основу человеческого счастья и общественного благоустройства, независимо от человеческого статуса. Аттар, как и многие другие мыслители, особое внимание уделял проблеме формирования толерантности в человеке как важного компонента его духовно-нравственного мира. Анализ концепций толерантности в нашей культуре позволил выявить направленность многих восточных концепций также на интерпретацию толерантности, прежде всего как духовно-нравственного явления.

Если учесть то, что в исламе, а через религию в творчестве восточных мыслителей пророк Мухаммада как последнего из пророков -посланников бога представляют идеальным и примером совершенного человека, то и Фаридуддин Аттар ставит исламскую религию наравне с другими мировыми религиями, между ними не видит никакого различия. И уже в этом выявляется его нравственная основа - в том, что ни одну из религий не ставит выше других религий. По Аттару, религиозность каждого человека зависит от того, в какой среде он

воспитывается. В связи с этим мыслителем рассматривается решение проблемы свободы воли и излагается суть противоречивых споров, которые велись вокруг этого вопроса в средние века между кадаритами и их последователями - мутазалитами, признающими свободу человеческой воли, и джабаритами, отрицавшими её [4, с.224].

Конечно, быть терпимой или толерантной личностью процесс сложный и может быть реализован в процессе социального бытия. Этот процесс связан с воспитанием, и поэтому в творчестве Аттара особенно часто воспевается такое чувство. Именно с детства могут быть сформированы гуманистические ценности и реальная готовность к толерантному поведению. Аттар призывает правильно воспринимать и понимать единство человечества, взаимосвязь и взаимозависимость всех и каждого живущих на земле, понимать и уважать права, обычаи, взгляды и традиции других людей, найти своё место в жизнедеятельности общества, не нанося вреда и не ущемляя права других людей.

Толерантность или терпимость -это мотивы поведения человека. Для правильного понимания многообразия мотивов поведения человека и выявления среди них собственно нравственных важно учитывать, что такие черты, как общественность, непосредственная связь, связь с поведением, свойственны не только моральным мотивам и явлениям, но и внутренним эмоциональным, т.е. психологическому состоянию. В этом случае само понятие морали крайне расширяется. Но нам неизвестно насколько Аттар придаёт понятию «толерантность» как моральной категории психологическое значение. Скорее всего, «нравственные основы», «толерантность» и «образ жизни» в воззрениях Аттара рассматриваются как содержание морали.

Основой нравственности должна быть терпимость, и она должна восприниматься как образ жизни. Характерно, что и сам термин «толерантность», которая у Аттара определяется через синонимичное понятие «терпимость», обретает подчёркнуто религиозно-этический смысл, ибо это понятие означает бытие человека пред лицом Создателя. Различая стадии человеческого существования, Аттар полагает, как бы вплетение в трансцендентное, жизнь перед лицом Создателя и есть подлинно человеческий способ существования в мире. Назначение человека в этой жизни довести себя до высшей степени человеческого бытия – познания Истины, это и есть религиозно-этические максимы и жизнесмысловые императивы Аттара. А в этом императиве особое место занимает соотношение нравственных основ, толерантности и образа жизни у Аттара.

Тема человека как величайшего вопроса – Совершенный человек проходит через всё творчество представителей суфизма в общем, а у Аттара в частности, рассматривается в многообразных аспектах и многогранных измерениях. Человек, будучи одинок, не может получить самостоятельно все необходимое, он это достигает благодаря обществу. Вопрос, что есть человек и каково его положение в бытии, занимает центральное место в творчестве Аттара. Нравственные принципы складываются на основе пути достижения Истины. И на этом пути, как мы отмечали этические максимы и жизнесмысловые императивы Аттара -это соотношение нравственных основ, толерантности и образа жизни.

Такие качества и, соответственно, нравственные категории, как доброжелательность, милосердие, снисходительность, решительность, ответственность, дисциплинированность, трудолюбие, уважительность, терпимость, гуманность являются элементами толерантности у Аттара.

Действительно, «Фаридуддин Аттар, как выдающейся мыслитель и гуманист своего времени уделял вопросам морали исключительно большое внимание. В деле воспитания и морального усовершенствования человека Аттар был сторонником учения футуввата. Основная идея, которую пропагандировали приверженцы футуввата, была идея о товариществе, великодушии и равенстве всех членов их общества» [4, с.224]. В следовании высоким принципам наиболее чётко обозначена общечеловеческая линия духовно-нравственного формирования в контексте толерантности, которая воплотилась в такую особенность морали, как гуманизм. Этическое воззрение Аттара есть своеобразное соединение рационализма, традиционализма и мистицизма. Рационалистическая черта – это черта, указывающая на истинную природу человека, позволяющая построить политико-правовые и нравственные институты, черта традиционализма – признание Бога как источника бытия, от которого исходит принцип порядка и гармонии, а также требование признания авторитета пророков; черта мистицизма – лицезрение Истины путем совершенствования личности. Поэтому этическое воззрение Аттара -это традиционный рационализм, традиционализм ислама и мистицизм суфизма и неоплатонизма.

Человек всегда являлся центром мира. Относительно гуманизма актуально мнение Аттара о том, что человек живет в настоящем времени и он должен разумно наслаждаться этим и быть счастливым. Возвеличивание человека, особенно трудового, нравственного, призыв к установлению справедливости и добронравия в отношениях между людьми в обществе, отказ

от насилия и вражды между разными подходами к религии, настойчивое утверждение о толерантности и взаимопомощи, сострадание к притесненным являются основными особенностями гуманистических воззрений Аттара. Быть сдержанным в отношении точки зрения другого на пути к познанию Истины. Мир людей настолько многообразен в культурном и прочих отношениях, что избежать разобщенности, раскола общества, взаимной агрессии можно только на основе толерантности. Она предполагает разногласие. Она не только не требует отказаться от своих убеждений, но, напротив, призывает к существованию различных течений мысли, казалось бы несовместимых интеллектуальных и духовных миров. Само ее существование обусловлено наличием многочисленных религий, культов, традиций и их самоутверждения.Таким образом, в этической концепции Аттара понятия верности и справедливости считаются не только выше всяких религиозных обрядов, но и превыше самой религии. Такое выступление Аттара в период безраздельного господства религиозного фанатизма безусловно было прогрессивным и носило гуманистический характер.

Содержанием и основными чертами толерантности, по Аттару, являются уважение мнения других, доброжелательность, желание что-нибудь сделать для другого, понимание и принятие, чуткость, снисходительность, доверие, гуманизм и любознательность. И он одновременно критикует непонимание, игнорирование, эгоизм, нетерпимость, пренебрежение, раздражительность, равнодушие, цинизм и агрессивность – эти качества он противопоставляет толерантности.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аттор. Куллиёт. -Лакхнав,1882.
2. Гулямов М. Шанкара, Бедил - Шопенгауэр //История философии и современность. –Душанбе, 1988.
3. Девони ғазалиёту қасоиди Аттор / Бо эҳтимому тасҳеҳи доктор Тақии Тафаззулӣ. –Теҳрон: Интишороти анҷумани осори миллӣ, 1341. –886 с.
4. История таджикской философии. С древнейших времён до XV века», Том III. -Душанбе, 2013. –556 с.
5. Лосев А.Ф. История античной эстетики / А.Ф. Лосев. – М.: Искусство, 1963 – 1994. -в 8 т. – Т. 5.-776 с.
6. Лосев Ф.А. История античной эстетики. Ранний эллинизм / Ф.А. Лосев. – Москва: Искусство,1979. - 814 с.
7. Мухаммедходжаев А. Мировоззрение Фаридиддина Аттара. Монография / А. Мухаммедходжаев. – Душанбе: Дониш, 1974. – 156 с.
8. Нафисӣ Саид. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон. – Теҳрон: Марвӣ, 1371. – 274 с.
9. Нафисӣ Саид. Ҷустуҷӯ дар аҳволу осори Фаридуддин Аттори Нишопурӣ. – Теҳрон: Китобфурӯшии Иқбол, 1320. – 253 с.
10. Сарвепали Радхакришнан. Индийская философия // Открытие Индии. -М., 1987.
11. Социально-психологические и гуманитарные дисциплины» \\https: //studfiles.net /preview/ 6329259/page:2/. (дата обращения: 22.07.2019 г.)
12. Умедов М.Х. Идейно-художественные особенности «Мусибатнаме» Фаридаддина Аттара: автореферат дис. кандидата филологических наук / М.Х. Умедов. – Душанбе, 2006. -26с.


## ФАРИДУДДИНИ АТТОР ВА НИГОҲИ Ӯ БА МАФҲУМҲОИ “АСОСҲОИ АХЛОҚӢ”, “ТАҲАММУЛПАЗИРӢ” ВА “ТАРЗИ ҲАЁТ”


Дар мақолаи мазкур фикру ақидаи яке аз мутафаккирони бузурги халқи тоҷики нимаи дуюми асри XII ва ибтидои асри XIII, Фаридуддин Абӯҳомид Муҳаммад Ибни Абӯбакр Иброҳим Аттор дар робита бо ҳамоҳангии мафҳумҳое, ба монанди таҳаммулпазирӣ ва тарзи ҳаёт баррасӣ гардидааст. Мавқеи мафҳумҳои мазкур дар таълимоти ахлоқии Аттор мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифи мақола таъкид мекунад, ки дар таълимоти ахлоқии Аттор инсон ва ҳақиқат мавқеи хос доранд. Принсипҳои ахлоқӣ дар раванди роҳи ба Ҳақиқат наздик шудан ба роҳ монда шудаанд. Дар ин роҳ, асоси ахлоқӣ ва моҳияти ҳаётофарии афкори Атторро таносуби мафҳумҳои “асосҳои ахлоқӣ”, “таҳаммулпазирӣ” ва “тарзи ҳаёт” ташкил менамоянд. Муҳтаво ва хусусиятҳои асосии таҳаммулпазирӣ, ба андешаи Аттор, эҳтироми фикру ақидаи дигарон, некуаҳволӣ, хоҳиши якҷоя меҳнат кардан, кумак намудан ба ҳамдигар, ҳассосият, боварӣ, инсондӯстӣ ва шавқмандиро дар бар мегирад. Ин се категория бо ҳам алоқаманд мебошанд.



**Калидвожаҳо:** Фаридуддини Аттор, тасаввуф, таҳаммулпазирӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, тарзи ҳаёт, инсондӯстӣ, дин, Аллоҳ, эътиқод, инсон, инсони комил, худшиносӣ, Худошиносӣ, маърифати Ҳақиқат, мутафаккирони Шарқ, афкори диниву ахлоқӣ.


## ФАРИДУДДИН АТТАР И ЕГО ВЗГЛЯДЫ НА ПОНЯТИЯ «НРАВСТВЕННЫЕ ОСНОВЫ», «ТОЛЕРАНТНОСТЬ» И «ОБРАЗ ЖИЗНИ»


В статье рассмотрены взгляды одного из выдающихся мыслителей таджикского народа второй половины XII и начала XIII века, Фаридуддина Абухомида Мухаммада ибни Абубакра Иброхима Аттара о соотношении таких понятий, как толерантность и образ жизни. Анализируется место этих понятий в этической концепции мыслителя. Автор статьи утверждает, что в этической концепции Аттара человек и истина занимают особое место. Нравственные принципы основаны на пути достижения Истины. И на этом пути этические максимы и жизнесмысловые императивы Аттара -это соотношение нравственных основ, толерантности и образа жизни. Содержанием и основными чертами толерантности, по Аттару, можно считать: уважение мнения других, доброжелательность, желание чего-нибудь сделать для другого, понимание и принятие, чуткость, снисходительность, доверие, гуманизм и любознательность. Эти три категории являются взаимовыгодными и взаимосвязанными.

**Ключевые слова:** Фаридуддин Аттар, суфизм, толерантность, нравственные принципы, нравственные основы, гуманизм, религия, Аллах, вера, человек, совершенный человек, самопознание, Богопознание, познание Истины, мыслители Востока, религиозно-этические идеи.

**FARIDUDDIN ATTAR AND ITS LOOK AT THE POINTS “MORAL BASES”, “TOLERANCE”AND "LIFESTYLE"**

The article considers the views of one of the prominent thinkers of the Tajik people of the second half of the 12th and the beginning of the 13th century, Fariduddin Abuhomid Muhammad ibni Abubakr Ibrohim Attar, on the relationship between such concepts as tolerance and lifestyle. The place of these concepts in the ethical concept of the thinker is analyzed. The author of the article claims that in the ethical concept of Attara, man and truth occupy a special place. Moral principles are based on the path to Truth. And in this way, the ethical maxims and life-meaningful imperatives of Attara are the correlation of moral principles, tolerance and lifestyle. The content and main features of tolerance according to Attar can indicate respect for the opinions of others, goodwill, a desire to do something together and to another, understanding and acceptance, sensitivity, condescension, trust, humanism and curiosity. These three categories are mutually beneficial and interrelated.

**Keywords:** Fariduddin Attar, Sufism, tolerance, moral principles, moral foundations, humanism, religion, Allah, faith, man, perfect man, self-knowledge, God-knowledge, knowledge of the Truth, thinkers of the East, religious and ethical ideas.

**Сведения об авторе:** ***Умедов Мастон Хамдамович*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры истории философии и социальной философии философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки,17.Телефон:**+992 93 3013100**
**Information about the author:** ***Umedov Maston Hamdamovich*** - Tajik National University, doctoral candidate of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy of the Faculty of Philosophy. ***Address:*** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Telephone: **+992 93 3013100**

**УДК:1/14+396(575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФИИ НАЗАРИЯҲОИ ИЛМӢ ДОИР БА ОЗОДӢ ВА БАРОБАРҲУҚУҚИИ ЗАНОН

***Сафарова Б. Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи омӯзиши озодии занон ва баробарҳуқуқии онҳо дорои таърихи дурударозе буда, пайдоиши аввалин андешаҳо доир ба паҳлуҳои ин масъала ба даврони қадим рост меояд. Аз ҷониби мутафаккирон ҳарду ҷинс дар тамаддунҳои гуногун ҳамчун мавҷудияти нобаробар дида баромада мешуданд. Ин ҳодисаро дар илм стратификатсияи ҷинсҳо (яъне, нобаробарии ҷинсҳо) номидаанд. Нобаробарии ҷинсҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар асоси омилҳои гуногун тасдиқ ва таъкид карда мешуд. Метавонем якчанд омилро номбар кунем, ки ба чунин мавқеъ таъсири худашонро гузоштаанд: тақсимоти ҷинсии меҳнат, маълумот, моликияти хусусӣ, ҳокимият доштан, муносибати намояндагони ибодатгоҳҳо ба ҳарду ҷинс, рафтори шаҳвонӣ ва ғ.

Тақсимоти ҷинсии меҳнат ибтидои худро ҳанӯз аз оилаҳои ҳайвонот пайдо намудааст. Масалан, приматҳои мода вазифаи нигоҳубини кӯдаконро адо менамуданд ва приматҳои нар бошанд, бо ҳимояи аҳли оила аз душманон машғул буданд. Ба ин уҳдадориҳо дар одамон илова шуданд: занон бо тайёр намудани хӯрок ва мардон барои ба даст овардани воситаҳои мавҷудият вазифадор шуданд.

Дар ҷамъияти ибтидоӣ тақсимоти ҷинсии меҳнат, шуғл ва уҳдадориҳо вуҷуд надоштанд (Бромлей, Подолний). Дар ҷамъият ҳаёти хушҳолонаро танҳо пешвоён аз сар мегузаронианд ва боқимондаҳо бо заминдорӣ, хоҷагидорӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Аз ҳама кори бошараф шуғли ҳарбӣ маҳсуб меёфт. Илова ба ин, чанде шуғлҳои хавфноки дигарро, ки метавонистанд ба шарафмандии шахс сабаб шаванд, яъне шикор ва ҷангро дохил намуданд. Меҳнат дар даврони атиқа ҳамчун меҳнати ҷисмонӣ ҳисобида намешуд, вале дар давраи асримиёнагӣ бошад, чун ҳолати муътадили инсон эътироф гардид. Ҳамин тавр, муносибат ба меҳнат тағйир меёфт: кори хоҷагии қишлоқро шуғли беҳтарин меҳисобиданд ва савдою фоидахӯриро фаъолияти мақбул намедонистанд.

Меҳнат ва моҳияти он дар давраи эҳё ба дигаргунӣ дучор шуд: арзиши динию ахлоқиро пайдо кард, танбалӣ бошад, маҳкум гардида, босалоҳиятии касбӣ ҳамчун қадру қимат ё худ воситаи эътибору шараф баҳо дода мешуд. Муҳим будани ҳаёти оилавӣ ва тарбияи фарзандон ҳамчун арзишҳои волои ҷамъиятии инсон дар назар дошта мешуданд. Ҳамин тавр, қадру манзалати меҳнат ва шуғлҳои алоҳида баланд шудан гирифт ва ин, дар навбати худ, дар оянда ба дискриминатсияи (табъизи) ҷинсӣ оварда расонид: баъзе шуғлҳо мардона ва баъзеашон занона шуда монданд.

Омили муҳимми дигаре, ки нобаробариро дар сохторҳои гуногуни ҷомеа ба вуҷуд меоварад, маълумот ба ҳисоб мерафт. Дар асри XVI занон дар деҳоти Аврупо комилан бесавод буданд. Дар асри XVII дар Франсия чоряки занон соҳибмаълумот буданду халос

[10, с.67]. Минбаъд мавқеи инсонро дар ҷомеа на танҳо маълумот, балки маҷмӯи донишҳои худи ӯ низ муайян мекард. Масалан, донишҳои шаманҳо, ки дар дигар аъзоёни қабилаҳои обшинаи ибтидоӣ набуданд, ба ӯ барои соҳиб шудан ба мавқеъ ва мартабаи хос (масалан, пешвои қабила будан) имконият медоданд. Ин аст, ки дар асрҳои миёна занони соҳибдониш ба ҳокимиятдорон хуш намеомаданд ва хосатан ба намояндагони дин, ҳарчанд донишҳои онҳо аҳаммияти назариявиву амалиро доро буданд. Дар кишварҳои Осиё ба маълумотгирии занон муносибати манфӣ зоҳир менамуданд, вале дар Ҳиндустон баръакс, ин муносибат мусбӣ буд.

Одатан, давраҳои таърихиро ба прогрессивию иртиҷоӣ ҷудо менамоянд ва нисбат ба занон бошад, эффекти реверсивиро (муқобилмаъноро) дидан мумкин аст. Маҳз давраҳое, ки табиати прогрессивиро доштанд, муносибат ба занон хусусияти иртиҷоӣ пайдо кард. Баръакс, дар давраҳои иртиҷоӣ муносибат ба занон хусусияти прогрессивӣ гирифт (масалан, иҷозати машғул шудан бо кор дода мешуд). Чунин ҳолат ба заноне иҷозат дода мешуд, ки бешавҳар ё худ таъминкунандаи хонаводаи худ буданд. Аммо занони хуби аз табақаи болобуда аз ҷониби мардони доро ба занӣ гирифта мешуданд ва онҳо хоҳиши кор кардану маълумот гирифтанро зоҳир наменамуданд.

Дар шуури ҷамъиятии ҷомеа нобаробарии иҷтимоии ҷинсҳо ба таври гуногун баҳо дода мешуд. Муддати тӯлонӣ он «ҳукмфармоӣ»-и мардҳоро дар заминаи бaромади «илоҳӣ» ё «табиӣ» доштанашон тасдиқ менамуд. Вақте ки қувваи таъсиррасонии ин андеша заиф шуд, назарияҳое рӯйи кор омаданд, ки баробарҳуқуқ набудани занҳоро бо мардон дар заминаи мавқеи зан дар ҷомеа бо назардошти таъсири омилҳои гуногун (иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғ.) асоснок менамуданд. Новобаста аз ин, дар андешаҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ кӯшиши нишон додани баробарии иҷтимоии ҷинсҳо мустаҳкамтар мешуд. Ин андеша ба доираи назарияҳои гуногун ворид гардида, дар маҷмӯъ ба эътироф намудани баробарарзишии мардон ва занон ҳамчун субъекти раванди иҷтимоӣ равона шудааст. Бо ин мақсад пешниҳод карда мешуд, ки муносибати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ ба манфиати занҳо тағйир дода шавад [4, с.4].

Вақтҳои охир дар илм маҳдудкунии аниқи ҷанбаҳои конститутсионалӣ ва иҷтимоӣ дар тафовути мардонагӣ ва занонагӣ қабул шудааст, ки ин маҳдудкунӣ бо мафҳумҳои «ҷинс» ва «гендер» ифода меёбад. Мафҳуми «ҷинс» фарқияти биологии байни мардон ва занҳоро шарҳ медиҳад, ки аз рӯйи хусусиятҳои генетикии сохти ҳуҷайра ва тавсифи функсияҳои анатомӣ-физиологӣ муайян карда мешавад. Мафҳуми «гендер» ифодакунандаи мавқеи иҷтимоӣ ва он тавсифи иҷтимоӣ-психологии шахсият мебошад, ки бо ҷинс ва шаҳвоният алоқамананд, аммо дар ҳамкорӣ бо дигар одамон ба вуҷуд меоянд. Ин мафҳумро ба маънои имрӯзааш аввалин маротиба муҳаққиқи амрикоӣ Роберт Столлер соли 1968 мавриди истифода қарор додааст. Гендер бо фаҳмиши муосираш маънои ҷинси иҷтимоиро дорад, ки аз назарияҳои феминизм ва гендерӣ сарчашма мегирад. Ба маънои васеаш гендер системаи мураккаби ифодакунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Ҳамин тариқ, дар илми муосир барои ифода кардани баробарҳуқуқии занон ва мардон аз мафҳуми гендер ё баробарии гендерӣ истифода мебаранд. Тасаввуротҳои гендерӣ занону мардонро ба стратегияҳои гуногуни ҳаётӣ ва усулҳои гуногуни худамалисозӣ роҳнамо мекунанд. Ин нобаробарарзишии мавқеҳои иҷтимоиро муайян мекунад, ки дар он нақши ҳукмфарморо мардҳо доранд [13, с.123].

Муҳаққиқи соҳаи ҷомеашиносӣ Э. Гидденс дар китобаш «Сотсиология» доир ба масъалаи тафриқаи ҷинсӣ чунин овардааст: «Тафриқаи ҷинсӣ аз гендер бунёдист, зеро бисёре аз тафовутҳои байни зану мард аз сабабҳое ба вуҷуд омадаанд, ки табиатан биологӣ нестанд». Номбурда дар ҳамин китобаш ҷойи дигар моҳияти гендерро чунин шарҳ додааст: «Гендер на тафовути ҷисмонии байни марду зан, балки сифатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ташаккулёфтаи мардонагӣ ва назокати занонагист» [8, с.56].

Масъалаи омӯзиши баробарии гендерӣ таърихи на он қадар тӯлонӣ дорад, ҳарчанд тасаввуроти фалсафӣ доир ба нақши мард ва зан дар ҷомеа, доир ба аҳаммияти маданӣ-рамзии «мардонагӣ» ва «занонагӣ» ҳанӯз дар давраи атиқа шакл гирифта буд. Афлотун ва Арасту маърифат ва ақлгароиро бо ибтидои фаъоли мардонагӣ ва материяи хаотикиро ҳамчун субстансияи поёнӣ бо нақши нофаъолӣ занона шабоҳат медоданд [2,с.123]. Афлотун ривоятро дар бораи андрогинҳо пешниҳод намуд. Мувофиқи ин ривоят, андрогинҳо мавҷудоте мебошанд, ки ҳам хусусиятҳои мардон ва ҳам хусусиятҳои занонро дар худ таҷассум менамуданд. Аммо худои Зевс аз ҷасурӣ ва фармоннорaвоии онҳо ба ғазаб омада, ин мавҷудотро ба зан ва мард ҷудо кард. Муносибати Афлотун ба зан хеле пуртазод аст: аз як тараф манфӣ – ӯ занро маҷудоти паст меҳисобид, аз тарафи дигар мусбӣ – дар давлати идеалие, ки ӯ тасвир намуда буд, зан метавонист баробари мардон дар ҳама гуна фаъолиятҳо иштирок кунад.

Чунин муносибатро дар афкори мутафаккирони минбаъда низ баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Метавон гуфт, ки ин муносибат аз нартсизми мардонагӣ бармеояд ва

онҳо дар ҳаёти воқеӣ ба мардон бартарӣ дода, ҳуқуқу озодиҳои занонро маҳдуд мекунанд, аммо дар асарҳои хаёлии худ (дунёи хаёлӣ) марду занро баробарҳуқуқ меҳисобанд.

Арасту низ дар пайравӣ аз устодаш Афлотун мавқеи паст доштани занонро дар ҷомеа тарафдорӣ намуда, таъкид мекард, ки муносибати байни заню мард бояд чун муносибати ғулому хуҷаин бошад. Андешаҳои Арасту дар бораи моҳияти мард ва зан дар асарҳояш «Сиёсат» ва «Дар бораи пайдоиши ҳайвонот» таҷассум ёфтаанд. Мавқеи Арастуро доир ба баробарҳуқуқии мардону занон метавон бо гуфтаҳои худи ӯ хулоса намуд: «Мард ва зан мавҷудоти баробар нестанд. Зан ба кӯдак ҷисм медиҳад, мард бошад рӯҳ, рӯҳ беҳтар ва ҷисми илоҳӣ аст. Мард меъёр аст, зан дуршавӣ аз он. Мард олӣ аст, зан аз рӯйи табиати худ хеле поён. Мард ҳукмфармоӣ мекунаду зан итоат» [2,с.13].

Аз мутафаккирони давраи Эҳё корҳои ҷолиби диққат дар масъалаи озодӣ ва баробарҳуқуқии занон ба Томас Мор таaллуқ доранд. Ӯ дар «Китоби тиллоӣ»-и худ давлатеро тасвир намуда буд, ки дар он занҳо баробари мардон дар ҳама соҳаҳо – илм, санъат, фаъолияти иҷтимоӣ, дин, хизмат дар артиш (якҷоя бо шавҳарони худ) фаъолият менамуданд. Баъдтар Томаззо Компонелло дар китоби «Шаҳри офтобӣ» андешаҳои Т. Морро тақвият дода, андешаро доир ба баробарии қобилиятҳои мардону занон пешниҳод намуд. Дар афкори мутафаккирони баъдина низ, аз қабили Жан Жак Руссо, Иммануил Кант ва дигар мутафаккирони он давра мавқеи паст ва ҳуқуқҳои хеле маҳдуд доштану тобеи ҳукми мардон будани занҳо таъкид гардидааст. Ҳамин тариқ, аз давраи атиқа то асри XIX масъалаи моҳияти марду зан, озодӣ ва баробарҳуқуқии заню мард мавриди таҳлили ҷиддии фалсафӣ қарор дода нашуда, баррасии ин масъала асосан дар доираи утопия (хаёлпарастӣ) маҳдуд мондааст.

Марҳилаи нави баррасии баробарҳуқуқии заню мард ба давраи пайдошавии назарияи феминистӣ (зангароӣ) рост меояд, яъне охири асри XVIII. Дар ин давра дар Фаронса Олимпия де Гуж «Декларатсияи ҳуқуқи занон»-ро пешниҳод намуд, ки як навъ эътироз ба қонунгузории он давра буд. Тибқи ин декларатсия ба занон додани ҳуқуқи иштирок дар интихобот, чорабониҳои ҷамъиятӣ ва ишғол кардани вазифаҳои гуногун пешбинӣ шуда буд. Миёнаҳои асри XIX бошад, дар Англия ҳаракати суфражистҳо рӯйи кор омад, ки барои гирифтани иҷозати иштирок дар интихобот аз тарафи занон комёб гардиданд ва дар ин замина якумин ҷамъияти байналмилалии занон таъсис дода шуд. Ҳамин тариқ, ҳаракати озодихоҳии занон хусусияти байналмилалӣ пайдо кард.

Аз таҳлили таърихи пайдоиш ва фаъолияти ҳарактҳои озодихоҳӣ ва баробарҳуқуқии занон бармеояд, ки онро ба ду давра ҷудо кардан мумкин аст:

1. Давраи тоилмӣ – аз замони қадим то асри XIX, яъне коркарди назарияҳои мувофиқ дар доираи фалсафа. Дар ин давра доир ба масъалаи мазкур ягон консепсия ё назарияи мушаххаси илмӣ ба вуҷуд наомада, баррасии он дар доираи андешаи мутафаккирони алоҳида маҳдуд гардидааст, ки асосан ифодакунандаи мавқеи паст доштани занон дар ҷомеа, маҳдуд будани ҳуқуқҳои онҳо ва тобеияти бечунучарои зан ба мард мебошад. Барбарҳуқуқии заню мард ва боло будани мавқеи иҷтимоии занон дар таълимоти ин давра хусусияти сирф назаривӣ дошта, бештар дар асарҳо ва андешаҳои утопистии мутафаккирони замон мушоҳида мешавад («Давлати идеалӣ»-и Афлотун, «Китоби тиллоӣ»-и Т. Мор, «Шаҳри офтобӣ»-и Т. Компонелло ва ғ).

2. Давраи илмӣ – аз нимаи дуюми асри XIX то замони муосир – давраи авҷ гирифтани ҳаракати феминизм ва рӯйи кор омадани истилоҳи «гендер». Маҳз дар ин давра доир ба масъалаи озодии занон ва баробарҳуқуқии онҳо як қатор консепсия ва назарияҳои илмӣ пайдо шуда, тадқиқи он хусусияти байнифанниро пайдо кард. Вобаста ба самти омӯзиши тавсифдиҳандаҳои гендерии шахсият ва баробарҳуқуқии заню мард ин назарияҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: назарияҳои тафовути гендерӣ, назарияҳои иҷтимоишавии гендерӣ, психологияи зан, психологияи мард, назарияҳои муносибатҳои гендерӣ, назарияҳои гендерии сарварӣ.

Албатта, ин ё он назарияро танҳо ба як қисми баробарии гендерӣ мансуб донистан хеле душвор аст, зеро бархе аз назарияҳо дар сарҳадди якчанд қисм метавонанд омезиш дошта бошанд. Илова бар ин, чунин консепсияҳое вуҷуд доранд, ки далелҳои таҷрибавиро дар доираи маҳдуд меомӯзанд. Аз ин ҷиҳат, онҳо дар доираи омӯзиши қисмҳои гуногун истифода мешаванд. Мавриди қайд аст, ки аксари назария ва консепсияҳо ба омӯзиши тафриқаи ҷинсӣ мутамарказ шудаанд ва бо ҳамин сабаб ин қисм нисбатан рушдкарда аст.

Ҳоло мазмун ва моҳияти асосии назарияҳоро доир ба тавсифдиҳандаҳои гендерии шахсият бо назардошти ҳар як қисми он пешниҳод менамоем.

Ҳамаи консепсияҳои шарҳдиҳандандаи тафовути ҷинсиро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: биологӣ ва иҷтимоӣ. Раҳёфти биологӣ онро ба асос мегирад, ки фарқияти байни мардҳоон ва занон аз омилҳои генетикӣ ва ҳормонӣ, сохти майнаи сар, хусусиятҳои модарзодии бадан, мизоҷ ва ғайра сарчашма мегирад. Ба ин раҳёфт консепсияи эволютсионии тафриқаи ҷинсҳоро дохил намудан мумкин аст, ки аз тарафи В.А. Геодакян

пешниҳод гардидааст. Ба ақидаи ӯ, ҷинси мард дар тағйирёбандагӣ ва ҷинси зан дар нигоҳдории популятсия нақши асосиро мебозанд [6,с.60-69].

Раҳёфти иҷтимоӣ-фарҳангӣ пешниҳод менамояд, ки фарқияти байни ҷинсҳо зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Яке аз консепсияҳои маъруфи ин раҳёфт назарияи нақшҳои иҷтимоии пешниҳоднамудаи Элис Игл мебошад. Ба ақидаи ӯ, барои он ки мардон ва занон аз тарафи ҷамъият қабул шаванд, онҳо бояд мувофиқ ба нақшҳои гендерии худ рафтор намоянд. Баъзе аз сифатҳои шахсият ва хусусиятҳои рафтор ҳам ба мардон ва ҳам ба занон мувофиқанд [3, с.52].

Консепсияи токенизм (аз тарафи Розабет Кентер коркард шудааст) пешниҳод менамояд, ки ба динамикаи гурӯҳӣ таносуби намояндагони фарҳанги гуногун дар ин гурӯҳ таъсир мерасонад (аз ҷумла мансубияти гендерӣ ва нажодӣ). Дар гурӯҳҳои номутаносиб он аъзоёнеро, ки аз рӯйи мансубияташон ба ин ё он аломат аксариятро ташкил медиҳанд, ҳукмфармо меноманд, нафаронеро, ки танҳо рамзӣ пешниҳод мегарданд – токенҳо (рамзҳо). Бо сабаби хеле кам буданашон токенҳо чашмрасанд ва нисбатан қолабӣ дарк карда мешаванд, тавсифи онҳо дар муқоиса бо ҳукмфармоён нисбатан муболиғашуда аст. Занон дар доираи кории мардон нақши токенҳоро бозӣ мекунанд. Аз ин лиҳоз, дар корхонаҳо занон ва мардон ҳар хел баҳогузорӣ карда мешаванд.

Розабет Кентер 4 нақши ғайрирасмии занон-токенҳоро ошкор намудааст:

- «модар» - аз ӯ дастгирии эмотсионалиро интизоранд, на фаъолии кориро;
- «мафтункунанда» - дар ин ҷо токен танҳо ба сифати объекти шаҳвонии мардони дар корхона соҳибмавқеъ баромад мекунад, ки ғазаби дигар мардони ҳамкорро меоварад;
- «бозича, тилисм» - зани ҳалим, аммо на корӣ, ки муваффақият меоварад;
- «зани оҳанин» - ба ӯ сангдилии ғайризанона хос аст ва ҳамчун ҷудошудаи гурӯҳ баромад мекунад [2, с.123].

Ҳамаи ин нақшҳо ба занон барои ишғол кардани мавқеи баробар бо ҳукмфармоён халал мерасонанд, ба пешравии касбии онҳо монеа мешаванд ва танҳо зиёд кардани шумораи онҳо дар корхона метавонад вазъиятро тағйир диҳад.

Дар доираи назарияи иҷтимоишавии гендерӣ коркарди пешниҳод оид ба ҳувияти гендерии занон ва нартсиссизм ба З. Фрейд тааллуқ дорад. Ӯ дар китоби худ “Назокати занона” тавсифи психологии шахсияти занро пешниҳод намудааст ва пешниҳод менамояд, ки занҳо бояд нофаъол, мутеъ, итоаткунанда бошанд ва майл ба мазохизм дошта бошанд. Мардҳоро дигар хел тасвир намуда, ба онҳо фаъолӣ, кӯшиш ба ҳокимӣ ва майл ба садизмро хос медонад. Ба ақидаи ӯ, ҳама гуна беруншавӣ аз ин меъёрҳо нишонаи ҳувияти носолими гендерӣ аст [14, с.58-80].

Бархе аз ақидаҳои психоанализ оид ба ҳувияти гендерӣ то ҳол фаъоланд. Масалан, фаҳмиши он, ки ҳувияти гендерӣ дар синни барвақти бачагӣ ҳангоми муошират бо модар, инчунин падар ташаккул меёбад. Инчунин, тартиби таваллудшавии кӯдакон дар оила низ муҳим аст, махсусан барои духтарон.

Умуман, чунин шуморида мешавад, ки ҳувияти солими гендерӣ танҳо зери таъсири мардон ташаккул меёбад: падар - барои ҳарду ҷинс; шавҳар барои зан.

Албатта, таълимоти намояндагони психоанализ низ аз камбудиҳо холӣ нест ва «заифии асосии раҳёфти психаналитикӣ аз мавқеи назарияҳои гендерӣ он аст, ки онҳо сабабияти биологиро дар мадди аввал мегузоштанд» [11, с.6].

Дар ин доираи назарияҳои муносибатҳои гендерӣ консепсияи сегрегатсия-конфергенсияи ҷинсҳо, ки аз тарафи Элнонар Маккоби пешниҳод гардидааст, нисбатан маъруф аст. Ба ақидаи ӯ, писарон ва духтарон дар кӯдакӣ дар шароити сеграгатсияи ҷинсӣ ба воя мерасанд. Духтарон аввалин шуда ҷудошавиро аз писарон сар мекунанд, то аз дағалии онҳо худро дар канор гиранд. Баъдтар гурӯҳи писарон рӯҳияи махсуси мардонагиро ба вуҷуд меоваранд ва дар дохили гурӯҳи худ рафтори писаронро қолабрезӣ менамоянд, ки яке аз принсипҳои он манъи муошират бо духтарон аст. Дар ниҳоят, ду порафарҳанги гендерӣ рӯйи кор меояд: аз писарон алоҳида ва аз духтарон алоҳида.

Муносибати байни намояндагони як ҷинс низ дар давоми ҳаёт вобаста ба хусусиятҳои психологии давраи муайяни синнусолӣ тағйир меёбад.

Волидайн низ нақшҳои гендерии худро дар оила ҳар хел иҷро мекунанд. Модарон одатан бо писарон ва духтарон як хел муносибат мекунанд, аммо падарон бошанд, писаронро ҷиддитар зери назорат мегиранд ва кӯшиш менамоянд, ки рафтори онҳо орӣ аз хусусиятҳои занона бошад.

Назарияи мазкур воқеан ҳам назарияи хеле мувофиқ буда, дар тадқиқотҳои эксперименталӣ тасдиқи худро ёфтааст. Ин назария ҳамаи ҷанбаҳои муносибатҳои гендериро шарҳ медиҳад: дар дохили як ҷинс, байни ҷинсҳо, байни ҳамсолон дар кӯдакӣ ва калонсолӣ, байни зану шавҳар, волидайн ва кӯдакон. Инчунин, ин назария ба иҷтимоишавии гендерӣ рабт дорад. Дар доираи назарияҳои гендерии сарварӣ самти

назарияҳо гуногун аст: як гурӯҳи онҳо ба омӯзиши фарқияти байни сарварони ҷинсҳои гуногун сару кор дораду дигараш ба муносибати байни сарвар ва тобеъ.

Яке аз назарияҳои бештар маъруфи сарварӣ тарҳи динамикии бихевиористии мубодилаи диада (дугона) «сарвар-пайрав» (*«leader-member exchange» — LMX)* мебошад, ки аз тарафи Гранна Г. ва ҳамкоронаш пешниҳод гардидааст. Вақтҳои охир таъсири гендер ба *LMX* мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Назарияи дигари шарҳдиҳандаи гендерии сарварӣ назарияи интихоби сарвар мебошад, ки аз тарафи Ҷ. Боумэн ва С. Саттон коркард шудааст. Ин назария аз он бармеояд, ки одамон ба сарварони ҷинсашон гуногун талаботҳои гуногун пешниҳод менамоянд. Барои ишғол кардани ягон вазифа нисбат ба мардон занон бояд бартарияти бештар нишон диҳанд, то сазовор будани худро ба ин вазифа исбот намоянд.

Ҳамин тариқ, назария ва консепсияҳои асосии қисмҳои дар боло зикршуда чунинанд:

1. Дар иҷтимоишавии гендерӣ – тасаввуроти психоаналитикӣ оид ба ташаккулёбии ҳувияти гендерӣ ва нартсиссизм ва назарияи схемаҳои гендерии М. Бэм.
2. Дар соҳаи муқоисаи мардон ва занон – раҳёфти биологӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ.
3. Дар психологияи зан мавқеи асосиро консепсияи модарии Нэнси Ходоров ва назарияи Кэрол Гиллиган оид ба ин арзишии нақши занона ишғол мекунанд.
4. Дар қисми психологияи мард назарияҳои гуногуни мардонагӣ рӯйи кор омадаанд: биологӣ, психоаналитикӣ, тасаввурот дар бораи нақши гендерии инструменталии мардон (Т. Парсонс ва Р. Бейлза) ва назарияи Э. Маккоби доир ба ташаккулёбии порафарҳанги махсуси мардона дар олами маскулиннокӣ.
5. Дар муносибатҳои гендерӣ консепсияи сегрегатсия-конвергенсияи ҷинсҳо (Э. Маккоби) нисбатан маъмул аст.
6. Дар қисми гендерии сарварӣ: назарияи *LMX-и* Г. Граена, раҳёфти мавқеӣ-вазифавии Р. Хауза, консепсияи сарварии дигаргуншавандаи Б. Басс, консепсияи ҷараёни гендерии Б. Гутек, назарияи интихоби гендерии сарварҳо (Ҷ. Боумен), назарияи мавеқии М. Локхид ва назарияи нақшҳои иҷтимоии Э. Игл.

Дар натиҷаи тадқиқи сарчашмаҳои нобаробарҳуқуқии занону мардон ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ин раванд нақши асосиро фарқияти биологии байни марду зан намебозад. Дар назрияҳои гуногуни илмӣ исбот карда шудааст, ки тафриқаи гендерӣ аз тарафи худи ҷомеа тавассути ниҳодҳои никоҳ ва оила, тақсимоти меҳнат, иҷтимоишавӣ, сиёсат ва ҳуқуқ, инчунин бо ёрии шаклҳои гуногуни идеология, меъёрҳои иҷтимоӣ ва урфу одат, дар замони муосир бошад, бо ёрии васоити ахбори омма тарҳрезӣ карда мешавад. Умуман, системаи гендериро метавон ҳамчун системаи аз тарафи ҷомеа тарҳрезишудаи нобаробарӣ аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ баҳо дод.

Таҳлили назарияҳои фалсафӣ аз замонҳои қадим то асри XX, инчунин назарияҳои сотсиологӣ ва психологии ҷинсият нишон медиҳад: новобаста аз фарқияти фаннӣ дар байни онҳо ин назарияҳо ба андеша оид ба табиати сабабияти фарқиятҳои принсипиалӣ дар байни занону мардон такя мекунанд. Дар дараҷаи онтологӣ ва гнесиологӣ дар фарҳанги Ғарб мардонагиро аз ҷиҳати мусбӣ (бо ақлгароӣ, маънавият, зарфияти эҷодӣ, соҳаи ахлоқӣ) ва занонагиро бошад, аз ҷиҳати манфӣ (пеш аз ҳама мансубияти зан ба дунёи табиат, эмотсияҳо, рағбатҳо, гунаҳкорӣ) тавсиф дода, консепсияҳои фалсафӣ ва сотсиологӣ мухолифати дугонаро дар байни мрдонагӣ ва занонагӣ ба вуҷуд овардаанд. Ин андешаҳо дар дараҷаи иҷтимоӣ барои рӯйи кор омадани нобаробарии гендерӣ мусоидат намуданд.

## АДАБИЁТ


1. Бем С. Линзы гендера: Трансформация взглядов на проблему неравенства полов / С. Бем; пер. с англ. - М.: Российская политическая энциклопедия, 2004 . – 336 с.
2. Бендес Т.В. Гендерная психология / Т.В. Бендес. – СПб., 2006. – 431 с.
3. Берн Ш. Гендерная психология (Секреты психологии) / Ш. Берн. - СПб: прайм-ЕВРОЗНАК, 2001. - 321 с.
4. Вовченко О.М. Гендерное равенство как социально-философская проблема: дис. на соиск. уч. степ. док. филос. наук / О.М. Вовченко. – М., 2000. - 254 с.
5. Воронина О.А. Социально-философский анализ теории, методологии и практики гендерного равенства: дис. на соиск. уч. степ. док. филос. наук / О.А. Воронина. – М., 2004. – 309 с.
6. Геодакян В. А. Эволюционная теория пола / В. А. Геодакян //Природа. 1991. - № 8. – С. 60-69.
7. Гери Ф. Келли. Основы современной сексологии. – СПб., 2000 - 896 с.
8. Гидденс Э. Социология / Э.Гидденс. –М.,2006. – 632 с.
9. Гиллиган К. Иным голосом: психологическая теория и развитие женщин / К. Гиллиган //Этическая мысль /Общ.ред. А.А. Гусейнова. –М., 1992. – С. 352- 371.
10. Гуревич А. Я. Средневековый мир: Культура безмолвствующего большинства / А. Я. Гуревич. - М.: Искусство, 1990. - 396 с.
11. Клецина И.С. Гендерная социализация / И.С. Клецина. – СПб: Издательство РГПУ им. А.И. Герцена, 1998. – 92 с.
12. Лейпхарт А. Конституционные альтернативы для новых демократий / А.Лейпхарт //Политические исследования. − 1995. − № 2 – 136-146 с.
13. МалкинаПых И.Г. Гендерная терапия / И.Г. МалкинаПых. − М.: Эксмо, 2006. – 926 с.

14. Фрейд З. Женственность //Сновидения: Избранные лекции / З.Фрейд. –М.: Водолей, 1991. –С. 27-39.
15.Чилкот Р.Х. Теории сравнительной политологии / Р.Х. Чилкот; пер. с англ. − М., 2001. - 559 с.

## ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФИИ НАЗАРИЯҲОИ ИЛМӢ ДОИР БА ОЗОДӢ ВА БАРОБАРҲУҚУҚИИ ЗАНОН

Дар мақолаи мазкур назарияҳои илмӣ доир ба озодӣ ва баробарҳуқуқии занон мавриди таҳлили фалсафӣ қарор дода шудаанд. Муайян карда шудааст, ки масъалаи омӯзиши озодии занон ва баробарҳуқуқии онҳо дорои таърихи дурударозе буда, пайдоиши аввалин андешаҳо доир ба паҳлуҳои ин масъала ба даврони қадим рост меояд. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ омилҳои гуногун нобаробариро дар сохторҳои гуногуни ҷомеа ба вуҷуд меоваранд, ки яке аз онҳо нобаробарии ҷинсҳо мебошад. Дар асоси таҳлили таърихи пайдоиш ва фаъолияти ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва баробарҳуқуқии занон омӯзиши масъалаи баробарҳуқуқии занон ба ду давра ҷудо карда шудааст: тоилмӣ ва илмӣ. Давраи тоилмӣ – аз замони қадим то асри XIX, коркарди назарияҳои мувофиқро дар доираи фалсафа дар бар мегирад. Дар ин давра доир ба масъалаи мазкур ягон консепсия ё назарияи мушаххаси илмӣ ба вуҷуд наомада, баррасии он дар доираи андешаи мутафаккирони алоҳида маҳдуд гардидааст, ки асосан ифодакунандаи мавқеи паст доштани занон дар ҷомеа, маҳдуд будани ҳуқуқҳои онҳо ва тобеияти бечунучарои зан ба мард мебошад. Давраи илмӣ аз нимаи дуюми асри XIX то замони муосирро дар бар гирифта, такондиҳандаи асосии он давраи авҷ гирифтани ҳаракати феминизм ва рӯйи кор омадани истилоҳи «гендер» мебошад. Маҳз дар ин давра доир ба масъалаи озодии занон ва баробарҳуқуқии онҳо як қатор консепсия ва назарияҳои илмӣ пайдо шуданд.Инчунин, муаллиф назария ва консепсияҳои гуногуни илмиро дар самти иҷтимоишавӣ, дар соҳаи муқоисаи мардон ва занон, доир ба психологияи зан ва мард, дар соҳаи муносибатҳои гендерӣ ва доир ба қисми гендерии сарварӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

**Калидвожаҳо**: занон, баробарҳуқуқӣ, ҷинс, гендер, баробарии гендерӣ, иҷтимоишавӣ, иҷтимоишавии гендерӣ, феминизм, муносибатҳои гендерӣ.

## ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ НАУЧНЫХ ТЕОРИИ О СВОБОДЕ И РАВНОПРАВИИ ЖЕНЩИН

В данной статье подвергались философскому анализу научные теории о свободе и равноправии женщин. Определено, что проблема изучения свободы и равноправия женщин имеет долгую историю и первые идеи о разных аспектах этой проблемы возникли еще в период античности. На разных исторических этапах под влиянием различных факторов проявилось неравенство в разных общественных структурах, одной из которых является неравноправие полов. На основе анализа истории возникновения и функционирования движения за свободу и равноправие женщин, изучение проблемы равноправия женщин разделено на два этапа: донаучное и научное. Донаучный этап – от античных времён до XIX века -охватывает разработку соответствующих теорий в рамках философии. В этот этап по данной проблеме не существовали конкретные научные теории и концепции, и рассмотрение этой проблемы ограничивалось рамками идей отдельных мыслителей, которые в основном отражали низкий статус женщин в обществе, ограничение их прав и беспрекословное подчинение мужчинам. Научный период охватывает со второй половины XIX века до наших дней, и его основным стимулом являются развитие движения феминизма и проявление термина «гендер». Именно в этот период возникли ряд научных теории и концепции, изучающих поблему свободы и равноправия женщин.Также автор анализирует разные теории и концепции в направлении социализации, в сравнении мужчин и женщин, по проблемам психологии мужчин и женщин, гендерных отношений и по проблеме гендер и лидерство.

**Ключевые слова**: женщина, равноправие, пол, гендер, гендерное равенство, социализация, гендерная социализация, феминизм, гендерные отношение.

## PHILOSOPHICAL ANALYSIS SCIENTIFIC THEORIES ABOUT FREEDOM AND EQUALITY OF WOMEN

This article has undergone a philosophical analysis of scientific theoriesabout the freedom and equality of women. It is determined that the problem of studying the freedom and equality of women has a long history, and the first ideas about different aspects of this problem arose even in antiquity. At different historical stages, under the influence of various factors, inequality appeared in different social structures, one of which is gender inequality.Based on the analysis of the history of the emergence and functioning of the movement for the freedom and equality of women, the study of the problem of women's equal rights is divided into two stages: pre-scientific and scientific. The pre-scientific stage - from ancient times to the nineteenth century, covers the development of appropriate theories within the framework of philosophy. At this stage, specific scientific theories and concepts did not exist on this issue, and the consideration of this problem was limited to the ideas of individual thinkers, which mainly reflected the low status of women in society, the restriction of their rights and unquestioning obedience to men. The scientific period spans from the second half of the nineteenth century to the present day, and its main incentive is the prosperity of the feminism movement and the manifestation of the term “gender”. It was during this period that a number of scientific theories and concepts arose that studied the problem of women's freedom and equality. The author also analyzes different theories and concepts in the direction of socialization, in the field of comparison of men and women, on the psychology of man and woman, in the field of gender relations and on the problem of gender and leadership.

**Key words**: woman, equality, gender, gender, gender equality, socialization, gender socialization, feminism, gender relations.

**Сведения об авторе:** ***Сафарова Бону Курбоновна*** - Таджикский национальный университеть, соискатель кафедры истории философии и социальной философии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Маяковского 70/2, E-mail: **SafarovaBQ@mail.ru** Телефон: **918-75-09-91**

**Information about the author:** ***Safarova Bonu Kurbonovna*** - Tajik National University, applicant for the Department of the History of Philosophy and Social Philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Mayakovsky 70/2, E-mail: **SafarovaBQ@mail.ru** Phone: **918-75-09-91**

УДК:1/14:17

# ИДЕЙНЫЕ ИСТОКИ В ФОРМИРОВАНИИ МИРОВОЗЗРЕНИЯ АР-РАЗИ

*Джураева Н.Н.*
**Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова**

Ар-Рази жил и творил в так называемый «золотой век» исламской мысли. Именно в эпоху ар-Рази начался расцвет арабо-мусульманской в целом, и персидско-таджикской философии в частности. В исламской и персидско-таджикской философии с самого их зарождения возник целый спектр течений и направлений. Богатство и многоцветность этого спектра усиливала мощная струя философских поисков за пределами религиозности – от надисламских исканий общественного и общечеловеческого идеала до открытого обоснования атеистических взглядов.

Многие историки связывают «золотой век» исламской мысли и пика развития халифата с именем «крупнейшего в мировой истории мецената философов», или, как мы сказали бы сейчас, спонсора аль-Мамуна – основателя «Дома мудрости» в Багдаде.

В его «Доме мудрости» работал огромный штат переписчиков и переводчиков, систематизировавших поступающие манускрипты с античными и раннехристианскими текстами и переводивших их на арабский язык. Таким образом перед интеллектуалами мусульманского мира открывались бескрайние горизонты философской мысли. Кстати, еще в 529 г. византийский император Юстиниан, объявивший войну еретикам, запретил преподавание философии и разогнал философскую школу в Афинах. Спасаясь от преследований, многие вольнодумцы-философы расселились в различных областях «христианского Востока» - Ливане, Сирии, Палестине, Египте, которые позже вошли в состав Арабского халифата. Их ученики и потомки как раз и составили в Багдаде первый корпус переводчиков. Больше того «Дом мудрости» возглавил христианин – Абу Закария Юханна ибн Мискавейх [1].

Заметим, что поскольку арабо-мусульманская философия не имела собственных глубоких историко-теоретических корней, то она очень внимательно относилась к интеллектуальному наследию завоеванных народов, в том числе Ирана и Центральной Азии, стоявших зачастую на значительно более высокой ступени теоретико-культурного развития. Эту установку толерантности по отношению к иным культурам наглядно иллюстрируют слова аль-Кинди: «Нужно, чтобы мы не стыдились принимать истину, откуда бы она ни пришла – пусть даже от удаленных и непохожих на нас племен» [2].

На наш взгляд, наряду с этим в эпоху ар-Рази немаловажную роль в относительно свободном развитии философской мысли в мусульманском мире сыграл и тот факт, что религия ислама в первые века своего развития формировалась скорее как нравственно-политическое и правовое учение, мало затрагивавшее серьезные теоретико-мировоззренческие проблемы. Более сложные философские вопросы: происхождения мира, соотношения сущности и существования, причинности, познаваемости и различия видов знания, сущности человека и т.п. -оказались в компетенции представителей нарождающейся философии. Более того, достижения философов эпохи ар-Рази связаны с интенсивным развитием науки, проходившим при их непосредственном участии. В таких сферах знания, как математика, оптика, психология, астрономия (астрология), химия (алхимия), география, биология, медицина, философы-энциклопедисты этой эпохи значительно опережали своих немногочисленных коллег-современников. Таким образом, на основе развития экономики, ремесел, торговли, мореплавания, земледелия, техники и науки процветала мощная и своеобразная арабско-мусульманская культура «золотой век». Объявив себя преемницей высших достижений эллинистического мира, она сумела создать благоприятный климат для прогресса в самых разнообразных сферах духовности, в том числе и философии [3].

Мировоззрение ар-Рази как отражение плюралистической культуры «золотого века» формировалось и развивалось в рамках этой же культуры. Судя по научным трактатам мыслителя по медицине, астрономии, химии, физике, философии и логике на формирование его идеи и взглядов большое влияние оказали: манихейство, пифагоризм, гностицизм, холдейские мудрецы, плотанизм, несторианство, а также идеи и труды Джабира, Абу Машар аль-Балхи, Абу-л Аббас Ираншахри и многие другие.

Если дать философскую оценку учению ар-Рази, то оно, на наш взгляд, органично сочетало религию и науку. Оно было «религиозным» до того как стало «научным». Когда мы говорим о религии, здесь не имеется в виду религия ислам, потому что, судя по его взглядам, исламское мировосприятие для ар-Рази было чуждо, и то, что необоснованно пишут иранские исследователи о мыслителе как о последователи шиизма, тоже неправильно. Он не был ни сторонником шиизма, ни суннизма, и даже исмаилизма, его религией было манихейство – как схема развития человека в сверхчеловека. Но и после этого он продолжал сохранять религиозный интерес к результатам, полученным с помощью науки. В этой практике ар-Рази

следовал за вавилонянами и пифагорейцами, космология и математика которых были глубоко укоренены в их религию и практиковались предназначенными для этого священнослужителями.

Говоря о манихействе, невозможно не помянуть общую дуалистическую концепцию – а именно борьбу противоположностей. Так или иначе, а ей придерживается большая часть мировых современных религий – естественно Мани, который родился в регионе, где даже языческие культы, как правило, строились на элементах двоебожия, за основу своего учения принял этот принцип. Кстати, основная масса религий отталкиваются от персоналий, наделяя их светлыми и темными свойствами – Мани же идет дальше, он отказывается от персоналий, и воплощает краеугольным объектом бытия две стихии, две силы. Тьма и свет – одним этим он собственно достигает удивительной понятности практически любому человеку.

Другими словами, Мани настойчиво проводит свою основную идею – о смешении света и тьмы, добра и зла как принципе устройства бытия. Он считает, что изначально во Вселенной были две равные силы – свет и тьма, которые располагались, не соприкасаясь, вертикально друг к другу: свет – в высоте, а тьма – в бездне. Творения света были духовны и нематериальны. К ним относились миры богов и ангелов. Основой же тьмы была материя. Все творения ее были агрессивны, безобразны и смертны. Потом непреодолимая граница между светом и тьмой была нарушена вследствие того, что тьма «позавидовала» свету и решила его захватить: «Мрак повел борьбу со светом, желая царствовать над сущностью, которая ему не принадлежала; он разделил свет. По такой великой необходимости от «Отца Величия» вышла сила, т.е. первочеловек, он облекся во всеоружие света, смирил всего неприятеля и распял его в пяти стихиях светлых, они же – всеоружие света остались в бездне, смешавшись с пятью стихиями мрака» [3, с.55-56].

В основе философской концепции ар-Рази также лежит учение о пяти вечных началах: «творце», «душе», «материи», «времени», «пространстве». Посланный творцом разум внушает душе, плененной материей, стремление к освобождению. Путь к этому – изучение философии [4].

Душу Мани соотносит со светом, а тело – с мраком, т.е. тело, якобы, захватило душу и влечет ее «к злым делам, ко всем грехам страсти, к идолослужению, к лжеучениям, заблуждению, к унижению рабства, и она постоянно служит вещам преходящим, служит зверям, нечистым и грязным, которые уродливы видом и обличьем. Она облачилась в заблуждение и забвение, забыла свою сущность, род и корень, не ведя молитвы и призывов к нему, стала враждебна отцу своему небесному, презрела и отвратилась сама от себя, она зла, возлюбила мрак и не желает обратиться к собственному свету» [4, с.131-132]. Таким образом, душа у Мани осквернена и полностью подчинена телу, греху.

Более того, во главе материального мира Мани ставит «пятиликого», образ которого он описывает так: «Пять подобий есть в его теле… голова облика львиного, что возникла из мира огня. Его крылья и плечи – облика орлиного, по подобию сынов ветра; его руки и плечи – демонические, по подобию сынов мира дыма; его туловище – образа драконья, по подобию мира мрака. Его хвост – образа рыбьего, принадлежащего к миру сынов воды… Он понимает язык своих сил, хотя его сердце скрыто от них… Он владеет заклинаньями и знаками своей волшбы; его тело так крепко, что никакие рога, зубы и когти его сил не могут проткнуть его, никакое тело железное или медное не может ничего сделать с ним, и невозможно его разрушить, ибо он сделан и сотворен из жестокосердного суждения материи, материи демонов и дьяволов» [4, с.117].

Итак, цифра «пять» как для Мани, так же и для ар-Рази была, прежде всего, не знаком. Скорее, вместо того чтобы быть средством расчета отношений между вещами и реальностями, она сама есть реальность. Не исключено, что числа для Мани и ар-Рази были формой тайных божественных первоначал, из которых была сделана реальность и которые ее внешние, чувственно воспринимаемые формы только отражали. Другими словами, числа были бытием.

Манихейский дух числа как порождение божественного ума почти везде сопровождает идеи ар-Рази. Мыслитель, используя их, попытается преодолеть дуализм единого и бесконечного, добра и зла, унаследованного от того манихейского мышления для создания видимости поддержки ислама, не секрет, что система аксиом используется в математике (продукте человеческого рассудка) для запрета совмещать любые противоречия. Ведь рассудочный уровень бытия руководствуется принципом определенности, а высшая (божественная) реальность другая: единое в тождестве с бесконечным как совпадение противоположностей.

У Мани и ар-Рази силам света принадлежит только мир идей, а всем материальным миром владеет тьма, т.е. добро и зло противопоставлены. Даже тело человека служит дьяволу. Иначе говоря, в каждом умозаключении Мани понятия света и тьмы смешаны. Свет почти всегда осквернен тьмой или находится в ее власти, а светлая душа находится во власти «темного» тела.

Еще одна деталь: и Мани, и ар-Рази были выдающимися астрологами – в их учении очень

много места отдано астрологическим подсчетам. Мани поведал своим ученикам, что двенадцать знаков зодиака, слуг материи, и пять звезд – «враги и противники друг другу, они грабят и убивают друг друга действием Великого Мастера, создавшего все миры… Они произошли из пяти миров мрака, связаны в сфере»… Они – «зло не в сфере, но сами по себе, ибо творят всякое зло и злодейство в мире, как в древе, так и в плоти» [4,с.189-191].

Согласно манихейства многочисленные эманации «Великого мастера» приводят к созданию космического черпального механизма. Частицы света в любом живом элементе мира – будь то животные или растения. Собственно этот самый факт наделяет все живое и растущее подобием души (тем же самым, что содержится в самом человеке, т.е. устанавливается тождественность – люди вовсе не любимые творения верховного божества, как в других религиях – нет, это лишь создания, которые уместили в себе большее количество света, и лишь в этом их отличие).

В каждой религии, в том числе и в манихействе, существует понятие «этический комплекс» - некий свод правил, которые должен соблюдать адепт того или иного культа. При сопоставлении этической концепции ар-Рази с «этическим комплексом» манихейства становится ясным, что ар-Рази очень много своих идей позаимствовал у Мани. При анализе «Духовной медицины» ар-Рази красной нитью проходит идея о греховности материального преуспевания. Мыслитель под влиянием идей Мани заявляет, что основной рычаг развития и процветания материального мира – это зависть. Именно она движет людьми, толкает их на неблаговидные поступки, тормозит уход из этого мира. Фактически, манихейская зависть подменяет собой творческую силу создателя.

Стоит обратить внимание и на человека в представлении манихеев – он наделен светлой душой, но отягощен плотью, материей. Изначально это создание тьмы – демон, но частицы света внутри не дают ему окончательно обратиться ко злу. Это тоже очень распространенный мотив – борьба с собой, борьба против себя же [5]. Кстати в «Духовной медицине» человеческая природа изначальна зла, но имеет возможность гуманизации. Опять же мотив воли, мотив преодоления препятствий – воля упоминается как нечто огненное, некая движущая сила – разве не это те огненные частицы света, что заронила в души людей вселенская катастрофа? Наконец, эта метаморфоза – победа Нового Человека над Ветхим – это ли не истоки мифа о сверхчеловеке – что усилием воли и разума освобождается от животно-материальных пережитков и становится некой наличностью, по возможностям равной богом. И здесь же можно вновь провести параллель с ар-Рази – путем постижения себя и обращением в итоге в то же самое «супер эго». Гуманизация и упорядоченность во всем – вот один из постулатов манихейства: знания и постижений знаний рассматривались в этой религии как элемент движения к свету – важно то, что не только дух, душа отличала человека, но и его знания, его разум. Манихейство было религией просвещения – а значит, вполне современной своему периоду – и конкурентоспособной и с логической точки зрения. Несмотря на видимый дуализм – видимое противопоставление добра и зла, в манихействе имеется и некий второй смысловой пласт. Если внимательно приглядеться к каноническим постулатам, то можно заметить, что не все так уж жестко определено – демоны, безусловно, видимое олицетворение зла, однако они тянутся к свету – и вожделеют его, и после катастрофы смешения получается так, что многие частицы божественного света оказываются поглощены в демонических телах. Даже человек по сути сделан из тьмы – и благость его определяется лишь количеством световых частиц, что он накопил. Может и он считаться абсолютно хорошим и абсолютном плохим. При четкой расстановке сил и понятий манихейство оказывается на удивление гибкой религией – в ней нет понятия абсолютного зла – есть лишь недостаток добра [6].

Учитывая тот факт, что религиозно-философские взгляды ар-Рази находятся под влиянием платонизма и гностицизма, с одной стороны, и манихейства – с другой, они подвергались суровой критике таких мыслителей, как ал-Фараби и позднее ал-Беруни. Более того, исмаилит Мухаммад Сурх из Нишапура по этому поводу пишет, что «можно доверять ар-Рази как врачу, но нельзя следовать ему как философу».

Наравне с манихейством в мировоззрении ар-Рази ярко прослеживается и идеи пифагореизма. Как мы уже отмечали выше, учения ар-Рази органично сочетает религию и науку. Он, продолжая сохранять интерес к результатам, полученным с помощью науки, укрепил базу своей религии – манихейства. Для решения этой проблемы ар-Рази через труды Пифагора вышел на систему науки, распространенной в Вавилоне.

Не исключено, что ар-Рази знал всю биографию Пифагора, в первую очередь о влиянии древнего Ирана на Грецию, бесконечных войн между этими двумя государствами, период прибывания в плену царя Кабиза Пифагора, учение Пифагора у персидских магов в Вавилоне и приобщение его к восточной астрологии и мистике, обучение Пифагора у халдейских мудрецов, которые были в основном персами, астрономии, астрологии, медицине, арифметике и т.д. в Вавилоне, освобождения Пифагора из 20-летнего плена со стороны иранского царя Дария

Гистаспа и т.д. Фигура самого Пифагора для ар-Рази олицетворяла идеал совершенного человека, в которому стремился ар-Рази и не без основания.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Степанянц М.Т. Восточная философия: Вводный курс: избранные тексты / М.Т. Степанянц. – М., 1999.
2. Игнатенко А.А. В поисках счастья / А.А. Игнатенко. – М., 1989. – С.243.
3. Сагадеев А.В. Ибн Сина (Авиценна) / А.В. Сагадеев. – М., 1985.
4. Мухаккик М. Файласуфи Рей. Мухаммад Ибни Закариёи Рози. – Тегеран, 1349 г.х.
5. Виденгрен Гео. Мани и манихейство / Гео. Виденгрен. – М.: Евразия, 2001.
6. Ньюман А. Краткое описание манихейской ереси / А. Ньюман. – М., 2002.
7. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. – Душанбе: Адиб, 1989.
8. Абу Бакр Ар-Рази. Духовная медицина. – Душанбе: Ирфон, 1990.
9. Абу Бакр ар Розий. Касалликлар тарихи; перевод с арабского языка Х.Хикматуллаев и У.Каримов. – Тошкент, 1994.
10. А.Қодиров. Абубакири Розий / А.Қодиров, У Соипов. – Тошкент, 1963.


## САРЧАШМАҲОИ ҒОЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНБИНИИ АР-РОЗӢ


Дар мақола сарчашмаҳои ғоявии ташаккулёбии ҷаҳонбинии Ар-Розӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Маҳз дар даврони ар-Розӣ гулгулшукуфоии фалсафаи арабӣ – мусулмонӣ ва аз ҷумла форсӣ – тоҷикӣ оғоз ёфт. Дар фалсафаи исломӣ ва форсӣ – тоҷикӣ аз оғози эҳёи онҳо як қатор ҷараёнҳо ва равияҳо ба миён омад. Аз рӯи ақидаи муаллиф дар баробари ин дар даврони зиндагии ар – Розӣ нақши муҳимро дар рушди нисбатан озоди ақоиди фалсафӣ дар ҷаҳони ислом он амри воқеӣ бозид, ки дини ислом дар асрҳои ибтидоии рушди худ асосан ҳамчун таълимоти маънавӣ – сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст, ки ба масоилҳои мураккаби назариявӣ – ҷаҳонбинӣ кам дахолат менамуд. Дар мақола қайд гардидааст, ки ар-Розӣ тарафдори на равияи шиа, суннӣ ва исмоилия буд, дини ӯ - монигарӣ ҳамчун схемаи рушди инсон ва фавқинсон буд. Лекин баъд аз ин ӯ шавқи диниашро нисбати натиҷаҳое, ки бо ёрии илм ба даст омадаанд, нигоҳ медошт. Дар ин таҷриба ар-Розӣ аз бобулиён ва пифагориҳо пайравӣ мекард, ки космология ва математикаи онҳо решаҳои амиқӣ динӣ доштанд ва аз ҷониби хидматгорони барои ин таъингардидаи динӣ ба кор бурда мешуданд. Инчунин дар баробари монигарӣ дар ҷаҳонбинии ар-Розӣ ғояҳои пифагориён хеле возеҳу равшан ба назар мерасад.



**Калидвожаҳо:** ҷаҳони ислом, фалсафа, дин, монигарӣ, дуализм, рӯҳ, ҷисм.


## ИДЕЙНЫЕ ИСТОКИ В ФОРМИРОВАНИИ МИРОВОЗЗРЕНИЯ АР-РАЗИ


В статье рассматриваются идейные истоки в формировании мировоззрения Ар-Рази. Именно в эпоху ар-Рази начался расцвет арабо-мусульманской в целом, и персидско-таджикской философии в частности. В исламской и персидско-таджикской философии, с самого их зарождения возник целый спектр течений и направлений. По мнению автора, наряду с этим в эпоху ар-Рази немаловажную роль в относительно свободном развитии философской мысли в мусульманском мире сыграл и тот факт, что религия ислама в первые века своего развития формировалась, скорее, как нравственно-политическое и правовое учение, мало затрагивавшее серьезные теоретико-мировоззренческие проблемы. В статье говорится, что Ар-Рази не был ни сторонником шиизма, ни суннизма, и даже исмаилизма, его религией было манихейство – как схема развития человека в сверхчеловека. Но и после этого он продолжал сохранять религиозный интерес к результатам, полученным с помощью науки. В этой практике ар-Рази следовал за вавилонянами и пифагорейцами, космология и математика которых были глубоко укоренены в их религию и практиковались предназначенными для этого священнослужителями. Ещё наравне с манихейством в мировоззрении ар-Рази ярко прослеживается и идеи пифагореизма.



**Ключевые слова:** мусульманский мир, философия, религия, манихейство, дуализм, душа, тело.


## IDEAS IN THE FORMATION OF WORLDWIDE AR-RAZI


The article discusses the ideological sources in the formation of the worldview of Ar-Razi. It was in the era of ar-Razi that the flourishing of Arab-Muslim in general, and Persian-Tajik philosophy in particular, began. In Islamic and Persian-Tajik philosophy, from their very inception a whole range of currents and trends arose. According to the author, along with this, in the era of ar-Razi, an important role in the relatively free development of philosophical thought in the Muslim world was played by the fact that the religion of Islam in the first centuries of its development was formed rather as a moral-political and legal doctrine, which did not affect much serious theoretical and philosophical problems. The article says that Ar-Razi was neither a supporter of Shiism, nor Sunni, and even Ismailism, his religion was Manichaeism - as a scheme for the development of man in the superman. But even after that, he continued to maintain a religious interest in the results obtained with the help of science. In this practice, ar-Razi followed the Babylonians and the Pythagoreans, whose cosmology and mathematics were deeply rooted in their religion and practiced by the clergy intended for this. Even along with the Manichaeism in the worldview of ar-Razi, the ideas of Pythagoreanism can be clearly traced.



**Keywords:** Muslim world, philosophy, religion, Manichaeism, dualism, soul, body.



**Сведения об авторе:** ***Джураева Нигора Ниязбабаевна*** - Худжандский государственный университет имени Б.Г.Гафурова, преподаватель кафедры политологии и культурологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1 E-mail: **nigora-270870@mail.ru**

**Information about the author:** ***Djuraeva Nigora Niezbabaevna,*** Teacher at Policy studies and Philosophy of Culture department, Khujand State University after B.G.Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Drive, 1 E-mail: **nigora-270870@mail.ru**

УДК: 1

# НАҚШИ МУТАФАККИРОНИ МУСАЛМОН ДАР ТАШАККУЛИ УЛУМИ АҚЛИЮ НАҚЛӢ

*Акрамов Н.Б.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Улуми ақлӣ ба мисли дигар илмҳо дар асрҳои аввали ислом дар Мовароуннаҳр он қадар пешрафт накарда буданд. Аммо дар асрҳои III-IV ва V ҳ.қ бо пайдоиши донишмандони бузург, ба мисли ал-Киндӣ (800-897м), Абунасри Форобӣ (870-950м), Абӯлайси Самарқандӣ (ваф 373қ-983м), Абулҳасан Омири Нишобурӣ (ваф 381 ҳ.қ.), Абулвафо Бӯзҷонӣ (ваф 387 ҳ.қ.), Абуали Сино (980/1037м), Ибни Рушд (1126-1198м), Абӯнасри Ироқ (ваф. 427қ.), Абӯрайҳон Берунӣ (973-1048м) ва дигарон аввалин мутафаккироне буданд, ки баъди зуҳури дини ислом дар Хуросон ва Мовароуннаҳр боиси ташаккули афкори мантиқӣ ва фалсафӣ гардиданд [12, с. 125-138].

Агарчанде ватани баъзе аз мутафаккирон дар Мовароуннаҳр бошад ҳам, вале муҳити мазҳабию фарҳангӣ афкори фалсафии онҳоро таҳаммул надошт. Аз ин ҷиҳат, ду мутафаккири бузурги пайрави ҷараёни машшоияи исломӣ аз зодгоҳи худ ба самти Хуросон, Эрон, Ироқ ва Шом ҳиҷрат менамоянд.

Ал-Киндӣ* исми пуррааш Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ ибни Сабоҳ ибни Имрон ибни Исмоил ибни Ашъас ибни Қайс ал-Киндӣ буда, ба таври тахминӣ таваллуд ва вафоти ӯ (185ҳ/801м-252ҳ/866м) зикр шудааст [16, с.373], аммо донишманди муосири тоҷик, муаллифи китоби “Муқаддимаи фалсафа” замони фаъолияти ӯро дар солҳои 800-897м [1, с. 230] баён намудааст. Ӯ дар шаҳри Кӯфа, замони ҳукмронии хилофати Аббосиён зиндагӣ намудааст. Бояд тазаккур дод, ки шаҳрҳои Кӯфа ва Басра дар асрҳои (II-IIIҳ, VIII-IXм) ду сарзамини фарҳанги исломӣ буда, бо ҳам рақобат мекарданд. Хусусан Кӯфа маркази баҳсҳои фалсафию каломӣ буда, даврони кӯдакии ал-Киндӣ дар ин муҳити фалсафӣ сипарӣ шудааст.

Ӯ дар марҳилаи аввал ба омӯзиши улуми динӣ, ба мисли Қуръон, сарф, наҳв, фиқҳ ва калом пардохтааст. Аз сабаби он ки таваҷҷуҳи ӯ бештар ба улуми ақлӣ (фалсафӣ) буд, баъди сафар ба Бағдод боқии умри худро бо омӯзиши фалсафа гузаронидааст. ал-Киндӣ ба забонҳои юнонӣ ва суронӣ маҳорати зиёд дошта, пеш аз Форобӣ ба тарҷумаи осори донишмандони Юнон пардохтааст.

Зуҳури ал-Киндӣ боис гардид, ки фалсафа ҷузъе аз фарҳанги ислом шинохта шавад, ба ҳамин далел муаррихони араб ӯро нахустин “файласуфи араб” медонанд. Сарчашмаи таълимоти фалсафии ӯ аз навафлотуниён ва арастугароӣ об мехӯрад. Бо оштӣ додани фарҳанги Юнон ва ислом фалсафаи наверо поягузорӣ намуд, ки онро машшоия мехонанд ва сипас ин таълимотро Форобӣ, Ибни Сино ва Ибни Рушд идома додаанд [17, с. 2]. Ин нуктаро низ бояд ёдовар шуд, ки дар фалсафаи Юнон асосгузори фалсафи машшоия Арасту ба шумор меравад.

Шумораи осори Киндиро зиёда аз 260 асар нисбат додаанд, ки ҳудуди бештар аз 40 рисола аз ӯ боқӣ мондааст. Аз ҷумла рисолаҳои «Фӣ фалсафатул-увло» (Дар бораи фалсафаи аввал) ва «Фӣ камиятул кутуб Аристотолис» (Дар миқдори китобҳои АрИститолис) ва «Фӣ ал-ақл» (Дар бораи ақл) аҳаммияти хосе доранд [1, с. 230].

Дар таълимоти ӯ тафовуте миёни фалсафа ва дин ба назар мерасад ва дини исломро бо фалсафаи Арасту мавриди қиёс қарор додааст. Ба таври мисол метавон гуфт: Ӯ илми илоҳиро аз фалсафа ҷудо намуда, онро илҳом бар Паёмбар (с) медонад, ки дар Қуръон сабт шудааст. Аз ин ҷиҳат бар хилофи назарияи куллӣ ӯ илоҳиётро ҷузъе аз фалсафа медонад. Қиёси ӯ ин аст:

А) илоҳиёт мақоми болотар аз фалсафа дорад;

* Канда номи яке аз қабилаи бузурги араб пеш аз Ислом буд.

Б) дин илми илоҳӣ аст ва фалсафа илми башарӣ;

В) роҳи дин имон аст ва роҳи фалсафа бурҳон;

Г) илми Паёмбар (с) бевосита аст, ки аз роҳи илҳом ба даст меояд, илми файласуф аз тариқи мантиқ ва бурҳон ҳосил мешавад.

Албатта, дар ин чанд саҳифа ғайриимкон аст, ки тамоми афкори фалсафии эшонро баён кунем, бинобар ин ба таври фишурда ва хулосавӣ аз таълимоти ӯ метавон гуфт, ки:

- Ҳар ҷисме аз ҳаюло ва сурат таркиб шудааст.
- Иллатҳо (сабаб) 4 навъ мешаванд: моддӣ, суварӣ, фоилӣ ва ғоӣ.
- Ҳар мавҷуде ё билфеъл аст ё билқувва. Ҳеҷ мавҷуде аз қувва ба феълият намерасад, магар он ки зери таъсири ашёи дигаре, ки феълият дорад, воқеъ шавад. Essentially Ончи доимо билфеъл аст, қадимтарин мавҷуд аст.
- Ҳеҷ чизе иллати зоти хеш нест, пас ҳар ҳодисаеро иллате аст ва иллати мутаҳаррик худ мутаҳаррик нест.
- Маҳол аст ашёе билфеъл номутаноҳии замон ё ҷисме бошад, аммо мумкин аст, қувва чунин бошад.
- Худо иллати ҷаҳон ва мудаббири он буда, Ӯ азалӣ, басит ва том аст.
- Ҷисмҳои моддӣ аз унсурҳои чоргона пайдо шуда, ҷаҳони ҳастӣ аз афлоке, ки баъзе дар дохили баъзеи дигаранд, падид омадааст. Ҷаҳон ҳодис аст, ҷирмҳои осмонӣ интиҳоёбандаанд, ки ин ҳамаро Худованд на аз тариқи халқ, балки аз тариқи файз ибдоъ* фармудааст.
- Нафс басит аст ва фано дар он роҳ надорад ва саодати он дар илм таҳаққуқ меёбад...
- Усули фазилатҳо чаҳор аст. Фазилат, ҳадду васат миёни ифрот ва тафрит аст.

Хулоса, ал-Киндӣ аввалин мутафаккири олами ислом буд, ки муҳимтарин назарияҳои фалсафаи Юнонро вориди фалсафаи ислом намуд. Ба ин восита зиддияти миёни дин ва фалсафаро бартараф намуда, ин роҳро барои файласуфони баъдӣ, хусусан Форобӣ, Сино ва Ибни Рушд ҳамвор намудааст [17, с. 4-7].

Машҳуртарин файласуфи ҷараёни машшоия дар фалсафаи исломӣ баъди ал-Киндӣ Абӯнасри Форобӣ мебошад, ки ба сабаби шарҳи осори Арасту ва рӯй овардан ба мактаби ақлонии ӯ унвони “Муаллими дуюмро” соҳиб шудааст [20, с. 557].

Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Тархон ибни Авазлуғ, ки бо исми Форобӣ маъруф гардидааст, соли 257ҳ-870м дар Фороб ба дунё омадааст. Ӯ дар зодгоҳи худ ба таҳсил машғул шуда, дар омӯзиши забонҳо маҳорати зидёе дошт [16, с. 395].

Ибни Халкон қайд мекунад: **“Форобӣ дар муқобили Сайфудавлат сареҳан гуфт, ки ҳафтод забон медонад”** [21, с. 717]. Нуктаи ҷолиби диққат он аст, ки новобаста аз он ки дар даврони ӯ забонҳои юнонӣ ва сурёнӣ забони илм ва фалсафа буданд, ӯ ба онҳо ошноӣ надоштааст [16, с. 395].

Вай дар соҳаҳои гуногуни илми замонаш дасти қавӣ дошт ва осори зиёде чун «Шарҳи мантиқи Арасту» эҷод кардааст, [11, с. 24] Ибни Сино барои омӯхтани баъзе асарҳои Арасту, ба мисли “Метафизика” аз шарҳи Форобӣ хело зиёд истифода намудааст [20, с. 557]. Рисолаҳое дар ахлоқ, сиёсат, тарбият, дин, риёзиёт, табииёт, мусиқӣ, таърихи табақабандии улум, омӯзиши артиш ва ғайра ба ёдгор мондааст.

Форобӣ асарҳои зиёди фалсафӣ низ таълиф намудааст, ки муҳимтаринашон «Эҳсо-ул-улум», «Мақола фи маъонӣ ул-ақл», «Китобу орои аҳли-л-мадинат-ил-фозила», «Китоб-ут-танбеҳ, ало сабили-с-саода», «Китоб ул-сиёсати-л-мадания», «Китобу фусул-ул-маданӣ» мебошанд [11, с. 24]. Яке аз хизматҳои муҳимми Форобӣ аз он иборат аст, ки ӯ тақсимбандии илмҳоро ба роҳ монда, онҳоро ба 8 даста тақсим намудааст:

1. илми забон;
2. иими мантиқ;

---

* Эҷод, нав пайдо кардан.

3. илми таъолим;
4. илми табиӣ;
5. илми илоҳӣ;
6. илми маданӣ;
7. илми фиқҳ;
8. илми калом [16, с. 400]

Ӯ бар ваҳдати фалсафа муътақид буд, ки барои исботи он далоили зиёде баён намуда, рисолаҳои гуногуне навиштааст, ки «Китоб-ул-ҷамъ байна-л-ҳакиматайни-Афлотун-ул-Илоҳӣ ва Аристотолис» аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Агар ҳақиқати фалсафӣ ягона аст, бояд миёни афкори файласуфони бузург ба хусус Афлотун ва Арасту созиш ба вуҷуд овард. Зеро, чӣ гуна мумкин аст ҳадафи онҳо баҳс дар бораи ҳақиқати якгона асту бо ҳам ихтилоф дошта бошанд? Форобӣ миёни он ду ҳакими юнонӣ баъзе ихтилофот ёфтааст, вале муътақид аст, ки онҳо ихтилофи сатҳӣ мебошанд на асосӣ. Ба назари ӯ, ихтилофи миёни устоду шогирд (Афлотун ва Арасту) ба се ҷиҳат сурат гирифтааст:

А) **Равиши зиндагии онҳо**. Афлотун аз дунё безорӣ ҷуста, ба хилват ва танҳоӣ майл дошт, аммо Арасту хилофи ӯ буд. Соҳиби молу сарват, зану фарзанд ва ҳатто ба Вазорати Империяи Рум расид. Аз ин нукта чунин ба назар мерасад, ки онҳо дар феълият ихтилоф доштанд, на дар афкор, зеро ин мутафаккирон ҳарду доир ба мавзӯи ахлоқ ва сиёсат асар таълиф намудаанд, вале истеъдоди табиӣ ва шонсе, ки барои Арасту пайдо шуда буд, равиши зиндагии ӯро тағйир дода, хилофи устод амал намуд.

Б) **Равиши таълифи осори онҳо**. Баъди мутолиаи осори Афлотун хонанда дар фаҳми он ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ хоҳад шуд, зеро ӯ барои баёни андешаҳои худ равиши рамз (символ) ва ишораҳоро интихоб намудааст. Арасту бошад, равиши бонизом ва саҳеҳро пеш гирифтааст. Бинобар ин, ихтилофи онҳо дар услуби эҷоди онҳо ба назар мерасад. Афлотун чунин равиши мушкилро барои он ихтиёр намудааст, ки ӯ муътақид аст, ки "фалсафаро бояд дар ихтиёри файласуф гузошт, на дар ихтиёри ҳар кас." Аммо гоҳо чунин ба назар мерасад, ки Арасту низ дар баъзе масоил роҳи печидаро ихтиёр намудааст.

В) **Мазҳаби фалсафии онҳо**. Дар ин ҷо сухан атрофи мусул (Олами идеяҳо) меравад, ки Афлотун онро исбот ва Арасту инкор мекард. Форобӣ дар ин бора низ қайд мекунад, ки ихтилофи онҳо зоҳирӣ аст, на ҳақиқӣ. Арасту муътақид бар вуҷуди сувари рӯҳонӣ дар фавқи ин олам аст, аммо ҳадаф аз инкори Мусул шомили маонии дигар аст. Онҳо муътақиданд, ки дар Зоти борӣ Сувар ва Мусуле ҳаст, агар онҳо дар ақли илоҳӣ набуд, халқ ва пайдоиши мавҷудот чӣ гуна сурат хоҳад гирифт. Форобӣ таъкид мекунад, ки Мусул иборат аз сурати мавҷуд дар ақли илоҳӣ аст, агар намебуданд пайдоиши халқ сурат намегирифт.

Форобӣ на танҳо ихтилофи миёни Афлотун ва Арастуро аз байн бурд, балки роҳи наверо дар фалсафаи исломӣ кушод, ки баъдан миёни Арасту ва ақоиди исломӣ муқофиқат ба вуҷуд омада, фалсафаи Арастуро аз усули фалсафаи исломӣ қарор дод.

Масъалаи мусоидати миёни дин ва фалсафа аз корҳои Форобӣ буда, қайд кардааст, ки дини Муҳаммадӣ бо ҳикмати юнонӣ зиддият надорад, ҳарчанд бархе ихтилофот мушоҳида мешаванд, вале инҳо ҳама дар зоҳир аст, ки барои бартараф намудани ин ихтилофот лозим аст ба таъвилоти фалсафӣ пардохта, ҳақиқати ягонаро аз дохили рамзҳо ва истиорот берун кашем. Масдари аслии дину фалсафа ақли фаъол аст. Бинобар ин ҳеҷ фарқи ҷавҳарӣ миёни онҳо набуда, ихтилоф дар миёни анбиё ва ҳакимон вуҷуд надорад. Ҳамчунин миёни Арасту ва Муҳаммад (с) ҳеҷ гуна ихтилофе нест [16, с. 408].

Абӯлайси Самарқандӣ, Наср писари Муҳаммад писари Аҳмад писари Иброҳим писари Хаттоб бо лақаби "Имом-ул-ҳудо" маъруф аст. Дар маъхазҳои таърихнигорон маълумоти дақиқе дар бораи таваллуди ӯ ба назар намерасад. Танҳо аз рӯйи тахмин баён шудааст, ки ӯ дар солҳои 300-310ҳ мутобиқ ба соли (922-932м) вориди олами ҳастӣ

гардидааст [10, с. 45-47]. Вафоташ низ касе ба таври аниқ ошкор нест,бинобар ин эҳтимол дар солҳои 375, 376, 382 ва 383қ. аз олам гузаштааст [4, с. 311], [18, с. 243].

Падари Абӯлайс дар шумори муҳаддисони Оли Сомони Самарқанд, зикр шудааст [2]. Абӯлайс аз падараш ривоятҳоеро нақл кардааст, ки мазмуни онҳо нишондиҳандаи тамоюли шеваи воизонаи ӯст [3, с. 80]. Ӯ таҳсили ибтидоиро дар Самарқанд гирифта, сипас роҳи шаҳрҳои Марв, Ҷайҳун ва Балхро барои таҳсили илм пеш гирифтааст. Дар адабиётҳо Ҳиндувонӣ устоди аслии Абӯлайс зикр шудааст [4, с. 313], [5, с. 196].

Абӯлайси Самарқандӣ пас аз таҳсили илм ба эҷоди осор рӯй меоварад. Ногуфта намонад, ки осори ӯ бештар дар улуми нақлӣ ва ахлоқӣ навишта шуда, шумораи асарҳои ӯро ҳамроҳ бо рисолаҳояш 25 адад зикр намудаанд, ки чанде аз онро ба таври мисол меорем:

1. “Шарҳи фиқҳи акбар”
2. “Ал-навозил ё Фатовои навозил”;
3. “Мухталиф-у-ривоят”;
4. “Танбеҳ-ул-ғофилин”;
5. “Бӯстон-ул-орифон”;
6. “Тафсири Қуръон”;
7. Рисолаи “Асрори ваҳй”;
8. “Ахлоқ ва самарқандия” ва ғ...

Ин мутафаккир бештар такя ба Қуръон ва шариати ислом намуда, ҳикмати амалӣ, яъне ахлоқро мавриди баҳс қарор додааст.

Абӯабдуллоҳи Қаршӣ фармудааст: “Шахсе барои пурсидани ҳафт масъала аз донишманде масофаи ҳафсад мил сафар кард ва аз он олим пурсид:

1. Чӣ чиз аз Осмон сангинтар аст?
2. Чӣ чиз аз Замин васеътар аст?
3. Чӣ чиз аз санг сахттар аст?
4. Чӣ чиз аз оташ сӯзонтар аст?
5. Чӣ чиз аз замҳарир сардтар аст?
6. Чӣ чиз аз дарё амиқтар аст?
7. Чӣ чиз аз ятим заъифтар аст ва аз заҳр кушандатар аст?

Олим фармуд:

1. Туҳмат задан ба покдоман аз Осмон сангинтар аст.
2. Ҳақ аз Замин бузургтар аст.
3. Дили кофир аз санг сахтар аст.
4. Ҳирс аз оташ сӯзонтар аст.
5. Бурдани оташ назди хешовандон ва комил нашудани он аз замҳарир сардтар аст.
6. Дили қонеъ (дили собир) аз дарё амиқтар аст.
7. Ошкор шудани суханчинӣ аз заҳр хатарноктар ва он вақт суханчин аз ятим ҳам бадбахттар ва заифтар аст” [3, с. 140].

Аз асарҳои Самарқандӣ чунин натиҷагирӣ мешавад, ки ӯ мехоҳад дар ҷомеа ахлоқи диниро пиёда созад.

Баъди Форобӣ то Ибни Сино, Абулҳасан Омирӣ бузургтарин файласуфе дар Хуросон буд. Ӯ умри дар Балх, Бухоро, Рай ва Бағдод гузаронида, асаре зери унвони “ал-Саодат вал-асъод”-ро таълиф намуда, ҳадафи асосии он мувофиқ намудани афкори ақлонӣ бо аҳкоми динӣ буд. Омирӣ дар Бухоро мавриди таваҷҷуҳи амирони Сомонӣ, бахусус Абӯнаср ибни Абизайд қарор гирифт [14, с. 484].

Метавон гуфт, ки Ибни Сино аз бузургтарин файласуфони Мовароуннаҳр аст. Муҳимтарин осори фалсафӣ ва мантиқии ӯ китоби “Шифо” аст, ки қисми аввали он мантиқи арастуӣ ва қисми чорум бошад, ифодакунандаи метафизикаи Арасту мебошад. Таълимоти фалсафии Ибни Сино, ки аз таълимоти машшоияи Арасту маншаъ гирифтааст, мавриди интиқоди донишмандони мусалмон қарор гирифт. Инчунин, асарҳои “Наҷот”, “Ишорот ва танбеҳот”, “Ҳидоя”, “Уюнул-ҳикма” ва “Донишнома” низ инъикоскунандаи

афкори фалсафии Сино мебошад. Таълимоти фалсафии Сино ҳам аз ислом ва ҳам аз фалсафаи Юнон маншаъ мегирад. Асоси метафизикии таълимоти Сино аз назарияи судури зарурӣ иборат аст, ки сарчашмаи он Худованди воҷиб-ул-вуҷуд аст. Аммо аз сабаби он ки сарчашмаи афкори фалсафии ӯ аз фалсафаи машшоияи Арасту вобаста буд, мавриди танқиди донишмандони исломӣ, хусусан Имом Ғазолӣ (1058 – 1111) қарор гирифт. Ӯ дар китобҳои танқидии худ бар зидди фалсафа, ба мисли "Мақосид-ул-фалосифа", "Таҳофат-ул-фалосифа" ва "ал-Мунқиз мина зилол" 20 масъалаи ихтилофи миёни онҳо қарор дошта, дар 17 масъала машшоияро бидъаткор медонад ва дар 3 масъалаи онҳо такфир ҳукм намудааст. Фалсафаи машшоия чунин таълим медод:

А) Худованд олим аст ба кулл на ҷузъ;

Б) маъод рӯҳонӣ сурат мегирад, на ҷисмонӣ;

В) олам қадим аст.

Бинобар ин, Ғазолӣ бо далелҳои гуногун исбот намудааст, ки масъалаҳои зикршуда, хилофи оятҳои Қуръон ва таълимоти дин мебошанд. [15, с. 535] Мутафаккирони дигаре, ки ба афкори фалсафии Ибни Сино мухолифат доштанд, Имом Умар ибни Ғайлони Балхӣ, ки ба Ибни Ғайлон машҳур аст ва Ибни Рушди Андалусӣ буданд [12, с. 140].

Бояд тазаккур дод, ки Имом Ғазолӣ, Ибни Ғайлон ва Ибни Рушд чандин сол баъд аз вафоти Ибни Сино фаъолият намуда, афкори ӯро мавриди тозиёнаи танқид қарор додаанд. Пештар аз инҳо ҳангоми ҳаёти Ибни Сино афроди тангназаре низ ба вуҷуд омада, ӯро кофир хонданд. Аммо Сино бо чанд мисраи шеърие посухи онҳо дод. Сино мефармояд:

*Куфре чу ману газофу осон набувад,*
*Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.*
*Дар даҳр чун ман якеву он ҳам кофир,*
*Пас дар ҳама даҳр як мусалмон набувад.*

Ё ҷойи дигар омадааст:

*Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд,*
*Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд.*
*Хар бош, ки ин ҷамоат аз фарти харӣ,*
*Ҳар к-ӯ на хар аст, кофараш мехонанд. [6, с. 125]*

Абулвалид Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Рушд (1126-1198) яке файласуфони барҷастаи машшоия мебошад, ки дар шаҳри Курдоби Испониё таваллуд шудааст. Ӯ ҷавонии худро сарфи омӯзиши илмҳои илоҳиёт, фиқҳ, адабиёти араб, фалсафа ва тиб намуда, соли 1153 ҳангоми ба Марокаш рафтанаш, мадрасаи худро таъсис мекунад. Сипас ба сифати қозиюлқузот ва табиби дарбор фаъолият намуда, дар соҳаҳои гуногуни илм асарҳои зиёд таълиф намудааст. Онҳо як қисмаш - 38 асар ба шарҳи осори Афлотун, Арасту, Форобӣ ва Сино, қисми дигараш тадқиқоти ӯ мебошанд. Аз ҷумла «Таҳофут-ут-таҳофут», радия бар асари «Таҳофут-ул-фалосифа»-и Имом Ғазолӣ ва ғайра мебошанд, аммо дар замони ҳукмронии амир Абуюсуф соли 1195 ҳабс шуда, осори ӯро оташ мезананд.

Ба мувофиқа расонидани масоил миёни фалсафа ва дин ё ҳикмату шариат, яке аз масоили домандонадор дар фалсафа ба ҳисоб меравад. Вақте ба ҷустуҷӯи таърихи тафаккури инсонӣ мепардозем, ба назар мерасад, ки масъалаи фалсафа ва дин ба сурати як мушкилоти калон дар ҳар дин ва қалби инсонҳо мавҷуд будааст. Қаблан фалсафаи Юнон, мадрасаи Искандария, обои каниса,* уламои масеҳӣ ва ҳатто мутафаккирони мусалмон низ ҷиҳати ҳалли ин мушкилот кӯшишҳои зиёд ба харҷ додаанд.

Фалсафаи исломӣ дар ин замина муайян кардааст, ки фалсафаи Юнони қадим дар чанд масъала бо дин мухолифат дорад, ба мисли халқи Олам ва қадим будани он, сифоти Худо ва амсоли инҳо. Мушкили дигар ин ки фалсафа ҳадафи туҳмати фуқаҳо қарор гирифта, мардумро алайҳи он мешӯронданд, ки гӯё фалсафа ба дин хатари калон дорад. Бинобар ин файласуфон мехостанд бо ин восита худро аз осеби гурӯҳҳои мутаассиб нигоҳ

---

* Дар луғат Обои-падарон, Каниса-ибодатгоҳи яҳудиён аст.

доранд. Пеш аз ҳама, муътазила ба фикри оштӣ додан миёни дин ва фалсафа пардохта, қайд карданд, ки ақл ва ваҳй ҳарду аз ҷониби Худост, барои такмили якдигар ва байнашон зиддияте нест. Аз ин бармеояд, ки Ғазолӣ аз он уламоест, ки фалсафаро мавриди ҳамла қарор додааст [16, с. 655]. Бояд тазаккур дод, ки баробари ривоҷи улуми ақлӣ дар асрҳои (VIII-IX) илмҳои нақлӣ-ҳадис, фиқҳ, тафсир, қироат ва ғайра низ ташаккул ёфта, донишмандоне аз Бухорою Самарқанд дар ин риштаҳо асарҳои зиёде ба риштаи таҳрир даровардаанд. Дар ин айём уламои хуросонию мовароуннаҳрӣ дар Ироқ аз Имом Абӯҳанифа таълим гирифта, фиқҳи ҳанафиро дар сарзаминҳои худ паҳн намуданд.

Аз ҷумлаи он бузургон Абӯасма Нӯҳ ибни Язиди Марвазӣ (ваф.173 ҳ.қ), Халаф ибни Айюби Балхӣ (ваф. 205 ҳ.қ), Исом ибни Юсуфи Балхӣ (ваф. 210 ҳ.қ), Шаддод ибни Ҳакими Балхӣ (ваф. 210 ҳ.қ) ва Абӯҳафси Кабир (ваф. 217ҳ.қ), ки аз шогирдони машҳури Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ ва имоми ҳанафиёни Бухоро ба шумор мерафт [5, с. 2-4].

Инчунин, ҳадис дар Мовароуннаҳру Хуросон аз дербоз мавриди диққати хос буд. Бузургтарин муҳаддисон аз шаҳрҳои Бухоро, Тирмиз, Нисо ва Нишопур ба вуҷуд омадаанд. Нахустин муҳаддисон Абумаъоз ибни Сулаймони Балхӣ (ваф. 190қ) ва Яҳё ибни Саид Қайс Ансории Бухорӣ мебошанд.

Дар асри (IX) машҳуртарин муҳаддиси олами ислом Имом Бухорӣ буд. Инчунин, амирони Сомонӣ, ки ба улуми ҳадис иштиёқи зиёд доштанд, дар пайдоиши муҳаддисон таъсир саҳмгузор буданд. Аз ҷумла, Аҳмад ибни Асад падари Исмоили Сомонӣ ва Наср ибни Аҳмад бародари Исмоил аз зумраи муҳаддисон ва олимони ин соҳа ба шумор мераванд [12,с. 96].

Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Муғира ибни Бардизба ибни Ҷуъфӣ Бухорӣ (194-256 ҳ.қ. 810-870м) мебошад. Ӯ дар тӯли 62-соли умри хеш китобҳои зиёдеро таълиф кардааст. Аз ҷумла китоби «ал-Ҷомеъ-ус-саҳеҳ» ё “Саҳеҳи Бухорӣ”, «Адаб-ул-муфрад», «Биррул волидайн», «Рафул ядайн», «Ал-қироату халфал имом», «ат-Таърих-ул-кабир», «ат-Таърих-ул-авсат», «ат-Таърих-ул-сағир», «ал-Ҷомеъ-ул-кабир», «ат-Тафсир-ул-кабир», «ал-Мабсут», «Асомис-саҳоба», «Муснад-ул-кабир» ва ғайраҳо аз зумраи машҳуртарини таълифоти Бухорӣ ба ҳисоб мераванд. Аз миёни асарҳои зикршуда, “Саҳеҳи Бухорӣ” дар ҷаҳони ислом баъди Қуръони муқаддас дуюмин сарчашмаи таълимоти исломӣ ба шумор рафта, онро дар муддати 16 сол, аз 600 000 аҳодисе, ки омӯхта буд, таълиф намудааст. Дар шумораи аҳодиси ин китоб шореҳон ихтилофи назар доранд. Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ дар муқаддимаи «Фатҳ-ул-борӣ» мегӯяд, ки шумораи аҳодиси «ал-Ҷомеъ» бо такрори баъзе аҳодис ба 7397 мерасад, ба истиснои аҳодиси муаллақот, мутобаот ва мавқуфот, аммо бидуни такрор теъдоди аҳодиси он ба 4000 ҳадис мерасад [7, с. 3;5]. Назари дигар ин ки “Саҳеҳи Бухорӣ” шомили 7573 ҳадис мебошад. То имрӯз ин китобро 55 шарҳ навиштаанд, ки аз аҳаммияти волои он шаҳодат медиҳад [12, с. 96-97]. Беҳтарин шарҳи “Саҳеҳи Бухорӣ”, таълифи Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ «Фатҳ-ул-борӣ» ва “Умтад-ул-*қорӣ*” таълифи Бадриддини Айнӣ мебошанд [13, с. 97].

Таваҷҷуҳи амирони Сомонӣ дар Бухоро ба ҳадис ва вуҷуди муҳаддиси бузург, ба мисли Бухорӣ дар Бухорою Самарқанд дар асри III-юми ҳиҷрӣ шароити мусоидро барои рушди ҳадис дар асрҳои минбаъда фароҳам овард, ки дар асри IV ҳиҷрӣ майли зиёди мардум ба шунидани ҳадис ба вуҷуд омад. Ҳатто кӯдаконро низ дар маҳфилу маҷлисҳо ҳозир мекарданд. Инчунин амирону вазирон ва сипоҳиён ба шунидани ҳадису ривоят шавқи зиёд доштанд. Аз ҷумла вазири маърифатдӯстӣ давлати Сомониён Абулфазли Балъамӣ, сарлашкари Сомонӣ Абӯалӣ Симҷурӣ ва ҳокими Систон Амир Халаф ибни Аҳмади Сазҷиро (ваф 399 ҳ.қ) метавон ишора кард [9, с. 157], [8, с. 81;82].

Мушкилот миёни дин ва фалсафа як даври муайянро ифода намекунад, зеро имрӯз низ ин баҳсҳо ба назар мерасанд ва дар оянда низ хоҳанд буд.

## АДАБИЁТ

1. Абдуллоев Шерзот. Муқаддимаи фалсафа. –Душанбе, 2014. -504 с.

2. Абӯлайси Самарқандӣ. Фатовои Навозил. Таҳқиқи Саидюсуфи Аҳмад. –Кувайт, -1405қ. 1985м.
3. Абӯлайси Самарқандӣ. Танбеҳ-ул-ғофилин. Бо кӯшиши Аҳмад Салом. –Бейрут, 1406қ. (1986м). -118 с.
4. Абдуллоҳ Воизи Балхӣ. Фазоили Балх. –Ҷ. 1, тарҷумаи кухани форсӣ, ба кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. -Теҳрон, 1350ш.
5. Абдулқодири Қаршӣ. Ал-ҷавоҳир-ул-музайят фи табақот-ул-ҳанафия. -Ҳайдаробод, 1332қ. Дастхат 127 с.
6. Абдунабӣ Сатторзода. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8. –Душанбе, 2009. -287 с.
7. Аҳмад ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. Фатҳ-ул-борӣ. Шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ. –Қоҳира, 2007. Иборат аз 15 ҷилд. -Ҷилд 1. -640 с.
8. Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансури Самъонӣ. Ал-Ансоб, Нашри дуюм. –Қоҳира, 1980. -6 ҷ. -2346 с.
9. Абӯабдуллоҳ Ҳокими Нишобурӣ. Таърихи Нишобур. Нашри якум. –Теҳрон, 1391. -346 с.
10. Аълохоҷа Холов // Маҷаллаи Дин ва ҷомеа, -№06 (14). 2015. -51 с.
11. Зери тахрири умумии д.и.ф. профессор, академик М.Д.Диноршоев, д.и.ф. профессор Р.С.Комилов. Таърихи фалсафа. -255 с.
12. Муҳсин Ҳайдарниё. Таърихи фарҳангӣ ва илмии Самарқанду Бухоро дар даврони исломӣ.- Теҳрон, 1394. -407 с.
13. Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. Таҳияи матни тоҷикӣ: Абдулҳалим Орифӣ. –Душанбе: ЭР-граф, 2011. -615 с.
14. Муҳаммадризо Ноҷӣ. Таърих ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. –Теҳрон, 1378. Чопи аввал, -736 с.
15. Сулаймон Бустонӣ. Доират-ул-маориф. Иборат аз 11 ҷилд. –Бейрут, 1900м.
16. Фохури Ҳино, тарҷумаи Оятӣ Абдулмуҳаммад Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом. –Теҳрон, 1373. -834 с.
17. Фариштаи Озаршуб. Киндӣ нахустин файласуфи исломӣ // Маҷаллаи кайҳонфарҳангӣ, Теҳрон, 15.8.1388. -7 с.
18. Ҳоҷи халифа, Кашфу-з-зунун ан асоми-л-кутуби ва-л-фунун. Лубнон, 2007.
19. Ҳасан Умед. “Фарҳанги форсӣ”, чопи аввал. –Теҳрон, 1389. -1088 с.
20. Ҷамолиддин Абулҳасан Алӣ ибни Юсуфи Қифтӣ. Таърих-ул-ҳукамои Қифтӣ. –Теҳрон, 1395. -890 с.
21. Шамсиддин Аҳмад ибни Халкон. Вафиёт-ул-аъён. -Бейрут, Бесоли нашр, -1094 с.

## НАҚШИ МУТАФАККИРОНИ МУСАЛМОН ДАР ТАШАККУЛИ УЛУМИ АҚЛИЮ НАҚЛӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи таносуби мафҳумҳои «фалсафа», «дин» ва марҳилаи аввали ташаккули улуми нақлӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Маълум аст, ки моҷарои зиддиятҳои миёни фалсафа ва дин таърихи тулонӣ дорад ва ҳоло ҳам идома дорад. Аз сабаби доманадор будани баҳси фалсафа ва дин муаллиф дар мақола афкори фалсафии чаҳор мутафаккири бартҷастаро, ба мисли ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино ва Ибни Рушд матраҳ намуда, нақши онҳоро дар пешрафти улуми ақлӣ то андозае муайян кардааст. Яке аз хизматҳои ин мутафаккирон ва хусусияти фарққунандаи онҳо аз дигар файласуфон ва мактабҳои фалсафӣ аз он иборат аст, ки онҳо ба тарҷумаи осори файласуфони қадим падохтаанд, ки чанде аз осорашон ба таври мисол дар ин мақола дарҷ гардидааст. Хусусан Форобӣ тавонист ихтилофоти миёни Афлотун ва Арастуро ба тавофуқ орад. Нуктаи дигарро бояд тазаккур дод, ки дар мақола яке аз донишмандони машҳури Самарқанд низ ёд шудааст. Ӯ Абӯлайси Самарқандӣ буда, дар ташаккули улуми нақлӣ, хусусан тафсир, ҳадис, ақида, фиқҳ, нақши бесобиқа дошта, дар улуми ақлӣ фалсафаи ахлоқро таҳлил намудааст. Асари машҳури ӯ дар ин мазӯъ “Танбеҳ-ул-ғофилин” буда, намунаҳои ахлоқи фозиларо барои ҷомеа пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** фалсафа, дин, машшоия, зиддият, ақл, ваҳй, фиқҳ, ҳадис.

## РОЛЬ ИСЛАМСКИХ УЧЕНЫХ В ФОРМИРОВАНИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ И ПОВЕСТВОВАТЕЛЬНЫХ НАУК

В данной статье анализируются проблема соотношения терминов «философия», «религия» и первый этап формирования традиционной науки. Общеизвестно, что противостояние философии с религией имеет давнюю историю и продолжается по сей день. В связи с обширностью спора философии с религией, в статье основное внимание выделяется на философские мышления четырех философов, таких как аль-Кинди, Фороби, Ибн Сино и Ибн Рушд, и определяет их роль в развитии интеллектуального мышления. Одной из услуг этих мыслителей и их отличительной чертой от других философов и философских школ заключается в том, что они взялись за переводом произведений древних философов, примеры которых указаны в этой статье. В частности, А. Фороби удалось примирить противоречие между Платоном и Аристотелем. Другое дело, что в статье упоминается один из известных ученых Самарканда. Это Абулайс Самарканди, который играл важную роль в развитие повествовательных наук, такие как толкование, хадисы, фикх и анализировал в интеллектуальной науке философию поведения. Его известная работа "Танбех-ул-гофилин" представляет множество этических примеров для публики.

**Ключевые слова:** философия, религия, вовлеченность, противоречие, интеллект, вдохновение, фикх, хадис.

**THE ROLE OF ISLAMIC SCHOLARS IN THE FORMATION OF INTELLECTUAL AND NARRATIVE SCIENCES**

This article analyzes the problem of the relationship between the terms "philosophy", "religion" and the first stage of the formation of traditional science. It is well known that the confrontation of philosophy with religion has a long history and still exists. Due to the widespread argument of philosophy with religion, the article focuses on the philosophical thinking of four philosophers, such as Al-Kindi, Forobi, Ibn Sino and Ibn Rushd, and determines their role in the development of intellectual thinking. One of the services of these thinkers and their distinctive feature from other philosophers and philosophical schools is that they set about translating the works of ancient philosophers, examples of which are indicated in this article. In particular, A. Forobi managed to reconcile the contradiction between Plato and Aristotle. Another thing is that the article mentioned one of the famous scientists of Samarkand. This is Abulais Samarkandi, who played an important role in the development of the narrative sciences, such as interpretation, Hadith, Fiqh, and analyzed the philosophy of behavior in intellectual science. His famous work "Tanbeh-ul-ghofilin" presents many ethical examples to the public.



**Key words:** philosophy, religion, involvement, contradiction, intellect, inspiration, fiqh, hadith.



**Сведения об авторе:** ***Акрамов Нуриддин Бузургходжаевич*** – Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, соискатель кафедры философии и культуры. **Адрес:** 733740, Республики Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки121 **E-mail: Nuriddin20.90@mail.ru** Телефон: **(+992) 985-68-13-66.**

**About the autor:** ***Akramov Nuriddin Buzurghodjaevich*** – Tajik state pedagogical University named after Sadriddin Ainy, degree-seeking student of the Department of Philosophy of the. **Address**: 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.121. **E-mail: Nuriddin20.90@mail.ru** Phone: **(+992) 985-68-13-66.**



**УДК:1/14:17**


# ТЕОРИЯ ПОЗНАНИЯ В УЧЕНИИ АБУЛМУИНА НАСАФИ


***Эшонхонов М.З.***

**Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ**


В истории персидско-таджикской философии решение гносеологических проблем, осуществляющееся в рамках мировоззренческих парадигм философско-религиозных школ, зависело от того, какие представления о знании были положены в основание их теорий познания. В частности, здесь речь идет об основной мыслительной форме, в которой существует знание и которая может быть представлена по-разному. Ярким примером сказанного является каламистская философско-схоластическая школа Мавераннахра, представителем которой и был, как мы уже писали, Абулму'ин Насафи, который в новый период ее развития (XI-XII вв.) продолжил разрабатывать гносеологическую концепцию основоположника школы Матуриди Самарканди. Эта концепция свидетельствовала «об оптимистической принципиальной позиции относительно возможностей познания» [10,с.181].

Данная концепция, которая берет свое начало в учении Абу Ханифы, в центр духовного мира человека помещает разум. На наш взгляд, условно такой подход можно назвать «гносеологическим трансцендентализмом», согласно которому в процессе постижения бытия и восприятия вещей и явлений в системе мироздания, как результата «Волевого акта Абсолюта», человек «направляется» к познанию первоисточника этого акта (идей).

Когда мы говорим «трансцендентализм», мы не имеем в виду гносеологический трансцендентализм И. Канта, где мышление предстает как трансцендентное ощущение и где трансцендентальными являются априорные способности познающего субъекта и применение этих способностей [5,с.20].Исключается здесь и «трансцендентальная философия» Садриддина Ширази (1571-1640), о которой Е.А.Фролова пишет как о создателе нового в исламской философии направления – «трансцендентной мудрости (философии)», или «престольной мудрости», в которой мыслитель видел средство постичь вещи «такими, каковы они на самом деле», т.е. духовные основы вещей, «просвечиваемые Богом в чувственно воспринимаемых вещах» [11, с.139]. Иначе говоря, «вещи в себе».

Говоря о гносеологическом трансцендентализмае, по отношению к Насафи, мы имеем в виду проявление трансцендентальной природы человека, о которой говорил этот мыслитель в своих сочинениях. Оптимистический дух данной концепции проявляется в том, что человек, осознавая суть многочисленных ложных представлений о познании мира, осознанно начинает отходить от фатальной склонности к авторитетам, авторитаризму и слепого доверия им. Как мы уже знаем из истории, незнание сути «вождизма», например в религии, привело не только к деградации ее основ, но и к катастрофическим изменениям в жизни людей, к неправильному истолкованию источников и преданий. Люди должны были выйти из возникшего тупика, им нужно было правильное, аргументированно доказанное, «правильное вероучение».

Посредством трех форм познания - «накл (предания), акл (разум), хавоси салима (чувства), считали создатели анализируемой нами концепции (в том числе Матуриди, Насафи и Паздави),

возможно постижение бытия, предметного мира, истины. Понятийно-образное проникновение человеческого ума в реальную действительность – это своего рода приобщение к ней, а через нее - к величайшему творческому поиску Абсолюта, совершаемому по преимуществу человеческим мышлением. Основоположники концепции попытались выделить те единицы знания, т.е. его элементы, которые помогли бы человеку постичь картину подлинной реальности, а затем (а может быть, и единовременно с этим) осознать существование Абсолюта, ускользающих от непосредственного чувственного и рационального восприятия индивида.

При рассмотрении вопросов познания и интеллектуальной основы эпистемологии Насафи можно только удивляться уровню образованности этого мыслителя, благодаря которому он смог так глубоко анализировать проблемы познания мира, выявляя одновременно и истинный смысл познания мира предметного.

По справедливому замечанию молодого исследователя творчества Насафи Ф.О.Нофала, «свои трактаты Абулму'ин открывал традиционным для каламического дискурса XI-XII вв. образом - с рассмотрения эпистемологических проблем, которые естественным образом были связаны с вопросами онто-теологическими. Пытаясь дать корректную, на его взгляд, дефиницию категории «знание» ('илм), Насафи, вопреки классической арабо-мусульманской традиции, сознательно разводит ее с понятием «познание» (ма'рифа): вначале мыслитель полагал, что познание-знание («познание известного в соответствии с его [сутью]»), будучи процессом, является прерогативой твари (махлукин), но не совершенного Творца, изначально объемлющего своим знанием ('ихата) все бытие. Немного иной предстает перед нами теория познания мутакаллима в его более поздней работе, где автор подходит к знанию апофатически, определяя его как «то, что делает своего носителя знающим ('алим)»; в свою очередь познание выступает здесь как некий модус устремленности субъекта познания к знанию: «Так, познание соотносится со знанием так же, как цель соотносится с велением» [8,с.138].

Иначе говоря, в своем гносеологическом учении Насафи излагает пути и методы отделения истинного от ложного. В трактате «Табсирату-л-адилла» он определяет три главных пути познания - познание мира; познание вещей и явлений и познание Бога посредством предметного мира. В этом сочинении мыслителем был задан основной подход к изучению проблем происхождения мира, были определены пути его чувственно-рационального познания. Насафи, последовательно развивая начатое предыдущими мыслителями своей школы, основное направление своих исследований в «Бахру-л-калам» и «Табсирату-л-адилла» сводит к такому принципиальному вопросу, как познание Абсолюта посредством разума. В этом сложном и противоречивом процессе мышление, как продукт разума человека, предстает как трансцендентное ощущение окружающего мира. Этот фундаментальный тезис был изложен еще Абу Ханифой в его известных трактатах «Учитель и ученик», «Письмо Усаману ал-Батти», «Упрощённое знание» и особенно в его известном сочинении «Величайшее знание» [9,с.244-250]. Проблемное поле этих составили такие вопросы, как чувственно-рациональное восприятия мира, и «предания», которые, конечно, помогают людям не только в решении повседневных проблемах, но и в вопросах мировоззренческого характера. Но при этом значение чувственного восприятия отступает на задний план, а на передний выходят рационально-умозрительные заключения и предания.

«Действительно, концепция Абу Ханифы изначально исходила из того, что предметная «тварная» действительность дана человеку через чувственно-рациональное восприятие. Однако чувственное восприятие становится познавательным актом лишь в той мере, в какой оно свидетельствует уму о свойствах вещей» [9,с.244-250]. При этом поиск чувственной (посредством ощущений) связи между мыслью и предметным миром наталкивается на принципиальные и неразрешимые трудности. Причем эти трудности могли быть осознаны по преимуществу на пути, по которому шел матуридитский калам в лице самого основателя школы, а также его прославленных учеников - Абулюсра Паздави, Абулму’ина Насафи и др.

Следует отметить, что разграничение между мысленным знанием и чувственным, которое предложили Насафи и другие матуридиты, не было чем-то принципиально новым в истории персидско-таджикской философии. Такое разграничение проводили и му’тазилиты и натурфилософы («асхоби хайюло»), и перипатетики и др. Однако названная проблема, которая была поставлена матуридитами, особенно Насафи в контексте исследования познавательных способностей человека, приобрела новое качество.В своей концепции познания Насафи каждый свой постулат обосновывает с помощью трех путей познания (чувственного, рационального и предания), и в итоге доказывает, что окружающий нас предметный и чувственно-воспринимаемый мир следует понимать не как вечный космос, а как случайное образование, созданное Творцом и появившееся во времени. Это утверждение прослеживается во всех книгах матуридитов, поскольку именно оно «открывает» все их сочинения: «Бог сотворил всё из ничего. И Бог извечно знал предметы еще до их появления. Он –тот, кто предопределил и предустановил» [9,с.245].Насафи в духе теоцентризма тоже заявляет, что «Бог сотворил всё из

ничего» [1,с.196]. «Исходя из этого главного каламистского постулата, Насафи должен был неопровержимо и в чисто гносеологическом плане доказать сотворенность мира, поскольку сам Бог в Коране открыл всем, что он Творец всех вещей» [1,с.196].

Как уже отмечалось, онтология Насафи не исключает возможность прямого чувственного познания бытия. Но это познание (илму-л-хисс) не может обойтись без рационального рассуждения [1,с.196]. При всем том чувственное познание прямо соединяет познающего субъекта (человека) с познаваемой реальностью, которая, по мнению Насафи, мыслится как сотворенная Богом и представляющая собой воплощение воли Бога [1,с.141]. Человек, постигая замысел Божий через осознание совершенства природного мира, с необходимостью приходит к выводу, что во всех делах творения так ясно видны признаки необычайной мудрости и силы, что всякое разумное существо, которое серьезно подумает о них, не может не открыть Создателя [2,с.89].Здесь необходимо отметить, что Насафи так же, как и Матуриди, вовсе не собирается утверждать, что чувственное познание целиком и полностью опирается на ощущения. Под понятием «илму-л-хисс» Насафи имеет в виду все, что можно воспринимать органами чувств, т.е. телесные субстанции [2,с.89].

Чувственное восприятие, как внешний опыт, т.е. ощущения, возникающие при воздействии внешних предметов, в отличие от истинного содержания реальности вещей, конечно, субъективное, т.е. оно существует только в восприятии человека, субъекта. Но эти ощущения не произвольны, они причинно обусловлены свойствами внешнего мира, созданного Богом [2,с.189].Когда Насафи говорит о чувственном познании он имеет в виду то, что можно воспринимать пятью человеческими органами чувства. Для каждого же конкретного случая «подразумевается наличие рациональных размышлений. Однако предпосылки, из которых вытекают эти размышления, являются чувственными, поскольку речь идет о телесных субстанциях, и о том, что они конечны, зависимы и отмечены внутренними противоречиями» [10,с.186]. Всему этому человека учит восприятие, так что фундамент всей аргументации Насафи можно обозначить как чувственно воспринимаемый [1,с.139-144].

Передача подрастающему поколению опыта воспитания и обучения – основополагающая задача культуры любого народа. Каждый народ стремится сохранить для будущего своих детей самое ценное богатство – бездонный родник народной мудрости, которая как раз таки служит несгибаемым ориентиром подготовки молодого поколения к взрослой трудовой жизни. Отсюда обращение в глубину истории народного воспитания. Педагоги из народа внимательно изучали продуктивный опыт воспитания детей. В книге «Чувашская этнопедагогика» можно проследить, как предки чувашей в недавнем прошлом спрашивали друг у друга: «В чем причина того, что весь род Адюка очень трудолюбив?» «Чем объяснить, что девушки Байдерякова неутомимы на любой работе, непревзойденно их мастерство в вышивке и певиц лучше их нет в окрестности?» [2:78].

Исследования истории и теории педагогики подтверждают, что испокон веков одним из основных проблем образования и воспитания был поиск условий передачи подрастающему поколению ценностей родной культуры. О народной художественной культуре, как части всей мировой культуры, необходимо отметить, что следующим поколениям могут передаваться лишь те, которые способствуют дальнейшему совершенствованию общества. Волков Г.Н. по этому поводу пишет: «Народ – это все равно, что золотоискатель, алмазоискатель: он выбирает, сохраняет и несет, шлифуя на протяжении многих десятилетий, только самое ценное, самое гениальное» [2, с. 76]. Во все времена в народе преемственные связи поддерживались и сохранялись благодаря традициям.

Резьба по дереву, как неотъемлемая часть народной художественной культуры, – национальный вид искусства у многих народов России, к которым мы по праву причисляем чувашский народ. Издавна чувашский крестьянин, завершив полевые работы, в зимние вечера принимался за резьбу по дереву. И по сей день, несмотря на множество новых альтернативных материалов, дерево остается одним из излюбленных материалов. Резьба по дереву для чуваша всегда являлось воплощением представлений народа о добре и красоте родной земли.

Традиционная резьба по дереву является источником творческого воплощения художественных замыслов в пластике, отражающих древние представления человека о красоте природы и мироздания в знаках, которые в современных резных изделиях воспринимаются в гармонии красоты и природосообразности [7:41]. В данной работе традиционной мы называем резьбу, которая исторически была свойственна чувашам.

У чувашей, наряду с другими народами, одним из самых древних занятий было плотничество. Столярное дело считалось почетным видом ремесла, освоение его было у мужчин в приоритете. Примечательна традиция связанная с исполнением сакрального педагогического акта при рождении мальчика в семье чуваша. Отец-плотник просил резать пуповину на топоре, желая передать сыну свое ремесло. Ребенку при этом высказывалось

пожелание стать мастеритым плотником. Пяти-шестилетний сын плотника, соблюдая определенный порядок в плотницком деле, мог без просьбы подавать отцу инструменты. В семи-восьмилетнем возрасте он уже был способен выполнять подсобную работу при отце. В последующем отец целенаправленно занимался обучением сына столярному ремеслу. Его основной целью было, чтобы сын стал в этом деле лучше отца. По сей день для чуваша высшим достижением является ученик, превзошедший учителя. И сегодня сохранилась заповедь: «Воспитай себе ученика лучше себя, чтобы было у кого учиться» [2:184].

Детям внушалось, что столярное ремесло имеет неограниченные возможности, перед детьми раскрывались перспективы этого труда. Чувашские столяры производили не только прекрасную мебель, но были мастерами резьбы по дереву, некоторые с успехом выделывали модели птиц, животных, домов и других построек. Поговорка «каснă-лартнă» («точь-в-точь»), характеризующая предельное сходство, первоначально означала «Вырезано и выставлено», т. е. оценивала именно качество работы резчиков по дереву. Возможно, в ней имелось в виду качество работы резчиков по дереву. Чувашские столяры выполняли и такую тонкую работу, как производство изящных скрипок, и особенно – гуслей. В первые годы советской власти Н. Погодин с восхищением писал о двенадцатилетнем «знаменитом чувашском кустаре», у которого пальцы были в величиной «в шахматную пешку». Об изделиях этого мастера сказано: «Дерево так тонко было выточено, так нежна была резьба, что «королевские фигуры» казались кружевными» [1:185].

Известна чувашская сказка, в которой высказано такое пожелание об усовершенствовании плотницкого дела, что мастера научаться изготавливать летающих уток, а возможно, и летающие лодки. Раскрытие перед детьми подобных перспектив столярного ремесла прививало детям не только интерес к этому виду труда, но и убеждало их в необходимости постоянной творческой работы, исканий и стремления к усовершенствованию своих трудовых умений. Забота об усовершенствовании столярно-плотничных умений проявлялась и в системе сложнейших испытаний. Так, например, перевод умелого плотника в ученики столяра обставлялся очень строгими проверками. Одно из испытаний: в темном амбаре надо попасть на одну и ту же зарубку. Три удара – одна зарубка, ставился высший балл. А таких испытаний было семь. «И едва ли случайно, что чуваши – спокон веков лучшие строители, сохранившие свои традиции до сих пор. «Новые русские», строящие себе дворцы, считают особой удачей, если они в качестве строителей приглашают чувашей» - отмечает академик Г. Н. Волков [2:187].

Издавна в чувашских семьях детям внушалось, что искусство резьбы по дереву имеет неограниченные возможности, перед детьми раскрывались перспективы этого труда. Чувашские мастера производили не только прекрасную мебель, но и с успехом изготавливали модели птиц, животных, домов и других построек. Поговорка «каснă-лартнă» («точь-в-точь»), характеризующая предельное сходство, первоначально означала «Вырезано и выставлено», т.е. оценивала именно качество работы резчиков по дереву.

Резьба по дереву, один из самых древних и традиционных видов прикладного искусства, по сей день остается одним из популярных видов народного творчества.

Резьба по дереву применялась чувашами для орнаментирования и изготовления предметов, мебели, деталей жилища. На них вырезали рисунки-изображения, которые принято называть узором, орнаментом, декором. Термины «украшение» и «украшенный» являются не совсем точными, так как назначение таких узоров – придание предметам не только эстетической ценности, но и символических, знаковых.

Известны также немало примеров резьбы по дереву на повседневных вещах, где узоры выполнялись традиционной для чувашей контурной резьбой. К примеру, на предметах женского труда: кĕнчелеççи – прялка, хултăрчă – скальница, ăса и шăлтăрма – челнок и блок от ткацкого станка. Разнообразие деревянной посуды чувашей отмечалось этнографом Н. В. Никольским: «Чувашский ковш курка выделывается с большим искусством и украшается самой причудливой резьбой. Изящество и красота форм ковша составляет гордость владельца» [6:227].

Секрет подлинно традиционной чувашской резьбы по дереву заключается в гармоничном сочетании практичности, отработанности форм, четкости и красоте материала. Они наиболее ярко воплощены в предметах утвари, посуде, орудиях труда. Известный чувашский искусствовед Геннадий Николаевич Иванов-Орков справедливо отмечает: «…большие ковши алтăр подобны летящим птицам, а челноки для ткачества стремительны, как остроносные ладьи древних народов» [3:46]. Среди чувашей существовали свои устоявшиеся приемы резного архитектурного убранства, отличавшиеся выразительностью и лаконичностью. Узоры не только украшали дом, но и оберегали его важные части: окна, дверь, ворота. У чувашей дом ассоциируется с его создателем – Человеком и со всей Вселенной.

Особо сакральными местами дома были окна и двери, служившие для связи с внешним миром. Против нежелательных духов делали узоры, вырезанные из дерева на наличниках и

ставнях. Аналогичный смысл имел декор на воротах хапха, которые соединяли сельское жилище с улицей. Подобная резьба имелась не только на домах, но и на амбарах или клетях.

В книге Н.В. Никольского мы можем наблюдать его впечатления от резных украшений чувашских домов начала XX в.: «Придешь в деревню, которая богаче, прямо диву даешься. /…/ Окна, карнизы украшены резьбой, рисунками. У одного красиво, у другого еще красивее. У одного фронтовато, у другого еще фронтоватее. Окна, что твои зеркала: одно загляденье (Чебоксарский у., Воскр. вол., д. Большие Крышки)» [8:78].

Яркими образцами чувашской архитектурной резьбы являются монументальные узоры на дубовых воротных столбах. Орнаменты на них имели весьма глубокие корни, они выполнялись весьма трудоемкими приемами – барельефной резьбой по самой твердой древесине – по дубу. На этих воротных столбах располагались круглые «солнечные» знаки в разных вариантах на вертикальных стеблях со спиральными узорами, которые символизировали бесконечность жизни Вселенной. Невозможно создать резьбу с нуля без учета традиций в его изготовлении, свойств его общей составляющей и смыслового значения, всего того, что «вытачивалось» самими народом на протяжении многих столетий. «Традиционная культура – это плоть и кровь этноса, на основе которого создается практически все новое позитивное в искусстве. Невозможно, чтобы гений создал то, к чему бы его не подготовили все предыдущие поколения человечества» - справедливо отмечает известный исследователь Д.Ф. Мадуров [5:15].

К примеру, все попытки изготовления чувашского «малого ковша» («кĕреке курки»), без глубинного осмысления его знаков и элементов будут всего лишь досадными оговорками «так нельзя». У чувашей имеется обширный ассортимент ковшей: «курка» – малый ковш, применяемый в различных празднествах и обрядах; «алтăр» – большой ковш, используемый в хозяйстве; «çавра курки» – ковш настольный, «çăпала» – половник и др.

Декоративно-прикладное искусство, куда в первую можно отнести искусство резьбы по дереву – это яркое и неповторимое явление традиционного народного искусства. Все в ней основано на примерах и профессиональных навыках, выработанных на протяжении многих поколений.

Наши предки хорошо понимали, что искусство резьбы по дереву, как художественное творчество народа, призвано сыграть особую роль в воспитании подрастающего поколения. Влияя на личность, оно обогащает практический и эмоциональный опыт ребенка, способствует формированию интеллектуального потенциала, развивает психику, содействует воспитанию эстетических чувств, ведет к развитию нравственных качеств. Оно выступает как существенный компонент профессиональной подготовки школьников, настраивает их на дельнейшую активную, познавательную, творчески осознанную самодеятельность, что ведет к поиску духовных потребностей, способствуя стремлению к самореализации, выявлению природных задатков, что в конечном итоге, позволяет включить личность в этнокультурную среду.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Волков Г.Н. Трудовое воспитание в народной педагогике / Г.Н. Волков // Школа и производство. – 2000. – № 3. – С. 26-31
2. Волков Г.Н. Чувашская этнопедагогика / Г.Н. Волков. – Чебоксары, 2004. – 488 с.
3. Иванов-Орков Г.Н. Чувашская резьба по дереву / Г.Н. Иванов-Орков, П.Я. Мазуркин. – Чебоксары. : Чуваш. кн. изд-во, 2007. – 182 с.
4. Ионин Л.Г. Социология культуры : учеб. пособие / Л.Г. Ионин. – М. : Логос, 1996. – 280 с.
5. Мадуров Д.Ф. Традиционное декоративное искусство и праздни-ки чувашей / Д.Ф. Мадуров. – Чебоксары : Чуваш. кн. изд-во, 2004. – 287 с.
6. Никольский Н.В. Собрание сочинений. Т. 1 : Труды по этногра-фии и фольклору чувашского народа / Н.В. Никольский. – Чебоксары : Чу-ваш. кн. изд-во, 2004. – 527 с.
7. Петров Г.Н. Формирование технологической культуры у сельских школьников в процессе обучения традиционной резьбе по дереву: дис. … канд. пед. наук : 13.00.01 / Г.Н. Петров. – Чебоксары, 2012. – 182 с.
8. Трофимов А.А. Мастера народного искусства и художественных промыс-лов. Предприятия и мастерские, создающие произведения художественных промыслов : каталог-справочник / А.А. Трофимов. – Чебоксары, 2004. – 128 с.


## ИҚТИДОРИ ЭТНОПЕДАГОГИИ КАНДАКОРӢ ДАР ЧӮБ ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС


Дар мақола муаллиф имкониятҳои иқтидории кандакории анъанавӣ дар чӯб – тарбиятӣ ва таълимдиҳандаро баррасӣ намудааст, ки ба тарбияи шахсияти рушдёбанда мусоидат менамояд. Ин муқаррарот маълумоти мактабии технологиро мубрам мегардонад, ки вазифаи муҳимми он рушди эҷодии шахсият бо роҳи азхудкунии донишҳо ва маҳоратҳо дар соҳаи касбу ҳунарҳои анъанавии мардумӣ мебошад, ки махсусияти фарҳанги анъанавии минтақаи миллиро инъикос менамояд, ки Ҷумҳурии Чувашистон намунаи он мебошад. Кандакории анъанавӣ дар чӯб ҳамчун қисмати ҷудонопазири фарҳанги бадеии халқӣ имконият медиҳад, ки шахсият ба фарҳанги миллӣ ҳамгиро гардад, ки дар як вақт бо пайдоиш ва рушди истеҳсолоти моддӣ ба миён омада, ҷозибияти худро дар ҳаёти имрӯза аз даст надодааст. Қувваи анъана имконият медиҳад, ки мустақилият ва махсусиятҳои миллӣ нигоҳ дошта шавад.



**Калидвожаҳо:** анъана, санъати анъанавӣ, кандакорӣ дар чӯб, насли ҷавон, фарҳанги бадеӣ, минтақаи миллӣ, фарҳанги этникӣ, касбу ҳунар, санъати ороишӣ -амалӣ.

## ЭТНОПЕДАГОГИЧЕСКИЙ ПОТЕНЦИАЛ ТРАДИЦИОННОЙ РЕЗЬБЫ ПО ДЕРЕВУ В ВОСПИТАНИИ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

В статье автор рассматривает потенциальные возможности традиционной резьбы по дереву – воспитывающие, обучающие, которые способствуют воспитанию гармонично развитой личности. Это положение актуализирует школьное технологическое образование, важнейшей задачей которого является творческое развитие личности путем овладения ими знаниями и умениями в области традиционных народных ремесел, отражающих специфику традиционной культуры национального региона, каким является Чувашская Республика. Традиционная резьба по дереву, как неотъемлемая часть народной художественной культуры, позволяет интегрировать личность в этнокультуру, возникшая одновременно с появлением и развитием материального производства, она не потеряла своей привлекательности и в современной жизни. Сила традиции позволяет сохранять ее самобытность и национальные черты.

**Ключевые слова:** традиция, традиционное искусство, резьба по дереву, молодое поколение, художественная культура, национальный регион, этнокультура, промыли и ремесла, декоративно - прикладное искусство.

## ETHNOPEDAGOGICAL POTENTIAL OF TRADITIONAL WOOD CARVING IN THE EDUCATION OF A YOUNGER GENERATION

In the article author considers the potential of traditional woodcarving - educators, trainers who contribute to the education of a harmoniously developed personality. This provision actualizes the school technological education, the most important task of which is the creative development of the individual by mastering their knowledge and abilities in the field of traditional folk crafts, reflecting the specifics of the traditional culture of the national culture, which is the Chuvash Republic. Traditional woodcarving, as an integral part of folk culture, makes it possible to integrate an individual into the ethnoculture, which arose. The power of tradition allows you to preserve its identity and national traits.

**Keywords:** tradition, traditional art, wood carving, the younger generation

**Сведения об авторах:** ***Петров Геннадий Николаевич*** **–** кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных и социально-экономических дисциплин Чувашского государственного института культуры и искусств. **Адрес:** 428023, Россия, г. Чебоксары, улица Энтузиастов, 26/304. E-mail: chgiki.ntr@mail.ru.

**Information about the author:** ***Petrov Gennady Nikolaevich*** – PhD in Pedagogic sciences, associate professor of the department of humanitarian and socio-economic disciplines of Chuvash State Institute of Culture and Arts. **Address:** 428023, Russia, Cheboksary City, Enthusiastov Street 26/304, E-mail: chgiki.ntr@mail.ru. Tel.: **8 (8352) 33-09-69**

**УДК 372.851, 378.147**

# АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТҲО ВА ТАЪМИНИ ОБЪЕКТИВИЯТИ САНҶИШИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ГУЗАРОНИДАНИ КОРИ ХАТТӢ ОИД БА ҲАЛЛИ МУОДИЛАҲОИ КВАДРАТӢ

***Назаров А. П.***

**Гимназияи ба номи А. Балъамии шаҳри Ваҳдат, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Масъалаи баландбардории сифати таълим ва сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ айни замон яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф баҳисоб меравaнд. Омӯзгорон, олимон ва методистони соҳаи методикаи таълим барои ҳалли масъалаи мазкур роҳҳо ва усулҳои гуногунро истифода мебаранд, то ба натиҷаҳои баланди таълимӣ ноил гарданд. Бояд иқрор шуд, ки фанни математика яке аз фанҳои мушкил дар муассисаҳои таҳсилотӣ ба ҳисоб меравад. Тавре мушоҳидаҳо ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ нишон медиҳанд, аксар вақт омӯзгорон зимни гузаронидани корҳои санҷишӣ бо тартиб додани ду варианти кори санҷишӣ қаноат мекунанд, то вақти тафтиши корҳо ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ нагарданд. Ё худ ҳангоми тайёр намудани вариантҳои кори санҷишӣ вақти зиёд сарф накунанд ва заҳмати зиёд накашанд. Барои он ки сатҳи дониши хонандагон ҳангоми гузаронидани корҳои санҷишӣ ба таври воқеӣ баҳогузорӣ карда шавад, бояд, пеш аз ҳама, барои ҳар як хонанда варианти алоҳида тартиб дода шавад. Ин бошад, аз омӯзгорони фаннӣ талаб менамояд, ки дар интихоби масъалаҳо боэҳтиёт бошанд. Инчунин, ҳар як супориши интихобшударо бояд аввал худашон ҳал намоянд, то ҷавоби дурустро пешакӣ донанд. Дар сурати надонистани ҷавоби дуруст ва ё таваккалӣ интихоб кардани супоришҳо, омӯзгорон метавонанд дар вақти тафтиши вариантҳои корҳои санҷишӣ ба хатогиҳо роҳ диҳанд. Дар натиҷа хонандагони аълохон ва пешсаф метавонанд баҳои паст ва хонандагони сустхон бошанд, баҳои баланд гиранд, ки ин ба равони хонандагони аълохон ва пешсаф таъсири манфии худро расонида метавонад.

Мо чӣ тавр сатҳи дониши хонандагонро аз фанни математика ва сифати таълими онро дар муассисаҳои таҳсилотӣ баланд бардошта метавонем? Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон ва ба дониши хонандагон додани

баҳои объективӣ аз фанни математика мебошад. Барои таъмини объективияти санҷиши дониш бояд бо истифода аз технологияҳои информатсионии ҳозиразамон ва забонҳои барномасозии дараҷаи баланд технологияи наверо коркард намуд, то кори омӯзгоронро осон гардонад. Технологияҳои информатсионии ҳозиразамон ба омӯзгорони фаннӣ имкон медиҳанд, ки робитаҳои байнифаннии фанҳои математика ва информатикаро бо истифода аз компютер ташкил намоянд.Ин ба омӯзгорони фанҳои математика имкон медиҳад, ки вақтро сарфа намуда, меҳнати омӯзгор камтар карда шавад. Аз ҷумла, ҳангоми тайёр намудани мадракҳои дидактикӣ, ки бо истифода аз методҳои анъанавии ҷорӣ хароҷоти зиёд, меҳнат ва вақти зиёдеро талаб мекунад ва ба талабот ҷавобгӯй нестанд. Яке аз мақсадҳои асосии истифодабарии мадракҳои дидактикӣ дар ҷараёни таълим, ба ҳар як хонанда пешниҳод намудани супоришҳои фардӣ мебошад, то арзёбии салоҳиятҳо ва савияи дониши ҳар як хонанда доир ба мавзӯи муайяни таълимии омӯзонидашудаи фан санҷида шуда, дуруст муайян карда шавад. Ин масъаларо бо истифода аз барномасозӣ ҳал кардан имкон аст. Барномаҳои компютериро дар яке аз забонҳои барномасозии дараҷаи баланд тартиб дода, дар ҷараёни таълими фанни математика ҷорӣ менамоянд. Барномаҳои коркардшаванда бояд меҳнати омӯзгорони фанни математикаро дар ҷараёни таълим ва санҷиши объективии савияи дониш ва арзёбии салоҳиятҳо сабук намуда, вақтро сарфа намоянд.

Ташкили робитаҳои байнифаннии фанҳои математика ва информатика дар муносибати босалоҳияти таълим нақши бениҳоят калонро мебозанд. Мавриди зикр аст, ки ба масъалаи методикаи таълими фанни математика аз ин нуқтаи назар корҳои зиёд бахшида шудаанд [1, с.4].

Оид ба технологияи нави санҷиши объективонаи дониши хонандагон аз фанҳои математика мо барномаҳои зиёде кор карда, мақолаҳои илмию методии мувофиқро ба табъ расонидаем, аз ҷумла [5, с.10]. Яъне мо пештар дар корҳои худ ба масъалаи мазкур даст зада, баъзе пешниҳодоти худро оиди ҳалли мушкилии таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон аз фанни математика ироа карда будем. Кори мазкур бошад, давоми мантиқии корҳои зикргардида буда, дар онҳо бештар масъалаи ба таври объективӣ арзёбии дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми гузаронидани корҳои хаттию санҷишӣ ва мустақилона матраҳ гардида буданд. Дар мақолаи мазкур бошад, чун пештара, андешаҳо дар мисоли як кори санҷишии мушаххас оид ба ҳалли муодилаи квадратӣ ва коркарди таъминоти барномавии он бо истифода аз забони барномасозии дараҷаи баланди C++ Builder (варианти 10.2 дар бастаи барномаҳои RAD Studio буда) пешниҳод карда мешавад. Дар ин маврид салоҳиятҳои мавзӯи таълимии мазкур муодилаи квадратӣ, муодилаи квадратии ислоҳшуда, аъзоҳои якуму дуюм ва аъзои озоди муодилаи квадратӣ, дискриминанти муодилаи квадратӣ, ҳал доштан ё надоштани муодилаи квадратӣ, формулаҳои ёфтани решаҳои муодилаи квадратӣ ба ҳисоб мераванд.

Технологияи коркарди лоиҳаи барномаи компютерии санҷиши объективии дониши хонандагон оид ба ҳалли муодилаи квадратӣ ва арзёбии салоҳиятҳои он ин тавр аст. Дар навбати аввал, лоиҳаи навро сохта, ба он як шакли муколамагиро илова мекунем. Ин шакли муколамагӣ барои инъикос намудани супоришҳо ва шартҳои кори санҷишӣ истифода бурда мешавад. Ба шакли муколамагӣ номи матнии “**Санҷиши дониши хонандагон оид ба ҳалли муодилаи квадратӣ**” –ро мегузорем, ки он қимати хосияти Caption –аш мебошад. Барои тартиб додани муодилаҳои квадратӣ барои кори санҷишӣ ва инъикоси онҳо дар шакли муколамагӣ, аз теоремаи Виет истифода мебарем.

Забони барномасозии C++ Builder дорои типҳои санаи рӯз ва вақти *TdateTime* ва функсияҳои коркарди санаи рӯз ва вақт мебошад. Функсияи *DecodeTime(Time(),soat, daqiqa,soniya,millisoniya)* имкон медиҳад, ки бузургиҳои вақти дар соати системаи компютер бударо маълум кунем. Функсияи *DecodeDate(Date(),ruz,moh,sol)* бошад, бузургиҳои санаи рӯзи дар системаи компютер бударо бармегардонад. Инчунин, бо истифода аз функсияи *GetTickCount()* миқдори миллисонияҳои аз оғози кори барнома гузаштаро маълум менамоянд, масалан *long int ss=GetTickCount().* Типи бузургиҳои soat,daqiqa,soniya,millisoniya, ruz,moh,sol типи Word мебошанд. Тавре медонем, хурдӣ ва

калонии ҳарфҳо ҳангоми номгузории тағйирёбандаҳо дар забони барномасозии C++ Builder ба ҳисоб гирифта мешаванд. Бо истифода аз ин типҳо ва функсияҳо ва бо истифода аз оператори бахшиш қимати параметри *x1*–ро меёбем:

*x1=abs(int(317*(sin(float(ss))-cos(float(millisoniya))-sin(float(soniya))-cos(float(ruz)) +cos(float(moh))+cos(float(ss))))))+s;*

Қимати параметри *x1*–ро решаи якуми муодилаи квадратӣ гуфта, қабул мекунем, ки онро барнома тариқи худкор маълум менамояд ва пешакӣ муайян карда намешавад. Истифодабаранда ва барномасоз дар ҳолати кори барнома маълум карда наметавонанд. Қимати параметри *x1*набояд он қадар калон бошад, то хонандагон зимни ҳалли муодила ба душвориҳо дучор нагарданд. Пас ба барнома чунин филтрро илова карда метавонем:

*while (abs(x1)>25) x1=int(x1/4.73); x1=pow(-1.0,sn)*x1;*

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки қимати параметри *x1* адади бутун (ё мусбат, ё манфӣ) мебошад. Ба ҳамин тарз қимати параметри *x2*–ро маълум карда, решаи дуюми муодилаи квадратӣ гуфта қабул мекунем:

*x2=x1+ss+millisoniya; while (abs(x2)>19) x2=int(x2/3.98); x2=pow(-1.0, millisoniya)*x2;*

Мақсад мегузорем, ки решаҳои муодила бо ҳам баробар набошанд ва ғайринулӣ бошанд.

Дар супориши якум муодилаи квадратииислоҳшударо дохил мекунем, яъне қимати аъзои якуми муодилаи квадратиро *a=1* қабул мекунем. Қимати аъзоҳои дуюм ва озоди муодилаи квадратиро бо истифода аз теоремаи Виет ва операторҳои забони барномасозии C++ Builder ин тавр маълум мекунем:

*b=-x1-x2; c=x1*x2;*

Барои дар шакли муколамагӣ инъикос намудани қимати аъзоҳои дуюм ва озоди муодилаи квадратӣ аз ҷузъи идоракунии матнии *Edit* –и забони барномасозии C++ Builder истифода карда, қимати хосияти *ReadOnly*–ашонро *True*мегузорем, яъне танҳо барои дидан. Аломатҳои онҳо ва дигар матнҳоро бо истифода аз ҷузъи идоракунии нишонаи *Label* –и забони барномасозии C++ Builder инъикос мекунем. Бо мақсади боз ҳам беҳтар муайян намудани сатҳи дониши хонандагон оиди азхудкунии салоҳиятҳо ва натиҷаи онҳо, аз хонандагон мепурсем, ки дискриминанти муодиларо низ дохил кунанд. Барои аз тарафи хонандагон дохил намудани қимати дискриминант ва решаҳои муодилаи квадартӣ, ба шакли муколамагӣ ҷузъҳои идоракунии матнии *Edit* –ро бо имкони дохил кардан ва таҳрир кардан, яъне қимати хосияти *ReadOnly*–ашон *False* буда, илова мекунем. Намунаи қисми шакли муколамагӣ барои муодилаи якум дар **Расми** 1 оварда шудааст.




Расми 1.

Барои тартиб додани муодилаи дуюми супориши кори санҷишӣ, дар навбати аввал, қимати коэффитсиенти якуми муодила *a* –ро муайян мекунем. Бо ин мақсад аз оператори бахшиши зерин истифода мебарем, ки дар он *dd – дақиқа, sn – сония, ms – миллисония*:

*a=abs(int(237*(sin(float(ss))-cos(float(dd))-sin(float(sn))+cos(float(ms))+sin(float(moh))-cos(float(ruz))+cos(float(sol)))));*

Қимати параметри *a* бояд ғайринулӣ бошад, он қадар калон буданаш шарт нест, зеро ба хонандагон душворӣ оварда метавонад. Инчунин, ё мусбат, ё манфӣ бошад, яъне доимо якаломата набошад. Пас операторҳои зеринро ба матни барнома илова мекунем:

*while (a>9) a=int(a/2.08); if (a==0) a=2; a=pow(-1.0,sn)*a;*

Бо мақсади татбиқи теоремаи Виет, бо истифода аз операторҳои зерин қиматҳои решаҳои муодиларо маълум мекунем:

*while (abs(a)>7) a=int(a/2.34); if (a==0) a+=2;*

*x1=abs(int(201*(sin(float(2*ss))+cos(float(x1))-sin(float(2*ms))-cos(float(sn))-cos(float(ruz))+sin(float(moh))+sin(float(ss))))+a);*

*while (x1>7) x1=int(x1/3.1); x1=pow(-1.0,ms)*x1;*

*x2=abs(int(a+sin(float(ms))+ms+87*cos(float(x1)))); while (x2>8) x2=int(x2/1.37); x2=pow(-1.0,sn)*x2;if (int(abs(x1+x2))%2==1) x1++;while (abs(x1)==abs(x2) || x2==0) x2+=2;*

Қимати аъзоҳои дуюм ва озоди муодилаи квадратии дуюм мисли муодилаи квадратии якум маълум карда мешаванд, яъне *b=(-x1-x2)*a; c=x1*x2*a;*. Муодилаи квадратии дуюм бо ҳама ҷузъҳояш, мисли муодилаи квадратии якум, ба шакли муколамагӣ илова карда

мешаванд. Намунаи қисми шакли муколамагӣ барои муодилаи дуюм дар **Расми 2** оварда шудааст.




Расми 2.

Тавре медонем, дар ҷараёни таълими муодилаҳои квадратӣ дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ, ба хонандагон боз дигар формулаи ҳисобкунии дискриминант, аниқтараш D/4 –ро меомӯзонанд. Ин низ яке аз салоҳиятҳо зимни омӯзиши муодилаи квадратӣ ба ҳисоб меравад. Ин дар ҳолате имкон дорад, ки агар қимати аъзои дуюми муодилаи квадратӣ *b* ҷуфт бошад. Дар ин асос муодилаи сеюми супориши санҷиширо чунон тартиб медиҳем, ки қимати аъзои дуюми он *b* ҷуфт бошад. Бо истифода аз операторҳои зерин қимати аъзои якуми муодилаи квадратии сеюмро меёбем:

```
a=int(105*(sin(float(a))-cos(float(ss))-sin(float(dd))-cos(float(sn))+sin(float(ms))+cos(float(moh))-sin(float(ruz))+sin(float(sol))));
while (abs(a)>7) a=int(a/2.34); if (a==0) a+=2;
```

Сатрҳои зерини барнома бошанд, имкон медиҳанд, ки қиматҳои решаҳои муодиларо интихоб кунем:

```
x1=abs(int(201*(sin(float(2*ss))+cos(float(x1))-sin(float(2*ms))-cos(float(sn))-cos(float(ruz))+sin(float(moh))+sin(float(ss))))+a);
while (x1>7) x1=int(x1/3.1); x1=pow(-1.0,ms)*x1;
x2=abs(int(a+sin(float(ms))+ms+87*cos(float(x1)))); while (x2>8) x2=int(x2/1.37); x2=pow(-1.0,sn)*x2;
```

Барои ҷуфт гардидани қимати аъзои дуюми муодилаи квадратӣ, ба ин сатрҳои барнома сатрҳои зеринро илова мекунем:

```
if (int(abs(x1+x2))%2==1) x1++; while (abs(x1)==abs(x2) || x2==0) x2+=2;
```

Акнун бо татбиқи теоремаи Виет ва бо истифода аз сатрҳои зерини барнома қимати аъзоҳои дуюм ва сеюми муодилаи квадратии сеюмро меёбем:

```
b=(-x1-x2)*a; c=x1*x2*a;
```

Дар охир, монанд ба муодилаҳои якум ва дуюм, муодилаи квадратии сеюмро бо ҳама ҷузъҳояш ба шакли муколамагӣ илова мекунем, ки намунаи ин қисми шакли муколамагӣ дар **Расми 3** оварда шудааст.




Расми 3.

Ба шакли муколамагӣ як тугмаи амриро илова карда, номи матнии онро "*Супориш*" мегузорем. Матни умумии барнома, ки барои тартиб додани ҳарсе муодилаҳои квадратӣ ва инъикос намудани онҳо ба шакли муколамагӣ истифода бурда мешаванд, ба протседураи ин тугмаи амрӣ дохил мекунем. Ин қисми лоиҳаи барномаро компилятсия намуда, ба файли барномавӣ табдил медиҳем. Пас аз ба кор омода шуданаш, тугмаи амрии "*Супориш*" –ро пахш мекунем. Мебинем, ки ҳар се муодилаи квадратӣ дар шакли муколамагӣ инъикос мегарданд. Майдонҳо барои дохил намудани қимати дискриминант ва решаҳои муодилаҳои квадратӣ низ инъикос мегарданд. Ҳар боре, ки тугмаи амрии "*Супориш*"–ро пахш мекунем, мебинем, ки муодилаҳои гуногуни квадратӣ дар шакли муколамагӣ инъикос меёбанд. Бо ҳамин қадами аввали коркарди лоиҳа ба охир мерасад.

Қадами дуюми лоиҳаи барнома санҷиши дурустии ҷавобҳои аз тарафи хонанда, ё умуман истифодабаранда дохилкардашуда мебошад. Ин ҳам бошад, дурустии қимати дискриминант ва ҳарду решаи муодилаи квадратӣ мебошанд. Танҳо дар ҳолати ҳар се ин қиматҳо дуруст буданаш, муодилаи квадратӣ дуруст ҳал кардашуда ҳисобида мешавад ва ба хонанда як хол дода мешавад. Барои як хол баҳои 3 (миёна), барои ду хол баҳои 4 (хуб) ва барои се хол баҳои 5 (аъло) мегузорем. Барои дурустии санҷиш мо аз технологияи зерин истифода мебарем:

*1.* Санҷиш танҳо дар ҳолате гузаронида мешавад, ки агар қимати дискриминант ва ҳарду решаи муодилаи квадратӣ дохил гардида бошанд.

*2.* Ранги рангрезии ҷузъҳои идоракунӣ, ки ба онҳо қимати дискриминант ва ҳарду решаи муодилаи квадратӣ дохил карда мешаванд, мустақиман сафед мебошанд. Пас аз

санҷиш, агар қимати дохилгардида дар ҷузъи идоракунии матнӣ дуруст бошад, пас ранги рангрезии ҷузъи идоракунӣ сабз мегардад. Дар ҳолати баръакс сурх мегардад.

*3.* Ҷузъҳои идоракуние, ки қиматашон санҷида шудаанд, ба реҷаи танҳо дидан мегузаранд.

Матни барномаи санҷиши ҷавобҳои дохилгардида барои муодилаи квадратии якумин аст:

```
double a, b=1, c=1, x1, x2, d; int baho=0, s=0;
if (Label1 ->Caption == '-') b=-1; if (Label4 ->Caption == '-') c=-1;
b = b*StrToFloat(Edit2 -> Text); c = c*StrToFloat(Edit3 -> Text); d=b*b-4*c;
if (Edit1 -> Text != "" && Edit4 -> Text != "" && Edit5 -> Text != "") {
x1=StrToFloat(Edit4 -> Text); x2=StrToFloat(Edit5 -> Text);
if (StrToFloat(Edit1 ->Text) ==d) {Edit1 ->Color = clLime; s++;} else Edit1 ->Color = clRed;
if (x1*x1+b*x1+c ==0 ) {Edit4 ->Color = clLime; s++;} else Edit4 ->Color = clRed;
if (x2*x2+b*x2+c ==0 ) {Edit5 ->Color = clLime; s++;} else Edit5 ->Color = clRed;
if (s==3) baho++; s=0;}
```

Матни барномаи санҷиши ҷавобҳои дохилгардида барои муодилаҳои квадратии дуюм ва сеюм монанд ба муодилаи квадратии якум аст. Танҳо дар муодилаи квадратии дуюм барои санҷиши қимати дискриминант аз оператори бахшиши *d=b*b-4*a*c;* ва барои муодилаи квадратии сеюм аз оператори бахшиши *d=pow(b/2,2)-a*c;* истифода мебаранд. Матни барномаи санҷиши ҷавобҳои дохилгардидаро ба протседураи дигар тугмаи амрӣ дохил мекунем. Барои ин ба шакли муколамагии лоиҳаамон тугмаи дуюми амриро илова карда, ба он номи матнии "***Санҷиш***"–ро мегузорем. Бо ҳамин қадами дуюми коркарди лоиҳаи барнома ба охир мерасад.




Расми 4.

Тавре қайд кардем, ҷузъҳои идоракуние, ки қиматашон санҷида шудаанд, ба реҷаи танҳо дидан мегузаранд. Дар ҳолате ки, агар муодила нодуруст ҳал карда шуда бошад ва ё ягон қимат(ҳо) нодуруст дохил карда шуда бошад, пас ба хонанда имкон додан зарур аст, ки муодиларо аз нав ҳал карда, қиматҳоро дуруст дохил кунад. Албатта, ин ҳама дар давоми вақти дарси санҷишӣ амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад ба шакли муколамагии лоиҳаамон тугмаи сеюми амриро илова карда, ба он номи матнии "***Давомдиҳӣ***"–ро мегузорем. Бо пахши ин тугма ҳама ҷузъҳои идоракунии матнӣ, ки барои дохилкунии ҷавобҳо истифода мешаванд, ба реҷаи таҳриркунӣ гузашта, ранги рангрезиашон сафед мегардад. Акнун хонанда имкон пайдо мекунад, ки муодиларо дуруст ҳал карда, ҷавобҳои дурустро дохил карда, бо пахши тугмаи амрии "***Санҷиш***" дурустиашонро санҷад. Бо ҳамин коркарди лоиҳаи барнома ба охир мерасад. Лоиҳаро пурра компилятсия намуда, файли барномавиро тайёр намуда, онро ба кор омода мекунем. Пас аз ба кор омода намуданаш, тирезаи кории он кушода мешавад, ки намунааш дар **Расми 4** оварда шудааст. Пас аз пахши тугмаи "***Супориш***" ҳар се муодилаҳои квадратӣ ва ҷузъҳои идоракунии матнӣ барои дохилкунии ҷавобҳо инъикос мегарданд. Тугмаи амрии "***Санҷиш***" низ тариқи худкор пайдо мешавад (**Расми 5**). Акнун хонанда муодилаҳои квадратиро дар дафтараш навишта, онҳоро ҳал карда, ҷавобҳояшро дар майдонҳои ҷузъҳои идоракунии матнӣ дохил менамояд. Аз кадом муодила корро оғоз карда, ҳал кардан, ягон нақш бозӣ

намекунад. Пас аз дохил намудани ҷавобҳои ҳалли муодила ва пахш намудани тугмаи амрии “*Санҷиш*”, тугмаи амрии “*Санҷиш*” нест шуда, тугмаи амрии “*Давомдиҳӣ*” тариқи худкор пайдо мешавад. Баҳои хонанда низ инъикос мегардад. Дар **Расми 6** ҳамчун намуна, ҳолати ҳалли муодилаи квадратии сеюм оварда шудааст. Агар хонанда хоҳад, ки корро давом диҳад, пас тугмаи амрии “*Давомдиҳӣ*”–ро пахш мекунад. Тугмаи амрии “*Давомдиҳӣ*” нест шуда, тугмаи амрии “*Санҷиш*” тариқи худкор пайдо мешавад (**Расми 5**).




Расми 5.




Расми 6.

Технологияи коркардшудаи кори санҷишӣ оид ба санҷиши дониши хонандагон доир ба ҳалли муодилаҳои квадратӣ ба хонандагон зимни ҳалли муодилаҳо ягон душвориҳо ва мушкилиҳоро пеш намеорад. Зеро ягон қонуниятҳои илмҳои математика, методикаи таълими математика ва психология вайрон намегарданд. Насбкунии барнома дар компютерҳо ё сервери дурдаст низ ягон мушкилиро ба миён намеорад, зеро танҳо аз як файли барномавӣ иборат аст. Барномаи коркардшударо мумкин аст, ки дар ҳар як компютери синфхона насб намоем, ё дар як компютери синфхона, ки дорои шабакаи маҳдуди компютерӣ аст, насб намуда, барои истифодаи умум иҷозат диҳем. Ё худ ба сервери дурдаст насб карда, тавассути шабакаи Интернет барои ворид шудан иҷозат дода, онро ҳар хонанда дар алоҳидагӣ ба кор омода намояд. Ҳар як хонанда, ки тугмаи “*Супориш*”–ро пахш кард, дар шакли фардӣ муодилаҳои квадратӣ бо коэффитсиентҳои гуногун пешниҳод мегарданд. Мавриди зикр аст, ки қиматҳои дискриминант ва решаҳои муодилаҳо *X1* ва *X2*дар ягон майдони матнӣ, нишонаҳо ё пойгоҳи додаҳо нигоҳ дошта намешаванд ва имкони пешакӣ муайян намудан, ё фаҳмидани онҳо ба хонандагон, омӯзгорон, барномасозон, ё умуман истифодабарандагон нест! Ин худ як ихтирооти илмӣ дар соҳаи барномасозӣ ва методикаи таълими математика ва информатика аст.

Технология ва барномаи мазкур, ки аз ягон пойгоҳи додаҳо вобаста нест ва ба ҳар як хонанда тариқи фардӣ се муодилаи квадратиро барои ҳал пешниҳод менамояд, аз як тараф, ба хонандагон имкон намедиҳад, ки роҳи ҳалли муодила ва ҷавобҳоро аз якдигар

рӯйбардор кунанд. Аз тарафи дигар, мустақилияти хонандагонро зимни ҳалли муодилаҳои квадратӣ таъмин намуда, объективияти санҷиши дониши хонандагонро таъмин менамояд. Зеро санҷиши дониш ва назорат яке аз ҷузъҳои муҳимми ҷараёни таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Ба омӯзгори фанни математика бошад, имкони сарфи вақт ва меҳнати камро бе истифода аз санҷиши дафтар ва бе тахтаи синфӣ имкон медиҳад. Зарурати тайёр намудани мадракҳои дидактикӣ ва санҷиши кори хаттӣ бо истифода аз ручкаи сурх аз байн меравад.

Ташкили робитаҳои байнифаннии фанҳои математика ва информатика ба хонандагон имкон медиҳанд, ки мазмун ва мундариҷаи ҳарду фанро дуруст дарк намуда, дар сатҳи баланд аз худ кунанд. Аҳаммияти амалии фанҳои математика ва информатикаро дуруст фаҳмида, шавқу ҳаваси худро ба ин фанҳо бештар кунанд. Истифодабарии технологияи информатсионӣ дар ҷараёни таълим имкон медиҳанд, ки бисёре аз мушкилиҳои таълимиро бартараф кунем, шаклҳои таълими гурӯҳӣ, умумӣ ва фардиро ташкил намоем. Инчунин, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки робитаҳои байнифаннӣ имкони боз ҳам амиқтар омӯхтани фанни математика гашта, замина барои дар оянда омӯхтани алгоритмсозӣ ва барномасозӣ дар фанни информатика мегарданд.

Яке аз талаботҳои санҷиши объективии дониши хонандагон аз фанни математика бо истифода аз ин технология ва барномасозӣ, дуруст интихоб намудани шартҳои мисолу масъала дар доираи барномаи таълимӣ аст.Ба ҳар як ҷавоби мисолу масъалаи аз тарафи хонанда иҷрокардашуда бояд зуд баҳо гузорем, дуруст ё нодуруст буданашонро зуд эълон кунем.Тавре қайд кардем, ин барои омӯзгори фаннӣ дар усули анъанавии ҷории дастӣ бениҳоят кори мушкил ва меҳнатталаб аст.

Лоиҳаи барномаро метавонем такмил диҳем ва ба он боз супоришҳои навро вобаста ба салоҳиятҳои фаннӣ дохил кунем. Масалан, мо метавонем дар зери ҳар як муодилаи квадратии дар шакли муколамагӣ буда яке аз супоришҳои зеринро дохил карда, натиҷаҳои бештари салоҳиятҳоро ба даст орем:

1. Фарқи аъзои озод ва аъзои дуюмро ёбед.
2. Кадоме аз қимати решаҳои муодила калонтарин аст?
3. Ҳосили зарби аъзои якум ва аъзои озодро ёбед.
4. Ҷамъи аъзои якум ва аъзои озодро ёбед.
5. Решаи квадратӣ аз дискриминантро ёбед.

## АДАБИЁТ


1. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки / М. Нугмонов. - Душанбе, 2011. - 290 с.
2. Родионов М.А. Пути и средства организации текущего самоконтроля младших школьников в процессе обучения математике / М.А. Родионов, Э.Х. Акчурина // Вестник Поморского университета. Серия Гуманит. и соц. науки. -2008. -№3. -С. 95.
3. Абдукаримов М.Ф. К вопросуактивизации познавательной деятельности студентов вузов Республики Таджикистан при проведении лабораторных работ по предмету численных методов / М.Ф.Абдукаримов, Р.Т. Баротов, Н. Шерматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. -2016. -№ 1-1 (192). -С. 107-110.
4. Абдукаримов М.Ф. Развитие творческой активности студентов вузов Республики Таджикистан при проведении лабораторных работ по предмету численных методов / М.Ф. Абдукаримов, Р.Т. Баротов // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. -2016. -№ 1-4 (216). -С. 26-35.
5. Назаров А.П. Методикаи таълими информатика / А.П. Назаров. – Душанбе, 2016. – 444 с.
6. Назаров А.П. Технологияи компютерии гузаронидани кори хаттӣ оид ба ҳалли системаи муодилаҳои хаттии дуномаълума/ А.П. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –2018. -№ 1/4 (57). -С. 133 – 138.
7. Назаров А.П. Ташкили робитаҳои байнифаннии фанҳои математика ва информатика бо истифода аз компютер / А.П. Назаров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–амалии “Проблемаҳои муосири таҳсилоти математикӣ, физикӣ ва информатикӣ дар мактабҳои миёнаю олӣ”, ба истиқболи 25 – солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 55-солагии кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2016. – С. 169 – 171.
8. Назаров А.П. Технологияи таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон оиди ҳосила бо истифода аз технологияи компютерии ҳозиразамон / А.П. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои табиӣ. -2017. -№1/5. -С. 103-108.
9. Назаров А.П. Яке аз усулҳои таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон аз фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / А.П. Назаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 70 - солагии профессор Б. Алиев. –Душанбе, 2014. – С. 84 – 89.

10. Назаров А.П. Технология объективного контроля знаний учащихся по математике при проведении письменных контрольных работ / А.П. Назаров // Материалы X Юбилейной Международнойнаучно-практической интернет-конференции, Мозырь, 27–30 марта 2018 г. «Мозырский государственный педагогический университет имени И. П. Шамякина», Республики Беларусь. – С. 132 – 134.

## АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТҲО ВА ТАЪМИНИ ОБЪЕКТИВИЯТИ САНҶИШИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ГУЗАРОНИДАНИ КОРИ ХАТТӢ ОИД БА ҲАЛЛИ МУОДИЛАҲОИ КВАДРАТӢ

Аз нуқтаи назари объективӣ баҳогузорӣ намудан ба дониши хонандагон аз фанни математика имкон медиҳад, ки сифати таълимро баланд бардорем. Сатҳи мустақилият ва маҳорату малакаи хонандагонро ҳангоми иҷрои супоришҳои корҳои санҷишӣ баланд бардорем. Бо ин мақсад зарур аст, ки бо истифода аз технологияҳои информатсионии ҳозиразамон ва забонҳои барномасозии сатҳашон баланд таъминоти барномавиро коркард намоем. Дар мақолаи мазкур бо истифода аз забони барномасозии сатҳи баланди C++ Builder, ки ба бастаи барномаҳои RAD Studio (варианти 10.2) дохил аст, технологияи коркарди таъминоти барномавии санҷиши объективии дониши хонандагон оид ба ҳалли муодилаҳои квадратӣ оварда шудааст. Ҳангоми коркарди барнома ва баҳисобгирии салоҳиятҳои фаннӣ, ба хонандагон се муодилаи квадратӣ барои ҳал намудан пешниҳод карда мешавад. Тарзи кор бо барнома фаҳмонда шудааст. Ҳангоми пахши тугмаи амрии “Супориш” ба ҳар як хонанда дар шакли фардӣ се муодилаи квадратӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳар хонанда муодилаҳои квадратиро дар дафтарашон навишта, онҳоро ҳал карда, ба барнома танҳо қимати дискриминант ва ҳалҳои онро дохил мекунанд. Бо пахши тугмаи амрии “Санҷиш” дурустии ҷавобҳои дохилкардашуда тариқи худкор санҷида мешаванд.

**Калидвожаҳо**: муодилаи квадратӣ, салоҳият, аъзоҳои муодилаи квадратӣ, дискриминант, решаҳои муодилаи квадратӣ, объективият, санҷиши дониш, кори хаттӣ, барномасозӣ, шакли муколамагӣ, теоремаи Виет.

## ОЦЕНИВАНИЕ КОМПЕТЕНЦИЙ И ОБЕСПЕЧЕНИЕ ОБЪЕКТИВНОСТИ ОЦЕНИВАНИЯ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ ПРИ ПРОВЕДЕНИИ ПИСЬМЕННОЙ РАБОТЫ ПО РЕШЕНИЮ КВАДРАТНЫХ УРАВНЕНИЙ

Объективное оценивание знаний учащихся по математике даёт возможность повысить качество обучения,а также поднять и укреплять степень самостоятельности учащихся, навыки и умения учащихся по математике при решении письменных работ. С этой целью необходимо разработать программное обеспечение с применением современных информационных технологий и языков программирования высокого уровня. В данной статье рассматривается технология разработки программного обеспечения для объективного оценивания знаний учащихся при решении квадратных уравнений с использованием языка программирования высокого уровня C++ Builder из пакета программ RAD Studio (вариант 10.2). При разработке программы и учете предметных компетенций, учащимся предоставляются три квадратных уравнения для решения. Приведен порядок работы с программой. При нажатии коммандной кнопки “Задание” каждому учащиемуся индивидуально предлагается три квадратных уравнения. Каждый школьник записывает квадратные уравнения в своей тетради и решает их, а в программу вводит только значения дискриминанта и корней уранения. При нажатие коммандной кнопки “Проверка” происходит автоматическая проверка правильности введенных ответов.

***Ключевые слова***: квадратное уравнение, компетентность, члены квадратного уравнения, дискриминант, корни квадратного уравнения, объективность, проверка знаний, письменная работа, программирование, диалоговая форма, теорема Виета.

## ASSESSMENT OF COMPETENCIES AND ENSURING OBJECTIVITY OF ASSESSMENT OF STUDENTS ' KNOWLEDGE DURING THE WRITTEN WORK ON THE SOLUTION OF SQUARE EQUATIONS

An objective assessment of knowledge of pupils in mathematics gives you the opportunity to improve the quality of learning and also to raise and strengthen the degree of autonomy of students, the skills and abilities of students in mathematics in the solution of written work. To this end, it is necessary to develop software using modern information technology and high-level programming languages. This article discusses the technology of software development for the objective assessment of students ' knowledge in the solution of square equations using a high-level programming language C++ Builder from the software package RAD Studio (option 10.2). With the development of the program and consideration of subject competence, students are given three quadratic equations for solution. The order of work with the program is given. When pressing the command button “Setting” to each student individually proposes three quadratic equations. Each student writes square equations in his notebook and solve them, and the program introduces only the value of the discriminant and the roots of uranium. When you press the command button “Check” is automatic verification of the entered answers.

***Key words***: quadratic equation, competence, members of the quadratic equation, discriminant, roots of the quadratic equation, objectivity, knowledge testing, written work, programming, dialog form, Viet's theorem.

**Сведения об Авторе:** ***Назаров Ахтам Пулатович*** – кандидат педагогических наук (13.00.02), учитель высшей квалификационной категории гимназии имени А. Балъами города Вахдат. Адрес: 735400, Республика Таджикистан, г. Вахдат, ул. Б. Бурунов – 21. Телефон: **919624444, 935166101**. E-mail: **ahtam_69@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nazarov Ahtam Pulatovich*** – candidate of pedagogic Sciences (13.00.02), teacher of the highest qualification category of the gymnasium named after A. Balami of the city of Vahdat. 735400, Republic of Tajikistan, Vahdat, st. B. Burunov – 21. Tel: **919624444, 935166101**. E-mail: **ahtam_69@mail.ru**

УДК: 372.87.0(575.3)

# МУБРАМИЯТ ВА НАҚШИ МУНОСИБАТҲОИ САЛОҲИЯТНОК ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ

*Норов Ф.Ф.*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар замони имрӯза рақобатпазир будан дар бозори меҳнат, пеш аз ҳама, аз имкониятҳои зеҳнии инсон, яъне бохабар будан аз технологияҳои замонавӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба шароитҳои гуногуни ҳаёти пуртазод вобастагии зиёд дорад. Дар ҷомеаи муосир танҳо инсоне фаъолияти босамар бурда метавонад, ки дорои хусусияти худтакмилдиҳӣ мебошад. Қобилияти созандагиву эҷодкорӣ доштан, мустақилона ҳаллу фасл кардани муаммоҳои пешомада, дарёфти ахбороти лозимӣ, қобили азхудкунии маводҳои нав ба нав дар ҳаёт ва фаъолияти ҳамарӯза будан, яке аз талаботҳои асосии ҷомеаи имрӯзаро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим яке аз масъалаҳои муҳим ва асосӣ ба ҳисоб рафта, ҳаллу фасли он ба дигаргунсозии мақсад ва мундаричаи таълим бо муносиб кардан бо услубҳову воситаҳои асосии ташкилу ба роҳ мондани раванди омӯзиш амалӣ гардонида мешавад.

Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллат- Пшвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади хеш бахшида ба Рӯзи дониш баён намуданд: *"Мушкилиҳову таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт ҳанӯз камбудиҳо вуҷуд доранд ва ислоҳи саривақтии онҳо боиси таҳаввулоти сифатӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ мегардад. Дар баробари ин, самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти салоҳиятнок ва давра ба давра ҷорӣ намудани он дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот талаби замон мебошад'*[1].

Дар ҷараёни такмилу дигаргуншавии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин баҳогузории натиҷаҳои омӯзиш ва заминаҳои асосии он ба куллӣ тағйир меёбанд. Масалан, саводнокӣ ва омодагӣ ба кордониву салоҳиятнокӣ иваз шуда, воситаҳои фаъолият бошанд, ба муносибатҳои салоҳиятнок нигаронида мешаванд.

Мафҳуми муносибатҳои босалоҳият аввалин маротиба дар Англия таҳқиқ ва коркард шудааст. Дар он марҳила ин муносибатҳо ба омӯзишу маориф вобаста набуда, салоҳиятнокӣ ҳамчун ҷавоб ба дархости муайяни ҷомеаву муҳити касбии онвақта ба вуҷуд омадааст. Дар солҳои 70-уми асри XX дар Амрико фаҳмишҳои "салоҳият" ва "салоҳиятҳои калидӣ" бештар дар ҷодаи савдо, вобаста ба муаммоҳо ва муайян сохтани сифатҳои мутахассиси муваффақ истифода мешуданд.

Дар аввал мафҳуми салоҳиятнокӣ ҳамчун ташкилдиҳандаи умумии ҳамаи фаъолиятҳои касбӣ, баҳо дода мешуд. Табиист, ки дар ин ҷо суоле ба миён меояд: Оё салоҳиятнокиро омӯзонидан мумкин аст? Ҳамин тавр маҷмӯи масъалаҳои салоҳиятнокӣ ба соҳаи маориф ворид гашта, бо мурури замон дар он мавқеи муайянро ишғол кард.

Яке аз сабабҳои асосии тағйирот дар муносибати таълим (мундариҷа ва раванди таълим) талабот ва нақшаҳои "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020" мебошад. Тибқи он "Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир ба ташаккул додани салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳиятҳои малакавии асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокиву қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбӣ дар бозори меҳнат, донишу малака барои худтакмилдиҳӣ, малакаи тарзи ҳаёти солим ва дигар арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намояд"[2, с16].

Соҳаи маориф оғоз аз давраҳои педогоги бузурги Чех Я.А. Каменский бо воҳидҳои асосии дониш маҳорат ва малака фаъолият мекард. Соҳаи касбӣ бошад, дар навбати худ, бо дигар воҳидҳо, яъне бо салоҳиятҳои касбӣ фаъолият мебурд. Дар ин хусус касбу ихтисос муайян месозад, ки инсон дорои кадом салоҳиятҳо аст, ё доираи салоҳиятнокии он чӣ гуна аст. Вазифаи маориф дар он ифода мегардад, ки чӣ гуна донишу маҳорат ва малакаро ба салоҳиятҳои муайян гурӯҳбандӣ намояд, ки он, дар навбати худ, дар соҳаи касбӣ аввалиндараҷа мебошанд.Барои муайян кардани моҳияти муносибатҳои салоҳиятнок дар раванди таълим, пеш аз ҳама, мафҳуми "салоҳиятнокӣ"-ро таҳлил кардан лозим аст.

Вожаи салоҳиятнокӣ ё худ "компетенсия" дар тарҷума аз забони лотинӣ инчунин маҷмӯи суолҳоро дар бар мегирад, ки инсон ба онҳо хуб омода буда, дар ягон намуди фаъолият дорои фаҳмишҳои амиқ ва таҷрибаи бой мебошад.

Ба ақидаи доктори илмҳои педогогӣ, академики Академияи байналмилалии педогогии шаҳри Москав, назарияшиноси муносибатҳои салоҳиятнок А.В. Хуторский, инсоне, ки дар фаъолияти хеш дорои салоҳияти баланд мебошад, пеш аз ҳама, соҳиби донишҳои лозимӣ аст. Ин донишҳои касбӣ имконият медиҳанд, ки инсон дар фаъолияти худ пешсаф

шуда, боз ҳам фаъолияти пурсамар барад. Инчунин, А.В. Хуторский муайян месозад, ки салоҳиятнокӣ ин омода будани инсон ба сафарбаркунии донишу маҳорат ва сарчашмаҳои асосии берунӣ барои фаъолияти пурсамар дар ҳолатҳои муайяни ҳаёт ба ҳисоб меравад. Салоҳиятнокӣ ин маҷмӯи сифатҳои инфиродии хонанда, ба монанди (арзишҳои маънавӣ, дониш, маҳорат, малака, қобилиятҳо), ки имконияти амаливу шахсии ӯро дар фаъолияти муайян татбиқ месозанд, ба ҳисоб меравад [4, с.7].

Доктори илмҳои равоншиносӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Русия И.А. Зимняя дар зери мафҳуми салоҳиятнокӣ донишу тафаккури муайянро дар назар дорад, ки вобаста ба изҳори сифатҳои шахсият чун таҷрибаи иҷтимоиву касбӣ ва ҳаётии инсон амалӣ гардонида мешавад [5, с.3].

### ТАЪРИХИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ВА САМТҲОИ МУОСИР ДАР ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур муаллиф таърихи рушди таҳсилоти фосилавиро дар низоми муосир таълим мавриди таҳлил қарор додааст. Таҳсилоти фосилавӣ дар асри XVIII дар намуди шакли ғоибонаи таълим ба миён омадааст. Дар мақола татбиқи таҳсилоти фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Кариб ки дар тамоми макотиби олии кишвар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар шакли ғоибонаи таълим таҳсилоти фосилавӣ ҷорӣ карда шудааст. Таҳсилоти фосилавӣ дорои бартариятҳо ва камбудиҳо низ мебошад. Афзалияти таҳсилоти фосилавӣ графики фасеҳи таълим ва таълими пайдарпай мебошад.

**Калидвожаҳо:** Интернет, таҳсилоти фосилавӣ, таърих, рушд, макотиби олӣ, пахши мустақим, донишгоҳ..

### ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ И СОВРЕМЕННЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ В ОБРАЗОВАНИИ

В данной статье автором анализируется история развития дистанционного обучения в современной системе обучения. ДО появилось в XVIII веке в виде заочной формы обучения. В статье также рассматривается внедрение дистанционного обучения в Республике Таджикистан. Почти во всех высших учебных заведениях по решению Правительства на заочной форме обучения внедрено ДО. ДО имеет свои преимущества и недостатки. Преимуществами ДО является гибкий график обучения, непрерывное обучение.

**Ключевые слова:** Интернет, дистанционное обучение, история, развитие, вуз, онлайн, университет.

### HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF THE REMOTE EDUCATION AND MODERN DIRECTION IN FORMATION

In given article author is analyzed history of the development of the remote education in modern system of the education. Before came up for XVIII age in the manner of заочной of the form of the education. In article is also considered introducing the remote education in Republic of Tajikistan. Nearly in all high educational institutions on decision Government on заочной to form of the education is introduced before. their own advantage and defect has before. The advantage before is a flexible graph of the education, unceasing education.

Key words: Internet, remote education, history, development, high school, онлайн, university.

**Сведения об авторе:** ***Файзализода Б.Ф.*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат педагогических наук, доцент кафедры информационных технологий. **Адрес:** Республика Таджикистан, 735140, Хатлонская обл., г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **(+992) 915-44-49-49**. E-mail: **faizalizoda.bakhrullo@mail.ru**

**Information about the author:** ***Faizalizoda B.F.*** - Bokhar state university of the name Nosiri Husrav, candidate of the pedagogical sciences, assistant professor of the pulpit information technology. **Address:** Republic of Tajikistan, 735140, Hatlon obl., Bohtar, str. Ayni, 67. Tel. **(+992) 915-44-49-49**. E-mail: **faizalizoda.bakhrullo@mail.ru**

УДК:371 (575.3)

# БАЪЗЕ РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБИИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ

***Рамазонова Р.С.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар замони муосир талабот ба мутахассисони нававару эҷодкор рӯз ба рӯз меафзояд. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии мактабҳои таҳсилоти умумӣ - баландбардории сатҳи маърифатии толибилмон, ташаккули қобилияти фикрӣ ва эҷодии онҳо мебошад. Масъалаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва замонавист, зеро яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва нишондиҳандаи шукуфоии миллат маҳз ташаккули қобилияти эҷодии шахс буда, бештар дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ташаккул меёбад.

Президенти кишвар, дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012 иброз дошта буд: «Имрӯз вазифаи муҳимми соҳаи маориф аз он иборат аст, ки дар баробари инкишофи илмҳои гуманитарӣ, тамоми қувват ва имкониятро ба рушди илмҳои техникӣ ва дақиқ, такмили тафаккури техникӣ ва иқтисодии ҷомеа, ташаккули қобилияти эҷодии ҷавонон равона созад».

Дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бо истифода аз усулҳои ғайрианъанавӣ, пеш аз ҳама, бояд шахсият, инсони мустақил, озоду эҷодкор ва соҳибихтиёр ба камол расад. Аз ин ҷост, ки дар корҳои беруназсинфӣва беруназмактабӣ ба масъалаи таълим ва тарбия аҳаммияти зиёд дода мешавад. Дар баробари фаҳмондадиҳии маводи таълимӣ муаллим дар ин маврид вазифадор аст, ки дар ҷараёни корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии ғайрианъанавӣ қобилияти эҷодии хонандагонро сайқал дода, дар онҳо ростиву росткорӣ, некиву накукорӣ, нисбати шахсони калонсол ғамхору меҳрубон будан ва ҳамчунин эҳтироми падару модарро ба ҷо овардан тарбия намояд.

Ҳаёти инсонӣ бо тамоюли тағйирёбанда муносибати эҷодии ӯро тақозо менамояд. Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ талабот ба шахсияти эҷодкор рӯз ба рӯз меафзояд. Талабот ба инсони муосир он аст, ки вай бояд барои фаъолияти эҷодии мустақилона пурра омода бошад, маҳсулотҳои нав ба нав барорад, мошинаву технологияҳои навро идора намояд, методҳои нав ба нави коркарди маҳсулотро аз худ намояд.

Ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии ғайрианъанавӣ ба муаллим имкон медиҳад, ки раванди таълиму тарбия ба таври объективӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин ҳолат тавсия дода мешавад, ки аксари масъалаҳо аз тарафи хонандагон ҳаллу фасл гарданд. Дар тайёр намудани корҳои эҷодӣ шавқу ҳаваси бачаҳоро ангезиш дода тавонистан, яке аз омилҳои муҳимми ба муваффиқият ноил шудани муаллим аст. Зеровазифаи муаллим танҳо аз он иборат нест, ки хусусиятҳои хонандагонро ба инобат гирифта, ҷиҳатҳои пурқимати шахсияти онҳоро муайян кунад, балки хусусиятҳои номатлубро пешгирӣ кунанд, тағйир диҳад ва аз нав тарбия намояд. Дар баъзе ҳолатҳо чунон менамояд, ки ноуҳдабароии хонанда нисбат дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣаз нокифоя будани дониш ва малакаҳои ӯ маншаъ мегирад ва инро на ҳама вақт ба осонӣ ошкоро кардан мумкин аст. Баъзе хонандагон бо мурури замон ба фаъолияти мураккабтар ворид шуданашон дар ибтидо ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва тавассути тарзу усулҳои фаъол маҳорати хонандагон тақвият ёфта, онҳо бо гурӯҳ ба натиҷаи дилхоҳ ноил мешаванд. Ҳамин тавр, қобилияти эҷодии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии ғайрианъанавӣ нишон медиҳад, ки дар раванди татбиқи амалҳои зикршудаҳаваси онҳо дар тайёр намудани корҳои эҷодӣ баланд мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар таъкид намудаанд: «Тарбияи мутахассисони соҳибмаълумот, баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбӣ ва густариши тафаккури техникии ҷомеа ва қабл аз ҳама ҷавонон, аз ҷумлаи масъалаҳои мубраме мебошанд, ки рушди имрӯзу фардои иқтисодиву иҷтимоии кишвар аз ҳалли онҳо вобаста мебошад. Ташаккули неруи зеҳнии дорои ҷанбаи эҷодӣ, навовариву ихтироъкорӣ ва рақобатпазир гардонидани тафаккури шахсият аз овони кӯдакӣ ва наврасӣ, яъне аз боғчаи кӯдакон ва мактаби миёна оғоз гардида, дар таълимгоҳҳои олӣ ва марказҳои илмӣ тақвият меёбад».

Дарачаи баланди қобилияти шахсро ба фаъолияти муайян, ки дар шакли бемислу монанди муносибат зоҳир мешавад ва барои ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоят баланд имкон медиҳад, истеъдод ном дорад. Хонандагоне, ки истеъдод доранд, дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ширкат варзида ба корҳои эҷодӣ машғул мешаванд.

Нобиға дарачаи зоҳир шудани баландилаёқат аст. Эҷодиёти одами гениалӣ барои ҷамъият аҳаммияти таърихӣ ва ҳатман мусбатро пайдо мекунад.

Маҳорат қобилиятҳои муайянемебошанд, ки аз рӯзи таваллуд ба инсон дода шуда, дар мавриди ба даст овардани донишу малакаҳо кушода мешаванд. Олимон намудҳои муайяни маҳоратро, ки хосси ин ё он дарачаи одамон аст, ҷудо мекунанд.

Дар аввали солҳои 80-ум олим Гарвард Гарднер, ки тоберо бо номи «Чорчӯбаи ақл» менависад, ки дар он 8 намуди маҳоратромуайянмесозад:

1. Интеллект - (фаъолиятификрӣ).
2. Рақамӣ- (қобилиятиҳисобкунӣвабарномасозӣ).
3. Шунавоӣ- (мусиқачиён, забоншиносон).
4. Фазоӣ- (мусаввирон, ороишгарон).
5. Ҷисмонӣ - (варзишгарон, раққосаҳо).
6. Шахсӣ- (ҳиссиётҳоидохилӣ).
7. Байнишахсӣ- (сиёсатмадорон, савдогарон, нақшофарандагон).
8. Маҳоратимуҳитиатроф- (ромкунандагон, заминдорон).

Зимни муайянсозии мафҳуми «маҳорат» хусусияти модарзодии инсон ба назар гирифта мешавад. Маҳорат ҳамчун маҳорату истеъдод ба чизе муайян карда мешавад, истеъдод бошад, ҳамчун қобилият тухфаи Худованд аст.

Ба иборaи дигар, «маҳорат» қобилиятимодарзодииХудододмебошад, кимуваффақиятҳоибаландро дар ҳама гуна фаъолият таъмин менамояд.

Педагогон донишҳои худро оиди хусусиятҳои шахсияти эҷодкор на дар мисоли шахсони эҷодкори ҳар даврузамон: адабиётшиносону таърихшиносон, санъаткорон, шоирону нависандагон, киҳар кадоме аз худ мероси бой боқӣ гузоштаанд, дарёфт намудаанд. Чуноне ки мегӯянд: «эҷодиёт беэҷодкор вуҷуд надорад».

Эҷодиёт маҳсули фаъолиятификрӣбуда, маънии аз имкониятҳои мавҷуда берун баромаданро ифода мекунад. Шахс якбора эҷодкор тавлид намешавад. Ҳамааш аз он вобастааст, ки барои истифодаи имкониятҳои ботинии инсон муҳитчӣ гунна шароитҳоро фароҳам меоварад. Барои фаҳмидани он ки фаъолияти эҷодӣ чӣ гуна инкишоф ёфтааст, бояд на танҳо дарачаи фаъолияти фикриро баҳогузорӣ намоем, балки шахсияти инсон ва зинаҳои ташаккули онро омӯзем. Ҳамаи ин аз иродаи мустаҳкам, серталабӣ, масъулиятшиносӣ ва ба қувваи худ бовар намудан вобаста аст.

Эҷодиёт фаъолиятест, ки дар натиҷаи он чизи наву аҷоиб ва нотакрор тавлид меёбад. Эҷодиёт дар худ муқовимати махсуси тафаккури эҷодиро таҷассум менамояд, яъне қобилияти доимо сари масъалаи нав андеша намудан, маҳорату малакаи андухтаро ба таври бояду шояд истифода бурданро тақозо менамояд. Нишондиҳандаҳои асосии қобилиятҳо -фаҳмиши тез, равшании ақл, нотакрорӣ, кунҷкобӣ, ҷасурӣ ва ғайра ба шумор мераванд. Дар ин ҷо баъзе аз ин сифатҳоро баррасӣ намудан муҳим аст.

**Хушзеҳниву тезфаҳмӣ зарфияти** ақидаҳои нав, ки дар як лаҳза ба вуҷуд омада метавонанд ва атрофиёнро ба худ моил месозанд.

**Чандирии ақл**-қобилияти ба тезӣ аз як фикр ба фикри дигар гузаштан, муайян сохтани он, ки як ахборотро дар дигар масъалаҳо низ истифода бурдан мумкин аст.

**Фасеҳият**-ин ба таври хуб ба дигарон баён кардани фикр аст. Он барои ба осонӣ гузаштан аз як ақида ба ақидаидигармусоидатменамояд.

**Нотакрорӣ**-қобилиятитавлидиғояҳоинав, ки аз мафкураҳоиумумӣ ба куллӣ фарқмекунанд.

**Амиқӣ**-қобилияти такмил додан ва ба анҷом расониданимаҳсули эҷодиёт.

**Ҷасурӣ**-қобилияти дар ҳолатиномуайянӣ ба ақидаиҳатмӣ омадан аз хулосаҳои худ натарсиданвакорро то охиррасонидан мебошад.

Барои дар хонандагон ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ аз усулҳои махсуси ташакули тафаккури эҷодии пурмаҳсул истифода мебаранд. Оиди раванди эҷодиёт ва

раванди таҳсил сухан ронда, муҳайё сохтани шароитҳоеро, ки барои ташаккули хусусиятҳои дар боло зикршуда мусоидат менамоянд, набояд фаромӯш кард. Агароиди эҷодиёт дар раванди корҳои берунaзсинфӣ ва берунaзмактабӣ сухан ронем, бояд эҷодиёти ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро ба инобат гирем. Дар марҳилаи аввал муаллим бояд барои он кӯшиш намояд, ки хаёлоти хонандагон бой гардад, ҷаҳонбиниашон васеъ, тафаккури эҷодии онҳо ташаккул дода шавад, доираи тасаввуроти хонандагон васеъ гардад. Асоси ин кор муносибати хайрхоҳона ба хонанда, хоҳиши ёрӣ додан, шавқу рағбат ва ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ мебошад. Эҷодкорӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини маданияти инсонаст. Ҳар як муаллим ва ҳар як хонанда бавуҷудоранда ва давомдиҳандаи он аст, ки он дар корҳои берунaзсинфӣ ва берунaзмактабии ғайрианъанавӣ заминагузорӣ мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар аз санаи 20.03.2013 [манбаи электронӣ].
2. Мартишина Н.В. Ценностный компонент творческого потенциала личности педагога / Н.В. Мартишина //Педагогика. - 2006. - № 3. - С. 48-57.
3. Мудрик А.В. Учитель: Мастерство и вдохновение / А.В. Мудрик. - М.: Просвещение, 1986.
4. Винокурова Н.К. Управление процессом развития творческих способностей школьников / Н.К. Винокурова //Завуч. - 1998. - № 4. - С. 18-37.
5. Дружинин В.Н. Психология творчества / В.Н. Дружинин //Психологический журнал. - 2005.- Том № 26.- № 5. - С.101-109.
6. Жукова Т.М. Развитие человека есть развитие его способностей / Т.М. Жукова //Одаренный ребенок. - 2006. - № 1.- С. 46-51.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 20.04.2012 [манбаи электронӣ].
8. Теплов Б.М. Избранные труды / Б.М. Теплов. - М.: Просвещение, 1985.
9. Шаропов Ш.А. Профессиональная подготовка будущих учителей к компьютеризации педагогического процесса в современной школе / Ш.А. Шаропов, Абдалла Халафалла. –Худжанд: Нури маърифат, 2006.


## БАЪЗЕ РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБИИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе роҳҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагонро дар корҳои берунaзсинфӣ ва берунaзмактабии ғайрианъанавӣ ошкор намудааст Барои дар хонандагон ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ аз усулҳои махсуси ташакули тафаккури эҷодии пурмаҳсул истифода мебаранд. Оиди раванди эҷодиёт ва раванди таҳсил сухан ронда, муҳайё сохтани шароитҳоеро, ки барои ташаккули хусусиятҳои дар боло зикршуда мусоидат менамоянд, набояд фаромӯш кард. Агар оиди эҷодиёт дар раванди корҳои берунaзсинфӣ ва берунaзмактабӣ сухан ронем, бояд эҷодиёти ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро ба инобат гирем. Дар марҳилаи аввал муаллим бояд барои он кӯшиш намояд, ки хаёлоти хонандагон бой гардад, ҷаҳонбиниашон васеъ, тафаккури эҷодии онҳо ташаккул дода шавад, доираи тасаввуроти хонандагон васеъ гардад. Асоси ин кор муносибати хайрхоҳона ба хонанда, хоҳиши ёрӣ додан, шавқу рағбат ва ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ мебошад. Эҷодкорӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини маданияти инсонаст. Ҳар як муаллим ва ҳар як хонанда бавучудоранда ва давомдиҳандаи он аст, ки он дар корҳои берунaзсинфӣ ва берунaзмактабии ғайрианъанавӣ заминагузорӣ мешавад.



**Калидвожаҳо**: мутахассиси замонавӣ, шуур, тарроҳон, сиёсатмадор, омӯзгор.


## НЕКОТОРЫЕ ПУТИ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧЕНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ВНЕКЛАССНЫХ И ВНЕШКОЛЬНЫХ НЕТРАДИЦИОННЫХ ЗАНЯТИЙ


Автор в своей статье раскрывает некоторые пути раскрытия творческих способностей учеников при проведении внеучебных и внеурочных занятий в школе. Для формирования творческих способностей учеников нужно использовать специальные методы эффективного формирования творческих способностей. Говоря о творческом процессе и учебном процессе не нужно забывать и об условиях, способствующих формированию творческих способностей. Если говорить о творчестве в процессе внекласных и внешкольны мероприятий, нужно принять во внимание творчество и педагога и учеников. На первом этапе учитель должен стремиться к тому, чтобы обогащать воображение учеников, расширить их мировоззрение, формировать их творческие способности и расширить круг их воображения. Основу такой деятельности составляют доброжелательное отношение к ученику, желание помочь, пробуждение интереса и формирование их творческих способностей. Созидание является одним из важных элементов культуры человека. Каждый педагог и каждый ученик является его созидателем и продолжателем, основой которого является внеклассная и внешкольная работа. Автор правильно отметил, что прежде всего, каждый человек должен быть независим в творчестве и в развитии, так как он является будущим общества.



**Ключевые слова**: современный специалист, интеллект, дизайнер, политолог, педагог.


## SOME WAYS OF DEVELOPMENT OF CREATIVE ABILITIES OF STUDENTS IN THE PROCESS OF EXTRA CLASS AND EXTRA SCHOOL NON-TRADITIONAL ACTIVITIES


The author in his article reveals some ways of revealing the creative abilities of students during extracurricular and extracurricular activities at school. For the formation of creative abilities of students, it is necessary to use special methods for the effective formation of creative abilities. Speaking about the creative process and the educational process, one should not forget about the conditions conducive to the formation of creative abilities. If we talk about creativity in the process of

extracurricular and extracurricular activities, you need to take into account the creativity of both the teacher and the students. At the first stage, the teacher should strive to enrich the students ’imagination, expand their worldview, shape their creative abilities and expand their imagination. The basis of such activities is a friendly attitude towards the student, a desire to help, an awakening of interest and the formation of their creative abilities. Creation is one of the important elements of human culture. The author correctly noted that, first of all, each person should be independent in creativity and development, since he is the future of society.

**Keywords**: sovremeny, specialist, intelligence, designer, pedajog.

**Сведения об авторе:** ***Рамазонова Раджабгул Сулаймоновна*** **–** Таджикский государственный педагогический университет имнени Садриддин Айни, кандидат педагогических наук, заведующая кафедрой специальной педагогики и всеобъемлющего обучения. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121.Телефон: **918-23-01-46**.

**Information about the author:** ***Ramazonova Rajabgul Sulaimonovna*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, candidate of pedagogical sciences, head of the department of special pedagogy and comprehensive training. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **918-23-01-46.**.

**УДК:370:372.800.2 (575.3)**

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ МОДЕЛИРОВАНИЯ ЭЛЕКТРОННЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ МАТЕРИАЛОВ (ЭОМ) В ДИДАКТИКЕ

***Курбонова У.Т.***
**Кулябский государственный университет им. А.Рудаки**

Для более точного понимания теоретических основ моделирования образовательных материалов в дидактике, необходимо рассмотреть понятие самой модели и процессов моделирования в педагогической науке, место образовательных материалов (в том числе цифровых и электронных) в системе образовательной и электронно-образовательной среды, а затем рассмотреть вопросы, связанные с общей теорией их разработки и проектирования. Данная последовательность видится нами в качестве целостного комплекса, позволяющего наиболее полно отразить суть теории проектирования образовательных материалов и ресурсов в дидактике, как одного из компонентов целостной педагогической науки.

В педагогической науке дидактика рассматривается в качестве науки об обучении, которая исследует законы, закономерности, принципы и средства обучения. Основными категориями, которыми оперирует понятие дидактики являются обучение, преподавание, учение, образование, знания, умения, навыки, в том числе, сюда входят и такие понятия, как содержание, форма, цель, организация, метод, результат, продукт и средство обучения.

Дидактика, как и большинство наук, не находится в статистическом состоянии. Она подвержена развитию в соответствии с общенаучной эволюцией. Поэтому современные исследования приходят к выводу, что на текущем этапе развития дидактики в нее можно включить и такие понятия, как «дидактическую систему» и «технологии обучения». Поскольку наряду с такой задачей дидактики, как описание и объяснение процесса обучения, его организации и условий его реализации, с развитием образовательных технологий, в рамках дидактики, появляется широкий спектр проблем, связанных с разработкой современных процессов обучения, новых обучающих систем и технологий обучения [4; 11; 16].

Таким образом, многосторонне изучив теоретический вопрос дидактики, можно заключить, что эта наука включает в себя все связанное с процессом обучения, вне зависимости от уровня и направления данного процесса. Общая дидактика занимается исследованием общих целей, задач, закономерностей и результатов обучения. Изучение проблематики частных направлений и специализаций лежит в рамках частных дидактик [7].

Говоря об общей теории исследований и выполнении своих задач, осуществляемых дидактикой в педагогической науке, нам особо следует подчеркнуть тот факт, что уже порядка нескольких десятилетий одним из актуальных методов научных изысканий является моделирование, т.е. создание модели.

Говоря о понятии «модель», следует подчеркнуть очень разносторонний подход в педагогической науке к данной дефиниции.

А.М. Новиков определяет ее сразу двумя понятиями: коротким и более развернутым. Согласно первому определению, модель представляется просто образом некоторой системы. Второе трактует ее как мысленно представляемую или материально реализованную систему, которая отображает или воспроизводит объект, способна замещать ее так, что ее изучение дает новую информацию об этом объекте.

По своим свойствам модель дает возможность составлять суждение не о всех свойствах объекта, а только лишь аналогичных свойствам модели [11].

Помимо этого, существует еще целый ряд определений модели. В работе А.Р. Мирзоева под моделью понимается искусственно созданный объект, представляемый в виде схемы, знаковых форм, физических конструкций или формул, который, будучи подобен исследуемому объекту (или явлению) – оригиналу - отображает и воспроизводит в приближенном и простом виде структуру, свойства, взаимосвязи и отношения между элементами этого объекта [10].

В.В. Краевский говорит о модели как о системе элементов, которые воспроизводят ряд сторон, связей, функций предмета исследования [9].

Различных по форме, но принципиально разных по сути, определений модели существует целый ряд. Однако А.Р Мирзоев выделяет четыре характерные черты, присущие для всех определений данного понятия:

1) модель может быть представлена мысленно или материально (в схеме, таблице, образце и т.д.);
2) модель отражает в себе наиболее важные аспекты объекта исследования;
3) модель способна заместить собой реально существующий объект;
4) при изучении модели появляется возможность получения новой или дополнительной информации об оригинале [10].

В данной связи также стоит отметить имеющееся в педагогической науке мнение, что модели помогают обучающимся визуально представить объекты и процессы, недоступные для непосредственного восприятия [3]. В рамках педагогической науки активно используется метод создания моделей или метод моделирования. Согласно мнения Л.М. Перминовой, дидактическое знание имеет системную структуру, включающую в себя эмпирическое, теоретическое, метатеоретическое и прикладное знание [13; 14]. Исходя из этого происходит заключение того, что дидактическое знание может обладать функцией для построения дидактических моделей, проектов, дидактических и методологических систем [12].

Говоря о педагогической науке, можем отметить, что она рассматривает моделирование как построение определенной принципиальной схемы, которая по своим свойствам отражает реальный педагогический процесс или явление [3]. Как отмечает А.Р. Мирзоев, педагогическое моделирование дает возможность реализации процесса обратного переноса информации от модели к оригиналу посредством аналогии и служит способом конструирования нового, практически ранее не существующего [10].

Рассматривая типизацию моделей, исследователи выделяют ряд специфических признаков, по которым можно классифицировать или провести характеристику модели в рамках педагогической науки. В зависимости от использования «материала» для изготовления модели (т.е. в процессе моделирования), модели подразделяются на две большие группы:

– абстрактные - идеальные модели, построенные средствами мышления и сознания;

– предметные – модели, существующие в реальности и воспроизводящие определенные геометрические, физические, динамические, либо функциональные характеристики объекта моделирования [6].

Моделирование в практической педагогике обладает тремя основными функциями:

– Дескриптивная функция – за счет абстрагирования модели происходит простое объяснение наблюдаемых явлений и процессов. Успешное применение данной функции в модели позволяет впоследствии успешно построить на ее основе научную теорию.

– Прогностическая функция – возможность предсказывать дальнейшее развитие событий, свойств, поведения или состояния моделируемых систем.

– Нормативная функция – заключается в возможности построения нормативного (желаемого) образа системы. Проще говоря, отвечает на вопрос «как должно быть?» [6].

Методы моделирования также подразделяются на две основные категории:

– Качественные (содержательные) методы: метод сценариев, графические методы, метод структуризации и т.д.

– Количественные (формальные) методы, основаны на построении математической модели, исследование которой дает возможность получить характеристики рассматриваемого реального объекта [5].

Ряд исследователей отмечают, что в педагогической науке сильно прослеживается тенденция, связанная с моделированием не только содержания образования, но и учебной деятельности. Научные модели представляют собой целый аппарат, предназначенный для преподавания конкретных учебных предметов и дисциплин. В связи с этим подчеркивается и появление необходимости понимания и владения методиками моделирования, что, помимо прочего, связывается с психолого-педагогическими соображениями. Достаточно широко моделирование учебного материала применяется для его логического упорядочивания, построения семантических схем, представления учебной информации в наглядной форме, что в перспективе, опирается на процессы появления образных ассоциаций, возникающих при

помощи мнемонических правил [6].Рассматривая модели в педагогике, с точки зрения целевой направленности, выделяют пять основных их видов (табл. 1).

**Таблица 1. – Типизация моделей в педагогике, с точки зрения целевой направленности (разработана автором на основе источника 1; 6).**

| № | Тип модели | Характеристика модели |
|---|---|---|
| 1. | Учебные модели | Наглядные пособия, тренажеры, обучающие программы и т.д. |
| 2. | Опытные модели | Уменьшенные или увеличенные копии проектируемого объекта (используются для исследования объекта и прогнозирования его будущих характеристик) |
| 3. | Научно-технические модели | Создаются с целью исследования процессов и явлений |
| 4. | Игровые модели | Военные, экономические, спортивные, деловые игры, в которых происходит воссоздание и воспроизводство поведения объекта в различных ситуациях |
| 5. | Имитационные модели | Создаются с целью не просто отразить реальность с различной степенью ее точности, но имитируют ее. |

А.И. Богатырев и И.М. Устинова приводят еще один термин педагогического моделирования, который называют «термином-партнером». Речь идет о таком наименовании данного процесса, как «проектирование». Исследователи подчеркивают синонимичность и взаимоподменяемость терминов «педагогическое моделирование» и «педагогическое проектирование» [1].

Термин «проект», по мнению ряда специалистов, с точки зрения своих значений, наиболее точно подходит к педагогике. От себя отметим, что имеющиеся значения данного термина хорошо отражают суть моделирования образовательных материалов. Речь идет о том, что:

1. Проект представляет собой предварительный текст какого-либо документа.
2. Проект понимается как совокупность мероприятий, объединенных программой или в организационную форму целенаправленной деятельности. Исследователи в отношении данного значения проекта отмечают ее как форму исследовательской деятельности обучающихся.
3. Проект – эта деятельность по созданию (выработке, планированию, конструированию) какой-либо системы, объекта или модели [1].

Таким образом, *педагогическое проектирование* – это деятельность субъекта/субъектов образования, направленная на конструирование моделей преобразования педагогической действительности. Сущность педагогического проектирования состоит в выявлении и анализе педагогических проблем и причин их возникновения, построении ценностных основ и стратегий проектирования, определении целей и задач, поиске методов и средств реализации педагогического проекта [1].

Рассмотрев вопросы моделей и моделирования, необходимо определить понятие дидактических образовательных материалов и их места в образовательной системе и образовательной среде вуза. Образовательная система, в совокупном значении, как система образования разного уровня (государственная, муниципальная профессиональная, школьная и т.д.), система обучения и воспитания, система непрерывного образования и как синоним понятия «педагогическая система», будет рассматриваться нами в качестве механизма соединения воспитательных сред, формирующихся на фундаменте конкретных этических программ, и образовательных сред, реализующих образовательные технологии в избираемых аксиологических контекстах [8; 17].

Р.Н. Бунеев определяет ряд элементов образовательной системы, к которым относит: субъект образования, содержание образования, учебники, технологии обучения и воспитания, средства и приемы образования, между которыми возникают связи взаимодействия, связи порождения и связи преобразования [2].

Таким образом, мы видим, что учебники и технологии обучения и воспитания являются частью образовательной системы. Помимо учебников, под учебным (дидактическим) материалом подразумеваются также и наглядные учебные пособия (например, карты, таблицы, наборы карточек с текстом, цифрами или рисунками, реактивы, растения, животные и т.д.), раздаваемые студентам вузов для самостоятельной работы в аудитории или дома, а также демонстрируемые преподавателем на лекционных и практических занятиях. Сюда же относят и сборники задач, упражнений и т.д. [15]. Проведя анализ научной литературы, мы пришли к выводу, что между образовательной системой и учебными материалами находится целый ряд дополнительных элементов, которые являются составными частями или нижестоящими элементами по отношению друг к другу.

Одним из основных элементов системы образования является образовательная среда. В нашем случае – образовательная среда вуза. Данный термин также имеет большое количество

подходов к рассмотрению и определению. Так, например, под образовательной средой вуза исследователи Ю.П. Шапран и О.И. Шапран понимают «совокупность духовно-материальных условий функционирования вуза, обеспечивающих саморазвитие активной и творческой личности, формирование ее профессионально-значимых качеств и реализацию инновационного потенциала [18]. По мнению таджикского исследователя Ф.Ф. Шарипова, «информационно-образовательная среда (ИОС) образовательного учреждения представляет собой совокупность организационно-педагогических условий, которые способствуют активному информационному взаимодействию между субъектами педагогического процесса и ИКТ, ориентированному на выполнение разнообразных видов самостоятельной учебно-познавательной деятельности с объектами предметной среды, в том числе информационно-учебной и научно-исследовательской деятельности» [19].

Таким образом, можно констатировать, что вопросами образовательной среды занимались Б. Боденко, А. Куракин, Ю. Мануйлов, А. Хуторской, Ю.П. Шапран, О.И. Шапран, Ф.Ф. Шарипов и др. Не заостряя внимания на многочисленных определениях данного термина, отметим, что «ИОС предназначена для создания соответствующих условий, которые способствуют раскрытию, развитию и реализации интеллектуального и творческого потенциала личности сообразно целям образования» [19]. К важнейшим из этих условий можно отнести создание электронных образовательных материалов.

При этом, отдельно отметим, что уровень развития учебных и дидактических материалов (как традиционных, так и электронных) является элементом инфраструктуры информационно-образовательной среды вуза. Следовательно, электронные образовательные ресурсы и традиционные учебные материалы должны гармонично дополнять друг друга как части целостной ИОС.

Таким образом, в классической схеме высшего профессионального образования учебные материалы занимали место элемента инфраструктуры информационно-образовательной среды вуза в рамках современной образовательной системы в целом.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Богатырев А.И. Теоретические основы педагогического моделирования: сущность и эффективность / А.И. Богатырев, И.М. Устинова. [Электронный ресурс]. http://www.rusnauka.com/SND/ Pedagogica/2_bogatyrev%20a.i..doc.htm.
2. Бунеев Р.Н. Теоретико-методологические основы образовательной системы нового поколения: автореферат дис. … д-ра пед.наук: 13.00.01 / Бунеев Рустэм Николаевич. - Москва, 2009. - 45с.
3. Вавилова Т.Е. Модель реализации педагогического потенциала информационно-коммуникационных технологий в учебном процессе ведомственного вуза / Т.Е. Вавилова, П.М. Моргачева // Вестник Воронежского института МВД России. - 2011. - № 4. - С. 189-191.
4. Введение в дидактику. [Электронный ресурс]. http://vaniorolap.narod.ru/theme9.html.
5. Дахин А. Н. Педагогическое моделирование: монография / А. Н. Дахин. – Новосибирск: Изд-во НИПКиПРО, 2005. - 230 с.
6. Делимова Ю.О. Моделирование в педагогике и дидактике // Ю.О. Делимова. [Электронный ресурс]. http://shgpi.edu.ru/files/ nauka/vestnik/2013/2013-3-7.pdf.
7. Дидактика, ее основные категории. [Электронный ресурс]. http://www.e-reading.club/chapter.php/89161/17/Nazar%27eva_-_Shpargalka_po_pedagogike.html.
8. Корнещук Н.Г. Теоретико-методологические основы комплексной оценки качества деятельности образовательной системы: автореф. дис. … д.п.н.: 13.00.01 / Корнещук Нина Геннадьевна. - Магнитогорск, 2007. - 50с.
9. Краевский В.В. Проблемы научного обоснования обучения / В.В. Краевский. - М.: Педагогика, 1977. - 264с.
10. Мирзоев А.Р. Дидактические основы подготовки студентов вузов Таджикистана к использованию информационно-коммуникационных технологий: дис. ... д-ра пед. наук: 13.00.01 / Мирзоев Абдулазиз Раджабович. - Душанбе, 2015. - 303 с.
11. Новиков А.М. Педагогика: словарь системы основных понятий / А.М. Новиков. – М.: Издательский центр ИЭТ, 2013. - 268 с.
12. Перминова Л.М. Дидактическая модель обучения: методология, структура / Л.М. Перминова // Гуманитарные науки и образование. - 2015. - №3. - С. 61-67.
13. Перминова Л.М. Предметность обучения как проблема дидактики: методологический анализ / Л.М. Перминова // Педагогика. - 2012. - №6. - С. 18-25.
14. Перминова Л.М. Современная дидактика: от Коменского до наших дней (философско-педагогические аспекты современной дидактики) / Л.М. Перминова. - М., 2014. - 281 с.
15. *Психолого-педагогический словарь / Сост. Рапацевич Е.С. - Минск, 2006. - С. 184-185.*
16. Российская педагогическая энциклопедия. В 2-х т.т. - М.: Изд-во «Большая российская энциклопедия». -1993. -Т. 1. -1999. -Т 2. - 669 с.
17. Чечель И.Д. Образовательная система: многообразие значений, особенности функционирования / И.Д. Чечель, Т.В. Потемкина // Современные исследования социальных проблем (электронный научный журнал). - 2012. - №2(10). - С. 40-54.
18. Шапран Ю.П. Образовательная среда вуза: типология, функции, структура / Ю.П. Шапран, О.И. Шапран // Молодой ученый. - 2015. - №7. - С. 881-885.
19. Шарипов Ф.Ф. Системный подход к информатизации педагогического процесса в вузе - доминанта формирования профессиональных компетентностей студентов: дис. д-ра пед. наук: 13.00.01 / Шарипов Фаридун Файзуллаевич. - Душанбе, 2013. - 409 с.

**АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МОДЕЛСОЗИИ МАВОДИ ЭЛЕКТРОНИИ ТАЪЛИМӢ (МЭТ) ДАР ДИДАКТИКА**

Назарияи лоиҳакашии маводи электронии таълимӣ дар дидактика яке аз масъалаҳои муҳим дар педагогика ба шумор меравад. Дар замони муосир дидактика низ пайваста тараққӣ карда истодааст. Вобаста ба ин методу усулҳои нави дидактикӣ тавлид мегарданд, ки зарурияти ҳамгироии раванди таълим ва муҳити техникӣ пайдо мегардад. Дидактика дар худ фаҳмишҳои таълим, омӯзиш, дониш, маҳорат, малака, мақсад, ташкил, метод, натиҷа, мавод ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Дар педагогика барои боз ҳам дар сатҳи хуб ба роҳ мондани таълим ва пешгӯӣ намудани натиҷаҳои он моделсозӣ ва лоиҳакашии равандҳои педагогӣ истифода бурда мешаванд. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои моделсозӣ ва намудҳои он, истифодаи моделсозӣ ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ, махсусан маводи электронии таълимӣ баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон, фаҳмиши лоиҳакашии маводи таълимӣ ва самти истифодаи он мавриди муқоиса, таҳлил ва хулосабарорӣ қарор гирифтааст.



**Калидвожаҳо:** маводи электронии таълимӣ, информатсия, ТИК, модел, моделсозӣ, таълими электронӣ, лоиҳа, муҳити информатсионӣ – таълимӣ.



**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ МОДЕЛИРОВАНИЯ ЭЛЕКТРОННЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ МАТЕРИАЛОВ (ЭОМ) В ДИДАКТИКЕ**

Теория проектирования электронных образовательных материалов (ЭОМ) в дидактике считается одной из важнейших задач в педагогике. В современное время дидактика тоже усиленно развивается. Согласно этому рождаются новые дидактические методы и приёмы, появляется необходимость интегрирования учебного процесса и технической среды.Дидактика включает в себя такие понятия, как: обучение, знание, способность, навыки, цель, организация, метод, результат, материал и т.п. Для проведения на должном уровне обучения, предсказания и результата моделирования в педагогике и используют проектирование педагогических процессов. В данной статье обсуждены задачи моделирования и его виды, использование моделирования во время разработки учебных материалов, электронных обучающих материалов. Также сравнены, анализированы и подытожены понятия проектирования учебных материалов и направление их использования.



**Ключевые слова:** электронные учебные материалы, информация, ИКТ, модель, моделирование, электронное обучение, проект, информационно-образовательная среда.



**THEORETICAL BASIS OF MODELING OF E-LEARNING MATERIALS (ELM) IN DIDACTICS**

The theory of design of e-learning materials (IOM) in didactics is considered one of the most important tasks in pedagogy. Nowadays didactics is also developing intensively. The new didactic methods and techniques are born according to didactics development, and here is a need to integrate the educational process and the technical environment.

Didactics includes such concepts as: training, knowledge, ability, skills, purpose, organization, method, result, material, etc. For the proper level of training, prediction and modeling result it also uses the design of pedagogical processes in pedagogy. This article discusses the problems of modeling and its types, the use of modeling during the development of training materials, namely electronic training materials. The concept of design of educational materials and the direction of its use are also compared, analyzed and summed up.



**Keywords:** e-learning materials, information, ICT, model, modeling, e-learning, project, informational-educational sphere.



**Сведения об авторе:*Курбонова У.Т.* –** Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, ассистент кафедры компьютерных наук. Адрес: 735360,Республика Таджикистан, город Куляб, ул. Сангака Сафарова, 16. Телефон: **987-14-46-41**

**Information about the author: Kurbonova U.T. -** Kulyab State University named after A. Rudaki, assistant at the Department of Computer Science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, the city of Kulyab, st. Sangak Safarov, 16. Phone: **987-14-46-41**



**УДК:372.800.8:34 (575.3)**


# ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ ЧУН КАТЕГОРИЯИ ПЕДАГОГӢ


***Сатoрова М.К.***

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ**


Фарҳанги ҳуқуқӣ сатҳи умумии донишҳо ва муносибати объективӣ нисбат ба ҳуқуқ буда, аз маҷмуи донишҳои ҳуқуқие иборат аст, ки дар раванди ҳаёт дар шакли меъёрҳо, ақидаҳо ва муқарраpот эҷод мешаванд. Он дар меҳнат, муоширaт ва рафтори субъектҳои ба ҳам вобаста зоҳир гардида, таҳти таъсири системаи таълим ва тарбияи фарҳангию ҳуқуқӣ ташаккул меёбад.

Аҳаммияти фарҳанги ҳуқуқӣ чун падидаи иҷтимоию ҳуқуқӣ дар мафҳуми он инъикос гардида, доираи васеи на танҳо ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, балки ҷанбаҳои ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва дигар ҷанбаҳои рушди ҷомеаро фаро мегирад. Ба андешаи олими ҳуқуқшиноси рус В. С. Нерсесянс, “фарҳанги ҳуқуқӣ фазои комили ҳуқуқӣ буда, тамоми лаҳзаҳои шакли ҷамъиятии ҳаёти одамонро фаро мегирад” [1, с. 43]. Ба таъкиди олими

ҳуқуқшиноси белорус С. Г. Дробязко, “фарҳанги ҳуқуқӣ чун шакли инъикоси фарҳанги соҳаҳои муҳим на танҳо як навъи фарҳанг, балки ҷавҳару авҷи аълои фарҳанг буда, ҷанбаи асилу арзишманду нозуки ҷаҳони моддию маънавиро инъикос менамояд” [2, с. 86]. Ин ҷиҳатҳо мураккабӣ ва сершаклии таҳқиқоти илмии фарҳанги ҳуқуқиро муайян менамоянд.

Муайян намудани объект ва мавзӯи таҳқиқот қисми муҳимми кори илмӣ буда, ишора намудани соҳаҳои барои муаллиф муҳим, мухтасар ифода намудани масъалаи илмӣ, муқаррар намудани имконияту тарзҳои ҳалро дар доираи ин ё он фанни илмӣ имконпазир мегардонад. Чунин далел, ки фарҳанги ҳуқуқӣ чун объекти омӯзиши илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва гуманитарӣ – фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ, таърих, педагогика ва ғ. истифода шуда метавонад, ба хусусиятҳои интизомии тафсири он, инчунин ба имкониятҳои эҳтимолии лоиҳаҳои илмии байнифаннӣ вобастагӣ дорад.

Мақсади кори мо муқаррар намудани доираи мавзӯъ ва арзёбии ҳолати илмии таҳқиқоти фарҳанги ҳуқуқӣ дар илми педагогика аст. Ҳангоми ҷой доштани нуқтаи назар дар бораи мавҷуд набудани зиддият дар байни объект ва мавзӯи таҳқиқот аксар маврид фарқ аз рӯйи дараҷаи умумият гузаронида мешавад. Чунончи, “объект воқеиятеро мефаҳмонад, ки аз тарафи илм махсус таъкид ва ишора шудааст”, “мавзӯи таҳқиқоти илмӣ як тараф ё як қисми объекти таҳқиқоти илмӣ буда, дар таҳқиқоти мушаххаси илмии ба ҳадафу вазифаҳои худ мувофиқ бояд омӯхта шавад” [3, с. 25]. Ҳамин тавр, фарқи асосии мазмун дар байни мавзӯъ ва объект аз он иборат аст, ки мавзӯи таҳқиқот нишонаҳои аз нуқтаи назари таҳқиқот муҳимтари объектро дар бар мегирад. Бинобар ин, ҳар қадар объекти таҳқиқот мураккаб бошад, ҳамон қадар самтҳои таҳқиқи он, ки хусусиятҳои мушаххаси фанҳои илмиро муайян менамоянд, гуногун мешаванд. Илова бар ин, хусусияти умумии дарки иҷтимоию гуманитарӣ дар ҷомеаи инсонӣ чун объекти идрок муқаррар гардида, ба сифати системаи мураккаби худинкишофёбанда ва системаи умумии нишонаҳои арзишманди донишҳои иҷтимоию гуманитарӣ зоҳир мешавад. Эътироф шудааст, ки “дар пасманзари мубориза идеяҳо дар ҳамин соҳа ҳамеша бархӯрди ҳадафҳо, манфиатҳо, талаботу таъсири омилҳои иҷтимоие чун андешаи ҳукмфармои ҷомеа, идеологияи расмӣ ва муқаррароти сиёсию ҷаҳонбинӣ қарор доранд” [4, с. 522]. Ин ҷиҳат дар рушди назарияи фарҳанги ҳуқуқии илми педагогикаи шӯравӣ инъикос ёфтааст.

Таҷрибаи сиёсии Давлати Шӯравӣ низ то мобайни солҳои 50-уми асри XX дар бораи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаи шӯравӣ чун падидаи иҷтимоию ҳуқуқӣ сухан гуфтанро ҷоиз намедонист. Дар навбати худ, тағйироти сиёсие, ки солҳои 60-уми асри XX вобаста ба озодандешии ҷомеа, густариши таъсири ҳуқуқ ва рушди демократия рӯй медоданд, ба ташаккули назарияи фарҳанги ҳуқуқӣ чун баёни консептуалии муҳити ҳуқуқӣ мусоидат менамуданд. Ҳамин тавр, дар солҳои 50 ва 60-уми асри XX дар асарҳои С.С.Алексеев ва И.Е.Фарбер истилоҳи “фарҳанги ҳуқуқӣ” ба гардиши илмӣ ворид гардид.

Инкишофи ҳуқуқшиносии шӯравӣ дар солҳои 60 то 80-уми асри XX бо таҳқиқоти илмии ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз ҷумла фарҳанги ҳуқуқӣ дар асарҳои Е. В. Аграновская, С. С. Алексеев, Е. А. Зорченко, Н. М. Кейзеров, Д. А. Керимов, В. Н. Кудрявтсев ва дигарон тавсиф меёбад. Нишонаҳои умумии таҳқиқоти илмии давраи зикргардида чунинанд: 1) хусусияти сиёсӣ (меъёри тафриқаи намудҳои фарҳанги ҳуқуқӣ бо ақидаҳои ҷамъиятию иқтисодӣ муайян гардида, синфӣ будан тавсифи муҳимми фарҳанги ҳуқуқӣ эътироф шуд ва категорияи “фарҳанги ҳуқуқии иҷтимоӣ” ҷорӣ гашт); самти амалӣ (ҷанбаи иҷтимоию фалсафии масъала сарфи назар гардида, дар маҷмӯъ муайян намудани фарҳанги ҳуқуқӣ, ки ба моҳияти он мутобиқ бошад, мавҷуд набуд). Илова бар ин, таваҷҷуҳи олимон асосан ба омӯхтани маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ чун унсури таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ равона гардид, ки ин ҷиҳат дар асарҳои В. И. Бегинин, К. Т. Велская, Н. А. Бури, Е. А. Лукашева, Е. В. Назаренко, И. Ф. Покровский, Д. А. Потопейко, И. Е. Фарбер, В. А. Чефранов, В. А. Шегортсев, Н. В. Шербакова ва дигарон бештар инъикос ёфтааст. Ҷанбаҳои рафтори ҳуқуқӣ чун падидаи фарҳанги ҳуқуқӣ дар асарҳои В. И. Гойман, В. Н. Кудрявтсев, Н. В. Шербакова ва дигарон камтар тавсиф ёфтаанд.

Аҳаммияти нави илмии фарҳанги ҳуқуқӣ ва марҳилаи нави дарки он ба тағйироти асосии сохти давлатӣ, ки солҳои 90-уми асри XX оғоз ёфта буд, вобаста аст. Дар ин давра диссертатсияҳои доктории олимони рус, ба мисли В. П. Салников («Фарҳанги ҳуқуқӣ: ҷанбаи назариявию методологӣ», 1990) ва А. П. Семитко («Рушди фарҳанги ҳуқуқӣ чун пешрафти ҳуқуқӣ», 1996) дар масъалаи фарҳанги ҳуқуқӣ ҳимоя гардиданд.

Оғози асри XXI бо густариши самтҳои таҳқиқоти фарҳанги ҳуқуқии муаллифони рус тавсиф меёбад, ки ба талаботи асоснокии арзишҳои ибтидоӣ ва тамоюлҳои рушди ҷомеаи муосири Россия вобаста аст. Дар ин замина таҳқиқоти бунёдии олимон Р. С. Байниязов («Маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ ва менталитети ҳуқуқӣ дар Россия», соли 2006), В. А. Гуляихин («Фарҳанги ҳуқуқии Россия: моҳият ва шаклҳои нигилизми ҳуқуқӣ», соли 2006), Л. А. Петручак («Фарҳанги ҳуқуқии Россияи муосир: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», соли 2012) ва дигарон маврид ба зикр аст.

Ба ҷанбаҳои гуногуни фарҳанги ҳуқуқӣ диссертатсияҳои номзадии олимони рус И. И. Балаклеетс, О. Н. Братусева, В. В. Загородская, Е. А. Ершова, А. П. Зотов, С. С. Иванов, А. Н. Кунеев, Н. Н. Лебедева, В. А. Медведев, О. Ф. Павлов, В. В. Сафронов, Р. И. Хачатуров, П. А. Шашин, О. Б. Шубина ва дигарон, олимони белорус И. А. Демидова, Е. М. Ефременко, А. А. Кебетс, Е. В. Печинская, Н. М. Юрашевич ва дигарон, олимони украин О. С. Демина, И. П. Зеленко, Н. П. Кушнир, И. В. Осик, П. В. Макушев ва дигарон, олимони тоҷик П. С. Назарзода, Э. С. Насурдинов, Х. Раҳимов, А.Нуров ва дигарон бахшида шудаанд. Омӯзиши мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, монографияҳо, нашрияҳои илмӣ, маводи конференсияҳо ва мизҳои гирд чунин эътирофро имконпазир мегардонад: якум, "диди" нави фарҳанги ҳуқуқӣ ба он вобаста аст, ки фарҳанги ҳуқуқӣ чун нишондиҳандаи сифатии ҳолати ҳуқуқии системаи давлатҳои алоҳида ва шартҳои муҳимми тағйироти институтсионалӣ эътироф гардад; дуюм, ба муайян намудани нишонаҳои умумӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаҳои алоҳида дар шароити глобализатсия вобаста аст; сеюм, ба баррасии ҷанбаҳои иҷтимоии фарҳанги ҳуқуқӣ вобаста аст. Дар навбати худ, нигоҳи нав ба маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ мурочиат ба маҷмӯи масъалаҳои менталитети ҳуқуқӣ, таҳқиқоти маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, таҳлили падидаи маънавиёт дар маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ ва идеологияи давлатро дар бар мегирад [5, с. 110-111].

Маврид ба зикр аст, ки мавзӯи таҳқиқоти муосири фарҳанги ҳуқуқӣ дар илми педагогика хосиятҳои гуногун ва тавсифи фарҳанги ҳуқуқӣ ба шумор меравад, яъне:

• ҷанбаҳои умуминазариявии фарҳанги ҳуқуқӣ (монографияҳои И. И. Балаклеетс «Фарҳанги ҳуқуқӣ: пайдоиш, моҳият, ҳолат, мушкилот ва дурнамои рушд» (2012), В. Н. Карташов ва М. Г. Баумова «Фарҳанги ҳуқуқӣ: мафҳум, сохтор, функсия» (2008), Е. А. Фролова «Масъалаи назария ва фалсафаи ҳуқуқӣ» (2015) ва дигарон);

• функсияҳои иҷтимоии фарҳанги ҳуқуқӣ (монографияҳои А. С. Бондарев «Фарҳанги ҳуқуқӣ — омили ҳаёти ҳуқуқӣ» (2012), Г. К. Гинс «Ҳуқуқ ва фарҳанг» (2012), Н. А. Медушевская «Асосҳои таҳаммулгароӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ» (2014) ва дигарон, диссертатсияи номзадии К. В. Макаров «Робитаи фарҳанги ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва инфиродӣ дар ташаккули тартиботи ҳуқуқи гражданӣ» (2006));

• хусусиятҳои миллии фарҳанги ҳуқуқӣ (монографияҳои М. А. Месилов «Фарҳанги ҳуқуқӣ дар механизми рушди давлатдории Россия» (2012), И. А. Исаев «Фарҳанги ҳуқуқии Россия» (2015), Г. В. Малтсев «Анъанаҳои фарҳангии ҳуқуқ» (2013), Э. С. Насурдинов «Фарҳанги ҳуқуқӣ» (2016), диссертатсияҳои номзадии Назарзода П. С. "Фарҳанги ҳуқуқӣ чун унсури муҳити иҷтимоию фарҳангӣ (2016), Насурдинов Э. С. "Масъалаҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар шароити ташаккули давлати демократӣ дар Тоҷикистон" ва дигарон);

• хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқии категорияҳои алоҳидаи шахсони мансабдор (монографияи И. А. Демидова «Фарҳанги ҳуқуқии шахсони мансабдори расмии мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунӣ» (2011); диссертатсияҳои номзадии И. П. Зеленко «Фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (ҷанбаи умуминазариявӣ)» (2006); П. В. Макушев «Маҷмӯи ақидаҳои касбии ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии нозири минтақавии милитсия: тарзҳои ташаккул ва такмил » (2004) ва дигарон);

• хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, махсусан ҷавонон (диссертатсияи номзадии О. С. Демина «Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии донишҷӯёни ҷавон дар ҷомеаи муосири Украина» (2007) ва дигарон);

• ҷанбаҳои таърихии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ (диссертатсияи номзадии Н. П. Кушнир «Фарҳанги ҳуқуқӣ дар аввалин Ҷумҳурии Чехословакия (солҳои 1918-1938)» (2006) ва дигарон).

Ҳангоми муайян намудани объект ва мавзӯи таҳқиқоти мушаххаси ҳуқуқии фарҳанги ҳуқуқӣ ҷанбаҳои ҳамин категорияҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Собит шудааст, ки категорияҳои объект ва мавзӯъ чун воситаи дарки моҳияти падидаҳои ҳуқуқӣ дорои аҳаммияти зиёд мебошад: 1) аҳаммияти иҷтимоию ҳуқуқӣ, ки доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятии дар бахши танзими ҳуқуқӣ қарордоштаро тавсиф менамояд; 2) аҳаммияти техникию ҳуқуқӣ, ки ҷиҳати таҷрибавии амали ҳуқуқиро баён менамояд; 3) аҳаммияти меъёрӣ, ки моҳияти қонунии ҳуқукро инъикос менамояд [6, с. 78-82]. Аҳаммияти воситагии объект ва мавзӯи таҳқиқоти ҳуқуқӣ аз имкони тавассути ҳамин категорияҳо ошкор намудани ҳудудҳои сохторию таркибӣ ва функсионалии падидаҳои ҳуқуқӣ иборат аст.

Ба сифати вазифаи умумию илмии омӯзиши фарҳанги ҳуқуқӣ дар илми педагогика дарки нишонаҳои моҳияти дохилии фарҳанги ҳуқуқӣ, инчунин тамоюлҳои ташаккул, фаъолият ва рушди он дар заминаи қонуниятҳои умумӣ муайян шуда метавонад.

Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар асоси рушди амалии коркардҳои назариявӣ, дар натиҷаи дида баромадани пешниҳоду таклифот ба роҳ монда мешавад.

Мақсади озмоиш асосноккунонӣ ва санҷиши муваффақиятнокии шароитҳои педагогӣ доир ба ташаккулёбии фаъолияти донишҷӯён дар раванди таълим доир ба омӯзиши фанҳои химия ва биология, ба сифати омили рушди малакаҳои фаъолияти эҷодии донишҷӯён ба шумор меравад.

Дар асоси маводи омӯхташудаю назариявӣ вазифаҳои кори таҷрибавӣ –озмоишӣ гузошта шуда буданд:

1. Тадқиқоти проблема доир ба рушди мустақилияти донишҷӯён ва фаъолияти маърифатии онҳо дар таҷрибаи мактаби олӣ.

2. Санҷиш ва тасдиқкунонии озмоишии шароитҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими фанни химия.

3. Нишондиҳии шароитҳо доир ба фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ. Таҳлили қисмҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ.

4. Таҳлил ва коркарди маълумотҳои гирифташуда дар натиҷаи озмоиш.

Кори озмоишӣ дар се давра гузаронида шуда буд. Дар озмоиши гузаронидашуда дар ҳар як давра вазифаҳои муайян гузошта шуда буданд, усулҳо ва воситаҳои муайяни ҳал намудани вазифаҳои гузошташуда истифода карда шуда ва натиҷаҳои муайян ба даст оварда шудаанд, аммо ҳамаи онҳо ба ҳамдигар зич алоқаманданд ва мақсади умумӣ доранд.

Дар давраи аввал чунин нуқтаҳо ба инобат гирифта шудаанд:

1. Ҳолати рушди фаъолгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар таҷрибаи мактаби олӣ.

2.Муайян намудани сатҳи мустақилият ва фаъолнокӣ, қобилиятҳои донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ.

3.Шароитҳои педагогии мусоидаткунанда ба фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ–маърифатии донишҷӯён нишон дода шуда, усулҳои таҳлили муваффақиятнокии онҳо дар раванди фаъолият муайян карда шудаанд.

Ҳангоми гузаронидани тадқиқот дар давраи зерин мо усулҳои зеринро истифода бурдем:

- қабули анкета аз донишҷӯён;

- назорати фаъолияти омӯзгорон ва донишҷӯён дар курсҳо ва дарсҳои махсус доир ба химияи ғайриорганикӣ, органикӣ ва физикӣ.

Дар асоси кори тадқиқотии гузаронидаи мо,баъди гузаронидани давраи якум хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

1. Фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар дарсҳои асосӣ ва беруназсинфӣ тавассути шакли фаъолияти тазаккурӣ пешниҳод гардидааст.

2. Дар курсҳои поёнӣ (ибтидоӣ)-и мактабҳои олӣ дар донишҷӯён сатҳи пасти фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ ва фаъолнокии маънавӣ ба қайд гирифта мешавад.

3. Омӯзгорон доир ба масъалаҳо ва саволҳои рушди фаъолияти маънавӣ дар донишҷӯён дар раванди таълим омодагии нокифояи назариявӣ ва амалӣ доранд.

Ҳангоми ҳал намудани вазифаҳои дар давраи дуюм гузошташуда, мо усулҳои зеринро истифода бурдем:

- озмоишӣ педагогӣ;
- усули баҳогузории озмоишӣ барои муайян кардани сатҳи фаъолгардонӣ ва мустақилиятии донишҷӯён;
- усули коркарди оморӣ;
- гузаронидани тестҳо;
- усули пурсиш.

Бо ёрии усули баҳогузории озмоишӣ (ба сифати озмоишгарон омӯзгорони факултаи химия ва биология, ки дар гурӯҳҳо кор мекарданд, баромад намуданд) маълумотҳои зарурӣ ба даст оварда шуданд, ки дар муайянсозии сатҳи мустақилият ва фаъолияти маърифатӣ вобаста ба меъёрҳои таклифшуда дар донишҷӯён мусоидат намудаанд.

Дар раванди тадқиқоти мо, озмоишҳо се маротиба гузаронида шуданд, ки натиҷаҳоро дар суръати рушд метавон муқоиса намуд.

Усули коркарди оморӣ дар муайянсозии алоқаҳои байниҳамдигарии фаъолияти маърифатӣ, сатҳи донишҳо ва рушди мустақилияти маърифатӣ дар раванди омӯзиши химия, ҳамчунин муваффақиятнокии шароитҳои педагогӣ ёрӣ дод.

Бо мақсади муайянсозии майлу рағбати донишҷӯён, таваҷҷуҳи онҳо ва хусусиятҳои фаъолияти маърифатии ба онҳо маълум буда, усули пурсиш истифода шуда буд.

Натиҷаҳои озмоишӣ имкон доданд, ки дар бораи мавҷуд будани алоқаи зич байни фаъолнокии маърифатӣ, сатҳи донишҳо ва мустақилияти донишҷӯён хулосае бароварда шавад ва ҳамчунин муваффақиятнокии шароитҳо ва шартҳои нишондодашуда исбот шаванд.

Вазифаҳои давраи сеюми озмоиш инҳо ба ҳисоб мерафтанд:

1. Дарки назариявии маълумотҳои таҷрибавӣ–озмоишӣ ва таҳлили усулҳои омории педагогӣ –психологӣ.

2. Коркарди натиҷаҳои озмоиш ва хулосаҳо доир ба тадқиқоти гузаронидашуда.

Усулҳои асосии давраи сеюми озмоиш инҳо буданд:

--- буриши озмоиш;
--- усули назорат аз болои фаъолияти омӯзгорон ва донишҷӯён;
--- усули коркарди математикӣ ва оморӣ.

Аз рӯйи натиҷаҳои давраи сеюм доир ба тадқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои умумӣ бароварда шуда буданд.

Баззаи озмоиши тадқиқот Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ буд. Ҳамагӣ дар кори тадқиқот 166 донишҷӯи курсҳои 1-3 факултаи химия ва биология ҷалб гардиданд. Бо мақсади гузаронидани озмоиш, дар базаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ гурӯҳҳои озмоишӣ - назоратӣ ташкил шуда буданд. Монанди ин гурӯҳҳо дар давраи якуми озмоиш тавассути он омӯзгороне таъмин шуда буданд, ки дар факулта кор мекунанд ва шароитҳои якхелаи таълим дар ҳамаи гурӯҳҳои интихобгардида мавҷуд буданд. Ба гурӯҳи назорати 49- нафар донишҷӯ, ба гурӯҳи озмоишӣ 92- нафар донишҷӯ шомил буданд.

Ҳамчунин, вазифаҳои хонагӣ барои мустақилона иҷро намудан дода мешуд, ин вазифаҳо аз рӯйи мураккабӣ ва ҳаҷм барои ҳамаи гурӯҳҳо якхела буданд. Яъне, таълим дар гурӯҳҳои назариявӣ ба таври анъанавӣ гузаронида мешавад, бе истифодабарии воситаҳо ва тарзҳо доир ба фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ: шарту

шароитҳои иловагии фаъолгардонии фаъолнокӣ ба раванди таълим шомил намуданд. Дар гурӯҳҳои озмоишӣ бо тарзи мақсаднокӣ шароитҳои педагогие истифода шуданд, ки дар давраи ташаккулёбии тадқиқоти зерин (дар як тартиби муайян) коркард шуда буданд.

Ҳамин тариқ, мо мақсадҳо, вазифаҳо, усулҳо ва шарту шароитҳои ташкил намудани тадқиқоти озмоишии гузаронидашударо дида баромадем, ки натиҷаҳои назаррасро ба миён овард. Дар ҳамин асос мо маълумотҳоро дар бораи мазмуну мундариҷаи методикаи истифодашуда доир ба ташаккулёбии мустақилият ва фаъолияти маърифатии донишҷӯён пешниҳод намудем. Чи тавре ки қисми зиёди педагогҳо-тадқиқотчиён мешуморанд (44,76,108,158), принсип дар адабиёти педагогӣ (методика)-ин идеяҳои асосие, мебошанд, ки дар ҳал намудани вазифаҳои мувофиқаткунанда ва ба даст овардани мақсадҳо ёрӣ медиҳанд.

Дар кори таҷрибавӣ-озмоишии зерин доир ба тадқиқоти тарзҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён мо принсипҳои зеринро истифода бурдем.

1.<u>Принсипи илмӣ.</u> Вақте ки сухан дар бораи муносибати илмӣ ба яке аз фаъолиятҳои илмӣ меравад, дар ин ҳолат ташаккули он дарназардошти таъсири қонуниятҳои объективии худи ҳамон соҳаи илм, ҳамчунин таҳлил аз нуқтаи назари қонунҳои илми зерин баргузор мегардад. Ҳангоми ташкил намудани кори озмоишӣ мо ба назар гирифтем, ки қонунҳои объективии рушд ва мавҷуд будани илми педагогӣ зарур аст, ки ба сифати зерсистемаи ҷомеа таҳлил намоем, аммо тадқиқотҳои мо бояд ба дастовардҳои илмӣ-педагогӣ такя намоянд. Истифодабарии присипи илмӣ дар кори озмоишӣ доимо аз мо ба роҳ мондани кори зеринро дар асоси интихоб намудани воситаҳо ва талаботҳои муайяни илмӣ педагогии муосири дастрас ба тадқиқотчиро талаб менамояд.

Бо ёрии онҳо дар асоси муносибатҳои диалектикӣ таъсири байниҳамдигарии чунин ҷанбаҳои раванди таълим мушоҳида мешавад-ҳамҷоякунонӣ, ба монанди тафриқашавии донишҳои илмӣ, мунтаззамшавии усулҳои таълим, ташкил намудани раванди умумии таълим, рушдёбӣ ва тарбияро зимнан дар бар гирифтааст. Принсипи илмӣ ва мунтазамнокии таълим бояд раванди таълимро таъмин созад, дар амаликунонии он дар таҷриба ёрӣ диҳад.

2.<u>Принсипи мунтазамнокӣ.</u> Он сохти мантиқии мазмуну мундариҷа ва раванди таълимро дар кори озмоишӣ талаб менамояд. Принсипи инъикоси худро дар риоя намудани якчанд намуди қоида меёбад. Масалан: якум, раванди кори тарбиявӣ- озмоишӣ ба нақша гирифта мешавад, ба давраҳои муваққатӣ ва мантиқӣ тақсим карда мешавад, ки дар ҳар кадоми онҳо муайян кардани методика ва ҷадвали кор зарур аст; дуюм, барои ҳар як давраи алоҳида дида баромадани мақсадҳои асосӣ ва усули корҳои равонашуда баҳри ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоӣ зарур мебошад; сеюм, дар давраи охирин ҳар як марҳала натиҷаҳои кор таҳлил карда шуда, хулосаҳо бароварда мешаванд.

3.<u>Принсипи рушддиҳанда ва худрушдёбӣ.</u> Принсипи рушдиҳанда нишон медиҳад, ки раванди фаъолгардонӣ танҳо ҳамон вақт бомуваффақ мегардад, ки агар ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯ равона шуда бошад. Дар ин принсип якчанд принсипҳои алоҳида ҷамъ оварда шудаанд, ки дар миёни онҳо дар тадқиқоти мо бештар муҳимашон инҳоянд:

--гузариш аз тарбия ба худтарбиякунӣ ва худомӯзӣ;

--гузариш аз идоракунии педагогӣ ба идоракунии шахсият;

--проблемавӣ;

--оморӣ ва истифодашаванда;

--гуногунрангӣ дар ташкил намудани фаъолияти донишҷӯён.

Принсипи рушдиҳанда бо принсипи худрушддиҳанда алоқаманд мебошад. Ин принсип нишон медиҳад, ки рушди фаъолияти эҷодӣ танҳо дар кори фаъолкунонӣ дар худи шахсият, дар таҳлил намудани проблемаҳо ва хатогиҳои худ, бо назардошти вазъияту ҳолати устувор ва дарк намудани ҷиҳатҳои суст инконпазир мегардад. Истифодабарии он дар раванди фаъолнокӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки рушди қобилияти эҷодии донишҷӯён дар он ҳолате имконпазир мегардад, ки агар онҳо мустақилона дар раванди аз худ намудани донишҳо иштирок намоянд.

4.<u>Принсипи нисбият.</u> Ин принсип ҳамчун ягонагии диалектикии мақсадҳо, вазифаҳо, шаклҳо, тарзҳо ва усулҳои фаъолкунонии донишҷӯён фаҳмида мешавад. Дар шакли ҷанбавӣ ин принсип бо ёрии ягонагии диалектикӣ ва нисбият ба вуҷуд оварда мешавад. Хусусиятҳои асосии ин принсип инҳо мебошанд:

---тафаккури тазаккурӣ ва эҷодӣ;
---муносибати эҷодӣ ба шахсият дар раванди таълим;
---тафаккури мақсаднок ва муассир.

5.**Принсипи идоракунӣ ва худидоракунӣ.** Ин принсип яке аз принсипҳои асосӣ дар раванди фаъолияти маърифатии донишҷӯён бо идоракунии устувори педагогӣ дар ҳамаи давраҳо ба шумор меравад. Он таъмин намудани сатҳи касбияти баланди худи омӯзгорро талаб менамояд. Бомуваффақият будани раванди фаъолгардонии таълим аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад, аз ҷумла дар мувофиқаткунонии мазмуну мундариҷаи таълим бо имкониятҳои хонанда. Дар бартараф намудани проблемаҳои мавҷуда дар раванди таълим, дар асоси қоидаҳои зерин чораҳои зерин андешида шуда буданд:

а) ташкил намудани раванди педагогии дастрас ба донишҷӯён;
б) такя намудан "ба макони наздики рушдёбии" хонандагон;
в) истифодаи маводи проблемавӣ.

6. **Принсипи фардӣ.** Принсипи мазкур ҳолатҳои зерини умумидидактикиро дар бар мегирад:

а) ба ҳисоб гирифтани муносибатҳои тадқиқотчӣ ба предмети омӯзиш;
б) ба ҳисоб гирифтани қобилияти хонандагон ва расонидани ёрии фардӣ ва ҳаматарафа аз ҷониби омӯзгор.

7.**Принсипи зарурият ва кифоягӣ иттилооти илмӣ.** Ташкил намудани рушди таълим бе сарчашмаҳои асосӣ ва иттилоотӣ имконнопазир аст. Инро бисёр олимон исбот намудаанд, ба монанди М. Н. Скатин, А. К. Марков, В. С. Мерлин, А М. Новиков ва дигарон.

Ба таври нокифоя фаҳмонидани методика, методҳо доир ба иҷро намудани вазифаҳо ва супоришҳо аз ҷониби омӯзгор "монеаи маънавӣ" мешавад, ки таваҷҷуҳро ба раванди таълим ва фаъолияти маърифатии донишҷӯён паст менамояд, дар натиҷа паст шудани сатҳи таълим мушоҳида мешавад.

### АДАБИЁТ


1. Бондаревский В.Б. Воспитание интереса к знаниям и потребности к самообразованию: Книга для учителя / В.Б. Бондаревский. -М.: Просвещение, 1985. -144 с.
2. Пидкасистый П.И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении. Теоретико-экспериментальное исследование / П.И. Пидкасистый. -М.: Педагогика, 1980. -240 с.
3. Маркова Н.П. Некоторые условия успешного управления познавательной деятельностью учащихся при программированном обучении (на материале физики): автореф. дис. ... канд. пед. наук / Н.П. Маркова. -М., 1968. - 22 с.
4. Махмутов М.И. Проблемное обучение. Основные вопросы теории / М.И. Махмутов. -М.: Педагогика, 1975. - 211 с.
5. Смирнов А.А. Проблемы психологии памяти / А.А. Смирнов. - М., 1966. - 423 с.
6. Грудёнов Я.И. Психолого-дидактические основы методики обучения математике / Я.И. Грудёнов. - М.: Педагогика, 1987. -160 с.


### МЕТОДҲОИ КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ДОИР БА САНҶИШИ МУВАФФАҚИЯТНОКИИ ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ –МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН


Дар мақолаи мазкур муаллиф методҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо доир ба санҷиши муваффақиятнокии шароитҳои педагогии фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ –маърифатии донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор додааст. Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар асоси рушди амалии коркардҳои назариявӣ, дар натиҷаи дида баромадани пешниҳоду таклифот ба роҳ монда мешавад. Мақсади озмоиш асосноккунонӣ ва санҷиши муваффақиятнокии шароитҳои педагогӣ доир ба ташаккулёбии фаъолияти донишҷӯён дар раванди таълим доир ба омӯзиши фанҳои химия ва биология, ба сифати омили рушди малакаҳои фаъолияти эҷодии донишҷӯён ба шумор меравад. Ташкил намудани рушди таълим бе сарчашмаҳои асосӣ ва иттилоотӣ имконнопазир аст. Инро бисёр олимон низ исбот намудаанд. Ба таври нокифоя фаҳмонидани методика, методҳо доир ба иҷро намудани вазифаҳо ва супоришҳо аз ҷониби омӯзгор "монеаи маънавӣ" мешавад, ки таваҷҷуҳро ба раванди таълим ва фаъолияти маърифатии донишҷӯён паст менамояд, дар натиҷа паст шудани сатҳи таълим мушоҳида мешавад.



**Калидвожаҳо:** корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, фаъолияти маърифатии донишҷӯён, шароитҳои педагогии фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ –маърифатии донишҷӯён, ташаккулёбии фаъолияти донишҷӯён дар раванди таълим.


### МЕТОДЫ ПРАКТИЧЕСКО - ЭКСПЕРИМЕТАЛЬНЫХ РАБОТ ОТНОСИТЕЛЬНО ПРОВЕРКИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ УСЛОВИЙ АКТИВИЗАЦИИ УЧЕБНО-ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ


В данной статье автор подверг рассмотрению методы практическо-экспериментальных работ относитльно проверки эффективности педагогических условий активизации учебно-познавательной деятельности студентов. Практическо-экспериментальная работа устанавливается на основе практического развития теоретических

разработок в результате рассмотрения рекомендаций и предложений. Цель эксперимента обоснование и проверкаэффективности педагогических условий относительно формирования деятельности студентов в процессе обучения таких предметов как химия и биология, в качестве фактора развития навыков творческой деятельности обучающихся. Организация развития обучения без основных и информационных источников не представляется возможным. Это доказали многие ученые. Недостаточное разъяснение методики и методов относительно выполнения задач и заданий со стороны преподавателей является “нравственной преградой”, которое снижает внимание к процессу обучения и познавательной деятельности учащихся и наблюдается снижение уровня обучения.

**Ключевые слова:** практическо-экспериментальная работа, познавательная деятельность студентов, педагогические условия активизации учебно-познавательной деятельности учащихся, формирование деятельности учащихся в процессе обучения.

**METHODS OF PRACTICAL - EXPERIMENTAL WORKS REGARDING THE TEST OF EFFICIENCY OF PEDAGOGICAL CONDITIONS OF ACTIVATION OF STUDENTS 'EDUCATIONAL AND EDUCATIONAL ACTIVITIES**

In this article, the author examined the methods of practical experimental work with respect to checking the effectiveness of pedagogical conditions for enhancing students' educational and cognitive activities. Practical and experimental work is established on the basis of the practical development of theoretical developments as a result of consideration of recommendations and proposals. The purpose of the experiment is the substantiation and verification of the effectiveness of pedagogical conditions regarding the formation of students 'activities in the learning process of such subjects as chemistry and biology, as a factor in the development of students' creative activity skills. Organization of the development of training without basic and information sources is not possible. This has been proven by many scientists. Lack of clarification of the methodology and methods regarding the fulfillment of tasks and tasks by teachers is a “moral barrier” that reduces attention to the learning process and cognitive activity of students and a decrease in the level of education is observed.

**Key words:** practical and experimental work, cognitive activity of students, pedagogical conditions for the activation of educational and cognitive activity of students, the formation of students in the learning process.

**Сведения об авторе:** ***Бобоев Бахтиёр Джангиевич*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул.С.Сафарова, 16.

**Information about the author:** ***Boboev Bakhtiyor Dzhangievich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov St., 16.

**УДК:372.8 (575.3)**

## АҲАМИЯТИ БОЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР РУШДИ ЗЕҲНӢ ВА НУТҚИИ НАВОМӮЗОН (ДАВРАИ ТАЪЛИМИ САВОД)

***Бозоров Хушвахт***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

*«Дар синфҳои ибтидоӣ мунтазам машғулиятҳои зеҳнӣ созмон дода шаванд,то дар онҳо кӯдакони аз ҷиҳати зеҳнӣ соҳиби имконот ва омодагии гуногун,чӣ заиф ва неруманд, тавонанд масъалаҳои ғайриодӣ, ҷустуҷӯӣ ва эҷодиро, ки берун аз маводи таълимӣ мебошанд, ҳал кунанд»* [5.с.174].

Кӯдакон дар оила ва ё кӯдакистон тарбия ёфта, баъд ба мактаб меоянд. Табиист, ки фаъолияти пешбарандаи кӯдакон дар хона ва кӯдакистон бозӣ мебошад. Ҳамин ки ба мактаб омаданд, дар шароити нав, фаъолияти пешбарандаи бозӣ ба фаъолияти таълимӣ иваз мешавад. Барои он ки кӯдакон аз як навъи фаъолият ба фаъолияти дигар, яъне аз бозӣ ба таълим гузаранд, ҷиҳатҳои равонию синнусолии онҳоро ба эътибор гирифтан шарт ва зарур аст. Дар ин бора ақидаи педагогҳои машҳури рус В. В. Даваидов ва Д. В. Элконин чунин аст: «Вақте ки кӯдак ба мактаб қадамҳои аввалини худро мегузорад, мазмуни фаъолияти ӯ тағйир меёбад; вай аз бозӣ ба фаъолияти азхудкунии таълимӣ (хонишу хат фаҳмидану ҳал карда тавонистани масъалаҳои таълимӣ ва донистани воситаҳои ҳалли онҳо) мегузарад» [2, с4].

Синну соли хурди мактабӣ давраи асосии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва нутқии хонандагон мебошад. Аммо бо сабаби қобилияти гуногуни зеҳнӣ доштани хонандагон, баъзан фаъолиятҳои таълимро пурра аз худ намекунанд, аз ин лиҳоз қисми асосии кор (яъне барои азхудкунии донишҳои нав истифодаи усулҳои гуногун ва мувофиқи таълим) ба зиммаи муаллим вогузор мешаванд. Педагоги рус А. Р. Арутюнов мегӯяд: «Нақши омӯзгор дар ташкил ва гузаронидани бозӣ, нақши режессёри театрро мемонад» [2, с. 5]. Дар ин ҳолат муаллим ба хонандагон роҳҳои ҳалли мушкилотро нишон надода, балки дар ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳои ҳалли душвориҳо кӯдаконро дастгирӣ менамояд.

Ба ақидаи педагог Е. Аракин, «бозӣ бояд яке аз воситаҳои бузург ва ниҳоят хуби ивазнашавандаи инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва тафаккури кӯдак ҳисобида шавад» [2, с.5].

Бисёр муҳим он аст, ки аз рӯзҳои аввали давраи саводомӯзӣ сар карда, муаллим дар раванди дарсҳо бо мақсади рушди ба қобилияти зеҳнӣ ва нутқии хонандагони хурдсол ҳар як лаҳзаи дарс мақсаду вазифаҳои бозиро бо мақсаду вазифаҳои мавзӯи дарс дуруст муайян намояд.

Ҳамин тавр, фаъолияти кӯдакон дар ҷараёни бозӣ метавонад ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва нутқии онҳо мусоидат намояд. Барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва инкишоф додани нутқи

хонандагон бозиҳоеро интихоб намудан лозим аст, ки ба ғанӣ гардонидани захираи луғавии онҳо мусоидат намояд. Масалан, **бозии «Калимаҳои дугоник».**

Дар ин бозӣ калимаҳоеро интихоб менамоем, ки (калима аз 3 ё 5 ҳарф иборат бошад), ҳангоми яке аз ҳарфҳои онро иваз намудан, калимаи нав ҳосил шавад, ки миқдори ҳарфҳо дар калимаҳои ҳосилшуда бо ҳам баробар бошанд. Мисол: хола, шола, лола, ҷола,нола, ….;ё ин ки мард, гард, сард, фард,….; шарм, гарм, нарм,чарм, Ғарм,…; нома, ҷома, хома,…;

Гузаронидани чунин бозӣ барои дарёфти калимаҳои дугоник (ба ҳам монанд) ба қобилияти зеҳнии хонандаро рушд дода, захираи луғавиро бой, хотираро мустаҳкам, маҳорату малакаи дарки маънӣ кардани хонандагони хурдсолро устувор мегардонад. Дар давраи таълими савод ба як ҳиҷо зам намудани ҳиҷои дигар ва сохтани калимаи дорои маънои луғавӣ захираи луғавии хонандаро бой намуда, қобилияти зеҳнӣ ва нутқи шифоҳию хаттии хонандаро инкишоф медиҳад. Барои мисол, бозии **«Аз рӯйи ҳиҷои охир»**

Хонандагон дар шакли давра гирд меоянд. Яке аз хонандагон ягон калимаро ба таври ҳиҷо талаффуз мекунад. Хонандае, ки дар назди хонандаи якум истодааст, бояд калимаеро, ки ҳиҷои аввалаш ҳиҷои охири калимаи якум бошад, талаффуз кунад.

Масалан: хонандаи 1-ум; ха-ри-та; хонандаи 2-юм: та-бар; хонандаи 3-юм - Бар-но; хонандаи 4-ум- но-ма; хонандаи 5-ум - ма-кон… ва ғайра. Бозӣ ҳамин тавр идома меёбад. Иҷрои бозии мазкур ғайриодӣ буда, аз хонандагон ҷустуҷӯ, эҷодкорӣ, ковишҳоро талаб мекунад, ки ин ҳама ба зиракии хонандагон мусоидат мекунад.

Ташкил ва доир намудани чунин фаъолиятҳо аз муаллим муносибати махсуси навҷӯиро талаб намуда, иҷрои пайдарпайи фаъолиятҳои эҷодӣ бошад, боиси инкишофи зеҳнӣ ва бой гардидани захираи луғавии кӯдакон гардида, барои амалан аз худ намудани донишҳои нав кумак мерасонад. Мисол: **бозии «Ёбед, ки ин чист?»**

Хонандагон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Муаллим калимаҳои парокандаро номбар мекунад, хонандагон меёбанд, ки сухан дар бораи чӣ меравад.

Мисол: **Муаллим:**

- Сафед, калон, дар осмон равуо мекунад ( сухан дар бораи чӣ меравад?) **Талабагон:**

-Сухан дар бораи **абр** меравад.

**Муаллим:** гарм, тафсон, дар паси кӯҳҳо пинҳон мешавад. (сухан дар бораи чӣ меравад?).

**Талабагон:** Сухан дар бораи **офтоб** меравад.

**Муаллим:** Сурх, зард, сабз, дар тирамоҳ мепазад ( сухан дар бораи чӣ меравад?) **Талабагон:-** Сухан дар бораи **себ** меравад.

Дар ин бозӣ мазмуни калимаҳо мушаххас буда, ба дарку фаҳми кӯдакон мувофиқ мебошад. Кӯдакон аломату хусусият ва амалу ҳаракати ашёҳоро ба хотир оварда, онҳоро зуд муайян мекунанд. Қобилияти зеҳнӣ ва тафаккури рушдёбанда ҳамсафари доимии хонандаи хурдсол буда, дар раванди таълим омили бакорандозии қобилиятҳо ва истеъдодҳои фардии онҳо мегардад.

Барои расидан ба мақсади ниҳоӣ ба муаллим лозим аст, ки бештар аз ҷадвали калимаҳои якҳиҷодор истифода карда, тавассути дарёфти ҳиҷои мувофиқ калимаи нав созад. Хондани калимаҳои якҳиҷодор ва бо ҳам пайваст намудан ва сохтани калимаи нав ба қобилияти зеҳнӣ, нутқӣ, эҷодкорӣ ва дарки маънӣ карда тавонистани хонандагон сахт алоқаманд аст.

**Бозии « Занҷири калимаҳо»** [1, с.88]. Аз ҳиҷоҳо калима созед, нависед ва савол гузоред.

Мақсади бозӣ: Машқи хониши калимаҳо, тарзи иҷрои бозӣ: Калимаи аввал пурра хонда мешавад. Пас ҳиҷои охири калимаи якумро бо ҳиҷои аввали калимаи дуюм, ҳиҷои охири калимаи дуюмро бо ҳиҷои аввали калимаи сеюм ва ҳиҷои охири калимаи сеюмро ба ҳиҷои аввали калимаи чорум ва монанди инҳо пайвста, калимаҳо хонда мешаванд.




Кӣ?-Фирӯза.
Кӣ?-Замира.
Кӣ?-Расул.
Кӣ?-Султон.




Дар ҷараёни иҷрои ин гуна бозиҳо нутқи гуфтори мураттаби хонандагон ташаккул меёбад. Ҳангоми иҷрои бозӣ ҳисси масъулиятшиносӣ, ҷустуҷӯӣ, кунҷкобӣ ва ҳозирҷавобии хонанда боло рафта, фаъолнокӣ ва шавқмандӣ тарбия карда мешавад. Ҳар як хонанда саъй мевкунанд, ки муносибати худро нисбат ба бозӣ нишон диҳад.



Бозиии «**Киштӣ**» [4, с.28].

**Тартиб:** «Бачаҳо мо ҳоло талаффузи овози «ш»-ро машқ карда, ҷойи онро дар калимаҳо муайян намудем. Акнун биёед ба киштӣ савор шуда (омӯзгор расми киштиро нишон медиҳад), ба сайр мебароем.Мо бо худ таҳо чизҳоеро мегирем, ки дар номи онҳо овози «ш» мавҷуд бошад. Кӣ мегӯяд, ки мо бо худ чи чизҳоро мегирем? Хонандагон номи чизҳоеро, ки овози « ш» оғоз мeёбанд, мегӯянд.Масалан, шер, шона, шох, шоҳтут, шакар, ширинӣ, шамол, шанбе, шуҳрат, шодӣ, шиша, шаб, шамъ, шағол, шир ва ғайра. Агар имкон бошад, якчанд расми ашёи хонандагон гуфтаро дар дохили киштӣ кашида номашро менависем Ин бозиро дар омӯзиши овоз ва ҳарфҳои дигар низ истифода бурдан самарабахш аст.

Бозии **« Кӣ зудтар»** [6, с.67].

Бозӣ чун омили пешбарандаи фаъолияти кӯдакон дар рушди зеҳнӣ ва нутқии навомӯзон нақши калидӣ дорад. Раванди иҷрои бозӣ аз навомӯзон қобилият ва муносибати муайян доштанро талаб намуда, фаъолияти равонии хонандагонро муътадил, шавқу ҳавасашонро ба омӯзиши фанни таълимӣ афзун менамояд. Қобилияти зеҳнӣ ва нутқии навомӯзонро рушд медиҳад, имконияти азхудкунии маводро бештар месозад. Хасташавии навомӯзонро рафъ намуда, ҷараёни омӯзишро шавқовар мегардонад.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоев И. Забони модарӣ барои синфи 3 / И.Абдуллоев, З.Абдуллоев, Б.Боронов, З.Дорғабеков. – Душанбе, 2010. –С. 375.
2. Лутфуллоев М. Бозӣ ва инкишофи нутқ / М.Лутфуллоев, Ш. Котибова, Т Каримов. -Душанбе: Сифат, 2009. - 94с.
3. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ / М Лутфуллоев. –Душанбе: Собириён, 2007. - 463 с.
4. Методика дар низоми таълими босалоҳият. -Душанбе , 2016. -139 с.
5. Шарифзода Ф. Ташаккули маданияти зеҳнӣ ва рушди тааккури талабагон / Ф. Шарифзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017. - №3\1. -174с.
6. Шарифзода Ф. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2/ Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев, Б. Ғаниева, С. Қуйбекова. – Душанбе, 2014. - 253 с.


## АҲАМИЯТИ БОЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР РУШДИ ЗЕҲНӢ ВА НУТҚИИ НАВОМӮЗОН (ДАВРАИ ТАЪЛИМИ САВОД)


Дар мақола аҳамияти бозиҳои таълимӣ дар рушди зеҳнӣ ва нутқии навомӯзон мавариди баррасӣ қарор дода шудааст. Кӯдакон дар оила ва ё кӯдакистон тарбия ёфта, баъд ба мактаб меоянд. Табиист, ки фаъолияти пешбарандаи кӯдакон дар хона ва кӯдакистон бозӣ мебошад. Ҳамин ки ба мактаб омаданд, дар шароити нав, фаъолияти пешбарандаи бозӣ ба фаъолияти таълимӣ иваз мешавад. Барои он ки кӯдакон аз як навъи фаъолият ба фаъолияти дигар, яъне аз бозӣ ба таълим гузаранд, ҷиҳатҳои равонию синнусолии онҳоро ба эътибор гирифтан шарт ва зарур аст. Синну соли хурди мактабӣ давраи асосии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва нутқии хонандагон мебошад. Аммо бо сабаби қобилияти гуногуни зеҳнӣ доштани хонандагон, баъзан фаъолиятҳои таълимро пурра аз худ намекунанд, аз ин лиҳоз қисми асосии кор (яъне барои азхудкунии донишҳои нав истифодаи усулҳои гуногун ва мувофиқи таълим) ба зиммаи муаллим вогузор мешаванд. Бозӣ чун омили пешбарандаи фаъолияти кӯдакон дар рушди зеҳнӣ ва нутқии навомӯзон нақши калидӣ дорад. Раванди иҷрои бозӣ аз навомӯзон қобилият ва муносибати муайян доштанро талаб намуда, фаъолияти равонии хонандагонро муътадил, шавқу ҳавасашонро ба омӯзиши фанни таълимӣ афзун менамояд. Қобилияти зеҳнӣ ва нутқии навомӯзонро рушд медиҳад, имконияти азхудкунии маводро бештар месозад. Хасташавии навомӯзонро рафъ намуда, ҷараёни омӯзишро шавқовар мегардонад.



**Калидвожаҳо:** бозиҳои таълимӣ, фаъолияти пешбарандаи бозӣ, синну соли хурди мактабӣ, қобилияти гуногуни зеҳнӣ, омили пешбарандаи фаъолияти кӯдакон, қобилияти зеҳнӣ ва нутқии навомӯзон.


## ЗНАЧЕНИЕ ОБУЧАЮЩИХ ИГР В УМСТВЕННОМ И РЕЧЕВОМ РАЗВИТИИ ДЕТЕЙ МЛАДШЕГО ШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

**(период обучения грамоте)**


В данной статье автор делает акцент на обучающих играх для детей младшего школьного возраста и об их влиянии на их умственное и речевое развитие. Дети воспитываются и в семье и в детском садике и потом идут в школу. Естественно, продвигающей деятельностью детей в семье и детском саду является игра. Как пришли в школу, в новых условиях, продвигающая деятельность игры заменяется на учебную деятельность. Чтобы ребенок перешел от одного вида деятельности на другой, нужно обратить особое внимание на их психологические и возрастные особенности. Младший школьный возраст является основным периодом развития их умственных и речевых способностей Но из-за того, что они имеют различные умственные способности, иногда они не могут полностью освоить учебный материал, из-за этого основная часть работы ложится на плечи учителя (для освоения новых знаний учениками нужно использовать различные методы соответствующие обучению). Игра как направляющий фактор деятельност ииграет важную роль в умственном и речевом развитии ребёнка. Процесс исполнения игры требует от новичков определенного отношения и способностей и уравновешивая психическую деятельность учащихся, приумножает их интерес к изучению учебного предмета, развивает их умственные и речевые способности, представляет возможности для усвоения учебного материала и предотвращая усталость учеников делает интересным и занимательным учебный процесс.

**Ключевые слова:** обучающиеся игры, направляющая функция игры, младший школьный возраст, различные умственные способности, направляющий фактор деятельности детей, умственные и речевые способности учащихся младшего школьного возраста.

**ALUE OF LEARNING GAMES IN THE MENTAL AND SPEECH DEVELOPMENT OF CHILDREN OF YOUNGER SCHOOL AGE**
**(literacy period)**

In this article, the author focuses on educational games for primary school children and on their impact on their mental and speech development. Children are brought up in the family and in kindergarten and then go to school. Naturally, the promoting activity of children in the family and kindergarten is the game. As they came to school, in the new conditions, the promotional activity of the game is replaced by educational activities. In order for a child to move from one type of activity to another, special attention must be paid to their psychological and age characteristics. Younger school age is the main period of development of their mental and speech abilities. But due to the fact that they have different mental abilities, sometimes they cannot fully master the educational material, because of this the main part of the work falls on the teacher’s shoulders (for mastering new knowledge students need to use various methods appropriate to learning). The game as a directing factor of activity plays an important role in the mental and speech development of the child. The process of playing the game requires newcomers to have a certain attitude and abilities and balancing the mental activity of students, increases their interest in studying the subject, develops their mental and speech abilities, presents opportunities for learning material and prevents students from becoming tired, making the learning process interesting and entertaining.

**Key words:** learning games, the guiding function of the game, primary school age, various mental abilities, the directing factor of children's activity, mental and speech abilities of primary school students.

**Сведения об авторе:** ***Бозоров Хушвахт*** – Кулябский государственный университет, кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой дошкольного образования и социальной работы. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул.С.Сафарова, 16.Телефон: **985-56-41-21**

**Information about the author:** ***Bozorov Khushvakht*** - Kulyab State University, candidate of pedagogical sciences, associate professor, head of the department of preschool education and social work. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov St., 16. Phone: **985-56-41-21**

**УДК:372.3/.4 (575.3)**

# НАҚШИ МУҲАББАТИ ВОЛИДОН ДАР ТАРБИЯИ КӮДАКОН

***Рустами Абдуҷаббор, Маҳмадаминов Хайём, Исматов Нуралӣ***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак дар ҷараёни таъсиррасонии омилҳои гуногуни биологӣ, психологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин раванд оила, падару модар, бобою бибӣ, калонсолон, мактаб ва ҳамсолону ҷомеа нақши муайян мебозанд. Кӯдак дар оила дар муҳити навозишу меҳрубонӣ ба олами ҳақиқӣ чашм мекушояд. Оила мураббии аввалин, раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи ҳар як наврас мебошад. Оила ягона манбаест, ки наврасон дар он одоби оиладориро меомӯзанд ва минбаъд ин донишу таҷрибаҳои азхудкардаашонро ҳангоми ташкили ҳаёти оилавиашон истифода мебаранд. Разумихина Г. мегӯяд: «Дӯст доштанро табиат ба мо ёд намедиҳад, худи оила мактаби аввалини муҳаббат аст. Онро дар муошырати волидайн аз худ мекунад. Зуҳуроти мунтазами муҳаббати волидайн байни худ ва фарзандон (шунавоӣ ва бинoӣ, эмотсионалӣ) ӯро бой мегардонад. Ҷавоне, ки тарзи эҳтиром кардан ва дӯст доштани модари худро натавонад, ӯ интихобкардаи худро дӯст дошта наметавонад» [4, с. 74]. Муҳаббати волидон ягона манбаи инкишоф ва рушди фарзанд ба шумор меравад. Муҳаббати волидайн нисбат ба фарзанд зуҳуроти мураккаб ва гуногунҷабҳа аст ва, аз ин лиҳоз, ба он таърифи ягонаи мушаххас додан басо душвор аст. Масалан, он метавонад дар шаклҳои гипоопека, гиперопека, васоят, дахлнопазирӣ ва ғайра зуҳур ёбад.

Гипоопека – ин шакли муносибатҳои оилавист, ки кӯдак дар он беназорат мемонад, аз рӯйи шавқу ҳавасҳои худ кору зиндагӣ мекунад. Ин шакли муносибатро «бепарвоёна» номидан мувофиқ аст. Дар ин ҳолат ба кӯдак имконият дода мешавад, ки ӯ аз рӯйи хоҳиш ва шавқу рағбат амал кунад, ки ин беназоратӣ боиси шаклгирии рафторҳои манфии кӯдак мегардад.

Гиперопека назорати аз ҳад зиёди кӯдак дар оила мебошад. Дар ин намуди муносибатҳои оилавӣ волидон ба одитарин рафтори кӯдак эътибор медиҳанд, ӯро аз

иҷрои амалҳо, гуфторҳо қатъиян манъ медоранд. Натиҷаи чунин муносибат дар кӯдак мустақилӣ, боваринокӣ, худбаҳодиҳӣ ва ғайраро аз байн мебарад.

Васоят системаи муносибатҳои оилавиест, ки волидон ҳама гуна масъалаҳои ҳаётиро ба души худ гирифта, тамоми шароитро барои фарзандон фароҳам меоваранд, ки дар ин сурат шаклгирии шахсият ба таври фаъол амалӣ намегардад. Дар ин намуди муносибат мақсади асосии волидон на тарбияи шахсият, балки қонеъгардонии талаботи кӯдак мебошад, ки он ҳангоми мутобиқшавӣ ба масъалаҳои ҳаётӣ монеаи калон мегардад. Ба ақидаи мо, меъёри ягона барои волидайни идеалӣ шудан вуҷуд надорад, чунки ҳар лаҳза волидон метавонанд дар изҳори меҳри худ ба фарзанд ва ё сарзаниш кардан хатогӣ содир намоянд.

Муҳаббати волидайнро ба фарзанд ҳар олим ба таври худ шарҳу эзоҳ медиҳад. Масалан, А.С. Спиваквская муҳаббати волидайнро ҳамчун сарчашмаи кафолати пурраи эмотсионалӣ ва дастгирии рӯҳиву ҷисмонӣ медонад [3, с. 97].

Ба ақидаи В.С. Сухомлинский, муҳаббати волидайн қувваи бузурги тарбиядиҳанда ба шумор меравад. Ин қобилияти бевосита ҳис намудани талаботи одам буда, аз падару модар ба фарзанд равона шудааст [3, с. 99]. А. Лоуэн қайд мекунад, ки норасоии муҳаббати волидайн дар солҳои барвақти ҳаёт боиси ноқисӣ дар инкишофи эмотсионалии инсон мегардад. Шахсе, ки аз муҳаббати волидайн маҳрум мондааст, ҳиссиёти холигии ботиниро аз сар мегузаронад ва дар оянда наметавонанд чунин ҳиссиётро ба шакли мукаммал нисбат ба наздиконашон зоҳир намоянд [3, с. 101]. Тадқиқоти психологҳои Калифорния нишон доданд, ки ба инкишофи ақли кӯдак муҳити оилавӣ таъсири бевосита мерасонад. Кӯдаконе, ки дар муҳити эмотсионалии мусоид қарор доштанд, зинаи инкишофи ақлашон доимо баланд мегашт ва баръакс, дар кӯдаконе, ки волидайнашон ба онҳо кам эътибор медоданд, пастшавии нишондиҳандаҳои ақл мушоҳида мегашт.

Доир ба масъалаи муҳаббати волидон ба фарзанд мутафаккирони форсу тоҷик низ нуқтаи назари хешро иброз доштаанд. Масалан, Саъдии Шерозӣ дар осори худ ба масъалаи меҳр ва меҳрубонӣ нисбат ба зан, модар аҳаммияти хосса медод. Зеро модар дар ҳаққи фарзанди худ муҳаббати бепоён арза медорад ва вуҷуди ӯ барои тарбият ва парвариши фарзанд бисёр муҳим аст. Ба ақидаи Саъдии бузургвор, афроде, ки ба падар ва модари худ меҳрубонӣ намекунанд, наметавонанд ба дигарон меҳрубонӣ кунанд ва дигарон низ онҳоро дӯст намедоранд [6, с. 14]. Мир Саид Алии Ҳамадонӣ доир ба масъалаи муносибатҳои байниҳамдигарии зану шавҳар, аз қабили дӯстӣ, муҳаббат, ҳурмату эҳтироми якдигар, муносибатҳои дохилиоилавӣ ва ғайра андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Бузургвор дар боби чаҳоруми асари худ «Захират-ул-мулук» ба масъалаҳои оилавӣ диққати махсус додааст. Ӯ яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои оилавиро иҷрои қарзи фарзандӣ ва ҳурмату эҳтиром, меҳру муҳаббат ва шафқати бепоёни фарзандон нисбати волидайн ва волидон нисбати фарзандон медонад. Ӯ аз ҳадиси ҳазрати Муҳаммад (с) «Биҳишт зери қудуми модарон аст» пайравӣ намуда, модарро аз ҳама чизи дунё болотару қиматтар донистааст.

Аз гуфтори боло аён мегардад, ки Ҳамадонӣ ҳамчун олими нуқтасанҷ ба хубӣ дарк намудааст, ки сабабгори асосии аланга задани хашму ғазаб шиддат гирифтани зиддият ва оғози вайрон шудани оилаҳо, муносибат ва муоширати нодурусти байни зану шавҳар мебошад. Агар зану шавҳар дар муносибат ва муошират ҳурмати эҳтироми якдигарро ба ҷо оранд, ҳуқуққои якдигарро поймол накунанд ва сабру тоқатро пешаи худ созанд, оилаи хушбахт ташкил карда метавонанд. Гузашта аз ин, бузургвор ҳуқуқи занро нисбат ба ҳуқуқи мард волотар495 дониста, мардҳоро бо он даъват намудааст, ки бо рафтори дурушту дағалона шахсияти занонро паст назананд, балки ба сабукию дуруштии онҳо бо ақлу хиради расо сабру таҳаммул намоянд.

Абӯалӣ ибни Сино мутафаккире буд, ки дар тамоми риштаҳои улуми замонаш асарҳо эҷод карда, роҷеъ ба таълиму тарбияи кӯдак низ фикрҳои ҷолиб баён намудааст. Мутафаккир мақоми бузурги падару модарро дар парвариши кӯдак муайян кардааст. Ба ақидаи ӯ, тарбияи кӯдак бояд аз рӯзи таваллуд шурӯъ гардад. Дар ин бобат ривояти зерин ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Рӯзе зану шавҳари ҷавон, тоза фарзанддор шуда буданд, пеши

Ибни Сино рафта, дар боби таълиму тарбияи кӯдак маслиҳат пурсиданд. Сино мепурсад «Кӯдакатон чандрӯза шуд?». Мегӯяд, ки думоҳа. Абӯалӣ даст ба зону зада мегӯяд: «Дер шудааст, дер! Кӯдакро мебоист худи ҳамон рӯзи таваллудаш меовардед». Аз ин ривоят бармеояд, ки мутафаккир ҳаёти инсонро бидуни тарбия тасаввур карда наметавонад. Аввалин навозишу аллаҳои модар, парвариши дояву мураббӣ ва панду андарзҳои падар маҳз аз оила оғоз меёбад.

Ибни Сино оид ба тарбияи синни барвақти бачагӣ дар боби «Сиёсати мард барои фарзандаш» навиштааст: «Падар бояд ба фарзандаш номи наку бимонад, дояи хубе борои ӯ интихоб кунад, бачаро аз корҳои баду аз одатҳое, ки айб шуморида мешаванд, нигоҳ дорад. Дар фарзанд хислатҳои ростгӯӣ меҳнатдӯстиро тарбия намуда, илму ҳунар ва донишро омӯзад». Ӯ ақида дошт, ки агар аз хурдсолӣ ба кӯдак сурудҳои фораму дилнишин хонда, ӯро хобонед, кӯдак ҳалиму хушгуфтор ба комол мерасад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки агар кӯдакро «падари сахтгир» тарбия кунад дар оянда ӯ шахси машҳур мешавад, вале хислатҳои фармонбардорӣ ва сустиродагӣ дар ӯ боқӣ мемонанд.

Доктор Шиничи Чузики гуфта буд: «Агар шумо ба хона омада, ба наздатон ҳамаи фарзандонатонро даъват карда, ба чеҳраи онҳо нигоҳ кунед, дар он чеҳраҳо таърихи муносибатҳои зану шавҳариатонро мебинед». Аз ин лиҳоз, яке аз роҳњои дуруст ба роҳ мондани тарбияи кӯдак ташкили муҳити солими психологӣ дар оила ба шумор меравад [5, с. 76]. Инчунин, дар тарбияи фарзандон нақши бобою бибӣ ниҳоят калон аст. Онҳо имконият медиҳанд, ки хислатҳои неки набера (фарзанд) ташаккул ёбанд. Онҳо таҷрибаи ҳаётии худро ба фарзандон ва наберагон меомӯзонанд. Бобо ё бибӣ дар асоси нақли ягон ҳикоя, хаёл, тасаввурот ва тафаккури кӯдакро ташаккул медиҳанд. Психологи машҳури ҷопонӣ Акира Таго хусусиятҳои психологии олими намоён Сейджи Кайаро омӯхта, навишта буд: «Маҳорати бодиққатӣ, якравӣ, устувории характерро Сейджи Кайа аз бобо, пуртоқатӣ ва оромиро аз бибиаш гирифтааст, чунки аз хурдсолӣ дар тарбияи онҳо буд».

Дар «Қасас-ул-анбиё» симои зан, қабл аз ҳама, чун ҳамсари вафодор ва модари ғамхори фарзандон ба назар мерасад, ки мисоли онро дар симои модари Иброҳими Халилуллоҳ (а) зани чӯбдори Намруд-Озар, Хоҳаро зани Иброҳим (а) модари Исмоил (а), Хотун зани надими Фиръавн ва модари Мусо (а), Марям модари Исо(а) , Омина зани Абдуллоҳ ибни Абдулмуталиб (а) модари Пайғамбари ислом (с) ва дигарон, ки на танҳо паёмбаронро ба дунё овардаанд, балки дар ҳифзи онҳо аз офатҳои рӯзгор ва тарбияи эшон саҳми боризе гузоштаанд, метавон дид.

Ба ҳар як шахс, хоҳ хурд бошаду хоҳ бузург, пеш аз ҳама, дар тарбияи дуруст гирифтан аъзоёни оила, хосатан, падару модарон ва дигар бузургсолон нақши муассир доранд. Маҳз дониш, таҷриба, ақлу фаросати волои падару модар аст, ки кӯдакро аз ҳама гуна сустию дудилагӣ ва калавишҳои зиндагӣ наҷот медиҳад. Иродаи қавӣ, дониши казоӣ ва афкори самимии падару модар аст, ки кӯдак некро аз бад ва сиёҳро аз сафед фарқ мекардагӣ мешавад.

“Хислатҳои неку наҷиби инсонӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ муқаддам аз оила сарчашма мегиранд ва тадриҷан тибқи одобу рафтори нек, донишу омӯхтани илмҳои замона, донистани маданият, расму оин, воқифият аз гузаштаву ҳозираи халқу ватани аҷдодии хеш тақвият меёбад”[8,с. 69].

Хулоса, тадқиқоти олимони соҳаи педагогикаю равоншиносӣ (психология) ва таҷрибаи рӯзгор собит менамояд, ки кӯдак хислат, одоб, рафтор ва муносибату муоширати байниҳамиро сараввал аз оила мегирад. Дар ин росто таъсири аҳли оила дар мадди аввал меистад, бинобар ин, падару модар ва дигар бузургсолони оила дар муносибату муошират ва муомила бояд бо хурдсолон ниҳоят эҳтиёткор бошанд. Дар ҳузури хурдсолон аз ҳама гуна хислатҳои манфию манфур худдорӣ намоянд, то баҳри фарзандон намунаи ибрат бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Буянов М.И. Ребенок из неблагополучной семьи: Записки детского психиатра. Книга для учителей и родителей / М.И. Буянов. - М.: Просвещение, 1988.
2. Дастури психологияи амалӣ /Зери таҳрири Юнусова Н.М. – Душанбе: Собириён, 2004.
3. Овчарова Р.В. Психология родительства / Р.В. Овчарова. -М., 2005.

4. Разумихина Г. Мир семьи: книга для учащихся старших классов по курсу "Этика и психология семейной жизни"/ Г. Разумихина. - М.: Просвещение, 1986.
5. Раҳимзода Хуррам. Маърифати оиладорӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 9. – Душанбе: МТЛ ОРЕС, 2003.
6. Хоҷаева Фирӯза. Тарбия ва ахлоқ дар «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ / Ф. Хоҷаева. – Душанбе, 2006
7. Ҳакими Лазаз Раҳимзод. Асосҳои оила ва оиладорӣ. - Хуҷанд, 2005.
8. Ҷураев Б. Ростию ростгорӣ яке аз омилҳои худшиносӣ / Б.Ҷураев Паёми -ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2018. -№ 5(9). –С. 69.

## НАҚШИ МУҲАББАТИ ВОЛИДОН ДАР ТАРБИЯИ КӮДАКОН

Инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак дар ҷараёни таъсиррасонии омилҳои гуногуни биологӣ, психологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин раванд оила, падару модар, бобою бибӣ, калонсолон, мактаб ва ҳамсолону ҷомеа нақши муайян мебозанд. Кӯдак дар оила дар муҳити навозишу меҳрубонӣ ба олами ҳақиқӣ чашм мекушояд. Оила мураббии аввалин, раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи ҳар як наврас мебошад. Оила ягона манбаест, ки наврасон дар он одоби оиладориро меомӯзанд ва минбаъд ин донишу таҷрибаҳои азхудкардаашонро ҳангоми ташкили ҳаёти оилавиашон истифода мебаранд. Муҳаббати волидон ягона манбаи инкишоф ва рушди фарзанд ба шумор меравад. Муҳаббати волидайн нисбат ба фарзанд зуҳуроти мураккаб ва гуногунҷабҳа аст ва, аз ин лиҳоз, ба он таърифи ягонаи мушаххас додан басо душвор аст. Масалан, он метавонад дар шаклҳои гипоопека, гиперопека, васоят, дахлнопазирӣ ва ғайра зуҳур ёбад. Аз нигоҳи муаллиф, муҳаббати падару модар барои дуруст инкишофи равонии кӯдак замимаи асосӣ маҳсуб меёбад. Мактаби аввалини кӯдак ин оғӯши гарми модар ва чашмони пур аз муҳаббати падар мебошад.

**Калидвожаҳо:** инкишоф, ҷараёни таъсиррасонӣ, раҳнамои ҳаёт, зуҳуроти мунтазам, эҳсосот, бепарвоӣ, гипоопека, гиперопека.

## РОЛЬ РОДИТЕЛЬСКОЙ ЛЮБВИ В ВОСПИТАНИИ РЕБЁНКА

Всесторонее развитие личности ребенка происходит в процессе воздействия различных биологических, психологических, социальных, экономических и культурных факторов. В данном процессе семья, родители, дедушки и бабушки, взрослые представители семьи, школа, ровесники и общество играют определенную роль. Ребёнок в семье открывает глаза на внешний мир в среде полной любви и ласки родителей и близких членов семьи. Семья является первым воспитателем, жизненным путеводителем, основателем будущего характера и привычек каждого подрастающего поколения . Семья – это единственный источник в котором ребёнку прививаются семейные ценности, которые он использует затем при создании своей семьи Любовь родителей является единственным источником развития ребенка, сложным и многоаспектным явлением и дать этой любви единую и конкретную оценку сложно. Например, данная любовь проявляется в различных формах: гипоопека, гиперопека, попечительство, неприкосновенность и т.п.. С точки зрения автора любовь родителей играет важную роль для психологического развития ребенка и является основным фактором для его дальнейшего существования в обществе. Первым шагом в этом направлении является любовь и поддержка родителей.

**Ключевые слова:** развитие, воздействующее направление, путеводитель жизни, постоянное явление, эмоции, безаботный, гипоопека, гиперопека.

## THE ROLE OF PARENT LOVE IN CHILD EDUCATION

Comprehensive development of the child's personality occurs in the process of exposure to various biological, psychological, social, economic and cultural factors. In this process, the family, parents, grandparents, adult family representatives, school, peers and society play a role. A child in a family opens his eyes to the outside world in an environment full of love and affection for parents and close family members. The family is the first educator, life guide, the founder of the future character and habits of each rising generation. The family is the only source in which the child is instilled with family values, which he then uses to create his family. Parents' love is the only source of development for the child, a complex and multidimensional phenomenon, and it is difficult to give this love a single and concrete assessment. For example, this love manifests itself in various forms: hypo-care, hyper-care, guardianship, immunity, etc.From the point of view of the author the love of parents plays important role for psychological development of the child and it is a major factor for its further existence in own life. The first school in this direction is parent caress and support of the father.

**Keywords:** The development, influencing direction, the life guidebook, the constant phenomenon, emotions, carelessness, hypoguardianship, hyperguardianship.

**Сведения об авторе:** ***Рустами Абуджаббор*** -Дангаринский государственный университет, преподаватель кафедры педагогики, психологии и развития человеческих ресурсов. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3.Телефон: **985-75-24-45**

***Маҳмадаминов Хайём*** -Дангаринский государственный университет, преподаватель кафедры педагогики, психологии и развития человеческих ресурсов. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3.

***Исматов Нуралӣ*** -Дангаринский государственный университет, преподаватель кафедры педагогики, психологии и развития человеческих ресурсов. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3.

**Information about the authorc:** ***Rustam Abujabbor*** -Dangarinsk State University, teacher of the Department of Pedagogy, Psychology and Human Resource Development. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova street, 3. Phone: **985-75-24-45**

***Mahmadaminov Khayam*** - Dangarinsk State University, teacher of the Department of Pedagogy, Psychology and Human Resource Development. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova street, 3.

***Ismatov Nurali*** - Dangarinsk State University, teacher of the Department of Pedagogy, Psychology and Human Resource Development. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova street, 3.

УДК:372/3|.4 (575.3)

# ФАЗИЛАТИ МАЪНАВИИ ВОЛИДАЙН ДАР ЗЕҲНУ ШУУРИ ФАРЗАНДОН ВА НУФУЗИ ОН ДАР ЗИНДАГИИ ИНСОН

*Манонова Р.А.,Раҳимова Г., Абдураҳмонова М.А.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров**

Оила чун гурӯҳи хурди ҷамъият вазифаи тарбиявии худро дар назди ҷомеа иҷро карда меояд. Он худро дар тарбияи бачагон қарздор шуморида, доимо мекӯшад, то ки одамони ба ҷамъият зарур тарбия карда, ба воя расонида шаванд. Барои амалӣ гардонидани чунин вазифа таҷрибаи пешқадами волидони кордон бениҳоят заруранд.

Замони муосир ки муайянкунандаи ҷаҳонишавии тамаддунҳост, дар як вақт бо пайомадҳои нохуши худ тафаккур ва фазилати башариро ба нигаронӣ дучор кардааст. Пешравӣ ва тараққии ҷомеаи ҷаҳонӣ, дастрасӣ ба шабакаи интернет намоиши ҳар гуна филмҳои ғайриахлоқию зӯроварӣ ба воситаи садо ва симо боиси аз байн рафтани ахлоқ ва адаби инсоният гардидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки оила нақши асосӣ ва азалии худро нисбат ба тарбияи фарзанд аз даст додааст. Имрӯз падидаҳои нангину расво, ки тариқи интернет, садову симо меҳмони нохондаи тоҷикистониён гардидаанд, сарчашмаи фасодангез ва барҳамдиҳандаи одобу ахлоқ ва таълиму тарбия ба шумор мераванд. Дар ин росто, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» соли 2011 қабул карда шуд, ки дар моддаи чоруми он чунин омадааст: «Таълиму тарбияи фарзанд вазифаи муқаддаси падару модар, ҷомеа ва давлат мебошад».

Таҷрибаи таърихии тарбияи халқӣ, ки аз меъёрҳои ахлоқии мушаххас ва намунаи ибрат дар зиндагии ниёгон мавҷуд буданд, мо метавонем тарбияи ахлоқи ҳамидаро ғанӣ гардонем. Андарзҳои халқӣ, одатан, дар бозӣ, нақлу ривоятҳо, афсона, зарбулмасалу мақол, чистонҳо ва расму оинҳо акс ёфтаанд. Асарҳои бисёр намояндагони адабиёти классикии тоҷик ба хазинаи маданияти ҷаҳон ворид шудаанд, ки дар инкишофу пешравии илми педагогика аҳаммияти басо муҳим пайдо кардаанд.

Эҳтирому меҳрубонии мутақобила ва риояи ҳуқуқи ҳамдигар аз ҷониби падару модар дар зеҳни фарзанд эҳтиром ба шахсият, эҳтиром ба инсон ва эҳтиром ба ҷамъиятро парвариш медиҳанд. Халқ аз қадимулайём фарзандони худро дар рӯҳи ахлоқи ҳамида тарбия карда меояд. Ҳадаф аз он иборат аст, ки бачагони некахлоқ тарбия карда шаванд.

Бетарафӣ ва бетафовутии мо имрӯз ба дараҷае расидааст, ки наврасон ва ҷавонони имрӯза дар рафти инкишофи худ падидаҳои ғайриахлоқии Ғарбро ҳамчун одат қабул карда истодаанд. Ҳар як падару модар ва устодону кормандони масъули тарбияи ҷамъиятӣ бояд дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» фаъолияти худро ба роҳ монанд. Ҳар як падару модар бояд аз реҷаи кори фарзанди худ, ки дар давоми рӯз иҷро мекунад, бохабар бошад, то тавонад нақшаҳои ғайри қобили қабули худро бартараф созад ва фарзанди худро ба роҳи рост ҳидоят намояд. Пешрафти таълиму тарбияи кӯдак, наврас ва ҷавон, пеш аз ҳама, ба ақлу заковат ва донишу хиради падару модар вобаста аст. Дар ин асно дар суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин омадааст: «Усулан ақлу идрок, ҷаҳонбинӣ ва фазилати маънавии падару модар аввалин сарчашмаест, ки дар зеҳну шуури кӯдак нақши ҳамешагӣ пайдо мекунад ва нуфузи он дар зиндагии инсон як умр боқӣ мемонад».

Бояд ёдрас намуд, ки мақсади асосии маркази ҷосусии ҷаҳон, пеш аз ҳама, дар байни мусулмонон барои аз байн бурдани расму оин, меҳру оқибат, низоандозӣ, барҳам задани дин ва паҳн кардани ҳар гуна фуҷур, хӯи ҳайвонӣ ва аз байн бурдани як қатор миллатҳо иборат аст ва имрӯз онҳо дар паҳнкунии ҳар гуна фасод ба дараҷае ба мақсади худ расидаанд, ки мо бояд барои аз беху бун нест кардани он муборизаи якҷоя барем.

Бояд таъкид кард, ки ҳамаи омӯзгорон дар фаъолияти педагогии худ ба вазифаи роҳбари синф будан тайёранд, ҳатто баробари таълим якбора ин вазифаи душворро ҳам

иҷро мекунанд. Онҳо вазифадоранд бо волидони хонандагон кор бурда, маърифати педагогии онҳоро муттасил сайқал диҳанд. Кори онҳо дар ин давра ниҳоят гуногун мешавад: таълим медиҳанд, ба кори беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ роҳбарӣ мекунанд, хонандагонро меомӯзонанд, рафтори онҳоро назорат мекунанд, бо шавқу ҳаваси онҳо аз наздик шинос гашта, роҳи ояндаи ҳаёти онҳоро нишон медиҳанд, бо волидон кор мебаранд, онҳоро бо панду андарзҳои ниёгонамон мусаллаҳ менамоянд ва ҳоказо.

Педагог шахсест, ки мавқеи рафиқи накӯкори калонсолро ба худ гирифтааст ва ба тарбияи бачагон бо самимият мароқ зоҳир менамояд, диққати бачагонро ба худ ҷалб мекунад, бо нармию гармӣ ва инсондӯстии худ дар муносибати байниҳамдигарӣ эътиқоди бачагонро ба даст медароварад, кори тарбиявии оиларо низ ба уҳда мегирад. Ибни Сино дар бораи тарбияи хонандагон чунин ҳолатҳоро қайд кардааст:

1. Шогирдон ҳамеша бо нишот ва ҳарис ба омӯхтани илму адаб ва ахлоқ мебошанд, гоҳе бо якдигар мубоҳот мекунанд. Ва мавқеи иззати нафс водориашон менамояд аз дигар шогирдон ақиб намонанд.

2. Шогирдон муҷтамеъ бо якдигар сухан мегӯянд, ин сухан гуфтан сабаби рӯшноию фузунии ақлу фаҳмишашон мегардад, зеро ҳар як ширинтарин суханро, ки дидаву шунидааст, ба дигарӣ мегӯяд ва ин ширинӣ муҷиби пешгирифтӣ ва шигифтӣ, сабаби ҳифз ва гуфтани он ба дигаре мегардад.

3. Фоидаи дигари иҷтимоъ, ки гуфтем, он аст, ки шогирдон бо якдигар рафиқ мешаванд ва ҳамдигарро эҳтиром менамоянд ва мехоҳанд бар якдигар сабқат кунанд, ҳамаи инҳо асбоби мубоҳоту муҳокимот ва мусобиқа буда, муҷиби таҳзиби ахлоқ ва таҳрики ҳикматҳо ва тамрини одоби хуб мебошанд.

Сино таълим ва тарбияи хонандагонро ба ду марҳала ҷудо кардааст.

Дар *марҳалаи аввал* омӯзандагон бояд, пеш аз ҳама, худ дар ҳама ҳолат намуна бошанд, ростқавл бошанд, инсони нек, кори худро хуб донанд. Бояд бачагонро аз кори бад эмин доранд, дар вақташ рафтори неки онҳоро таъриф намоянд, ботамкин бошанд ва аз ҳад зиёд ҷиддӣ набошанд.

*Дар марҳилаи дуюм* омӯхтани ҳунарро тарғиб кардааст. Ақидаҳои ахлоқии Сино ниҳоят пурмазмунанд. Вай ростқавлӣ, поктинатӣ, ҳақиқатпарастиро дар китобаш: «Қонуни илми тиб» талқин карда онро зарур шуморидааст: хусусиятҳои маънавии халқ ва анъанаҳои куҳани вай ҳақиқатҷӯиро бедор менамояд… *ҳақиқат-ороиши беҳтарини рафтори инсонист…*

Халқи тоҷик дар давоми асрҳо барои тарбияи фарзандони худ аз гуфтаҳои оқилонаи халқ истифода мебарад. Бисёр оилаҳо ҳастанд, ки дар истифодаи воситаҳои баёнии педагогикаи халқӣ дар тарбияи ахлоқи ҳамидаи фарзандон таҷрибаи бое ҳосил намудаанд, хусусан ин падида дар муомилоти ҳаррӯза бо фарзандон мушоҳида мегардад.

Дар моддаи ҳаштуми қонуни зикршуда чунин омадааст: «Падару модар дар тарбияи фарзанд уҳдадориҳои зерин доранд:

- ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд;
- пас аз таваллуд фарзандро дар муҳлати то се моҳ аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд;
- барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд;
- фарзандро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;
- фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд;
- гаштугузори фарзанди то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд;
- шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд;
- новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии фарзанд, нисбат ба ӯ баробар муносибат намоянд;

- дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро манъ намоянд.

- кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд;

- ба фарзанди синни томактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таҳсил мекунанд, бо худ овардан ва истифодаи телефонҳои мобилиро манъ намоянд».

Рукни дигар, маданияти рафтор аст. Дар зери мафҳуми рафтор, умуман тарзи муносибат, муомила, нишастухез, либоспӯшиву суҳбати шахс дар ҷойҳои ҷамъиятиро мефаҳмем, ки дараҷаи шуурнокӣ, фаросат, ҷаҳонбинӣ, таҷрибаи зиндагии шахс зоҳир мешавад. Инсон ҳамчун мавҷудоти оқил ба шароиту имкониятҳо назар карда, рафтор мекунад. Аз ин сабаб рафтори шахс якхела набуда, нисбат ба одоби муошират васеътар аст. Чунки маданияти рафтор дараҷаи тарбияи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ки аз илму ҳодисаҳо бохабар будани касро дар бар мегирад. Барои баланд бардоштани маънавиёт бештар хондан, бештар донистан, дар муносибат будан, ҳама чизро ба тарозуи ақл баркашидан зарур аст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар китоби худ «Анвори Суҳайлӣ» зимни суханони Димна басо хуб овардааст: «Ҳар касе ақли соф ва хиради комил дошта бошад, худро аз пояи паст ба мартабаи баланд мерасонад, ҳар кас ақли заиф дошта бошад, худро аз дараҷаи олӣ ба мартабаи фонӣ андозад».

Бузургон гуфтаанд, ки ба дараҷаи инсони комил расидан бо заҳмати бисёр зиёде ба даст оварда мешавад ва аз мартабаи иззат таназзул кардан бо андак кулфате муяссар мегардад. Аз ин рӯ, омӯхтану маънавиёти худро бардоштан ба ҳама аҳли ҷомеа, бахусус духтарон, ки модарони ояндаанд, шарт ва зарур аст.

Зеро дар урфият гуфтаанд, ки мероси падар на танҳо молу мулк, балки тарбияи фарзанди солеҳу соҳибмаърифат мебошад, ки ҳамеша номи неки гузаштагон ва шахсиятро нигоҳ медорад.

**АДАБИЁТ**


1. Столетов В.Н. Некоторые проблемы развития педагогической науки в СССР / В.Н. Столетов //Сов.педагогика. -1972. - №12. -С.28.
2. Мудрые заповеди народной педагогики. Записки журналиста. Сост. З.А.Васильева. -М.: Педагогика, 1984.
3. Муҳаммад Ғаззолӣ. Насиҳат-ул-мулук. –Душанбе: Ирфон, 1993.
4. Мы и наша семья. Книга для молодых супругов. -М.: Молодая гвардия, 1987.
5. Ротенберг В.С.Мозг. Обучение. Здоровье / В.С. Ротенберг, С.М. Бондаренко. - М.: Просвещение, 1989. - 239 с.
6. Рувинский Л.И.Самовоспитание школьников / Л.И. Рувинский, А.Я. Арен. - М.: Педагогика, 1971.- 160 с.
7. Рувинский Л.И. Психолого-педагогические проблемы нравственного воспитания школьников / Л.И. Рувинский. - М.: Педагогика, 1981.-128 с.


## ФАЗИЛАТИ МАЪНАВИИ ВОЛИДАЙН ДАР ЗЕҲНУ ШУУРИ ФАРЗАНДОН ВА НУФУЗИ ОН ДАР ЗИНДАГИИ ИНСОН


Дар мақола сухан оиди фазилати маънавии волидайн дар зеҳну шуури фарзандон ва нуфузи он дар зиндагии инсон меравад. Оила чун гурӯҳи хурди ҷамъият вазифаи тарбиявии худро дар назди ҷомеа иҷро карда меояд. Он худро дар тарбияи бачагон қарздор шуморида, доимо мекӯшад, то ки одамони ба ҷамъият зарур тарбия карда, ба воя расонида шаванд. Барои амалӣ гардонидани чунин вазифа таҷрибаи пешқадами волидони кордон бениҳоят заруранд. Замони муосир ки муайянкунандаи ҷаҳонишавии тамаддунҳост, дар як вақт бо пайомадҳои нохуши худ тафаккур ва фазилати башариро ба нигаронӣ дучор кардааст. Пешравӣ ва тараққии ҷомеаи ҷаҳонӣ, дастрасӣ ба шабакаи интернет намоиши ҳар гуна филмҳои ғайриахлоқию зӯроварӣ ба воситаи садо ва симо боиси аз байн рафтани ахлоқ ва адаби инсоният гардидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки оила нақши асосӣ ва азалии худро нисбат ба тарбияи фарзанд аз даст додааст. Таҷрибаи таърихии тарбияи халқӣ, ки аз меъёрҳои ахлоқии мушаххас ва намунаи ибрат дар зиндагии ниёгон мавҷуд буданд, мо метавонем тарбияи ахлоқи ҳамидаро ғанӣ гардонем. Андарзҳои халқӣ, одатан, дар бозӣ, нақлу ривоятҳо, афсона, зарбулмасалу мақол, чистонҳо ва расму оинҳо акс ёфтаанд. Асарҳои бисёр намояндагони адабиёти классикии тоҷик ба хазинаи маданияти ҷаҳон ворид шудаанд, ки дар инкишофу пешравии илми педагогика аҳаммияти басо муҳим пайдо кардаанд.



**Калидвожаҳо:** фазилати маънавии волидайн, тарбияи насли наврас,таҷрибаи таърихии тарбияи халқӣ, меъёрҳои ахлоқӣ,меъёрҳои ахлоқӣ.

**ДУХОВНОЕ ДОСТОИНСТВО РОДИТЕЛЕЙ В СОЗНАНИИ И ИНТЕЛЛЕКТЕ ДЕТЕЙ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЖИЗНЬ ЧЕЛОВЕКА**

В статье речь идет о духовном достоинстве родителей в сознании и интеллекте детей и его влиянии на жизнь человека. Семья как маленькая группа общества выполняет свою воспитательную задачу перед обществом. Семья считает себя ответственным в воспитании детей, и всегда старается воспитать нужных для общества граждан. Для осуществления данной задачи очень важна передовая практика знающих свое предназначение родителей. Современный период жизни является определителем глобализации цивилизаций и своими нелицеприятными явлениями вызывает беспокойство в сознании и интеллекте людей. Прогресс и развитие мирового сообщества, доступность сети интернет, демонстрация различных фильмов, содержащих сцены насилия и разврата, посредством телевидения и различных средств вещания стали причиной упадка нравственности и норм поведения в обществе. Все это свидетельствует о том, что семья потеряло свое основное и изначальное предназначение. Используя историческую практику народного воспитания, которая состояла из конкретных нравственных норм и примерных образцов в жизни наших предков, мы сможем обогатить пути воспитания нравственного поведения молодого поколения. Народные нравоучения обычно отображены в народных играх, рассказах и преданиях, сказках, пословицах и поговорках,народных традициях и обычаях. Произведения многих представителей таджикской классической литературы внесены в мировую культуорную сокровищницу, и имеют важное значение в развитии и продвижении науки педагогики.

**Ключевые слова:** духовное достоинство родителей, воспитание подрастающего поколения, историческая практика народного воспитания, нравственные нормы.

**SPIRITUAL DIGNITY OF PARENTS IN CONSCIOUSNESS AND INTELLIGENCE OF CHILDREN AND ITS INFLUENCE ON HUMAN LIFE**

The article deals with the spiritual dignity of parents in the consciousness and intelligence of children and its impact on human life. The family as a small group of society fulfills its educational task in front of society. The family considers itself responsible in the upbringing of children, and always tries to educate the citizens necessary for society. For the implementation of this task, the best practice of parents who know their purpose is very important. The modern period of life is the determinant of the globalization of civilizations and with its unpleasant phenomena causes concern in the consciousness and intelligence of people. The progress and development of the world community, the availability of the Internet, the demonstration of various films containing scenes of violence and debauchery, through television and various broadcast media, have led to a decline in morality and standards of behavior in society. All this indicates that the family has lost its basic and original purpose. Using the historical practice of public education, which consisted of specific moral norms and exemplary patterns in the life of our ancestors, we can enrich the ways of educating the moral behavior of the young generation. Folk teachings are usually displayed in folk games, stories and traditions, tales, proverbs and sayings, folk traditions and customs. The works of many representatives of Tajik classical literature are included in the world cultural treasury, and are important in the development and promotion of the science of pedagogy.

**Keywords:** spiritual dignity of parents, education of the younger generation, historical practice of public education, moral standards.

**Сведения об авторах:** ***Манонова Р.А.*** **–** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат педагогических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков

***Рахимова Г.*** **-** Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей педагогики

***Абдурахмонова М. А.,*** асситент кафедры иностранных языков ИЭТ ТГУК

**УДК: 372.853 (575.3)**

# РОҲНАМО ДАР РУШДИ САМТҲОИ ВАРЗИШ ВА ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

***Абдураҳмонов Ғ. З.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Дар ҳамаи самтҳо варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ мутобиқ бо пешрафти замон дар Тоҷикистон инкишоф меёбад. Дар партави сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба инкишоф ва рушди бемайлони тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун омили тарғиби ҳаёти солим ва яке аз омилҳои меҳварии таҳкими дӯстиву рафоқат эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Танҳо дар мавриди як навъи варзиш давидан метавон қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ аз соли 2006 ҳар сол Рӯзи дави миллӣ ва аз соли 2010 дар Рӯзи пойтахт ниммарофони байналмилалӣ доир мешавад, ки ин ҳамчун чорабинии калон дар қаламрави кишвар сокинони зиёдро фаро мегирад. Мутобиқи ахбороти оморӣ дар ҷумҳурӣ беш аз 1,5 млн нафар наврасону ҷавонон ба варзиш машғуланд ва варзиш дар мамлакатамон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумат ба ҳисоб меравад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели 2012 таҳти №825 «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва танзим менамояд. Соли 1992 Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки он узви Кумитаи байналмилалии

олимпӣ мебошад. Дар мавриди дастовардҳои варзишгарон метавон мисолҳои зиёде овард, вале манзури мо баррасии “Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021” аст, ки 27 майи соли 2017 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст. Рӯйи кор омадани ин барнома худ гувоҳи он аст,ки Давлату Ҳукумат ба масъалаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ эътибори ҷиддӣ дода, дар заминаи он баробари таъмини солимии ҷомеа рукнҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатро қавӣ хоҳад кард. Зеро инсони солим ва ҷомеаи солим давлати нерӯмандро бунёд мекунад. Аз ҷониби дигар, ин барнома талаботи замон буда, ҷомеа ба дигаргунии муносибат ба тарбияи ҷисмонӣ ниёз дорад. Воқеан танҳо барномаи мушаххас ва доимоамалкунандаи давлатӣ метавонад ҳадафҳои олии дар ин самт доштаи Ҳукумату мардумро амалӣ созад. Дар барнома омадааст: “Барнома дурнамо, самтҳои асосии фаъолият, афзалияту вазифаҳо ва тартиби амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро муайян ва ҷанбаҳои асосии тарбияи ҷисмонии аҳолиро дар бар гирифта, инчунин ҷиҳати ҳалли масъалаҳои омодагии захираҳои варзишӣ ва омода намудани варзишгарон барои иштирок дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат менамояд.” Ин маънии онро дорад, ки давлату ҳукумат масъалаи мазкурро ба назорат гирифта, иҷрои онро аз мақомотҳои марбута пурсон мешавад ва дар иҷрои бечунучарои он саҳми худро мегузорад. Нуктаи муҳиме, ки дар барнома зикр ёфтааст, ин рушди инфрасохтор ва хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таҳким ва рушди заминаи моддию техникӣ барои шуғли аҳолӣ бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, пойгоҳи варзишӣ барои таъмини ҷараёни босифати машқӣ - таълимӣ дар муассисаҳои варзишии наврасону бачагон, мактаб - интернатҳои варзишӣ барои кӯдакони лаёқатманд мебошад. Дар ин самт аллакай дар қаламрави кишвар корҳои муҳимми бунёдӣ анҷом дода шуда истодаанд ва заминаи рушди варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ таъмин мегардад. Ривоҷ додани ин самт аз амалҳои аввалиндараҷа буда, махсусан мутобиқи меъёрҳои замон бунёд шудани он айни матлаб мебошад. Яке аз ҳадафҳои қабули барномаи мазкур ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим буда, дар замони муосир он аҳаммаияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Имрӯз воситаҳои муҳим ва замонавие рӯйи кор омадаанд, ки дар ин самт метавонанд хидмат намоянд. Гузашта аз телевизион ва радио,ки таърихи тӯлонӣ доранд, сайтҳои интернетӣ бештар мавқеъ пайдо кардаанд, ки истифода аз он айни матлаб мебошад. Ҳадафи дигари барнома инкишоф ва таҳкими дӯстӣ ва ҳамкориҳо миёни на танҳо варзишгарон, балки инсонҳо ва кишварҳо ба ҳисоб меравад. Яъне, варзиш метавонад ба иртиботи қавии мардуми кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон бо мамлакатҳои олам заминаи мустаҳкам гузорад ва он ҳамзамон дар пешрафти иқтисодиёт таъсир намояд. Махсусан дар сурати омодакунии бештари варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ ин имконият васеъ ва ҳадафманд хоҳад шуд. Дигар аз зарурат ва мақсади ин барнома ин аст,ки ҳарчанд дар иншооти инфрасохтори варзишии замонавӣ, ки шумораи онҳо то 15 ҳазор адад мерасаду наврасону ҷавонон бо варзиш машғуланд вале ҳанӯз ҷараёни машқварзии онҳо ба як низоми муайян дароварда нашудааст. Аз ин рӯ, барнома имконият медиҳад, ки ин масъала ҳалли худро ёбад ва ба танзим даровардани фаъолияти варзишӣ моро ба ҳадафи асосӣ - расидан ба дастовардҳои байналмилалӣ наздик хоҳад кард. Мавриди зикр аст, ки барои расидан ба ин ҳадаф заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Аз ҷумла, имрӯз зиёда аз 1381 иншооти варзишӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ сохта шуда, 1059 иншооти варзишӣ таъмиру таҷдид ва ба истифода дода шуданд, ки барои рушди инфрастохтори соҳа нақши муҳим мебозанд. Яъне, варзиши муосир аз навгониҳои гуногун бархӯрдор буда, барои омода намудани мутахассисони дорои усулҳои нави замонавӣ омода аст. Ҳадафи дигари барнома баланд бардоштани сатҳу савияи касбии мураббиён ва устодони соҳаи варзиш мебошад, ки ин масъалаи доғи рӯз аст. Мутобиқи маълумоти оморӣ имрӯз бештар 15,7 фоизи ҳайати мураббиёни муассисаҳои варзишии ҷумҳурӣ бе маълумоти соҳавӣ фаъолият мебаранд, ки ислоҳи он ҳатмист. Мусаллам аст, ки барнома дар ин самт дурнамои худро дошта, дар ислоҳи он нақши муассир мегузорад. Ҳалли ин масъала имкон медиҳад, ки дар мавриди омодасозии дастаҳои мунтахаби маҳалҳо ва ҷумҳурӣ, ки ба онҳо мутахассисони баландихтисос

намерасад қадами ҷиддӣ гузошта шавад. Барнома ба як масъалаи дигари ҷиддӣ, ки мутаассифона, дар ҷараёни тамрини варзишгарони тоҷик ба назар намерасад -таъминоти тиббӣ ва формакологӣ, инчунин бамеъёрдарории истеъмоли ғизо, истироҳат, барқарорсозӣ ва омодагии равонӣ (психологӣ) эътибори ҷиддӣ додааст. Ин агар яке аз рукнҳои асосии муваффақият дар соҳа бошад, масъалаи барқарор намудани равоншиносони варзишӣ, беҳтар кардани хизматрасонии тиббии варзишӣ рукни дигари он мебошад. Барқарор кардани маркази диспансери тиббии варзишии ҷумҳуриявӣ яке аз ҳадафҳои асосии барнома мебошад, ки он барои дар сатҳи нав муаррифӣ кардани вазъи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ имконият хоҳад дод.

"Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар боби ҳадаф ва вазифаҳо номгӯйи чорабиниҳоро, аз қабили ташкил ва рушди инфрасохтори соҳаи варзишии ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ, таъмини оммавияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташкили клубҳо ва бахшҳои варзишӣ дар низоми мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф, табдил додани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҳаракати оммавӣ ва як қисми муҳимми ҳаёти аҳолӣ, боз ҳам баланд бардоштани самаранокии низоми тарбияи ҷисмонӣ байни аҳолӣ, такмили минбаъдаи сифати омодагардонии кадрҳо, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси онҳо, такмили низоми чорабиниҳои варзишии интихобӣ барои мукаммал гардонидани дастаҳои мунтахаб аз рӯйи намудҳои варзиш, роҳандозӣ намудани раванди мутобиқ ба талаботи муосири омодакунии тими мунтахаб аз рӯи намудҳои варзиш ба мусобиқаҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ- такмили низоми чорабиниҳои варзишии интихобӣ барои мукаммал гардонидани дастаҳои мунтахаб аз рӯйи намудҳои варзиш, роҳандозӣ намудани раванди мутобиқ ба талаботи муосири омодакунии тими мунтахаб аз рӯйи намудҳои варзиш ба мусобиқаҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, таъмини соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо маводи илмию методӣ ва дар заминаи илми муосири варзиш ба роҳ мондани азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мураббиёни мактабҳои варзишӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таъмин бо лавозимоти варзишӣ ва ба роҳ мондани назорати тиббӣ ва таъмини хизматрасонии тиббӣ ба шахсоне, ки бо варзиши касбӣ машғул ҳастанд, густариш ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ ва мукаммалгардонии низоми тайёр намудани варзишгарони касбӣ бо мақсади иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Бозиҳои олимпӣ, бештар намудани чорабиниҳои варзишӣ байни бонувону кӯдакон, ташкили чорабиниҳои варзишӣ барои маъюбон ва шахсони дорои имконияти маҳдуд бо мақсади иҷрои вазифаҳои Барнома ва таъмини оммавияти варзиш ба таври васеъ ташвиқ намудани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тавассути воситаҳои ахбори омма ва ғайра номбар шудааст, ки ҳамагӣ дар пешрафти варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ муҳим мебошад. Дар заминаи барнома "Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 тартиб дода шудааст, ки он имкон медиҳад зина ба зина вазифаҳои дарпешистода ҳалли худро ёбанд. Амал кардан аз рӯйи нақшаи мазкур барои муассисаҳои варзишӣ, кафедраҳо ва ҳар як шахси ба варзиш алоқаманд ҳатмӣ буда, дар партави он амал кардан моро ба дастовардҳои баланд наздик мекунад. Ҳамин тариқ, Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 яке аз сарчашмаҳои фаъолияти варзишгарон ва масъулини соҳаи тарбияи ҷисмонӣ буда, татбиқ кардани он аз ҳиммат, кордонӣ, дилсӯзӣ ва ихтисосмадии мо вобаста аст.

### АДАБИЁТ


1. Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 № 260 аз 27 майи соли 2017. –Душанбе, 2017.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш". Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007. - №3. - Мод.176; Қонуни ҶТ аз 16.04.2012с. -№ 825.
3. Губанова Л.Сафаров Ш.Каримова Д. Тарбияи ҷисмонӣ. Китоби дарсии синфи 5-6 / Л.Губанова, Ш.Сафаров, Д.Каримова. –Душанбе, 2013.

**РОҲНАМО ДАР РУШДИ САМТҲОИ ВАРЗИШ ВА ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ**

Дар ҳамаи самтҳо варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ мутобиқ бо пешрафти замон дар Тоҷикистон инкишоф меёбад. Дар партави сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба инкишоф ва рушди бемайлони тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун омили тарғиби ҳаёти солим ва яке аз омилҳои меҳварии таҳкими дӯстиву рафоқат эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Дар мавриди дастовардҳои варзишгарон метавон мисолҳои зиёде овард, вале манзури мо баррасии “Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021” аст, ки 27 майи соли 2017 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, мебошад. Рӯйи кор омадани ин барнома худ гувоҳи он аст, ки Давлату Ҳукумат ба масъалаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ эътибори ҷиддӣ дода, дар заминаи он баробари таъмини солимии ҷомеа рукнҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатро қавӣ хоҳад кард.

**Калидвожаҳо: самт**ҳои варзиш, Кумитаи миллии олимпӣ, барномаи дурнамо, рушди тарбияи ҷисмонӣ, мактабҳои варзишӣ, варзиши касбӣ.

**ПРОВОДНИК НА ПУТИ РАЗВИТИЯ НАПРАВЛЕНИЙ СПОРТА И ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ**

Во всех направлениях в соответствии с развитием общества развивается и сфера спорта и физической культуры в Таджикистане. В свете политики Основателя мира и национального согласия, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона уделяется огромное внимание развитию спорта и физической культуры как фактора пропаганды здорового образа жизни и одного из стержневых факторов укрепления дружбы и сотрудничества. Относительно достижений спортсменов можно привести очень много примеров, но в своей статье мы подвергли рассмотрению и изучению “Комплексную программу развития физической культуры и спорта в Республике Тадзжикистан на 2017-2021 годы”, которая была принята Правительством Республики Таджикистан от 27 мая 2017 года. Продвижение данной программы является свидетельством того, что государство и правительство страны обращает серьезное внимание на проблемы спорта и физической культуры и на его основе наравне с оздоровлением общества укрепляет экономические и социальные основы страны.

**Ключевые слова:** направления спорта, национальный олимпийский комитет, перспективная программа, развитие физической культуры, спортиные школы, профессиональный спорт.

**A CONDUCTOR ON THE WAY OF DEVELOPING DIRECTIONS OF SPORTS AND PHYSICAL CULTURE**

In all directions, in accordance with the development of society, the sphere of sports and physical education is developing in Tajikistan. In the light of the policies of the Founder of Peace and National Accord, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, great attention is paid to the development of sports and physical culture as a factor in promoting a healthy lifestyle and one of the key factors in strengthening friendship and cooperation. Regarding the achievements of athletes, there are many examples, but in our article we examined and studied the “Comprehensive Program for the Development of Physical Culture and Sports in the Republic of Tajikistan for 2017-2021,” which was adopted by the Government of the Republic of Tajikistan on May 27, 2017. The promotion of this program is evidence that the state and government of the country pay serious attention to the problems of sports and physical education and, on its basis, along with the improvement of society, strengthen the economic and social foundations of the country.

**Key words:** sports directions, national Olympic committee, long-term program, development of physical education, sport schools, professional sports.

**Сведения об авторе:** ***Абдурахмонов Голиб Зафарович*** – Худжандский государственный университет им.Г.Гафурова, старший преподаватель кафедры спорта и методики преподавания физической культуры. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1

**Information about the author:** ***Abdurakhmonov Golib Zafarovich*** **-** Khujand State University named after G. Gafurov, Senior Lecturer, Department of Sports and Methods of Teaching Physical Culture. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Drive, 1

**УДК 378 (575.3)**

# ОМӮЗИШИ ҲАЁТ ВА АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ БАҲОУДДИНИ ОМУЛӢ ВА МОҲИЯТИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Давлатова М.Ҳ.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Мақолаи мазкур ба ҳаёт ва фаъолияти математик, муҳандис, файласуф, диншинос, шоир ва педагоги асримиёнагии тоҷик Баҳоуддини Омулӣ (1547-1622) бахшида шудааст, ки дар пешрафти илмҳои замони худ саҳми намоён дорад. Вай боз ба таълиму тарбияи шогирдони зиёд диққати махсус ҷудо намудааст, ки бисёри аз онҳо мутафаккирони машҳури замони худ гаштаанд.

Баҳоуддини Омулӣ ибни Иззоддин Шайх Ҳусайн ал-Ом машҳур бо лақаби шоирии Баҳоӣ соли 1547 дар наздикии шаҳри Омул дар оилаи шахси маорифпарвар Шайх Ҳусайни Омулӣ таваллуд шудааст. Тақдир ӯро дар кӯдакӣ аз модар ҷудо мекунад ва дар соли 1556 вай бо падари худ ба шаҳри Исфаҳони Эрон кӯч мебандад. Дар ин шаҳр маскан гирифта, қисми зиёди ҳаёти худро дар ин ҷо мегузаронад. Маълумоти ибтидоии худро аз

падар гирифта, баъдан дар мадраса дар назди мутафаккирони машҳури он давра таҳсил менамояд. Масалан, ӯ илмҳои табиатшиносӣ, физика, математика ва астрономияро аз Афзалии Казӣ ва Алии Музаҳҳаб, фалсафаро аз Абдуллоҳ Яздӣ, тибро аз Ҳаким Имомуддин омӯхтааст. Баҳоуддин Омулӣ бисёр шогирди бомаҳорат, боистеъдод буд ва дар муддати кӯтоҳ тавонист ҳамчун мутафаккири фозил машҳур гардад.

Ба монанди дигар мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик (Сино, Берунӣ, Умари Хайём, Насриддини Тӯсӣ) ӯ донишманди ҳақиқӣ: риёзидони машҳур (математик), ҳандасадон (геометрия), муҳандис, физик, ситорашинос, табиб, файласуф, диншинос, фақеҳ (қонуншинос) буд. Ҳамин тавр, дар бораи ӯ муҳаққиқи бузурги эронӣ Саид Нафисӣ менависад: «Баҳоӣ яке аз мутафаккирони машҳури замони худ буд ва мунтазам машғули таълим буда, баҳсу мунозараҳои илмӣ мегузаронд, доимо барои таълими шогирдон тайёр буд» [1, с. 22]. Баъд аз сафарҳои дурудароз (Ироқ, Шом, Осиёи Миёна) ӯ ба Эрон баргашта, соли 1622 дар Исфаҳон аз олам гузашт.

Аз Баҳоуддини Омулӣ то имрӯз ба дасти мо 88 асар дар бахшҳои гуногуни илму дониш боқӣ мондааст. Номгӯйи баъзеи онҳо чунин аст: «ал-Камшкул» («Ҷоми (паймона) дарвеш (гӯшанишин)») асари фалсафӣ-теологӣ ва педагогӣ, «Маҷмӯаи Аббосӣ» – (қонуншиносии мусулмонии равияи шиа), «Нону ҳалво» ва «Ширу шакар»–ҳардуи ин асарҳои назмианд. Дар соҳаи илмҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ рисолаҳои дигари ӯ: «Рисола фи-л-қаваид ал-хисабиййа ва-далил ал-хандасия» («Рисола дар бораи қоидаҳои арифметикӣ ва далелҳои геометрӣ»), «Рисолаи манзум дар илми ҳайъат (астрономия)». “Масоил филхайа» («Суолҳои астрономӣ»), «Баҳр ал ҳисаб» («Дарёи арифметикӣ»), «Ташреҳ-ул-афлоқ», «Манзума ашкол ат-тасисйа урдҷуза фи-л-ҳандаса” (Асоси (ё таъсиси) фигураҳои геометрӣ дар шеър ва ё достон ё манзумаи ҳандаса), «Ҳафтод боб дар устурлоб» («Рисола дар илми масоҳат», «Рисола дар нисбати иртифои ҷибол» («Трактат относительно высоты горы», Рисола нисбати иртифоъи ё баландии кӯҳ) ва ғайраҳо машҳур буданд, ки шумораи онҳо ба 88 номгӯй мерасад. Баъзе рисолаҳои дастнависи Баҳоуддини Омулӣ дар Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақамҳои 931; 1239; 1788; 1260/2; 1836/2, инчунин дар фонди дастнависҳои Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақамҳои 1611/3 ва 1611/4 нигоҳ дошта мешаванд.

Дар рисолаи геометрии худ «Рисола дар илми масоҳат», ки аз муқаддима ва 3 фасл иборат аст, Баҳоуддини Омулӣ шаклҳои гуногуни геометрӣ: хатти рост ва каҷ, камонак, сектор (дасткола), доира, секунҷа, квадрат (мураббаъ), росткунҷа, ромб, трапетсия, бисёркунҷа ва ғайраҳоро муайян намудааст [1, с. 16-24]. Барои ҳисоб кардани масоҳати фигураҳои геометрӣ аз методҳои муаллимони машҳури худ Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ (ал-Кошонӣ 1380-1429) ва Алӣ Қушчии Самарқандӣ (1403-1474) истифода мебарад. Баҳоуддини Омулӣ барои ҳисоб кардани масоҳати бисёркунҷа онро ба секунҷаҳо тақсим намуда, баъд масоҳати ҳар кадоми онро алоҳида муайян мекунад.

Бояд қайд кард, ки «Хулосат-ул-ҳисоб»-и Баҳоуддини Омулӣ дар эҷодиёти Муҳаммад Наҷмуддинхон, математик ва шоири машҳури асрҳои XVI-XVII, муаллифи «Рисола дар алгебра» («Рисола дар ҷабр ва муқабала»), ки ба забони тоҷикӣ дар шакли назмӣ навишта шудааст, таъсир расонид. Дар навбати худ, «Хулосат-ул-ҳисоб»-и Баҳоуддини Омулӣ ба рисолаи «Муҳаммадия»-и Алӣ Қушчӣ Самарқандӣ бисёр наздикӣ дорад, осори ӯ бошад, аз рӯйи услуби (сабк) худ бештар наздикӣ ба осори машҳури Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ «Калид ба арифметика (Роҳ ба сӯйи арифметика)» дорад.

Паҳлуҳои дигари фаъолияти илмӣ ва педагогии Баҳоуддини Омулиро қайд кардан зарур аст: аввалан, ӯ тавонист эҷодиёти илмии устодони худ Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ ва Алӣ Қушчии Самарқандиро нигоҳ дорад; дувум, анъанаҳои асримиёнагии мактаби математикии илмии тоҷикро бомуваффақият идома дод; сеюм, бо ҳар роҳ ба интишори илми математикаи асримиёнагӣ дар Осиёи Миёна ва Эрон мусоидат кард; чорум, таҷрибаи таълимӣ педагогиро дар мадрасаи Мовароуннаҳр ва Хуросон, яъне Осиёи Миёна ва Эрон ҷамъбаст намуда, дастурҳои таълимии математикӣ таълиф намуд ва дар охир шогирдони зиёдеро, ки дар боло баъзеи онҳоро зикр намуда, тарбия ва таълим дод.

Бояд қайд кард, ки бисёре аз рисолаҳои ӯ то замони мо нарасидаанд ва ҳатто аз рисолаҳои дастрасшуда низ ба таври зарурӣ омӯхта нашудаанд, ба истиснои маълумотҳои нопурраи Г. Собиров, Г.П. Матвиевская, И. Ҳоҷиева ва И. Муҳаммадиев, ки саҳми муайянро дар омӯзиши рисолаҳои «Хулосат-ул-ҳисоб», «Рисола дар илми масоҳат гузоштаанд. Бешубҳа, аз ҳама рисолаи машҳури ӯ дар риёзиёт ин «Хулосат-ул-ҳисоб» мебошад, ки ба эҷодиёти математикони наслҳои минбаъда таъсир расонидааст.

Имрӯзҳо бисёр кашфиётҳои Баҳоуддини Омулӣ олимонро ба ҳайрат мегузоранд. Махсусан «Манораҳои дар алвонҷбудаи» дар Исфаҳон сохташуда (Эрон). Боз ҳам як ихтирои Баҳоуддини Омулӣ, ки ба ӯ бисёр шуҳрат овард, аз рӯйи лоиҳаи вай ҳаммом сохта шуда буд, ки бо як шамъ гарм мешуд ва то ҳол дар бораи он ривоятҳо мавҷуданд. Ин ҳаммом тақдири фоҷиаборро аз сар гузаронидааст. Соли 1790 қувваҳои муайяни

беруна барои омӯхтани механизми (моҳияти) кори ҳаммом таҳхонаи онро хароб сохта, механизми гармидиҳии онро мусодира карда, ба Англия бурданд. Дар натиҷаи ин системаи гармидиҳии ҳаммом аз кор монд.

Дар назди ҳаммом корхонаи коркарди равған ҷойгир буд, ки бо ташаббуси Баҳоуддини Омулӣ сохта шуда буд ва дар он равған барои мақсадҳои гуногун истеҳсол мешуд. Баҳоуддини Омулӣ мутафаккир ва донишманди бузурги замони худ буд. Ба қалами ӯ қариб 100 асор, ки дар амалия тамоми соҳаҳои илмҳои он замонаро дар бар мегирад, тааллуқ дорад. Агар ақидаҳои теологӣ-фалсафии Баҳоуддини Омулиро гурӯҳҳои муайяни файласуфон тарафдорӣ ва тараққӣ дода бошанд, он гоҳ афкори математикӣ ва осори ӯро тамоми риёзидонони насли минбаъда давом дода, вусъат бахшидаанд. Мушоҳида ва омӯзишҳо собит намуданд, ки мутаассифона, ақидаҳои педагогии ин марди фозил то ҳозир мавриди тадқиқот қарор нагирифтаанд.

Ақидаҳои педагогии Баҳоуддини Омулӣ  асосан дар ду ҷанбаи ҳаёт ва эҷодиёти ӯ:

а) дар эҷодиёти назмии адабӣ ва теологӣ-фалсафии ӯ;

б) дар таҷрибаи эҷодиёти педагогии ӯ, маҳз дар тайёр намудани шогирдони зиёд таҷассум меёбад.

Аз рӯйи маълумотҳои Саид Нафисӣ гурӯҳи олимони асри XI ҳиҷрӣ (асрҳои XVI-XVII) дар назди Баҳоуддини Омулӣ таҳсил намуданд ва номҳои онҳое, ки дар китобҳои гуногун оварда шудаанд, ба 33 баробаранд. Номҳои баъзе аз онҳо: Шайх Ҷавод ибни Саъдуллоҳ ибни Ҷавод ал-Бағдодӣ машҳур бо номи Ҷавод-хирадманд; Мулло Муҳаммад Муҳсин ибни Муртазо ибни Маҳмуд Файзи Кошонӣ (вафоташ 1091); Мулло Муҳаммадшариф ибн Шамсиддин Муҳаммад Исфаҳонӣ (вафоташ 1087); Мулло Халил ибни Ғози Қазвинӣ (вафоташ 1089); Мулло Муҳаммад Солеҳ ибни Аҳмад Мозандарани (вафоташ 1081); Шайх Зайниддин Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Зайнулобиддин Алӣ ибни Аҳмади Омулӣ (вафоташ 1030); Шайх Муҳаммад ибни Алии Омулӣ; Шайх Алӣ ибни Маҳмуди Омулӣ; Низомиддин Муҳаммад ибни Ҳусайн Қаршӣ, ки баъди марги Баҳоуддини Омулӣ бо фармони шоҳ Аббос рисолаи устоди худро бо номи «Ҷоми Аббосӣ» ба охир расонид; Сайид Изиддин Абӯабдуллоҳ Ҳусайн ибни Ҳайдар ибни Қамари Ҳусайни Омулӣ; Амир Муҳаммад Қосим ибни Амир Муҳаммад Таботабоӣ; Наҷмиддин Алӣ ибни Шамсиддин Муҳаммад Ашраф Исфаҳонӣ; Садриддин Муҳаммад ибни Иброҳим Шерозӣ машҳур ба Мулло Садро (вафоташ 1050); Мулло Муҳаммад Боқир ибни Муҳаммад Муин Хуросонии Сабзаворӣ, (вафоташ 1090); Муҳаммадамини ал-қорӣ (эҳтимол Муҳаммадамин ал-Муъминободӣ математики машҳури тоҷик, ки асарҳои ӯ дар мадрасаҳои гуногуни асри XVIII таълим дода мешуданд); Баҳоуддин Муҳаммади Омулӣ (ҳамном ва ҳамшаҳри мутафаккир) ва дигарон буданд [3, с.76].

Дар масъалаи ҳиммат ва ҳимматбаландӣ Шайх Баҳоӣ дар ақидаи дуруст будааст. Вай дар ин хусус фикри устодони бузурги гузашта, аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомиро давом дода истода, боҳиммату назарбаланд буданро зебу зиннати марди ҳақиқӣ шуморидааст. Ҳамин аст, ки шоир аз одамони беирода ва коҳилу паст соғар гирифтанро ба шаъну шарафи «ҳимматбаландон» муносиб надониста, як бор ҳам бошад, аз дасти Соқӣ бода нӯшиданро тавсия кардааст, ки мурод аз он тавсифи инсони ҳақиқӣ, меҳнатдӯсту боирода аст:

*Соқиё, бидеҳ ҷоме з-он шароби рӯҳонӣ,*
*То даме баросоям з-ин ҳиҷоби ҷисмонӣ,*
*Бевафо нигори ман мекунад ба кори ман,*
*Хандаҳои зери лаб, ишваҳои пинҳонӣ.*
*Дину дил ба як дидан бохтему хурсандем,*
*Дар қимори ишқ, эй дил, кай бувад пушаймонӣ.*
*Мо зи дӯст ғайр аз дӯст мақсаде намехоҳем,*
*Ҳуру ҷаннат, эй зоҳид, бар ту бод арзонӣ.*
*Расму одати риндист аз русум бигзаштан,*
*Остини ин жанда меканад гиребоне.*
*Зоҳиде ба майхона сурхрӯ зи май дидам,*
*Гуфтамаш: муборак бод в-армании мусулмонӣ.*

Назар ба ақидаи Шайх Баҳоӣ шахси ҳимматбаланд, боирода ва бомулоҳиза ҳамеша дар зиндагӣ сарбаланд аст, номи ӯ вирди забони мардумон мебошад. Аз ин ҷиҳат вай талқин мекунад: тавре зиндагӣ кун, ки дигарон низ туро зинда ҳисобанд, на ин ки чун шамъ сарафкандаат хоҳанд. Қаноатмандиро пеша намо, шукргузорӣ аз зиндагӣ намо, ҳавою ҳавасро гузор ба канор:

*Аз ҳавас бигзар раҳоӣ кун кашшу фаш,*
*По зи домони қаноат дар макан.*
*Гар набошад ҷомаи атлас туро,*

*Куҳна далқӣ сотири тан бас туро.*

Мутафаккир кибру ғурур, худписандӣ, ман-манӣ, худро аз дигарон боло шуморидан, сабуксарона амал кардан, ба иззати нафси одамони бофазлу хирад расидан ва дигар хислатҳои нолоиқи инсонро танқиду мазаммат кардааст:

*Дар чеҳра надорам аз мусулмонӣ ранг,*
*Бар ман дорад шараф саги аҳли фарҳанг.*
*Он рӯсияҳам, ки бошад аз будани ман,*
*Дӯзахро нангу аҳли дӯзахро нанг.*

Мардумро ба илму донишандӯзи даъват ба амал меорад. Ба ақидаи ӯ, олим бояд ранҷу азоб ва азияти беохири донишомӯзиро таҷруба кунад.

*Илми расмӣ сар ба сар қил асту қол,*
*На аз ӯ кайфиятеҳосил на ҳол.*
*Табъро афсурдагӣ бахшад мудом,*
*Мавлавӣ бовар надорад ин калом....*
*Гар касе гӯяд ки: аз умрат ҳамин,*
*Ҳафт рӯзе монда в-он гардад яқин.*
*Ту дар ин як ҳафта машғули кадом,*
*Илм хоҳӣ гашт, эй марди тамом.*
*Фалсафа ё наҳв ё тиб ё нуҷум,*
*Ҳандаса ё рамл ё адоди шум...*

Баҳоуддини Омулӣ дар боби одоби сухан ва сухангӯӣ низ махсусан таваққуф кардааст. Вай одами ҳарзагӯй ва сергапу беҳудагӯйиро сарзаниш намуда, дар айни замон таъкид кардааст, ки ёвагӯӣ кори хуб нест ва оқибати он барбод додани сар аст. Ба ин маънӣ шоир шахси ёвагӯй ва касеро, ки суханро дар мизони ақл носанҷида мегӯяд, ба аблаҳ нисбат додааст. Ҳамин тариқ, Баҳоуддини Омулӣ дар чанд й ашъораш як навъ ба тариқи ҷамъбаст мефармояд, ки инсон барои он, ки дар охир аз кардаи хеш пушаймон нашавад, афсус нахӯрад ва хиҷолатманд нагардад, бояд аз оғозу саршавии ҳар кор аз рӯйи ақл ва хирад кор кунад, зеро пушаймонӣ суд надорад. Ё худ ба ҳар коре, ки даст задан мехоҳад, нахуст онро хуб бисанҷад, сипас барои иҷрояш камар бибандад.

Шайх Баҳоӣ дуруст қайд кардааст, ки дар оғози ҳар коре андеша бояд кард, зеро аз афсӯсу надомат кас фоидае ба даст оварда наметавонад:

*Эй дил, қадаме ба роҳи ҳақ нанҳодӣ,*
*Шармат бодо, ки сахт дур афтодӣ.*
*Сад бор арӯси тавбаро басти акд,*
*Ноёфта ком аз ӯ, талоқаш додӣ.*

Дар баробари ин, ҳангоми мутолиаи осори пурғанovати Баҳоуддини Омулӣ ба ҳикоятҳо, порча ва байтҳои зиёде дучор омадем, ки онҳо мавзӯъҳои гуногуни зиндагӣ-рафтору кирдори ботинии инсон, расму одат, рӯзгор, тарзи қабули меҳмон, баъзе шартҳои зарурии он ва ғайраро дар бар гирифтааст. Аз мазмуни ҳамин гуна порчаҳои назмӣ дақиқназарии Шайх Баҳоӣ ба ҳаёту зиндагӣ, муносибатҳои зоҳирию ботинии инсон, ки то ҳозир ва минбаъд ҳам аҳаммияти этикию эстетикии худро нигоҳ медоранд, равшан мегардад.

Ҳамон навъе, ки ишора карда будем, дар баробари байт ва порчаҳои ҷудогонаи шеърӣ дар ашъори Баҳоуддини Омулӣ ба шеърҳои пуррае ҳам дучор мешавем, ки маҳз дар ҳамин мавзӯъ гуфта шудаанд. Масалан, дар маснавии назмии «Нон ва ҳалво»-и мутафаккир.

Бояд гуфт, ки ду маснавии Баҳоуддини Омулӣ инҳо «Нон ва ҳалво» ва «Ширу шакар», чи аз ҷиҳати ҳаҷм ва чи аз ҷиҳати дарбаргирии мавзӯю тарзи ифода диққатҷалбкунанда мебошанд. Осори номбурда дар мавзӯи панду ахлоқ навишта шуда, масъалаҳои гуногунро дар бар мегирад. Дар онҳо чунин рафтор, кору кирдор ва амалиёти инсон дар назар дошта шудааст, ки моҳиятан пешқадам буда, аз мутолиаи он ҳамеша баҳравар шудан мумкин аст. Мавриди риҳлат ёфтани Шайх Баҳоӣ андешаҳои гуногун омадааст: Муаллифи «Амалу амал» гӯяд, аз шайхони он давр шунидам, ки дар соли 1030 даргузашт. Муаллифи «Қасас-ул-уламо» дар 12-уми моҳи шавволи соли 1032 дар 78-солагӣ навиштааст, муаллифи «Фирдавсу таворих» гӯяд 81 сол умр дид ва чун гузашт дар рӯзи дафн наздики 50000 кас бар ӯ намоз гузориданд. Муаллифи «Лулутил Баҳрайн» овардааст, 12 рӯз монда аз моҳи шавволи соли 1031 ва овардааст, ки соли 1030.

Муаллифи «Матлаъу шамс» [5, с.24] гӯяд, дар чаҳоруми моҳи шавволи соли 1030 мариз гашт ва дар сешанбеи 12-ум реҳлат намуд ва ҷасади шарифашро ба Машҳад бурданд ва дар хонаи худ наздики қабри Имом ба хок супурданд, оромгоҳи ӯ машҳур аст ва зиёратгоҳи хосу ом қарор дорад. Вазири аввали шоҳ Аббоси-1 Мирзо Абӯтолиб Ардубадӣ овардааст, ки дар 12-уми моҳи шавволи соли 1031 ва дар хонаи хеш мадфун гашт [6, с.429].

Вазир Мирзо Абӯтолиб Ардубадӣ нисбат ба марги ин марди ориф чор мисраъ шеър навиштааст:

*Рафт чу Шайх зи дори фонӣ,*
*Гашт айвони ҷунунаш маъвой.*
*Дӯсте ҷӯст зи ман таърихаш,*
*Гуфтамаш «Шайх Баҳоуддин вой!»*

Хулоса, ҳадафи асосии таҳқиқоту зикри мақолаи мазкур, таҳлили осори ғанию камомӯхташудаи донишманди асримиёнагии форсу тоҷик Баҳоуддини Омулӣ мебошад, ки тавассути осору ашъораш ва таълими шогирдонаш ба омӯзишу парвариши насли наврас диққати махсус додааст. Инчунин, муайян кардани нақши ақидаҳои педагогии Баҳоуддини Омулӣ дар ҷараёни омӯзишу парвариши насли наврас дар ҷомеаи муосир ва роҳҳои ҷустуҷӯю татбиқи он дар илми педагогика ба шумор меравад.

## АДАБИЁТ


1. Саид Нафисӣ. Ашъор ва аҳволи Баҳоуддини Омулӣ. –Теҳрон: Иқбол, 1316 с. (ҳиҷрӣ) .-146 с.
2. Собиров Г. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XVI-XVII) / Г. Собиров. -Душанбе: Ирфон, 1966. С.16-18 .
3. Собиров Г. Методика проходки корезов в математическом трактате Бахоуддина Омули (солҳои 1547-1621) / Г. Собиров. -Душанбе, 1987. -127 с.
4. Собиров Г. Способы умножения в трактате “Хулосат ул-ҳисоб”-и Баҳоуддини Омулӣ / Г. Собиров // Мактаби советӣ. -1988. -№2. –С.44-46.
5. Зиндагии шоҳ Аббоси аввал. -Теҳрон, 1962. - Ҷилди 3. - 28 с.
6. Энсиклопедияи миллии тоҷик. - 2013. Ҷилди 2. -С.427-429.


## ОМӮЗИШИ ҲАЁТ ВА АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ БАҲОУДДИНИ ОМУЛӢ ВА МОҲИЯТИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР


Мақолаи мазкур ба ҳаёт ва фаъолияти педагог, файласуф, диншинос, шоир, муҳандис ва математики асримиёнагии тоҷик Баҳоуддини Омулӣ (1547-1622) бахшида шудааст, ки дар пешрафти махсусан илмҳои риёзии замони худ саҳми намоён дорад. Вай боз ба таълиму тарбияи шогирдони зиёд диққати махсус ҷудо зоҳир намудааст, ки бисёри аз онҳо мутафаккирони машҳури замони худ гаштаанд. Дар мақола омӯзиши ҳамаҷонибаи осори мутауфаккир аз нигоҳи таърихи илм ва методикаи таълими математика, инчунин омӯзиши ақидаҳои педагогии ӯ, таъкид шудааст

**Калидвожаҳо**: Баҳоуддини Омулӣ, мутафаккири тоҷик, риёзӣ, назм, педагогика, методикаи таълим, асрҳои миёна.


## ИЗУЧЕНИЕ ЖИЗНИ И ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ВЗГЛЯДОВ БАХОВУДДИНА ОМУЛИ И ИХ ЗНАЧЕНИЕ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ


Настоящая статья посвящена жизни и творчеству средневекого таджикского математика, инженера, философа, теолога, поэта и педагога Бахауддина Амули (1547-1622), который внес заметный вклад в развитие математических наук своей эпохи. Он также уделил особое внимание воспитанию и обучению многочисленных учеников, некоторые из них также стали известными учеными своего времени. В статье акцентируется внимание на то, что всестороннее изучение наследия ученого, с точки зрения истории науки и методики преподавания математики, оказывает заметное влияние на общее мировоззрение и математическое творчество студентов современности.

**Ключевые слова:** Бахауддин Амули таджикский учёный, математика, поэзия, педогогика, методика преподавания, средневековье.


## LEFRNING LIFE AND PEDOGOGICAL REFECTS OF BAHAUDDIN AMULI AND HIS FEATURES IN MODERN PERIOD


This article is devoted to the life and work of medieval Tajik mathematician, engineer, philosopher, theologian, poet, and teacher of Bahauddin Amuli (1547-1622), who made a notable contribution to the development of the mathematical sciences of his time. He also paid special attention to the education and training of many disciples, some of them have also become well-known scientists of his time. The article emphasizes that a thorough study of the heritage of the scientist from the point of view of the science history and the teaching of mathematics has a significant impact jn the overall philosophy and mathematical creativity of students present.

**Key words:** Bahauddin Amuli, a Tajik scientist, mathematics, poetry, pedagogy, teaching of the Middle Ages.



**Сведения об авторе:** ***Давлатова Малохат*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры психологии. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица С.Сафарова -16. **Тел.ефон: (+988) 28-09-85**

**Information about the author:** ***Davlatova Malohat*** –Kulob State University after named Abuabdulloh Rudaki, assistant departament of Psychology. **Address:** 735360, RT, Kulob town, st.Safarova -16. **Тел.:** (+988) 28-09-85

УДК:372.853 (575.3)

# МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ДОИР БА МАВЗӮЪҲОИ «ДАРОЗИИ МАВҶ. СУРЪАТИ ПАҲНШАВИИ МАВҶ»

*Парвинаи Усмон*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Масъалаи мазмун ва ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон дар адабиётҳои педагогӣ-психологӣ ва таҳқиқотҳои методӣ ниҳоят кам дучор меояд.

Дар хонандагон ташаккул додани маҳорати мустақилона аз бар намудани донишҳои нав ва истифодабарии онҳо дар амал, яке аз мушкилоти методикаи таълими физика ва математика ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи умумӣ буда, дар тадриси фанни физика тарафҳои гуногуни ин масъала мавриди тадқиқ қарор ёфтааст [5, с.7]. Моҳияти ин масъала аз он иборат аст, ки он ба пешрафту инкишофи хонандагони алоҳида ва ё гурӯҳи муайян садди роҳ намешавад. Баръакс, имконияти фаровон медиҳад, ки ҳар як хонанда ва ё гурӯҳи муайяни хонандагон мувофиқи дониш, имконият ва қобилияташон таҳсил намуда, ба қуллаҳои дониш на аз тариқи маҷбурӣ, тарсу ҳарос, балки бо майлу хоҳиши худ бирасанд.

Асоси ташкили кори мустақилона аз омӯзгор вобаста мебошад. Ба таври дигар гӯем, агар мо то ҳаёти талаба, хусусиятҳои рӯҳониву ҷисмонӣ, шароити зиндагӣ ва муҳити ӯро наомӯзем, пешрафти онҳоро дар таълим дуруст ба роҳ монда наметавонем. Ин орзуи деринаи олимони равоншинос, педагогҳо ва методистон мебошад. Чи олимони Шарқ ва чи Ғарб дар таҳқиқоти худ таъкид намудаанд, ки аввал бояд хонандаро омӯхт, донист ва баъд мувофиқи имконияташ шароити таълимро муҳайё намуд [7, с.8-14].

Ба ҳамин маънӣ, Абӯалӣ ибни Сино ба масъалаҳои омӯзиш машғул шуда, таъкид менамуд, ки “илмомӯзӣ мувофиқи қобилияту истеъдоди кӯдак ба роҳ монда шавад” [8, с.8-11].Гузориши муосири мақсади таълим талаб мекунад, ки методҳои таълимӣ мукаммал гардонида шуда, дар мавриди истифодаи амалии онҳо дар мактаб бояд барои ҳамаҷониба инкишоф ёфтани қобилияти эҷодии таълимӣ ва касбии хонанда мусоидат намояд, талаботро ба худомӯзӣ, худмукаммалсозӣ ба вуҷуд орад ва барои минбаъд ташаккулёбии онҳо ёрӣ расонад.

Ин тадқиқот барои донишҳои физикӣ низ ҷой доранд. Вале омӯзиши барномавии курси физика дар мактаби миёна бо мушкилиҳои зиёд ба хонандагон ба даст меояд. Ин бошад, ба характери абстрактӣ доштани худи ин фан вобаста аст. Физика ҳамчун фанни абстрактӣ аз дигар донишҳое, ки дар мактаби миёна таълим дода мешаванд бо он фарқ мекунад, ки предмети омӯзиши он ашёҳоеанд, ки дар олами моро иҳотакунанда амиқ мавҷуданд; онҳо шаклҳои фазоӣ ва муносибатҳои миқдории ин ашёҳоро ташкил медиҳанд [5, с.18].

Ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки ҳама гуна шакли фаъолияти мустақилонаи хонандагон барои ташаккули малакаҳои касбии оянда ёрӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, аз аввали таълими фанни физика, яъне аз синфи 7-ум сар карда, диққати асосиро ба корҳои мустақилонаи гуногунмазмун равона сохтан лозим аст, то ки донишҳои физикии гирифташуда дар хотира дер нигоҳ дошта шаванд.

Акнун системаи ташкили кори мустақилонаи омӯзгори машҳури фанни физика В. Ф. Шаталовро меорем. Усул ин амалиёти мақсадноки педагогӣ мебошад, ки ҳалли ин ё он масъалаи тарбиявӣ-таълимиро таъмин менамояд. Маҷмӯъ ё кулли воситаҳои методиро, ки ҳатман ба натиҷаҳои банақшагирифташуда мерасонанд, ҳамчун метод таъриф додан мумкин аст.

Вазифаи ҳар як илм ба ихтиёри одам додани методҳоест, ки бо ёрии онҳо гузаштани ин ё он ҳодисаро пешакӣ донистан имконпазир бошад. Ба таври дигар гӯем, илм бояд одамро дар маънидоди гузашта ва пешгӯии оянда ёрӣ расонад. Танҳо дар ҳамин сурат ҳодисаҳои табиатро бар нафъи инсон истифода кардан мумкин аст [3, с.3-4].

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи хонандагон яке аз мавзӯъҳои барномаи таълимии физикаи синфи 9 –ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Мавзӯи “Дарозии мавҷ. Суръати паҳншавии мавҷ” яке аз мавзӯъҳои муҳимми омӯзишӣ буда,

ташкили кори мустақилона дар асоси он барои дарки пурраи мафҳум мусоидат менамояд. Ба хонандагон баъди расонидани маълумотҳои назариявӣ муҳимтарин мафҳумҳои мавзӯъро амалан (ба таври схемавӣ, таҷрибавӣ) мерасонем.

Мувофиқи расми 1 то дами аз мавқеи мувозинат то мавқеи болотарин расидани саққои 1 саққоҳои 2 ва 3 ба лаппидан сар мекунанд. Ҳангоми ба мавқеи мувозинат баргаштани саққои 1 саққоҳои 4-6 ва ғайраҳо ба лаппиш медароянд.




**Расми 1**

Саққои 1 як лаппиши пурраро баъди муддати вақти ба як даври лаппиш *T* баробар анҷом медиҳад. Саққои 2 лаппиши пурраи худро баъди саққои 1 ва саққои 3 лаппиши пурраи худро баъди саққои 2 ва ғайраҳо ба охир мерасонад.

Саққои 13 баъди як даври лаппиши саққои 1 ба лаппиш медарояд. Ҳамин тариқ, баъди муддати вақти ба як даври лаппиш *T* баробар лаппиш то саққои 13 рафта мерасад, яъне саққои 13 лаппиши якуми худро дар лаҳзае сар мекунад, ки саққои 1 ба лаппиши дуюм оғоз мекунад.

**Масофаеро, ки мавҷ дар муддати як даври лаппиш тай мекунад, дарозии мавҷ меноманд. Дарозии мавҷ бо ҳарфи юнонӣ $\lambda$ (лямбда) ишора карда мешавад.**

Саққоҳое, ки аз ҳамдигар дар масофаҳои $\lambda$, 2 $\lambda$, 3 $\lambda$, 4 $\lambda$ ва ғайра воқеанд, ҳаракаташон ба якдигар монанд мешавад: онҳо дар як вақт боло мераванд, дар як вақт аз мавқеи мувозинат мегузаранд, дар як вақт поён мефароянд, дар як вақт лаппиши навбатии худро анҷом медиҳанд ва лаппиши ояндаашонро оғоз мекунанд. Яъне, дарозии мавҷ ба масофаи байни ду нуқтаи ба якдигар наздиктарине (дар занҷири саққоҳо), ки як хел ҳаракат мекунанд ва аз мавқеи мувозинат як хел дурӣ доранд, баробар аст. Ин намуд ҳосилшавӣ ва паҳншавии мавҷҳо дар ҷисмҳои воқеӣ низ мушоҳида карда мешавад. Маълум гардид, ки мавҷ - ин густариши лаппишҳо дар фазо мебошад ва ин густариш суръати муайян дорад.

**Суръати густариши лаппишро дар муҳит суръати мавҷ меноманд** [6, с.20].

Мавҷ ин густариши лаппишҳо дар фазо мебошад. Пас, фаҳмост, ки ин густариш суръати муайян дорад. Ин суръат ($\vartheta$)суръати мавҷ ном дорад [6, с.175].

Азбаски дар фосилаи вақти ба як даври лаппиш *T* баробар мавҷ ба масофаи як дарозии мавҷ густариш меёбад, бинобар ин, суръати мавҷ $\vartheta$ чунин муайян карда мешавад:

$\vartheta = \frac{\lambda}{\mathrm{T}}$. (1)

Аз ин ҷо барои дарозии мавҷ ҳосил мекунем:

$\lambda = \vartheta \cdot \mathrm{T}$ (2)

Маълум аст, ки даври лаппиш *T* бо басомади он чунин алоқамандӣ дорад:

$\mathrm{T} = \frac{\lambda}{\vartheta}$. (3)

Бинобар ин, аз (2) навиштан мумкин аст:

$\lambda = \frac{\vartheta}{\nu}$ ё $\vartheta = \lambda\nu$. *(4)*

Яъне, суръати мавҷ ба ҳосили зарби дарозии мавҷ ва басомади лаппиш баробар аст [6, с.21].

Бо ин максад якчанд масъалаҳоро доир ба “Дарозии мавҷ. Суръати паҳншавии мавҷ”ҳал менамоем.

***I***

1. Мавҷ дар сатҳи оби кӯл бо суръати 6 м/с паҳн мешавад. Агар дарозии мавҷ 3 м бошад, давр ва басомади лаппишҳоро муайян намоед.

***Дода шудааст:*** ***Ҳал.*** Аз формулаи суръати мавҷ истифода мебарем:

$\vartheta = 6м/с$ $\vartheta = \frac{\lambda}{T}$. Аз ин ҷо $T = \frac{\lambda}{\vartheta} = \frac{3м}{6м/с} = 0,5с.$

$\lambda = 3м$ Басомади лаппишро муайян менамоем:

$T-?$ $\nu = \frac{1}{T} = \frac{1}{0,5с} = 2Ҳ.$

$\nu-?$

**Ҷавоб:** $\boldsymbol{T = 0,5}$с; $\boldsymbol{\nu = 2}$**Ҳ.**

2. Моҳигир мушоҳида кард, ки дар мавҷ 20 лаппиши қаровулак дар 10 с ба вуҷуд меояд ва масофаи байни теғаҳои ҳамсояи мавҷ 1,2 м аст. Суръати мавҷро ёбед.

***Дода шудааст:*** ***Ҳал.*** Суръати мавҷ баробар аст:

$n = 20лаппиш$ $\vartheta = \frac{\lambda}{T}$.

$t = 10c$ Қимати даври лаппиш $\mathrm{T} = \frac{\mathrm{t}}{\mathrm{n}}$ – ро ба формулаи (1)

$\lambda = 1,2м$ гузошта, ҳисоб мекунем:

$\vartheta-?$ $\vartheta = \frac{\lambda n}{t}$; $\vartheta = \frac{1,2м \cdot 20}{10с} = 2,4м/с$.

**Ҷавоб:** $\boldsymbol{\vartheta = 2,4}$м/с.

3. Масофаи байни теғаҳои мавҷи баҳр 5м аст. Ҳангоми ҳаракати мухолифи киштӣ мавҷ дар 1с ба танаи кишти 4 маротиба ва ҳангоми ҳаракати мувофиқ 2 маротиба бармехӯрад. Суръати киштӣ ва суръати мавҷро ёбед.

**Ҷавоб:** $\boldsymbol{\vartheta_м = 15}$м/с; $\boldsymbol{\vartheta_к = 5}$м/с.

***II***

1. Ҳангоми 342м/с будани суръати садо ва 440Ҳс будани басомади лаппиш масофаи байни гиреҳҳои мавҷи истанда чанд аст?

**Нишондод.** Масофаи байни гиреҳҳои мавҷи истанда ба $x = \frac{\lambda}{2}$ баробар аст.

**Ҷавоб: 39с.**

2. Ҳангоми дар таҷриба бо усули резонанс муайян кардани мавҷи садо пурзӯршавии ибтидоии садои камертон дар мавриди 33см будани сутуни ҳаво пайдо шуд. Суръати садоро дар ҳаво ёбед. Басомади лаппиши камертон 260Ҳс аст.

**Нишондод.** Формулаи суръати мавҷро навишта меёбем.

$$\vartheta = \lambda\nu;\ l = \frac{\lambda}{2};\ \lambda = 2l.$$

3. Дар укёнус дарозии мавҷи ҳосилгардида ба 270 м ва даври о н ба 13,5 с баробар аст. Суръати паҳншавии мавҷро муайян кунед.

**Нишондод.** Аз рӯйи формулаи суръати мавҷ истифода мебарем: $\vartheta = \frac{\lambda}{T}$.

***Ҷавоб:*** **20 м/с.**

***III***

1.Масъали асосӣ. Лаппишҳои даврашон 0,005с дар об мавҷҳои садои дарозиашон 7,175м–ро ҳосил мекунанд. Суръати паҳншавии садоро дар об муайян кунед.

***Ҷавоб:*** **1435м/с.**

1. Масъалаи вариативӣ: Суръати паҳншавии садо дар об ба 1435м/с баробар буда, мавҷҳои садоӣ дарозиашон ба 7,175м баробар мешавад. Даври лаппишро муайян кунед.

***Ҷавоб:*** **0,005с.**

2. Масъали асосӣ. Мавҷи арзии басомадаш $\nu = 2Ҳс$ қад – қади ресмон бо суръати $\vartheta = 1,6м/с$ паҳн мешавад. Фарқи фазаҳои ду нуқтае, ки аз ҳамдигар дар масофаи $l = 0,2м$ ҷойгиранд, ба чӣ баробар аст?

***Ҷавоб:*** $\boldsymbol{0,5\pi}$.

2. Масъалаи вариативӣ: Фарқи фазаҳои ду нуқтае, ки аз ҳамдигар дар масофаи $l = 0,2м$ ҷойгиранд бо басомади 2Ҳс ба 0,5π баробар аст. Суръати паҳншавии мавҷро муайян кунед.

***Ҷавоб:*** 1,6м/с.

3. Масъали асосӣ. Ҳангоми аз ҳаво ба об гузаштани садо дарозии мавҷи он чанд маротиба тағйир меёбад? Суръати садо дар об $\vartheta_1 = 1480м/с$ ва дар ҳаво $\vartheta_2 = 340м/с$ аст.

***Ҷавоб: 4,3.***

3. Масъалаи вариативӣ: Ҳангоми аз ҳаво ба об гузаштани садо дарозии мавҷи он 4,3 маротиба тағйир меёбад. Суръати садо дар ҳаво $\vartheta = 340м/с$ аст. Суръати садо дар об ба чӣ баробар мешавад.

***Ҷавоб:*** **1480**м/с.

***IV***

1.Дар сатҳи об ҳангоми 2Ҳс будани басомади лаппиш мавҷ бо суръати 2,4 м/с паҳн мешавад. Фарқи фазоҳоро дар нуқтаҳое ёбед, ки онҳо дар як шуоъ воқеъ буда, аз 10, 60, 90, 120 ва 140см дуранд.

***Ҷавоб:*** $\frac{\pi}{6}$; $\pi$; $\frac{3\pi}{2}$; $2\pi$; $\frac{7\pi}{3}$ рад.

2. Масофаи байни теғаҳои мавҷи баҳр 5м аст. Ҳангоми ҳаракати мухолифи завраҷи моторӣ мавҷ дар 1с ба танаи он 4 маротиба ва ҳангоми ҳаракати мувофиқ 2 маротиба бармехӯрад. Суръати заврақ ва суръати мавҷро ёбед, агар маълум бошад, ки суръати завраҷи моторӣ назар ба суръати мавҷ зиёд аст.

***Ҷавоб: 15м/с; 5м/с.***

3. Дарозии мавҷи садо дар ҳаво барои овози пасттарини мардона ба 4,3м ва барои овози баландтарини занона ба 25см мерасад. Басомади лаппиши ин овозҳоро ёбед.

***Ҷавоб: 79Гҷ; 1360Гҷ.***

## АДАБИЁТ


1. Рымкевич А.П. Сборник задач по физике: Для 9 – 11кл. / А. Рымкевич. -М. Просвещение, 1992. – 224с.
2. Римкевич А.П. Маҷмӯаи масъалаҳо аз физика / А.П. Римкевич. – Москва, Просвещение, 1987. -191с.
3. Кикоин И.К. Физика: Китоби дарсӣ барои синфи 8 – уми мактаби миёна / И.К. Кикоин, А.К. Кикоин. – Душанбе: Маориф, 1972. -С.224.
4. Кикоин И.К. Физика: Китоби дарсӣ барои синфи 9 – уми мактаби миёна / И.К. Кикоин, А.К. Кикоин. – Душанбе: Маориф, 1972. -С.205.
5. Усова А. В. Самостоятельная работа учашихся по физике в средней школе. / А. В. Усова, З. А. Вологодская. -М.: Просвещение, 1881. – 158с. ил. – (Б – ка учитея физики).
6. Маҷидов Ҳ. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 9. // Ҳ. Маҷидов, О. Нозимов. - КВД "Комбинатаи полиграфии шаҳри Душанбе". - 2013. -272с.
7. Шарифов Ҷ. Асосҳои дидактикии ташаккули корҳои мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълим / Ҷ.Шарифов. - Кӯлоб: Сада, 1996. – 162с.
8. Шарифов Ҷ. Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим / Ҷ. Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 2014. – 240с.
9. ШарифовҶ. Методикаи ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо ёрии маводи дидактикӣ / Ҷ. Шарифов //Паёми донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав.–Бохтар, 2018. -№1/1 (51). -С. 139 – 145.
10. Шерматов Д.С. Физика: маҷмӯаи масъалаҳои тестӣ барои дохилшавандагони мактабҳои олӣ / Шерматов Д.С, Туйчиев А. А, Саидов И. З. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино – 2011. - С.270.


## МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ДОИР БА МАВЗӮЪҲОИ "ДАРОЗИИ МАВҶ. СУРЪАТИ ПАҲНШАВИИ МАВҶ"


Масъалаи амалӣ намудани тарбияи ҳамаҷонибаи насли наврас инкишофи бевоситаи мустақилиятро тақозо менамояд. Мустақилият ва фаъолгардонии хонандагонро ҳамчун заминаи устувору боэътимоди ҷомеаи навини солим эътироф намуда, барои ба ин васила таъмин намудани иштироки онҳо дар эъмори оянда масъул будани волидайн, омӯзгорон ва аҳли ҷомеаро таъкид намудан бамаврид аст. Дар бораи ташаккулёбии мустақилият дар хонандагон ёдовар шуда, ду масъалаи хеле муҳимро қайд намудан лозим аст. Аввалан, дар онҳо мустақилиятро дар фаъолиятҳои маърифатӣ, азхудкунии донишҳо ва ба вуҷуд овардани ҷаҳонбинии илмӣ ҳосил намуда, ду роҳи татбиқи онҳоро дар фаъолияти амалӣ мустақилан роҳандозӣ намудан лозим аст. Гирифтани илму дониш аз хонандагон мустақилиятро дар шакли мушоҳида, гузаронидани таҷрибаҳо, омӯзиши адабиётҳо талаб мекунад. Мо дар гузориши хеш ба ин масъалаи хеле муҳимми таълим рӯ оварда, роҳу усулҳои самарабахши таълим ва методҳои таъсирбахши он пайгирӣ намудем. Дар заминаи корҳои дар ин самт иҷрогардида ва дар онҳо ворид сохтани навовариҳо кӯшиш намудем, ки василаҳои ҷалби хонандаи имрӯзаро ба мустақилият ва эҷодкорӣ нишон диҳем. Нуқтаи муҳим дар кори пешниҳодшуда шинохти хонанда, омодагии рӯҳии ӯ ба таҳсил мебошад. Яъне, бо ба ҳисобгирии ҳолати хонанда ва ба воситаи омода намудани онҳо ба илмомӯзӣ самарабахшии кори таълим бештар мегардад. Ба ақидаи мо, бояд хонанда дар ҳар як мавзӯи таълимӣ омили барангезандаеро эҳсос намояд, ки таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб намояд. Ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаро аз рӯйи мавзӯи "Дарозии мавҷ. Суръати паҳншавии мавҷ" пурра баррасӣ намуда, барои хотирмон гардидани он, муҳимтарин маълумотҳоро арзёбӣ намуда, гузаронидани таҷрибаҳо, натиҷагирӣ аз онҳо ва хулосабарории хонандагонро пешниҳод намудем.



**Калидвожаҳо:** Мустақилият, таҳқиқотҳои илмӣ–методӣ, фаъолияти маърифатӣ, усулҳои методӣ, фанни абстракӣ, ҳодисаҳои табиат, лаппиш, дарозии мавҷ, суръати мавҷ, давр ва басомад, суръати садо, мавҷҳои арзӣ ва тӯлӣ, фазаи лаппиш.


## МЕТОДИКА ОРГАНИЗАЦИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ УЧЕНИКОВ НА ТЕМЫ: "ДЛИНА ВОЛНЫ. СКОРОСТЬ РАСПРОСТРАНЕНИЯ ВОЛНЫ"


Проблема реализации всестороннего воспитания подрастающего поколения требует непосредственного развития самостоятельности. Самостоятельность и активность учеников является прочной основой нового здорового общества. И в обеспечении их участия в создании будущего важна ответственность родителей, учителей и всего общества. Говоря о формировании самостоятельности учеников, нужно заметить две важные проблемы. Во – первых, в формировании у учеников самостоятельности в творческом познании, овладении образованием и формировании научного мировоззрения есть два пути их реализации в самостоятельной практической работе. Получение знаний у учеников требует самостоятельности в виде наблюдений, проведении опытов и изучении литературы. Мы в своем комментарии, обращая внимание на очень важную проблему дня -обучение, преследовали эффективные пути и способы обучения и методы влияния. На основе выполненных в этом направлении работ и нововедений, необходимо показать, как привлечь сегодняшнего ученика к самостоятельности и творчеству. Важная момент в работе, учителя познание ученика, психологическая (духовная) готовность ученика к учебе.То

есть, необходимо принять во внимание состояние ученика и через воспитание трудолюбия добиваться эффективности образовательного процесса. По нашему мнению, каждый должен чуствовать возбуждающий эффект, чтобы приввлечь его внимание. Говоря об организации и проведении самостоятельной работы по теме: “Длина волны. Скорость распространения волны” для зрелищности урока предлагается важнейшая информация, проведение опытов, результаты опытов и выводы учеников.
**Ключевые слова:** самостоятельная работа, научно – методические исследования, познание, наука, методические приемы, абстрактный предмет, явления природы, колебание, длина волны, скорость волны, вращение и частота, скорость звука, длина волны, фаза колебания.

**TECHNIQUE OF THE ORGANIZATION OF INDEPENDENT WORK OF PUPILS ON SUBJECTS: "WAVELENGTH. SPEED OF DISTRIBUTION OF A WAVE"**

The problem of realization of vsestoronny education of younger generation demands, direct development of independence. The independence and activity of pupils is a strong basis of new healthy society. And for this reason to provide their participation in creation of the future it is necessary to emphasize responsibility of parents, teachers and all society.Speaking about formation of independence of pupils, it is necessary to notice two important problems. First, formation at pupils of independence in creative knowledge, mastering education and formation of scientific outlook of two ways of their realizattion in independent practical work. Knowledge acquisition demands independence in the form of observations from pupils, carrying out experiences and studying of literatures. We in the comment, paying attention to very important problem of day, training, pursued effective ways and ways of training and methods of influence. On the basis of the works and novovedeniye performed in this direction to show how to attract today's pupil to independence and creativity. An important point in the work, knowledge of the pupil, psychological (spiritual) readiness of the pupil for study.That is to take a condition of the pupil in attention and through education to training of sciences trains efficiency of educational process. According to us, everyone has to feel exciting effect that привикло its attention. Speaking about the organization and carrying out independent work on a subject. "Wavelength. Speed of distribution of a wave" for staginess of a lesson was offered by the major information, carrying out experiences, results of experiences and conclusions of pupils.
**Keywords:** Independent works, it is scientific – methodical researches, knowledge, sciences, methodical receptions, an abstract subject, natural phenomena, fluctuation, wavelength, wave speed, rotation and frequency, sonic speed, length a wave, a fluctuation phase

**Сведения об авторе:** ***Парвинаи Усмон*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры физики МПФ. **Адрес:** 735360, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16.Телефон: **(992) 918-32-01-92**

**Information about the author:** ***Parvinai Usmon*** - Kulob state university of Abuabdullokh Rudaki, is an assistant Chair of the ITF KSU. **Address:** 734065, Kulob, Kulob town , street S. Safarov 16.Phone: **(992) 918-32-01-92**

**УДК:370.0:378 (575.3)**

## УСУЛҲОИ ПСИХОЛОГӢ – ПЕДАГОГИИ ТАЪСИРРАСОНИИ ТАРБИЯВӢ ВА ИСЛОҲИ РАФТОРИ НАВРАСОНИ ДУШВОРТАРБИЯ

***Абдуллоева Р. Ҳ.,Маматова А.Б.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар шароитҳои имрӯзаи тарбия кӯдаконеро навраси душвор меноманд, ки рафтори онҳо аз меъёрҳои умумӣ фарқ мекунад ва ба тарбиягирии ҳамаҷониба монеа ба миён меоварад. Наврасони душвор бо хусусиятҳои инфиродӣ аз дигар ҳамсолони худ баръало фарқ мекунанд. Наврасони душвор худро намоишкорона мустақил нишон медиҳанд, кушоду равшан дар бораи тарки таҳсил эълон мекунанд, нисбати омӯзгорон беэҳтиромӣ зоҳир мекунанд, дар байни ҳамсолон бо зӯроварии ҷисмонӣ мавқеъ пайдо мекунанд. Ин гуна наврасон бештар ба ҳуқуқвайронкуниҳо даст мезананд. Дар ин ҳолатҳо аз мактаб дур мешаванд ва шарики шахсони манфӣ мегарданд. Дар асоси дағалӣ, тартибвайронкунӣ хашмгинии наврас аксар вақт ҳисси нобоварӣ ба худ ва қобилиятҳои худ, ҳисси кӯдакӣ ва ранҷурӣ меистад. Хусусиятҳои назарраси кӯдакони душвор норасоии психикӣ, ақиб мондан аз меъёрҳои синнусолӣ мебошад. Онҳо зудбовар, рафтори худро бо меъёрҳои рафтор муқоиса карда наметавонанд. Тафаккури мантиқии онҳо суст инкишоф ёфтааст, онҳо бе муҳокимаи пурра импулсивнок қарорҳои шахсӣ қабул мекунанд [7].

- Писарбачаҳо, бештар, ангезишнок ва дар ҷӯшу хурӯш ҳастанд, онҳо зуд ба ҷанҷол ворид мешаванд, қасоскор ҳастанд, рафтори бераҳмона доранд.
- Духтарбачаҳо нисбати худ бештар диққат талаб мекунанд, намоишкорона рафтор мекунанд, ба ҳар як ранҷиши худ аксуламалҳои гиряву фиғон, қайкунӣ, карахтшавии дастон нишон медиҳанд. Аксар вақт онҳо бешафқат ва хунсард ҳастанд, аммо инро нишон намедиҳанд.

Навраси душвор шахсиятест, ки аз нуқтаи назари психологӣ дар давраи гузариш қарор дорад, рафтори ӯ ба меъёрҳои иҷтимоӣ мувофиқат намекунад. Ба навраси душвор зуҳуроти эмотсияҳои баланд хос аст; аксуламали аффективӣ нисбати ламс ва оғӯши наздикон, дурӣ ҷустан аз нигоҳи чашм ба чашм, ҳамарӯза намоиш додани мавқеи мустақили худ ва ба ҳамин монанд [1].

На ҳама вақт ин гуна наврасонро душвор номидан мумкин. Аксар вақт, дар асоси тағйирёбии рафтори наврас афзоиши организм ва фаъолии ҳормонҳо меистанд. Ташаккулёбии системаи ҷинсӣ, фаҳмидани хоҳишҳои ҷинсии худ, на танҳо ба дарк карда натавонистани майлу хоҳишҳои шахсӣ, балки ба хашмгинӣ оварда мерасонад. Тағйироти ҳормоналӣ ба тағйиротҳои бадан таъсир мерасонанд. Ҳамаи ин ҳодиса дар вақти кӯтоҳ содир мешавад ва психикаи наврас ба онҳо мутобиқ намешавад. Дар натиҷа худбаҳодиҳии наврас поён меравад, шахсияти худро дуруст қабул карда наметавонад, аз атрофиён канораҷӯӣ мекунад, ба танқидҳо ҳассос мешавад. Нисбати зарбаҳои психологӣ хашмгинӣ зоҳир мекунад. Бо вуҷуди ин мо наметавонем афзоиши ҳормоналиро ҳамчун сабаби душвортарбия гаштани наврас нишон диҳем.

Мафҳуми “душвортарбия” мафҳуми басо васеъ аст ва ба ин категория наврасонеро мансуб медонанд, ки таълиму тарбияи онҳо ба омӯзгорон душворӣ эҷод мекунад. Наврасоне, ки насиҳатро намепазиранд, дарк кардани онҳо ва барқарор намудани муносибатҳо бо онҳо ҳам ба омӯзгор ва ҳам ба волидайн душвор мегардад.

Ҳангоми тавсиф додан ба шахситяти навраси душвор ба калимаҳои “бедиққат”, “бетоқат”, “белаёқат” ва ғайра рӯ ба рӯ мешавем. Инчунин, ба наврасони душвор хашмгинӣ, дурӯғгӯӣ, асабоният хос медонанд.

Рафтори манфии наврасон аз ҷиҳати дараҷаи вазнинии он тасниф карда мешавад: а) кӯдакони душвортарбия; б) наврасони аз тарбия дурмонда; в) наврасони ҳуқуқвайронкунанда; г) ҷинояткорони ноболиғ [5].

Тавре дар боло қайд кардем душвортарбиягӣ (рафтори девиантӣ), аксар вақт ҳамчун ифодакунандаи буҳрони наврасӣ дида мешавад. Шинохта натавонистани тағйиротҳои психофизиологии фарзанди худ, ба олами ботинии фарзанди худ роҳ ёфта натавонистан, таъсири муҳити номусоид, хатогиҳои услубии омӯзгорон ва волидайн низ ҳамчун сабаби душвортарбия будани наврас мушоҳида мешаванд. Ҳамаи наврасон дар давраи гузариш душвориҳоро паси сар мекунанд ва дар дараҷаи гуногун душвортарбия мегарданд, давомнокии душвориҳо низ гуногун ҳастанд. Барои ҳамин, танҳо он наврасро “душвор” номида метавонем, ки вайроншавиҳои рафтор дар онҳо нисбатан устувор гаштаанд.

Ба ташаккулёбии рафтори девиантӣ чунин ҳодисаҳои иҷтимоӣ-психологӣ таъсир мерасонанд: а) шакли нодурусти тарбия дар оила, вайроншавии муносибатҳои байнишахсӣ дар оила; б) камбизоатии оила, в) поён рафтани масъулиятнокии муассисаи таълимӣ дар самти таълиму тарбия, г) воситаҳои ахбори омма (кино, радио, телевизион, рӯзномаву маҷаллаҳо, интернет), ки зӯроварӣ, тарзи ҳаёти осону бофароғатро, ки бо ҳар гуна роҳ метавон ба даст овард, таблиғ мекунанд [4].

Омилҳое, ки ба инкишофёбии номусоиди психикаи наврас таъсир мерасонанд:

- инфантилизми муҳокимарониҳо, аз шароити ҳодиса вобаста будан, ҳодисаро тағйир дода натавонистан, майл ба фирор аз ҳодисаҳои душвор; сустии функсияҳои худидоракунӣ;
- душвории рафтор, ки дар заминаи он ҳамрадифии инфантилизм ва баҳаяҷоноии аффективӣ меистад;
- пайдоиши барвақти майлҳои ҷинсӣ, шавқи баланд нисбати масъалаҳои сексуалӣ; дар писарбачаҳо → майл ба майзадагӣ, хашмгинӣ, оворагардӣ;
- ҳамоҳангии нишондодҳои дар боло зикршуда бо поёнравии шавқу ҳавасҳои мактабӣ, муносибати манфӣ ба таълим;
- азнавравонасозии шавқу ҳавасҳои таълимӣ ба муҳити беруназмактабӣ, тақлид ба рафтори асотсиалии калонсолон (муносибатҳои барвақти ҷинсӣ, кӯшиш ба сигоркашӣ, алкоголизатсия);
- шароити манфии муҳити хурд (оила), рафтори асотсиалӣ ҳамчун тақлид ё эътироз.

Л. С. Виготский қайд мекард, ки ба бисёрии наврасон на "сустии ирода, балки сустии мақсаднокӣ" хос аст. Яъне, наврас аз мақсаде, ки ӯро ба идораи худ, бартараф намудани душворию монеаҳо равона кунад, маҳрум аст. Барои наврас аҳаммияти эмотсионалии мақсад муҳим аст. Агар барои ба мақсад расидан аз ягон чизи аз ҷиҳати эмотсионалӣ ҷаззоб даст кашидан зарур ояд, наврас мақсадро тарк мекунад.

Л. Божович қайд мекунад, ки " эмотсияҳои баланд дар наврасон, нисбат ба калонсолон бештар зоҳир мешаванд ва роҳи муҳокимаи шуурнокро мебанданд".

В. П. Кашченко қайд мекунад, ки барои инкишоф додани иродан окии наврас, фаъолнокии ӯ, суботкорӣ ва матонат ташкили чунин фаъолиятҳо муҳим мебошанд:

* меҳнате, ки шавқовар аст;

* худтарбиякунӣ ва худислоҳкунии наврас барои ҳосил кардани худдорӣ;

* тарбияи ҷисмонӣ – дав, шино, қайқронӣ, аспдавонӣ, бозиҳои ҷисмонӣ, экскурсияҳо – сабр, матонат, суботкорӣ ва матонатро инкишоф медиҳанд;

* ҷалби наврас ба корҳои гуногуни ҷисмонӣ, ки бо фаъолияти ақлонӣ ҳамроҳ меояд; албатта, ин фаъолиятҳо бояд шавқовар бошанд;

* дар наврас хоҳиши кор кардан ва корро то ба охир расонидан, аз натиҷаи кори кардааш ҳаловат бурданро тарбия кардан. Барои ин супоришҳои гуногун, ки аз осон ба мушкил мегузарад, интихоб бояд шаванд, то дар наврас боварӣ ба қувваи худ пайдо шавад [5].

Азбаски наврасон ба кӯшиши расидан ба мақсадҳои дурнамо қобилият надоранд, ба онҳо гузоштани мақсадҳои марҳилавӣ ва қайди муваффақиятҳо ҳангоми расидан ба мақсадҳо дар ҳар як марҳила тавсия додан фоидабахш аст.

Агар равандҳои иродан окӣ дар наврас ташаккул наёбанд, ҳисси нобоварӣ ба имкониятҳои худ афзоиш ёбад, дар ӯ сустиродагии патологӣ ташаккул меёбад, ки волидайн дар ин ҳолат бояд ба психиатр муроҷиат кунанд.

Сабабҳои асосии душвортарбиягӣ дар оила, ки яке аз онҳо кӯшиши ба даст овардани диққати волидайн ба ҳисоб меравад. Гапногирии наврас ин як имконияти ба худ нигаронидани диққат, дар бораи худ хотиррасон намудан мебошад, диққату эътибор ба ҳар як инсон, алалхусус ба наврас, барои таъмини беҳдошти эмотсионалӣ муҳим мебошад. Инчунин, мубориза барои худмуқарраргардонӣ низ сабаби душвортабиягӣ шуда метавонад; наврас зидди таъкид, эътироз, гумонҳои беохири волидайн мубориза мебарад. Наврас нисбати худ муносибати боваринок мехоҳад, ӯ мехоҳад масъалаҳои худро мустақилона ҳал кунад.

Рафтори барқасдона нисбати волидайн, калонсолон низ яке аз нишонаҳои рафтори душвор мебошад, наврас нисбати бархе аз ҳодисаҳои манфӣ рафтори барқасдона зоҳир мекунад. Масалан, зидди: а) нобоварии калонсолон ба имконияту қобилияти ӯ; б) муқоиса кардани наврас бо бародару хоҳарон зидди ӯ; в) паст задани наврас дар доираи оила; г) дур шудан бо яке аз волидайн дар натиҷаи талоқ; д) ҳангоми пайдо шудани аъзои нави оила, ки нисбат ба наврас боло дониста мешавад; е) ноадолатӣ нисбати худ; ж) ваъдахилофӣ кардани волидайн; з) дурӯғ ва дурӯягии волидайн [6].

Сабаби дигари душвортарбиягӣ ин ҳисси нобоварӣ ба худ мебошад; ҳангоми шунидани танқид ва эътирозҳо, наврас оҳиста-оҳиста боварӣ ба худро аз даст медиҳад.

Тавсифи шаклҳои рафтори душвор:

Навраси хашмгин.

Мо аз волидайн бештар оиди хашмгинии фарзанди наврасашон шикоятҳо мешунавем. Дар ин ҷо хашмгинии наврас ҳамчун муҳофизати худ ва худмуайнкунӣ ифода меёбад.

Сабаби хашмгинӣ:

1. Хашмгинӣ ҳамчун аксуламал ба талаботҳои вазнини калонсолон.
2. Хашмгинӣ ҳамчун эътироз ба таъқибу монеаҳо.
3. Хашмгинӣ ҳамчун натиҷаи иҷро нашудани хоҳишҳои наврас. Албатта, дар ин ҷо хоҳишҳои кӯдакро ба чорчӯбаи муайян даровардан зарур аст.
4. Хашмгинӣ ҳамчун натиҷаи ранҷонидан ё расидан ба иззати нафси наврас.

5. Хашмгинӣ ҳамчун намунагирӣ аз рафори бадхашми волидайн.

Чораандешиҳои аввалин:

- Бо навраси хашмгин набояд бо садои баланд ва таҳдид суҳбат кард.
- Ба кӯдак имконият диҳед, ки хашми худро бе расонидани зарар ба атрофиён аз худ берун кунад. Дар ин ҷо иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ, тамрин, шуғли фаъоли ҷисмонӣ тавсия дода мешавад. Ҳамеша ба фарзанди худ нишон диҳед, ки ӯро дӯст медоред ва дар зиндагии шумо мавқеи хоссаи худро дорад.

Навраси муноқишакор. Сабабҳои муноқишакории наврас:

1. Наврас дар хона дар маркази диққати аҳли хонавода аст ва аз дигар калонсолон ва ҳамсолон низ ин гуна муносибатро талаб мекунад. Ҳангоми ба мақсад нарасидан низову муноқиша мекунад.
2. Ба наврас дар оила эътибор намедиҳанд, ӯро нигоҳубини дуруст ва навозиш намекунанд. Ӯ бо ҳисси доимии ранҷ ва бадбинии бардавом зиндагӣ мекунад. Муноқишакории ӯ ҳамчун усусли нигаронидани эътибори атрофиён ба худ зуҳур меёбад.
3. Наврас дар оилае, ки дар он низову муноқишаҳо ҳодисаи доимӣ ҳастанд ба воя мерасад. Рафтори муноқишакоронаи наврас ҳамчун такрори рафтори волидайн дида мешавад.

Чораандешиҳои аввалин:

а) Хурӯҷи ғазаби фарзанди худро назорат кунед. Кӯшиш кунед, ки ӯро аз муноқиша боздоред.

б) Дар муносибатҳои байнишахсӣ кӯшиш кунед, то аз низоъ дур шавед, ки бо ин ба фарзанди худ намунаи ибрат шуда тавонед.

в) Дар ҳолати содир шудани низову муноқиша, кӯшиш кунед, ки сабабҳои онҳоро муайян кунед. Фарзанди худро беасос пуштигирӣ накунед.

г) Бо фарзанди худ дар якҷоягӣ сабаби ба миён омадани ҷанҷолро муайян кунед ва дар якҷоягӣ роҳҳои бе низоъ ҳал кардани масъаларо ҷустуҷӯ кунед.

д) Рафтори фарзанди худро бо шахси сеюм дар назди фарзанд муҳокима накунед.

Навраси дурӯғгӯй. Нишонаҳои дуруғгӯӣ:

1. Асабоният. Наврас ҳаракатҳои барзиёд иҷро мекунад. Бесабаб саросемакор аст.
2. Хусусиятҳои нигоҳ. Нигоҳи даргурез, ба чашмони волидайн нигоҳ накардан, ё ки баръакси ин нигоҳи бардавом дӯхтан, ки аксуламали волидайнро нисбати гуфтаҳои худ меомӯзад.
3. Номуайянӣ. Бесарусомонии нутқ.
4. Серсуханӣ. Бемантиқ будани гуфтаҳои зиёд. Ба саволҳо ҷавоби аниқ надодан. Такрори бисёркаратаи як фикр дар суханронӣ.
5. Ҳаяҷоннокии аз ҳад зиёд. Садо баланд кардан. Асабонӣ шудан.

Сабабҳои дурӯғгӯӣ. Наврас дурӯғ мегӯяд, чунки:

- аз ҷазо мехоҳад гурезад;
- чунки одати манфӣ ҳосил кардааст;
- мехоҳад фоидаеро ба даст оварад;
- дигаронро аз худ камақлтар меҳисобад;
- мехоҳад аз фаҳмондадиҳии рафтори худ дурӣ ҷӯяд;
- метарсад, ки дар борааш фикри манфӣ пайдо мекунанд;
- мехоҳад, ки шахсияти худро аз тарафи мусбӣ нишон диҳад;
- аз сабаби надоштани қудрати тағйир додани вазъият.

Чораандешиҳои аввалин: Волидайн бояд донистa бошанд, ки дурӯғгӯии наврас яку якбора, худ ба худ ба амал намеояд. Кӯдак дурӯғ гуфтанро мисли дигар амалҳои рафтор аз дигарон ёд мегирад ва аксар вақт аз худи волидайн, инчунин кӯдакро на суханони волидайн, балки амалҳои онҳо тарбия мекунанд, барои аз байн бурдани дурӯғгӯии кӯдак ва ростгӯй тарбия кардани онҳо тавсияҳои зерини психологӣ – педагогӣ оварда мешаванд:

1. Волидайн бо ҳамдилӣ дар назди фарзанди худ бояд талаботҳо гузоранд. Дурӯғгӯйҳо дар оилаҳое ба воя мерасанд, ки дар он талаботҳои ягона вуҷуд надоранд ва

волидайн байни якдигар мусобиқа мекунанд. Кӯдак аллакай медонад, ки ба модар чи гӯяд, то хостаи худро ба даст оварад.

2. Ваъдахилофӣ накунед. Ҳангоми ҳавасмандгардонӣ ва ҷазодиҳӣ дар қавли худ мустаҳкам истед. Барои иҷроиши ин нуқта ба ваъдаҳои худ эътибор диҳед, дар гуфтаҳо зиёдаравӣ накунед ва он чиро ваъда диҳед, ки воқеан аз уҳдааш мебароед.

3. Кӯшиш кунед, ки бо фарзанди худ, ҳатто дар корҳои хурд ҳақиқатгӯй ва самимӣ бошед. Кӯдак аз шумо нусха мегирад ва дар бисёр ҳолат сабаби рафтори манфӣ ин тақлид ба рафтори волидайн аст.

4. Кӯшиш кунед, то сабаби дурӯғгӯии фарзанди худро муайян кунед, сабаб ва ваҷҳиёти дурӯғгӯиро ҷустуҷӯ кунед:

- дар 10% ҳолатҳо муайян мешавад, ки дурӯғ вуҷуд надошт, балки нофаҳмӣ ба миён омадааст;
- дар 20% ҳолатҳо кӯшиши ба даст овардани чизҳои манъкардашуда дида мешавад;
- дар 30% ҳолатҳо тарс, кӯшиши гурехтан аз ҷазо дида мешавад. Дар ҳолате, ки шумо фарзанди худро сарзаниш мекунед, метарсонед, наврас бештар дурӯғ мегӯяд;
- дар 40 % ҳодисаҳо сабабҳои дар боло зикршуда мушоҳида мешаванд.

5. Бо кӯдак дар бораи ҳодиса суҳбат гузаронида, худи факти дурӯғгӯиро набояд сахт таъкид кард, набояд аз ҳар гуфтаи кӯдак ҳарфи дурӯғ ҷуста, ба ӯ “бадфикрӣ”, “мақсади тунд”, “хуни ҳаром” доштанашро таъкид кунед. Ҳадафгузории ояндаи кӯдак аз худи шумо – волидайн вобаста аст.

6. Бо ҳамсари худ бори дигар рӯйхати корҳои маъншударо дида бароед. Шояд шумо ба фарзанди худ бисёр чизҳоро манъ кардаед.

7. Агар кӯдак ба дурӯғаш иқрор шуд, ҳеҷ гоҳ ӯро ҷазо надиҳед. Бо вуҷуди рафтори манфӣ, агар пас аз иқрор фарзандро ҷазо диҳед, дигар шумо ҳеч гоҳ аз ӯ ҳақиқатро намешунавед.

8. Дар шуури фарзанд ростгӯй буданро худи шумо барномарезӣ мекунед. Ба ҷойи ибораҳои “Ту ин қадар дурӯғ гап мезанӣ??”, “Ту дар оянда ҷинояткор ба воя расиданӣ ҳастӣ?!”, ки дар худ барномаи манфиро нигоҳ медорад, беҳтар мешавад, ки – “Ту ростгӯй ҳастӣ! Чаро ин дафъа дурӯғ гуфтӣ?!” гуфтан ба манфиати кор аст.

9. Бигзоред, то фарзанди шумо натиҷаи дурӯғро худаш бартараф намояд, масалан, чизи беиҷозат гирифтаашро баргардонад; ба муаллим иқрор шавад, ки дарсро кӯчонид, узрхоҳӣ кунад. Агар шумо фарзанди худро барои дурӯғ ҷазо додед, аммо ӯ аллакай аз кори худ лаззат бурд пас шумо аллакай ин одатро дар ӯ мустаҳкам кардед. Вазифаи волидайн аз он иборат мебошад, ки ба фарзанди худ роҳ надиҳанд, то аз дурӯғгӯии худ лаззати психологию ҷисмонӣ бубаранд, ҳисси пушаймонӣ ба наврас имкон намедиҳад, ки дуюмбора дурӯғ гап занад [1].

Чӣ тавр бояд дар фарзанди худ масъулиятшиносиро тарбия кард?! Агар шуморо рафтори фарзандатон ба ташвиш оварад, пас дар фаъолияти шумо яке аз ин 2 нишондоди психологӣ намерасад:

1. Шумо аз уҳдаи иҷрои вазифаи асосии худ, ки аз хушбахт гардонидани ҳаёти шахсии худ иборат аст, набаромадед.

2. Эҳтимол дорад, ки шумо кӯшиш мекунед, то ҳаёти кӯдаки худро роҳбарӣ кунед - ин аллакай вазифаи шумо нест, балки масъулияти худи фарзанд мебошад.

Бояд кӯшиш кард, ки ин одатро тарк кунед ва масъулияту уҳдадориро ба зиммаи худи фарзанд гузоред. Дар гурӯҳ кор бурда, аз волидайн хоҳиш мекунем, ки шикоятҳои асосии нисбати фарзанди худ доштаро ошкоро иброз намоянд ва ин шикоятҳоро дар флипчарт қайд мекунем. Тақрибан, рӯйхат чунин мешавад:

- дер хоб меравад;
- дурӯғ гап мезанад, мегӯяд, ки ба як ҷо рафтааст, аммо ба дигар ҷорафта аст; мегӯяд, ки дарсҳояшро иҷро кардааст, аммо накардааст; мегӯяд, ки аз ҷайб чизеро надуздидааст, аммо воқеан пул кам мебарояд;
- ошхонаро бетартиб мемонад;
- зарфи истифодабурдаашро аз дастархон намебардорад;
- бе пурсиш дар ҷевони волидайн даст мекобад;
- либоспӯшиаш мисли оворагардон аст;

- зиёд рангубор мекунад;
- шабҳо аз хона мегурезад;
- то дер вақт дар кӯча мегардад;
- велосипеди худро дар берун беназорат мегузорад;
- соатҳо бо телефон гап мезанад;
- бе иҷозати волидайн зангҳои байнишаҳрӣ содир мекунад;
- пас аз мактаб сарулибосашро иваз кардан намехоҳад;
- одати ҷангҷӯӣ дорад;
- ҳамеша хапу дамдузд аст;
- бо шахсони манфӣ дӯстӣ мекунад;
- бо нафари аз худаш якчанд сол калон дӯстӣ мекунад;
- бисёр телевизор тамошо мекунад;
- тамоми рӯз бо гӯш кардани мусиқӣ ё тамошои барномаҳои телевизионӣ вақт мегузаронад;
- дарс тайёр намекунад;
- ба мактаб намеравад;
- суст мехонад;
- ҳангоми дар хона набудани калонсолон дӯстонашро ба хона меорад;
- иҷозат медиҳад, ки дӯстонаш аз хона ягон чизро дуздида баранд;
- оббозӣ намекунад;
- дар корҳои хона ёрӣ намерасонад;
- вақте эрод мегиранд, ҷангу таҳдид мекунад;
- утоқашро рӯбучин намекунад;
- аз хона мегурезад;
- бо бародарону хоҳаронаш ҷанг мекунад, мегӯяд, ки падару модарашро дӯст намедорад, волидайнро масхара мекунад, дар ягон кори оила ҳамроҳӣ намекунад;
- ҳамеша танҳо будан мехоҳад;
- аз волидайн маблағ талаб мекунад;
- ба дигарон мегӯяд, ки волидайн бо ӯ муносибати бад мекунанд;
- дар хона дуздӣ мекунад;
- сигор мекашад;
- бо дӯстонаш машруботи спиртӣ истеъмол мекунад;
- дар утоқаш нашъа пинҳон мекунад;
- ба аҳли хонавода таҳдид мекунад;
- нафареро ҳомиладор кардааст;
- ҳангоми ғазаболудӣ ба девор мушт мезанад;
- мошини падарро бе иҷозат гирифта, бо дӯстонаш ба сайру гашт меравад;
- дар хонаҳои ҳамсояҳо дуздӣ содир мекунад, дар мағозаҳо дуздӣ содир мекунад;
- таҳдид мекунад, ки худро мекушад;
- ба ҳаёти шахсии волидайн дахолат мекунад.

Албатта, хондани ин рӯйхат бисёр ҳаяҷоновар аст. Ба фикри мо, ҳар як аз ин проблемаҳоро на ҳамчун сабаби ҷанҷоли нав, балки ҳамчун имконияти тағйир додани ҳаёти наврас ба тарафи хуб дида баромадан мумкин аст. Дар зер баъзе аз ҳодисаҳои ин рӯйхатро аз нав дида мебароем ва онҳоро аз нуқтаи назари психологӣ шарҳ медиҳем.

Ҳамаи ҳодисаҳои дар боло зикршударо таҳлил карда, онҳоро ҳамчун ҳодисаҳои ҳаёти кӯдак, ки дар он иштирок ва назорати шумо муҳим аст, дида мебароем:

1. Дер хоб меравад – волидайн нисбати ин ҳодиса бисёр ташвиш мекашанд, чунки ба кӯдак истироҳат лозим аст, то ӯ сари вақт бедор шаваду дар мактаб ҳушёр бошад. Албатта, агар наврас дер хоб равад, рӯзи дигар ӯ хоболуд ва ғайрифаъол мешавад ин ҳолатро ба ҳодисаи ҳаёти худи кӯдак дохил мекунем, аммо омилҳои ба ҳаёти шахсии волидайн ва аҳли хонавода таъсиррасонро ҷудо мекунем. Фарзанд рӯзи дигар дар кайфияти манфӣ аст. Бегоҳирӯзӣ ва шабҳо волидайнро аз оромӣ маҳрум кардааст, талаб мекунад, ки ӯро пагоҳирӯзӣ барвақт бедор кунанд.

2. Бисёр телевизор тамошо мекунад – таъсирҳои манфии ин ҳодиса волидайнро ба ташвиш меоварад, наврас, пеш аз ҳама, вақтро беҳуда сарф мекунад, қомат ва чашмони ӯ зарар мебинанд, ба ҷойи таҳсил ва фаъолияти эҷодӣ шуури худро бо ахбороти беҳуда пур мекунад, аҳли хонавода наметавонанд, барномаҳои дилписанди худро тамошо кунанд, садои баланди телевизор ба дигарон халал мерасонад.

3. Дар бораи моликияти шахсии худ ғамхорӣ намекунад, велосипеди худро дар кӯча мемонад, дар он ҷо велосипед метавонад зери борон монад ё дуздида шавад. Ҳар як калонсол, ки барои пеш бурдани зиндагӣ меҳнат мекунад, маблағ ба даст меорад, ҳангоми ин гуна рафтори фарзанд дарғазаб мешавад. Вақте фарзанд нисбати моликият бемасъулият мешавад, ин аз тарафи волидайн ҳамчун беқадр кардани заҳмати ӯ дида мешавад ва гӯё, ки маблағи ӯ беҳуда сарф шудааст. Барои тағйир додани ин ҳодиса ба волидайн маслиҳат дода мешавад, ки байни чизҳои шахсӣ ва чизҳои фарзанд ҳудуди муайян гузошта шавад. Ба наврас таъкид карда шавад, ки ҳангоми гум шудан ё вайрон шудани ягон чизи ӯ дар асоси нишон додани бемасъулиятӣ, аз нав барқарор карда намешавад, яъне пул беҳуда сарф намешавад.

4. Дар утоқи худ рӯбучин намекунад – дар ин ҳолат волидайн бисёр нигарон мешаванд, ки фарзанди наврасн онҳо дар як фазои ифлос зиндагӣ мекунад ва либоси ифлос ва ғиҷимро мепӯшад. Волидайн фикр мекунанд, ки вазифадор ҳастанд то фарзандро ба озодагӣ ва тозакорӣ одат кунонанд ва талаб кунанд, ки дар утоқи худаш рӯбучин кунад. Ин талабҳо ба наврас хуш намеояд ва боиси гапгардонию муноқишаи онҳо мешавад, ба волидайн тавсия дода мешавад, ки дар ин ҳолат низ байни утоқи ӯ ва дигар ҳуҷраҳо сарҳад гузошта, дар утоқи наврас рӯбучин накунанд, бигзоранд, то наврас утоқи худ ва дигар ҷойҳои хонаро муқоиса кунад.

5. Сигор мекашад, машруботи спиртӣ истеъмол мекунад, маводҳои нашъовар истеъмол мекунад – ҳамаи ин амалҳо ба саломатии наврас зарар мерасонанд ва ба ҳаёти минбаъдаи наврас таъсири манфӣ мерасонанд. Омилҳои алоҳидаи ин амалҳо, ки ба ҳаёти аҳли хонавода таъсир мерасонанд, аз инҳо иборат мебошанд:

1. Ба хона маст меояд
2. Дар хона маводи мухаддир нигоҳ медорад, ки ин метавонад сабаби ба ҷавобгарӣ кашидани волидайн гардад.

Албатта, ин рӯйхат пурра нест, мо ин ҳодисаро ҳамчун намуна таҳлил кардем ва дар кадом ҳолат масъулият ба дӯши худи наврас гузошта мешавад ва дар кадом ҳолат волидайн ҳодисаро таҳти назорати худ гиранд, дида баромадем. Дар бартараф намудани ҳодисаҳои манфӣ бояд саросемавор амал накунем, чунки фаъолияти асосӣ на ба аз байн бурдани ҳодисаи номатлуб дар алоҳидагӣ, балки ба тағйир додани муносибатҳои волидайн бо фарзанди наврасн худ равона карда шудааст, агар волидайн натиҷаи зудро мунтазир шаванд, онҳо аз ҳисси ташвиш, қаҳр, ғазаб холӣ шуда наметавонанд ва ин ба барқарор намудани муносибатҳои боваринок бо фарзанди худ халал мерасонад.Инак, тавсияҳое оварда мешаванд, ки ба волидайн дар бартараф кардани ҳодисаи манфӣ ва барқарор кардани муносибати боваринок кумак мерасонанд:

- Сараввал аз рӯйхати тартибдодаи худ як ҳодисаеро интихоб намоед, ки масъулияташро бечунучаро ба фарзанд гузошта метавонед.
- Тасаввур кунед, ки ин ҳодиса дубора такрор шуд, аммо масъулияташ бар дӯши худи фарзанд аст, тасаввур кунед, ки чӣ гуна ҳиссиёти нав шуморо фаро мегирад, чунки масъулият дигар бар дӯши шумо нест.
- Сӯҳбати дарпешистодаро якчанд бор машқ кунед. Ҷавобҳои эҳтимолии фарзандро тасаввур кунед, ки наврас ба муносибати боварнноки шумо чӣ гуна аксуламал зоҳир мекунад.
- Ба назди фарзанди худ омада, равшан ва рост эълон кунед, ки барои ҳалли масъалаи муайян омадаед. Мурочиати шумо тақрибан ин гуна бояд бошад: “ Ман аз оне, ки ту рӯзи гузашта ба мактаб нарафтӣ бисёр нигарон будам ва аз ту хафа шудам, туро ба мактаб рафтан маҷбур сохтам, аммо мебинам, ки туро ба ягон кор маҷбур карда наметавонам, чунки таҳсил кардан кори шахсии туст ва ба ҳаёти минбаъдаи худи ту

таъсир мерасонад, ман фаҳмидам, ки ту худат оиди таҳсил дар мактаб қарори дуруст қабул карда метавонӣ, дигар ман ба ин кори ту дахолат намекунам ва ба ту бовар мекунам. Албатта, мисли пештара бо кадом саволе муроҷиат кунӣ, кумак мерасонам. Инчунин ман талаботҳои худро низ дорам, дар соатҳои дарсӣ дӯстони ту дар хонаи мо набошанд. Ман барои дарсгурезии онҳо ҷавобгӯ шудан намехоҳам. Ман мехоҳам, ки ҳардуи мо вазифаи худро иҷро кунем. Ҳамин тавр, дар давоми якчанд рӯз ҳар як ҳодисаи манфиро ба фарзанд дар асоси омодагии пештара бояд дида бароем [6].Тавсияҳои психологӣ дар ба роҳ мондани муносибатҳо бо навраси душвортарбия. Ҳангоми зуҳуроти ҳодиса ё рафтори манфӣ аз тарафи навраси душвортарбия волидайн барои бартараф намудани онҳо чораҳои гуногун меандешад. Албатта, дар ин ҷо ҷазодиҳӣ низ ҷойи худро дорад, ки на ҳама вақт ба натиҷаи хуб оварда мерасонад. Психологҳо ба волидайн дар кор бо фарзанди душвори худ чунин тавсияҳо медиҳанд:

- Аз ҷазодиҳӣ ва таъқиқҳои зиёд истифода набаред. Сабаби рафтори манфии фарзанди худро ҷустуҷӯ намоед. Дар хотир дошта бошед, ки ба фарзанд муносибати инфиродӣ бояд кард, чунки ҳар як наврас шахси нотакрор аст.
- Ба шавқу ҳавасҳои фарзанди худ такя кунед. Духтар ё писари худро бо фаъолиятҳои гуногун, аз худ кардани касбу ҳунар машғул кунед.
- Бо фарзанди худ суҳбат кунед. Корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронед. Аммо назди ӯ шарт нагузоред. Аз ӯ рафтори намунавиро талаб накунед. Оҳиста – оҳиста ба реҷаи рӯз, доираи муошират, машғулиятҳои фарзанди худ тағйиротҳо ворид кунед.
- Нисбати ҳар як тағйирот дар рафтор ҳушёр бошед, чунки рафторҳои манфӣ сараввал қисман зоҳир мешаванд ва пас зуд- зуд такрор мешаванд ва рафтор ҳамчун одат мустаҳкам мешавад.
- Дар фарзанди худ хислатҳои мусбиро ҷустуҷӯ кунед ва онҳоро инкишоф диҳед. Зуҳуроти ҳар як рафтори мусбиро қайд карда, фарзанди худро таҳсин гӯед. Аз сар гузаронидани ҳиссиёти шодию хушбахтӣ аз муваффақият барои навраси душвор эътибори хосса дорад.

Ҳангоми мустаҳкам гаштани рафтори манфӣ ва ба одат мубаддал гаштани онҳо мушкилӣ ва вазифаҳои волидайн дучанд мегарданд. Тарафи хатарноки ин ҳодиса дар он аст, ки наврас дигар рафтори худро ҳамчун манфӣ эътироф намекунад ва барои натиҷаи онҳо масъулият ҳис намекунад.

## АДАБИЁТ


1. Учителю о практике психологической помощи: Книга для учителя. – М.: Просвещение, 1988. – 176.с.
2. ПанченкоН.А. Педагогическая диагностика в работе классного руководителя / Н.А.Панченко – Волгоград: Учитель, 2007. – 128с.
3. Хрестоматия по этике и психологии семейной жизни. Учебное пособие для учащихся старших классов/ сост. И.В. Гребенников, Л.В. Кованько. – М.: Просвещение, 1986. – 271с.
4. Учителям и родителям о психологии подростка / под ред. Аркелова Г. – М.: Высш. шк., 1990. – 304 с.
5. Столяренко Л.Д. Возрастная психология. Учебник/ Л.Д. Столяренко, Д.В. Столяренко.- Ростов н/Д.: Феникс, 2017. 442с.
6. Психология родительства. Учебное пособие для студентов высших учебных заведений. -М.: Академия, 2005. – 368с.
7. Мир детства: Подросток/под ред. Хрипко. -М.: Просвещение, 1982. – 432 с.


## УСУЛҲОИ ПСИХОЛОГӢ – ПЕДАГОГИИ ТАЪСИРРАСОНИИ ТАРБИЯВӢ ВА ИСЛОҲИ РАФТОРИ НАВРАСОНИ ДУШВОРТАРБИЯ


Масъалаи таъсиррасонӣ ба кӯдакони душвортарбия ҳамеша дар маркази диққати педагогҳо, психологҳо, ҷомеа буд ва мемонад. Рафтори девиантӣ ва делинквентӣ, бештар дар давраи наврасӣ зуҳуроти худро оғоз мекунад. Зери таъсири тағйиротҳои физиологӣ ва импулсивнокӣ, наврас бисёр вақт рафтори ноандешида содир мекунанд. Дар мақола асосҳои психологии зуҳуроти мазкур, омилҳое, ки ба ташаккули психикаи наврас таъсир мерасонанд ва сабабҳои асосии ташаккулёбии рафтори девиантӣ дар оила оварда шудаанд. Хашмгинӣ, ҷангҷӯӣ, танбалӣ,duздӣ – ҳамчун шаклҳои рафтори девиантӣ, нишонаҳои ин гуна рафторҳо, тавсияҳо барои дахолати аввалин ва азнавтарбиякунӣ низ дар мақола оварда шудаанд. Волидайни наврасони душвортарбия бештар, дар барқарор намудани муносибатҳо ва таъсиррасонии тарбиявӣ ба фарзандони худ душворӣ мекашанд. Ба онҳо ҷалб намудани фарзанд дар корҳои хона, нигоҳ доштани тозагӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ нисбати моликияти умумӣ ва хусусӣ душвор меояд. Дар мақола усулҳои психологии таъсиррасонӣ ба фарзандон дар ташаккулёбии мустақилии онҳо ва ҳисси масъулиятшиносӣ тавсия шудааст.

**Калидвожаҳо:** рафтори девиантӣ, рафтори делинквентӣ, таъсири тарбиявӣ, азнавтарбиякунӣ, ташаккули рафтор, хашмгинӣ, ҷангҷӯӣ, танбалӣ, дуздӣ, назорат, боварӣ.

## ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ МЕХАНИЗМЫ ВОЗДЕЙСТВИЯ И КОРРЕКЦИИ ПОВЕДЕНИЯ ТРУДНОВОСПИТУЕМЫХ ПОДРОСТКОВ

Проблемы трудновоспитуемых детей и вопросы воздействия на них всегда были и находятся в центре внимания педагогов, психологов, родителей и общественности. Девиантное и делинквентное поведение в основном начинает проявляться в подростковом возрасте. В силу влияния физиологических изменений и импульсивности, подростки часто неосознанно совершают необдуманные поступки. В данной статье рассмотрены психологические основы проявления «трудного» поведения подростков, аспекты, влияющие на формирование психики подростков, раскрыты также основные причины формирования девиантного поведения в семье. Агрессивное поведение, конфликтность, ленивость, детское воровство рассматриваются в статье как формы девиантного поведения, приведены признаки проявления этих форм поведения, рекомендации по первичному вмешательству и дальнейшей коррекции. Родители зачастую сталкиваются с трудностями при установлении взаимоотношений и воспитательного воздействия на своих детей, трудности в приучении к чистоте, порядку, опрятности; наблюдается также отсутствие чувства ответственности за общее и частное имущество. В статье рассмотрены психологические механизмы воздействия родителей на подростков в формировании у них самостоятельности и ответственности за поведение.

**Ключевые слова:** взаимоотношения в семье, механизм воздействия, доверие, конфликт, привязанность, авторитарный, демократический, девиантное поведение, делинквентное поведение, коррекция поведения, контроль, взаимодействие.

## PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL METHODS OF INFLUENCE AND BEHAVIOR CORRECTION OF DIFFICULT TEENAGERS

Problems of difficult children and issues of exposure to them has always been and is the focus of psychologists, parents and the public teachers' attention, Deviant and delinquent behavior are mainly begin to manifest in teenagers. Due to the influence of physiological changes and impulsiveness, teenagers often unconsciously, commit rash acts. This article discusses the psychological basis of the manifestation of "difficult" behavior of teenagers, aspects that influence the formation of the psyche of teenagers, the main reasons for the formation of deviant behavior in the family are researched as well. Aggressive behavior, conflict, laziness, child theft are considered as forms of deviant behavior, showing signs of manifestation of these forms of behavior, recommendations for primary intervention and further correction in the article. Parents often face difficulties in establishing relationships and educational impact on their children, difficulties in teaching to cleanliness, order, and tidiness; there is also a lack of a sense of responsibility for public and private property. The article discusses the psychological methods of parents influence on teenagers in the formation of their independence and responsibility for behavior.

**Keywords:** family relations, influence mechanism, trust, conflict, affection, authoritarian, democratic, deviant behavior, delinquent behavior, behavior correction, control, interaction.

**Сведения об авторах**: ***Абдуллоева Р.Х.*** **–** Таджикский государственный педагогический университет ГПУ им. Садриддина Айни, доцент кафедры общеуниверситетской кафедры психологии. E-mail: **roziahon@mail.ru;** Телефон: **+992919137629**
***Маматова А.Б.*** - Таджикский государственный педагогический университет ГПУ им. Садриддина Айни, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры психологии. E-mail: **aziza_tgpu@mail.ru;** Телефон: **+992501860157**

**Information about the authors: *Abdulloeva Roziya Hakimovn*a**- Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, docent of the general psychology department. E-mail: **roziahon@mail.ru**; Phone: **+992919137629**
***Mamatova A.B.*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni,the senior teacher of the general university chair of psychology. E-mail: **aziza_tgpu@mail.ru;** Phone: **+992501860157**

**УДК:37.0 (575.3)**

# РУШДИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОН ДАР ШАРОИТИ НАВИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Сафаров М.В.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Дар замони пешрафти ҷаҳонишавӣ инсоният на танҳо ба имкониятҳои нав, балки ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешавад. Дар баробари иваз кардани сохторҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва тағйироти сиёсӣ-иқтисодӣ бо муҳити нави корӣ, шаклҳои дигари созмонҳои иҷтимоӣ ва коммуникатсионӣ ташкил карда мешаванд, ки зарурати навсозӣ ва мутобиқ кардани малакаҳои коллективӣ ва инфиродиро барои беҳтар шудан тақозо дорад.

Тибқи маълумоти А.П.Писпитинская ва С.А. Писарева, ҳадафҳои марҳилаи навсозии модернизатсияи таълимӣ, ки дар он диққати асосӣ аз ислоҳоти муассисаҳо ва таҳкими инфрасохтор барои расидан ба сифати нави таҳсилот меравад, аз инҳо иборатанд: таъмини фарогири мусбӣ ва муваффақияти таълимии ҳар як кӯдак дар рушди инноватсионӣ ва ҷавоб додан ба мушкилоти тағйирёбии муҳити фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ; ҷаҳонишавии иқтисодиёт, фарқияти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, иттилоот таркишиҳои пайдоиши шакли нави муошират ва ғайраро дар бар мегирад.

Таҳсилоти калонсолон барои ҳалли масъалаҳои марбут ба мо аҳаммияти зиёд дорад. Таҳсилоти калонсолон як ҷузъи калидии низоми мукаммал ва пурраи омӯзиш мебошад. Мувофиқи маълумоти коршиносони Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD), бо дарназардошти рушди вазъи демографӣ дар кишварҳои пешрафта, соли 2050, аксари таҷрибаҳои таълимӣ дар низоми таълими расмӣ ва берун аз он бо калонсолон (беш аз 600 миллион нафар) алоқаманд хоҳанд шуд. Маълумоти омории байналмилалӣ ва тахассусӣ зарурати таҳияи таҳсилоти калонсолон ва афзалияти ин тамоюл дар системаҳои миллии таҳсилотро нишон медиҳад. Дар назария ва таҷрибаи таълими давомдор, принсипҳои асосӣ дар асоси таълими калонсолони муосир таҳия карда мешаванд:

1. маълумоти асосӣ ва маҳорати нав барои ҳама;
2. баланд бардоштани сармоягузории захираҳои инсонӣ;
3. усулҳои инноватсионӣ ва омӯзишӣ;
4. низоми арзёбии нав.

Мавзӯи таҳсилоти калонсолон ҳар сол ба мувофиқат мерасад, дар бисёр кишварҳо стратегияҳо ва барномаҳои ҳукуматӣ барои рушди таҳсилоти калонсолон таҳия карда мешаванд. Як тамоюли умумӣ барои иштироки калонсолон дар шаклҳои мухталифи таълим, омӯзиши касбӣ ва бозомӯзӣ аст. Мувофиқи ҳисоботи солонаи OECD дар бораи нишондиҳандаҳои асосии маориф (дар моҳи сентябри соли 2011, ки аз ҷониби Департамент оид ба таҳлили нишондиҳандаҳо ва Котибот барои таълим ва Маркази САҲА оид ба тадқиқот ва инноватсия дар соҳаи маориф таҳия шудааст), 40 фоизи калонсолон дар кишварҳои ИҲР дар таҳсилоти расмӣ ва ғайридавлатӣ иштирок мекунанд. Мувофиқи таҷрибаи байналмилалӣ, се навъи фаъолиятҳои таълимиро ҷудо мекунанд, ки ба таҳсилоти калонсолон алоқаманданд:

- маълумоти расмӣ, ки дар натиҷаи он як диплом ё умуман эътироф шудааст;
- таҳсилоти ғайрирасмӣ, ки одатан аз додани ҳуҷҷате, ки дар муассисаҳои таълимӣ ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ, клубҳо, инчунин дарсҳои фардӣ бо тренер мегузарад;
- маълумоти (spontaneous). Таҳсилот фаъолияти фардии шахсӣ мебошад, ки ҳамроҳи ҳаёти ҳаррӯза аст ва ҳатман мақсад надорад.

Бо назардошти мафҳумҳое, ки дар мамлакатҳои мухталиф истифода мешаванд, тафсири ягона ва умуман инъикоси истилоҳи "таҳсилоти калонсолон" (EFA) вуҷуд надорад, танҳо усули умумӣ дар ҳуҷҷатҳои гуногуни байналмилалӣ инъикос ёфтааст.

Мувофиқи шарҳи Комиссияи Аврупоӣ, ҳамаи шаклҳои чунин таҳсилот, ки дар он калонсолон пас аз хатми низоми маориф ва таълимӣ (ҳатто бо таҳсилоти дараҷаи сеюм) иштирок мекунанд, метавонанд барои таҳсилоти калонсолон баррасӣ шаванд. Тамоюлҳои байналмилалӣ дар рушди таҳсилоти калонсолон як варианти умумӣ, мушкилоти ҷорӣ ва роҳҳои ҳалли онҳоро нишон медиҳанд.

Яке аз усулҳои рушди таҳсилоти калонсолон дар шароити муосир, дар Эъломияи ниҳоӣ VI мебошад, ки таъкид месозад, ки омӯзиш ва таълими калонсолон дар ҳалли мушкилоти муосир дар соҳаи фарҳанг, иқтисодиёт, сиёсат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозад.Натиҷаҳо барои рушди низоми таҳсилоти калонсолони созмонҳои байналмилалӣ ва ҳукуматҳои миллӣ бо таҳияи стратегияҳои махсус ва барномаҳои миллии соҳа алоқаманданд. Гузориши глобалӣ оид ба маориф ва калонсолон, ки дар 154 гузориши миллӣ таҳия шудааст, аз ҷониби кишварҳои узви ИДМ барои Конфронси шашум оид ба маориф CONFINTEA VI, таъкид карда мешавад, ки сиёсати таҳсилоти калонсолон бо як қатор омилҳо - шароитҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, инчунин омилҳои беруна (буҳрони молиявӣ ё таъсири созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ) муайян карда мешаванд. Дар ҳуҷҷати мазкур қайд шудааст, ки 126 кишвар сиёсати давлатиро оид ба таҳсилоти калонсолон таҳия кардаанд. Бо вуҷуди ин, муҳтавои сиёсати давлат дар ин соҳа аз кишвар ба кишвар хеле фарқ мекунад, танҳо 56 кишвар (36%) нишон доданд, ки аз соли 1997 инҷониб сиёсати махсусро дар соҳаи таҳсилоти калонсолон, оғоз намуданд.

Барои мисол, омӯзиши "Иттиҳоди Аврупо оид ба синну соли калонсолон аз ЕврАзЭС", ки дар соли 2010 аз ҷониби Институти ҳамкории Ассотсиатсияи байналмилалии Донишкадаи Олмон дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо оид ба таълими калонсолон (EAEA) таҳия ва нашр гардид, зикр шудааст, ки дар тамоми минтақаҳои Аврупо ба фарогирӣ ва аҳаммияти таҳсилоти калонсолон диққати махсус дода мешаванд.

В.М. Розин менависад: «Имрӯз, албатта, дар соҳаи таҳсилоти олӣ, Инъикоси навоварӣ дар ташаккули консепсияи антропологӣ ва фалсафии инсон ва фарҳанг, хусусияти нимаи дуюми асри гузашта, балки ҳамчун посухдиҳии мутавозин ба мушкилоти вақт, бо дарназардошти талаботи иқтисоди бозаргонӣ ва раванди ворид намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад".Дар кишварҳои мухталиф низоми таълими хонагӣ тавассути шабакаи марказҳои таълимӣ ва машваратӣ, ташкили марказҳои таълимӣ дар мактабҳо, донишгоҳҳо, китобхонаҳо, клубҳо, марказҳои динӣ, ҷойи кор ва инчунин дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад.

PIAAC арзёбии бисёрҷанбаи малака ва қобилиятҳои калонсолони синну соли корӣ дар кишварҳои ИҲР мебошад.Миқёси низоми таҳсилоти калонсолон, афзалиятҳо ва тамоюлоти рушди он дар кишварҳои алоҳида фарқ мекунад. Дар Олмон зиёда аз 2000 муассисаҳои давлатии аккредитатсионӣ ва буҷетӣ барои таҳсилоти калонсолон вуҷуд доранд. Ташкилотҳои таълимӣ барои калонсолон дар корхонаҳои саноатӣ, тиҷоратӣ ва ҳунармандӣ фаъолият мекунанд. Илова бар ин, бисёре аз муассисаҳои таълимии хусусӣ барои калонсолон вуҷуд доранд. Дар Финляндия низоми таълими калонсолон таълими расмӣ ва ғайрирасмиро дар бар мегирад, инчунин таълими либералӣ ном дорад. Таҳсилоти расмӣ аз таълими асосӣ ва омӯзиши касбӣ иборат аст. Таҳсилоти иловагии касбӣ ба соҳаи таълими ғайрирасмӣ алоқаманд аст. Дар доираи таҳсилоти либералӣ, ба аҳолии калонсол имконият фароҳам оварда мешавад, ки сатҳи таълиму малакаи амалиро беҳтар намоянд, ин як кори ихтиёрии фарҳангӣ ва таълимӣ бошад.

Умуман, фарогирии барномаҳои гуногуни таълимии аҳолӣ дар Иттиҳоди Аврупо дар синни 25-64: дар соли 2003-8,5 фоиз, дар соли 2008 он 9,6 фоиз афзуд. Сатҳи фарогирӣ дар кишварҳо фарқ мекунанд: дар соли 2008, дар Арманистон аз 1.4% дар Булғористон то 32,4% -ро ташкил дод. Стратегияҳо барои рушди таҳсилоти касбӣ ва омӯзиш дар аксари кишварҳо мавҷуданд. Ташкилкунандагон ва таъминкунандагони хадамоти таълимӣ барои калонсолон аз ҷониби бахши давлатӣ - вазоратҳо, муассисаҳои миллӣ, масалан, Агентии давлатии таъмини хизматрасонӣ, марказҳои шуғл, муассисаҳои расмии таълимӣ, мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, донишгоҳҳо, муассисаҳои давлатӣ, марказҳои таълими касбӣ мебошанд.

Таҳсилоти калонсол асосан ҳамчун таълими иловагии касбӣ (DPO), маҳсуб меёбад. Дар солҳои охир, ташаббусҳои марбут ба таҳсилоти калонсолон дар минтақаҳо таҳия шудаанд.Бо вуҷуди ин, ҳамаи шаклҳои таҳсилоти калонсолон, ки дар кишвар вуҷуд доранд, такмилкунандаи якдигаранд. Сарфи назар аз он ки дар аксари кишварҳо гуногунии таҳсилоти калонсолон ва таълими калонсолон афзоиш ёфтааст, таҳсилоти иловагии касбӣ ва омӯзиши иловагӣ бештар фаъолтар аст. Дараҷаи иштироки аҳолии калонсол аз кишварҳои Аврупо дар барномаҳои таҳсилоти иловагии касбӣ аз 14% -и онҳое, ки дар Юнон ба 60% дар Ҷумҳурии Чех кор мекунанд, фарқ мекунанд. Таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷузъи муҳимми таълими калонсолон мебошад. Бо афзоиши бахшҳои таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон, таъсиси низомиҳи собдорӣ ва эътирофи ин намудҳои таҳсилот афзоиш ёфтааст, ки дар бисёр кишварҳо ба таври расмӣ ҳамчун қисми низоми таълими давомдор дар якҷоягӣ бо таҳсилоти расмӣ ба таври расмӣ баррасӣ карда мешавад. Иштироки шумораи зиёди кишварҳо дар чорабиниҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд дар ин соҳа ва иштироки аъзои Комиссияи Аврупо дар гурӯҳи корӣ оид ба эътирофи натиҷаҳои омӯзиш нишон медиҳанд, ки эътирофи натиҷаҳои омӯзиш қисми муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, омӯзиш ва шуғли аҳолӣ мебошад. Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи Кумитаи тадорукотии OECD "Эффексияи натиҷаҳои таълими ғайрирасмӣ ва таъсиси низоми интиқоли кредитҳо" ("Тасдиқи таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ" ва "Интиқоли қарз"), эътирофи натиҷаҳои ин шаклҳои маориф ҳамчун раванд, ки ба расидан ба ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва таълимӣ оварда мерасонад. Лоиҳа дар солҳои 2005-2007 амалӣ карда шуд. Дар се марҳила, аз ҷумла ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳое, ки ба кишварҳои мутахассисони ОЭСТ сафар мекунанд, омодасозии ҳисоботи мудаввар ва ниҳоӣ дар бораи натиҷаҳои тадқиқот, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ ва мониторинги татбиқи низоми эътирофи натиҷаҳои таҳсилоти ғайрирасмиро дар бар мегирад. Таҳлили таҷрибаи муосири кишварҳои Аврупо имкон медиҳад, ки омилҳои зерини имконпазир, ки татбиқи муваффақонаи расмиёти эътирофи натиҷаҳои таълими расмӣ ва ғайрирасмиро таъмин мекунанд, муайян карда шаванд:

- ✓ ҳамкории фаъол ва машварат;
- ✓ дастгирии молиявии кормандон;
- ✓ таълим ва омӯзиши кадрҳо, ки дар татбиқи сиёсат ва ташаббусҳои дахлдор иштирок мекунанд;
- ✓ истифодаи критерияҳои дақиқ;
- ✓ таҳияи методологияҳо, омӯхтани натиҷаҳо;
- ✓ кафолати сифат, мониторинг ва арзёбӣ барои таъмини амволиву эътимоднокии натиҷаҳо;

## АДАБИЁТ


1. Библер В.С. На гранях логики культуры /В. С.Библер. -М.: Наука, 1997. - 187 с.
2. Давыдов В.В. Виды обобщения в обучении: Логикопсихологические проблемы построения учебных предметов /В.В. Давыдов. - М.: Педагогическое общество России, 2000. - 480 с.
3. Дополнительное профессиональное образование в 2010 г.: статистический бюллетень.т. 1. М.: Росстат, 2010. (Additional professional education in 2010: Statistical Bulletin. Vol. 1. -Moscow: Rosstat, 2010).

4. Европейское образование взрослых за пределами ЕС / пер. с англ. О. Вербовой. Минск, 2010. (The European education of adults outside the EU/Transl. from English O. Verbova. -Minsk, 2010).
5. Розин, В.М. Образование в условиях модернизации и неопределенности /В.М. Розин. - М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2013. - 80 с.
6. Тряпицына А.П. Современные методологические подходы к исследованию педагогического образования/А.П. Тряпицына, С.А. Писарева// Человек и образование. - 2014. - № 3. - С. 4.
7. Эльконин Д. Б. Введение в психологию развития: в традиции культурно-исторической теории Л. С. Выготского / Д. Б. Эльконин. - М.: Тривола, - 1994. - 167с.
8. Щедровицкий П.Г. Очерки по философии образования/ П.Г.Щедровицкий. – М., 1993. - 89 с.

## РУШДИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОН ДАР ШАРОИТИ НАВИ ҶАҲОНИШАВӢ

Мақола таҳлили тамоюлҳои муосири рушди таҳсилотро барои калонсолон фаро мегирад. Дар мамлакати мо низ вобаста ба раванди таълими калонсолон таҳияи барномаҳои нави таълимӣ роҳандозӣ гардида истодааст. Таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷузъи муҳимми таълими калонсолон мебошад. Рушди омӯзиши берун аз таҳсилоти расмӣ ба мавҷудияти низоми баҳодиҳии натиҷаҳои бадастовардашуда вобаста аст. Бо афзоиши бахшҳои таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дар соҳаи таҳсилоти калонсолон, таъсиси низоми ҳисобдорӣ ва эътирофи ин намудҳои таҳсилот афзоиш ёфтааст, ки дар бисёр кишварҳо ба таври расмӣ ҳамчун қисми низоми таълими давомдор дар якҷоягӣ бо таҳсилоти расмӣ ба таври расмӣ баррасӣ карда мешавад. Ҷузъи муҳимми низоми таҳсилот таълими ғайрирасмӣ мебошад. Дар бисёре аз мамлакатҳои ҷаҳон баҳри рушд ва таълими калонсолон қонунҳои зиёде ба тасвиб расидаанд. Бояд қайд намоем, ки рушди теъдоди калонсол, ки дар шаклҳои гуногуни таҳсилот дар доираи низоми расмии таҳсилот ва берун аз он ширкат мекунанд, собит менамояд, ки майлу кӯшишҳо оид ба рушди таҳсилоти калонсолон аз ҷониби давлат ва созмонҳои миллӣ, сохторҳои ғайриҳукуматӣ тақозои замон аст, зеро насли калонсол низ як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа буда, баҳри пешрафт ва рушди таълими онҳо чорабиниҳои зиёде таҳия гардида истодаанд.

**Калидвожаҳо:** таълими калонсолон, таҳсилоти расмӣ, таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, эътирофи натиҷаҳои таҳсилоти пешина, муҳоҷират, муҳоҷирони меҳнатӣ, сиёсати муҳоҷират, вазъияти демографӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, сиёсати таълимӣ.

## РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАНИЯ ВЗРОСЛЫХ В НОВЫХ УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Статья содержит анализ современных тенденций развития образования для взрослых. В нашей стране также существуют проблемы с образованием взрослых и путями разработки новых учебных программ. Розничное и неформальное образование является важной частью образования взрослых. Розничное и неформальное образование является важной частью образования взрослых. С ростом образования и неформального образования в сфере образования взрослых, система бухгалтерского учета и признание этих типов образования были расширены, что официально признано формальной системой образования. Утверждение формального и неформального образования позволит получить результаты за пределами формального образования и, таким образом, даст возможность для учебной практики. Развитие внешнего образования зависит от наличия системы оценки результатов достижения. Главным компонентом системы образования является неформальное и информальное образование. Большее количество взрослых, участвующих в пределах системы формального и неформального образования подтверждает, что тенденции по развитию и включению все более взрослых является велением времени, и поэтомупредлагаются все большее усилие со стороны государства, национальных структур, неправительственных организаций.

**Ключевые слова**: глобализация, образование взрослых, формальное образование, неформальное и информальное обучение, признание результатов предшествующего обучения, миграция, трудовые мигранты, миграционная политика, демографическая ситуация, неправительственные организации, образовательная политика.

## NEW CONDITIONS OF GLOBALIZATION AND DEVELOPMENT OF EDUCATION OF ADULTS

The article contains an analysis of current trends in the development of adult education. In our country, there are also problems with adult education and ways of developing new curricula. Retail and non-formal education is an important part of adult education. Retail and non-formal education is an important part of adult education. The development of external education depends on the availability of a performance evaluation system. With the growth of education and non-formal education in the field of adult education, the accounting system and the recognition of these types of education have been expanded, which is officially recognized as a formal education system in formal education with formal education in many countries. Approval of formal and non-formal education will provide results outside of formal education and, thus, will provide an opportunity for educational practice. The development of external education depends on the availability of a performance evaluation system. With the growth of education and non-formal education in the field of adult education, the accounting system and the recognition of these types of education have been expanded, which is officially recognized as a formal education system in formal education with formal education in many countries. Approval of formal and non-formal education will provide results outside of formal education and, thus, will provide an opportunity for educational practice. The main component of the education system is non-formal and informal education. The greater number of adults participating within the system of formal and non-formal education confirms that the trends in the development and inclusion of more and more adults are imperative and there is an increasing effort from the state, national structures, non-governmental organizations.

**Keywords:** globalization, adult education, formal education, informal and nonformal education, recognition of the former education results, migration, labour migrants, migratory policy, demographic state, NGOs, educational policy.

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Мунир Ватанович*** –Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент кафедры компьютерных наук. **Адрес:** 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел.: Тел.: **918665441**.E-mail: **munir11@list.ru**

**Information about the author:** ***Safarov Munir Vatanovich*** - Kulob State University named after A.Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, docent. **Address:** 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: **918665441**.E-mail: **munir11@list.ru**

УДК:372.8 (575.3)

# ЗАРУРАТ ВА МАҚСАДНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ХУДОМӮЗИИ ОМӮЗГОР

*Нозимов Б.М.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Худомӯзии педагог шарти асосии фаъолияти касбии омӯзгор мебошад. Ҷомеа ҳамеша ба омӯзгор талаботҳои бисёр баланд мегузорад. Барои он ки ба дигарон чизе биомӯзӣ худат бояд аз дигарон бештар бидонӣ. Омӯзгор натанҳо фанни худро бояд бидонад, балки дар бораи илмҳои дигар низ маълумот дошта бошад, ба масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ низ сарфаҳм биравад. Омӯзгор ҳамеша бояд биомӯзад ва кӯшиш кунад, ки аз ҳаводиси олам бехабар намонад ва ҳамеша даст рӯйи набзи ҷомеа бояд дошта бошад [1, с.84]. Бояд донад, ки шогирдони ӯ низ рӯз ба рӯз тағйир меёбанд.Худомӯзӣ якҷоя бо дипломи мактаби олӣ намеояд. Ин раванде мебошад, ки ба ҳолати рӯҳӣ ва равонии ҳар якшахс вобаста мебошад.На ҳар омӯзгор моҳияти худомӯзиро дарк карда метавонад.Ин раванде мебошад, ки ҳангоми кор бо сарчашмаҳо такмил ёфта, рушд мекунад. Бояд қайд кард, ки ҳарчанд қобилияти омӯзгор барои худомӯзӣ зиёд ҳам бошад, боз наметавон гуфт, ки имкони комилан амалӣ кардани онмавҷуд мебошад. Далелҳое, ки омӯзгорон пеш меоранд, ин камбудиивақт ва набудани сарчашмаҳои худомӯзӣ ва ҳавасмандӣ мебошад. Дар ҳар сурат омӯзгороне, ки майл ба худомӯзӣ надоранд, ба ҷуз худи онҳо ба ин кор каси дигар гунаҳгор нест, чунки онҳо ба моҳияти масъала сарфаҳм нарафтаанд, рисолати омӯзгориро то ба охир дарк накардаанд. Тахассуси инсон дар худомӯзӣ сайқал меёбад, агар инсон инро дарк карда тавонад. Чӣ боис мешавад, ки омӯзгор ба худомӯзӣ мепардозад?

- **Кори ҳаррӯза бо иттилоот**. Вақте омӯзгор ба дарс ё маҷлиси падару модарон, ё ягон чорабинии умумимактабӣ, олимпиада тайёрӣ мебинад, зарурати ҷустуҷӯ кардани иттилооти нав ва таҳлили он пеш меояд.
- **Хоҳиши эҷодкорӣ**. Омӯзгорӣ касби эҷодкорӣ аст.Шахси эҷодкор наметавонад сол ба сол бо ҳамон як нақшаи кӯҳнаи варақҳояш зардшуда кор карда, ҳамон маърӯзаҳоро пайваста қироат намояд. Дар ӯ бояд хоҳиши бештар пайдо шавад. Кори ӯ бояд шавқовар ва ҷолиб бошад. Рушди босуръати илмҳо, бахусус илмҳои психология ва педагогика. Ҳамаи ин тағйирот, қабл аз ҳама, ба хонандагон таъсир мерасонанд ва ҷаҳонбинии онҳоро ташаккул медиҳанд. Агар дар чунин ҳолатҳо омӯзгор аз ин раванд ақиб монад, дар тасаввури шогирдон шахси ақибмонда маҳсуб мешавад.
- **Рақобат.**Пӯшида нест, ки вақте ки волидон кӯдакро ба мактаб меоранд, дархост мекунанд, ки ман кӯдакамро ба фалон омӯзгор медиҳам.
- **Назари иҷтимоӣ**. Омӯзгор нисбат ба гуфтаҳо ва назари аҳли ҷомеа нисбат ба кори ӯ бетафовут нест. Мо бисёр мехоҳем бидонем, ки мардум дар бораи мо чӣ мегӯянд ва нисбат ба мо чӣ андешадоранд. Ин чиз барои мо омӯзгорон хеле муҳим аст. Мо ба қавли мардум бо гуфта ва дуои мардум зиндаем. Бисёр мехоҳем бидонем, ки моро омӯзгори хуб ё бад медонанд. Омӯзгори бад будан касе намехоҳад.
- **Ҳавасмандии моддӣ**. Категорияи омӯзгор, назари комиссияи аттестатсионӣ, мукофотҳо, изофапулиҳо, ҳатто унвон ва ордену мукофотҳои давлатӣ ҳамаи инҳо ба тахассус ва маҳорати омӯзгор вобастагӣ дорад.Бидуни аз худ кардани донишҳои нав ба ин дастовардҳо ноил шудан аз имкон берун аст.

Талабот нисбат ба худомӯзӣ метавонад дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи касбии омӯзгор арзи вуҷуд кунад [2, с.18]. Ба таври дигар гӯем, яке аз талаботҳо ба худомӯзӣ ин қонеъ гардонидани хостаҳои худ ҳамчун омӯзгор буда ва ба воситаион дар ҷомеа сазовори ҷойи муносиб шудан мебошад. Масалан, дар таснифи Р. Фуллер се марҳилаи ташаккули касбӣ зикр карда шудааст, ки ҳар кадоми онҳо ҳатман бо худомӯзӣ ҳамсафар мебошанд:

-«зиндамонӣ» (соли аввали корӣ, ки омӯзгор ба фаъолияти худ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад);

-«мутобиқшавӣ» (аз 2 то 5 соли корӣ, давраи муҳимми таваҷҷуҳ ба фаъолияти касбии худ мебошад);

-«камолот» (аз 6 то 8 соли корӣ, давраи кӯшиш ба таҳлили таҷрибаи хеш буда, ба ин давра хоҳиши мустақилона пешбурдани таҳқиқоти педагогӣ хос мебошад).

**Шаклҳои зерини ташкили худомӯзӣ аз якдигар фарқ мекунанд:**

**Тайёрии муаллимон дар институтҳои такмили ихтисос дар курсҳои омодагӣ**. Бартарии асосии чунин шакли худомӯзӣ имкони дарёфт намудани кумаки тахассусӣ аз коршинос-омӯзгор, инчунин имкони мубодилаи таҷриба дар байни ҳамкасбон мебошад. Камбудиаш бошад ин аст: даврагӣ будани гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос, вақти доир шуданаш ҳангоми давраи дарсхонӣ, ки боиси ворид намудани тағйирот дар меъёри кори ҳамаи мактаб, сифати маводи маърӯзаҳо, ки маъмулан беҳбудиро мехоҳанд мегардад.

**Курсҳои такмили ихтисоси таълими фосилавӣ, конференсияҳо, семинарҳо олимпиадаҳо ва озмунҳо**.

Бартарии ин шакли худомӯзӣ аз он иборат аст, ки дар вақти барои омӯзгор қулай доир карда мешавад ва ӯ имкон дорад, ки мавзӯъҳои барои худ лозимаро интихоб намояд.

Кори инфиродӣ доир ба худомӯзӣ метавонад шомили мавридҳои зерин бошад: кори илмӣ-таҳқиқотӣ доир ба муайян кардани проблема, ба китобхона рафтан, омӯзиши адабиёти методӣ ва таълимӣ, иштирок дар шӯроҳои педагогӣ, иттиҳодияҳои илмӣ-методӣ, даромадан ба дарси ҳамкасбон, табодули назар доир ба масоили ташкили машғулиятҳои дарсӣ, мазмуни таълим, таҳияи нақшаҳои назариявӣ ва амалии шаклҳои гуногуни дарсҳо, чорабиниҳои беруназдарсӣ ва маводи дарсӣ. Аммо сарфи назар аз баланд будани қобилияти омӯзгорна ҳама вақт ин раванд дар амал татбиқ карда мешавад. Сабабҳое, ки аксаран омӯзгорон номбар мекунанд, ин набудани вақт, ҳавасмандӣ ва нарасидани сарчашмаҳои иттилоотӣ ва амсоли инҳо мебошанд.

**Шабакаҳои иҷтимоии омӯзгорӣ – шакли нави ташкили худомӯзии омӯзгорон.**Шабакаҳои иҷтимоии омӯзгорӣ захираҳои интернетӣ мебошанд, ки барои муошират ҳамфикрон, омӯзгорони минтақаҳои гуногуни кишвари мо, ки хоҳишманди табодули таҷриба ва мубоҳиса буда, мехоҳанд дар бораи худ ҳикоят кунанд, иттилооти даркориро донанд, бунёд карда шудааст. Шабакаҳои иҷтимоии омӯзгорӣ дар баробари омӯзгорон имконоти зеринро мекушоянд: истифодаи захираҳои кушода, маҷонӣ ва озоди электронӣ, мустақилона сохтани шабака бо мазмуни маводи дарсӣ, аз худ кардани консепсияҳои иттилоотӣ, дониш, малака, мушоҳида аз болои фаъолияти иштирокунандагони шабакаи иҷтимоӣ. Афзалияти аслии ин шакли худомӯзӣ аз он иборат аст, ки табодули таҷриба ба воситаи омӯзгорони таҷрибадор, кумаки методӣ буда, машваратро метавонад дар вақти барои омӯзгор қулай истифода намоянд [3, с.43].

Аммо сарфи назар аз ин спектри васеи шакли ташкили раванди худомӯзӣ, нақши пешбарандаро дар он мудирияти муассисаи таълимӣ ва иттиҳодияи методии омӯзгорон мебозанд. Бахусус онҳо ба ташаккули талаботи устувор ба худомӯзӣ мусоидат намуда, ба омӯзиши иттилооти нав ва таҷрибаи пешқадам водор намуда, ба онҳо хударзёбӣ ва худтаҳлилкунироёд бидиҳад.

Худомӯзии омӯзгор ин фаъолияти мақсадноки идорашавандаи омӯзгор бо мақсади аз худ намудани донишҳои системавӣ дар соҳаи педагогӣ мебошад [4, с.144].

**Ин фаъолият шомили мароҳили зерин мебошад:**

1. Интихоби самт ва мавзӯи худомӯзӣ.
2. Ташаккули мақсад ва вазифаҳои худомӯзӣ.
3. Муайян кардани доираи сарчашмаҳои иттилоот.
4. Интихоби шаклҳои худомӯзӣ.
5. Таҳияи накшаи худомӯзӣ.
6. Муайян кардани натиҷаи худомӯзӣ.
7. Таҳлил ва арзёбии фаъолият дар раванди худомӯзӣ, омода кардани ҳисобот.

Ин марҳилаҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

**Марҳилаи 1 – интихоби самтҳои худомӯзӣ.** Хусусияти фаъолияти педагогӣ чунин аст, ки барои фаъолияти самаранок омӯзгор бояд дар бораи фанни худ дониш дошта, методикаи таълими фан, психология ва педагогикаро донад ва сатҳи баланди фарҳангӣ дошта, усулҳои риторикӣ ва асосҳои мониторингро донад ва эрудитсияи (ҳозирҷавобӣ) хуб дошта бошад. **Дар робита бо ин, самтҳо худомӯзӣ метавонанд чунин бошанд:** касбӣ (фанни таълимӣ);психологӣ-педагогӣ, ба хонандагон ва волидон нигаронидашуда;психологӣ (имиҷ, муошират, маҳорати таъсиррасонӣ, сифатҳои лидерӣ, огоҳонидан ва амсоли инҳо); методӣ (технологияи педагогӣ,шаклҳо, методҳо ва усулҳои таълим); технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ;нигоҳдории саломатӣ;ҳуқуқӣ; эстетикӣ; таърихӣ;забонҳои хориҷӣ;сиёсӣ; шавқу ҳаввас ва амсоли инҳо.

**Марҳилаи 2 – интихоби мавзӯъҳои худомӯзӣ.** Варианти мавзӯъҳо хеле зиёд аст. Ҳар як омӯзгор мавзӯъҳои худомӯзиро бо таваҷҷуҳ ба талаботҳо ва мавзӯъҳои худомӯзӣ ва методҳои худомӯзӣ, ки дар болои онҳо қарор аст коллективи педагогии мактаб кор кунад, интихоб менамояд. Дар айни ҳол мавзӯи худомӯзӣ бояд ба такмили самаранокии раванди таълимӣ равона карда шавад.

**Марҳилаи 3 – формулабандии мақсад ва вазифаҳои худомӯзӣ. Мақсадҳои худомӯзӣ метавонанд инҳо бошанд:** баланд бардоштани сатҳи донишва маданияти умумӣ ва ҳуқуқии худ; омӯзиш ва амалӣ кардани технологияҳои нави педагогӣ; такмили донишҳои худ дар соҳаи психологияи педагогӣ.

***Вазифаҳои худомӯзӣ*** – ин қадамҳо ҷиҳати ба даст овардани мақсадҳои худомӯзӣ гузошта мешаванд. Масалан, мавзӯи худомӯзӣ «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар тадриси забони хориҷӣ» мебошад. Мақсад худомӯзӣ, ки ба тариқи зайл шакл мегирад: «Омӯзиш ва амалӣ кардани ИКТ дар раванди таълими забони

хориҷӣ». Вазифаҳои худомӯзӣ дар ин маврид метавонанд инҳо бошанд: омӯхтани адабиёт ва маводи шабакаи Интернет дар бораи ИКТ (технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ);

-аз курси такмили ихтисос гузаштан; иштирок дар семинар ва конференсияҳо доир ба масъалаи амалӣ намудани ИКТ; дар дарсҳои ҳамкасбон иштирок намуда, дар табодули таҷриба иштирок намудан; гузаронидани таҳлил ва арзёбии дарсҳои худ;таҳияи маҷмӯи дарсҳои электронӣ, ки дар доираи мавзӯъҳо бо ҳам алоқаманд мебошанд; дар амал татбиқ намудани ин маҷмӯа.

**Марҳилаи 4 – муайян кардани доираи сарчашмаҳои иттилоот.** Бо дарназардошти он ки омӯзгор мустақилона худ дониш касб мекунад, сарчашмаҳо низ метавонанд инҳо бошанд:оинаи нилгун;рӯзнома ва маҷаллаҳо;адабиёт (методӣ, илмӣ-оммавӣ, публитсистӣ, бадеӣ ва амсоли инҳо); маводҳо аз шабакаи Интернет;видео ва иттилооти аудиоӣ дар василаҳои гуногун; семинар ва конференсияҳо; мастер-классҳо (дарсҳои намунавӣ);чорабиниҳо доир ба табодули таҷриба;саёҳат,театр, намоишгоҳҳо, музей, консертҳо; дарси ҳамкасбон;сафарҳо ва амсоли инҳо.

**Марҳилаи 5 – интихоби шаклҳои худомӯзӣ.** Ҳамаи шаклҳои худомӯзиро шартан метавонем ба ду гурӯҳ ҷудо кунем:

инфиродӣ ва гурӯҳӣ. Дар шакли инфиродӣ ташаббускор худи омӯзгор буда, аммо роҳбарони сохторҳои методӣ ва идорӣ метавонанд ин равандро пешниҳод ва ҳавасманд гардонанд. Шакли гурӯҳӣ дар хели фаъолияти иттиҳодияи методӣ, семинарҳо, практикумҳо, курсҳои такмили ихтисос алоқаи баргаштиро дар байни натиҷаи худомӯзии инфиродӣ ва худи омӯзгор таъмин менамоянд.

**Марҳилаи 6 – таҳияи нақшаи худомӯзӣ.** Дар асоси мавзӯи интихобшуда, омӯзгор нақшаи кории шахсии худро таҳия намуда, дар баробари ин масъала мегузорад. Дар нақша мавридҳои зеринро зикр менамояд:номи мавзӯъ;мақсадҳо;вазифаҳо;натиҷаи эҳтимолӣ;марҳилаҳои кор;муҳлати иҷроиши ҳар кадом аз марҳилаҳо; фаъолият ва чорабиниҳое, ки дар раванди кор дар болои мавзӯъ гузаронида мешаванд; шаклҳои ҳисобот дар бораи корҳои анҷомшуда;рӯйхати китобҳое, ки қарор аст онҳоро мутолиа намоем.

Фаъолияти омӯзгор дар соҳаи худомӯзӣ шомили мавридҳои зерин мебошад:

-ба таври системавӣ тамошо кардани барномаҳои муайяни телевизионӣ;

- қироати матбуоти даврии мушаххаси педагогӣ;

-кироати китобҳои методӣ, педагогӣ ва фаннӣ;

-ошноӣ дар сайтҳои интернетӣ бо иттилоот доир ба фанне, ки тадрис мекунад, педагогика, психология, технологияҳои педагогӣ;

- иштирок дар семинар, тренинг, конференсияҳо ва дарсҳои ҳамкасбон;

- омӯзиши методикаҳои муосири психологӣ дар раванди тренингҳои интерактивӣ;

-омӯзиши забонҳои хориҷӣ, барои омӯхтани ахбор аз дастовардҳои педагогикаи ҷаҳонӣ;

-гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос;

-гузаронидани дарсҳои кушод аз тарафи ҳамкасбон;

-ташкили маҳфилҳо вамашғулиятҳои фориғаздарсӣ доир ба фан;

- аз намоишгоҳҳои фаннӣ боздид намуда, сайрҳои мавзӯӣ доир ба фан намудан;

- муошират бо ҳамкасбон дар мактаб, ноҳия, шаҳр ва сайтҳои Интернет;

**Марҳилаи 7 – муайян намудани натиҷаҳои худомӯзӣ.** Хар гуна фаъолият тавлиди ягон навъи маҳсулотро дар назар дорад. Аз ин рӯ, бояд дар нақшаи шахсии худомӯзии омӯзгор, ҳатман рӯйхати натиҷаҳое, ки бояд дар муҳлати муайяне ба даст ояд, зикр карда шаванд [5, с. 236].

**Натиҷаҳои худомӯзии омӯзгор дар баъзе марҳилаҳо, (худомӯзии бетанаффус, аммо бояд онро марҳила ба марҳила ба нақша гирифт) инҳо мебошанд:**

- такмили сифати тадриси фан (нишондиҳандаҳоеро, ки аз рӯйи онҳо самаранокӣ ва сифат муайян карда мешавад, зикр бояд кард);

-дастурҳои методии таҳия ва нашршуда, мақолаҳо, китобҳои дарсӣ, барномаҳо, сенарияҳо, таҳқиқот;

-таҳияи шаклҳои ҷадиди метод ва усулҳои таълим;

-маърӯза ва суханрониҳо;

-таҳияи маводи дидактикӣ, тестҳо, аёният;

- таҳияи маҷмӯи маводи тестӣ дар шакли электронӣ;

-таҳияи маҷмӯи дарсҳои электронии муттаҳидкардашуда дар зери як мавзӯъ ва ё методикаи таълими фан;

-сохтани фасл ва ё саҳифаи электронӣ;

-таҳияи тавсияҳои методӣ доир ба истифодаи технологияҳои ҷадиди иттилоотӣ;

-таҳия ва гузаронидани дарсҳои кушод аз рӯйи технологияи худии навоваришуда;

- сохтани маҷмӯи дастурҳои педагогӣ;

-таҳияи модели раванди таълимӣ;

-гузаронидани тренингҳо, семинарҳо, конференсияҳо, мастер-классҳо(дарсҳои намунавӣ), хулоса кардани таҷриба доир ба масъалаи таҳқиқшаванда (мавзӯъ) ва амсоли инҳо.

**Марҳилаи 8 – таҳлил ва арзёбии фаъолият дар раванди худомӯзӣ ва омода кардани ҳисобот.** Шаклҳои корҳои ҳисоботӣ метавонанд инҳо бошанд:хулоса кардани таҷриба:маърӯза;ҷамъоварӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ;муаррифии натиҷаи корҳо дар баробари коллективи педагогӣ.

Пас аз анҷоми корҳо доир ба мавзӯъ ҳар як омӯзгор бояд бо таҳлил, хулосаҳо ва тавсияҳо барои омӯзгорони дигар гузориш таҳия намояд.Шаклҳо ва методҳои роҳбарии худомӯзии омӯзгорон аз тарафи маъмурияти мактаб:

1. Ба шӯрои педагогӣ ва маҷлиси МО пешниҳод намудани масъалаҳои марбут ба худомӯзӣ. Ба таври системавӣ фаҳмонидани нақши корҳои худомӯзӣ, ташкили баромади омӯзгорон доир ба мубодилаи таҷрибаи худомӯзӣ.
2. Суҳбатҳои инфиродӣ бо омӯзгорон дар бораи самтҳои асосии худомӯзӣ.
3. Муҳокимаи якҷояи методҳои омӯзиши бахшҳои мураккаб ва мазӯъҳои барномаҳо.Таҳияи тавсияҳои ҷудогона ба хотири такмили самаранокии педагогии дарсҳо.
4. Кумак ба омӯзгорон ҷиҳати хулоса кардани таҷрибаи хеш, таҳияи маърӯзаҳо доир ба масъалаҳои педагогӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорони нисбатан омодабуда ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.
5. Такмил ва пурра намудани фонди китобҳои бадеии китобхона доир ба масъалаҳои худомӯзӣ ва худтакмилкунӣ, инчунин навгониҳои китобҳои психологӣ-педагогӣ.
6. Гузаронидани сикли маърӯзаҳои гурӯҳӣ, машаварт ва семинарҳои инфиродӣ.
7. Ба таври системавӣ хулоса кардани натиҷаи корҳои худомӯзии омӯзгор (суҳбат, гузориш дар шӯроҳои педагогӣ ва маҷлисҳои МО), муайян кардани вазифа ва мазмуни худомӯзӣ барои соли нави таҳсил, таҳлили натиҷаҳои раванди таълимӣ.

Кори худомӯзӣ бояд тадриҷан ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ монанд шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Ценарева, И. Учитель в системе повышения квалификации: поиск новых форм /И. Ценарева //Народное образование.- 2009.-№8.-С.91-94.
2. Бугрова Н. Гора из компетенций: К вопросу о выборе программ повышения квалификации педагогов /Н. Бугрова // Управление школой. Газета Изд. дома «Первое сентября».- 2008.-№3.-С.17-20.
3. Ермоленко Г. Начни с себя: Метод проектов в системе повышения квалификации /Г. Ермоленко //Спорт в школе. Газета Изд. дома «Первое сентября».- 2010.-№7.-С.42-45.
4. Блинкова Л. Как спланировать и организовать внутришкольное обучение педагогов /Л. Блинкова //Народное образование.- 2009.-№7.-С.141-144.
5. Самигуллин Г. Непрерывное педагогическое образование и инновационные процессы /Г. Самигуллин //Народное образование. - 2008.-№4.-С.234-240.
6. Трунцева Т.Н. О субъектной (личностной) самообразовательной деятельности учителя /Т.Н. Трунцева // Стандарты и мониторинг. -2010.-№3.-С.61-62.
7. Блохина Е.В. Повышение квалификации работника образования на муниципальном уровне /Е.В. Блохина //Народное образование.- 2010.-№8.-С.128-134.

## ЗАРУРАТ ВА МАҚСАДНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ХУДОМӮЗИИ ОМӮЗГОР

Мақсадҳои худомӯзиро муаллиф дар баланд бардоштани сатҳи дониш ва маданияти умумӣ ва ҳуқуқии омӯзгор мебинад. Омӯзиш ва амалӣ кардани технологияҳои нави педагогӣ дар фаъолияти омӯзгор бояд ба назар расад. Дар ин ҷода омӯзгорбояд такмил додани донишҳои худро дар соҳаи психологияи педагогӣ ташаккул диҳад. Ҳамаи шаклҳои худомӯзиро шартан метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард: инфиродӣ ва гурӯҳӣ. Дар шакли инфиродӣ ташаббускор худи омӯзгор буда, аммо роҳбарони сохторҳои методӣ ва идорӣ метавонанд ин равандро пешниҳод ва ҳавасманд гардонанд. Шакли гурӯҳӣ дар хели фаъолияти иттиҳодияи методӣ, семинарҳо, практикумҳо, курсҳои такмили ихтисос алоқаи баргаштиро дар байни натиҷаи худомӯзии инфиродӣ ва худи омӯзгор таъмин менамоянд. Худомӯзии педагог шарти асосии фаъолияти касбии омӯзгор мебошад. Ҷомеа ҳамеша ба омӯзгор талаботҳои бисёр баланд мегузорад. Барои он ки ба дигарон чизе биомӯзӣ худат бояд аз дигарон бештар бидонӣ. Омӯзгор натанҳо фанни худро бояд бидонанд, балки дар бораи илмҳои дигар низ маълумот дошта бошад, ба масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ низ сарфаҳм биравад. Омӯзгор ҳамеша бояд биомӯзад ва кӯшиш кунад, ки аз ҳаводиси олам бехабар намонад ва ҳамеша даст рӯйи набзи ҷомеа бояд дошта бошад.

**Калидвожаҳо:** худомӯзии омӯзгор, қобилияти омӯзгор, омӯзиш, назорат, моҳият, аҳаммият, ташаббус, тавсияҳои методӣ, такмили ихтисос, иттиҳодияҳои методӣ, сарчашмаҳои худомӯзӣ.

## НЕОБХОДИМОСТЬ И ЦЕЛЕНАПРАВЛЕННОСТЬ САМООБРАЗОВАНИЯ ПРЕПОДАВАТЕЛЯ

Автор видит цель самообразования преподавателя в повышении уровня знании и общей правовой культуры. В этом контексте должны изучаться и новые педагогические технологии. Преподаватель также должен развивать свои знания по педагогической психологии. Таким образом, мы можем условно разделить все формы самообразования на две группы: Индивидуальная и групповая. В индивидуальной форме инициатором является сам преподаватель, а руководители методических и управленческих структур могут представить и стимулировать этот процесс. Групповая форма может обеспечить обратную связь в различных видах деятельности методического объединения, таких как: семинарах, практикумах, курсах повышения квалификации и т.д. и т.п.. Самообразование является основным условием профессиональной деятельности преподавателя. Общество все время ставит высокие требования перед преподавателями. Для того чтобы учить других чему-то, сам должен знать чего-то больше. Преподаватель не только должен знать свой предмет, но и должен иметь представление о других науках, а также

уметь разбираться в политических и экономических вопросах. Преподаватель должен постоянно учиться и стремиться держать руку в пульсе общества, понять ту истину, что его подо печники с каждым днем меняются.
**Ключевые слова:** самообразование преподавателя, способность преподавателя, изучение, контроль, сущность, значение, инициатива, методические рекомендации, источники самообразования.

**THE NECESSITY AND PURPOSIVENESS OF THE TEACHER'S SELF EDUCATION**

The author sees the aim of teacher's self educationin increasing level of knowledge and general juridical culture. In this context one must be in sigh study and development new pedagogical technologies. Ateacher has to develop his knowledge on pedagogical psychology as well. Therefore, we can devide all forms of self education conditionally into two groups : Individual and group. In individual form an initiator is a teacher, and the leaders of methodic and administrative structures may present and stimulate this process. Group form may provide back connection in different types of activity of methodic association such as : seminars, practical work, refresher cours ets.Self education is the basic condition of professional activity of the teacher. A community always demands high requirements prior to teachers. In order to teach others somothing, he has to know more than them. A teacher must know not only his subject, but must have imagination about other sciences, and also could understand politic and economic issues. A teacher must constantly study and aspire to keep his hand in society's pulse. He also must understand the reality that his pupils change every day. Self education does not come together with diploma of high institution. It is such condition, which depends on psychological condition of every person. Not every teacher can realize the essence of self education. It is such character where in working with sources develop and improve.
**Key words :** teacher's self education, teacher's ability, study, control, essence, meaning,initiative, methodic recommendation, self education sources.

**Сведения об авторе:** ***Нозимов Бахтиёр Махмадрахимович*** -Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры педагогики и психологии дошкольного образования. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни 67.Телефон: **915-68-63-43**

**Information about the author:** ***Nozimov Bakhtiyor Makhmadrahimovich***-Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher of the Department of Pedagogy and Psychology of Preschool Education. **Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini Street 67.** Phone: **915-68-63-43**

**УДК:37.0:372.881.111.1 (575.3)**

## ВИЖАГИҲОИ ДИДАКТИКӢ ВА ВАЗИФАҲОИ МЕТОДИИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУЛТИМЕДӢ ВА САЙЁРИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

***Шарипов Х.А.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷаҳониро таъкид карда, зикр намуданд: «Вақте мо дар бораи тарбияи насли наврас мегӯем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳоро бояд дар мактабҳои бо таҷҳизотҳои муосир муҷаҳҳаз, аз ҷумла компютерҳо таълим диҳем» [9].

Дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ҳамчунин зарурати муосиргардонии тадриҷии маориф ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ зикр карда мешавад: «…Тағйири мазмуни таҳсилот: Муосиргардонии мазмуни таҳсилоти умумӣ дар асоси гузариш аз модели донишӣ ба модели салоҳиятноки таълим бо самтнокӣ ба: ташаккули ҷаҳонбинӣ, ки дар асоси тасаввуротҳои муосири илмӣ, усулҳои демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда мешаванд; муосиргардонии мазмуни вориднамоии шаклҳои гуногуни дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо самтнокӣ ба талаботи бозорҳои маҳаллии меҳнат, дархостҳои оила ва созгории муваффақона ба бозорҳои меҳнати беруна… Таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат: Дар соҳаи таҳсилоти касбӣ:… Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва методҳои фосилавӣ барои афзоиши дастрасии барномаҳои таҳсилоти касбӣ…» [7, с.30-31].

Дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ метавон таъйинотҳои гуногуни мафҳумҳои «таълими сайёр» ва «мултимедӣ»-ро дучор шуд. Зимнан ҳамаи онҳоро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд. Таъйиноти гурӯҳи якум таваҷҷуҳро фақат ба ҷанбаи технологии васоити таълим равона кардаанд. Онҳо, дар навбати аввал, ба баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин ба маълумотномаҳои захираҳои рекламавӣ ва иттилоотӣ-маълумотномавии ширкатҳои коркардкунандаи васоити сайёру мултимедӣ ва таъминоти барномавӣ алоқаманд мебошанд. Таъйиноти гурӯҳи дувум таваҷҷуҳро ба ду ҷузъи таркибии мафҳум нигаронидаанд: а) инъикоси вижагиҳои технологии васоити сайёру мултимедӣ, ки метавон барои ҳадафҳои таҳсилотӣ истифода кард ва б) инъикоси вижагиҳои дидактикӣ ва имконоти методии дастгоҳҳои сайёру мултимедӣ. Ин таъйинот маъмулан тавассути муҳаққиқон дар соҳаи психология ва педагогика пешниҳод карда мешаванд. Баъзе аз чунин таъйинотҳоро муфассалтар баррасӣ намуда, дарку фаҳми худро нисбати методикаи таълими забони англисӣ ироа хоҳем дошт.

Ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои вобаста ба информатизатсияи таҳсилот ва роҳу воситаҳои вориднамоии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар рафти таълим тавассути чунин олимону муҳаққиқони тоҷик аз қабили Ф.С.Комилов, Қ.Б.Қодиров, С.С.Афғонов, Х.М.Аҳмадов, Ҳ.Ю.Ҷураева, А.Р.Додихудоев, С.С.Қосимов, Н.Н. Мавлонназаров, А.Р.Мирзоев, С.Х.Мирзоев, М.Муллоҷонов, И.И.Олимов, З.Ф.Раҳмонов, Д.С.Шарофов, Ф.Ф.Шарифов, Б.Ф.Раҷабов, Б.Ш.Шодмонов, Н.Н.Шоев ва чанде дигарон мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор дода шудаанд.

Таълифоти илмии муҳаққиқон Ф.С.Комилов ва З.Ф. Раҳмонов -«Технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», А.Р. Мирзоев - «Асосҳои дидактикии омоданамоии донишҷӯёни мактабҳои олии Тоҷикистон нисбати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», Ф.Ф.Шарифов - «Бархӯрди низомнок нисбати информатизатсияи раванди педагогӣ дар мактаби олӣ - доминанти ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён» ва Х.Ю.Ҷураева - «Воситаҳои татбиқи усулҳои дидактикӣ зимни таълими компютерӣ дар мактабҳои Тоҷикистон» аҳамияти зиёд доранд.

Дар маводҳои ЮНЕСКО таълими сайёр ё мултимедӣ ҳамчун «роҳҳои муосири дастгирии раванди таълиму таҳсилот тавассути технологияҳои сайёр, аз қабили компютерҳои портативӣ, плейерҳои MP3, смартфонҳо ва телефонҳои мобилӣ фаҳмида мешавад» (UNESCO, 2012). Дар таърифоти мазкур фақат ба васоити техникӣ бидуни мушаххасоти шароитҳои педагогии татбиқи навъи мазкури технологияҳо истинод карда мешавад. Муҳаққиқон И.Н.Голитсина ва Н.Л.Половникова [3] дар таълифоти худ якбора якчанд таърифоти мафҳуми «таълими сайёр»-ро пешниҳод кардаанд: 1) «таълими сайёр - ин интиқоли донишҳо ба дастгоҳҳои сайёр (телефон ва ё компютери кисагӣ (ҷайбӣ) бо истифодаи технологияҳои WAP ва ё GPRS (яъне имкони баромадан ба шабакаи Интернет) мебошад; 2) «таълими сайёр гуногуннавъии таълими фосилавӣ аст, ки бо мақсади татбиқи он донишҳо ба дастгоҳҳои шахсӣ (персоналӣ)-и таълим (ноутбук, компютери кисагӣ (ҷайбӣ) ва ё телефони мобилӣ интиқол мешаванд» [3,с.205]. Муҳаққиқ В.А. Куклев, аз ГОСТ-и 52653-2006 иқтисбос оварда, чунин таърифоти таълими сайёрро меорад: «Таълими электронӣ бо ёрии дастгоҳҳои сайёр, ки бо мавқеияти ҷойгиршавӣ ва ё тағйирёбии муҳассил маҳдуд намегардад» [4, с.89]. Муҳаққиқ Д.В.Погуляев [8] таълими сайёрро ба сифати «шаклҳои ташкилу созмондеҳии раванди таълим дар истифодаи дастгоҳҳои компютерии сайёр ва алоқаи бидуни сим» [8, с.80] эътироф мекунад.

Гурӯҳи якуми таърифот фақат ҷанбаи технологии имконоти дастгоҳҳои сайёрро инъикос мекунанд: аз ҳамдигар тавассути номбарии дастгоҳҳои алоқаи сайёр фарқ мекунанд, ки дар асоси онҳо метавон раванди таълимро татбиқ кард ва ғайра, ки ҷанбаҳои педагогиро шомил нестанд. Ҳамзамон, ин таърифот бо ду ҷанбаю хосияти калидии худ муттаҳиду алоқаманданд: а) таълими сайёру мултимедӣ таълим дар асоси дастгоҳҳои сайёру мултимедӣ (портативӣ) мебошад; б) таълими сайёру мултимедӣ баромадан ва воридшавӣ ба Интернетро пешбинӣ мекунад. Маҳз ин ду омили технологӣ тафовути асосии байни таълими сайёру мултимедӣ ва дигар навъҳои таълими фосилавиро муайян мекунанд, ки дар кишварҳои гуногун ба тариқи густарда мавриди истифода қарор мегиранд. Гурӯҳи дуюми шарҳҳои истилоҳи «омӯзиши мобилӣ», албатта, ба ҷанбаи технологии мафҳум нигаронида шудаанд. Дар ин ҷо арзиши муҳим ба ҷанбаҳои педагогикаи раванди омӯзиш дода мешавад. Аз ҷумла, муҳаққиқ В.А.Куклев омӯзиши мобилиро ҳамчун «омӯзиши электронӣ тавассути дастгоҳҳои мобилӣ, аз вақт ва ҷойи мустақим истифода бурдан, ки бо истифодаи нармафзори махсуси педагогӣ дар асоси усулҳои гуногун ва модулӣ татбиқ мегардад, шарҳ додааст» [4. с. 89] . Дар таълифоти худ муҳаққиқ С.В.Титова омӯзиши мобилиро ҳамчун интиқол додан ва гирифтани маълумотҳои таълимӣ бо истифодаи WAP ё GPRS -технологияҳо ба ҳама гуна дастгоҳҳои мобилӣ, ки ба он шумо метавонед Интернетро дарёфт кунед, маводҳо, ҷавобҳо дар форум, санҷиш ва ғайра эътироф мекунад [12, с. 4]. Инчунин, ба сифати педагогикаи раванди омӯзиш ба тавсифи муаллифони хориҷӣ ва таҳиягарони нармафзор низ аҳаммият дода шудааст. Омӯзиши мобилӣ ба фаъолиятҳое вобаста аз истифодаи васоити компютерӣ ва дастгоҳӣ аст, ки ба донишҷӯён барои омӯзиши матн зимни таълим, истихроҷ ва эҷоди иттилоот кумак мерасонанд.

Омӯзиши мобилӣ «фаъолиятест, ки мунтазам тавассути дастгоҳҳои сайёри компютерӣ ва дигар дастгоҳҳо анҷом дода мешавад ва ба донишҷӯён бо роҳи муошират, қабул ва таблиғи иттилоот» [4] дастрас мегардад. Омӯзиши мобилӣ «истифодаи дастгоҳҳои муътадили сайёр ва технологияи бесим, технологияи доимоамалкунанда барои сохтан, дастгирӣ, беҳбудӣ ва васеъ кардани равандҳои омӯзиш мебошад». Таҳлили шарҳҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки бисёр муаллифон ба ҷанбаҳои гуногуни педагогии консепсияи «омӯзиши мобилӣ» таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Агар муҳаққиқон С.В. Титова, С.Векслер ва дигарон дар таркиби онҳо ба дастгоҳҳои сайёр ҳамчун васоити омӯзишӣ диққат диҳанд, ки дар он имкониятҳои методикаи таълимро ташкил кардан мумкин аст (истифодаи ТИК барои дастрасӣ ба маълумот ва коркарди иттилоот), пас Куклев В.А. [5] кӯшиши ба харҷ дод, ки равишҳо, усулҳо ва мазмуни омӯзишро тағйир диҳад. Фикри монанд дар корҳои баъзе муҳаққиқони ғарбӣ пайдо мегардад. Махсусан, Т. Реккедал ва А. Дай [16] мегӯянд, ки ҳангоми истифодаи дастгоҳҳои сайёр дар раванди омӯзиш, усулҳои истифодашаванда низ бояд тағйир ёбанд. Дар ҳақиқат, омӯзиш дар асоси технологияи ғайримуқаррарӣ намунаи ғайримуқаррарии пешниҳоди

иттилоотро талаб мекунад. Биноан, муносибу мувофиқ шакли модули интиқоли мавод мебошад.

В сентябре 1928г. ЦК КП (б) Узбекистана принял Постановление «О состоянии горной промышленности». В нем указывалось на необходимость проведения изысканий и увеличения добычи рудных и других полезных ископаемых. С этого года еще больше расширились геологоразведочные работы. В этом году было организовано 4 самостоятельные геологоразведочные партии: Северо-восточная поисковая, Табошарская геологоразведочная, Канимансурская геологоразведочная, Северо-западная геолого-поисковая, а в 1929 г. уже работало 9 поисковых, разведочных и других партий. Кроме того, в районе работала Кураминская геологическая партия.

Для исследования этого региона были привлечены целая группа талантливых и известных геологов страны: Б. Н. Наследов, А. Е. Ферсман, А. В. Королев, К. Л. Пожарицкий, Ф. И. Вольфсон, И. В. Дюгаев, Г. Д. Ажгирей и другие. В дальнейшем ими были обследованы многие ранее выявленные и новые месторождения полиметаллов Кансайского, Алтын-Топканского и Куруксайского рудных полей [5,с.13].

По итогам этих работ к 1930 г. в Карамазаре было установлено более 3000 древних выработок, около 300 рудных проявлений и месторождений, а суммарные разведанные и прогнозные запасы свинца и цинка были оценены внушительной для того времени цифрой – 1,5 млн. тонн.

О темпах проводимых работ можно судить по следующим показателям: если в 1930 г. в Карамазаре работали всего два буровых станка, то в конце 1931 г. их стало девять, а в 1932 г. уже было задействовано свыше 100 буровых станков [2].

В 1930 г. рудные возможности Карамазара впервые обсуждались на II Всесоюзной конференции по цветным металлам в Ленинграде (ныне Санкт-Петербург). На этой конференции Б. Н. Наследов, по его же выражениям, назвал астрономическую цифру возможных запасов – 1,5 млн. т. свинца и цинка в целом по Карамазару и 280 тыс. т. – по главнейшим объектам.

В этом же году на совещании в Ташкенте академик А. Е. Ферсман впервые подчеркнул роль и значение Карамазара как «ключа к пониманию» рудоносности Средней Азии и обратил особое внимание на необходимость проведение научно-исследовательских работ [1, с.13].

В 1930 г. все разведочные работы в Карамазаре были переданы Ходжентской базе, подчинявшейся организованному тогда Среднеазиатскому районному геологоразведочному управлению. В этом же году специальная комиссия ВСНХ СССР обследовала все главные рудники и признала, что общие (разведанные и перспективные) суммарные запасы свинца и цинка достигают 1,5 млн. т. эта цифра долгое время служила объектом дискуссий, особенно на IV конференции по цветным металлам, состоявшейся в 1932г. в Ленинграде.

Шла упорная борьба геологов-разведчиков за увеличение количества перспективных рудных объектов. В научном и геолого-экономическом плане это была борьба за признание металлорудных возможностей Средней Азии, создание здесь сырьевой базы горнодобывающей промышленности. Наиболее острое выражение она получила на первом Карамазарском съезде по цветным и редким металлам.

Осенью (с 18 по 26 октября) 1931г. произошло одно из знаменательных исторических событий – в Ходженте состоялся первый Карамазарский съезд по цветным и редким металлам, который стал важным этапом в исследовании рудных месторождений Карамазара, в том числе и Канимансура.

На съезде были заслушаны доклады геологов Д. И. Щербакова, Б. Н. Наследова, А. В. Королева, И. В. Дюгаева, Ф. И. Вольфсона, А. П. Кирикова, В. Т. Соловьева, Г. Д. Ажгирея и других. Благодаря работам этих исследователей частично были разведаны месторождения Кони-Мансур, Чукурджилга, Адрасман и другие.

Съезд, проходивший под руководством Д. И. Щербакова, обсудил итоги геологических и разведочных работ, проведенных в Карамазаре, подчеркивал значение этого района и наметил пути к более быстрому вовлечению этого горнорудного района в промышленную эксплуатацию [9, с.84].

В резолюции этого съезда указано, что есть все основания считать Карамазар одной из крупных сырьевых баз Союза. Кроме того, съезд решительно осудил попытки приуменьшить размеры и значение полиметаллической минерализации Карамазара [1, с.13].

Проблема Карамазара начинает рассматриваться на всесоюзных геологических конференциях. В исследованиях этого района принимает участие Таджикско-Памирская экспедиция, организованная Академией наук СССР.

В 1933г. создается «Карамазарстрой», в ведение которого передаются все работы. В Ленинграде проводится I конференция АН СССР по проблемам Карамазара. Научно-исследовательский институт реорганизуется в геохимическую базу АН СССР. Важной задачей в те годы была подготовка научно-исследовательских кадров из местного населения. Сотни молодых людей местных национальностей работали на различных должностях экспедиции, впервые знакомились с профессией геолога, что определило их дальнейшую судьбу [4, с.14].

В 30-е годы в Таджикистане была создана совершенно новая отрасль промышленности – горнорудная. Ее создание и было связано, в первую очередь, с изучением и промышленным использованием полиметаллических руд Карамазара.

Продолжая свою точку зрения, в середине 30-х годов, академик А.Е. Ферсман отмечал, что среди различных рудных районов Карамазар стоит особняком. Характерная для Карамазара черта – его полиметалличность и необычная пространственная близость друг к другу разного типа месторождений. Поэтому в середине 30-х годов Карамазар получил всеобщее признание как промышленная сырьевая база цветных и редких металлов.

Так, начальный период изучения Карамазара можно считать началом осознания значения нетронутого поисками и разведкой этого региона. Они развеяли представление о бесперспективности поисков полезных ископаемых в Средней Азии. Стали вытесняться научные прогнозы и заключения о безрудности Средней Азии, так называемые «Белые пятна», потому что все еще существовавшее представление дореволюционной школы геологов сохранялось и в первые годы советской власти.

Дальнейшее исследование Карамазара привело к открытию еще нескольких рудопроявлений в районе известных месторождений, подчеркнувших значение многих объектов, считавшихся неперспективными.

В 1938г. на базе Среднеазиатского геологоразведочного треста образуются отдельные республиканские геологические управления, в том числе, Таджикское, Узбекское, Кыргызское и Туркменское, которые были подчинены Комитету по делам геологии при СНК СССР. Ранее был организован трест «Средазцветметразведка». На территории Карамазара геологоразведочные работы велись тремя организациями – Таджикское и Узбекское геологические управления и трест «Средазцветметразведка».

С 1938г. до Великой Отечественной войны все более росли темпы, объемы геологоразведочных работ и техническая оснащенность, с каждым годом увеличивались ассигнования. В отчете А. В. Королева даны запасы свинца и цинка по отдельным месторождениям, подсчитанные в большинстве случаев самим автором. Суммарная цифра по 5 районам Карамазара (Кансайскому, Такелийскому, Алтын-Топканскому, Алмалыкскому и Восточно-Карамазарскому) составила 367 тыс. т., не считая 200 тыс. т. перспективных запасов.

Одновременно надо отметить, что хотя в общем объеме промышленного производства нашей республики удельный вес добычи редких металлов, также продукции горно-химической промышленности еще был невелик, однако перед войной Таджикистан по развитию цветной металлургии занимал первое место среди республик Средней Азии [7, с.498].

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Абдуллаева Х.М. Основные черты магматизма и металлогении Чаткало-Кураминских гор./ Х.М. Абдуллаева / Под общ.ред. акад.АН УЗ.ССР.Абдуллаева Х.М. –Ташкент, 1958. – С.13
2. Государственный архив Согдийской области (ГАСО). -Ф.183. -оп.3. -ед.хр.19.
3. Гафуров Б.Г. Таджики - новейшая история (1917-1941) / Б.Г. Гафуров / Под ред. АН РТ Р.Масова. - Душанбе, 2004. – С.428.
4. Иброхим А. История изучения недр Таджикистана/ А. Иброхим, Т.В. Шоева. – М.: Горный Журнал, 2012. Специальный выпуск. – С.14, 13.
5. Масон М.Е. Из истории горнорудной промышленности Таджикистана. (Былая разработка полезных ископаемых) / М.Е. Масон. -Л., 1934. -С.75.
6. Масов Р. История таджикского народа.-Т.V (новейшая история) / Под ред. Акад. АН РТ-Масова Р.-Душанбе, 2004.- с.498.
7. Холджураев Х. История горного дела и металлургии Таджикистана./ Абдуллаев И., Сохибназаров М. Под ред.акад.Р.Б.Баратова.- Худжанд: 2007. – С.84


## ИБТИДОИ ОМӮЗИШИ БОНИЗОМИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ВА ЗЕРИЗАМИНИИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ


Дар мақола таърихи омӯзиши сарватҳои табиӣ ва зеризаминии Тоҷикистони шимолӣ баррасӣ шудааст. Аввалин нақшаи давлатӣ-хоҷагиро Ҳукумати ҶТ соли 1926 қабул намудааст. Дар назди саноатчиён як қатор вазифаҳо, аз он ҷумла оғози омӯзиш ва имконияти аз худ кардани сарватҳои кӯҳӣ гузошта шуданд. Азхудкунии боигариҳои табиӣ ва зеризаминӣ дар сарзамини Тоҷикистон аз давраҳои қадим оғоз ёфта буд. Оиди ин масъалаҳо бозёфтҳои археологӣ, нишонаҳои коркарди кӯҳӣ ва манбаъҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд. Азбаски, Хуҷанд аз ҷиҳати саноатӣ бештар тараққиёфта буд, дар он ҷой ба рушди саноат эътибори зиёд дода мешуд. Таҳқиқот хусусияти амалӣ дошта, води маъдании Қаромазор ва манбаъҳои нафту гази водии Фарғонаро дар бар мегирифт.Маълумот оид ба фаъолияти бисёрасраи саноати кӯҳӣ ва металлургии минтақаи Қаромазор, дар сарчашмаҳои таърихӣ, дарҷ гардидааст. Солҳои 20-ум ва охири соли 50-уми асри XX, давраҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи сарватҳои маъдани Қаромазор буданд. Дар ин давраи кӯтоҳи таърихӣ, Қаромазор аз минтақаи кӯҳии ношинохта ба ҷойи саноатӣ бо шаҳрҳо, бо роҳҳои мошингард, хатҳои баландшиддати интиқоли барқ ва сохтмонҳо табдил ёфт.Таърихи омӯзиши минтақаи Қаромазор баррасӣ шудааст. Баъзе таҳқиқоти таърихӣ ва саҳми олимон, геологон дар рушди тадқиқоти геологӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ баррасӣ шудаанд.



**Калидвожаҳо:** Қаромазор, сарватҳои табиӣ, омӯзиш, тадқиқот, Тоҷикистони Шимолӣ, кон, корҳои геологӣ, корҳои геологӣ-иктишофӣ, ҷустуҷӯи геологӣ, истихроҷи маъданҳо.


## НАЧАЛО СИСТЕМАТИЧЕСКОГО ИЗУЧЕНИЯ ПОДЗЕМНЫХ БОГАТСТВ СЕВЕРНОГО ТАДЖИКИСТАНА


В статье рассматривается история изучения природных и подземных богатств Северного Таджикистана. В 1926г. Правительство Таджикской АССР приняло первый государственно-хозяйственный план. Перед промышленностью была поставлены ряд задач, в том числе приступить к изучению горных богатств и возможностей их освоения. Начало освоения природных богатств и недр на территории современного Таджикистана относится к глубокой древности. Об этом свидетельствуют следы горных выработок, археологические находки, письменные источники. Большое внимание промышленному развитию уделялось в Ходжентском округе, так как этот округ являлся более развитым в промышленном отношении.Исследовательские работы имели прикладной характер и охватывали рудную - Карамазарский район, и нефтегазоносную зону - Ферганскую долину.Многовековая горная промышленность и металлургическая деятельность в районе Карамазар нашли своё отражение в отрывочных исторических упоминаниях, в огромном количестве материальных следов и вещественных памятников, регистрируемое число которых возрастает год от году по мере уточнения разведок этого района.Середина 20-х – конец 50-х годов XX в. является периодом планомерного и всестороннего изучения и освоения рудных богатств Карамазара. За этот короткий исторический период Карамазар из малоизвестного горного региона превратился в мощную промышленную базу с городами, сетью автодорог, линиями высоковольтных передач и новейшими рудничными сооружениями.Рассмотрена история изучения Карамазарского района. Раскрыты некоторые исторические исследования и вклад ученых-геологов в развитие геологических исследований Северного Таджикистана.

**Ключевые слова:** Карамазар, природное богатство, изучение, исследование, Северный Таджикистан, рудник, месторождения, геологоразведочная работа, геолого-поисковые работы, горнорудный промысел.

**THE BEGINNING OF THE SYSTEMATIC STUDY OF THE NATURAL AND UNDERGROUND RICHES OF NORTH TAJIKISTAN**

The article discusses the history of the study of the natural and underground wealth of North Tajikistan. In 1926 The government of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic adopted the first state-economic plan. A number of tasks were set before the industry, including to begin the study of mountain riches and the possibilities of their development. The beginning of the development of natural riches and mineral resources on the territory of modern Tajikistan belongs to antiquity. This is evidenced by traces of mining, archaeological finds, written sources.Much attention was paid to industrial development in the Khojent district, since this district was more industrially developed. The research work had an applied nature and covered the ore - Karamazar region, and the oil and gas zone - Fergana valley.The centuries-old mining and metallurgical activities in the Karamazar area are much more fully and clearly reflected in fragmentary historical references, in a huge amount of material traces and material monuments, the recorded number of which increases from year to year as the intelligence of this area becomes more precise.Of the middle 20-th the end of the 50-th of XX century is a period of systematic and comprehensive study and development of the ore wealth of Karamazar. During this short historical period, Karamazar has evolved from a little-known mountain region into a powerful industrial base with cities, a network of highways, high-voltage transmission lines and the latest mine facilities.It should be noted that the beginning of the development of natural resources and mineral resources on the territory of modern Tajikistan belongs to deep antiquity. This is evidenced by traces of mining, archaeological finds, written sources.The history of the study Karamazar district. Some historical studies and the contribution of geological scientists in the development of geological research in northern Tajikistan are disclosed.

**Key words:** Karamazar, natural wealth, studies, research, Northern Tajikistan, mine, deposits, geological exploration, geological prospecting, mining.

**Сведения об авторе:** ***Рахимова Шахноза Каримовна*** –ассистент кафедры социально-гуманитарных дисциплин, Горно-металлургический институт Таджикистана (Республика Таджикистан, г. Бустон). **Адрес:** 735730, Таджикистан, г. Бустон, улица Московская,6. E-mail: **rshahnoza83@mail.ru**

**Informationabouttheauthor**: ***Rahimova Shahnoza Karimovna*** - assistant of the Department of Social and Humanitarian Disciplines,MiningmetallurgicalinstituteofTajikistan. **Address:** Tajikistan, 735730, Buston City, Moskovskaya street 6. E-mail: **rshahnoza83@mail.ru**

**УДК 371.01**

# РОҲУ УСУЛҲОИ РУШДИ САНЪАТИ ГУЛДӮЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Тошхоҷаева С. А.***
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров»**

«Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳаммияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳоне, ки соли 2018 ба Тоҷикистон омаданд, нисбат ба соли 2017 дуюним баробар афзуд, вале барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда як сол басанда нест.

Дар баробари ин, соли ҷорӣ «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» қабул гардид ва имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон то ҳадди имкон муаррифӣ шуданд, лекин барои рушди инфрасохтори соҳа дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд» [5].

Даҳсолаҳои охир дар Тоҷикистон жанрҳои нави санъати ороишӣ ташаккул ва инкишоф ёфта истодаанд. Ин боиси ба майдони санъат омадани як қатор ҳунармандони муваффақи ин соҳа, аз ҷумла, дӯзандагони моҳири гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ гардидааст. Аз навоҳии бузурги санъати гулдӯзии тоҷикон вилояти Суғд бо маркази он шаҳри Хуҷанд (собиқ Ленинобод) маҳсуб меёбад. Сӯзанкорӣ нисбат ба дигар навъҳои эҷодиёти халқӣ маҳз дар ҳамин мавзеъ тавсеаву тарвиҷ ёфтааст. Таҳқиқи мукаммали ин соҳаи санъати мавҷуд дар ин сарзамин то ҳанӯз сурат нагирифта, вале баъзе пажӯҳишоти ҷудогона роҷеъ ба вижагиҳои хосси санъати гулдӯзии шимоли Тоҷикистон анҷом дода шудаанд [9].

Санъати гулдӯзӣ табиатан хосси фаъолияти хонаводагӣ ба шумор рафта, либос ва таҷҳизоти рӯзгорро музайян менамояд. Ороиши шоҳонаи асбоби маишии мардум ба он таъсир расонидааст, ки дар давоми садаҳои зиёд халқ танҳо як навъи маҳсулоти гулдӯзии

анъанавиро бо тағйироти ҷузъӣ ва бо таъсири мӯд тайёр менамуданду халос. Халқ нисбат ба маҳсулоти рангоранги дӯзандагӣ ҳамчун намунаи воқеии санъати ороишӣ бо эҳтироми тамом муносибат мекунанд. Ин навъи истеҳсолот ба инсон солҳои зиёд хизмат расонида, аз насл ба насл ҳамчун мерос мегузаранд. Лавозимоти гулдӯзишуда, ки аз таҷрибаи зиндагӣ ҳосил шудаанд, дар асоси шоҳкориҳои аслии санъати халқӣ таҳия гашта, хусусиятҳои муҳимми ин санъати баландро дар худ таҷассум намудаанд. Аз замони таваллуд инсонро навъҳои мухталифи гулдӯзӣ, ки дар хона нигаҳдорӣ мешаванд, иҳота карда, боиси пайдо гаштани дилбастагии ӯ мегарданд. Онҳо завқи одамиро ташаккул медиҳанд ва идеали асосӣ дар тамоми ҳаёти ӯ боқӣ мемонанд. Дар рӯзгори тоҷикон навъҳои мухталифи гулдӯзӣ асрҳо инҷониб мавқеи муҳим доранд, ки барои ҷашну маросимҳои гуногун, ҳам хоҷагидорӣ, ҳам ҷиҳози хонаводагӣ ва ё худ анъанаву суннатҳои динӣ пешбинӣ шудаанд. Мисли қарнҳои қаблӣ имрӯз низ идҳои миллӣ бе сӯзанӣ, борпӯш, рӯйҷо ва дигар намудҳои калонҳаҷми гулдӯзӣ, ки ба сифати ҷойпӯш ва ё ороишоти деворҳои манзил истифода мегарданд, таҷлил карда намешаванд. Агар ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти маънавӣ ва моддию фарҳангии халқи тоҷик таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки гулдӯзӣ нисбат ба намудҳои дигари санъати ороишӣ санъати бадеии халқиро муҷаллотару барҷастатар инъикос мекунад. Дар тӯли садсолаҳо то замони муосир ҳамоҳангии аҷибе аз лиҳози мазмун, шакли ороиш ва воситаҳои тасвири он ҳосил шудааст, ки мо дар корҳои беҳтарини таҳияшуда метавонем мушоҳида намоем. Якҷоя бо ороишоти меъморӣ, қолинҳо, гулдӯзиҳо маҷмӯи тарҳҳои манзили мардумро, ки дорои сифати баланди бадеӣ ва аслии миллӣ мебошанд, ифода менамоянд.

Гулдӯзии асри XX Суғд аз лиҳози сабку услуб равиши ҳунармандони шимоли кишвар, яъне собиқ Ленинободро идома бахшидаанд. Дар ин ҷо чун дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон бо гулдӯзӣ, асосан, ашёи зарурии рӯзгор, ки дар ҳаёти ҳаррӯза ба кор меравад ва манзили зистро оро медиҳад, тарҷеҳ доштанд. Сӯзанӣ аз лиҳози ҳаҷм нисбат ба маснуоти дигар бартарият дошт. Бо он дар якҷоягӣ бо маҳсулоти дигари кашидадӯзӣ, одатан, деворҳои меҳмонхонаро ороиш медиҳанд. Дӯзандагон кӯшиш мекунанд, ки сӯзаниҳоро мувофиқи андозаи девор мураттаб намоянд. Андозаи сӯзанӣ, баъзан то 5x3 м, 4x2 м, 2,5x3 м ва ғайра аст. Сӯзанӣ аз навъҳои дӯстдоштаи гулдӯзии дӯзандаҳои маҳаллӣ буда, яке аз ашёҳои зарурии ҷиҳози арӯсиро ташкил медиҳад ва дар маросими тӯй нақши калидӣ мебозад [7].

Дар тӯли садсолаҳо гулдӯзони хуҷандӣ тарзу тариқи хосси ороиш, принсипҳои гуногуни корбурди рангҳоро, ки бозгӯкунандаи хусусиятҳои муҳимми ин соҳаи санъати маҳаллӣ мебошанд, корбаст мекунанд. Вижагии асоси он, пеш аз ҳама, дар истифодаи рангҳои баланду равшан барои зинатдиҳии унсурҳои буттаҳо, появу барги гулҳо, ки дар шакли симметрӣ ҷойгир мешуданд, ба шумор меравад. Таркиби офаридаҳои ҳунармандони маҳаллиро муқобилгузории замина ва нақш афзалият мебахшад. Аксар маврид барои замина рангҳои пурҷило, масалан, ранги сурх (бо тобишҳои гуногун), зард, нилуфарӣ ё сиёҳро интихоб мекунанд. Тобишҳои риштаҳо дар мувофиқа бо шаклу намудҳои гулдӯзӣ бо риояи қоидаҳои мушаххасу дақиқ истифода мешаванд. Масалан, ранги сурх аксар вақт дар якҷоягӣ бо ранги сиёҳ, сафед бо зард, зард бо бунафш ё кабуд мустаъмал мегардид. Рангҳои асосии таркиби гулдӯзиҳои ин маҳалро, асосан, ранги сурх бо тобишҳои мухталиф ва ранги сафеду зард ташкил медиҳад. Таснифоти моҳиронаи ин рангҳо, мутаносибан ба ҳам интихоб кардани онҳо ба маснуот зебоӣ, шевоӣ ва дилангезӣ ато мекунанд. Муҷиби асосии ҷаззобияти сӯзаниҳои хуҷандиён инъикоси шакли басо калонтари рустаниҳо бо хатҳои гирдаи нозуку мавзун бо намуди тӯр-тӯр аст. Бо қареҳаи баланди бадеӣ дӯзандагон мувозинати унсурҳои алоҳидаи компонентҳо, ҳамоҳангии мутаносиби нақшу нигор ва заминаҳои нисбатан холиро ба даст меоранд. Таркиби сӯзанӣ ҳатман дар мутаносибии канораи васеъ ва танги масоҳати росткунҷа бояд воқеъ гардад. Дӯзандагӣ дар баъзе маврид дар матои абрешим ва аксар ҳолат дар матоъҳои пахтагин иҷро карда мешавад. Бо ресмони абрешимӣ ва ё пахтагин, бештар бо дӯхти басма (яке аз навъҳои дӯхти хомдӯзӣ, ки дар навбати худ боз ба якчанд хелҳо ҷудо мешавад, ба монанди: захмаш дароз; захмаш лӯнда; дӯхт аз болои захм бо захмҳои дуқабата; донача, зирадӯзӣ; канда-хаёл; чинда-хаёл ё дурӯя. Инчунин, ин намуди дӯхтро дӯхти шарқӣ низ меноманд) машғуланд [7].

Ҳар як унсури таркиби сӯзанӣ якдигарро такрор намекунанд ва бо нақшунигори хос, ки ҳеҷ маъноеро ифода накарда, номи алоҳидаи худро низ надоранд, зинат дода мешаванд. Номҳо ҳаргиз пайдоиши ин ё он ороишро шарҳ намедиҳанд, аммо дар айни замон барои фаҳмидани тарзи афкору андешаи рамзии одамон ва муҳити атрофи он, ки санъати рассомӣ инкишоф ёфтааст, маводи ҷолиберо пешниҳод мекунанд. Нишонаи асосии сӯзаниҳои шаҳри Хуҷанд ин сукутҳо шаклҳои рустаниест бо номи “лола” ва “буттаҳо”. Инъикоси ин намуди рустаниҳо (сукутҳо) тарзи қадима ва паҳншудаи гулдӯзии тоҷик ва, дар маҷмӯъ, тамоми ороишоти шарқӣ маҳсуб меёбад [3, с.217-225].

Канораи гулдӯзии сӯзанӣ, одатан, нақшҳои ҷудогонаи ба навбат ҷойивазкунандае дорад, ки онҳо ягон унсури муттасилеро соҳиб нестанд, вале дар айни ҳол чун нақши мукаммали мавзун ба назар метобанд, ки гоҳо бисёр зарифу равон ҳастанд. Ин тарзи ороишоти ихтироънамудаи дӯзандагони тоҷик аз ҷиҳати сабку услуб ба шаклҳои рустаниҳо шабоҳат дорад: тасвири намунаи калони гул аст, ки аз боло гӯё назар кардаед. Мувофиқи андешаи муҳаққиқи ороишоти қадима В.П.Даркевич, «ормони пайвастагии анвори пурсафои офтобӣ бо афзоиши гул ва гиёҳҳои фаровон дар рӯйи Замин амалӣ гаштааст» [1, с.45-56].

Ин зинат ва сохтори тарҳи онҳо, одатан, яке аз хусусиятҳои фарққунандаи тарзи ороиши ин ё он маҳал мебошад. Тарзи ҷойгиршавии қисмҳои рустанӣ дар таркиби ороишот ба тарзи муттасил дар канораи матоъ тарҳи асосии нақши сӯзаниро ташкил медиҳанд, ки дар ҳар як маҳал аз ҳам тафовут доранд. Тасвири мутаносиби қисматҳои рустанӣ бо андозаҳои мухталиф, зарофат ва шукӯҳи ғайриодӣ ва умуман ҳалли таркибии худ ҳайратангез мебошанд. Таносуби рангҳо, ки асосан мутазод воқеъ гаштаанд, гоҳо бо дурахшандагии аҷиб ва рангубори ҷаззоби худ фарқ мекунанд. Намунаи беназири ғайриодӣ, тасвири назифу нозуки нақшҳо бо истифодаи се ранг: сурх, сафед ва зард, ки дар Хуҷанд дар асри XIX сурат гирифтааст, аз маҳсулоти осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии вилояти Суғд мебошад [8].

Дар заминаи сиёҳи он ҳафт гули бо усули тӯр-тӯрдӯхташудаи бисёрқабата, ки дар атрофи он буттаҳои сурху сафед бо тасвирҳои қаламфур ҷойгир шудаанд, хеле назаррабоянд. Ҳамаи рустаниҳо ранги сурх, сафед ва зард бо ороиши мураккаби тӯр-тӯр доранд. Рустании марказӣ аз ҳама бузургтарин буда, он бо рангҳои сафед ва дар муҳосираи якчанд ҷузъиёти музайяни доирашакл, ки ин расмҳо дар рустаниҳои дигар такрор намеёбанд, дӯхта мешавад. Шаш рустании дигар аз ҷиҳати ранг ва тартиб ҷуфт-ҷуфт меоянд. Дар байни онҳо ду рустании хурд дар боло ва поёни гули марказӣ ва ду ҷуфти нисбатан калонтар дар ду тарафи муқобил ифода меёбад. Рустаниҳои болоӣ ва поёнӣ ба таври бофти тӯршакл ба намуди хатҳои арабӣ бо ранги сафед, ки аксар вақт дар қаламрави Хуҷанд дӯхта шудаанд, бештар ба мушоҳида мерасанд. Дар ин ҷо ҳамчунин ному насаби дӯзанда, соли истеҳсоли ин сӯзанӣ ва оятҳо аз китоби Қуръон сабт карда мешаванд. Як намунаи ин навъи сӯзании дар ибтидои асри XX дӯхташуда низ дар осорхонаи Суғд вуҷуд дорад. Он дар заминаи бунафшранг иҷро карда шудааст. Дорои намуди ороиши тӯр-тӯр бо рангҳои сафед, ҷигарӣ ва сабз мебошад. Занҷираи васеъ (қариб 1мм васеъ) танҳо дар майдони марказӣ маҳдуд нашуда, балки ҳамчун идомаи он воқеъ мегардад. Гули марказӣ бо даврачаҳо хеле нозуку латиф кашида шуда, атрофи онро якчанд намуди ороишот дар шакли унсурҳои рустанӣ фаро гирифтааст. Тарзи дӯхти ин гулҳо гирдгардии фирфиракҳои сафед ва зардро ба хотир меоранд, ки бо ивазкунии ҳамдигарӣ тамоми майдони марказиро бо ҳошияи сӯзанӣ пайванд мекунанд.

Тамоми холигоҳи майдон бо кулолаҳои (пестик) хурди зард ва сафеди гул пур карда шудааст. Инҳо аз дӯхти тӯршакли басо нозук, ки бо ҳаракати сабуки камфурӯғ инъикос шудаанд, аз хусусиятҳои фарққунандаи сӯзаниҳои шаҳри Хуҷанд ба ҳисоб меравананд.

Тамоми нақши гулдӯзӣ, ки шаҳомати махсус аз он ҳувайдост, хеле ҷаззобона ба заминаи сӯзанӣ соя меандозад. Ба ин таносуби амиқи доирачаҳои калони нилуфарӣ, холҳои майдаи шукуфаҳои кабуд ва инчунин сояҳои барҷастаи соқаҳои сафеди рустанӣ мусоидат мекунанд. Равшаниву сареҳии рангубори ороишот ба дараҷае барҷаста ифода шудааст, ки ба назари бинанда баъзе аз унсурҳо мукаррараран ҷой иваз мекунанд ва ба ин тартиб мавҷуди зиндаи мутаҳаррикро ба хотир меоранд.

Ба навъи махсуси нақшунигори маҳаллӣ ҳар гуна печу тобҳо – шох (шохи ҳайвон ва ё шохи дарахт, ки ба ҳуруфи арабӣ шабеҳанд) инчунин изи панҷаи тағйирдодаи ҷонварон - пойи мурғобӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд. Бисёр вақт дар сӯзаниҳо тасвири мори тобзанандаро дидан мумкин аст. Он дар шакли хатти морпеч ва ё мавҷдор акс ёфта, тайи ҳазорон сол дар ҳамаи намудҳои санъати амалӣ-ороишии тоҷикон корбаст мегардад.

Боз як сӯзании аз ҷониби устодони Суғд, ки дар охири асри XIX дӯхта шудааст, қобили таваҷҷуҳ буда, дар сатини сиёҳ бо ҳаҷми 4,5 х 3,5 м тайёр гаштааст. Ороиш ба тарзи тӯр-тӯр дар шакли рустанӣ бо таҷассуми парандагоне бо парҳои зебои дурахшон (ки камтар дар сӯзаниҳои ин маҳал ифода мешаванд), бо думҳои сермӯйи пурҳашамат хеле ҷолиб ба назар мерасад. Дар тахтапушти ҳар як паранда як гулдастаи зебо нақш ёфта, онро боз ҳам бештар назаррабо сохтааст. Нӯл, панҷа ва тана низ ҳамчун нақши рустанӣ тарҳрезӣ шудаанд. Дар сӯзании мазкур дар дохили шаклҳои геометрӣ бо хатти арабӣ чаҳорпораҳо бо дуои нек қайд шудаанд. Нақши ҳар яке аз ин шакли рустаниҳо ба андозае гуногуну мухталиф ҳастанд, ки кас гумон мебарад ҳеҷ маҳдудияте надоранд. Дӯзандагон дар он хӯшагулҳои хосси боҳашамату афсонавии худро гирдоварӣ намудаанд. Композитсияҳои мазкур дар маснуоти кашидадӯзони хиставарзӣ, конибодомӣ, исфарагӣ, истаравшанӣ шабоҳат доранд, яъне онҳо сабку равиши дӯзандагони хуҷандиро идома дода истодаанд.

Ҳамин тариқ, вижагиҳои услубии гулдӯзони охири асри XIX ва ибтидои садаи XX Хуҷанд дорои арзишу аҳаммияти зиёди бадеӣ буда, барои густаришу тавсеаи ин намуди санъат ҷойгоҳи хосса дорад.

Дар баробари мушаххасоти ороиши маҳаллӣ, метавон қайд намуд, ки умумиятҳои зиёде низ доранд, ки унсурҳои тамоми навъҳои маснуоти гулдӯзиро ба ҳам меоранд. Ин дар истифодаи ҳамон як намуди ороишот, чӣ хеле ки ба мушоҳида гирифтем, инъикоси гулу буттаҳо бо тарзи зебову назаррабо аст.

Ҳамчунин, ба он мутаносибии барҷаставу равшани унсурҳо бо рангҳои мутақобил интихобшуда, ки бо мазмуну муҳтавои тасвирот ҳамгироии хеле наздик доранд, дохил мешавад.

Сӯзаниҳои хуҷандӣ чун дигар навъҳои маҳсулоти кашидадӯзии маҳаллӣ дорои ороишу зинати бою ғании нотакрор аст.

Ҳифзу нигаҳдории хусусиятҳои муҳимми марказҳои алоҳидаи гулдӯзии кишвар аз вазифаҳои зарурии санъати муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Он барои рушду инкишофи минбаъда ва ҳамаҷиҳатаи гулдӯзии миллӣ мусоидат менамояд.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Даркевич В.П. Символы небесных светил в орнаменте древней Руси / В.П. Даркевич // Советская археология. -1960. -№ 4. - 60с.
2. Джафаров А.С. Становление и развитие народного ремесла и декоративно-прикладного искусства в Таджикистане / А.С. Джафаров // Весник Таджикского национального университета. -Душанбе: Сино, 2016. - №3/4 (205). -С.171.
3. Иванов С.В. О некоторых традициях согдийского декоративного искусства в орнаменте таджиков и узбеков. Мат-лы 2-го совещания археологов и этнографов Средней Азии / С.В. Иванов. - М., 1959. -С.217-225.
4. Иванов С.В. Орнамент народов Сибири как исторический источник / С.В. Иванов. - М.: Л., 1963. -С.7.
5. Послание Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан ( 26.12.2018, город Душанбе).
6. Примером может служить полевая зарисовка во время искусствоведческой экспедиции 1969г. руйджо, выполненного на красном сатине. Белые с синим, крупные коробочки хлопка, следующие друг за другом в П-образной композиции, создают гармоничный мажорный узор.
7. Сухарева О. А. Свадебные обряды таджиков г. Самарканда и некоторых других районов Средней Азии / Литература и искусство Узбекистана /О. А. Сухарева. - Ташкент,1937. -Кн. 6. –С. 119—134.
8. Сюзане, вышивка шелком на сатине, швом «нахш» (разновидность глади) // Инвент. -№ 320, 3Х2,20м.
9. Эвлия Челеби. Книга путешествия / А. М.Беленицкий [и др.]. - М., 1961. - Вып. I.
10. Юнусов Н. З. Изобразительная и орнаментальная системы в вышивке и художественных тканях Таджикистана XIX—XX вв.: автореф. кандидатской диссер. / Н. З. Юнусов. - 1974; Она же. Таджикская вышивка / Н. З. Юнусов. -М., 1979.


**РОҲУ УСУЛҲОИ РУШДИ САНЪАТИ ГУЛДӮЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақола ба масъалаи ҳунару ҳунармандӣ, таърихи инкишофи сӯзанӣ ҳамчун санъати амалии халқӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, мавқеи анъанаҳои мардумӣ дар эҳёи ҳунарҳои миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд гаштааст, ки сӯзаниҳои хуҷандӣ дорои шаклу ороишоти ғанӣ ва унсурҳои хос мебошанд. Аз омӯзиши хусусиятҳои сӯзанӣ муаллиф ба хулосае мерасад, ки ин навъи ҳунармандӣ дар асоси анъанаҳои миллӣ ташаккулу инкишоф ёфтааст. Ҳамчунин ҳунармандии занонро дар услуби гулдӯзӣ, интихоби рангу навъи ресмон, матоъ, шакли растаниву ҳайвонот бо нақшҳои зебои инъикосшаванда мушоҳида кардан мумкин аст. Вазифаи санъати муосир иборат аз он аст, ки вижагиҳои хосси гулдӯзиҳои марказҳои алоҳидаро нигаҳдорӣ ва идома диҳад.



**Калидвожаҳо:** санъати ороишӣ, гулдӯзии шимоли Тоҷикистон, гулдӯзӣ, сӯзанӣ, композитсия, нақшу нигор.

**СПОСОБЫ И МЕТОДЫ РАЗВИТИЯ ДЕКОРАТИВНОЙ ВЫШИВКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В статье уделено огромное внимание проблеме народных ремесл, истории и развитию сюзане как народного творчества, а также отмечается важная роль национальных традиции в возрождении этих промыслов. Следует подчеркнуть, что народное творчество и разнообразные его традиции занимают особое место в жизни народа и являются главным явлением в национальной культуре худжандцов. В ходе знакомства с особенностями многих сюзане автор приходит к такому выводу, что это народное творчество основано на национальных традициях. Отмечается, что мастерство выщивальщиц отражаются в стиле вышивки, подборе цветовой политры, декоративных формах с элементами растений и животных с красивыми узорами. Задача для современного искусства не потерять и сохранить эти индивидуальные особенности каждого отдельного вышивального центра.

**Ключевые слова:** декоративное искусство, вышивка Северного Таджикистана, вышивка, сюзане, композиция, мотив, орнамент

**WAYS AND METHODS OF DEVELOPMENT OF DECORATIVE EMBROIDERY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article pays great attention to the problem of folk crafts, history and development of suzane as a folk art, and also notes the important role of national traditions in the revival of these crafts. It should be emphasized that folk art and its various traditions occupy a special place in the life of the people and are the main phenomenon in the national culture of the Khujand people. In the course of acquaintance with the features of many suzani, the author comes to the conclusion that this folk art is based on national tradition. It is noted that the skill of embroiderers is reflected in the style of embroidery, selection of color palette, decorative forms with elements of plants and animals with beautiful patterns. The task for contemporary art is not to lose and preserve these individual features of each individual embroidery center.

**Key words:** decorative art, embroidery of Northern Tajikistan, embroidery, suzane, composition, motif, ornament.

**Сведения об авторе:** ***Тошходжаева Сурайё Акрамджоновна*** – Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова», старший преподаватель кафедры электроники физико-технического факультета. E-mail: **tsurayo84@ mail.ru**

**Information about the author:** *Tashhojaeva Surayo Akramjanovna*, State educational institution «Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov», researcher of the Department of General Pedagogics,. (Republic of Tajikistan, Khujand) E-mail: **tsurayo84@ mail.ru**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ - ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ


*Ҳамза Камол* Ахбори А.А.Семёнов пиромуни Яъқуби Чархӣ………… 5
*Саидов Абдукахор* Политическое положение Ферганы в IX – XVII вв………… 8
*Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ* Сикказании Хатлон дар замони Сомониён………… 13
*Ёров А. Ш.* Ҳунарҳои мардумӣ ва нақши он дар густариши муносибатҳои тиҷоратии тоҷикон………… 17
*Асоев К.М.* Инъикоси анъанаҳои фарҳангию мардумии аҳди Ҳахоманишиён дар осори Эмомалӣ Раҳмон………… 21
*Қараев Ф., Қодирзода Х.С.* Фаъолияти низоми гумрукӣ дар аҳди давлатдории Сомониён………… 25
*Амиршоҳ Ёрмуҳммадов, Баҳорзода Сироҷиддин* Садриддин айнӣ ва фармони 7- апрели соли 1917 Амир Олимхон оид баислоҳот………… 28
*Мукимова С.Р., Каримов Махмадрахим, Шерматов М.У.* Взаимодействия традиций в зодчестве Центральной Азии и Индии в древности и средневековье………… 32
*Джурахонов С.Ш.* Проблемы поиска национального своеобразия Таджикистана в начале III тысячелетия………… 37
*Хоҷаев М.П.* Кушоядаи таърихи куҳан………… 42
*Шоинбеков Ф.Н.* Саҳми профессор А.Ҷ.Бобоев дар омӯзиши ёдгориҳои археологии Помири Ғарбӣ………… 46
*Турсунов Т.Х.* Равобити дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (с. 1992-2003)………… 50
*Нурова Л.Н., Мирзоев Н.М.* Современные интеграционные процессы в Центральной Азии: проблемы и тенденции развития………… 54
*Наимов И.Н.* Проблемы оптимизации этноконфессиональных отношений в контексте активизации международной деятельности Исламской Республики Иран………… 59
*Ҳалимов С. С.* Нақши давлат дар таъмини системаи бехатарии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон………… 63
*Умаров А.К.* Содействие международных организаций в деле повышения квалификации работников сферы образования (1991-2011гг.)………… 67
*Исматова Н. Ш.* Перспективы развития научно-культурных связей Таджикистана с Республикой Армения в контексте «политики открытых дверей»………… 75
*Ҷумаева П.А.* Ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар даврони истиқлолият………… 80
*Фармонова Д.Ҷ.* Нақши давлатҳои узви ИДМ дар ҳалли низои байни тоҷикон………… 84
*Махмадрасулов Б.С., Махмарасулов М.С.* История развития дзюдо в Таджикистане и подготовки к соревнованиям………… 88
*Иззатова М.К.*Состояние и развитие библиотечных учреждений В Кулябской зоне Хатлонской области………… 95
*Муллоҷонов Асадулло, Тиллоев А.А.* Заминаҳои пайдоиш ва рушди саноат дар Тоҷикистон………… 100
*Нурматова М.Р.* Таърихи пайдоиш ва инкишофи алоқаи радио дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон………… 104
*Турахонов Р.Х.* Омилҳои асосии рушди хоҷагиҳои пистапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………… 108
*Шарифов Ш.Ҷ., Амроев Умедҷон* Театри зодаи истиқлол………… 112
*Алиназарова Кифоят* Фаъолияти судҳои ҷамоатӣ дар ҳудуди ВМКБ………… 117


### ФАЛСАФА - ФИЛОСОФИЯ


*Беков Комилҷон* Олимони ватанпарвар ва адибони миллатдӯсти шуубӣ………… 120
*Умедов М.Х.* Фаридуддин Аттар и его взгляды на понятия «нравственные основы», «толерантность» и «образ жизни»………… 124
*Сафарова Б. Қ.* Таҳлили фалсафии назарияҳои илмӣ доир ба озодӣ ва баробарҳуқуқии занон………… 129
*Джураева Н.Н.* Идейные истоки в формировании мировоззрения Ар-Рази………… 135
*Акрамов Н.Б.* **Нақши мутафаккирони мусалмон дар ташаккули улуми ақлию нақлӣ**………… 139
*Эшонхонов М.З.* Теория познания в учении Абулмуина Насафи………… 146
*Бупой Ғафурӣ* Кимиё аз назари Абӯнасри Форобӣ………… 152
*Абдулов С. Р.* Идея справедливого общества в шариатском каламе: сопоставительный анализ………… 154
*Бехбудов Ш. Т.* Информационное общество: проблемы человека и общества………… 160
*Хайдаров Р. Дж.* Глобализация и межцивилизационное взаимодействие: методологические проблемы постижения глобализурующегося мира………… 169
*Сафарова С.Д.* О роли патриотизма в духовной жизни современного Таджикистана………… 173


### ПЕДАГОГИКА


*Петров Г. Н.* Этнопедагогический потенциал традиционной резьбы по дереву в воспитании подрастающего поколения………… 178
*Назаров А. П.* Арзёбии салоҳиятҳо ва таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон зимни гузаронидани кори хаттӣ оид ба ҳалли муодилаҳои квадратӣ………… 181
*Норов Ф.Ф.* Мубрамият ва нақши муносибатҳои салоҳиятнок дар раванди таълими фанни санъати тасвирӣ………… 189

*Файзализода Бахрулло Файзали* История развития дистанционного обучения и современные направления в образовании…… 196
*Рамазонова Р.С.* Баъзе роҳҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии ғайрианъанавӣ…… 203
**Курбонова У.Т.** Теоретические основы моделирования электронных образовательных материалов (ЭОМ) в дидактике…… 206
*Саторова М.К.* Фарҳанги ҳуқуқӣ чун категорияи педагогӣ…… 210
*Халимова М.Р.* Некоторые особенности работы с художественным текстом на практических занятиях русского языка…… 215
*Юнусова Н.М.* Краткая история становления и развития психологии в Таджикистане, в контексте подготовки профессиональных специалистов - психологов в вузе…… 219
*Узбекова М.А.* Формирование творческих способностей студентов-дизайнеров как педагогическая проблема…… 224
*Сабзаали Раджаб* Основные факторы мотивации и формирования взаимоотношений в коллективах 229
*Алиева М.Н.* Развитие творческого потенциала как основы формирования творческих способностей у младших школьников…… 233
*Давлатов Р.М.* Структурно-функциональная модель управления процессом обучения и практика управления качеством образования в современном высшем профессиональном учебном заведении Республики Таджикистан…… 237
*Тошова Б. Р.* Способы репрезентации речевой темы «характер, портрет» на занятиях русского языка как неродного…… 245
**Мирзоев А.Р., Кодиров Дж.А.** Интерпретация компьютерных технологий как определяющий стержень в современной системе профессиональной подготовки экономистов…… 249
*Ҳайдарзода Ш.Ҳ.* Муносибати босалоҳият дар таълим…… 253
*Бобоев Б. Ҷ.* Методҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба санҷиши муваффақиятнокии шароитҳои педагогии фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ –маърифатии донишҷӯён…… 256
*Бозоров Хушвахт* Аҳамияти бозиҳои таълимӣ дар рушди зеҳнӣ ва нутқии навомӯзон (давраи таълими савод)…… 260
*Рустами Абдуҷаббор, Маҳмадаминов Хайём, Исматов Нуралӣ* Нақши муҳаббати волидон дар тарбияи кӯдакон…… 263
*Манонова Р.А.,Раҳимова Г., Абдураҳмонова М.А.* Фазилати маънавии волидайн дар зеҳну шуури фарзандон ва нуфузи он дар зиндагии инсон…… 267
*Абдураҳмонов Ғ. З.* Роҳнамо дар рушди самтҳои варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ…… 270
*Давлатова М.Ҳ.* Омӯзиши ҳаёт ва ақидаҳои педагогии Баҳоуддини Омулӣ ва моҳияти он дар замони муосир…… 273
*Парвинаи Усмон* Методикаи ташкили кори мустақилонаи хонандагон доир ба мавзӯъҳои «дарозии мавҷ. суръати паҳншавии мавҷ»…… 278
*Абдуллоева Р. Ҳ.,Маматова А.Б.* Усулҳои психологӣ – педагогии таъсиррасонии тарбиявӣ ва ислоҳи рафтори наврасони душвортарбия…… 282
*Сафаров М.В.* Рушди таълими калонсолон дар шароити нави ҷаҳонишавӣ…… 290
*Нозимов Б.М.* Зарурат ва мақсаднокии фаъолияти худомӯзии омӯзгор…… 294
*Шарипов Х.А.* Вижагиҳои дидактикӣ ва вазифаҳои методии технологияи мултимедӣ ва сайёри таълими забони хориҷӣ…… 298
*Туманова Ш.С.* Нақши фаъолияти инноватсионӣ - педагогӣ дар шароити муосири рушди таҳсилот…… 302
*Наботов Ю.Ш.*Системные педагогические эффекты проектирования культурно-образовательной среды в контексте формирования конкурентоспособности будущих специалистов в вузе 305
*Рахимова Ш.К.* Начало систематического изучения природных и подземных богатств северного Таджикистана…… 309
*Тошхоҷаева С. А.* Роҳу усулҳои рушди санъати гулдӯзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон…… 313

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста. Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2019. № 6**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 40,25 усл. п.л. 40.1
Подписано в печать 25.06.2019 г. Заказ №2019/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.